Ҷовид Иқбол

ЗИНДАРЎД

(Зиндагиномаи Муҳаммад Иқбол)

Ҷовид Иқбол

ЗИНДАРЎД

(Зиндагиномаи Муҳаммад Иқбол)

Таҳияи
Азим Байзоев
(бо муқаддима ва луғат)

Душанбе 2011

Ҷовид Иқбол. Зиндарӯд. Таҳияи **Азим Байзоев** (ба забони тоҷикӣ, бо муқаддима ва луғат).

Дар асари доктор Ҷовид Иқбол тамоми паҳлуҳои зиндагии Аллома Муҳаммад Иқбол бо таҳлили амиқи илмӣ ва шарҳи сиёсиву иҷтимоии замони ӯ тасвир ёфтааст. Китоб мухтасаран аз тарҷумаи форсии он таҳия шудааст.

Ба оммаи васеи хонандагон тавсия мешавад.

Dr. Javed Iqbal. Zindarud. Compiled by **Dr. Azim Baizoev** (Tajiki edition, with Preface and Vocabulary).

Муҳаррирони масъул:
Ҳабибулло Раҷабов,
Баҳодур Раҳматов

Ҳуруфчинӣ ва дизайни компютерӣ:
Мӯниса Қаюмова,
Эраҷ Байзоев

© Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2011
© Азим Байзоев, 2011

Аз www.vanj.info боргирӣ шудааст

Китоб аз торнамои
www.vanj.info
боргирӣ шудааст

Мундариҷа

Алломаи қарни бист IV
Пешгуфтор XVII
Пешгуфтор ба нашри тоҷикӣ XX
ФАСЛИ ЯКУМ Силсилаи насаб 1
ФАСЛИ ДУВВУМ Хонавода дар Сиёлкут 11
ФАСЛИ СЕВВУМ Масъалаи таърихи таваллуд 16
ФАСЛИ ЧАҲОРУМ Ибтидои кӯдакӣ ва навҷавонӣ 23
ФАСЛИ ПАНҶУМ Коллеҷи давлатии Лоҳур 30
ФАСЛИ ШАШУМ Тадрису таҳқиқ 36
ФАСЛИ ҲАФТУМ Аврупо 44
ФАСЛИ ҲАШТУМ Дар талоши маош 53
ФАСЛИ НӮҲУМ Моҷароҳои зиндагии хонаводагии Иқбол 62
ФАСЛИ ДАҲУМ Рушди фикрӣ 84
ФАСЛИ ЁЗДАҲУМ Шоҳкори Халлоқа Иқбол 104
ФАСЛИ ДУВОЗДАҲУМ Ҷанги қаламӣ 124
ФАСЛИ СЕНЗДАҲУМ Хонанишинӣ 149
ФАСЛИ ЧАҲОРДАҲУМ Масъалаи даргирӣ байни ҳиндувон ва мусалмонон 160
ФАСЛИ ПОНЗДАҲУМ Кашмакаши амалӣ дар майдони сиёсат 184
ФАСЛИ ШОНЗДАҲУМ Сафари Иқбол ба ҷануби Ҳинд 198
ФАСЛИ ҲАБДАҲУМ Тасаввури ташкили кишвари исломӣ 205
ФАСЛИ ҲАЖДАҲУМ КОНФРОНСҳои Мизи гирд 241
ФАСЛИ НУЗДАҲУМ Афғонистон 251
ФАСЛИ БИСТУМ Беморӣ 255
ФАСЛИ БИСТУ ЯКУМ Вопасин рӯзҳои ҳаёти Иқбол 263
Феҳристи манобеъ 273
Луғат 291

Алломаи қарни бист

Агар дар баробари шахсиятҳои маъруфтарини сиёсиву давлатии ҷаҳон дар садсолаи охир аз байни шоирону мутафаккирон ва пешвоёни маънавии халқ низ беҳтаринҳоро муайян мекарданд, Аллома Муҳаммад Иқбол, бешубҳа, дар қатори яке аз бузургтарин шахсиятҳо ҷой мегирифт. Густариши ному шӯҳрати ӯ пас аз сад сол низ идома дорад ва сухани ҷаззоби ӯ ҳанӯз ҳам дар ҳоли тасхири ҳазорон қалбҳои ташнагони дурри маънист.

Дар байни шоирону файласуфони қарни гузашта шахсиятеро чун Иқбол пайдо кардан басо душвор аст, ки дар бораи рӯзгору зиндагӣ ва фаъолияту эҷодиёти гуногунҷабҳаи ӯ ин қадар таҳқиқоту пажӯҳиши ҳамаҷониба, чи дар замони зиндагиаш ва чи баъд аз маргаш, сурат гирифта бошад. Номи ӯ, кори ӯ, дониши ӯ, тафаккуру ҷаҳонбинии ӯ, сухани ӯ, инсонияти ӯ ба андозае маълуму машҳур аст, ки наметавон сухани тозае дар хирмани гуфтаҳои вассофону муҳаққиқони ӯ афзуд.

Аммо инсофан бояд гуфт, ки мардуми тоҷик аз ҳамаи он суханҳои гуҳаррезу таҳқиқоти мӯшикофонаи Иқболшиносон ба пуррагӣ огоҳ нестанд. Хушбахтона, дар партави рӯҳафзои истиқлолият ва таҳкими муносибатҳои ҳамаҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла бо Покистон, дар Иқболшиносии тоҷик марҳалаи наве арзи вуҷуд намуд, ки меваҳои аввалини шаҳдбори он ташнагони алфози ширину пурмаънӣ ва фалсафаю тафаккури ин шахсияти маҳбубро ғизои маънавии қавӣ медиҳад. Тайи чанд соли охир дар натиҷаи фаъолияти пурсамари «Анҷумани Иқбол»* Куллиёти форсии Иқбол ба табъ расида, маҷмӯаи мақолаҳо таҳти унвони «Иқболнома»** мунташир гардид ва чандин ҷашну конфронсҳои илмӣ ба ифтихори ёдбуди зодрӯзи Иқбол баргузор гардиданд. Дар ин кор саҳми донишмандони шинохтаи тоҷик – Расул Ҳодизода, Алии Муҳаммадӣ, Ҳабибулло Раҷабов, Шарафбону Пӯлодова ва бисёр дигарон басо назаррасу қобили таҳсин аст.

Китобе, ки шумо, хонандагони гиромӣ, дар даст доред, низ натиҷаи чунин ҳамкориҳои пурсамар аст. Он аз рӯйи асари чорҷилдаи доктор Ҷовид Иқбол – фарзанди содиқу вафодори Аллома Муҳаммад Иқбол таҳия шудааст. Асари мазкур «Зиндарӯд» ном дорад ва онро Иқболшиноси маъруфи эронӣ – хонум Шоҳиндухт Комрон ба забони форсӣ тарҷума намудааст.***

Китоби номбурда танҳо шарҳи ҳоли Иқбол нест. Тавре ки худи нависанда таъкид мекунад, зиндагии шахсии Иқбол дар он дар дараҷаи дуввум қарор дорад. Ҷовид Иқбол кӯшиш намудааст, ки иртиқои тадриҷиро дар афкору муҳити Иқбол ҳамзамон бо баҳсу мунозираҳо ва маводи таърихӣ ба риштаи таҳрир дарорад. Гузашта аз ин, он китоби сирф тарҷумаиҳолӣ низ нест. Барои барқарор ва муайян намудани саҳифаҳои рӯзгори Иқбол, ба қалам додани фикру зикри ӯ, равшан

---

* Соли 1995 бо ташаббуси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, Академияи улуми Тоҷикистон ва дастгирии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон «Анҷумани Иқбол» таъсис ёфт, ки ҳадафи аслии он табъу нашри осори Иқбол ва дигар адибони Покистон, гузаронидани конфронсҳои илмӣ ва ҷашнҳои «Рӯзи Иқбол», мусоидат ба равобити илмиву фарҳангии ду кишвар аст. Аввалин ҳамраисони ин Анҷуман консули Покистон дар Тоҷикистон ҷаноби Сайид Ҳасани Ҷовид ва олими шинохтаи тоҷик, профессор Расул Ҳодизода буданд.

** Аллома Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ. Сармуҳаррир Расул Ҳодизода. Исломобод, 1997; Иқболнома (Маҷмӯаи мақолаҳо). Мураттиб ва муҳаррир Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. Лоҳур, Академияи Иқбол, 1999.

*** Ҷовид Иқбол. «Ҷовидон Иқбол. Зиндарӯд». Дар чор ҷилд. Тарҷумаи форсӣ аз Шоҳиндухт Комрон. Лоҳур, Академияи Иқбол, 1987 (минбаъд Ҷовид Иқбол).

сохтани ҳақиқати ҳол ва шарҳи таърихиву фарҳангии муҳити Иқбол, нависанда аз маводи хеле гуногун – осори муҳаққиқону таърихнависон, рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ, суханҳои дӯстону шоҳидони зиндагии Иқбол, мактубҳои шахсӣ ва суханрониҳову сафарномаҳои ӯ истифода намудааст. Барои Ҷовид Иқбол масъалаи хурду назарногир вуҷуд надорад, ҳар чи ба ҳаёти Иқбол тааллуқ дорад, ё робитаи камтарине бо зиндагиву фаъолияти ӯ дорад, дорои аҳаммият аст ва бояд бо тамоми ҷузъиёташ ба риштаи таҳрир дарояд. Аз ин рӯ, китоби номбурдаро метавон ба тамоми маънӣ асари илмӣ-таҳқиқотии пуразрише дар таърихи Иқболшиносӣ номид.

Тавре ки аз мутолиаи китоб бармеояд, бо ин ҳама бузургиву шӯҳрат ва маҳбубияту маъруфияте, ки Иқбол дар байни мардум дошт, зиндагии шахсии ӯ фақиронаву хоксорона ва бисёр одӣ буд. Дар баробари ин, ӯ маҷбур буд бисёре аз вақти пурқимати худро сарфи муборизаи беҳудаву маҷбурӣ бо душманони идеявиву ҳасудон, пастфитратону тангназарон намояд. Метавон гуфт, Иқболе, ки иқболи мардумро мехост, худ соҳибиқбол нашуд. Вале ин ҳаргиз ба он маънӣ нест, ки Иқбол аз зиндагии хеш норозӣ бошад. Баръакс, норозигии ӯ танҳо аз манфиатхоҳиву манфиатҷӯии уламову ҳукком ва пешвоёни бесаводу тангназар буд, ки аз дасти онҳо мардуми одӣ дар ниҳояти фақру нокомӣ зиндагӣ мекарданд, аз онҳое буд, ки ба хотири расидан ба аҳдофи разилонаи худ аз бадном кардани Иқбол дар байни мардум низ даст намекашиданд...

Иқбол дар асри худ (ва шояд то ба имрӯз) аз беҳтарин донандагони ислом ва Қуръони Маҷид эътироф шудааст. Пешвои сиёсӣ ва аввалин роҳбари давлати Покистон Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ дар ин маврид гуфта буд:

«Шахсияти адабии Иқбол оламгир аст. Вай нависандаи бузурге, шоири баландпоя ва ҳакими боазамат буд. Вале ҳақиқате, ки назди ман аҳаммияте дорад, ин аст, ки ӯ сиёсатмадори бисёр бузурге буд... Марҳум дар давраи ҳозир хубтарин шореҳи ислом буд, зеро дар ин замон ҳеҷ кас исломро хубтару беҳтар аз Иқбол дарк накардааст... Ман касеро бештар аз ӯ рафиқи бовафо ва шайдои ислом надидаам».*

Вале ӯ ҳаргиз мутаассиб набуд. Ва бузургии ӯ низ дар ҳамин буд. Иқбол дар баробари дониши амиқу ҳамаҷониба аз ислом, дар таъриху фарҳанги адёну халқҳои дигар низ тасаллути комил дошт, ба анъанаву суннатҳои халқҳои дигар эҳтиром мегузошт. Ҳам ба илму фарҳанг, таъриху динҳои халқҳои ғайримусалмон ва ҳам ба шахсиятҳои маъруфи ҷаҳон, новобаста ба мансубияти мазҳабиву нажодӣ, ҳатто ба ҳар як ҳодисаву падида бо назари мӯшикофона менигарист ва кӯшиш мекард, ки аз ҷиҳатҳои мусбати он баҳравар гардад. Аз ин ҷост, ки ба ӯ аз ҳар тарафе ҳамла мекарданд. Мусалмонон ӯро «кофир» мехонданду ба «ҳиндупарастӣ» муттаҳам месохтанд. Муллое эътирозан гуфта буд, ки «ашъори хуб менависад, аммо пойбанди аҳкоми шариат нест, ҳам суфӣ асту ҳам ринд, мусалмон мебошад, вале ҳиндуро кофир намедонад. Каме ба ташайюъ (аҳли шиа) гароиш дорад, зеро Алӣ(а)-ро ситоиш мекунад. Шеърро ибодат медонад. Шабҳо шарики рақсу сурур аст, вале субҳ Қуръон тиловат мекунад. Ӯ ҷавони покизаву мутаҳҳар (покдоман) аст, вале мисли шуаро аз ҳуснфурӯшон хиҷолат намекашад».** Ҳатто хатиби масҷиди Вазирхон – Абумуҳаммад Дидор Алӣ ба хотири ин ки Иқбол офтобро дар як шеъри худ ба Худо ташбеҳ доду дар шеъри дигаре Худои ҳиндувон – Рамаро ситоиш намуд, фатвои кофирии Иқболро содир карда буд.***

Ҳангоме ки Иқбол ба ҷавонон таъкид мекард, ки дар баробари фаро гирифтани улуми динӣ аз илму фанни ҷадиди аврупоӣ низ баҳравар гарданд ва, махсусан, вақте ки ба ӯ ба хотири сипосу эҳтиром ва эътирофи хизматҳои илмиву адабиаш лақаби «сэр»-ро доданд, борони шадиди тӯҳматҳои «ғарбпараст», «хидматгузори англисҳо»

* Куллиёти Иқбол. Форсӣ. Лоҳур, 1990, саҳ. 9.
** Ҷовид Иқбол, ҷилди аввал, саҳ. 186.
*** Ҷовид Иқбол, ҷилди дуввум, саҳ. 467.

ва ғайра ба сари ӯ борид. Аммо вақте ки ӯ сиёсати мустамликадорӣ, поймолкунии ҳуқуқҳои халқҳои Шарқ аз тарафи англисҳо ва дигар кишварҳои аврупоӣ, сиёсати ҷангҷӯёнаи онҳоро дар ҳалли масоили Ҳиндустон танқид мекарду аз покии дини ислом ва инҳирофи мардуми Ғарб аз роҳи Ҳақ сухан меронд, сиёсатмадорони аврупоӣ ӯро чун «панисломисти ашаддӣ», «тафриқачӯ» ва «душмани иттиҳоди мусалмонону ҳиндувон» ба қалам доданд.

Вақте ашъори Иқбол бо номҳои «Паёми Машриқ» ва «Хизри роҳ» ба табъ расиданд, ҷонибдорони коммунизми шӯравӣ ӯро «иштирокӣ» (коммунист) хонданд. Зимнан, нуқтаи назари Иқбол дар мавриди ҷамъияти шӯравӣ хеле ҷолиб буд. Ӯ гуфта буд, ки «коммунизми рус намунаи беҳтарини ҷамъияти инсонӣ хоҳад шуд, ба шарте ки болшевикон мавҷудияти Худоро эътироф намоянд, зеро ҷамъияте бо ин раиятпарварӣ бе дину бе Худо наметавонад муддати тӯлонӣ вуҷуд дошта бошад». Иқбол инқилоби шӯравиро «паёме барои ҳамаи инсонҳои ақибмонда»* номид. 23 октябри соли 1931 дар мулоқоти худ бо Сайид Шомил – яке аз муборизони зиддишӯравӣ дар Қафқози шимолӣ собит намуд, ки вуҷуди коммунизми шӯравӣ як навъ ҷавоби таърих ба сиёсати мустамликадории империализми Аврупо аст ва изҳори ақида намуд, ки мусалмонон набояд бо он мухолифат кунанд.** Вале ӯ ҳаргиз ба маънии том коммунист набуд, ӯ фақат ҷиҳатҳои мусбати ҷамъияти шӯравиро меписандид.

Вақте дар Аврупо ба хотири ширкат дар конфронсҳои Мизи гирд иқомат мекард, ба ҳузури Муссолинӣ – раҳбари Итолиёи фашистӣ низ пазируфта шуд. Баъдтар ҷуръат намуд, ки дар баробари танқид намудани сиёсати ӯ дар арсаи байналмилалӣ, аз сиёсате, ки Муссолинӣ барои рушду инкишофи миллату давлати худ анҷом дод, тарафдорӣ намояд. Ва боз худро зери тозиёнаи танқиди ҳатто дӯстони худ қарор дод.

Дар роҳи сафар ба Аврупо, вақте дар соҳилҳои Миср қарор дошт, ба савдогарони мисрӣ худро мусалмон муаррифӣ намуд ва дар ҷавоб танбеҳи сахте шунид, ки чаро мусалмон кулоҳи англисӣ ба сар дорад? Дар ҷавоб Иқбол ояте чанд аз Қуръони Каримро бо лаҳни гуворое тиловат намуд ва афзуд, ки ҷойи Худо на дар либос, балки дар дил аст. Ба ҳамин минвол, вақте дар Испания буд, дар яке аз калисоҳои масеҳӣ, ки як вақтҳо дар ҷойи он масҷиде қарор доштааст, адои намоз намуд...

Вақте Иқбол дарк намуд, ки роҳи асосӣ ва ягонаи ҳалли проблемаи Ҳиндустон ба кишвари алоҳида табдил додани манотиқи мусалмоннишини қисмати шимолу ғарбии нимҷазира аст ва ин нуқтаи назари худро дар хутбаи машҳури худ дар Оллоҳобод изҳор дошт, дучори селоби танқиди ҳиндувон қарор гирифт ва ӯро чун «мусалмони мутаассиб»-у «иртиҷоӣ» муттаҳам намуданд...

Оре, чунин буд Иқбол ва шахсияти ӯ. «Гуноҳ»-и аслии ӯ ин буд, ки муттаҳидиву ҳамфикрии ҳамаи миллату халқҳоро новобаста аз мансубияти милливу нажодӣ мехост. Ӯ дар номае аз 3 январи соли 1921 ба падараш менависад:

«...Ҳангоме ки мебинем, байни азизонамон даъвое (моҷарое) рух додааст, ҳатталимкон саъй мекунем, ки онҳоро оштӣ диҳем ва аз дидани қаҳру ҷудоии онҳо ранҷидахотир мешавем. Ҳангоме ки чунин низое дар байни мардуми одӣ рӯй медиҳад, мо нороҳат намешавем. Инсоне, ки ба ҳақиқати зиндагии инсонҳо пай бурдааст, медонад, ки банӣ одам бо якдигар оила ҳастанд, зеро ки асли онҳо якест. Инсон аз назари зотӣ ҳар касеро, ки бо ӯ аз лиҳози хунӣ қариб (наздик) аст, оилаву хеши худ медонад ва ашхосеро, ки аз лиҳози хунӣ аз ӯ дур ҳастанд, бегона медонад ва

* Ҷовид Иқбол, ҷилди дуввум, саҳ. 391.
** Ҷовид Иқбол, ҷилди севвум, саҳ. 305.

робитае надорад. Дар сурате ки хуну бӯъд (андоза, ранг) дар зиндагӣ қурбе надорад».*

«Гуноҳ»-и ӯ ин буд, ки дар баробари пазируфтани илми ҷадиди аврупоӣ, ақидаҳои назариётчиёни аврупоиро дар мавриди аз ҳам ҷудо будани ислом ва илм шадидан ботил сохт. Ӯ дар суханронии худ дар ҷаласаи Донишкадаи исломия чунин гуфта буд:

«Дин, фалсафа, физика ва дигар улуму фунун, гарчи роҳҳои ҷудогонае доранд, вале ҳама ба як сарманзили мақсуд мерасанд. Ин фикр, ки дину илм аз ҳам тафовут доранд, фикри исломӣ нест, зеро бозкунандаи даричаи улуму фунун мусалмонон ҳастанд. Дар ҳар сафҳа аз Қуръони Карим инсон ташвиқ шудааст, ки аз тариқи мушоҳидоту таҷрубиёти худ илм биёмӯзад ва охирин назария ин аст, ки қувои фитриро тасхир намояд. Қуръони Карим ба инсон ёд додааст, ки агар одамӣ ба нерӯҳои фитрӣ даст ёбад, қодир хоҳад шуд, ки аз ситораҳо фаротар равад (Ояти 23, Сураи «ар-Раҳмон»).**

Доираи эҷодиёти гуногунҷабҳаи Иқбол фақат бо ашъори дилнишину баландмазмун ва таҳқиқоти сирф илмии ӯ дар фалсафа маҳдуд намешавад. Тавре ки аз мутолеаи китоб бармеояд, Иқбол ҳамчун ходими намоёни ҷамъиятиву сиёсии даврони худ бисёр мақолоте ба табъ расонидааст, ки ифшогари нуқтаи назари ӯ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва мазҳабии мусалмонон аст. Ғайр аз ин, Иқбол дар бисёре аз ҷаласоту гирдиҳамоиҳо ва нишастҳои табақоту ақвоми гуногун суханрониҳое анҷом додааст, ки аз нуқтаи назари арзишҳои сиёсиву маънавии мардум дорои аҳаммияти хос аст. Гузашта аз ин, Иқбол бо дӯстону наздикони худ мукотибаи судманде анҷом медод ва аксари он номаву мактубҳои ӯ низ то ба имрӯз маҳфуз монда, борҳо мавриди баррасии муҳаққиқони осори баландпояи ӯ қарор гирифтаанд.

Хонандаи хушзавқи тоҷик ба воситаи ашъори дилнишину пурмӯҳтавои ӯ бо муҳимтарин ҷиҳатҳои завқу шавқ ва тафаккури Иқбол ошност. Аз ин рӯ, дар ин дебочаи мухтасар дар мавриди афкори иҷтимоиву мазҳабии Иқбол зикри чанд нуктаеро лозим донистем, зеро ба имони комили мо, аксари гуфтаҳои Иқбол пас аз як қарн низ аз аҳаммияти назаррас бархурдоранд.

Яке аз муҳимтарин масъалаҳое, ки Иқбол ба он таваҷҷӯҳи хосса зоҳир мекард, масъалаи мавқеи зан дар ҷомеаи исломӣ, муносибати ислом ба зан, ба тартиб овардани расму суннатҳои мардумӣ, тарбияти ахлоқӣ ва маънавии ҷавонон ва дигар масоили марбут ба ин буд.

Албатта, тавре ки муҳаққиқони эҷодиёти ӯ борҳо қайд кардаанд, ислом ва қавонини шариат, адабиёти ғании классикии форсӣ, ҳаёти мардуми Ҳиндустон, илми ҷадиди Аврупо ва истеъдоду ҷаҳонбинии шахсии Иқбол дар ташаккули афкору ақоиди ӯ нақши муҳиме доштанд. Вале, ба ақидаи мо, вақте сухан дар мавриди муайян намудани масъалаи ислом ва зан аз назари Иқбол меравад, метавон бо тамоми боварӣ гуфт, ки зиндагии шахсии хонаводагии ӯ низ яке аз авомили муҳим дар ташаккули афкори ӯ буд. Аз ин рӯ, хотирнишон сохтани муҳимтарин ҷиҳатҳои ҳаёти хонаводагии Иқбол аз аҳаммият холӣ нест.

Бори аввал Иқбол дар синни 16-солагӣ бо духтаре бо номи Каримбӣ, ки аз оилаи сарватманд буда, аз ӯ 3 сол калонтар буд, издивоҷ намуд. Худи Иқбол ба чунин издивоҷ розӣ набуд, вале ба хотири эҳтироми фаровоне, ки нисбат ба волидайни худ дошт, ноилоҷ онро пазируфт. Каримбӣ дар ҷаҳони дигаре ба воя расида буд ва дар шароити нав, ки зиндагии маънавии инсон бартар аз вазъи иқтисодӣ пиндошта мешуд, наметавонист одат кунад. Аз ин рӯ, аз ҳамон рӯзҳои аввали хонадорӣ муҳиту муносибати байниҳамии зану шавҳар ва дигар аҳли оила

* Ҷовид Иқбол, ҷилди дуввум, саҳ. 403.
** Ҷовид Иқбол, ҷилди севвум, саҳ. 60-61.

хуб набуд. Иқбол пас аз хатми мадраса барои идомаи таҳсил ба Лоҳур рафт, вале Каримбӣ бо ӯ ҳамроҳӣ накард. Ӯ бештар дар оилаи худ – назди падару модараш ва баъзан дар хонаи волидайни Иқбол зиндагӣ мекард. Иқбол фақат дар таътилот ба Сиёлкут – зодгоҳи худ меомад ва муддати кӯтоҳе бо аҳли оила мезист. Ҳатто пас аз хатми Донишгоҳи Лоҳур ва каме беҳтар шудани вазъи иқтисодии Иқбол низ Каримбӣ бо ӯ зиндагӣ карданро напазируфт. Иқбол ва Каримбӣ соҳиби ду фарзанд шуданд, вале фарзандон дар муҳите ба воя расиданд, ки бо саъю кӯшиши Каримбӣ меҳри падарӣ дар дилашон ҷойгир нашуд. Духтари онҳо – Меъроҷбегим аз муносибати ногувори падару модар хеле азият мекашид ва ниҳоят дар синни 19-солагӣ аз бемории вазнин, ки бар асари чунин азоби рӯҳӣ гирифтори он шуда буд, вафот кард. Писари Иқбол – Офтоб Иқбол низ бо падараш муносибати хуб надошт.

Дар чунин маврид Иқбол танҳо ду роҳ дошт: талоқ ё ба ӯҳда гирифтани махорич аҳли оила. Каримбӣ ба талоқ розигӣ надод. Аз ин рӯ, Иқбол ҳар моҳ махорич аҳли хонаводаро мунтазам ирсол мекард.

Чунин вазъ ба ҳолати рӯҳии Иқбол низ бетаъсир наметонд. Бинобар ин, бо маслиҳати дӯстони худ ӯ майл ба издивоҷи дуввум мекунад. Иқболу модараш ба хонаи Сардорбегим ном хонум ба хостгорӣ рафта, пас аз чанде ҳамон ҷо маросими ақди никоҳро ба ҷо меоранд, вале ӯ завҷаи худро ба хотири муҳайё сохтани манзилаш ҳамроҳ намеорад. Вале ҳамоно пас аз ақди никоҳ Иқбол чанд мактуби беимзо мегирад, ки дар онҳо дар бораи рафтори ношоистаи Сардорбегим сӯҳбат мешуд. Иқбол бори дигар ба вартаи ноумедиву яъс гирифтор мегардад. Порчаи зер маҳсули ҳамин рӯзҳои пуризтироби зиндагии ӯст:

Нагирад лолаву гул рангу бӯям,
Даруни синаам мурд орзуям.
Ғами пинҳон ба ҳарф андар нағунҷад,
Агар ғунҷад, чӣ гӯям, бо кӣ гӯям?

Иқбол ба дӯстони худ дастур медиҳад, ки «ҷӯеду ҳақиқатро дарёбед».

Се сол бад-ин минвол мегузарад ва яке аз дӯстонаш – Сайид Башир Ҳайдар духтареро бо номи Мухторбегим ба Иқбол муаррифӣ мекунад. Дар авоили соли 1913 маросими ақду издивоҷ ба сомон мерасад ва зиндагии заношӯии Иқболу Мухторбегим оғоз мегардад. Дар ҳамин даврон маълум мегардад, ки ҳамаи он номаҳои беимзоро падари ҷавоне навишта будааст, ки мехостааст Сардорбегимро ба писараш номзад кунад. Пас аз се соли хомӯшӣ худи Сардорбегим низ ҷуръат намуда, ба Иқбол номае ба мазмуни зер менависад:

«Ин тӯҳматҳо ва бӯҳтонҳоро набояд бовар кард. Ман ки ба ақди Шумо даромадаам, бад-ин сабаб фикри издивоҷи дигареро дар сар надорам ва тамоми зиндагиамро бад-ин наҳв сипарӣ хоҳам карду дар рӯзи қиёмат домангири Шумо хоҳам шуд».

Иқбол аз хондани ин нома ба иштибоҳи худ пай бурда, сахт пушаймон мешавад ва аз моҷаро ҳамсари худ – Мухторбегимро огоҳ месозад. Мухторбегим бисёр раҳмдилу дилсӯз буд. Ӯ аз фарти таъсир ба гиря меафтад ва Иқболро розӣ мекунонад, ки Сардорбегимро ба хонаи худ биёрад. Азбаски Иқбол замоне ӯро талоқ дода буд, бори дигар маросими ақдро ба ҷо меоранд. Мухторбегим муддате ба хонаи падару модараш меравад ва Иқбол Сардорбегимро ба манзили худ меорад. Пас аз чанде ҳарду ҳамсари Иқбол бо ҳам мулоқот мекунанд ва мисли хоҳарони ҳақиқӣ ришtаи дӯстиву муҳаббат мепайванданд. Бо вуҷуди он ки Иқбол аз ҳамсари аввали худ – Каримбӣ ҷудо шуда буд, бо исрори хоҳару ҳамсаронаш ӯро низ ба манзили худ даъват мекунад. Каримбӣ як-ду бор ва фақат барои чанд рӯз ба манзили онҳо низ меҳмон мешавад. Дар тӯли солҳои дароз ҳарду ҳамсари Иқбол соҳиби фарзанд нашуданд, вале авоили соли 1924 ҳарду тақрибан дар як вақт ҳомиладор шуданд.

Занҳо ба хотири он ки пас аз таваллуди фарзанд низ риштаи дӯстияшон халалдор нашавад, аҳд мекунанд, ки пас аз таваллуд тифлони худро иваз намуда, ба тарбияти якдигар бидиҳанд. Аммо тақдир чунин буд, ки Мухторбегим ҳангоми таваллуди кӯдак фавт мекунад. Сардорбегим ба хотири нигоҳ доштани робитаи хешутаборӣ ба Иқбол пешниҳод мекунад, ки бо яке аз пайвандони Мухторбегим издивоҷ намояд, вале наздикони Мухторбегим ба ин розӣ намешаванд...

Ҳангоме ки Иқбол барои ширкат дар конфронси Мизи гирд ба Лондон даъват мешавад, вазъи саломатиаш хуб набуд. Аз ин рӯ, васиятномае ба номи завҷааш навишта, онро ба дасти яке аз дӯстонаш месупорад ва таъкид мекунад, ки агар дар сафар вафот кунад, онро ба ҳамсараш супоранд. Дар ин васиятнома Иқбол дар бораи тамоми маблағи дар бонкбуда ва ба номи кӣ мавҷуд будани он маълумоти муфассал медиҳад. Аммо, хушбахтона, ӯ аз сафар саломат бармегардад ва васиятнома фақат ба ҳайси ҳуҷҷати таърихӣ боқӣ мемонад.

Пас аз беҳтар шудани вазъи иқтисодӣ, Иқбол манзили наве месозад ва онро «Ҷовид манзил» ном мегузорад. Ду рӯз пеш аз марги ҳамсараш онро ба номи писараш мегузаронад ва аз занаш – модари Ҷовид хоҳиш мекунад, ки имзои худро гузорад...

Иқбол ҳамеша дастуроти Қуръони Маҷидро бо вазъи ҳақиқии ҷаҳони ислом муқоиса мекард ва аз риоя нашудани он сахт азият мекашид. Ӯро, махсусан, тафсироти уламои дин, ки дар ниҳояти ҷоҳиливу ноогоҳӣ сурат мегирифт, ба риққат меовард:

Зи ман бар суфиву мулло саломе,
Ки пайғоми Худо гуфтанд моро.
Вале таъвилашон дар ҳайрат андохт,
Худову Ҷабраилу Мустафоро.

Ӯ мулоҳизоти худро дар мавриди аҳкоми исломӣ ва вазъи ҳақиқии зиндагии мардум дар яке аз мақолоти худ таҳти унвони «Зиндагии миллӣ» иброз доштааст. Дар ин мақола, аз ҷумла, чунин менависад:

«...Вазъи уламои динии мо ин аст, ки агар ду олим дар як шаҳр ҷамъ шаванд, он гоҳ дар бораи мубоҳисаю мунозира дар мавриди ҳаёти Масеҳ ё оёт носуху мансух номаҳо навишта мешавад. Агар баҳс шурӯъ гардад (ки маъмулан шурӯъ мегардад), он гоҳ ба қадре ҷанҷол ва хунрезӣ мешавад, ки паноҳ ба Худо! Илму фазли дониши қадим, ки уламои ислом дар он табаҳҳур доштанд, аслан дар ҳоли ҳозир вуҷуд надорад. Албатта, як феҳристи тӯлонии мусалмононе, ки дар назди онҳо кофир мебошанд, дар даст доранд. Ва ҳар рӯз бо дасти мубораки худашон ба он феҳрист изофа менамоянд... Достони айёшии сарватмандон аз ҳама аҷибтар аст. Масалан, як шахс чаҳор духтару ду писар дорад, вале ҳанӯз ҳам дунболи издивоҷи севвум аст ва дур аз чашми ду зани қаблӣ барои занон паём мефиристад. Ҳар гоҳ аз даъво ва низои хонаводагӣ фориғ мешавад, ҷаноби оқо бо як зани ҳарҷоӣ низ робита барқарор менамояд... Аз мардум, ки аслан ҳарф назанед. Гоҳе тамоми андӯхти зиндагии хешро барои хатнаи бачааш харҷ мекунад. Яке аз тарси муаллим бачаи нозпарвардаи худро ба мадраса намефиристад ва аз таълиму тарбият маҳрум мекунад, дигаре ҳар чӣ дар рӯз ба даст меоварад, дар шаб онро барбод медиҳаду мегӯяд: «Барои фардо Худо бузург аст!» Ва ин тавр қалби худро таскин медиҳад. Гоҳе барои як чизи пешипоафтода, дар додгоҳҳо муҳокима муддатҳо ба тӯл меанҷомад. Гоҳе аз даъвои мулку амлок тамоми мулк табоҳ мешавад ва аз байн меравад. Фарҳанг ба ин сурат аст, ки духтарони бесавод, навҷавонони ҷоҳил, бекор, аз санъату кори дастӣ метарсанд. Кори дастиро ор медонанд. Теъдоди талоқ рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Ҳароим изофа мегардад. Ин давра бисёр душвору хатарнок аст. То ҳамаи миллат бо якдигар дар роҳи ислоҳ қадам наниҳанд, коре аз пеш нахоҳад рафт. Ҳеҷ кори бузурге

бидуни саъю кӯшиш анҷом нашудааст. Худои таоло низ сарнавишти ҳеҷ миллат ё шахсро иваз намекунад, магар ин ки худаш ба фикри тағйири ҳолати худ бошад».

Худо он миллатеро сарварӣ дод
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт.
Ба он миллат сару коре надорад,
Ки деҳқонаш барои дигарон кишт.

Ӯ ба таҳсилоти духтарону занон таъкид мекунад ва мегӯяд: «Таҳсилоти мард таҳсилоти фардӣ аст, вале таҳсил ва саводи зан ба ин маъно мебошад, ки як хонаводаро таълим дода бошем».

Сирати фарзандҳо аз уммаҳот,
Ҷавҳари сидқу сафо аз уммаҳот.
Эй ридоят пардаи номуси мо,
Тоби ту сармояи фонуси мо.
Эй амини неъмати ойини Ҳақ,
Дар нафасҳои ту сӯзад дини Ҳақ.
Оббанди нахли ҷамъият туӣ,
Ҳофизи сармояи миллат туӣ.

Сипас, дар бораи ҳиҷоби зан мегӯяд: «Ин қонунро агар дар ҷомеа аз байн бибарем, барои миллат музир (зарароват) хоҳад буд. Вале агар вазъи ахлоқиву иҷтимоии мардум тағйир ёбаду бештар шавад, он гоҳ метавон ба занон озодӣ дод, ки бо мардон табодули назар намоянд. Қонуни тааддуди заваҷот (бисёрзанӣ) низ бояд ислоҳ шавад ва тағйир ёбад». Ба назари вай, ҷойиз шумурдан ва умумӣ қарор додани ин қонун мабно бар як иллати дақиқи рӯҳонӣ мебошад. Ӯ мегӯяд: «Дар садри ислом ба иллати авзои иқтисодӣ ва сиёсӣ ин кор зарурат дошт. Вале то он ҷое, ки ман медонам, дар ҳоли ҳозир мусалмонон ниёзе ба ин қонун надоранд. Агар дар авзои мавҷуд бар ин қонун таъкид шавад, мо аз вазъи бади иқтисодӣ ғофил хоҳем монд ва баҳона ба дасти сарватмандони қавм медиҳем, ки зинои шаръӣ анҷом диҳанд».

Ҳирси худнамоиро як навъи беморӣ мепиндорад, ки раҳоӣ аз он бисёр лозим аст. Баъзе аз одобу одати қабеҳи арӯсӣ ва ақд, исрофу беҳудахарҷӣ барои ин русумро таҳти интиқоди шадид қарор медиҳаду менависад: «Издивоҷҳои бидуни ризоият байни мусалмонон рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Тақрибан дар 99% манозили мусалмонон ин шикоятҳо ҳамеша вуҷуд дорад, ки зану шавҳар бо якдигар созгорӣ надоранд». Ба назари вай, равишу тариқаи хостгорӣ ва монанди он метавонад бисёр дар кам кардани ин ноҳамоҳангиҳо муассир бошад, ба шарте ки ба духтару писар қабули издивоҷ иҷоза дода шавад, ки дар назду ҳамроҳ бо бузургони хонаводаи хеш рафтуомад кунанд, ба манзури он ки одату ахлоқи якдигарро то ҳадде бишносанд. Агар ҳарду тараф аз назари ахлоқӣ бо якдигар ихтилофот дошта бошанд, бояд қабл аз издивоҷ, бино бар тавофуқи ду гурӯҳ, қарордоди хостгириро бекор кард.*

Ҳангоми сафари Иқбол ба ҷануби Ҳинд, 7 январи соли 1929 дар Мадрас Анҷумани занони мусалмон ӯро ба ҷаласаи худ даъват мекунад ва занҳо ба ӯ сипосномае тақдим мекунанд, ки дар он дар баробари арзи сипос ба хадамоти илмӣ, динӣ ва адабии Иқбол чанд чумлаи зер низ буд:

«Аз Шумо истидъо дорем, каме аз вақти гаронбаҳои худро барои мо, ки асирони қафас ҳастем, вақф кунед ва барои озодии шаръии табақаи занони мусалмон нағмасароӣ кунед. Вазъи мо – асирони қафас ногуфта равшан аст. Ба ҳамин ҷиҳат, барои ҷилавгирӣ аз ин масъала шеъре ҳаяҷонангез бисароед, то эҳсосоти хуфта бедор шаванд. Ҳоло ҳам хонаводаҳое ҳастанд, ки ҳатто номи озодӣ ба гӯшашон

* Ҷовид Иқбол, ҷилди дуввум, саҳ 170-175.

нарасидааст, дар сурате ки дар ҷаҳон умеду омоли зану мард яксон мебошад. Ва ислом низ таълими мусовот додааст (ояти 35, сураи «Аҳзоб»). Мутаассифона, мулоҳиза мекунем, ки аз тарафи мардон ҳуқуқи занон поймол мешавад. Мо аз Шумо тақозо мекунем, ки мавзӯъро равшан ва далоили ин корро баён кунед. Мо намехоҳем бигӯем, ки бародарони мо, ки зодаи модарон ҳастанд, бисёр золиму хунхор ҳастанд, балки аз ин масъала ранҷ мебарем, ки решаи беинсофӣ ва поймол кардани ҳуқуқи зан аз манозили волидайни худи онҳо оғоз мешавад. Падару модар дар робита бо ҳарду – писару духтар роҳи ифроту тафрит (азҳадгузаштагӣ)-ро пеш гирифтаанд ва ин фаркро бо мо парвариш медиҳанд. Дар баробари писар, духтарро илова ба маҳрум кардан аз хӯрду хӯрок, дар мавриди тақсими амлок низ маҳрум мекунанд. Агар аз бадшиносӣ духтаре бева шавад, падару модари ситамкор ба номи дифоъ аз шарафи хонаводагӣ ӯро аз издивоҷи нав маҳрум менамоянд ва ӯро мӯҳтоҷи бародарону амакҳо намуда, дар ҳақиқат, зинда ба гӯрашон мекунанд. Дар ҳоли ҳозир, ҳама ҷо садои озодии занон баланд аст. Асари бачову амиқи таълимоти ҷадид возеҳу равшан аст, ки занони мусалмон ба ҳуқуқи шаръиву ҷойизи худ, ки озодиву мусовот аст, даст ёбанд.

Рӯҳи зиндаву содиқи ислом дар ҳиҷоби исломист ва ҷинси латиф зинда дар оташ месӯзад ва хокистар мешавад, то исори худро ба исбот расонад. Дар хотима, аз ин ки вақти Шуморо гирифтем, узр мехоҳем. Бо умеди ин ки дар ояндаи наздик барои беҳбудиву озодии табақаи занон назме бисароед ва бо ин амал барои ҳамеша занонро аз худ мамнуну муташаккир намоед».*

Ҷавоби Иқбол, ки хушбахтона, маҳфуз мондааст, чунин буд:

«Ақидаи ман ин аст, ки занон қодир ҳастанд кайфиятҳо (хислату хусусиятҳо)-ро беҳтар ҳифз кунанд... Гарчи дар даврони таназзулу инҳитот ҳуқуқи занон поймол шуд ва мардон аз ҳифзи ҳуқуқи занони мусалмон ғафлат намуданд, вале занҳо бо вуҷуди ин ҳама зулм, ба анҷоми вазифаи худ идома доданд. Ҳеҷ шахсе вуҷуд надорад, ки асароти тарбияти модари хешро дар худ наёбад ва ё муҳаббати хоҳаронаш бар дили вай ҷой надошта бошад. Он шавҳарони хушбахте, ки зани хубу порсо доштаанд, хеле хуб медонанд, ки вуҷуди зан барои болоравии мард то чи ҳад муассир аст. Лозим нест як бори дигар бигӯям, ки дар ислом зану мард мусовӣ ҳастанд. Ман ин масоилро аз оятҳои Қуръони Карим дарёфтаам. Баъзеҳо бар ин ақида ҳастанд, ки мардҳо аз занон бартаранд. Ояте, ки ба шарҳи зер мебошад, мӯҷиби шак аст: «Ар-риҷолу қаввомуна ало-н-нисо»**. Аз назари муҳовараи арабӣ, ин тафсир дуруст нест, ки мард аз зан болотар аст, аз нуқтаи назари дастурии забони арабӣ, сифати тафсилӣ калимаи қоим ва қавом мебошад, ки маънои муҳофизатро медиҳад, яъне мардон муҳофизи занонанд. Тавре ки дар ҷойи дигар низ Қуръони Карим мефармояд (ояти 183, сураи «Бақара»), ҳамон тавре ки либос барои маҳфуз нигоҳ доштани бадан аст, мард низ муҳофизи зан аст. Ва дигар ҳеҷ фарқе байни зану мард нест. Ҳоло тақозои ҷомеа ин аст, ки занҳо ҳаққи овоз додан дар интихоботро дошта бошанд.

Зан нисбат ба мард ва мард нисбат ба зан вазоифи ҷудогонае доранд. Вале ин ба он маънӣ нест, ки зан поинтару мард болотар бошад. Ихтилоф бар асоси далоили дигаре аст. Хулоса ин, ки то он ҷое ки ба мусовот (баробарӣ) марбут аст, дар ислом фарқе миёни зану мард вуҷуд надорад. Ихтилофи байни онҳо ба далели ниёзҳои иҷтимоӣ аст. Қабл аз ҳар чиз ба ин масъала таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки модар ҳақ дорад, ворисияти фарзанди худро ба ӯҳда бигирад. Ислом инро низ эълом намудааст, ки зан метавонад ба таври ҷудогона молики ҳама чиз бошад.

---

* Ҷовид Иқбол, ҷилди севвум, саҳ 143-145.

** Ояти 34, сураи «Нисо»: Мардон коргузорони занонанд ба хотири бартариҳое, ки Худованд барои баъзе насиб, ба баъзеи дигар қарор додааст.

Дар бисёре аз кишварҳои Аврупо занон ҳаққи моликият надоранд. Як модари англис ҳоло ҳам ҳаққи соҳибияти авлоди хешро надорад, дар сурате ки ин ҳақ дар ислом ҳамеша вуҷуд доштааст. Дар тамоми ин умур миллатҳои аврупоӣ аз ислом пайравӣ мекунанд... Дар Аврупо талоқ гирифтан мушкил буд, дар байни мусалмонон ин ишкол ҳаргиз вуҷуд надошт. Ин эътироз низ вуҷуд дорад, ки мегӯянд: «Зан дар ислом монанди мард ҳаққи талоқ надорад». Шояд надонед, ки уламои мо ин масъаларо тавзеҳ додаанд: ҳангоми ақд зан метавонад бигӯяд, ки ҳаққе, ки ислом дар мавриди талоқ ба мард додааст, ҳамонро ба ман ё ба яке аз ақвоми наздики ман бидиҳед, то ба ақд мувофиқат кунам. Шумо дар сипосномае, ки ба ман додаед, худро «асирони қафас» номидаед. Бо хондани ин калима ба ёди наҳзати он даста аз занони ғарбӣ афтодам, ки дар Туркия ё дар Аврупо аз калимаи «Озодӣ аз султаи мардон» (Emancipation) таъбир мекунанд. Бояд бубинем, ҳарфҳое, ки бо маҳдудиятҳои лафзӣ таъбир мешаванд, дар асл маҳдудият ҳастанд ё не? Дар мавриди ҳиҷоб аҳкоми исломӣ равшан аст (оятҳои 30 ва 31, сураи «Нур»). Дастур ин аст, ки чашмҳоро ба зер афканем, зеро ки дар зиндагии инсон замоне пеш меояд, ки зан маҷбур мешавад дар муқобили як марди номаҳрам қарор бигирад. Ин дастур махсуси ин мавқеият аст. Дар мавқеъҳои дигар аҳкоми дигаре ҳаст. Дар робита бо масъалаи ҳиҷоб дастури умумӣ ин аст, ки зан зинати хешро зоҳир накунад. Ислом дастури тааддуди завоҷот (бисёрзанӣ)-ро надодааст, балки фақат иҷоза додааст (ояти 3, сураи «Нисо»). Ин дуруст аст, ки мардони мусалмон аз ин иҷоза сӯйиистифода мекунанд. Тақсири усул ва қавонин дар ин робита чист? Ҳангоме ки ба далели ҷанг теъдоди мардон коста мешавад, барои ҳифзи ояндагон лозим мешавад, ки мардон беш аз як ҳамсар ихтиёр кунанд. Қуръони Карим низ бо таваҷҷӯҳ ба ин масолеҳи иҷтимоӣ ин иҷозаро додааст. Ба ҳамин ҷиҳат, дар фиқҳ байни «фарз» ва «иҷоза» фарқ гузошта шудааст. Иҷозаро метавон тарк кард, вале фарзро ҳаргиз наметавонем тарк кунем. Агар ҳангоми маросими ақд зан аз мард бихоҳад, ки иҷозаи тааддуди завоҷотро, ки Қуръон ба ӯ додааст, аз ҳаққи худ кам кунад, ҳаққи ин корро дорад. Дар ин робита гилае низ ба падарони духтарон баён мекунам. Он ин аст, ки онҳо ба ҳангоми маросими ақд ҳуқуқи занҳоро ба назар намегиранд. Шикояти дигари ман аз худи занҳо аст. Ногуфта намонад, ки чаро дар мавқеи лозим занҳо аз мардҳо ҳаққи худро аз роҳи қонун талаб намекунанд? Чаро аз бародарони худ саҳми моликияти худро талаб намекунанд? Мутаассифона, дар Ҳиндустон қавонини исломӣ иҷро намешавад, то ин навъ масоил бо кӯмаки шаръи исломӣ ҳал шавад. Аз 500-600 сол пеш шаръи ислом рокид (шахшуда) мондааст. Касоне, ки тобеи қавонини Инглистон ҳастанд, қодир ба дарки шаръи исломӣ намебошанд.

Китобҳои фиқҳи машҳуре вуҷуд дорад, ки дар ҳудуди 500-600 сол пеш навишта шудаанд. Фатвоҳое, ки дар он замон содир шудаанд, бо авзои он замон низ созгор будааст. Авзоъ имрӯз тағйир ёфтааст. Ҳоло бояд бо таваҷҷӯҳ ба ин авзоъ диққати бештаре ба масоили шаръӣ дошта бошем... Агар занҳо омода шаванд, то ҳатталимкон аз ҳуқуқи худ дифоъ кунанд ва ҳаққеро, ки шаръи ислом барои онҳо қарор додааст, аз мардон бигиранд, ростӣ, зиндагии мардҳо талх хоҳад шуд. Хонумҳо метавонанд бобати тағзияи фарзандон бо шири худ ҳуқуқ дарёфт кунанд. Ҳатто бобати пухтупаз низ метавонанд тибқи қонун дастмузд талаб кунанд. Шумо ба мардҳо мегӯед «хато кардаанд», дар сурате ки оё худи шумо орӣ аз ҳар навъ хатоӣ ҳастед? Шумо бояд бо қотеият барои гирифтани ҳуқуқи худ кӯшиш кунед... Он ҳаққеро, ки зан бо инсофу ақл метавонад ҳар вақт ки хоҳад, талаб кунад, Қуръон ба ӯ додааст. Озодиро бо бебандуборӣ омехта накунед, башарият ҳаргиз ба бебандуборӣ иҷоза намедиҳад ва инсони боақл ҳаргиз онро намехоҳад. Мо бояд ин андешаро дар миёни ҳамаи мусалмонони кишвар ба вуҷуд биёварем, то вақте ҳуқуқи зан дар зиндагии ояндаи ӯ таъйин нашудааст, сиғаи ақд низ ҷорӣ нашавад. Ин ҳаракат бояд бо шиддати тамом оғоз шавад. Ҳамон тавре ки гуфтам, занони мусалмон метавонанд аз беҳтарин суннатҳои қавми мусалмонро ҳифозат кунанд, ба шарте ки роҳи

оқилонаву дурусти ислоҳро ихтиёр кунанд, на ин ки аз занони Туркияву дигар кишварҳои Аврупо тақлид кунанд... Шумо набояд ба дунболи калимаи «озодӣ» биравед, балки бояд рӯйи мафҳуми саҳеҳи ин калима хуб фикр кунед. Мо комилан озодии аврупоиро дидаем, таҳзиби аврупоиро мо зоҳиран мебинем. Вале агар бихоҳем онро ботинан мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, мӯ ба танамон рост хоҳад шуд... Мо бояд кӯшиш кунем, ки аз қайди русуми ҳаққушона раҳо шавем».*

Ақидаи Иқбол дар мавриди издивоҷи духтарони хурдсол низ қобили таваҷҷӯҳ аст. «Ислом, –мегӯяд ӯ, ба волидон иҷозат додааст фарзандонашонро, ки хурдсол ҳастанд, ба ҳамдигар номзад кунанд, вале ба хотири пешгирӣ аз бемориҳои вобаста ба бордоршавиии духтарони камсин пешниҳод кардааст, ки ӯро пеш аз синни балоғат ба хонаи шавҳар нафиристанд». Ӯ мехост қонуне танзим гардад, то волидайне, ки духтарони худро пеш аз синни балоғат ба хонаи шавҳар мефиристанд, аз рӯйи қонун ҷазо гиранд.

Ҳамин тариқ, андешаҳои Иқболро дар мавриди муносибати ислом ва зан ба таври зайл метавон хулоса намуд:

- Иллати асосии бад будани вазъи занон на дар нодурустии аҳкоми исломӣ, балки дар риоя нашудани он аст;
- Сатҳи пасти саводнокии занон, бехабарии онҳо аз ҳуқуқҳои шаръии худ низ аз муҳимтарин сабабҳои бад будани вазъияти онон аст.
- Аҳкоми динӣ бояд ҳамзамон бо дигаргун гаштани вазъи сиёсиву иҷтимоӣ тағдиди назар гардад ва ба талаботи замони нав ҷавобгӯ бошад;
- Худи занон низ бояд ба хотири комёб гардидан ба баробарии ҳуқуқ мубориза баранд ва риояи онро талаб намоянд.

Шӯҳратпарастӣ, мансабпарастӣ, ба хотири иртиқои модӣ даст кашидан аз орзуву омол ва ақидаҳои худ ба Иқбол хос набуд. Ӯ боварӣ дошт, ки агар дар зиндагияш ба қадри ӯ нарасанд, пас аз маргаш ва фаҳмидани ҳақиқати фикру зеҳнаш ӯро парастиш хоҳанд кард. Дар яке аз номаҳояш ба Атия Файзӣ дар ин бора чунин навиштааст:

«... Ман зиндагии содае дорам. Қалбу забонам бо ҳам якест. Ба ҷойи ин ки ба хотири шӯҳрату иззат ва ғайра маҷбур шавам равияи муттафиқонаро интихоб кунам, тарҷеҳ медиҳам (бартар мешуморам), ки дар гумномӣ бимирам. Мардуме, ки мисли Равана чанд сар доранд, бигзор ба касоне эҳтиром гузоранд, ки дар бораи мазҳабу ахлоқ назариёти беасосу дурӯғро роҳнамои худ месозанд. Ман наметавонам дар муқобили русуму одот ва фармоишҳои онҳо сари таъзим фуруд оварам. Ва наметавонам водор созам, ки инсон озодиашро поймол созад. Мардуми замони Гёте, Байрон ва Шиблӣ низ барои онон арзише қоил набуданд. Агарчи дар муқобили онон аз назари шеъру шоирӣ камтар ҳастам, вале хушҳолам ва ба худ меболам, ки дар ин маврид бо онҳо ҳамдардам. Дунё наметавонад маро напарастад, зеро ман худам табъан парастанда ҳастам. Агар рӯзе афкоре, ки дар умқи рӯҳам вуҷуд дорад ва ҳарфҳое, ки дар қалбам ҳастанд, бармало (ошкор) шаванд, мутмаин ҳастам, ки пас аз маргам мардуми дунё то ҳадди парастиш маро дӯст хоҳанд дошт».**

Шеъри зер низ ишорае ба ин фикри худи ӯст:

Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанд, мегӯянд,
Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе.

Натиҷагириҳои Ҷовид Иқбол дар мавриди он ки Муҳаммад Иқбол чӣ касе буд, хеле ҷолибу дақиқ ба назар мерасад. Ӯ менависад: «Посух ба ин суол низ зарурате

* Ҷовид Иқбол, ҷилди севвум, саҳ. 145-149.
** Ҷовид Иқбол, ҷилди дуввум, саҳ. 107.

дорад, ки Иқбол чӣ касе буд: Шоир? Файласуф? Коршиноси улуми динӣ? Ё каси дигар?» Ва худаш чунин посух медиҳад:

«Иқбол ҳаргиз худро ба маънии воқеӣ шоир намепиндошт. Ӯ фурсати онро надошт, ки ба зарофати фанни шоирӣ таваҷҷӯҳ кунад. Вай фақат шеърро василае барои ибрози назариёти хеш медонад ва дар мавриди шоирияш мегӯяд:

«Ҳадаф фақат ин аст, ки дар андешаҳо инқилоб эҷод шаваду бас. Ва бо таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъ кӯшиш мекунам афкореро, ки муфид медонам, изҳор намоям. Оё наслҳои оянда маро шоир тасаввур хоҳанд кард?»

Иқбол ба маънии воқеӣ файласуф низ набуд, зеро аз худ низоми файласуфонаи мунсаҷиме бар ҷой нагузошт. Вай фалсафаро ҳарбаву василае барои мутолеаи абъоди модӣ ва маънавии зиндагӣ қарор додааст:

«Ман ҳеҷ таълимоти файласуфонае надорам, балки низомҳои фалсафиро бо чашми ҳақорат (танқид) менигарам ва он усулу натоиҷе, ки фалсафа ироа додааст, эътимод надорам. Дар робита бо фаҳми ҳақоиқи маънавӣ, ақли инсонро ба наҳве мутаваҷҷеҳ сохтаам, ки шояд то кунун касе ин корро накарда бошад. Бешак, манзурам он масоилест, ки дар робита бо фалсафа ҳастанд, вале иртиботи ман дар ин ҷо бо онҳо бо таҷрибаву амалиёти зиндагист, на бо истидлоли фикриву фалсафӣ».

Иқбол бо вуҷуди он ки огоҳиву алоқаи амиқ бо ислом дошт, ҳаргиз даъво накард, ки як олими улуми динист. Дар робита ба ташреҳу тавсифи ақоиди аҳмадиҳо, Иқбол ба Ҷавоҳирлаъл Неҳру навишт, ки алоқае ба изҳори назар надорад ва танҳо барои мубориза бо онҳо дар бораи мавзӯоти мазҳабӣ таҳқиқу татаббӯъ кардааст. Тайи баҳс дар мавриди қавмияти ватанӣ ва қавмияти исломӣ чунин гуфтааст:

«Ман эътироф мекунам, ки на олими улуми динӣ ҳастам ва на адиби забони арабӣ.

Тарҷумаи шеър:

Қаландар ҷуз ду ҳарфи «ло илаҳ» чизе надорад,
Фақеҳи шаҳри Қорун луғатҳои маҷозӣ намедонад».

Пас, агар ба гуфтаи худи Иқбол, ӯ на шоир асту на файласуф ва на олими дин, пас ӯ кӣ буд? Агар Иқболро аз даричаи чашми худаш бингарем, ҳангоме ки ӯ дори фониро падруд гуфт, ӯ як ошиқи Расул (с) буд. Ва ҳамин ишқ ба ӯ шӯру ҳолу қудрат дод, то тамоми умри худро сарфи ҳифозату эҳёи маҳрумону мустазъифон (бечорагон)-и ҷаҳон, бахусус, уммати мусалмон намояд. Шеъру шоирӣ, фалсафаю улуми динӣ, тасаввуф ва ғайра назди вай барои равшан сохтани мақсуд як василае беш набуд. Аммо бо тамоми ин ҳарфҳо, Иқбол аз мазоҳири илоҳӣ сарчашма гирифта буд ва чунин нобиғаҳо ҳадяи Худованд ҳастанд, ки дар миёни инсонҳо намудор мешаванд ва наметавон онҳоро ин ё он супорише дод».*

Тавре ки Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн низ қайд кардааст, дар ҳақиқат, дар охири умри худ ақлу фалсафаи Иқбол тобеи ишқи Расул(с) шуда буд. Шеъри зер низ дар ҳамин ҳол суруда шудааст:

Ту ғанӣ аз ҳарду олам, ман фақир,
Рӯзи маҳшар узрҳои мо пазир,
В-ар ҳисобамро ту бинӣ ногузир,
Аз нигоҳи Мустафо пинҳон бигир.

Дар зиёфате бузурге, ки ба ифтихори ӯ дар Лондон аз тарафи Анҷумани адабии Иқбол 6 ноябри соли 1931 баргузор гардида буд, зимни ташаккур аз ҳозирин ин порчаро хонда буд:

* Ҷовид Иқбол, ҷилди чаҳорум, саҳ. 247-248.

Зи ман гӯ суфиёни босафоро,
Худоҷӯёни маъниошноро
Ғуломи ҳиммати он худпарастам,
Ки бо нури худӣ бинад Худоро.

Оре, мурғи хаёли Иқбол он қадар баландпарвозу дурпарвоз буд, ки ҳамасронаш аксар вақт наметавонистанд онро аз даричаи танги ҷаҳонбинии худ бубинанду ба афкору ақоиди ӯ пай бубаранд. Иқбол ба ҳамин ҷиҳат гӯё танҳоӣ мекашид:

Шарики дарду сӯзи нола будам,
Замири зиндагиро во намудам,
Надонам, бо кӣ гуфтам нуктаи шавқ,
Ки танҳо будаму танҳо сурудам.

Ё худ:

Шамъро танҳо тапидан саҳл нест,
Оҳ, як парвонаи ман аҳл нест.
Интизори ғамгусоре то куҷо?
Ҷустуҷӯи роздоре то куҷо?
Ё маро як ҳамдами дерина дех,
Ишқи оламсӯзро ойина дех.
Ман мисоли лолаи саҳростам,
Дар миёни маҳфиле танҳостам.
Хоҳам аз лутфи ту ёре, ҳамдаме,
Аз румузи фитрати ман маҳраме.
Ҳамдаме, девонае, фарзонае,
Аз хаёли ину он бегонае.
То ба ҷони ӯ супорам ҳӯйи хеш,
Боз бинам дар дили ӯ рӯйи хеш.
Созам аз мушти гили худ пайкараш,
Ҳам санам ӯро шавам, ҳам озараш.

Имрӯз ҳам таҳқиқу тадқиқи ҳар сухану ҳар пора шеъри ӯ идома дорад ва боз солҳои сол идома хоҳад дошт. Ва ҳар муҳаққиқи тозаҷӯе ҳарфи тозае хоҳад ёфт. Зеро шеъру сухани ӯ барои имрӯзу фардову фардоиён аст.

****

Тавре ки ишора рафт, зиндагиномаи Иқбол бо номи «Зиндарӯд» дар чаҳор ҷилд ба табъ расидааст ва ҳар ҷилди он дар ҳудуди 300-500 саҳфа аст. Мусаллам аст, ки таҳияву нашри он дар ҳамон ҳаҷм хароҷоти зиёдеро талаб мекунад. Бинобар ин, бо назардошти имконоти мавҷуда ва мувофиқати Академияи Иқбол, воқеъ дар шаҳри Лоҳури Покистон ва ҳамчунин, машварату маслиҳат ва ризояти ҷаноби доктор Ҷовид Иқбол ва дастгирии сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Душанбе, тасмим гирифтем, ки онро дар ҳудуди як ҷилд таҳия намуда, пешкаши хонандаи тоҷик созем. Фаслҳои нӯҳум (Моҷароҳои зиндагии хонаводагии Иқбол), даҳум (Рушди фикрӣ), ёздаҳум (Шоҳкори Аллома Иқбол), чаҳордаҳум (Масъалаи даргирӣ байни ҳиндувон ва мусалмонон) ва ҳабдаҳум (Тасаввури ташкили кишвари исломӣ), ки барои ошноӣ бо рушди фикрии Иқбол ва ҳаводиси сиёсии нимаи асри бистуми нимҷазираи Ҳиндустон аҳаммияти бештареро доро мебошанд, бе тағйироти ҷиддиву ихтисор таҳия шудаанд. Ба хотири эҳтироми заҳмат ва эътирофи истеъдоди тарҷумонии хонум Шоҳиндухт Комрон кӯшиш намудем, ки сабки нигориши ӯро низ дар фаслҳои номбурда нигоҳ дорем. Фақат барои осонии фаҳмиши хонандаи тоҷик

баъзе аз калимаву иборотро ба шакли имрӯзаи тоҷикӣ овардем. Аз ҷумла, ҳама ҷо калимаи «шибҳақора» бо муодили тоҷикии «нимҷазира», истилоҳи «устон» бо «музофот» ва ғайра иваз шуданд. Ҳамчунин, ба ҷойи номҳои аврупоии мутадовил дар Эрон номҳои маъмулии онҳо дар забони тоҷикӣ истифода шуд. Ҳангоми истифодаи номҳои хоси урду ва ҳиндӣ бештар ба шакли аслии онҳо такя намудем. Дар қисматҳое, ки бо сабабҳои фавқуззикр ихтисоран таҳия шуданд, кӯшиш намудем, ки робитаи мантиқии фикру ҳаводиси баёншуда ҳатталимкон нигоҳ дошта шавад. Дар охири китоб барои шарҳу тавзеҳи калимаҳои душворфаҳм луғати мухтасареро низ мураттаб намудем.

Китоб бо кӯмаку дастгирии сафорати Покистон ва Академияи Иқболи Лоҳур ба чоп таҳия гардидааст. Аз ин рӯ, бо истифода аз фурсати муносиб мехоҳем ба собиқ консули Покистон дар Тоҷикистон ҷаноби Саҷҷод Аҳмад, раиси Академияи Иқболи Лоҳур ҷаноби доктор Суҳайл Умар сипосу эҳтироми фаровони хешро иброз дорем.

Махсусан, аз ҷаноби доктор Ҷовид Иқбол, ки дар баробари маслиҳатҳои муфид, пешгуфтори камҳаҷм, вале пурмазмуне ба нашри тоҷикии китоб ирсол доштанд, хеле сипосгузорем.

Барои дурусту бехато овардани исмҳои хоси аслан урдуву ҳиндӣ ва баъзе масоили марбут ба таҳияи китоб аз маслиҳату кӯмакҳои беғаразонаи муҳаррири масъул – профессори кафедраи филологияи Ҳинду Покистон, доктори илми филология Ҳабибулло Раҷабов истифода намудем, ки барои ин ба эшон миннатдории хешро изҳор менамоем. Ҳамчунин, барои кӯмаки амалӣ дар кори дурусту бехато навиштани сураву оятҳои Қуръони Маҷид, ки мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз донишманди варзидаи тоҷик Муҳаммадҷон Умаров сипосгузорем.

Таҳияи китоб ҳанӯз соли 2004 ба итмом расида буд. Аммо нашр ва дастраси хонандаи тоҷик гардонидани он бо сабабҳои гуногун тӯл кашид. Ниҳоят бо дастгирии нашриёти Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик нашри он имконпазир гардид. Аз ин рӯ, мураттиб аз сармуҳаррири энсиклопедияи миллии тоҷик мӯҳтарам Алибой Қурбонов ва ҷонишини сармуҳаррир, котиби масъули ин муассиса Баҳодур Раҳматов сипосгузор аст.

Умедворем, ки китоб мавриди истиқболи хуши хонандаи тоҷик мегардад.

Азим Байзоев

Пешгуфтор

Тобистони соли 1975 тасмим гирифтам, ки ин китобро ба риштаи таҳрир дарорам. Як рӯз, ҳарду писарони ман – Муниб ва Валид дар утоқ нишаста, бо ҳам бозӣ мекарданд ва ман ба маҳзи дидани онҳо ба ёд овардам, ки Иқбол маро нишонаи нажоди нав қарор дод ва ба навҷавонон чунин хитоб намуд: «Вақт басуръат мегузарад ва имрӯз як насли тоза ба вуҷуд омадааст». Мумкин аст, ки ин насли нав беҳтар аз мо битавонад ашъору афкори Иқболро дарк кунад. Зеро Иқбол фақат шоири имрӯз нест, ӯ шоири фардо ҳам ҳаст.

Барои шинохти комили назароту афкори як мутафаккир ибтидо мутолеоте дар хусусиёти зиндагиаш лозим аст. Нависандагон дар бораи шахсият, фанни шоирӣ, фикру фалсафаи Иқбол бисёр нигоштаанд. Ошноёну дӯстони Иқбол барои шиносонидани бештараш дар бораи ҷанбаҳои гуногуни зиндагии ӯ каму беш мақолоту китобҳоеро бо заҳмату диққат фароҳам овардаанд, аммо, мутаассифона, ҳамаи ин нигоштаҳо ҳанӯз ба таври комил ҷамоварӣ нашудаанд ва китобҳое, ки дар бораи шарҳи аҳволи Иқбол нигошта шудаанд, чандон қобили таваҷҷӯҳ нестанд ва бештари онҳо нигоҳе иҷмолианд.

Аввалин касе, ки аз дӯстони Иқбол роҷеъ ба авзоъву аҳволи зиндагии Иқбол қаламфарсоӣ намуд, Муҳаммаддин Фавқ аст. Ин мақола таҳти унвони «Ҳолоти Иқбол» дар моҳномаи «Кашмирӣ Мегезин», Лоҳур, моҳи апрели 1909 милодӣ интишор ёфт. Сипас, Навоб Сэр Зулфиқор Алихон ва Мавлавӣ Аҳмаддин дар навиштаҳои худ чанд сафҳае роҷеъ ба ин мавзӯъ ихтисос доданд. Аммо дар даврони ҳаёти Иқбол ҳеҷ кас натавонист, ки китоби ҷомее дар бораи Иқбол бинависад. Ҳақиқат ин аст, ки Иқбол худ дар ин бора майле надошт, зеро ба шӯҳрати аҳволаш алоқа надошт. Ӯ дар номае менависад: «Дар зиндагии ман ҳеҷ воқеаи ғайриодие нест, ки барои дигарон омӯзанда бошад. Аммо аз инқилоби тадриҷӣ дар афкори ман метавон хеле чизҳо омӯхт». Ӯ мехост, ки сайри таҳаввулоти фикрияш, саргузашти хотираҳову андешаи хешро сабт намояд, вале, мутаассифона, фурсате наёфт. Аммо ин орзуи ӯ дар феҳристи хостаҳои вай ба ҷой монд.

Дар ҷойи дигар менигорад: «Дар тамоми кутуби таърихи фалсафа, ки то кунун нигошта шудааст, аз мутолеаи афкору назароти файласуфони мухталиф, аз иртиқои тадриҷии фалсафа огоҳии комил ҳосил мешавад, вале дар китобҳои таърихи фалсафа, ба сабаби адами муҳити хусусии файласуфон, маълум намешавад, ки онон тайи чи шароите ва дар вокуниши чи навъ авзое афкорашонро тадвин кардаанд. Бинобар ин, дар бораи таърихи фалсафа аксар китобҳо расо нестанд». Аз навиштаи фавқ возеҳ аст, ки Иқбол дар мавриди шиносоии фалсафаи хусусии як файласуф, огоҳии комилро аз муҳити атрофиёни мутафаккир лозим медонист.

Ман кутуберо, ки дар бораи шарҳи зиндагии Иқбол баъд аз маргаш, ё қабл аз ҷашни садумин солгарди таваллудаш ба риштаи таҳрир омадаанд, бодиққат мутолеа кардаам ва дар бораи ҳаёти Иқбол он чи китобу мақолае ба даст овардам, хондам. Вале дар адабиёти Иқболӣ муваффақ нашудам, он иттилоотеро, ки роҷеъ ба Иқбол мехостам, ба даст биёварам. Пас, тасмим гирифтам, ки шарҳе роҷеъ ба зиндагии Иқбол, ки ба таври машруҳ ҳовии тағйироти тадриҷӣ дар афкору тасаввурот ва ҳамчунин муҳити ӯ бошад, бинависам, ба тавре ки тибқи хостаи ӯ, зиндагии шахсиаш дар дараҷаи дуввуми аҳаммият қарор гирад. Ба ин манзур машғули ҷамоварии иттилоот шудам, ва дар дараҷаи аввал барои тадвини шаҷаранома ба таҳқиқ пардохтам. Дар аснои ин таҳқиқ, рӯзе ба шӯхӣ ба ҳамсарам гуфтам: «Бубин, бароҳимаи Кашмир Ҳиндустонро истиқлоли сиёсӣ бахшиданд ва «Озод муслим», яъне тасаввури кишвари Покистонро ҳам як кашмирии бараҳман додааст, ин кашмакаш бо ҳама бароҳима ба назар мерасад».

Ман ба хобҳову таъбири онҳо эътимоде надорам, вале ҳамсари ман ба ин чизҳо бисёр аҳаммият медиҳад. Ман Иқболро шояд иттифоқан дар хоб дида бошам, вале он шаб ман ҳатман ӯро дар хоб дидам. Дидам, ки рӯйи боми «Ҷовид манзил» нишастаам ва дар наздикии рӯйи девори як анбор коғазҳои сафед дида мешавад. Иқбол фақат зерпероҳаниву зершалворӣ ба тан дошт ва аз як ҷиҳат ворид шуду бар ҳасби одат, хиромон-хиромон ҳаракат мекард, ки ба наздики ман расид. Сураташ хашмгин буд. Ба забони англисӣ ба ман гуфт: «Чӣ менависӣ?» Ҷавоб додам: «Ман ҳамеша саъй мекардам, ки афкори Шумо ба таври саҳеҳ ба мардум расонида шавад». Фармуд: «Дар бораи ин таъсироти ман фардо бар ту зоҳир мешавам». Сипас, якбора манзараи хоб иваз шуд. Ҳоло ман ба рӯйи дарахти пурборе нишаста, бисёре аз авроқро, ки дар шохаҳои он дарахт гир карда буд, ҷамъоварӣ мекардам. Барои кӯмаки ман шахси дигаре ҳам он ҷост, вале ман ӯро нашинохтам. Албатта, аз ӯ гила мекардам, ки ман барои интишори афкори ту он қадар заҳмат мекашам, вале ту аслан розӣ нестӣ.

Дар ин мавқеъ бедор шудам. Соатро дидам. Севуними баъд аз нимашаб буд. Он чи дар хоб дида будам, ҳанӯз дар зеҳнам буд. Аз ҷо бархостам, ки коғазу қалам гираму хобамро бинависам, то субҳгоҳ фаромӯш накунам. Дар ин лаҳза ҳамсарам бедор шуд. Ман хобамро ба ӯ гуфтам. Ӯ гуфт: «Таъбири ҷамъ кардани варақпораҳои коғази дар шохаҳо гиршуда ин аст, ки Шумо дар ин рӯзҳо машғули таҳияи шаҷараномаи ӯ ҳастед. Албатта, ӯ аз ин кор нороҳат аст. Шумо бояд мунтазир бошед, шояд то фардо аз ӯ ишорае дарёфт кунед». Тамоми рӯзи оянда дар интизори ишорае аз тарафи вай сипарӣ шуд ва ин фикр борҳову борҳо маро нороҳат кард, ки чаро вай аз ман нороҳат шудааст? Шаб фаро расид. Бидуни ин ки паёме аз вай дарёфт кунам, ҳамсарам ба ман гуфт, ки ҳанӯз соат дувоздаҳ нашуда, Шумо бояд мунтазир бошед. Сипас, ӯ барои хобидан рафт. Саранҷом ба танг омадам, фикр кардам, ростӣ, ман чи қадар хурофотӣ ҳастам, ки тамоми рӯзро ба гуфтаи ҳамсарам дар ин андеша талаф кардам. То он дам чанд дақиқа ба дувоздаҳ монда буд. Вале хоб ба чашмонам роҳ надошт. Хостам барои хондан китобе аз ҷевон гирам ва ҷилди дуввуми «Рӯзгори Фақир» ба дастам афтод. Бидуни ҳадаф онро боз кардам. Ногаҳон назарам ба саҳифаи 121 бархӯрд. Дар муқобили чашмонам қитъае аз Иқбол буд, ки мегӯяд:

«Ёди аҳди бутпарасте пеши ман дигар наёр,
Эй замони дуррафта, ман хиҷолат мекашам.
Ман мусалмонам, маро ҳаргиз магӯ ту барҳаман,
Ёди айёми гузашта, ман хиҷолат мекашам».*

Ӯ таассуроти худро ба ман расонда буд. Ман ҳамсарамро бедор кардаму ин қитъаро барои ӯ хондам. Ӯ гуфт: «Шумо гуфта будед, ки ин кашмакаш бо ҳама бароҳима ба назар мерасад? Ӯ шояд ба ин сабаб аз Шумо норозӣ шудааст». Ман гуфтам, ки фақат шӯхӣ карда будам. Ӯ гуфт: «Ин ҳарфҳо аз забони Шумо ба сурати шӯхӣ ҳам барояш ногувор будааст ва чаро чунин набошад? Охир ин ҳарфҳо, ки барояш боиси шармандагист, аз рӯйи шӯхӣ ҳам барозандаи Шумо нест, ки ба он ишора кунед. Шумо дар бораи зиндагиномааш таҳқиқи худро давом диҳед, фикр мекунам, ки ҳар замон ки эҳтимоли иштибоҳ аз Шумо дид, Шуморо дар рӯъё раҳнамоӣ хоҳад кард».

Пас аз навиштани ду фасл, ман кори шарҳи ҳолро тарк кардам. Чун ҷашни садсолаи Иқбол наздик буд, фикр кардам, ки шояд соли 1977 як нависандаи хуб роҷеъ ба шарҳи ҳолу тадвини ҳаёти Иқбол бештар таваҷҷӯҳ намояд ва беҳтар аз ин бинигорад. Вале китобҳое, ки дар бораи Иқбол дар ҷараёни ҷашни садсолагии ӯ мунташир шуд, аз он нуқтаи назар набуд, ки ман мехостам. Ногузир бо тамоми

* Ин шеърро оқои Ҳусайн Раббонӣ аз урду ба форсӣ баргардондааст.

гирифториҳои гуногун ин корро идома додам. Натиҷаи талошу кӯшиши ман дар дасти Шумост. Дар ин китоб баҳси муфассале дар бораи иртиқои тадриҷӣ дар афкору муҳити Иқбол ёфт мешавад ва сухан дар бораи зиндагии шахсии ӯ дар дараҷаи дуввуми аҳаммият қарор дорад. Аз ин рӯ, ин китоб фақат иттифоқоти зиндагии Иқбол нест, балки таърихи аҳди Иқболро низ шомил аст. Ин китоб бо як инқилоби фикрӣ дар ҳаёти Иқбол ба поён мерасад. Яъне, вақте ки таълими Иқбол ба такомул расида, ё даврони ташаккули ӯ поён ёфта буд ва ӯ ба он мақоме расида буд, ки садои овози раҳили корвон, ё нағмаи Ҷабраилошӯб, ё ҷузви пайғамбарӣ мебошад. Дар замони тадвину таълифи ин китоб ман дубора Иқболро дар хоб надидам. Бад-ин сабаб, ба ин натиҷа расидам, ки ӯ эҳтиёҷ надошт, ки дубора маро раҳнамоӣ кунад. Вале маъноят ин нест, ки ин китоб бенуқс бошад.

Барои такмили гӯшаҳои дигари Иқбол ташвиқи Шуморо лозим медонам. Ман бидуни худситоӣ мехоҳам, ки ин корро анҷом диҳам. Иқбол дар «Ҷовиднома» исми «Зиндарӯд»-ро барои худ интихоб карда буд, ки мафҳумаш ин аст: «Рӯди равони ҳаётофарин». Иқбол дар таърифи ҳамон рӯди равон мегӯяд (тарҷумаи ашъор):

Он чашмаи кӯҳӣ гоҳе меҷаҳад,
Таваққуф мекунад, мерақсад, мехиромад.
Мепарад, мелағжад, меистад,
Печ дар печ меравад, вақте ки як ҷо мемонад
Тахтасангро мебарад,
Қалби кӯҳҳоро мешикофад.
Нигоҳ кун, эй соқии лолафом,
Ки ин паёми зиндагӣ медиҳад.

Ҳаёти Иқбол дар ҳақиқат, иртиқои ҳаёти фикрии ӯст, ки доиму пайваста ҷорист ва марг наметавонад зиндагияшро қатъ намояд. Иқбол ба зиндагии ҷисмонии хеш аҳаммият намедод, бинобар ин, ҳаёти Иқболро ба ҷуз «зиндарӯд» бо кадом исми дигаре метавон ном бурд? Номи «зиндарӯд»-ро ӯ дар пайравӣ аз Ҳазрати Муҳаммад (с) барои худ интихоб кард.

Иқбол маддоҳи Гёте – шоири олмонӣ буд. Гёте аз таълимоти Қуръониву ҳаёти тайёиба бисёр мутаассир буд. То ҳадде ки ӯ қасд дошт дар бораи Паёмбари ислом як тамсил ба назм дароварад, вале фақат тавонист, ки муқаддимае нависад. Аммо натавонист онро ба анҷом расонад.

Дар ин муқаддима бо назм, ба унвони «Нағмаи Муҳаммад(с)» дар тайи гуфтугӯ байни Ҳазрати Алӣ(а) ва Ҳазрати Фотима, Гёте барои ташреҳи нубувват нисбат ба он Ҳазрат(с) ташбеҳи «ҳаётофарин ҷӯйи об»-ро ба кор бурдааст, ки ҷӯйборҳову наҳрҳои дигареро ба оғӯш гирифта, ба сӯйи баҳр, яъне Худованди мутаол мебарад.

Аннемарийе Шиммел (Annemarie Schimmel) – мусташриқи олмонӣ ва Иқболшинос тасаввур менамояд, ки Иқбол ин назмро хонда буд ва аз ташбеҳоту истиороти он огоҳ буд. Чун ӯ он Ҳазратро инсони комил медонист, барои ин дар фикри ӯ бар ҳар мусалмон воҷиб аст, ки аз он Ҳазрат пайравӣ кунад. Бар асари ҳамин ҷазба, ӯ барои сафари рӯҳонӣ дар «Ҷовиднома» исми «Зиндарӯд»-ро барои худ интихоб кардааст.

Дар ин китоб, таҳти таъсири ҷазбаи муҳаббат, номи Иқболро ба кор бурдаам. Вале бо вуҷуди ин ранг, тасаввур фармоед, ки иродатамро ба Иқбол аз даст додаам. Ман сенздаҳсола будам, ки Иқбол вафот кард, бад-ин сабаб наметавонам иддао кунам, ки ҳамасри Иқбол ҳастам. Бинобар ин саъй кардаам, ки вақоеъро бидуни таассуб баён кунам. Дар бораи ҳар фасл маъхазу манобеъ ва ёддоштҳо дар охири китоб оварда шудааст.

Барои таҳияи ин китоб аз китобхонаи умумии Панҷоб ва Академияи Иқбол истифода кардаам. Дар зимн аз оқои Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид ва доктор Маъзиддин, ки маро дар тадвини ин китоб ёрӣ додаанд, сипосгузорӣ мекунам.

Ҷовид Иқбол

Пешгуфтор ба нашри тоҷикӣ

«Зиндарӯд», ки шомили соир ҷанбаҳои шахсии Аллома Муҳаммад Иқбол ва тамоми афкори муҳимми ӯст, бо нуқтаи назаре навишта шуда буд, ки аз миёни хонандагони ҷиддии вай, ағлаб (аксар)-и онҳо, ки ба таври комил мусаллат (балад) бар шеъру фикраш нестанд, аз савонеҳ (ҳодисаҳо)-и зиндагонияш мутталеъ (хабардор) бишаванд ва аз афкори асосиаш беиттилоъ намонанд. Худоро шукр, ки ин манзур ба наҳви аҳсан (хеле хуб) ба даст омадааст.

Чунонки ҳама медонанд, ҳар ҷузве аз аҷзои фикри Иқбол як навъ бозёбӣ аз инқилобе аст, албатта, ин инқилоб дар асли худ фақат мунҳасир (алоқаманд) ба тағйире хориҷӣ нест ва майдони амали он аз як сӯ зоти инсонӣ аст ва аз сӯйи дигар – саросари коинот. Ташкилу такмили «худӣ» ва тасхири коинот мунтаҳо (интиҳо)-и мақсуди инқилоби мавриди назари ӯст ва тамоми саъю талоши фикриву тахлиқӣ (фитрӣ)-и вай дар мавриди расидан ба ҳамин мароми ниҳоӣ аст.

Инқилоби ростин дар натиҷаи нерӯи амиқу ғайрифардии маънавӣ эҷод мегардад. Нерӯи маънавӣ барои изҳору иблоғ (огоҳӣ)-и худ як навъ мантиқи ҳамаҷониба ва кайфият (сифат)-и бартареро ба вуҷуд меоварад, ки бар асоси он роҳеро барои чира шудан (даст ёфтан) бар тағйирписандии механикии замон дармеёбад ва билохира, дар расидан ба ҳақиқате муваффақ мегардад, ки аз раҳоии комил аз ҷабри таърих иборат аст. Дар назди Иқбол инқилоб номе дигар аз дарҳам шикастани таърих аст. Фикраш назарияи инқилобашро бо истидлол ва шеъраш бо ҳол (замона) месозад.

Истеъдоде, ки дар мавриди мубаддал шудани назариёти Иқбол ба таҷриба ва тасаввуроташ ба воқеа вуҷуд дорад, бо гузашти замон батадриҷ ба миқёси биннисба (нисбатан) васее ҷилави чашми мо ба зуҳур мерасад. Пайғому таъсир ва нуфузи каломаш ҳоло фақат бо шибҳақора (нимҷазира)-и Ҳинду Покистон маҳдуд нест, балки маҳбубияташ дар саросари Эрон ва иёлоти истиқлолёфтаи Осиёи Миёна, пазириши рӯзафзуни паёму каломаш дар Тоҷикистон ба таври хосе ҳам маънангез ва ҳам умедхез аст.

Банда дар Тоҷикистон ба чашми худам дидаам, ки мардуми он ҷо шеъри Иқболро нерӯи асосии худ маҳсуб мекунанд. Мисли ин ки шеъри вай дар аъмоқи виҷдонашон ҳаракатеву эҳтизозе (ҷунбише)-ро ба вуҷуд овардааст, ки нахустин муҳаррик (ҳаракатдиҳанда)-и ҷамолу камоли моддиву маънавии миллате мебошад. Ин гӯё як навъ қолаби аҳволест, ки ба воситаи он зоти инсонӣ такмили доимиро сару сомон мебахшад. Он ҳангом ҳам зиёд дур ба назар намерасад, ки азҳони онҳо низ ба қолаби фикру эҳсоси Иқбол рехта мешаванд ва роҳи ба рӯйи кор омадани тамоми имконоти матлуб дар мавриди эҷоди таҳаввулу татаввур (инкишоф) дар ҷаҳон ҳам боз мегардад ва «Зиндарӯд» ба манзалаи гоми нахустин сӯйи ҳамин марҳалаи оянда мебошад.

Вақте дар соли 1979 милодӣ (он) ба чоп расид, бо вуҷуди захомат (ҳаҷм)-и ғайриодӣ фаврӣ истиқболи гарми ҷаҳони урдухон қарор гирифт ва ба зумраи китобе чанд ба шумор гардид, ки аз ҳама бештар хонанда дорад ва хонанда мешавад.

Тарҷумаи форсии он тавассути Саркорхонум доктор Шоҳиндухт Муқаддами Сафёрӣ ба амал омад ва дар соли 1987 милодӣ таҳти унвони «Ҷовидон Иқбол» ба табъ расид ва камобеш дар тамоми ҳавзаҳои илмии саросари Эрон, Тоҷикистон ва

қисмати бузурге аз Ховари Миёна ба сурати василаи воҳиде дар мавриди муаррифӣ (шиносоӣ)-и комили Иқбол гардид.

Ин амр боиси хушҳолии инҷониб аст, ки бар асари масоӣ (саъю кӯшиш)-и доктор Азим Байзоев он мухтасаран ба хатти тоҷикӣ (кириллӣ) низ ба чоп расонида ва нашр гардонида мешавад.

Умедворам аҳолии Тоҷикистон ин муаррифии шахсияту афкори Иқболро дар ташкили навини зиндагии миллии худ пурмаъно ва муовин (ёрирасон) меёбанд.

Доктор Ҷовид Иқбол

ФАСЛИ ЯКУМ

Силсилаи насаб

Дар як мадраки мутаҳассир ба фарди хаттӣ Иқбол қавмияти худро «сипарв» (Кашмирӣ – «пандит»)* номидааст.[1] Ӯ аз падари худ шунида буд, ки ба як хонаводаи қадимии бараҳмани кашмирӣ тааллуқ доштааст. Насли эшон «сипарв» аст ва бобокалони эшон, ки исломро пазируфт, ба «Бобо Лӯл Ҳаҷ» ё «Лӯлӣ Ҳоҷӣ» мулаққаб шуд.

Аз номаҳои Иқбол ба номи Муҳаммаддин Фавқ[2], ки аз дӯстони Иқбол буд ва бо падараш ҳам ошноӣ дошт, маълум мешавад, ки ин огоҳиро Иқбол, ё падараш ба Фавқ додаанд.

Фавқ дар китоби худ ба номи «Машоҳири Кашмир», ки дар 1930 милодӣ мунташир шудааст ва сипас дар нигоштаи худ ба унвони Доктор «Шайх Муҳаммад Иқбол» (Найранги хаёл, Лоҳур, чопи сентябр-октябри 1932 милодӣ) навишт:

«Оқои Шайх ба як хонаводаи қадимии кашмирии бараҳман тааллуқ дорад... Бобокалони ӯ тақрибан дусаду бисту панҷ сол пеш мусалмон шуд. Эшон аз насли «сипарв» буданд».

Фавқ пас аз ду сол, яъне дар соли 1934 милодӣ «Таърихи ақвоми Кашмир»-ро мунташир намуд. Дар ин китоб ӯ менависад: «Барои таҳқиқи комил дар бораи лафзи «сипарв» бояд ба Иқбол ручӯъ кард». 16 январи 1934 номае аз Иқбол дар посух дарёфт намуд. Иқбол ба ӯ чунин навишта буд:[3]

«Дар бораи аслу насаби он («сипарв» –А.Б.) ҳар он чи ман аз падари шодравони худ шунидаам, арз мекунам. Вақте ки мусалмонон бар Кашмир мусаллат шуданд, кашмириёни бараҳман аз рӯйи кӯҳнапарастӣ ва иртиҷоъ ва ё ба илали дигар ба улуму забони мусалмонон эътиное наменамуданд. Бад-ин сабаб, аввалин гурӯҳе, ки ба тарафи забони форсӣ ва тааллуқоти он кашида шуда, то ҳадде ба он огоҳӣ пайдо кард ва эътимоди ҳукумати исломиро ҷалб намуд, «сипарв» хонда шуд.

Маънии ин лафз чунин аст: Шахсе, ки пеш аз ҳама шурӯъ ба хондан кунад. «С» барои пешванд дар бисёре аз забонҳо ба кор бурда мешавад ва решаи калима «парв» ҳамон аст, ки дар забони урду барои масдари «хондан» ба кор мебаранд. Падари марҳумам мегуфт, ки исми «сипарв»-ро кашмирии бараҳман ба он идда аз хешонаш, ки одобу русум ва хусусиёти қавмии хешро тарк гуфта ва ба сӯйи забону улуми исломӣ гироиш пайдо кардаанд, бар ҳасби таҳқир мегуфт ва рафта-рафта ин исм ба таври мустақил барои як насл ба кор рафтааст ва ба он ном шӯҳрат ёфтааст».

Дар ҳамин нома Иқбол менависад:

«Девон Тик Чанд, ки дар Панҷоб фармондори Лоҳур буд ва ба таҳқиқ ба забонҳо хеле алоқа дошт, як бор дар Анбола (номи шаҳр) ба ман гуфт: калимаи «сипарв» ба подшоҳи бостонии Эрон Шоҳпур тааллуқ дорад ва сипарвҳо дар ҳақиқат эрониёне ҳастанд, ки муддатҳо пеш аз зуҳури ислом Эронро тарк намуда, дар Кашмир сокин шуданд ва ба сабаби заковату зиракие, ки доштанд, дар гурӯҳи бараҳман дохил шуданд».

Фавқ пас аз нусхабардорӣ аз ин номаи Иқбол менависад: «Дар Панҷоб чанд хонавода аз мусалмону ҳинду ҳастанд, ки аз насли сипарв мебошанд ва дар миёни хонаводаҳои мусалмон хонаводаи Иқбол, ки гузаштагонаш дар замони ҳукумати

* Лақаби мазҳабӣ дар бараҳманҳо ба маънои «олам» аст.

Оламгир мусалмон шуда буданд, шӯҳрати зиёд дорад». Барои исботи ривояти падар дар бораи аҷдоди худ Иқбол бисёр алоқаманд буд ва аз номаи ӯ, ки зайлан меояд, ин масъала ҳувайдо аст. Ин нома ба бародари калонаш Атомуҳаммад аст, ки 15 октябри 1925 милодӣ нигошта шудааст.[4]

«Номаи Шумо ба дастам расид, боиси итминони хотир шуд. Алҳамдулиллоҳ, Ҷовид Иқбол комилан саҳеҳу солим аст. Имрӯз яксола шудааст. Шумову падари мӯҳтарам аз ин хабар хушҳол хоҳед шуд, ки баъд аз талошу ҷустуҷӯи бисёр дар тайи солҳо, хабаргирӣ аз аҷдоди мо ба даст омад. Ҳазрати Бобо Лӯл Ҳаҷ дар Кашмир аз машоихи машҳур будааст. Ва тазкираи ӯ иттифоқан дар «Таърихи Кашмир», таснифи Хоҷа Аъзам пайдо шуд. Падари арҷманд ҳарчи дар бораи аҷдоди худ шунида буд, маҷмӯан дуруст буд. Ҷойгоҳи онон дар ҳақиқат деҳи Лучар набуд, балки деҳи Чакупаргана – Одван буд. 12 сол хориҷ аз Кашмир буд ва аз кишварҳои мухталиф дидор намуда, бо ҳамсараш равобиту созгории хубе надошт. Бад-ин сабаб, масоили дунявиро раҳо намуда, ба Кашмир рафт. Вақте аз он ҷо бозгашт, ба воситаи ишорати ғайбӣ, муриди Ҳазрати Бобо Насриддин шуд ва боқии умрро дар мусоҳибати эшон гузаронд ва саранҷом дар ҷавори муршиди худ мадфун шуд. Акнун умедворам, ки хабарҳои зиёдтаре ба даст оварам. «Тазкираи Хоҷа Аъзам» бисёр мухтасар аст, вале ҳамин матлаби кӯчак боиси ба даст омадани матолиби бештаре хоҳад шуд. Ин хабари мухтасар ҳам ба тарзи аҷибе пайдо шуд. Мудири дафтари сабти донишгоҳи Деҳлӣ барои дарёфти рисолаи докторӣ аз донишгоҳи Оллоҳобод машғули навиштани китобе дар бораи фарҳангу тамаддуни кашмирӣ аст. Ман яке аз мунтаҳанини ӯ ҳастам. Ду мунтаҳани дигар – як профессори англисӣ ва дигаре ирландӣ ҳастанд. Бар ҳасби тасодуф дирӯз мудири дафтари сабт ин ҷо буд. Ӯ аз яке аз дӯстонаш хоҳиш карда буд, ки нусхаи хаттии «Таърихи Кашмир», таълифи Хоҷа Аъзамро ба манзили ман биёварад. Ман дар фурсате, ки доштам шурӯъ ба хондан кардам. Иттифоқан, ҳанӯз чанд саҳфае нахонда будам, ки чашмам ба матлабе дар бораи Бобо Лӯл Ҳаҷ афтод. Ман хеле хушҳол шудам. Имкон дорад, ки авлоди Бобо Насриддин ҳанӯз дар Кашмир зиндагӣ кунанд ва шояд онон битавонанд дар бораи аҷдоди мо иттилооти бештаре бидиҳанд ва мумкин аст, ки онҳо шаҷараи номаҳое ҳам аз муридони худ дошта бошанд».

Дар бораи ин маъхази ҷадди аълои Иқбол Бобо Лӯл Ҳаҷ ё Лӯлӣ Ҳоҷӣ, Фавқ ҳам огоҳ буд. Ӯ дар китоби худ «Таърихи ақвоми Кашмир», ки соли 1943, баъд аз 5 соли вафоти Иқбол интишор ёфт, менависад:

«Дар замони ҳукумати Султон Зайниддин Бадшоҳ (солҳои ҳукмрониаш 824-874 ҳичрӣ) яке аз иродатмандони ҳазрати Шайхулолам Шайх Нуриддин Валӣ марди бузурге ба номи Бобо Насриддин буд. Ҳазрати Шайхулолам дар ашъори худ аз ин халифаи бузург бисёр ёд кардааст. Дар радифи муридони Бобо Насриддин марди бузурге ба номи Бобо Лӯлӣ Ҳоҷӣ буд, ки бисёр ба ҳаҷ рафта буд ва то 12 сол хориҷ аз Кашмир ба сайру саёҳат умр гузаронда буд. Чунончи мусаннифи китоби «Таърихи Аъзамӣ» дар сафҳаи 72 менависад: «12 сол саёҳат карда ба Кашмир омад ва ба ишорати ғайбӣ муриди ҳазрати Бобо Насриддин шуд ва бақияи умр дар хидмату мусоибати ӯ гузаронид». Исми аслии ӯ маълум нашуд, вале ба исми «Лӯл Ҳаҷ» ё «Лӯлӣ Ҳоҷӣ» шӯҳрат ёфт. Ӯ чандин бор пойи пиёда ба Макка рафт. Лафзи «Лӯл», «Лола» ё «Лол» дар забони кашмирӣ барои изҳори муҳаббат ё иззат ба кор бурда мешавад. Ӯ аз минтақаи Чакупаргана Одван буд. Қабл аз он ки мусалмон шавад, мансуб ба фирқаи бараҳманҳо буд. Насли сипарв дошт. Пешаи ӯ кишоварзӣ ва кишткорӣ буд. Вале вақте ки гӯшаи дарвеширо гузид, аз ҳама чиз канорагирӣ кард. Мадфани ӯ дар Чаҳор Шариф дар муҳити мазори Шариф Нуриддин Валӣ мебошад. Муршиду пири ӯ Бобо Насриддин ҳам он ҷо ба хоби абадӣ фурӯ рафтааст.»..

Фавқ баъд аз хондани матолиби Дайдамарӣ дар бораи Бобо Лӯл Ҳаҷ ҳарчӣ бештар нигоштааст. Ин маълумот шояд иттилооте бошад, ки дар натиҷаи таҳқиқоти шахсӣ ё бар асоси огоҳие, ки Иқбол ё падараш ба ӯ додаанд, тадвин шуда бошад,

зеро роҷеъ ба ин мавзӯъ ӯ ҳеҷ санадеро номбар накардааст. Шарҳи ҳоли Бобо Лӯл Ҳаҷ тақрибан 150 сол баъд аз Дайдамарӣ дар китоби «Таҳоиф-ул-аброр фи зикр-ул-авлиё-ул-ахёр» (Таърихи кабири Кашмир) – таълифи Абумуҳаммад Ҳоҷӣ Муҳиддин Мискин, ки соли 1903 ба табъ расидааст, бад-ин тартиб омадааст:[5]

«Вилодаташ дар мавзеи Чаку Ҳалиндпаргана Одван буд. Аз ҳарду чашму по нуқс дошт. Бо зане ақди никоҳ барбаст. Чун он зан сурати вайро бидид, бар вай бихандид. Дили Бобо аз вай мутанаффир шуд. Пас камари ҳиммат баста, сафари зиёрати Ҳарамайни шарифайн* намуд. Ва пас аз ташарруф ба зиёрати муборак қасди баргаштан ба Кашмир кард ва дар хидмати Бобо Насриддин рӯйи иродат оварда, таҷриду тафрид (аз ҳама чиз буридан ва ба Худо восил шудан) намуд. Чун реҳлат намуд, дар мақбараи муршид мадфун шуд».

Дар «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуюм ба гуфтаи Шайх Эъҷоз Аҳмад (бародарзодаи Иқбол) бобои Иқбол ба василаи як ориф ба ислом гаравид ва ин, дар воқеъ, 250 сол пеш ба вуқӯъ пайваст. Шайх Эъҷоз Аҳмад ҳамчунин менависад, ки падарбузугри ӯ ривоят мекард, ки яке аз бузургони мо чандин бор пойи пиёда сафари ҳаҷ кард. Номи ӯ Лӯл Ҳаҷ (ошиқи ҳаҷ) шуд.[6]

Агар Бобо Лӯл Ҳаҷ ҷадди аълои Иқбол бошад, метавон гуфт, ки дар бораи ӯ тафосили Дайдамарӣ нисбат ба тафосили Мискин саҳеҳтар ба назар мерасад. Мискин менависад, ки Бобо баъд аз ақд ва қабл аз ҳамбистарӣ аз ҳамсараш ҷудо шуда буд. Дар ин сурат саволе пеш меояд, ки насаби ӯ чӣ гуна идома ёфт? Аз баёноти Фавқ ва Дайдамарӣ равшан мегардад, ки Бобо Лӯл қабл аз ақду никоҳ исломро пазируфта ва чанд вақт бо ҳамсараш зиндагӣ намуда, сипас аз ӯ ҷудо шудааст. Дар ин сурат идома ёфтани аслу насаб мумкин аст.

Тааллуқи Бобо Лӯл ба он гурӯҳу насле бараҳаман буд, ки бидуни таваҷҷӯҳ ба интиқоду хӯрдагириҳои наздикон ба забони форсӣ гароиш пайдо кард. Мумкин аст Бобо Лӯл монанди бузургони бараҳмани худ забони фосриро ёд гирифта бошад ва ба воситаи шинохту огоҳии ин забон дарҳои улуми исломӣ бар ӯ гушуда шуда бошад. Ин талошу кунҷковӣ ва мутолеоти шахсиаш дар қалбу зеҳнаш инқилобе барпо карда, ӯро ба тарафи пазириши ислом раҳнамун карда бошад.

Ҳоло ин савол пеш меояд, ки ҷадди аълои Иқбол кай мусалмон шуд? Бештари вақоеънигорон, ки дар бораи Иқбол матолибе нигоштаанд, менависанд: «Қабл аз таваллуди Иқбол ва тақрибан 225 ё 250 сол пеш, аҷдодаш исломро пазируфтанд». Вале ин гуфта саҳеҳ ба назар намерасад, зеро дар навиштаҳои онҳо аз замони ҳукмронии Бадшоҳ зикре ҳаст. Бадшоҳ дар соли 1420 милодӣ бар тахти Кашмир нишаст ва соли 1470 вафот кард. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҷадди аълои Иқбол дар қарни XV мусалмон шуданд, яъне тақрибан 450 сол қабл аз таваллуди Иқбол ва тақрибан 100 сол қабл аз вуруди Заҳириддин Бобур ба Ҳиндустон.

Бинобар ақидаи Фавқ, забони форсӣ ба таври забони расмӣ дар соли 1295 милодӣ дар Кашмир роиҷ шуд. Мумкин аст дар ин замон гурӯҳе аз бараҳманҳои кашмирӣ одобу сунани қадимӣ ва таассуботи қавмиву мазҳабиро тарк гуфта, ба забону улуми исломӣ тамоил пайдо карданд. Ва ин гурӯҳ ба таври як насли мустақил ба номи сипарв шӯҳрат ёфтанд. Аз хонаводаи Шаҳмирӣ салотине, ки шӯҳрати бисёр ёфтанд, Шаҳобиддин, Қутбиддин ва Сикандари Будшиканро метавон ном бурд. Вале машҳуртарини онҳо Султон Зайналобиддин Бадшоҳ буд. Кашмир дар даврони ҳукмронии 50-солаи ӯ дар улуми модӣ ва маънавӣ пешрафти бисёр намуд. Бадшоҳ худ як олим ва шоир буд, забонҳои бисёре медонист ва аз уламову машоих ва суфиён қадрдонӣ мекард. Ӯ китобҳои бисёреро аз забони санскрит ба забони форсӣ ва ҳамчунин кутуби зиёди форсиро ба забони санскрит баргардонд. Барои донишу огоҳии мутақобили ҳиндувон ва мусалмонон мавқеияти муносиб фароҳам кард ва барои ин ки ба ин хостааш ҷомаи амал бипӯшонад, доруттарҷума ва доруттасониф

* Ду шаҳри муқаддас - Макка ва Мадина (А.Б.)

бунён ниҳод. Ба ташвиқи Султон, Мулло Аҳмад «Маҳабҳарат»*-ро ба забони форсӣ тарҷума кард. Бадшоҳ подшоҳе одилу ватанпараст буд ва ба мардум рафтори чунон шоистае намуд, ки мақбули ду гурӯҳ – мусалмонону ҳиндувон гашт. Подшоҳ барои дилҷӯии ҳиндувон ба таъмиру тармин ва муҳофизати мабоиду будкадаҳо пардохт ва дар назди онҳо «Подшолӣ»** сохт. Ӯ таълими «Ло икроҳа фӣ-д-дин»***-ро амалӣ сохт. Ӯ ҳиндувонеро, ки дар замони салотини пешин маҷбуран исломро пазируфта буданд, мухайяр сохт, ки бо эътиқоди комил ба ислом бигараванд ё дубора ба дини аҷдодии хеш, яъне ҳинду гузаранд. Ҳамин тариқ, бисёре аз онҳо дубора ҳинду шуданд ва ба дастури ӯ ҳеҷ қозиву муфтӣ ҷуръат надошт, ки эътирозе кунад. Ба ҳиндувоне, ки ба кишварҳои дигар муҳоҷират карда буданд, иҷоза дода шуд, ки ба ватани хеш баргардад ва замину мулки онҳо ба онҳо пас дода шуд.

Тибқи баёни Фавқ, забони форсӣ дар замони Бадшоҳ эътибори зиёде ёфт. Дар шароите, ки бараҳманҳои Кашмир аз забони форсӣ дурӣ меҷустанд ва форсидононро ба корҳои давлатӣ роҳ намедоданд, Бадшоҳ саъй кард, ки ҳиндувон забони форсӣ биёмӯзанд ва барои донишҷӯёни ҳинду, ки мехостанд забони форсиро ёд гиранд, дастмузд муайян намуд. Дар натиҷа, бисёре аз бараҳманҳо забони форсиро омӯхтанд ва теъдоди зиёде шоиру олим аз ин сарзамин бархостанд.[7]

Фавқ дар таснифи худ «Таърихи ақвоми Кашмир» ба гуфтае аз падарбузурги Иқбол – Шайх Муҳаммад Рафиқ аз як бузург ба номи Шайх Акбар дар пушти чаҳорумӣ зикр мекунад. Ӯ менависад:[8]

«Дар авлоди Бобо Лӯл Ҳаҷ бузургмарде ба номи Шайх Акбар буд. Ӯ як суфӣ бо амали софе ва шайдои сӯҳбат бо бузургон буд. Ба сабаби тақвову тақаддус ва наҷобати хонаводаи ӯ, пиру муршидаш ӯро ба шарафи домодии хеш баргузид. Вақте ки муршид вафот кард, фарзандаш Сайид Мир ноболиғ буд. Бад-ин сабаб Шайх Акбар ҷонишини муршид шуд. Шайх Акбар ба саёҳат алоқа дошт ва сафарҳои бисёре ба Панҷоб кард».

Фавқ баён намекунад, ки дар бораи ин ҷадди Иқбол аз куҷо иттилооте ба даст овардааст ва инро низ қайд накардааст, ки Шайх Акбар ба кадом насли Бобо Лӯл Ҳаҷ тааллуқ дошт. Он ҳам равшан нест, ки муршиди Шайх Акбар кӣ буд? Ё ӯ ба кадом силсила ва тариқати суфия вобастагӣ дошт.

Дар ин маврид Сайид Назир Ниёзӣ дар китоби худ[9] нақли қавлӣ аз Иқбол мекунад ва матлабе менигорад, ки қобили таваҷҷӯҳ аст:

Иқбол ба ӯ гуфтааст: «Падарбузург ё падари падарбузургам «пир» буд. Исми ӯ Шайх Акбар буд. Ӯ бад-ин тартиб муршид шуд, ки дар Санкҳатара хонаводае аз содот**** буд, ки мардум ӯро ба таври комил ӯро ба сайидӣ намепазируфтанд ва ӯ ҳамеша дар зери таъну лаъни мардум буд. Падари ин хонавода рӯзе дар асари ғаму ғусса худро дар порчаи сабз печонид ва дар оташи сӯзон нишаст. Дар бораи ин порча ривоят мекунанд, ки ёдгори Ҳазрати Имом Ҳусайн алайҳиссалом аст ва мӯъҷизаи ин порча он аст, ки оташ бар ӯ асаре нанамуд. Вақте ки мухолифон ин ҳақиқатро ба чашми худ диданд, бар эшон собит шуд, ки ӯ дар воқеъ сайид аст. Вақте ки ӯ реҳлат кард, Шайх Акбар аз муридони ӯ мувозибат намуд ва ба хидмати хонаводааш даромад. Як бор фарде аз ҳамин хонавода пеши падарам омаду гуфт: Чаро Шумо тиҷорати чодарҳои гарму нарм намекунед? Дар он замон қимати чодарҳои одӣ беш аз ду рупия***** набуд. Падарам 400 чодар дӯхта фурӯхт ва ҳамаи онон ба қимати муносиб ба фурӯш расид, дар ҳоле ки ҳар чодар беш аз ҳашт ана (як ана = ним рупия)

---

* Ҳамосаи ҳиндувон (Bharat) – Ҳинди Бузург.

** Мадрасаи мазҳабӣ барои ҳиндувон.

*** Сураи Бақара, Ояти 257: Маҷбурият дар пазируфтани дин нест.

**** Хонаводаҳое, ки аз Осиёи Марказӣ ба нимҷазираи Ҳинд рафта, маскун мешуданд, бо номи «содот» ёд мешуданд (А. Б.).

***** Пули миллӣ дар Покистону Ҳиндустон (А. Б.).

харҷ бардошт. Баъд аз фурӯши он пули кофӣ ба даст омад. Ин рӯзҳо оғози хушбахтии мо буд. Баъд аз он бародарам истихдом шуд».

Ба гуфтаи Сайид Назир Ниёзӣ, Иқбол барои манзилу маскани хонаводаи пирони Шайх Акбар лафзи «Санкҳатара»-ро истеъмол кардааст. Ниёзӣ дар ҳошия «Санкҳатара»-ро минтақае дар ҳитаи Сиёлкут номидааст. Дар минтақаи Сиёлкут як мавзеъ ба ин ном вуҷуд дорад. Вале дар баёни Фавқ ин зикр нашудааст, ки хонаводаи пирони содот Шайх Акбар сокини Санкҳатара будаанд. Балки баръакс, ҳитаи ин хонаводаро Кашмир зикр мекунанд. Ва навиштааст, ки Шайх Акбар борҳо ба Панҷоб сафар кардааст. Фавқ Шайх Акбарро пушти чаҳоруми падарбузурги Иқбол – Шайх Муҳаммад Рафиқ баён мекунад.

Аз навиштаи Ниёзӣ дар мавриди маҳалли сукунати хонаводаи пирони Шайх Акбар чунин савол ба миён меояд, оё ин хонавода сокини Кашмир буданд ё сокини минтақаи Сиёлкут? Агар минтақаи Сиёлкут саҳеҳ бошад, пас, мутобиқи баёни Фавқ ва иттилооту маълумоти Шайх Эъҷоз Аҳмад, Шайх Муҳаммад Рафиқ падари Шайх Нурмуҳаммад ва се бародараш аз Кашмир ҳиҷрат накарданд, балки хеле пеш аз таваллуди эшон ин хонавода ба Сиёлкут муҳоҷират карданд. Падарбузурги Шайх Нурмуҳаммад ё падари падарбузурги ӯ Шайх Акбар дар ҳитаи Сиёлкут сокин буданд. Вале ин масъала ҳам мумкин аст, ки Шайх Акбар сокини Кашмир буда, хонаводаи пирони ӯ дар Сиёлкут иқомат доштанд, ки барои мувозибату ҳифзи онон ба Сиёлкут ё Панҷоб мусофират мекард. Ба навиштаи Ниёзӣ роқим (Ҷовид Иқбол) таваҷҷӯҳи Шайх Эъҷоз Аҳмадро ба тарафи худ мабзул дошт. Тибқи назарияи ӯ:[9]

«Мумкин аст, ки амуи ман исми мавзее аз Кашмирро баён карда бошад ва оқои Ниёзӣ иштибоҳан онро мисли Санкҳтара шунид. Тавзеҳ дар ин мавридро Ниёзӣ фақат метавонад бидиҳад. Агар баъд аз 38 сол ба ёди ӯ ҳаст, ки амуи ман роҷеъ ба хонаводаи пирони Шайх Акбар ин матлабро баён карда, ки ин ҳамон мавзеи Санкҳтара аст, ки дар ҳитаи Сиёлкут вуҷуд дорад? Аз тарафе, ин гуфта чунин матлабро равшан мекунад, ки то замони ҳаёти Миёнҷӣ (падари Иқбол) пирон бо ин хонавода робита доштанд. Аз тарафи дигар, ин истидлолро ҳам метавон кард, ки хонаводаи пирон дар ҳитаи Сиёлкут иқомат дошта, вале мумкин аст, ки як нафар аз хонаводаи пирон аз Кашмир, бахусус, дар фасли зимистон пеши Миёнҷӣ (падари Иқбол) меомад, ки мегуфтанд «ӯ аз хонаводаи пирони мост». Вақте ки ӯ меомад, Биҷӣ (модари Иқбол) хеле нороҳат мешуд».

Фавқ дар ҷойи дигар менависад:[10]

«Дар пушти чаҳоруми Шайх Акбар... чаҳор бародар буданд. Онҳо дар давроне, ки Кашмир таҳти тасарруфи афғонон буд, тарки ватан карда, ба Панҷоб омаданд ва маълум аст, ки чун ватани онҳо Кулгам буд, бинобар ин Бонҳолро паймуда аз гузаргоҳи Ҷамул ба Сиёлкут ворид шуданд ва ҳамон ҷо иқомат намуданд. Шайх Муҳаммад Рамазон – фарзанди аввал ва Шайх Муҳаммад Рафиқ – фарзанди дуввум Сиёлкутро барои иқомати хеш баргузиданд. Шайх Абдулло дар мавзеи Ҷҳикай дар ҳитаи Сиёлкут сокин шуд ва бародари чаҳорум, ки номаш мушаххас нест, дар Лоҳур иқомат ихтиёр кард. Фарзанди бузурги Шайх Муҳаммад Рамазон дарвешмаслак буд. Ӯ дар бораи илми тасаввуф дар забони форсӣ чанд китоб ба риштаи таҳрир даровардааст. Шайх Муҳаммад Рафиқ дар Сиёлкут як мағозаи порчадӯзӣ дуруст кард. Фарзанди ӯ Шайх Нур Муҳаммад (падари Иқбол) ҳам дар дукони падари худ кор мекард. Шайх Ғулом Муҳаммад – фарзанди хурдии Шайх Муҳаммад Рафиқ дар созмони об истихдом шуд ва дар Рупар* зиндагӣ мекард, ки Шайх Муҳаммад Рафиқ барои дидани писари худ рафт ва ҳамон ҷо мариз шуда даргузашт ва дар Рупар мадфун гашт. Теъдоди зиёде аз авлоди фарзанди севвум – Шайх Абдулло дар иёлати Ҳайдаробод – Дакан зиндагӣ мекунанд ва аксари онҳо пешаи кишоварзӣ доранд.

* Номи минтақа.

Бародари чаҳорум, ки дар Лоҳур зиндагӣ мекард, бидуни он ки аз худ авлоде ба ҷой гузорад, вафот кард. Аз исми падари Шайх Муҳаммад Рафиқ ҳеҷ фарди мусинну пир дар Сиёлкут огоҳӣ надорад ва аз авлоду хешони ӯ ҳам касе иттилое надорад. Иллат ин аст, ки падари ӯ ба тарафи Панҷоб наёмад, балки ӯ бо бародарони хеш роҳии сафар шуд. Бад-ин сабаб, касе аз номи падараш огоҳ нест. Дар бораи Шайх Муҳаммад Рафиқ Мавлоно Абдулазиз Малик чунин мегӯяд: «ин бузург қади мутавассит дошт, бениҳоят зебо буд. Хату хол, лабу лаҳҷа ва чеҳраи дурахшонаш кашмирӣ буданашро ошкор мекард».

Ин баёни Фавқ навоқисе дорад. Исми падари Шайх Муҳаммад Рафиқ ва бародараш Шайх Ҷамолиддин буд. Ҳамчунин исми бародари чаҳоруми Шайх Муҳаммад Рафиқ Шайх Абдурраҳамон буд ва ин матлаб саҳеҳ нест, ки ӯ дар Лоҳур иқомат дошта, бидуни авлод будааст. Шайх Абдурраҳмон ҳам сокини Сиёлкут буд ва авлодонаш пас аз ӯ дар ҳамин минтақа зиндагӣ кардаанд. Ҳамчунин авлоди Шайх Абдулло ҳам дар Сиёлкут иқомат доштанд. Зимнан, баъзе аз афроди ин хонавода ба тарафи Ҳайдаробод ҳиҷрат намуданд.

Дар «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум Шайх Эъҷоз Аҳмад чунин менависад:[11] «Аз обо ва аҷдоди Аллома Иқбол чӣ касе буд, ки аз Кашмир ҳиҷрат кард ва дар Сиёлкут иқомат намуд? Ин воқеа кай ба вуқӯъ пайваст? Дар бораи ин матлаб ҳеҷ сухане ба яқин наметавон гуфт.».. Аз қароин пайдост, ки ин ҳиҷрат дар авохири қарни XVIII ё авоили қарни XIX ба вуқӯъ пайвастааст ва онҳо, ки ҳиҷрат кардаанд ё падарбузурги Иқбол ба номи Шайх Ҷамолиддин, ё чаҳор писари ӯ будаанд.

Имкон дорад, ки Шайх Ҷамолиддин ба ҳамроҳии чаҳор писари хеш тарки ватан карда бошад. Ин масъала равшан аст, ки дар оғози қарни XIX ин чаҳор бародар дар Сиёлкут зиндагӣ мекарданд. Аз миёни бародарон падарбузурги Аллома Иқбол – Шайх Муҳаммад Рафиқ ва ду бародари дигараш – Шайх Абдурраҳмон ва Шайх Муҳаммад Рамазон дар Сиёлкут иқомат доштаанд ва бародари дигар – Шайх Абдулло дар мавзеи Ҷҳикай сокин буд. Фарзандони ин чаҳор бародар то ба имрӯз дар он ҷо зиндагӣ мекунанд. Падарбузурги Иқбол аввалин ҳамсарашро аз як хонаводаи кашмирӣ дар Сиёлкут баргузид. Вай аз ин ҳамсар фарзанде надошт. Ҳамсари дуввумиро пас аз вафоти ҳамсари аввал вай аз як хонаводаи кашмирӣ дар Ҷалолпур Ҷитон (минтақаи Гуҷарот) интихоб намуд. Ин ҳамсараш бисёр зебо буд ва аз ин назар лақаби «Гуҷарӣ» дошт. Шайх Муҳаммад Рафиқ аз ҳамсараш соҳиби 10 писар шуд, ки ҳамагӣ даргузаштанд. Фарзанди ёздаҳуми вай падари Аллома Иқбол (Шайх Нур Муҳаммад) буд, ки ба хотири таваллудаш занони хонавода назру ниёзи фаровон карданд ва барои саломату бақои ӯ назди пирону бузургони дин рафтанд. Хушбахтона, дуои онон мустаҷоб гардид ва Шайх Нур Муҳаммад натанҳо боқӣ монд, балки соҳиби умри тӯлонӣ низ гардид. Аз рӯйи тақвими шамсӣ ӯ 93 сол умр дид. Ӯ авҷи шӯҳрату иззат ва мақбулияти фарзанди пурифтихори худро дар замони ҳаёти хеш дид. Баъд аз таваллуди падари Иқбол, падару модари ӯ соҳиби писари дигаре ба номи Ғулом Муҳаммад шуданд. Ғулом Муҳаммад дар созмони об маъмур буд ва дар Рупар, ҳитаи Анбола кор мекард. Шайх Муҳаммад Рафиқ барои дидани фарзанди хеш ба Рупар рафт ва дар он ҷо ба бемории вабо гирифтор шуда, вафот кард ва дар ҳамон ҷо мадфун гашт. Шайх Ғулом Муҳаммад писаре надошт. Вай ду духтар дошт, ки ҳангоми вафоти ӯ дар қайди ҳаёт буданд ва фарзандони онҳо то кунун дар шаҳри Сиёлкут зиндагӣ мекунанд.

Барои он ки Шайх Нур Муҳаммад зинда бимонад, тибқи ақоид ва одоби хурофӣ ва мавҳумпарастӣ, падару модараш бинии ӯро сӯрох карда, «ната» (як навъ зевар) бар он пӯшониданд, то аз шарри нерӯҳои хабису бад дар амон бимонад, ҳамчунин нерӯҳои манфитабиатро фиреб бидиҳанд, ки ин писар нест, балки духтар аст, ки бинии ӯро сӯрох намудаанд. Ба ин сабаб ӯро Шайх Натаҳу низ мегуфтанд. Шайх Нур Муҳаммад дар соли 1930 милодӣ вафот кард ва агар аз рӯйи ҳисоби шамсӣ умраш 93 сол бошад, соли тавалудаш 1837 будааст.

Барои инсон тарки ватан содаву осон нест. Аз ин рӯ, саволе ба миён меояд, ки чаро бузургону аҷдоди Иқбол аз Кашмир ҳичрат карданд? Ба ин савол мо наметавонем ҷавоби аниқ диҳем. Фавқ мегӯяд: «Вақте ки бузургони Иқбол аз Кашмир муҳоҷират карданд, Кашмир он замон таҳти тасаллути афғонон буд. Агар ин ҳичрат дар авохири қарни XVIII ё авоили қарни XIX воқеъ шуда бошад, пас дар он замон ҳукумати афғонон рӯ ба завол буда, сикҳҳо дар ҳоли даст гирифтани қудрат дар Кашмир буданд. Фавқ менависад, ки дар замони ҳичрат бузургони Иқбол дар ҳитаи Кулгам иқомат доштаанд, вале маълум нест, ки ӯ ин хабарро аз куҷо дастрас намудааст. Шояд ин тахмини ӯ дуруст бошад, ки онҳо аз гузаргоҳи Бонҳол ба Ҷамул расида, ба Сиёлкут ворид шуданд.

Аҳмадшоҳ Абдолӣ дар соли 1752 милодӣ ба Кашмир лашкар кашид ва он ҷоро фатҳ намуда, салтанати Дурониро сарнагун сохт. Ҳокими Кобул ба воситаи ҳокимони маҳаллӣ бар Кашмир ҳукумат мекард. Баъд аз 9 сол, яъне соли 1561 Аҳмадшоҳ Абдолӣ дар ҷанги севвум Пани пат ва Марҳанаҳаро шикаст дод. Ӯ дар соли 1772 даргузашт. Ҷонишини ӯ – Замоншоҳ дар соли 1798 Ранҷит Сингҳро ҳокими Лоҳур намуд. Ранҷит Сингҳ баъд аз он дар ҳитаҳои Панҷобу Сарҳад* ҳукумати афғононро вожгун карда, бо номи Маҳараҷа Ранҷит Сингҳ дар ҳамаи ин манотиқ ҳукуматро ба даст овард.

Ба гуфтаи Суфӣ, давраи тасаллути афғонон бар Кашмир 67 сол (1752- 1819) будааст. Дар ин давра 14 ҳоким дар Кашмир ҳукумат карданд. Суфӣ ин давраи таърихи Кашмирро давраи ҳарачу марач меномад. Зеро дар замони тасаллути афғонон авзои Кашмир бадтар аз қабл шуд. Дар замони ҳукмронии онҳо ин минтақаро ҷангҳои дохилии байни афғонон, гуруснагиву қаҳтӣ ва дигар фалокатҳо фаро гирифта буданд.

Дар соли 1814 Маҳараҷа Ранҷит Сингҳ ба Кашмир ҳамла кард, вале аз дасти Азимхон – ҳокими онвақтаи афғонон шикаст хӯрда, ақИбнишинӣ кард. Баъд Маҳараҷа Ранҷит Сингҳ аз роҳи Сиёлкут ба Кашмир ҳамла кард ва баъд аз таваққуфи чандрӯза дар Сиёлкут, аз гузаргоҳи Пир Панҷол саъй намуд, ки вориди Кашмир шавад. Дар ин сол ҳам қаҳтии азиме Кашмирро фаро гирифт ва ҳазорҳо мавҷуди зинда фано шуданд. Азимхон ба Кобул баргардонида шуд ва дар соли 1817 бародари ӯ – Ҷабборхон ҳоким гардид. Ин охирин ҳукмрони афғонон дар Кашмир буд. Дар соли 1819 ӯ аз тарафи сипоҳиёни Маҳараҷа Ранҷит Сингҳ шикаст хӯрда, ба Кобул фирор кард ва бад-ин тартиб, Кашмир ба тасарруфи сикҳҳо даромад.

Ҳукумати сикҳҳо дар Кашмир 27 сол (1819-1846) тӯл кашид. Дар ин даврон даҳ ҳокими онҳо ҳукумат кард. Ба ақидаи Суфӣ, давраи ҳукумати сикҳҳо дар Кашмир аз ториктарин давраи таърихи ин минтақа аст. Ӯ бо истинод ба гуфтаи Вилям Мор Крафт (William More Craft) менависад:

«Сикҳҳо бо кашмириён ҳамчун ҳайвонот рафтор мекарданд. Дар давраи ҳукумати онон агар як сикҳ як кашмириро ба қатл мерасонд, аз 16 то 20 рупия ҷарима медод, ки аз он пул 4 рупия ба хонаводаи мақтули ҳинду дода мешуд. Вазъи молиёт он қадар бар кашмириён фишор овард, ки аксари мардуми шаҳру деҳот бо фақр даст ба гиребон шуданд ва ҳазорҳо нафар аз онҳо дар асари фақру бечорагӣ ба тарафи Панҷоб ё Ҳиндустон муҳоҷират карданд».

Барон Шонберг (Baron Schonberg) дар ёддоштҳои худ ин фақру бечорагиву бадбахтии кашмириёнро тасвир кардааст. Дар он замон одамонро барои куштани гов ҷазо медоданд. Агар мусалмоне дар ҳоли куштани гов дида мешуд, ӯро дар кӯчаҳои Сринагар (шаҳре дар Кашмир) ба хок мекашиданд ва ба дор меовехтанд, ё дар оташ месӯзонданд. Дар соли 1831, дар даврони ҳукумати Кнур Шир Сингҳ қаҳтии дигаре Кашмирро фаро гирифт, ки одамони зиёде вафот карданд ва аҳолии Кашмир аз 800 ҳазор то 200 ҳазор коҳиш ёфт. Виктор Якмун (Victor Yakmun), ки он

* Музофоти Шимолу Ғарбии Сарҳадиро ба шакли ихтисорӣ «Сарҳад» меноманд (А. Б.)

солҳо дар Кашмир будааст, дар номаҳову ёддоштҳои худ менависад: «Дар теппаи наздики чодари ман афроди зиёде ба рӯйи дарахтон ба дор овехта шуда буданд. Вақте ки Бҳим Сингҳ Ардалӣ – меҳмондори ман ба диданам омад, бо хурсандӣ гуфт, ки дар аввалин соли давраи ҳукумати худам дусад кашмириро ба дор овехтам». Якмун менависад, ки «агар қудрате медоштам, Бҳим Сингҳ ва сесад сипоҳи ӯро, ки аз дуздон мондани надоштанд, ба кори сохтани хиёбон сафарбар мекардам ва дасту пояшонро ба занҷир мекашидам». Ба назари ӯ, Кашмир монанди биёбоне бе ободиву ободонӣ будааст. Дар соли 1832 дар аҳди ҳукумати Карпарам зилзила Кашмирро такон дод. Ҷозеф Вулф (Joseph Wulf) менависад, ки рӯзи 21 октябри соли 1832, вақте ки ӯ аз Кашмир хориҷ мешуд, дар миёни роҳ ҳазорҳо нафарро дидааст, ки пойи пиёда аз ситами сикҳҳо аз Кашмир фирор мекарданд. Занҳо нимбараҳна, дар ҳоле ки бачаҳояшонро дар оғӯш мефишурданд, дар ҳоли фирор дида мешуданд. Дар соли 1835 Вайн (Wayne) ба Кашмир рафт. Ӯ рустоҳоро холӣ дид, зеро мардум он маҳалҳоро тарк карда, ба Панҷоб, Уттар Прадеш ва дигар манотиқ паноҳ бурда буданд. Дар соли 1846, баъд аз он ки сикҳҳо аз англисҳо шикаст хӯрданд ва Панҷоб таслими англисҳо шуд, онҳо Кашмирро бо қимати 50 лак (1 лак =100000 – А. Б.) ба Маҳараҷа Гулоб Сингҳ фурӯхтанд* ва бад-ин тартиб дар Кашмир хонаводаи Давгараҳҳо ҷойгузин шуданд.[12]

Инсон, умуман, ба чанд сабаб тарки ватан мекунад. Яке барои ба даст овардани осоишу оромиши зиндагӣ ва дигар ба сабаби авзои дигаргун ва муталотум. Ҷадди аълои Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру – Пандит Раҷ Кул, ки дар форсиву санскрит донишманд буд, дар авохири давраи муғул, дар замони ҳукумати Фаррух Сайр подшоҳи Кашмир буд. Фаррух Сайр таҳти таъсири шахсияти Пандит Раҷ Кул қарор гирифт ва ӯро ҳамроҳи хонаводааш ба Деҳлӣ овард. Баъдан ин хонавода дар Оллоҳобод сукунат кард. Дӯсту қавми Иқбол Сэр Тиҳиҷ Баҳодур Сипарв, ки донишманди форсизабон буд, бино ба гуфтааш, аҷдодаш 130 сол пеш аз таваллудаш аз Кашмир муҳоҷират карда, ба Ҳиндустон омада буданд. Бузургони Хоҷа Нозимиддин дар соли 1822 барои шикоят аз сикҳҳо назди подшоҳи муғул рафтанд ва вақте ба он ҷо расиданд, дарёфтанд, ки подшоҳ заифуннафсу нотавон аст ва коре аз дасташ барнамеояд ва қудрате надорад. Пас, онҳо ба Бангол рафтанд ва хонаводаи навобон (раисон)-ро дар шаҳри Дакка бунёд ниҳоданд.[13]

Баёни таърихи кӯтоҳи тасаллути афғонон ва сикҳҳо дар Кашмир барои ин оварда шуд, то равшан гардад, ки дар авохири қарни XVIII ва авоиили қарни XIX, вақте ки аҷдоди Иқбол аз Кашмир муҳоҷират карданд, авзоъ он ҷо чӣ гуна будааст. Аз ин ҷо метавон дарёфт, ки бар асари авзои номуназзам ва адами амният, хонаводаи Иқбол дар охирин давраи салтанати афғонҳо тарки ватан карда, ба Сиёлкут рафтанд ва тиҷоратро пешаи худ сохтанд.

Аз тазкираю силсилаи аҷдоди Иқбол маълум мешавад, ки Иқбол ба хонаводае тааллуқ доштааст, ки пойбанди усули ахлоқӣ ва динӣ будаанд. Онҳо усули модӣ ва дунявиро пушти по зада, дар муқобили масоили дунявӣ ҳамеша дину мазҳабро тарҷеҳ додаанд. Аз ин рӯ, Иқбол дар китоби худ «Зарби Калим» хитобан ба Ҷовид менависад:**

---

* Иқбол аз фурӯши ин музофоти дилафрӯзи мусалмоннишин сахт ғамгин гаштааст. Вай дар асари маъруфи худ ба Ҷомеаи Милал (Лигаи Миллатҳо) чунин навиштааст:

Боди сабо, агар ба Женева гузар кунӣ, Деҳқону кишту ҷӯю хиёбон фурӯхтанд,
Ҳарфе зи мо ба маҷлиси ақвом боз гӯй: Қавме фурӯхтанду чӣ арзон фурӯхтанд.

** «Зарби Калим» севвумин девони урдуи Иқбол аст, ки дар соли 1936 интишор ёфт. Ҳовии шаш мавзӯи муҳим аз ин қарор аст: Ислом ва мусалмон, Таълиму тарбият, Зан, Адабиёту ҳунар, Сиёсати Шарқу Ғарб, Афкори меҳроби Гулхон. Тарҷумаи ин маҷмӯа ба забони форсӣ тавассути Хоҷа Абдулҳамид Ирфонӣ сурат гирифтааст, ки аз тарафи Академияи Иқбол мунташир шудааст. Профессор Юсуф Ҳусайнхон Салими Чаштӣ, ки шореҳи бузурги осори Иқбол мебошад, дар бораи «Зарби Калим» мегӯяд: «Китобе ба форсӣ ё арабӣ ё урду нест, ки ин андоза матлабро якҷо дар бар дошта бошад».

Тарҷумаи шеър:

«Ин замон ғоратгари мазҳаб асту ниҳоди он кофирона аст,
Аз дарбори шаҳаншоҳӣ остонаи мардони худоӣ хуштар аст.
Онон, ки нигоҳи тозиёна доштаанд, ин дабистонро тарк гуфта холӣ кардаанд,
Шумо чароғи он хонаводае ҳастед, ки мазоқу мазоҳи он орифона аст».

Иқбол, бахусус дар замони ҷавонӣ, ашъори бисёре сурудааст, ки мазҳари вобастагии ӯ ба Кашмир аст. Бо вуҷуди он ки ашъори Иқбол ба қавмияту ватаният вобаста ва мутааллиқ нест, зеро афкори ӯ ба ҷаҳон тааллуқ дорад ва тарзи тафаккураш байналмилалӣ ва бурунмарзӣ аст, вале инъикоси дардеро, ки ҳамватанони ӯ барои Кашмир ва табоҳии он кашида буданд, дар баъзе аз ашъораш метавон мушоҳида кард.* Ҳамчунин Иқбол ба аслу насаби бараҳмани худ низ дар баъзе аз ашъораш ишора кардааст.**

Ҳиндувон умуман, бараҳманҳо махсусан, аз бараҳман будани аслофи ӯ ифтихор кардаанд. Аз ин рӯ, Пандит Рам Чандари Деҳлавӣ – олими забони арабӣ ва санскрит дар ашъори худ дар бораи Иқбол навиштааст:

«Ирфони илоҳӣ ва каломи раббониро фақат як бараҳманзода метавонад бифаҳмад. Иқбол кадом розро пинҳон кард? Ҳамин ки ӯ кашмирии Пандит буд. Ҳазорҳо сол обову аҷдодаш ба тарбияти рӯҳонӣ дода, дар батни хеш Иқболро парвариш кардаанд».

Раҳбаре бараҳман Ҳиндустонро истиқлол бахшид. Ва ин иттифоқ тааҷҷубовар аст, ки дар нимҷазираи Ҳиндустон усули қавмияти мусалмон ва ҳатто тасаввури қиёми Покистон ҳам марҳуни як бараҳманзода аст. Ин ҷо саволе пеш меояд, ки оё Иқбол ба бараҳман будани обову аҷдоди худ ифтихор мекард? Ё ин ки ба таври ирсӣ бараҳман будани ӯ дар афкору ақоидаш саҳим аст?

Дар зиндагии шахсии инсон ақоиди матрук зиёд воқеият надоранд ва асароти онҳо баъд аз чанд насл ба гӯшаи фаромӯши супурда мешавад. Ҷадди аълои Иқбол тақрибан 400 сол қабл аз таваллуди ӯ исломро пазируфтанд. Бад-ин сабаб бараҳман будани аҷдоди ӯ барояш чандон фахре надошт. Вале ин ҳақиқат аст, ки Иқбол наметавонист гӯшти гов бихӯрад ва бад-ин сабаб дар хонаи ӯ ҳаргиз гӯшти гов намепухтанд. Ва агар саҳван гӯшти гов мехӯрд, ӯ наметавонист онро ҳазм намояд ва дучори нороҳатӣ мешуд. Илова бар он, гарчи ӯ барои илми нуҷум ҳеҷ арзише қоил набуд, вале вақти таваллуди роқим (Ҷовид) дуто «ҷанм патрион»*** омода кард ва нигаҳ дошт. Як ҷанм патриро Раҷа Нарбандар Натаҳа тартиб дод ва дигареро аз Майсур (музофоте дар Ҳинд) Пандит Саринав Асия дуруст карда фиристод.

Дар ҳама ашъори вай, ки ишораи ба наслу насаби бараҳман дорад, аз танзи бадеӣ нишона дорад.**** Яъне ин ки дар майдони сиёсат мусалмонон бо якдигар дар ситезанд ва ин ҳама аз бозиҳои табиат аст, ки агар касе бо асрору румузи ислом ва ё ояндаи дурахшони ислом огоҳ бошад, бараҳманзодае аст. Аз баъзе ашъори Иқбол комилан равшан аст, ки ошноии комили ӯ бо улуме, мисли фаласафа, аз хусусиёти аслу насаби бараҳмани ӯ будааст.

---

* Ҷони зоҳил ҳита сӯзад чун сипанд, Дар диёри худ ғариб афтодааст.
Хезад аз дил нолаҳои дардманд. Дастмузди ӯ ба дасти дигарон,
Аз худӣ то бенасиб афтодааст, Моҳии рӯдаш ба шасти дигарон.

** Маро бингар, ки дар Ҳиндустон дигар намебинӣ,
Бараҳманзодае, рамзошнои Руму Табрезӣ.

*** «Ҷанм патрӣ» ба забони ҳиндӣ ба маънои шаҳодатномаи таваллуд ва толеънома аст. Дар матн он ба маънои дуввум омадааст.

**** Миру мирзо ба сиёсат дилу дин бохтаанд,
Ҷуз бараҳман писаре маҳрами асрор мачӯй.

Дар таҷриба ва зоти вай фақат ишқ ба Расул* неъматест, ки ба василаи он одамӣ метавонад тамоми масоили фикрии худро ҳал намояд.** Бинобар ин завқу шавқи ӯ ба омӯзиши Қуръон ва ишқу алоқаи ӯ ба ислом ва ифтихори ӯ ба мусалмон будан*** аносире буд, ки шахсияти ӯро ташкил медод.

* Аз рисолат дар ҷаҳон таквини мо,
Аз рисолат дини мо, ойини мо.

** Мақоми хеш агар хоҳӣ дар ин дайр,
Ба Ҳақ дил банду роҳи Мустафо рав.

*** Мусалмонему озод аз маконем,
Бурун аз ҳалқаи нӯҳ осмонем.
Ба мо омӯхтанд он саҷда, к-аз вай,
Баҳои ҳар Худованде бидонем.

ФАСЛИ ДУВВУМ

Хонавода дар Сиёлкут

Сиёлкут дар шимолу шарқии Панҷоб шаҳре қадимӣ аст. Тибқи таҳқиқоти Фавқ панҷ ҳазор сол қабл ё бештар аз он Раҷа Шал ин минтақаро обод намуд ва номи онро Шокул ниҳод. Дар Маҳабҳарат навишта шудааст: «Шокул шаҳре дар канораи Апканаҳр дар мулки Мадардиш воқеъ шудааст». Дар он замон ин қисмати Панҷоб Мадардиш ва ҷӯйи маъруфи Сиёлкут – Нолаи Айик дар он вақт Апканаҳр ном дошт. Дар замони Маҳараҷа Чандрачупта Викрамадитя, ки аз аҳди ӯ ду ҳазор сол мегузарад, Раҷа Шалбаҳан дар он ҷо як қалъа сохт. Қалъаро дар забони панҷобӣ «кут» мегӯянд. Аз ин рӯ ин ҷо ба номи Шолкут хонда шуд ва баъд аз қарнҳо ба номи Сиёлкут шӯҳрат ёфт. Аз фарзанди Раҷа Шалбаҳан ба номи Пуран, ки тарки дунё карда, фақир шуда буд ва ба номи Пуран Бҳагат шӯҳрат дошт, дар забони панҷобӣ достонҳои бисёре вуҷуд дорад. Дар шимоли Сиёлкут ба фосилаи 4 мил дар мавзеи Курул чоҳе вуҷуд дорад, ки гӯянд Пуран дар он ҷо андохта шудааст. Бисёре аз занони ҳинду барои он ки орзуяшон дар мавриди доштани авлод бароварда шавад, дар ҳар якшанбеи моҳи нав дар он ҷо ҳаммом мекунанд.

Дар қарни XIV дар замони султон Фирӯз Туғлақ (1352-1388), вақте ки дар Деҳлӣ бесарусомонӣ шуд, ҳукмрони хироҷдиҳандаи Сиёлкут Раҷа Синҳпал барои муқобила бо мусалмонон хост, ки қалъаро мустаҳкамтар созад. Пас аз машварат бо мунаҷҷимин ва раммолон ин тавр ба кор шурӯъ кард, ки барои бунёди ҳар чаҳор гӯшаи девори баланди қалъа, баъд аз пошидани хуни мусалмоне кори сохтмониро оғоз намояд. Барои лашкари Раҷа тасаллуту тафаввуқ бар сипоҳи душман кори муҳиме набуд. Навкарони Раҷа як мусалмони ҷавонро гирифта бо бераҳмӣ ӯро кушта, аз хуни ӯ барои истеҳкоми қалъа истифода карданд. Модари пири ин навҷавони шаҳид, бо ғаму ғуссаи фаровон аз Сиёлкут фирор кард ва шаҳр ба шаҳру дар ба дар мегашт, то ба хидмати Сайид Имом Алӣ Лоҳақ бинни Сайид Ҳасани Куллӣ расид.

Сайид дар он рӯзҳо дар атрофи кӯҳистони Кангарҳ гӯшанишин буд. Ӯ достони зулму ситами Раҷа Синҳпалро шунид ва ваъдаи кӯмак ба пиразан дод. Бар ҳасби иттифоқ чанд рӯз баъд султон Фирӯз Туғлақ аз он макон гузар кард. Имом Сайид достони ғамангези пиразан ва сангдилии Раҷаро барои султон бозгӯ намуд. Султон мутаассир гашт ва лашкаре дар ихтиёри Сайид гузошт, то шарри Раҷа ва ситамкориҳои ӯро аз ин минтақа кам кунад. Имом Сайид ба ҳамроҳии муридон ва сипоҳиёни худ бо шиори «Ё Имом Ҳусайн (а)» ба тарафи Сиёлкут равона гашт ва бо Раҷа ҷангид. Бад-ин тартиб, Раҷа аз қалъа посдорӣ кард ва ба зоҳир вонамуд кард, ки тасхири қалъа кори саҳлу осон нест. Имом Сайид дар ҷанубӣ рӯди Айик ба камин нишаст. Ҷанги шадиде шурӯъ гардид, ки ду рӯз идома ёфт. Вале сипоҳ натавонист аз рӯд убур намояд. Дар рӯзи севвум мусалмонон муваффақ ба убур аз рӯд шуданд ва Раҷ дар қалъа маҳсур шуд. Баъд аз чанд рӯзи муҳосира мусалмонон қалъаро фатҳ карданд ва бисёре аз шахсиятҳои бузургу наздикони Сайид ва Раҷа кушта шуданд. Имом Сайид захмӣ шуд ва дар асари он даргузашт. Аммо баъд аз ин ҷанг дар Сиёлкут ҳукмронии ҳиндувон низ ба поён расид.[1] Дар бораи Имом Сайиду дигар шуҳадо ва ин ҷанг як чиз қобили зикр аст: дар ҳар ҷову ҳар ҳолате ҳар касе, ки шарбати шаҳодат нӯшид, дар ҳамон ҷову ҳамон ҳолат мадфун гардид. Ба ҳамин

сабаб, дар канори қалъаи қадимии Сиёлкут мазори шуҳадои бисёре ҳанӯз ҳам по бар ҷост. Дар атрофи ҷойе, ки мазори Имом Сайид ҳаст, садҳо мазор дар канори якдигар дида мешаванд. Ҳар панҷшанбе мусалмонони зиёде барои зиёрати Имом Сайид мераванд ва илова бар маросими аъёди мазҳабӣ дар рӯзҳои азодории муҳаррам низ ин кор анҷом мешавад.

Дар аҳди муғул Сиёлкут пешрафти бисёре кард. Аз ҳусни ахлоқу хулқу хӯйи муҳаммадии суфиён ва машоихи мусалмон ҳиндувони бисёре исломро пазируфтанд ва бар касрати мусалмонон афзуда гашт. Дар соли 1807 милодӣ Маҳараҷа Ранҷит Сингҳ ба Сиёлкут лашкаркашӣ кард ва сикҳҳо бар он ҷо мусаллат шуданд. Пас, агар бузургони Иқбол дар авоили қарни XIX ба Сиёлкут омада бошанд, он замони ҳукумати сикҳҳо дар Сиёлкут будааст.

Вақте ки падарбузурги Иқбол – Шайх Муҳаммад Рафиқ дар Сиёлкут иқомат намуд, кори таҳияи чодарҳои кашмириро шурӯъ кард. Ибтидо дар як хона дар маҳаллаи Каҳтикон* маскан гузид ва эҳтимолан дар ҳамин хона Шайх Нур Муҳаммад (падари Иқбол) ва бародараш Шайх Ғулом Муҳаммад таваллуд ёфтанд ва баъдҳо издивоҷ намуданд.

Дар соли 1861 Шайх Муҳаммад Рафиқ хонаи маврусиро харидорӣ кард, ки баъдҳо ба номи «Иқбол манзил» ёд мешуд. Дар он замон ин хона яктабақа буд ва ду утоқ, айвон, роҳрав ва ҳавлӣ дошт. Утоқе, ки дар гӯша қарор дошт, тирезаҳояш ба тарафи кӯча боз мешуд ва дари хона ба самти маҳаллаи Чуригарон буд. Дар яке аз ҳамин утоқҳо Иқбол таваллуд ёфт. Шайх Нур Муҳаммад дар соли 1892 ба иловаи ин хона боз як хонаи дутабақа, ки дар ҳар табақа ду утоқ, ошпазхона ва роҳрав дошт, харид. Баъд аз дувуним сол ду дуконро, ки ба пушти хонаи аввал, ба тарафи бозори Чуригарон (бозори Иқбол) боз мешуд, харидорӣ кард. Аз ин се хонаву дукон хонаи ҳозира сохта шуд. Баъдан Шайх Ато Муҳаммад (бародари калонии Иқбол) илова бар хонаи маврусӣ як мағозаи дигар харид ва ҳама сохтмонро дар се табақаи манзил тағйир дода, «Иқбол манзил» ном ниҳод.

Шайх Нур Муҳаммад дар ҷавори хонаи маврусӣ, дар маҳаллаи Чуригарон як хонаи дигар ҳам харид, ки онро ба иҷора вогузор кард. Баъдҳо, вақте ки дар зиндагии хеш ирси худро тақсим менамуд, хонаи маврусиро ба писари калонии худ – Шайх Ато Муҳаммад вогузор кард ва соҳиби хонаи худ Иқбол гардид, ки баъд аз чанде ба таври тӯҳфа ба роқим (Ҷовид Иқбол) вогузор шуд ва баъдҳо Иқбол пеш аз сохтани «Иқбол манзил» дар Лоҳур онро фурӯхт.

Шайх Нур Муҳаммад бениҳоят зебо буд. Ӯ дар ҳеҷ мактабе дониш наомӯхт, вале шояд ба сабаи ошноӣ бо ҳуруфу дониши китоб, забони урдуву форсиро метавонист бихонад. Ӯ бисёр баодоб, сабур, бахшоянда, некӯкор, шафиқ, ҳалиммизоҷ ва орому сулҳҷӯ буд. Тибқи баёни Фавқ бо вуҷуди он ки пешаи тиҷорат дошт, ба сабаби истифода аз маҳозири уламову суфиён аз нукоту румузи шариату тариқат огоҳ буд. Бисёр вақтҳо шабона бедор мемонд ва намози нимашабро мехонд. Каломуллои маҷидро ба касрат тиловат мекард ва инро сирри муваффақият дар ду дунё медонист. Ӯ ҳамеша барои ин кор ба фарзандони хеш таъкид менамуд. Вай илова бар одати тафаккур аз нуктаҳои тасаввуф ҳам огоҳ буд, бинобар ин баъзе аз уламои ҳамасраш ба ӯ лақаби «файласуфи уммӣ» (бесавод) дода буданд. Ва баъзе аз мардум барои ташреҳи матолиби кутуби фалсафа ба ӯ ручӯъ мекарданд.

Шайх Нур Муҳаммад ба падар дар корҳояш кӯмак мекард. Баъдан ба ин корубор касби дигаре – кулоҳдӯзӣ илова гардид. Зимнан, ӯ аввалин касе буд, ки дар Сиёлкут мошини хайётӣ оварда буд. Дар мағоза коргарону шогирдони муздур низ дошт. Ин кулоҳҳо аз он замон бисёр шӯҳрат ёфтанд ва мардум Шайх Нур Муҳаммадро Шайх Натаҳу Кулоҳчӣ меномиданд. Дар даврони зиндагии тӯлонии хеш ба заҳмат тавонист пуле ба даст орад. Ва замоне ки кам-кам даврони ҷавонию

* Каҳтикон ба маънои «чармсозон» низ мебошад.

шубобро паси сар мегузошт, гироиши ӯ ба тасаввуф бештар шуд. Дар ин вақт домодаш мағозаро идора мекард ва вақте ки домодаш аз ӯ ҷудо шуд, мағоза баста шуд. Ӯро дар манзилу хориҷ аз он «Миёнҷӣ» меномиданд.

Издивоҷи Шайх Нур Муҳаммад дар мавзеи Самбарёл, дар ноҳияи Сиёлкут бо як хонаводаи кашмирӣ сурат гирифт. Ҳамсари ӯ, яъне модари Иқбол, Имомбӣ ном дошт. Муддате чанд баъд аз издивоҷ, хонаводаи ҳамсараш ҳам дар Сиёлкут иқомат гузид. Имомбиро ҳама Бичӣ мегуфтанд. Ӯ бесавод буд, фақат дуоҳои намозро аз бар карда, мураттаб мехонд. Вале бо вуҷуди бесаводӣ зани фаҳмидае буд. Дар хонаводаҳои наздикон ғолибан миёнаравӣ мекард ва ихтилофоту низоъҳои хонаводагиро бо сулҳу сафо бартараф менамуд. Дар миёни занҳои маҳалла мақбул буд ва назму тартибро дар хона бисёр дӯст медошт. Бештар занон зевар ё пули худро пеши ӯ ба таври амонат месупурданд, ки ғолибан ӯ онҳоро дар кисаҳои қирмизранге ҷудо-ҷудо печонда, дар ҷойи амне нигаҳдорӣ мекард. Ба занони бисёре пинҳонӣ кӯмак мекард. Писари калонии ӯ Шайх Ато Муҳаммад ин кӯмаки модарро «гаптдон» мегуфт ва вақте ки барои дидори модар аз мураххасӣ меомад, барои «гаптдон» ба ӯ пул медод. Тарзи дигари кӯмак кардани ӯ ин буд, ки духтарони даҳ ё дувоздаҳсолаи маҳалларо, ки фақир буданд, ба манзили худаш меовард ва кафолати онҳоро ба ӯҳда мегирифт. Духтарон дар корҳои хона ба онҳо кӯмак мекарданд ва аз арӯсҳои Бичӣ Қуръони Карим, намоз, таолими мазҳабӣ, хондану навиштани урду, ошпазӣ ва дӯхтану ресидани нахро ёд мегирифтанд. Сипас, писарҳои хуберо ба назар гирифта, онҳоро ба хонаи бахт мефиристод. Дар тамоми муддате, ки духтарон дар манзили ӯ буданд, монанди фарзандони хеш аз онҳо мувозибат мекард ва дар барномаи издивоҷ ҳам монанди духтарони худ бо онҳо хайрухуш мекард. Баъд аз издивоҷ ғолибан ин духтарон ба хонаи ӯ монанди хонаи модарони худ мерафтанд.

Тибқи баёни Шайх Эъҷоз Аҳмад як воқеаи ҷолиб дар бораи гузашти ӯ ин аст: бародари хурдии Миёнҷӣ – Шайх Ғулом Муҳаммад фақат соҳиби духтар буд. Ҳамсари вай орзу дошт, ки фарзанди писаре дошта бошанд. Ҳарду бародар дар як ҷо зиндагӣ мекарданд. Дар як замон ҳамсарони ҳарду бародар ҳомила буданд. Бичӣ соҳиби писар гардид ва зани бародари шавҳар духтар зоид. Ӯ афсурдагии зани бародари шавҳарро дарёфт ва ба ӯ гуфт: «Шумо писарро бигиред ва духтарро ба ман бидиҳед». Бад-ин тартиб бачаҳоро мубодила карданд. Бичӣ ба кафолати духтар пардохт ва зани бародари шавҳар кафолати писарро ба ӯҳда гирифт. Баъд аз чанд моҳ, вақте ки ҳарду машғули кори хонадорӣ буданд, Бичӣ ҳоли писарро пурсид. Зани бародари шавҳар ҷавоб дод: «Ҳоло шир хӯрда ва хобидааст». Замоне гузашт, писар аз хоб бедор нашуд ва маълум гардид, мурдааст ва шир бар лабони ӯ хушкида. Баъд аз он Бичӣ духтарро ба зани бародари шавҳараш дод. Шайх Эъҷоз Аҳмад баён мекунад, ки сабти маволиди писари фавтшуда дар идораи сабти аҳволи шаҳрдорӣ (ҳукумати шаҳр) мавҷуд нест. Он чи дар дафтари сабти аҳвол дар созмони шаҳрдорӣ ба номи таърихи таваллуди Иқбол ё писари фавткарда (1873) дониста шуд, иштибоҳ аст. Дар ҳақиқат, ёддошти сабти мазкур марбут ба таваллуди писари Натаҳу Кашмирии дигар, дар маҳаллаи Кашмириён аст.[1] Имомбӣ дар соли 1914 вафот кард ва дар гӯристони Имом Соҳиб мадфун гардид.

Падари Иқбол – Шайх Нур Муҳаммад дар ҷавори ҳамсараш мадфун аст. Шайх Нур Муҳаммад ҳафт фарзанд дошт. Писари калониаш – Ато Муҳаммад дар соли 1859, вақте ки Миёнҷӣ 23-сола буд, таваллуд ёфт. Баъд аз он ду духтараш – Фотимабӣ ва Толеъбӣ ба дунё омаданд. Дар ҳамин замон як писар ҳам таваллуд шуд, вале баъд аз чанд моҳ фавт кард. Дар замони таваллуди Иқбол Миёнҷӣ чилсола буд. Баъд аз он ду духтар бо номҳои Каримбӣ ва Зиннатбӣ мутаваллид гардиданд. Кам-кам фарзандон зиёд шуданд ва Миёнҷӣ аз рӯйи зарурат хонаи маврусиро васеътар кард.

Бародари Иқбол – Шайх Ато Муҳаммад аз Иқбол 18 сол калонтар буд ва таълимоти ибтидоиро дар Сиёлкут омӯхта буд. Ӯ ду бор издивоҷ кард. Аввалин

ҳамсараш аз хонаводаи Ротҳури Кашмирӣ буд, ки баъдан талоқ гардид. Ҳамсари дуввуми ӯ – Маҳтоббӣ, мулаққаб ба Бҳабҳаҷӣ буд. Хонаводаи аввалин ҳамсари Ато Муҳаммад артишӣ буданд. Азбаски Ато Муҳаммад қадбаланду қавӣ буд, ба василаи онҳо дар артиш истихдом шуд. Пас аз чанде ба Руркӣ (номи шаҳр), дар Томпсон (Thompson) ба мадрасаи муҳандисӣ барои таълим фиристода шуд ва баъд аз муваффақият дар имтиҳон дар риштаи техникии хидматӣ ба кор даромад. Дар тамоми умр корманди давлат буд. Вай барои рушди илмии Иқбол ва ҳамчунин омӯзиши таҳсилоти олӣ ӯро ба Аврупо фиристод ва бисёр кӯмак кард. Иқбол ӯро фавқулодда дӯст медошт ва ситоиш мекард. Барояш эҳтироми фаровон дошт ва аз назари адаб дар назди ӯ ҳаргиз ҳеҷ ҳарфи бемантиқе намезад. Вай баъд аз ба нафақа баромадан муддати тӯлонӣ зиндагӣ кард ва дар синни 81 ё 82-солагӣ дар Сиёлкут даргузашт ва дар ҷавори волидайни худ дар гӯристони Имом Соҳиб ба хок супурда шуд.

Тавре ки аз таърих маълум аст, замони зиндагии волидайни Иқбол замони нобасомониҳо, зулму ситами ҳокимони маҳаллӣ, аз як тараф ва мустамликадорони англис, аз тарафи дигар буд. Дар ин мавқеият тақрибан ҳамаи хонаводаҳои мусалмонон дилшикаставу маъюс буданд. Мавҷи муҳоҷирати сокинони ин сарзамин ба ҷойҳои нисбатан амну ороми дигар ба мушоҳида мерасид. Вале барои падарбузурги Иқбол – Шайх Муҳаммад Рафиқ, ки аз Кашмир ҳиҷрат карда, ба Сиёлкут омада, дар талоши рӯзӣ саргардон буд, имкон надошт, ки дубора рахти сафар бибандад ва ба макони дигаре муҳоҷират намояд. Падари Иқбол – Шайх Нур Муҳаммад мусалламан он давра зулму ситами англисҳоро ба мусалмонон ва нафрати мусалмононро ба онҳо дида буд. Тибқи баёни Фавқ, артиш дар рӯзи 9 январи 1857 шӯриш кард. Лекин пас аз он ки Деҳлиро ба тасарруфи худ даровардand, англисҳо дар Сиёлкут ду ҳокимро ба дор овехтанд. 139 нафар аз сипоҳиёнро, ки бештарашон мусалмонон буданд, ба тӯп баста, ба қатл расонданд. Сокинони Сиёлкутро ба ҳайсияти иҷтимоӣ ҷарима намуданд.[2] Шайх Нур Муҳамммад марди ҳалимтабъ, сулҳҷӯ ва толиби амният буд. Вай бештар авқоти хешро ба кор машғул мекард ё бо дидори суфиёну уламо ва ё бо зикри Худо мегузаронид. Ӯ монанди бисёре аз уламои ҳамасри худ эҳсос мекард, ки замони иқтидори нимҷазираи Ҳинд аз дасти мусалмонон хориҷ шудааст ва пирӯзӣ дар ҷиҳод алайҳи англисҳо имкон надорад. Зеро бо сарвату олот ва равишҳои ҷангҳои ҷадид, ки англисҳо доштанд, имкони муқобила бо онҳо бо васоили маҳдуди қадимӣ набуд. Ӯ ҳамчунин мӯътақид буд, ки муҳоҷирати тамоми мусалмонон аз ин минтақа ғайри мумкин аст ва агар имкон дошта бошад ҳам, саҳл нест. Гузашта гузашта буд ва оянда ҳанӯз рӯъё буд. Бинобар ин зиндагии иҷтимоии мусалмонон дар он замони пуркашмакаш пурдарду изтироб буд. Бекор шудани забони форсиву арабӣ ва омӯзиши улуми исломӣ аз барномаҳои омӯзиш ва баҳсу таблиғи мазҳабӣ дар бораи масеҳият ва тавҳинҳои нораво бар паёмбари ислом масоиле буданд, ки мусалмононро ба ин фикр андохт, ки англисҳо тасмим доранд, онҳоро аз ин ҳита бароранд. Ба тавре ки мусалмонон барои бақои фардӣ ва иҷтимоии худ лозим донистанд, қабл аз он ки фарзандони хешро ба мадориси англисӣ бигузоранд, ононро дар мадориси улуми динии исломӣ таълим диҳанд, то он ки имони мазҳабии исломӣ онҳоро аз ибтидои кӯдакӣ қавӣ гардад ва омӯзишҳои мадориси англисӣ халале ба ақоиди мазҳабии онон ворид насозад. Ба сабаби он ки мадориси исломӣ баста шуда буд, уламо ва муаллимини мусалмон дар масоҷиди шаҳрҳо ё дар хонаҳои хусусӣ дарс медоданд. Сиёлкут дар он рӯзгор 4 маркази таълиму тадрис дошт. Дар маҳозири Мавлавӣ Ғулом Муртазо, Мавлоно Абуабдулло Ғулом Ҳасан, Мавлавӣ Музмал тадриси забони арабӣ ва таълими мазҳабӣ доир буд. Ҳамчунин дар мадраса-ул-улуми Мавлоно Сайид Мирҳасан дарси адабиёти арабӣ ва форсӣ дода мешуд.[3] Шайх Нур Муҳаммад пеш аз фиристодани фарзандон ба мадрасаи англисӣ нафақат қаблан онҳоро барои таълими исломӣ ба маҳозири устодони улум ва омӯзиши мазҳабӣ фиристод, балки худ низ ба онҳо

таълими исломӣ омӯхт. Дар чоряки охири нимаи қарни XIX бузургони ислом ба насли баъд ин эҳсони бузургро карданд, ки нагузоштанд фурӯғу ҷазбаи ислом дар дилҳои мардум хомӯш гардад. Ва мо натиҷаашро дар қалби наслҳои оянда дидем, ки чӣ гуна исломро нигоҳ доштанд ва билохира ин хидмат мунҷар ба ташкили кишваре исломӣ дар нимҷазираи Ҳинд гардид. Ва мебинем, ки Шайх Ғулом Муҳаммад – бародари хурдии Шайх Нур Муҳаммад ва Шайх Ато Муҳаммад – писари калонии Шайх Нур Муҳаммад ба хидмати давлат даромаданд. Дар натиҷаи саъю кӯшиши Сэр Сайид, рафтори англисҳо дар он замон бо мусалмонон тағйир ёфт.

ФАСЛИ СЕВВУМ

Масъалаи таърихи таваллуд

Дар тайи солҳо дар бораи таърихи таваллуди Иқбол суханони баҳсангезе шудааст ва зимни ин баҳсҳо гуфтаҳои таззод низ баён гардидааст. Китобҳову мақолоте, ки дар даврони ҳаёти Иқбол ба риштаи таҳрир даромадааст, таърихи вилодати Иқболро 1870, 1872, 1875, 1876 ва 1877 милодӣ зикр кардаанд. Теъдоди каме аз нигорандагон аз наздикони Иқбол буда, боқимондагон бо ӯ чандон ошноие надоштанд. Ҳақиқат ин аст, ки Иқбол чандон алоқае ба зиндагии хусусии худ надошт. Ба ҳамин сабаб, вақте ки дар соли 1922 Фавқ шарҳи ҳоли зиндагиашро аз ӯ пурсид, дар ҷавоб гуфт: «Дигар дар бораи аҳволи зиндагиам агар бипурсед, дар он чизи ҷолибе нест.»..

Дар соли 1907, дар замони иқомат дар Аврупо, вақте ки Иқбол рисолаи доктории хешро ба англисӣ таҳти унвони «Сайри фалсафаи мобаъд-уд-табииёт дар Эрон» навишт ва ба донишгоҳи Мюнхен ироа дошт, тибқи дастури донишгоҳ шарҳи ҳоли кӯтоҳе аз худ низ ба он замима намуд, ки дар он оварда шудааст: «Ман дар севвуми зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ (1876 милодӣ) дар Сиёлкути Панҷоб (Ҳиндустон) таваллуд ёфтам...».

Аз ин навишта пайдост, ки солу моҳи таваллуди худро ба ҳичрӣ нигошта, соли милодиро дар қавс овардааст ва ба зикри солу моҳи милодӣ аҳаммияте надодааст. Баъдан, дар соли 1931, вақте ки барои ширкат дар Мизи гирди Лондон аз вай даъват ба амал омад, дар гузарномаи ӯ соли таваллуд 1876 омадааст.[1] Паспорте, ки барои таҳсилоти олӣ ва рафтан ба Аврупо дар соли 1905 дарёфт кард, мавҷуд нест. Шояд дар он ҳам соли вилодат 1876 милодӣ бошад.

Дар «Хумхонаи Ҷовид», ҷилди аввал, таснифи Лал Шри Рам, ки соли 1908 мунташир шудааст, таърихи таваллуди Иқбол 1870 милодӣ навишта шудааст. Замоне ки ин китоб нигошта ё мунташир шуд, Иқбол дар Инглистон буд ва мумкин аст, Лал Шри Рам дар бораи ҳолоти зиндагии Иқбол аз наздиконаш иттилоъ гирифта бошад. Зеро ӯ дар пешгуфтори ин китоб аз Шайх Абдулқодир, Пандит Кайфӣ ва Навоб Сэр Зулфиқор Алихон ёд кардааст. Имкон дорад ин ошноёни Иқбол ба тасаввури худашон соли таваллуди Иқболро 1870 зикр карда бошанд. Дар «Интихоби заррин» (таълифи Сэр Сайид Раъс Масъуд, 1921), «Қомус-ул-машоҳир», ҷилди аввал (таълифи Низомии Бадоюнӣ, 1924) ва дар «Қанди урду» (таълифи Ҷалолуддин Аҳмад Ҷаъфарӣ, 1924) низ таърихи вилодати Иқбол 1870 дарҷ гардидааст. Ба ғайр аз Сэр Сайид Раъс Масъуд, дигар нависандагон аз наздикони Иқбол набуданд. Бинобар ин имкон дорад, ки ҳамаи онҳо соли таваллуди Иқболро аз «Хумхонаи Ҷовид» гирифта бошанд.

Доктор Халифа Абдулҳаким ва Абдулқодир Сарварӣ дар навиштаҳои худ дар бораи Иқбол, ки дар «Осори Иқбол» (таълифи Ғулом Дастгири Рашид, Ҳайдаробод) ба чоп расид, таърихи таваллуди Иқболро 1872 дарҷ кардаанд.

Аз дӯстони Иқбол беш аз ҳама Фавқ дар бораи масоили зиндагии Иқбол матолибе нигоштааст, ки унвони «Ҳолоти Иқбол» дар «Кашмир Мэгэзин»-и Лоҳур дар соли 1909 ба чоп расид.[2] Дар он вилодати Иқбол 1875 аст. Навоб Сэр Зулфиқор Алихон дар ёддоштҳои худ бо номи «Садое аз Машриқ» (ба забони англисӣ, 1922) таваллуди Иқболро 1876, Мавлавӣ Аҳмаддин дар китоби худ дар бораи Иқбол (чопи аввал 1924, чопи дуввум 1926) соли таваллуди ӯро 1875 нишон додаанд. Вале Фавқ

дар соли 1932 дар мақаллаи «Найранги хаёл» аввалин бор соли таваллуди ӯро 1876 таҳрир намуд ва дар «Таърихи ақвоми Кашмир», ҷилди дуввум, ба ҷойи 1875 1876-ро қарор дод. Тибқи назари Шайх Эъҷоз Аҳмад, мумкин аст, Фавқ соли таваллуди Иқболро бо пешниҳоди худи ӯ тасҳеҳ карда бошад.[3]

Дар пешгуфтори «Куллиёти Иқбол» (таълифи Муҳаммад Абдураззоқ, 1922) соли таваллуди Иқбол 1875 нишон дода шудааст. Дар китоби Бабу Рам Саксена (Babu Ram Saksena. History of Urdu Literature, 1929) ва чанд нависандагони дигар низ (Чавдҳарӣ Ғулом Сарвар Фигор, Муҳаммад Ҳусайн, Ҳофиз Маҳмуди Шерозӣ) соли таваллуди Иқбол 1875 омадааст.

Шарқшиноси олмонӣ Ҳелмут Вун Гласенап (Hellmut Von Glasenapp) дар китоби худ «Адабиёти Ҳинд» (1939) таваллуди Иқболро 1876 менигорад. Ҳамин тариқ, дар навиштаҳои Мулик Рач Ананд, Шайх Акбар Алӣ ва боз шаш муаллифи дигар санаи таваллуди Иқбол 1876 омадааст.

Имкон дорад, маъхази тамоми ин кутуб китоби англисии Сэр Навоб Зулфиқор Алихон ё «Найранги хаёл», мақолоти Фавқ ва Мулик Рач Ананд бошад. Дар ду китоби англисӣ – «Индиан энсиклопедия» («Indian Encyclopaedia», P.D.Chandra, 1928) ва «Дар Ҳиндустон кӣ кист?» («Who's Who in India?», Thomas Peter, 1936) таърихи таваллуди Иқбол 1877 омадааст. Шарқшиноси олмонӣ Готфелд Симон низ ба муаллифони мазкур такя намуда, соли таваллуди Иқболро 1877 нишон додааст.

Аз навиштаҳои боло бармеояд, ки соле, ки Иқбол худаш тасдиқ кардааст, 1876 буда, дигар солҳои зикршуда дар асоси тахминҳои нависандагон ва ба сабаби адами таваҷҷӯҳи худи Иқбол ба ин масъала ба миён омадаанд.

Рӯзи дуввуми баъд аз вафоти Иқбол, яъне 22 апрели соли 1938, рӯзномаи англисии «Сивил энд Милитари Газзет» (Civil and Military Gazzete) дар мақолае таваллуди Иқболро 1877 навишт. Баъд аз чанд рӯз дар рӯзномаи «Инқилоб» дар бораи аҳволи зиндагии Иқбол як мақола ба табъ расид, ки мабно бар иттилооти Шайх Ато Муҳаммад буд. Дар ин мақола моҳи таваллуди Иқбол декабр ва соли таваллудаш 1876 зикр шуда буд. Лекин баъд аз он рӯзномаи «Инқилоб» аз 7 майи 1938 ба унвони бузургдошти солгарди таваллуди Аллома Иқбол чунин навишт:

«(Дар) вақоеи даврони ҳаёти Иқбол, ки дар чопи гузашта мунташир шуд, тибқи қиёси Шайх Ато Муҳаммад – бародари Алломаи шодравон, (таваллуди Иқбол – А.Б.) декабри 1876 гуфта шуда буд. Аммо акнун, баъд аз таҳқиқ собит шуд, ки Алломаи шодравон 22 феврали 1873 таваллуд ёфт. Таърихи исломӣ 23 ё 24 зилҳиҷҷаи 1289 ҳичрӣ буд. Аз ин таърих маълум мешавад, ки умри Алломаи Иқбол аз рӯйи тақвими шамсӣ 65 солу 2 моҳ ва аз рӯйи тақвими ҳичрии қамарӣ 67 солу 2 моҳ буд».

Аз ин навишта возеҳ нест, ки маъхази таҳқиқи рӯзномаи «Инқилоб» чӣ будааст? Вале маълум мешавад, ки идораи рӯзномаи «Инқилоб» бар як ёддошти дар Сиёлкут дарҷшуда, ба шиносномаи таваллуду мавти идораи шаҳрдорӣ истинод карда, таърихи вилодати Иқболро 22 феврали 1873 милодӣ баён кардааст. Баъдҳо Абдулмаҷиди Солик дар таснифи худ «Зикри Иқбол» (1955) бар ҳамин ёддошт истинод карда, дар ҳошия навишт:[4]

«Ба таъйиди муовини фармондори (ҳокими) Сиёлкут ва ба тасдиқи шиносномаи таваллуд ва марг».

Равшан аст, ки муовини фармондори Сиёлкут дар соли 1954 ё 1955 таърихи 22 феврали 1873 милодиро наметавонист ба таври яқин барои таваллуди Иқбол тасдиқ намояд. Ӯ фақат ба шиносномаи таваллуд ва мавт истинод кард, ки дар 22 феврали 1873 дар маҳаллаи Кашмириён шахсе ба номи Натаҳу Кашмирӣ соҳиби писаре гардид. Агар масъули идораи рӯзномаи «Инқилоб» аз бародари калонии Иқбол, яъне Шайх Ато Муҳаммад мепурсид, ки чаро дар гуфтаи ӯ ва ин ёддошт ихтилоф аст ва ё ба яке аз хоҳарони Иқбол мурочиат менамуд, ин масъала ҳал мешуд. Дар шиносномаи Мари Коллеҷи Сиёлкут, он ҷо ки сабти номи Иқбол дарҷ шудааст, баъд аз фавти ӯ мудир ва муовини донишкада низ ҳамин таърихи таваллудро саҳеҳ

дониста, изофа кардаанд, ки рӯзномаи «Инқилоб» таърихи таваллуди Иқболро аз ёддоштҳои оилавӣ ба даст овардааст. Дар ҳоле ки мадорики оилавӣ ҳеҷ ёддоште, ки таърихи таваллуди Иқболро 22 феврали 1873 зикр намояд, вуҷуд надорад. Дар натиҷаи ин нигориш ба истиноди вақоеънигорон ва таърихнависон дар бораи Иқбол дар болои дари иқоматгоҳҳои Иқбол, ки идораи бостоншиносӣ ба ҳифзи онҳо масъулият дорад, таърихи таваллуди Иқбол 1873 милодӣ дарҷ шудааст. Ҳамчунин дар бистумин солгарди вафоти Иқбол дар 1957 дар маркаҳои ёдбуд, ки идораи почтаи давлатии Покистон чоп кард, таваллуди ӯро 1873 навиштанд. Дар 15 китоби дигар* низ бо истинод ба рӯзномаи «Инқилоб» таърихи таваллуди ӯ 22 феврали 1873 омадааст. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки соли 1950 мазори Иқбол такмил гардид. Лавҳи мазор ва таъвизи онро ҳукумати Афғонистон аз Кобул фиристод. Бар лавҳи мазор соли таваллуди Иқбол 1292 ҳичрӣ ҳак шуда буд, ки бо ҳеҷ ҳақиқату қиёсе мувофиқат намекард. Маълум мегардад, ки ҳукумати Афғонистон ба тасаввури худ ин соли ҳичриро ҳак намуда ва бар саҳеҳ будани он ҳеҷ гувоҳе вуҷуд надорад. Баъзе аз Иқболшиносон таърихи таваллуди Иқболро, ки «Инқилоб» дарҷ карда буд, напазируфтанд ва ба ҷойи он соли 1876 ё 1877-ро нигоштанд. Шарқшиносони англис – Вилфред Кантвел Смит (Wilfred Cantwel Smith), рус – Кубикова (Kubikova) ва чех – Ян Марек (Jan Marek) аз ҳамин қабиланд.

Дар соли 1963 шарқшиноси олмонӣ Анимрей Шамел дар бораи фикри Иқбол дар таснифи худ ба номи «Боли Ҷабраил» (англисӣ) бо истинод ба навиштаи Ян Марек навишт: «Дар бораи таърихи саҳеҳи таваллуди Иқбол ихтилофи бисёр аст. Вале бештар феврали 1873 мӯътабар аст». Дар ҳоле, ки Иқбол дар ёддошти мақолаи таҳқиқии худ таърихи таваллудашро севвуми зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ мутобиқ ба 1876 милодӣ нигоштааст.

Соли 1294 ҳичрӣ чун дар январи 1877 милодӣ шурӯъ шуд, бад-ин сабаб 9 ноябри 1877 милодӣ тақрибан бо навиштаи соли ҳичрии Иқбол мутобиқат дорад. Дар ҳамин сол дар «Рӯзгори Фақир», таълифи Фақир Сайид Ваҳидиддин (чопи дуввум) дар партави шавоҳиде, ки Шайх Эъҷоз Аҳмад баён кардааст, пас аз баҳси тӯлонӣ собит шудааст, ки асли вилодати Иқбол 9 ноябри 1877 милодӣ аст.[5]

Дар соли 1967, дар рӯзи ёдбуди Иқбол, идораи почтаи давлати Покистон маркаҳое чоп намуд, ки рӯйи онҳо замони таваллуди Иқбол 1877 милодӣ аст. Вале азбаски дар соли 1958 дар рӯйи маркаҳои ёдгорӣ соли 1873 омада буд, бинобар ин дар як рӯзнома дар бораи ин тазод як мақолаи интиқодӣ навишта шуд ва давлати Покистон рӯзи 27 апрели 1967 як посухи тавзеҳӣ дод: «Таърихи таваллуди 1877 милодӣ тавассути «Академияи Иқбол» ва «Иқбол Карочӣ Саркул» таъйид шудааст ва карнел Ваҳидиддин дар китоби худ «Иқбол бо акс» ҳамин солро дарҷ намуда, профессор Ян Марек аз донишгоҳи Чехословакия низ ҳамин замонро таъйид кардааст».[6]

Баъд аз он соли 1968 дар «Доират-ул-маорифи Британиё», ҷилди 12, вилодати Иқбол 9 ноябри 1877 таҳрир гардид. Моҳи марти 1969 дар рӯзномаи «Ҷанг» Ҳафиз Ҳушёрпурӣ дар ин бора як мақола навишта, дар асоси далоил бори дигар собит кард, ки асли таърихи таваллуди Иқбол 9 ноябри 1877 милодӣ аст.

Ҳамин тариқ, дар бораи замони вилодати Иқбол се таърих зикр шудааст, ки аз таърихи фавти Иқбол то ба ҳол мавриди баҳс будааст: 22 февали 1873, 29 декабри 1873 ва 9 ноябри 1877. Кадом як аз инҳо саҳеҳ аст? Барои расидан ба ҳақиқат лозим аст, ки ҳар се замон ва он чи дар таъйиду тардиди онҳо гуфта шуда, мавриди баҳс қарор гирад.

* Номгӯйи ҳамаи китобҳо дар китоби асл оварда шудааст (А.Б.).

22 феврали 1873.

Ин таърихро камиссияи идораи «Инқилоб» мушаххас намуд ва бинои он бар ёддошти идораи сабти аҳволи шаҳрдории Сиёлкут аст, ки чунин омадааст: «22 феврали 1873 милодӣ дар хонаи Натаҳу Кашмирӣ – сокини маҳаллаи Кашмириён писаре мутаваллид шуд, ки иттилоъдиҳанда ба шаҳрдорӣ шахсе ба номи Натаҳу буд».[7] Бузургону афроди мусинни хонаводаи Иқбол бар ин амр тавофуқ доранд, ки қабл аз таваллуди Иқбол, писаре дар хонаи Шайх Нур Муҳаммад ба дунё омад, ки дар замони ширхорагӣ даргузашт. Бинобар ин, ба назари Шайх Эъҷоз Аҳмад, ин ёддошт ба вилодати Иқбол ҳеҷ рабте надорад. Дар зимн Фақир Сайид Ваҳидиддин мегӯяд, ки тибқи таҳқиқи ӯ ин ёддошт марбут ба таваллуди писари дигари Шайх Нур Муҳаммад будааст, ки се ё чор сол қабл аз Иқбол таваллуд ёфта, дар ширхорагӣ фавт кардааст.[8] Ҳамин тавр, Холид Назир Суфӣ бо истинод ба гуфтаи падари худ менависад: «Дар ҳақиқат, ин ёддошт ба писаре тааллуқ дорад, ки баъд аз таваллудаш, модари Иқбол ӯро ба кафолати зани бародари шаваҳари худ супурд, вале он кӯдак дар даврони ширхорагӣ вафот намуд.[9]

Бинобар ин, тибқи назари ин гурӯҳ, ин санаи таваллуд марбут ба Иқбол нест ва ба ғалат таҳрир ёфтааст. Ёддошти идораи сабти аҳвол, ки «Инқилоб» ба он истинод кардааст, мутааллиқ ба Иқбол намебошад, балки қабл аз таваллуди Иқбол, ба он писари Шайх Нур Муҳаммад тааллуқ дорад, ки дар синни ширхорагӣ вафот кардааст. Дар бораи вафоти ин писари Шайх Нур Муҳаммад як таъйиди катбии хоҳари Иқбол дар дасти Шайх Эъҷоз Аҳмад мавҷуд аст.[10]

Албатта, лозим ба тавзеҳ аст, ки маҳалли сукунати Шайх Нур Муҳаммад маҳаллаи Чӯригарон буд. Дар мадорики мустанади он замон маскани онҳо дар ин маҳалла дарҷ шудааст ва нишонии почтаи онҳо ҳам ҳамин буд.[11] Маҳаллаи Чӯригарон ва маҳаллаи Кашмириён дар ҳамсоягии якдигар қарор доранд, вале ҷудо ҳастанд. Дар китоби «Иқбол даруни хона» дар бораи авлоди Шайх Нур Муҳаммад ёддоштҳое аз идораи сабти аҳвол дар бойгонии шаҳрдории Сиёлкут ҳифз шудааст. Дар миёни онҳо фақат як ёддоште ҳаст, ки дар дурустии он шакке нест. Ин гузориши марбут ба таваллуди Толеъбӣ – хоҳари Иқбол аст: «Дар хонаи Натаҳу Кашмирӣ, сокини маҳаллаи Чӯригарон 6 сентябри 1870 духтаре мутаваллид гардид, ки иттилоъдиҳандаи он Рафиқ дарҷ гардидааст (падари Шайх Нур Муҳаммад).[12] Аз фарзандони Шайх Нур Муҳаммад ёддошти таваллуди Шайх Ато Муҳаммад ва Фотимабӣ бад-ин сабаб вуҷуд надорад, ки дар он замон сабти маволид дар идораи сабти аҳвол маъмул ва мутадовил набудааст. Соли 1870 милодӣ аз ёддошти таваллуди Толеъбӣ маълум мешавад, ки то замони ҳаёти Шайх Муҳаммад Рафиқ сабти таърихи таваллуд ва марг мутадовил будааст. Вале дар бораи Шайх Нур Муҳаммад наметавон гуфт, ки ин масъала мавриди таваҷҷӯҳ будааст. Дар санади зикршуда, дар қисмати сукунати волид ба ҷойи маҳаллаи Чӯригарон маҳаллаи Кашмириён дарҷ гардидааст. Бо вуҷуди ҳамсоя будани ин маҳаллаҳо, ба ҷойи яке дигареро сабт кардан аз имкон берун аст. Ба ақидаи нависанда (Ҷовид), ки Шайх Эъҷоз Аҳмад ҳам ӯро дастгирӣ мекунад, дар бораи авлоди Шайх Нур Муҳаммад ҳар навъ навиштаеро, ки маҳалли сукунати онҳоро минтақаи Чӯригарон зикр накардаанд, набояд пазируфт. Бинобар ин, матлаби зикршуда ба таваллуди он писар ҳам тааллуқ надорад, ки дар синни ширхорагӣ даргузаштааст. Мумкин аст ин ёддошт дар бораи таваллуди он тифле бошад, ки писари Натаҳу Кашмирӣ аз маҳаллаи Кашмириён бошад.

29 декабри 1873.

Ин таърихи таваллудро Холид Назир Суфӣ мабно бар ёддошти сабти аҳволи идораи шаҳрдории Сиёлкут мунташир намуд, ки мувофиқи он 29 декабри соли 1873 милодӣ писаре дар маҳаллаи Чӯригарон дар манзили Натаҳу-хайёти мусалмон мутаваллид шуд, ки иттилоъдиҳандаи ӯ ба шаҳрдорӣ Алӣ Муҳаммад валади Ғулом

Муҳиддин буд. Мусаннифи «Иқбол даруни хона» менависад: «Ин ёддошти таваллуди Иқбол аст ва баъд аз даҳ моҳу як ҳафтаи пас аз вафоти писари ширхора Иқбол таваллуд ёфт». Ӯ баён мекунад, ки дар ин навишта исми падари писар барои он Натаҳу хайёт дарҷ гардидааст, ки Шайх Нур Муҳаммад муқаллаб ба «Натаҳу» ҳирфаи дӯзандагӣ доштааст. Ӯ менависад, ки иттилоъдиҳандаи таваллуди ин кӯдак Алӣ Муҳаммад валади Ғулом Муҳиддин – аммазодаи Шайх Нур Муҳаммад буд.[13]

Тибқи навиштаҳои Фавқ ва Шайх Эъҷоз Аҳмад, падари Шайх Нур Муҳаммад фақат бо ҳамроҳии се бародараш аз Кашмир ҳичрат карда, ба Сиёлкут омад ва касе нашунидааст, ки аммаи падари Иқбол, яъне хоҳари Шайх Муҳаммад Рафиқ ҳам бо бародари худ ба Сиёлкут омада бошад. Дар шаҷараномаи хонадони Иқбол, ки тавассути Фавқ таҳия шуда, дар «Таърихи ақвоми Кашмир» (ҷилди дуввум, 1943) дарҷ гардидааст, на зикре аз аммаи Шайх Нур Муҳаммад ва на номе аз амаки калону хурдӣ бо номи Ғулом Муҳаммад омадааст. Аз авлодашон ҳеҷ кас номи Алӣ Муҳаммад ҳам надоштааст.

Дуввумин эътирози Шайх Эъҷоз Аҳмад ба ин ёддошт чунин аст: Падари Иқбол Шайх Нур Муҳаммад ё Шайх Натаҳу хонда мешуд ва ё ба хотири нисбат ба Кашмир, Натаҳу Кашмирӣ ва ё бино бар пешаи худ, Натаҳу кулоҳчӣ номида мешуд, аммо ҳеҷ гоҳ бо номи Натаҳу хайёт шӯҳрат надошт. Тибқи баёни Шайх Эъҷоз, дар Сиёлкут шахсе ба номи Хайёт шӯҳрат дошт ва чанд нафар аз хонаводаи ӯ дар маҳаллаи Чӯригарон сукунат доштанд. Ғайр аз ин, аҳли хонаводаи Шайх Нур Муҳаммадро «кулоҳчиён» мехонданд, ҳол он ки дар мадраки зикршуда, дар қисмати «пеша ва мазҳаби қавму хонавода» «хайёт» навишта шудааст.

Аз изҳори назарҳое, ки то кунун анҷом гирифтааст ва аз тамоми ёддоштҳое, ки дар бораи таърихи вилодати фарзандони Шайх Нур Муҳаммад аз дафтари сабти аҳволи идораи шаҳрдории Сиёлкут дар китоби «Иқбол даруни хона» дарҷ гардидааст, маълум мешавад, ки ба ҷуз яке, бақия ҳама бо сабабҳои гуногун мавриди шакку шубҳа мебошанд. Он ёддошт, ки саҳеҳ ба назар мерасад, таърихи таваллуди Толеъбӣ мебошад, ки иттилоъдиҳандаи он Шайх Муҳаммад Рафиқ буд.

Акнун саволе ба миён меояд, ки таърихи таваллуди саҳеҳи Иқболро аз мадорики таҳсилӣ ё аз баёноти бузургону ашхоси хонаводаи вай метавон пайдо кард? Қадимтарин мадраки таҳсилӣ, ки соли 1891 милодӣ, баъд аз гузаронидани имтиҳони севвуми роҳнамоӣ ба Иқбол дода шуд, назди Шайх Эъҷоз Аҳмад маҳфуз аст. Дар ин мадрак синни Иқбол 15 сол нишон дода шудааст. Маълум нест, ки дархости номнависӣ барои имтиҳонро Иқбол худаш додааст, ё аз тарафи падар ё бародари ӯ навишта шудааст. Агар дар соли 1891 ӯ 15-сола бошад, таърихи таваллуди ӯ 1876 мешавад.[14] Тибқи дигар ҳуҷҷатҳои таҳсилӣ, ки солҳои гуногун ба Иқбол дода шудаанд, таърихи таваллуди ӯ ба солҳои 1875 ва 1877 рост меояд. Бо вуҷуди ихтилофи назар дар асноди таҳсилӣ, тибқи ҳеҷ яке аз онҳо соли таваллуди ӯро 1873 нишон додан мумкин нест.

Агар таваллуди Иқболро 1873 бипазирем, он гоҳ бояд тасаввур кунем, ки ӯ дар синни панҷсолагӣ ба мактаб рафта, панҷ сол дар он забонҳои урду, форсӣ ва арабиро омӯхта, сипас, дар даҳсолагӣ ба синфи аввали мадраса рафта, дар он ҷо аз нав ба омӯхтани алифбо шурӯъ кардааст. Аз ин рӯ, ҳангоми имтиҳони севвуми раҳнамоӣ ба ҷойи 15 сол дар ҳақиқат, 18 сол доштааст.

Ба гуфтаи мусаннифи «Иқбол даруни хона» ду хоҳари Иқбол – Каримбӣ ва Зиннатбӣ борҳо изҳор кардаанд, ки Толеъбӣ аз Иқбол се сол калонтар ва аз Каримбӣ се сол хурдтар аст.Ба назари мусанниф, Толеъбӣ 6 сентябри 1870 ва Каримбӣ 14 ноябри 1876 таваллуд шудаанд, аз ин рӯ, соли таваллуди Иқбол бояд 1873 бошад. Соли таваллуди Толеъбӣ, бешак, дуруст аст, аммо ёддошти таваллуди Каримбӣ саҳеҳ ба назар намерасад.

Доктор Ваҳид Қурайшӣ бо истинод ба гуфтаҳои Каримбибӣ – ҳамсинфи Иқбол гуфтааст, ки 29 декабри соли 1873 ҳамчун таърихи таваллуди Иқбол қобили қабул

аст. Вале пас аз чанде дар навиштаи худ дар ин мавзӯъ, изҳори назар карда, 9 ноябри 1877-ро саҳеҳ донистааст.[15]

9 ноябри 1877.

Ёддошти ин таърихи таваллуд дар асноди шаҳрдории Сиёлкут мавҷуд нест. Ин соли масеҳӣ ба таърихи таваллуди Иқбол, ки худаш дар синии 18-солагӣ навиштааст, мутобиқат дорад. Иқбол дар соли 1907 шарҳи ҳоли худро ба мақолаи таҳқиқӣ, ки ба забони англисӣ навишт, илова намуд.[16] Тарҷумаи он калима ба калима чунин аст:

«Ман дар севвуми зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ (1876 милодӣ) дар Сиёлкути Панҷоб (Ҳиндустон) таваллуд ёфтам. Ибтидои таолими ман аз таълимоти арабӣ ва форсӣ шурӯъ шуд. Баъд аз чанд сол ман ба як мадраса ба шаҳр рафтам. Сипас, мароҳили мухталифи омӯзишро паймудам. Дар соли 1891 милодӣ ман дар имтиҳони соли аввали дабиристон пазируфта шудам. Дар соли 1893 баъд аз муваффақиятам дар имтиҳони диплом, ба донишкадаи Искоч Мишани Сиёлкут рафтам. Баъд аз омӯзиши дусола дар донишгоҳи Панҷоб дар соли 1895 аз он ҷо диплом гирифтам. Дар солҳои 1897 ва 1899 аз донишкадаи давлатии Лоҳур лисонс ва фавқ-ул-лисонс гирифтам.* Ҳангоми омӯзиш дар донишгоҳ ҷавоизи боарзиши тиллоиву нуқрагӣ ва ҳамчунин бурсҳои таҳсилӣ дарёфт кардам. Баъд аз фавқ-ул-лисонс ман дар донишкадаи улуми шарқии Донишгоҳи Панҷоб ба таври Маклуд Арабик Ридер** (устоди забону адабиёти арабӣ) истихдом шудам. Дар он ҷо ман то се сол дар бораи мавзӯоти таърих ва сиёсати иқтисодӣ суханронӣ кардам. Сипас, дар Донишкадаи давлатии Лоҳур профессори дараҷаи дуввуми фалсафа (дотсент – А.Б.) шудам. Дар соли 1905 барои идомаи таҳсили худ дар Аврупо аз донишгоҳ се сол мураххасии бемузд гирифтам. Ҳоло барои ҳамин мақсуд дар ин ҷо иқомат дорам».

Муҳаққиқон ба таърихи таваллуди зикршуда нуқтаи назарҳои гуногун доранд. Масалан, чаро синни Иқболро дар он сол 18-сола гуфтаанд? Оё ин таърихи таваллуд дуруст аст? Чаро Иқбол дар қавс танҳо соли милодиро нишон додааст? Чаро таърихи вилодатро фақат дар тақвими масеҳӣ нанавишт?

Иқбол дар давраи истеҳкому қудрати давлати англисӣ дар Ҳиндустон мутаваллид шуд. Маълум аст, ки тақвими масеҳӣ дар Панҷоб пас аз забти он аз тарафи англисҳо ҷорӣ гардид. Мусалмонон аз ҳукмронони англисӣ ба таври куллӣ мутанаффир буданд. Танҳо бо саъю кӯшиши Сэр Сайид Аҳмадхон дар соли 1870 равобити байни мусалмонону англисҳо каме беҳтар гардид ва мусалмонон ба хотири ҳусули рӯзӣ маҷбуран ҳукумати англисро пазируфтанд, вале дар он вақт ҳам барои қабули ҳукумати англисӣ майлу рағбате надоштанд. Аз ин рӯ, мумкин набуд, ки тақвими масеҳиро бипазиранд ва дар тартиби барномаҳои худ аз тақвими ҳичрӣ истифода мекарданд.

Гуфтаанд, ки барои ба даст овардани шуғли давлатӣ дар он замон синни кӯдаконро кам менавиштаанд. Аз ин рӯ, мумкин аст, ки ба Иқбол роҷеъ ба соли таваллудаш ҳақиқатро нагуфта бошанд. Доктор Ваҳид Қурайшӣ менависад: «Имкон дорад, огоҳии Иқбол дар бораи таърихи таваллудаш кам ва манбаи иттилооташ ҳам ноқис бошад. Зеро худи шахс чизеро дар ёд надорад ва ин огоҳиро инсон ҳамеша аз дигарон мегирад. Бинобар ин гуфтаҳои ӯ дар бораи таърихи таваллуд шубҳаовар аст».[17]

Дар ҷавоби он Шайх Эъҷоз Аҳмад менависад, ки ҳангоми навиштани ин ёддошт Иқбол чандон иштиёқе барои ба даст овардани хидмати давлатӣ надошт. Аз ин рӯ, қалбакӣ нишон додани таърихи таваллуд аз имкон берун аст. Ин матлаб, ки

---

* Лисонс - дараҷаи аввали илмӣ баъди хатми мактаби олӣ, бакалавр. Фавқ-ул-лисонс дараҷаи илмӣ, ки баъд аз омӯзиши курси махсус, пас аз хатми донишгоҳ ба даст меояд, магистр (А.Б.).

** Маклуди шотландӣ (Mcleod) миқдоре аз сармояи молии худро сарфи бурсҳои таҳсилӣ ва музди устодон карда буд.

волиданайнаш таърихи таваллуди ӯро ба вай нодуруст гуфта бошанд, бар хилофи хусусиёти ахлоқии волидонаш аст.

Тибқи қавонини донишгоҳҳои Аврупо сармақолаи таҳқиқӣ бояд ҳамроҳ бо шарҳи ҳоле аз нигоранда бошад, ки аксар вақт бо саросемагӣ ва бедиққатии нависанда ҳамроҳ аст. Имкон дорад, Иқбол дар мавриди шарҳи ҳоли худ бо ачала ин таърихро табдил карда бошад. Ба ҳар ҳол, ин ҳақиқат имконнопазир аст, ки Иқбол дар тамоми умри хеш соли ҳичриро ба соли милодӣ комилан татбиқ надодааст. Ин ақидаро доктор Ваҳид Қурайшӣ ҳам ҷонибдорӣ мекунад. Ӯ менависад: «Агарчи Иқбол дар номаҳое, ки барои касе менигошт, барои суҳулат соли масеҳиро менавишт, вале дар танзими таърихҳо, ба ҷуз 8-тои онҳо таърихи ҳичриро истифода мекард. Бад-ин сабаб таърихи таваллудаш, ки волидайни ӯ ҳатман ба ӯ гуфтаанд, ба соли ҳичрӣ гуфта шуда, ба назари вай он таърихи таваллуд қобили эътимод аст, ки баробари 9 ноябри 1877 милодӣ мебошад.[18]

Дар асл, иштибоҳан ба сифати таърихи таваллуд пазируфта шудани соли 1876 аз он ба амал омадааст, ки дар байни синну соли ду хоҳари калонӣ ва ду хоҳари хурдии Иқбол тафовут се солро ташкил мекард.Он писаре, ки дар феврали соли 1873 ба дунё омад, аз хоҳари худ – Толеъбӣ се сол хурдтар буд. Тибқи ин қоидаи маъмулии хонаводагӣ, Иқбол бояд аз он писар се сол хурд бошад, пас, соли таваллуди ӯ 1876 мешавад.

Тавзеҳи ин амр лозим аст, ки Иқбол дар ёддоште, ки замимаи мақолаи худ намуд, таърихи вилодатро фақат дар қавс 1876 милодӣ таҳрир накардааст, балки ба таври комил соли таваллуди хешро севвуми зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ дарҷ кард. Дуввум он ки тавре ки маълум аст, волидайни Иқбол ҳафт фарзанд доштанд, ки яке аз онҳо дар синни ширхорагӣ вафот кард, вале далели исботи ин амр нест, ки фарзандонашон тибқи қоидаи куллии хонаводагӣ таваллуд шудаанд.

Аз ин ҷо метавон ба хулосае омад, ки Иқбол таърихи таваллуди худро ба соли ҳичрӣ дуруст навишта, танҳо дар баргардониши он ба соли масеҳӣ ба иштибоҳ роҳ додааст. Дар партави ин шавоҳид метавон гуфт: Таърихи тавллуди Иқбол 3 зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ мутобиқ ба 9 ноябри 1877 милодӣ (18 обонмоҳи 1256 ҳичрии шамсӣ) мебошад.*

* 9 ноябр ҳоло ба таври расмӣ ҳамчун рӯзи таваллуди Иқбол қабул шудааст ва ҳар сол он дар ҳамин рӯз таҷлил мегардад (А. Б.).

ФАСЛИ ЧАҲОРУМ

Ибтидои кӯдакӣ ва навҷавонӣ

Дар солҳои пеш аз таваллуди Иқбол падараш, ки суфимаслак буд, хоб дид, ки дар фазои паҳновари як майдон теъдоди зиёде аз мардум дар ҳоли гардиш дастҳояшонро боло гирифта, ҳамчун девонаҳо ҳаяҷонзада мехоҳанд кабӯтари сафедеро бигиранд. Он кабӯтар гоҳе сӯйи боло ва гоҳе ба самти пойин дар ҳоли парвоз аст. Саранҷом он кабӯтар бо шиддати ҳар чи бештар дар фазо чархид ва дар домони ӯ суқут кард. Шайх Нур Муҳаммад ин масъаларо ишораи ғайбӣ дониста, хоби худро чунин таъбир кард: «Ӯ соҳиби писаре хоҳад шуд, ки дар хидмати ислом шӯҳрате касб менамояд ва мавриди тамҷид қарор мегирад».[1]

Рӯзи ҷумъаи севвуми зилқаъдаи 1294 ҳичрӣ (9 ноябри 1877 милодӣ) дар шаҳри Сиёлкут, вақте ки бонги азони субҳ баланд буд, дар хонаи кӯчаку яктабақа, дар яке аз утоқҳои он, дар нури заифи шамъ Шайх Нур Муҳаммад соҳиби фарзанди сурху сафеди зебое гардид. Фарзанде, ки бо ҷазбаи хеш таваҷҷӯҳи хонаводаро ба тарафи худ ҷалб намуд. Шайх Нур Муҳаммади чилсола бар асари таъсири хоби хеш навзодро Муҳаммад Иқбол номид.

Ато Муҳаммад – бародари калонии Иқбол дар он замон ҳаждаҳсола ва мутааҳҳил буд. Хоҳараш – Фотимабӣ аз Ато Муҳаммад хурдтар буд ва шояд баъд аз издивоҷ дар хонаи шавҳар зиндагӣ мекард. Хоҳари дигараш – Толеъбӣ ҳафтсола буд. Дар ҳамин манзил оилаи амакаш – Шайх Ғулом Муҳаммад ҳам зиндагӣ мекард. Дар ин хонаводаи тиҳидасту миёнаҳол Иқболи кӯчак дар зери сояи пуршавқати модараш – Имомбӣ кам-кам калон шуд. Дар ҳамин хона, ки аз васоили рӯшноии ҷадид (барқ) бебаҳра буд, Иқбол қадамҳои аввалини худро мегузошт ва дар паноҳи нури шамъ дарсҳои муқаддамотии худро аз бар мекард.

Шайх Нур Муҳаммад шахси мутадаййин (диндор) буд ва ҳамеша орзу мекард, ки писараш фақат омӯзишҳои динӣ аз бар кунад. Вай бо мударрисини Сиёлкут иртиботу муошарати дӯстона дошт ва гоҳ-гоҳе барои шунидани дарсҳои маорифи динӣ пеши Мавлоно Абуабдулло Ғулом Ҳасан мерафт. Мавлоно Ғулом Ҳасан дар масҷиди маҳаллаи Шавола тадрис мекард. Замоне ки Иқбол чор солу чор моҳ* дошт, Шайх Нур Муҳаммад ӯро ба маҳзари дарси Мавлоно Ғулом Ҳасан гузошт[2] ва Иқбол дар ҳамин масҷид ба омӯзиши Қуръон шурӯъ кард. Ӯ тақрибан муддати як сол дар ин омӯзишгоҳ буд.

Рӯзе Мавлоно Сайид Мирҳасан ба ин омӯзишгоҳ омад ва вақте Иқболи хурдакакро машғули дарс хондан дид, пешонии кушодаву қиёфаи маъсум ва мӯйҳои хокистарии ин бача ӯро бисёр таҳти таъсир қарор дод. Вақте огоҳ шуд, ки ин писар фарзанди Шайх Нур Муҳаммад аст, пеши ӯ рафт ва азбаски қаблан низ бо ӯ ошноӣ дошт, аз вай хоҳиш кард, ки илова бар омӯзишҳои динӣ, фарзандро бо омӯзишҳои улуми ҷадид ҳам ошно намояд. Бинобар ин хост, ки ӯро таҳти сарпарастии вай қарор диҳад. Шайх Нур Муҳаммад пас аз чанд рӯзи тафаккуру тааммул дар ин маврид, саранҷом розӣ шуд, ки писарро ба ихтиёри Сайид Мирҳасан вогузор намояд. Иқбол

---

* Чунин расм аст, ки вақте кӯдаке ба синни чор солу чор моҳу чор рӯз мерасад, афроди хонавода даври ҳам ҷамъ мешаванд ва ҳадяе барои кӯдак меоваранд ва расми «бисмиллоҳхонӣ» анҷом мегирад. Кӯдак аз рӯйи лавҳе, ки рӯяш «Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим» навиштаанд, дар ҳузури меҳмонон калимаи «бисмиллоҳ»-ро мехонад. Сипас, омӯзишҳои баъдӣ барои кӯдак оғоз мешавад.

дар ҷавори манзили хеш дар кӯчаи Мир Ҳисомиддин назди Сайид Мирҳасан ба омӯзиши адабиёти урду, форсӣ ва арабӣ шурӯъ кард.

Иқбол бисёр зираку боҳуш буд. Бинобар ин Сайид Мирҳасан бо таваҷҷӯҳи бисёр ба ӯ таълим медод. Ин давра тақрибан се сол тӯл кашид. Дар ин замон Сайид Мирҳасан ҳам дар миссияи шотландиҳо (Scotch Mission) ба омӯзиш пардохт, зеро ӯ тарафдори таълимоти ҷадид ба мусалмонон буд ва ин равишро тарафдорӣ мекард. Ӯ бо ризояти Шайх Нур Муҳаммад Иқболро ба мадрасаи шотландиҳо бурд. Маълум нест, ки ӯ ба синфи чандуми мадраса ворид шуд, вале бо назардошти он ки ӯ аз боҳуштарин бачаҳо буд, метавон гуфт, ки шояд ба синфи дуввум ё севвум рафта бошад. Ӯ ҳам дар мадраса ва ҳам дар манзил зери назари Сайид Мирҳасан меомӯхт ва равиши Сайид Мирҳасан ин буд, ки агар ҳатто ӯ ба бозор мерафт, шогирдонаш ба дунболи ӯ мерафтанд ва ба ин васила, дарсро ҳеҷ гоҳ қатъ намекард.[3] Муҳити зиндагии дохилии Иқбол бисёр содаву покиза буд. Манбаи даромади онҳо мағозаи Шайх Нур Муҳаммад буд. Ба сабаби даромади кам, замоне шуд, ки Шайх Нур Муҳаммад маҷбур гашт пеши яке аз ашрофи Сиёлкут ба номи Ноиб Вазиралӣ ба сурати корманд даст ба кори порчадӯзӣ занад, вале дере нагузашта, он ҷоро тарк кард.

Пас аз ин Шайх Нур Муҳаммад дар мағозаи худ ба дӯхтани кулоҳу ниқоб пардохт. Ин кулоҳҳо бисёр марғуб буданд. Сипас, пӯшокҳои гарму нарми хуб медӯхт ва ба фурӯш мерасонд. Дар ҳамин замон Шайх Ато Муҳаммад бо як духтари кашмирӣ аз хонаводаи Ратҳур издивоҷ намуд. Хонаводаи ҳамсараш аксаран низомӣ буданд. Ба ҳамин иллат Шайх Ато Муҳаммад низ ба хидмати ҳарбӣ пазируфта шуд. Вазъи иқтисодии ин хонавода рӯ ба беҳбудӣ ниҳод.

Азбаски Шайх Нур Муҳаммад тиҷоратро дӯст надошт, вақтҳои холии худро бештар дар маҷлисҳои уламо ва донишмандон ба розу ниёз ба даргоҳӣ илоҳӣ мегузаронд. Ӯ ҳамчунин ба фалсафаи тасаввуф низ алоқа дошт ва чанд қисамт аз осори Муҳиддин Ибни Арабиро хонда буд. Дар ин бора Иқбол менависад:[4]

«Дар бораи Шайх Акбар Муҳиддин Ибни Арабӣ раҳматулиллоҳу алайҳ ҳеҷ шакке нест... Падари ман ба «Футуҳот»-у «Фусус» бисёр алоқаманд буд ва аз синни чаҳорсолагӣ гӯшҳои ман бо исму таълими онҳо ошно шуд ва муддатҳо тадриси ҳарду китоб дар манзили мо идома дошт. Дар ибтидои кӯдакӣ ҳамаи ин масоил аз қудрати дарки ман берун буд. Бо вуҷуди ин, дар ин маҷлисҳои дарс ширкат мекардам. Баъдан, вақте ки бо забони арабӣ ошноӣ пайдо кардам, ба қудрати дарки ман ҳам афзуда гашт ва дар асари пешрафт дар илму тафриба шавқу тамоил ва шинохти ман бештар шуд».

Таълимоти Ибни Арабӣ Шайх Нур Муҳаммадро бисёр таҳти таъсир қарор дода буд. Иқбол дар яке аз навиштаҳои худ дар авохири умр ба ин масъала ишора кардааст.

Дар зиндагии ибтидоии донишҷӯёнаи Иқбол шахсияти Сайид Мирҳасан (1844-1929) бисёр муассир буд. Ӯ ба Иқбол забони форсӣ, арабӣ, адабиёти урду, илми ҳикмату тасаввуфро таълим дод ва барои улуми қадимиву исломӣ дар дили ӯ шавқи зиёд ба вуҷуд овард. Бисёре аз хусусиятҳои шахсии Иқбол, мисли содагӣ, қаноат, бениёзӣ, зарофату нуктасанҷӣ ва хеле чизҳои дигар айнан мисли устодаш буд. То охирин лаҳзаҳои зиндагии Сайид, Иқбол пеши ӯ мерафт ва дар масоили илмии худ аз вай ҳидояту кӯмак мегирифт. Гоҳе барои ӯ китобҳои ҷадид мефиристод. Иқбол ба ӯ бисёр эҳтиром дошт, то ҳадде ки ҳатто ба худ иҷозат намедод, ки дар ҳузури ӯ шеър бихонад.[5]

Дар ин бора Иқбол як рӯйдодро аз замони кӯдакии худ нақл мекунад, ки фақат як бор як мисраъ дар ҳузури Шоҳ Соҳиб аз забони ӯ берун омад ва он ҳам тасодуфӣ буд. Воқеа ин тавр буд. Рӯзе Шоҳ Соҳиб барои коре аз манзил берун рафт. Тифле ба номи Эҳсон, ки аз азизони ӯ буд, ҳамроҳаш буд. Шоҳ Соҳиб гуфт: «Иқбол, ин бачаро бағал кун». Иқбол бачаро бағал кард, вале баъд аз каме, ки роҳ рафт, хаста шуд ва

ӯро назди як мағоза рӯйи зина гузошт, то хастагии худро дур кунад. Дар ин асно Шоҳ Соҳиб аз вай ба андозае дур шуда буд ва Иқболро надид. Баргашту наздики Иқбол расиду гуфт: «Бардоштани ин бача ҳам барои ту душвор аст?» Аз забони Иқбол беихтиёр ин сухан хориҷ шуд: «Эҳсони Шумо бисёр гарон аст».

Иқбол бо Сэр Сайид ва наҳзати «Алигарҳ» ба тавассути Сайид Ҳасан ошно шуд ва вақте бо набераи Сэр Сайид – Масъуд мулоқот кард, робитаи онҳо бисёр дӯстонаву маҳкам шуд. Дар соли 1897, вақте дар бораи реҳлати Сэр Сайид телеграмма расид, Сайид Мирҳасан дар роҳи мадраса Иқболро дид. Иқбол дар он рӯзҳо барои гузарондани таътил аз Лоҳур ба Сиёлкут омада буд. Сайид Мирҳасан Иқболро аз вафоти Сэр Сайид огоҳ карду гуфт: «Моддаи таърихро ба даст ор». Иқбол ба мағозае дар он наздикӣ рафту нишаст. Пас аз муддате чанд моддаи таърихро ёфту ба устоди худ нишон дод. Сайид Мирҳасан онро ситоиш карду гуфт: ман ҳам як моддаи таърих ёфтам: «ғуфралат».

Соли 1905, вақте ки Иқбол раҳсипори Инглистон гашт, бар мазори Хоҷа Низомиддин Авлиё як шеър хонд (Илтиҷойи мусофир). Дар он шеър дар бораи Сайид Мирҳасан менависад:

Тарҷумаи шеър:

«Ӯ шамъи боргаҳи хонадони Муртазо буд,
Ва остони ӯ барои ман мисли ҳарам аст.
Аз ҳавои нафаси ӯ гули орзуи ман шукуфт,
Ва аз мурувватu муҳаббати ӯ ман нуктадон шудам.
Дуо кун, ки Худои осмону замин,
Аз дидори ӯ дубора маро шодмон кунад».

Дар соли 1923 пешниҳоди лақаби «сэр» ба Иқбол шуд. Иқбол ба ҳокими Панҷоб гуфт, ки то вақте ки давлати Инглистон аз хадамоти илмии Сайид Мирҳасан тақдир нанамояд, ӯ лақаби «сэр»-ро нахоҳад пазируфт. Ҳоким пурсид, ки Сайид Мирҳасан чанд тасниф дорад? Иқбол посух дод: «Ман худам таснифи ӯ ҳастам». Вақте давлати Инглистон ба Иқбол лақаби «сэр»-ро дод, Сайид Мирҳасанро низ мулаққаб ба «Шамсулуламо» кард.

Бар асоси манобее, ки дар бораи зиндагии Иқбол дар Сиёлкут ёфт мешавад, метавон аввалин давраи ҳаёти Иқболро сохт. Вақте ки Шайх Ато Муҳаммад бори дуввум издивоҷ кард, Иқбол дар синфи 5-ум мехонд. Ҳамсари бародараш баён мекунад, ки Иқбол ба шеър алоқа дошт ва садояш ҳам бисёр ширин буд. Ӯ аз бозор қиссаҳои манзум мехарид ва барои афроди хонавода бо садои хуш мехонд. Иқбол аз кӯдакӣ бисёр зирак буд. Вай хеле зиёд мехонд ва то нимашаб мутолеа мекард. Боре дар як нимашаб Бичӣ (модари Иқбол) аз хоб бедор шуду дид, ки Иқбол дар канори шамъ машғули анҷоми вазифаи мадраса аст. Бичӣ чанд бор Иқболро садо кард, вале ҷавобе нашунид. Пас, аз ҷо хесту ба писари худ гуфт: «Дар нимашаб чӣ мехонӣ? Истироҳат кун». Иқбол дар ҳолати нимахоб ҷавоб дод: «Модарҷон, ман хонда истодаам». Ба тавре ки саргарми мутолеа буд, ба хоб рафта буд.[7]

Дар айни замон ӯ бозиро ҳам хеле дӯст медошт ва бисёр шӯху ҳозирҷавоб буд. Вай ба парвариши кабӯтар, бодбаракпарронӣ ва варзиш хеле алоқа дошт. Падараш ҳеҷ вақт монеи тафреҳоти ӯ намешуд. Шавқи кабӯтар парваридан то охирин рӯзҳои зиндагиаш аз ӯ дур нашуд. Рӯйи боми хона соатҳо сокит менишаст ва аз парвози кабӯтарҳо лаззат мебурд. Ҳатто аз парвози онҳо наслу навъашонро метавонист муайян кунад.

Иқбол модарашро бисёр дӯст медошт. Дар бораи тарбияте, ки аз падараш гирифта буд, ду рӯйдод дар гуфтаҳои худи ӯ дида мешавад. Зикри рӯйдоди аввал дар китобҳои Абдулмаҷиди Солик ва Атия Файзӣ мавҷуд аст. Рӯйдоди дуввумро дар «Румузи бехудӣ» ба назм даровардааст. Дар «Зикри Иқбол» Солик аз забони Иқбол чунин меорад:[8]

«Вақте ки ман 11-сола будам, шабе аз садои роҳ рафтани касе аз хоб бедор шудам. Дидам, ки модарам аз зинаҳои утоқ поён меравад. Аз тахти хоб баланд шудаму ба дунболи модар равон гаштам. Назди дар расидам, ки нимабоз буд ва аз он рӯшноӣ ба дохили хона меомад. Модарам ба беруни дар нигоҳ мекард. Ман наздиктар рафтаму дидам, ки падарам дар ҳавлӣ чорзону нишаста ва як ҳалқа нур ӯро иҳота кардааст. Ман хостам, ки наздики падарам равам, вале модарам монеъ шуд ва маро насиҳат кард ва барои хобидан фиристод. Вақте субҳ шуд, назди падарам рафтам, то аз ӯ ҳодисаи шаби гузаштаро бипурсам. Дидам, ки модарам пештар аз ман назди падарам нишастааст ва падарам рӯъёи шаби гузаштаро ба ӯ нақл мекунад ва мегӯяд, ки вақти шаб дар айни бедорӣ дида буд. Падарам гуфт: «Аз Кобул як корвон омадааст ва маҷбуран дар ҳудуди 25 мил дуртар аз шаҳр манзил кардааст. Дар он корвон касе бемор аст ва ба сабаби бемории ӯ корвон дар он ҷо таваққуф намуд. Бинобар ин, ман барои кӯмак бояд ба он ҷо равам». Падарам васоили зиёде ҷамъ кард ва бо ҳамроҳии ману як каси дигар ба он сӯ равон гаштем. Дар ҳудуди чанд соат бо фойтун ба он ҷое расидем, ки корвон манзил карда буд. Мо дидем, ки он корвон ба хонаводаи пулдору бузурге тааллуқ дошт ва афроди он хонавода барои муолиҷаи яке аз афрод ба Панҷоб меомаданд. Падарам аз фойтун поин шуду пурсид, ки қофиласолор кист? Вақте ки солори қофила омад, падарам ба ӯ гуфт: «Маро назди он бемор баред». Солор мутааҷҷиб шуд, ки ин шахс кист, ки аз бемори мо хабардор аст ва мехоҳад назди ӯ биравад. Ба ҳар ҳол падарамро назди бемор бурд. Падарам дид, ки ҳоли бемор хеле вазнин аст. Падарам доруе берун оварад, ки ба зоҳир мисли хокистар буд ва онро ба рӯйи аъзои бадани бемор, ки пӯшида буданд, пошиду гуфт: «Иншооллоҳ, шифо хоҳад ёфт». Дар он ҳолат ман ба ин бовар намекардам. Зимнан, ҳеҷ як аз хешони бемор низ ба ин пешгӯйӣ аҳаммияте надод. Аммо баъди 24 соат дар авзои бемор тағйирот ҳис шуд ва хешони бемор яқин карданд, ки бемор шифо хоҳад ёфт. Он хонавода ба падарам маблағи қобили таваҷҷӯҳе ба сифати дастмузд пешниҳод кард, аммо падарам напазируфт ва мо ба Сиёлкут бозгаштем. Пас аз чанд рӯз он корвон ба Сиёлкут расид ва маълум шуд, ки бемори маъюсу ноумед шифо ёфтааст.

Баъзан худи Иқбол ҳам оёти Қуръониро ба рӯйи баргҳои пайпал (як навъ дарахт) бо қалам навишта, ба беморони табдор медод, ки аз лесидани он таби мариз аз байн мерафт. Дар айёми кӯдакӣ ман (Ҷовид) борҳо ӯро дар ҳоли навиштани ин навъ таҳрирот ба рӯйи барг дидаам. Мумкин аст, иҷозаи ин навъ муолиҷоти рӯҳониро Иқбол аз падари худ фаро гирифта бошад. Вале Шайх Нур Муҳаммад бо байъат ҳеҷ касеро муриди худ намесохт. Дар лавҳи мазори ӯ барои вафоташ Иқбол қитъае нигошт ва Шайх Нур Муҳаммадро «пиру муршиди Иқбол» навишт. Албатта, аз назари маънавӣ, дар назари Иқбол падараш ҳамон мақомеро дошт, ки як муриду муршид дорад.

Рӯйдоди дуввумро Иқбол дар бораи падари худ дар «Румузи бехудӣ» ба назм даровардааст, ки таснифи он чунин аст: «Як бор фақири бадҷинсе назди дари хона омаду истод ва бо вуҷуди он ки ба ӯ гуфтанд, ки биравад, ба дар часпиду нарафт. Иқбол дар он замон ҷавон буд. Вақте ки фақир пушти сариҳам садо мекард, Иқбол асабонӣ шуду фақирро ду се зарба зад ва он чи ки дар борхалтаи фақир буд, ба замин ҳаво дод. Падар аз рафтори Иқбол бисёр озурда шуд ва ба гиря афтоду гуфт: «Дар рӯзи ҳашр, вақте ки атрофи Расулуллоҳ ғозиёни ислом, ҳукамо, шуҳадо, зоҳидон, суфиён, уламо ва осиёни шармсор ҳалқа мезананд, дар он иҷтимоъ фарёди ин фақири мазлум назари Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро ҷалб хоҳад кард ва он Ҳазрат (с) аз ман хоҳад пурсид: «Як навҷавони мусалмон ба кафолати ту дода шуд, то ӯро тибқи таолими ман тарбият кунӣ, вале ин кори осонро ҳам натавонистӣ анҷом диҳӣ, ки ин тӯдаи хокро инсон созӣ». Он вақт ман чӣ ҷавобе ба оқову мавлои хеш бидиҳам? Писарам, он иҷтимоъро ба назар биёвар ва ба риши сафеди ман нигоҳ кун, бубин, чӣ тавр аз бим ларза ба танам афтода! Ба падарат ситам макун ва туро ба Худо, пеши

мавлоям залилу хор магардон. Навгунчаи гулистони Муҳаммадӣ ҳастӣ, бад-ин сабаб аз насими он гулистон шукуфа кун ва аз баҳори он гулистон рангу бӯй гир, то бӯйи хуши ахлоқи Муҳаммадӣ аз ту бархезад».*

Дар ҷойи дигар Иқбол менависад:

«Рӯзе падари марҳумам гуфт: «Меҳоҳам подоши он заҳматеро, ки ба омӯзиши хондану навиштани ту кашидам, бигирам». Ман бо шавқ пурсидам: «Он чист, ки мехоҳӣ?» Падари шодравонам гуфт, ки рӯзи дигар бароям хоҳад гуфт. Ба ҳар сурат ӯ фармуд: «Подоши хидмати ман ин аст, ки ба ислом хидмат кунӣ». Баъд аз он ман дар имтиҳонот муваффақ шудам ва дар Лоҳур ба кор шурӯъ кардам. Дар ҳамин асно шӯҳрати шоирии ман густариш ёфт. Ман барои навҷавонон таронаи ислом нигоштам ва ашъори дигар ба назм даровардам. Мардум онҳоро бо шавқу завқ мехонданду мешуниданд. Дар ин айём падарам дар бистари беморӣ буд. Ман барои диданаш омадам ва рӯзе аз ӯ пурсидам: «Падар, он аҳде, ки ман барои хидмат ба ислом бо Шумо бастам, ичро кардам, ё не?» Ӯ дар бистари марг гувоҳӣ дод, ки ту подоши заҳмати маро пардохтай».

Дар зиндагии заношӯӣ бахти хоҳарони Иқбол омад намекард. Фотимабӣ бо шавҳари худ тавофуқу тафоҳум надошт. Толеъбӣ дар айёми ҷавонӣ вафот кард. Каримбӣ ба сабаби издивоҷи нави шавҳараш муддате ҳамроҳи бародарони худ зиндагӣ кард. Зинатбӣ дар Вазиробод ба шавҳар баромад, вале ба сабаби бефарзандӣ муносибаташ бо модаршӯ хуб набуд. Ӯ маҷбуран ба хонаи падару модари худ баргашт. Дар ин муддат модари шавҳараш ба писари худ зан гирифта дод. Пас аз муддате барои писараш боз як зани дигар овард, дар сурате ки зани дуввум ҳанӯз дар ҳаёт буд. Шавҳари хоҳари Иқбол мисли як фарзанди мутеъ аз гуфтаи модараш намебаромад. Вале пас аз вафоти модар, ӯ хост, ки ҳамсари аввалро ҳам ба хонаи худ барад. Саъю кӯшиш барои мусолимат оғоз гардид. Билохира, волидайни Иқбол розӣ шуданд. Шавҳари хоҳари Иқбол бо мувофиқати волидайни ӯ бо чанд нафар аз наздикону хешонаш барои бурдани Зинатбӣ омад. Иттифоқан дар он рӯзҳо Иқбол ҳам дар Сиёлкут буд. Ӯ вақте шунид, ки шавҳари хоҳараш барои оштӣ омадааст, бисёр асабонӣ шуд. Падараш хост, ки Иқбол нороҳату асабонӣ нашавад, вале ӯ ба мусолиҳа ҳеҷ розӣ набуд ва талаб кард, ки шавҳари хоҳараш бо ҳамроҳонаш аз хона берун раванд. Вақте падар дид, ки Иқбол бо ҳеҷ панд розӣ намешавад, он вақт бо сиёсати мудаббиронаи хеш бо садои ором гуфт, ки Худованди бузург дар Қуръони Карим ба сулҳ насиҳату амр кардаанд. Иқбол инро шунид ва дар ҳоле ки ранг аз рухсораш парида буд, сокит шуд. Баъди чанде падар пурсид: «Чӣ бояд кард?» Иқбол ҷавоб дод: «Ҳамоне ки Қуръон мефармояд».

Бад-ин тартиб, сулҳ барқарор шуд ва ин сулҳи бохайру баракат буд, зеро Зинатбӣ зани аввал буд ва ихтиёроти хонаву хонавода дар дасти ӯ буд. Баъд аз созиш Иқбол ба шавҳари хоҳари худ бисёр эътимод мекард ва дар муомилоти шахсӣ ҳамеша бо ӯ машварат мекард ва аз ин мушовират сипосгузор буд.

Муаллими ҳақиқии инсон волидайни ӯ мебошанд. Дар партави ин рӯйдодҳо метавон гуфт, ки хонаи Иқбол як фазои муносиби босафову самимӣ, ирфониву исломӣ будааст. Дар он хона муҳаббату шафқат ва иззату эҳтиром ҳукмфармо будааст. Иқбол агарчи бар латоифи виҷдонӣ эътиқод ва то ҳадде дар бораи онон таҷриба ҳам дошт, вале дар зиндагии баъдӣ, дар масъалаи тасаввуф нуқтаи назари ӯ тағйир ёфт.** Ба ҳар ҳол, дар соли 1891 Иқбол дар синфи 8-ум муваффақ шуд ва ба

---

* Соиле мисли қазои мубраме,
Бар дари мо зад садои пайҳаме.
Аз ғазаб чӯбе шикастам бар сараш,
Ҳосили дарюза афтод аз бараш.

Ақл дар оғози айёми шабоб,
Менаяндешад савобу носавоб.
Аз мизоҷи ман падар ошуфта гашт,
Лолазори чеҳрааш афсурда гашт...

** Иқбол фалсафаи тасаввуфи худро мубтано бар кӯшишу муҷоҳида ва муқобила бо мушкилот ва муборизаву ҷустуҷӯ ва ғалаба бар табиату сахтиҳо карда, ишқу орзу ва сахткӯширо мабнои зиндагӣ донистааст (ба поварақи саҳифаи дигар нигаред):

синфи 9 по ниҳод. Он вақт ӯ 14-сола буд. Саволе ба миён меояд, ки ӯ кай ба шеъргӯӣ оғоз кардааст? Ҷавоби ин саволро ба таври дақиқ наметавон дод. Ӯ аз кӯдакӣ бо шеър қарин буд ва мумкин аст, ки аз айёми ҷавонӣ ба шеъргӯӣ пардохтааст.

Якто Ҳаққонии Амрдеҳӣ дар китоби худ бо номи «Сирати Иқбол» менависад: «Табъи Иқбол аз кӯдакӣ бо шеър қарин будааст. Аз кӯдакӣ ӯ ҷумлаҳоро мавзун мегуфт. Борҳо ғазалҳои кӯтоҳе менавишт ва онҳоро беаҳаммияту беарзиш дониста пора мекард. Аммо замоне ки бо Сайид Мирҳасан наздик шуд, дар мусоҳибати ӯ ба шеъру шоирӣ тамоили бештаре пайдо намуд».[10]

Дар ин бора Сайид Закишоҳ – писари Сайид Мирҳасан, ки дӯсти айёми ҷавонии Иқбол буд, низ гуфтааст: «Иқбол дар мароҳили аввали шоирии худ барои ислоҳи ғазалҳои хеш аз маҳзари падарам касби файз менамуд ва аксар авқот ин матлабро зикр мекард».[11]

Вале назди мо ин матлаб ҳам қобили зикр аст, ки Иқбол гуфтааст: Барои эҳтироми Шоҳ Соҳиб (Сайид Мирҳасан) ӯ (Иқбол) ҷуръат надошт шеър хонад. Мумкин аст, ки файзи ҳузури Шоҳ Соҳиб Иқболро ташвиқ ба шоирӣ карда бошад. Вале ин сухан шояд дуруст набошад, ки Сайид Мирҳасан дар фанни шеъргӯӣ устоди аввали Иқбол будааст. Агар Иқбол дар мароҳили ибтидоии шоирӣ аз Сайид Мирҳасан ислоҳ мегирифт, пас чаро дар ҳамон замон шогирдии Мирзо Доғро ихтиёр кард? Ин чиз ҳам маълум нест, ки Иқбол бо машварати Сайид Мирҳасан шогирди Доғ шудааст, ё не. Иқбол соли 1893 дар имтиҳони синфи даҳум шогирди аввал шуд ва медалу бурсҳои шогирди мумтозро гирифт. Он вақт ӯ 16-сола буд. Натиҷаи имтиҳон 4 майи 1893 эълон шуд ва 5 майи 1893 ӯ ба донишкадаи «Скоч Мишшен» (Scotch Mission) рафт. Он вақт дар мадрасаи «Скоч Мишшен» синфҳои 11-у 12 таъсис шуда буд ва номи мадраса донишкада шуда буд. Аз ин рӯ, Иқбол баъд аз синфи даҳум дар ҳамон мадраса ба таҳсил давом дод.

Аз чанд ғазали қадимии Иқбол, ки дар маҷаллаи «Забон»-и Деҳлӣ ноябри 1893 чоп шуда, дар чопҳои баъдӣ ҳам мунташир гашт[12], маълум мегардад, ки ӯ нафақат дар синни 16-17-солагӣ ғазалҳои хуб месурудааст, балки дар маҷаллаҳои Деҳлӣ чоп ҳам мекардааст.Охирин байти як ғазали ӯ, ки соли 1894 дар маҷаллаи «Забон»-и Деҳлӣ чоп шудааст, ин аст:

Тарҷумаи шеър:

Вақте ки он бут аз ман нороҳат мешавад,

Барои ӯ ашъоре аз Ҳазрати Доғи Деҳлавӣ мехонам.

Акнун саволе ба миён меояд, ки Иқбол кай шогирди Мирзохон Доғ шуд? Дар «Забон»-и Деҳлӣ, чопи ноябри 1893, тибқи гуфтаи профессор Ҳамид Аҳмадхон Иқболро шогирди «Булбули Ҳинд» – Ҳазрати Доғи Деҳлавӣ* навиштаанд[13]. Дар ин чоп ғазале аз Иқбол ба табъ расидааст, ки қадимтарин ғазали ба дасти мо расидаи ӯ мебошад. Бар асоси ин навишта метавон гуфт, ки Иқбол дар синфи 11 шогирди Доғ шуд.

Сэр Абдулқодир дар пешгуфтори «Бонги даро» менависад:[14]

«Вақте ки Иқбол ба мадраса рафт, каломи мавзун дошт. Дар Панҷоб забони урду роиҷ шуда буд ва дар ҳар шаҳр забондониву шеъру шоирӣ шӯҳрат дошт. Дар Сиёлкут як маҷлиси сухан (шеърхонӣ) барпо шуд. Барои он маҷлис Иқбол гоҳе ғазал менавишт. Дар миёни шуарои урду дар он замон Мирзохон Доғи Деҳлавӣ шӯҳрати зиёде дошт. Ба сабаби он ки Доғ муаллиму устоди Низоми Дакан буд, шӯҳрataш боло рафт. Шахсоне, ки наметавонистанд бо ӯ тамос бигиранд, бо мактубу мукотиба шогирди ӯ мешуданд. Ғазалҳоро бо почта ба ӯ мефиристоданд ва ӯ пас аз ислоҳ ба

Маёро базм бар соҳил, ки он ҷо — Ба дарё ғалту бо мавҷаш даровез
Навои зиндагонӣ нармхез аст. — Ҳаёти ҷовидон андар ситез аст.

* Фасеҳулмулк Навоб Мирзо Доғи Деҳлавӣ (1831-1905) аз устодони сухани урду буд. Иқбол манзумаи хешро барои тасҳеҳ назди ӯ мефиристод ва дере нагузашта, қареҳаи Иқбол то ҷое тараққӣ кард, ки Доғ бо сароҳат навишт: «Иқбол дигар ниёзе ба тасҳеҳ надорад».

онҳо бармегардонд. Бад-ин сабаб, садҳо нафар ғоибона ба Доғи Деҳлавӣ шогирд шуданд ва ӯ барои ин кор як идораву созмони ислоҳи шеъри шогирдон тартиб дод. Иқбол низ ба ӯ ғазалҳои худро мефиристод ва ифтихор дошт, ки барои ислоҳи ғазалҳо аз устоде кӯмак мегирад, ки дар замони худ аз лиҳози забондонию ғазалдонӣ яктову бемонанд буд. Доғ аз ҳамон рӯзҳои аввал дарёфт, ки ин донишҷӯ аз як маҳалли дурдаст ғазалгӯи одӣ нест. Ӯ донист, ки дар каломи Иқбол ишкол кам аст. Аз ин рӯ, муносибати шогирдиву устодии онҳо дер давом накард. Иқбол дар даврони ҳаёти Доғ он қадар шӯҳрат ёфт, ки шодравон Доғ аз доштани чунин шогирд ифтихор мекард».

Иқбол ҳамеша мекӯшид, ки ба дидори устод бирасад. Дар яке аз шеърҳояш ба ин ишора карда мегӯяд:

Тарҷумаи шеър:

Агар шавқи дидори Ҳазрати Доғ инчунин бошад,

Ҳатман як рӯз мулки Даканро хоҳам дид.

Вале ӯ натавонист, ки ба дидори устод шарафёб шавад.

Агарчи баъдҳо Иқбол ба ислоҳи ғазалҳои худ аз тарафи Доғ эҳтиёҷе надошт, вале ифтихору эҳтироми устод дар ӯ ҳамеша боқӣ буд. Дар яке аз ғазалҳояш дар ин бора чунин менависад:[15]

Тарҷумаи шеър:

Ин мунтаҳои каромати ҷаноби Доғ аст,

Ки ҳамчу мане ҳам суханвару ҳам сухандон шудам.

Давроне, ки Иқбол ғазалҳои худро ба Доғ барои ислоҳ мефиристод, бисёр кӯтоҳ буд. Онро дар ҳудуди солҳои 1893-1896 метавон мушаххас кард. Вале Иқбол то охирин солҳои ҳаёти хеш худро шогирди ӯ ҳисоб мекард.

Китобҳое, ки Иқбол дар замони таҳсил дар мадрасаву донишкада истифода мекард, ҳанӯз маҳфузанд. Дар яке аз сафаҳоти китобе, ки дар синфи 9-ум онро мехондааст, нотаҳои мусиқӣ таҳрир шуда, дар зери онҳо ашъоре аз Ғолиб,* Бедил, Носих ва Воқиф бо қалам навишта шудааст. Дар рӯйи як-ду китобе, ки дар донишкада истифода мекард, номи худро бо тахаллуси «Иқбол» навиштааст. Аз ин навиштаҳо ду чиз маълум мегардад. Аввал ин ки ӯ бо нотаҳои мусиқӣ, ё техникаи фанни мусиқӣ огоҳӣ дошта, аз робитае, ки шеър бо савту мусиқӣ дорад, хабар дошт. Дуввум ин ки ӯ тахаллуси «Иқбол»-ро дар соли аввали донишкада ихтиёр кардааст. Дар соли 1895 Иқбол синфи 12-ро дар донишкадаи «Скоч Мишшен» ба итмом расонд ва барои идомаи таҳсил маҷбур буд ба Лоҳур биравад, зеро дар он замон дар коллеҷи мазкур синфи болотар ҳанӯз боз нашуда буд. Вақте мо ба зиндагиномаи 18-солаи Иқбол дар Сиёлкут назар меандозем, натиҷа мегирем, ки дар фазои маҳдуди Сиёлкут Иқбол наметавонист рушди зеҳнӣ ба даст оварад. Дар хона, ба сабаби падарсолорӣ ва эҳтирому ҳарфшунавӣ аз волидайн наметавонист ҳарфи барзиёде занад. Дар хонаводаи ӯ фақат Шайх Ато Муҳаммад буд, ки таъмини аҳли оила ба дӯшаш буд. Шайх Нур Муҳаммад кору бори худро тақрибан тарк карда буд ва даромади ночизе дошт. Бинобар ин Иқбол барои идомаи таҳсил аз бародари худ кӯмаки молӣ мегирифт ва дар ҳақиқат, агар кӯмаку ёрии бародараш – Ато Муҳаммад намебуд, ӯ мебоист тарки таҳсил кунад.

---

* Асадулло Ғолиби Деҳлавӣ яке аз сухансароёни чирадасти қарни сенздаҳуми ҳичрӣ мебошад (1212, Агра, Акбаробод - 1285, Деҳлӣ). Ӯ дар тамоми умри худ алоқаву дилбастагии фаровоне ба сухани порсӣ дошта, худро андалебе аз гулистони аҷам медонад:

Буд Ғолиб андалебе аз гулистони аҷам,

Ман зи ғафлат тӯтии Ҳиндустон номидаам.

ФАСЛИ ПАНҶУМ

Коллеҷи давлатии Лоҳур[*]

Сентябри соли 1895 Иқбол ба Лоҳур омад. Ӯро дар истгоҳи роҳи оҳан яке аз дӯстонаш – Шайх Гулобдин истиқбол намуд ва бо фойтун ба манзили худаш дар Бҳатай Дарвоза бурд. Иқбол дар Коллеҷи давлатии Лоҳур дар синфи 13-у 14 сабти ном намуд ва пас аз чанд рӯзи иқомат дар хонаи Шайх Гулобдин дар як утоқи хобгоҳи «Квадрингал» иқомат гузид.[1] Ӯ дар чор соли таҳсил дар Лоҳур дар ҳамин утоқ зиндагӣ кард.

Гаррет (Garrett) менависад,[2] ки дар он замон теъдоди донишҷӯён дар донишкадаи давлатӣ бештар аз дусад нафар буд, бинобар ин бо якдигар ва бо устодон равобити дӯстона барқарор кардан осон буд. Дар паҳлуи донишкада қитъаи замине буд, ки ҳоло онро «Авдал» мегӯянд. Дар он ҷо дар баробари дарахтони норинҷу лимӯ дарахтони дигаре ҳам буданд, ки занбӯрҳои асал хона карда буданд. Дар тобистон, нисфирӯзиҳо он ҷо ба ҷойи ҷамъшавии писарону занбӯрон табдил меёфт – писарон дар сояи дарахтон ба китобхонӣ машғул мешуданду занбӯрони асал гирди сари онҳо парвоз мекарданд. Дар рӯбарӯйи як кунҷи донишкада, каме ба тарафи шимол, як дарахти куҳансоли баргад (як навъ дарахти тануманди баланд) буд, ки гирди он рӯйи нимкати чӯбин писарон нишаста, китоб мехонданд, сӯҳбат мекарданд. Муносибатҳои дӯстона пайдо кардан бо донишҷӯён барои Иқбол осон буд. Ӯ аз ҳамон рӯзҳои аввал бо чанде аз онҳо дӯст шуд, ки дар байни онҳо Чавдҳарӣ Ҷалолуддин, Ғулом Баҳбак ва Найранг буданд.[3]

Дар хобгоҳ манзили Иқбол рафта-рафта ба ҷойи ҷамъшавии дӯстону маркази шеърхонӣ табдил ёфт. Дар ин бора Найранг менависад:[4]

«... Ману дигар дӯстон, ки дар хобгоҳ иқомат доштем, ҳамагӣ ба даври Иқбол ҷамъ мешудем ва ӯ садри маҷлис буд. Қалён (чилим) аз он рӯзҳо ҳамдаму ҳамнафаси ӯ буд... Табъи зариф дошт, шӯхиҳои зиёд мекард, баҳси адабӣ ҳам мекард. Шеър менавишту мехонд... Дар он замон касе ҷуз ин фикр намекард, Иқбол як шоири хуб, мардумписанд аст ва чизи дигаре нест. Агар иҷоза бифармоед, бигӯям, ки қазоваткунандагон дар бораи Иқбол кӯтоҳназар набуданд, балки Иқбол дар он замон он рангу бӯеро надошт, ки баъдан ба даст овард. Вале як чиз қобили навиштан аст: Дар ин сӯҳбатҳои сесолаи мо Иқбол як барнома дошт. Дар бораи назми машҳури «Мултан», «Фирдавси гумшуда» ӯ дар радди «Таҳсили Фирдавс» бисёр тазаккур медод ва мегуфт, ки рӯйдодҳои Карбалоро тавре ба назм хоҳам даровард, ки ҷавоби назми «Мултан» бошад. Вале ин барнома такмил нашуд. Барномаи дигари Иқбол ин буд, ки ашъори урду ислоҳ шуда, пешрафт намояд ва борҳо сӯҳбат буд, ки дар шеъри забони урду ранги адабиёти ғарбӣ пайдо шавад».

Иқбол агарчи донишҷӯи Донишкадаи давлатӣ буд, вале ҳамзамон дар дарсҳои Коллеҷи ховаршиносӣ (The Oriental College) иштирок мекард. Тибқи баёни доктор Ғулом Ҳусайн Зулфиқор, дар он замон Коллеҷи ховаршиносӣ дар бинои Донишкадаи давлатӣ буд ва байни ҳарду донишкада тибқи усули иртиботи илмӣ барои омӯзиши баъзе фанҳо робитаи амалии донишҷӯён вуҷуд дошт. Иқбол ҳамчун донишҷӯи донишкада дарсҳои фалсафа ва англисиро дар донишкада ва дарси арабиро дар коллеҷ меомӯхт.

[*] Goverment College of Lahore.

Соли 1897 Иқбол аз забонҳои англисӣ ва арабӣ дипломи аъло ба даст овард. Тибқи солномаи Донишгоҳи Панҷоб* соли 1906 Иқбол лисонси хешро бо дараҷаи дуввум ба даст овард.[5]

Азим Ҳусайн дар хотироти даврони зиндагии падари худ ба забони англисӣ бо номи «Фазл Ҳусайн» менигорад:

«Дар имтиҳони лисонси 1897 ҷамъан 105 донишҷӯ муваффақ шуданд ва аз онҳо чор нафар дараҷаи аввалро ба даст оварданд. Иқбол ва ҳамсинфи ӯ Миён Фазл Ҳусайн имтиёзи дуввумро ба даст оварданд. Иқбол дар миёни мусалмонон аввал буд ва Миён Фазл Ҳусайн мақоми дуввумро дошт».[6]

Азбаски Иқбол ба фалсафа алоқаи бештаре дошт** , дар риштаи фавқи лисонси фалсафа сабти ном кард. Дар замон профессор В. Билл (W. Bill) муаллими фалсафа буд. Дар соли 1896 ӯ инспектори мадрасаҳо интихоб гардид ва дигар дар Донишкадаи давлатӣ аз фалсафа дарс намедод. Пас аз чанде муаллими таърих – профессор Диллингер (Dillinger) дарси фалсафаро қабул кард ва сипас профессор Овшер ба донишкада омад. Ӯ дар соли 1898 ба истеъфо рафт ва ба ҷояш профессор Т. В. Арнолд (Sir Thomas T. W. Arnold) омад.

Тибқи баёни Гаррет, Арнолд аз Донишкадаи Алигарҳ аз кор рафта, ба сифати профессор дар Донишкадаи давлатӣ ба кор омад. Сэр Сайид аз ӯ бисёр қадрдонӣ мекард. Ӯ дӯсти самимии Мавлоно Шиблии Нӯъмонӣ буд. Раҳбарии мушфиқонаи Арнолд шавқти Иқболро ба фалсафа дучандон кард. Арнолд чунон таҳти таъсири салоҳияти Иқбол қарор гирифт, ки бо ӯ бисёр дӯстона рафтор мекард. Тибқи гуфтаи Сэр Абдулқодир, Арнолд бо шеваҳои ҷадиди илмии омӯзишу таҳқиқ ошно буд. Ӯ шогирди худ – Иқболро чунон шефтаи равиши хеш сохта буд, ки саранҷом он дӯстиву самимият, ки миёни устоду шогирд буд, шогирдро ба дунболи устод равонаи Инглистон сохт.[7] Ӯ дар бораи Иқбол ба дӯстони худ мегуфт: « Шогирде, мисли Иқбол, муаллимро муҳаққиқ ва муҳаққиқро муҳаққиқтар месозад».[8]

Иқбол соли 1899 дар риштаи фалсафа имтиҳони фавқи лисонс дод ва дар тамоми Панҷоб дар риштаи фалсафа мақоми аввалро ба даст овард ва медали нуқра гирифт.[9]

Илова ба дарсҳои фалсафа, Иқбол соли 1898 ба дарсҳои Донишкадаи ҳуқуқи Лоҳур ҳам мерафт, то ҳуқуқу қонунро биёмӯзад. Вале декабри соли 1898 аз имтиҳони муқаддамотии ҳуқуқ дар риштаи юриспруденсия (jurisprudence – фалсафаи қонун) нагузашт. Ӯ сипас дар декабри 1900 тасмим гирифт, ки бидуни иштирок дар дарсҳои одии ҳуқуқ, барои имтиҳони муқаддамотии ҳуҳуқ иҷоза гирад. Вале ин хоҳиши ӯро рад карданд.[10] Баъд аз он Иқбол аз имтиҳони ҳуқуқ дар Лоҳур сарфи назар кард ва ин хостаи ӯ билохира дар Лондон ҷомаи амал пӯшид.

Соли 1904 ӯ ба Инглистон рафт. Дар ин замон Иқбол як шеъри видоъ ба номи «Нолаи фироқ» навишт, ки дар он завқи илмии вай, истеъдоде, ки таваҷҷӯҳи Арнолдро ба тарафи Иқбол кашид, ба равшанӣ дида мешавад:

Тарҷумаи шеър:

«Эй калими зарваи синои илм, ту куҷо ҳастӣ?
Мавҷи нафаси ту*** ҳавои тараб буд, ки илмро афзунтар мекард.
Ҳоло он шавқи роҳпаймои саҳрои илм куҷост?
Аз дами ту сари ман савдои илм дошт».

---

* The Panjab University – Донишгоҳи Панҷоб соли 1873 таъсис ёфтааст.

** Ҳикмату фалсафа корест, ки поёнаш нест,
Силии ишқу муҳаббат ба дабистонаш нест.
Ақл чун пой дар ин роҳ хам андар хам зад,
Шӯъла дар об давониду ҷаҳон барҳам зад.

*** Дар матни асл «шумо» омадааст (А. Б.)

Маҳз вобастагиву самимияти хосе, ки Иқбол ба Арнолд дошт, ӯро ба Инглистон бурд. Аз ин рӯ, шеъре навишт, ки дар он азми ба Инглистон рафтанро изҳор намудааст:

Тарҷумаи шеър:

Дашти ваҳшати ман уқдаи тақдирро боз хоҳад кард,
Ман занҷири Панҷобро шикаста, он ҷо хоҳам расид.

Вақте ки соли 1930 хабари марги Арнолд ба Иқбол расид, ӯ бо чашми гирён гуфт: «Иқбол аз дӯсту устоди худ маҳрум шуд».

Ниёзӣ дар бораи мартабаи таҳқиқоти Арнолд ва огоҳии ӯ аз ақоиди исломӣ сухан гуфт. Иқбол мутааҷҷиб шуду гуфт: «Арнолд чи табаҳҳуру тахассусе аз масоили исломӣ дорад? Бар таълифоти ӯ монанди «Даъвати ислом»* назар кардаӣ? Арнолд фақат ба давлати Инглистон вобаста буд ва ҳар чи кард, барои хостаи Инглистон буд. Вақте ки ман дар Инглистон будам, ӯ мехост, ки ман ба «Таърихи адабиёти Эрон»-и Браун чизе нависам, вале ман худдорӣ кардам. Зеро ман истинбот кардам, ки дар ин навъ таълифот сиёсати Инглистон ҳам дахолат дорад. Дар ин миён талош барои ҳифзи миллияти Эрон ҳам ба чашм мехӯрд. Ҳадаф ин буд, ки ваҳдати кишварҳои исломӣ анҷом нашавад.** Ҷолиби таваҷҷӯҳ ин аст, ки дар Ғарб зиндагии фард фақат барои кишвар аст ва иқтизои миллияти ватанӣ ҳамин аст, ки кишвару миллият мутародиф ҳастанд ва миллияти ватанӣ болотар аз ҳама аст. Бад- ин сабаб, Арнолд ба масеҳият ва ба ислом тааллуқи хотире надошт. Аз назари сиёсати Ғарб ин фақат Арнолд нест, ки чунин фикр мекунад, балки донишу огоҳии ҳар мусташриқ бо ҳамон роҳе меравад, ки тибқи хостаи истеъмори Ғарб ва ҳукумати салтанатӣ бошад. Ин афрод дасту бозуи салтанатталабон ва сиёсатмадорон ҳастанд».[11]

Мавлавӣ Аҳмаддин – вакили додгустарӣ (адвокат) мегӯяд:[12] «Қабл аз он ки Иқбол ба Лоҳур биёяд, як анҷумани шеърхонӣ дар бозори ҳакимон «Бҳатай Дарвоза» вуҷуд дошт, ки он ҷаласоти хешро дар хонаи Ҳаким Аминуддин барпо мекард. Аминуддин аз хонаводаи ҳакимон буд, ки бозор бо номи онҳо машҳур шуд. Маҷлиси мушоираро*** дар соли 1890 Ҳаким Шуҷоуддин бино ниҳод.[13] Ҷаласоти аввали ин анҷуман дар хонаи Ҳаким Аминуддин мегузашт. Вале дар соли 1896, баъд аз даргузашти Ҳаким Шуҷоуддин ҷаласот таҳти сарпарастии Навоб Ғулом Маҳбуби Субҳонӣ Ибни Шайх Имомиддин – ҳукмрони Кашмир ва дар манзили вай баргузор мешуд. Ҳаким Шуҷоуддин дар зиндагии худ ҳамеша мири маҷлис буд. Мирзо Аршади Гургонии Деҳлавӣ ва Мирнозир Ҳусайн Низоми Лакҳнавӣ гули сари сабади ин ҷаласот буданд, зеро ҳарду шоир буданд ва мушоираву муқобилаи шогирдону санохонони онҳо ба ҷаласот рангу бӯйи дилпазир медод. Шунавандагон бисёр буданд. Донишҷӯёни ҷавони донишкада ҳам барои шеъргӯиву шеърдонӣ дар ин ҷаласот ширкат мекарданд».

Иқбол то он замон дар ҳеҷ ҷаласаи шеърхонӣ ширкат накарда буд. Моҳи ноябри соли 1895 чанд ҳамсинфи Иқбол ӯро барои шом ба манзили Ҳаким Аминуддин даъват карданд.[14] Аз рӯйи одат барои ширкат дар ҷаласа Аршади Гургонӣ аз Фирӯзпур омада буд. Мирнозир Ҳусайн Низом ҳам он ҷо буд ва шогирдони зиёде аз ҳарду ҷониб ширкат доштанд. Теъдоди зиёде шунавандагон ҳам

---

* Китоби ховаршиноси англис Арнолд ба номи «Даъвати исломӣ» яке аз муҳимтарин китобҳо дар бораи даъвати ислом дар ҷаҳони масеҳият аст.

** Лорди Мағриб, саропо макру фан, Ту агар дорӣ тамизи хубу зишт,
Аҳли динро дод таълими ватан. Дил набандӣ бо кулӯху сангу хишт.
Ӯ ба фикри марказу ту дар нифоқ Ҷон нагунҷад дар чиҳот, эй ҳушманд,
Бигзар аз Шому Фаластину Ироқ. Марди ҳур бегона аз ҳар қайду банд.

*** Дар саросари Ҳинд, бахусус, дар миёни мусалмонон маҷолиси мушоира ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳу истиқболи умумӣ будааст. Дар маҷлиси мушоира шоирон дар бораи як мавзӯи муайян ашъори худро бо овоз мехонанд ва мардум эшонро ташвиқ менамоянд.

буданд. Тақрибан аввалин бор буд, ки Иқбол дар Лоҳур дар чунин маҷлис ширкат мекард. Ғазалеро аз худ хонд.[15] Вақте ки ба ин байт расид (тарҷумаи шеър):

Қатраҳои арақи хиҷолати ман,
Худованд гумон кард, ки инҳо гавҳар аст.

Аршади Гургонӣ ӯро бисёр ситоиш кард ва аз ӯ сипосгузорӣ намуд. Мақтаи ин ғазал такя бар муноқишоти байни забони Деҳлӣ ва Лакҳнав дар он замон буд ва тавзеҳи Иқбол дар бораи ин ҷанг байни ду забон дар он дида мешуд.

Тарҷумаи шеър:

Иқбол, на ба Лакҳнав, на ба Деҳлӣ вобастаам,
Мо фақат асири хами зулфи Камол ҳастем.

Аз ғазали зикршуда, Иқбол дар ибтидо дар он вақт тасаввур мекард, ки бо раҳоӣ аз ҳудуди шоирии Деҳлӣ ва Лакҳнав битавонад роҳи ҷадиде барои худ баргузинад. Ба ҳар ҳол, ӯ дар ин ҷаласот ширкат намуд ва ошиқони шеъру сухан вайро шинохтанд. Як сол баъд, дар соли 1896 Муҳаммаддин Фавқ аз Гҳартал, бахше аз Сиёлкут, барои ҳамсуханӣ ба Лоҳур омад. Ӯ шӯҳрати анҷумани шеърхониро шунида буд. Дар ин шаб Иқбол дар маҳфил буд. Фавқ ҳам ғазали худро хонд. Бо ҳам дидор карданд ва ин мулоқот ба дӯстӣ бадал шуд, ки то поёни ҳаёти Иқбол боқӣ монд. Баъд аз он Фавқ на ба номи як шоир, балки ба номи як адиб, муаррих ва рӯзноманавис машҳур гашт. Дар замони донишҷӯии Иқбол дар донишкадаи давлатӣ Фавқ рӯзномаҳои «Панҷаи фӯлод», «Кашмирӣ мэгэзин» ва «Ахбори Кашмир»-ро ҳанӯз мунташир намекард. Фавқ ва Иқбол дар ҷаласоти Анҷумани мусалмонони кашмирӣ бо шавқу завқ ширкат мекарданд, Иқбол он чи дар бораи Кашмир эҷод мекард ва дар ин анҷуман мехонд, Фавқ онҳоро дар рӯзномаҳои худ ба чоп мерасонд.[16]

Дар бораи шиносоӣ ва мулоқоти худ бо Иқбол, Сэр Абдулқодир дар мақолаи худ бо номи «Аз замони ибтидои шоирии Иқбол» чунин менависад:[17]

«Ман тулӯи ситораи Иқболро дидам ва дар мароҳили аввалини тараққӣ ва такомули Иқбол ман чанд бор ҳамнишину ҳамсафари ӯ будам. Чанд акси ёдгорӣ аз он замон дорам... Дар маҳфили шеърхонӣ як шаб, як донишҷӯи навҷавон бо чанд тан аз ҳамсинфони худ ширкат кард. Ӯ як ғазал хонд, ки матлаи он ин буд:

Тарҷумаи шеър:

Иқбол шеър сохтан намедонад, валекин,
Агар шумо ӯро суханвар мегӯед, мо қабул мекунем.

Аз чунин суханпардозиву хониши зебои шеър муштоқони сухан фаҳмиданд, ки дар уфуқи шоирӣ як ситораи нав тулӯъ кардааст».

Сэр Абдулқодир меафзояд: «Ин назму шеъри Иқбол ранги тозае дошт, ки дар он афкори ғарбӣ асар гузошта буд ва шеваи форсӣ дошт ва ҷазбаву ҳубби ватан дар шеър густурда буд. Маҳофили ин анҷуман сароғози густариши шеваи навини шоирии Иқбол буд.[18]

Аз тавзеҳот равшан аст, ки тайи солҳои 1895-1899 маҳофили мухталиф Иқболро ба тарафи худ кашиданд ва албатта, бо табақае аз мардуми равшанфикру хушзавқ ошно шуд. Аз як тараф, ба иллати узви анҷумани шеърхонӣ будан дар ҷаласоти он ширкат мекард ва ғазалҳое бо сабки қадим месохту мехонд. Аз тарафи дигар, дар ҷаласоти анҷумани адабӣ шеърҳое бо сабки қадим ироа медод. Ҳамин тавр ӯ ба Анҷумани мусалмонони кашмирии Лоҳур ҳам вобаста буд. Ин анҷуманро феврали 1896 чанд тан аз машоихи бузурги кашмирӣ таъсис карданд. Дар миёнаҳои соли 1897 фаъолияти он қатъ гардид ва соли 1901 дубора ба фаъолияти худ идома дод. Иқбол дар ҷаласоти ин анҷуман фаъолона ширкат мекард ва ашъори пуршӯру ҳол мехонд.[19] Сипас, таҳти таъсири ҷаласоти Ҳаким Шаҳбозиддин, ӯ дар ҷаласоти бузурги Анҷумани ҳимояти ислом ширкат карда, ба унвони як шоири миллӣ ва мардумӣ шӯҳрат ёфт.

Иқбол дар ин маҷолис умуман каломи худро бидуни овоз мехонд, вале садояш дилнишин буд. Бад-ин сабаб, бо исрори баъзе аз дӯстони наздики худ, гоҳ-гоҳе каломи худро бо савту наво месароид. Сэр Абдулқодир дар асари худ «Кайфи ғам» менависад:[20]

«Илова бар завқи шоирӣ Иқбол ба мусиқӣ ҳам алоқаи фаровон дошт. Ӯ фурсат наёфт, ки бо илми мусиқӣ ошноии комил пайдо кунад, вале то ҳадде бо он ошно буд... Садояш мавзун буд. Бад-ин сабаб, дар миёни дӯстони наздик гоҳе ашъори худро бо тараннум мехонд, ки лутфи шеърҳоро дучандон мекард. Ӯ барои ҳар баҳр як вазни мавзун интихоб мекард... Рафта-рафта мардум огоҳ шуданд, ки ӯ аз садои дилнишине бархурдор аст. Бад-ин сабаб исрор карданд, ки ӯ бо савт бихонад ва ӯ пазируфт ва шӯҳраташ дучандон шуд... Он замон марди машҳуре аз хонаводаи шоҳии Деҳлӣ бо номи Мирзо Аршади Гургонӣ дар мадрасаи давлатии Фирӯзпур дарси форсӣ медод. Ӯ ҳам дар ҷаласоти солонаи анҷуман ашъори худро мехонд ва бад-ин тартиб ӯ ҳам шӯҳрат ёфт. Аммо Мирзо Аршади Гургонӣ ҳамеша таҳтуллафз мехонд. Ӯ шӯҳрати рӯзафзуни Иқболро дид ва дарёфт, ки овозу равиши хондани Иқбол шеъри ӯро дилчасптар мекунад ва дар ашъори худ ба ин ишора кард: «Назми Иқбол ҳар касеро хонанда сохт».

Ин дуруст аст, ки бисёре аз мардум таҳти таъсири сурудани Иқбол қарор гирифтанд ва тариқи ӯро баргузиданд. Аммо шӯҳрати Иқбол далели дигаре ҳам дошт. Ӯ аз овони кӯдакӣ овози хуш дошт ва Қуръони Маҷидро ҳам бо лаҳни диловез мехонд ва дар тамоми тӯли умр бад-ин тартиб амал мекард ва садояш ҳаргиз аз байн нарафт.

Дар замони донишҷӯӣ дар Донишкадаи давлатӣ Иқбол маъмулан дар вақти таътили тобистона ё таътилоти дигар ба Сиёлкут меомад ва бо волидайну ҳамсар ва хонаводаи худ зиндагӣ мекард. Вале дар он айём ширкати Иқбол дар маҷлиси адабии Сиёлкут ва хондани ғазал дар он ҷо собит нашудааст. Мумкин аст дар Сиёлкут бештар Иқбол вақти худро дар канори хонавода ва ё бо дӯстони қадимӣ, ё дар мусоҳибати Сайид Мирҳасан гузаронда бошад.

Ибтидои шоирии Иқбол бо сабки қадимии ғазал буд. Ғазалҳоеро, ки Иқбол дар замони донишҷӯӣ (1893-1899) гуфта ва ба дасти мо расидаанд, агар бодиққат мулоҳиза намоем, мебинем, ки гарчи сабки нигориши ғазали ӯ бо шеваи ғазалсароии Доғи Деҳлавӣ ҳамоҳанг аст, вале гоҳе баъзе аз ашъорашро тавре ба риштаи назм даровардааст, ки ранги хоси Иқболӣ дорад. Халифа Абдулҳаким менависад:[21]

«Аз он замон чанд ғазал дар «Бонги даро» ба ёдгор мондааст. Аз ин ғазалҳо маълум мешавад, ки Иқбол баъзе ҷойҳо аз Доғ тамрину тақлид намудааст. Мавзӯъ ва шеваи сурудани ашъор гоҳе ба тарзи равиши Доғ мебошад. Албатта, ибдоъ ва тахайюлу тадбири Иқболӣ ҳам дар он дида мешавад, ки баъдҳо ба камол расид. Ин замони шоирии Иқбол монанди субҳи козиб буд, ки нуру рӯшноии он аломати офтоб мебошад».

Яке аз хусусиёти он давр ин аст, ки меҳвари таваҷҷӯҳи Иқбол зоти худаш буд ва ба атрофи хеш назар намеандохт. Мутолеаи фалсафа гоҳе дар ғазал бо сабки қадимии ӯ ҳикмат пайдо мекард. Вале ин ранг афкорашро дар ҳам печид. Иқбол дар соли 1910 навишт:[22]

«Ман эътироф мекунам, ки аз Гегел (Hegel, файласуфи олмонӣ) ва Гёте (Hute, шоири олмонӣ, ки Иқбол ӯро эҳтиром мекард), Мирзо Ғолиб, Абдулқодири Бедил ва Вордсворт (Words-worth, шоири англис) бисёр истифода кардаам. Шеваи Гегел ва Гёте маро раҳнамун гашт, ки ман ба ҳақиқати ботинии ашё бирасам, Бедилу Ғолиб ба ман дарс доданд, ки бо вуҷуди доштани шеваи шоирии ғарбӣ, ман дар ҷазбаву азҳори худам чи гуна шарқияти хешро зинда нигоҳ дорам ва Вордсворт аз замони донишҷӯӣ маро аз илҳоду бединӣ дур нигоҳ дошт».

Аз ин навишта возеҳу равшан мешавад, ки аз замони донишҷӯӣ таҷассуси зеҳнӣ Иқболро барои талош дар ба даст овардани ҳақиқат саргардон кард. Ин як

кашмакаши дарунии холиси зотӣ ва ботинии ӯ буд.* Ин ҷо саволе ба миён меояд, ки агар таълиму тарбияти Иқбол аз ибтидо мабно бар ривоёти исломӣ бошад, чаро ӯ аз Вордсворт инчунин мутаассир шуд? Завқи огоҳӣ ва таҷассуси Иқбол нишон медиҳад, ки ӯ худ аз маҳдудаи донишу биниши хеш хурсанд набуд. Мутолеаи фалсафаи Аврупо ба ӯ нороҳатиҳои зеҳнӣ ва равонӣ дод, ки фалсафаи аврупоӣ дар қарнҳои XVIII-XIX бо он даст ба гиребон буд. Агар зеҳни ҷустуҷӯгару қалби шоирона ва рӯҳи латифи ӯ аз мутолеаи Вордсворт ҷавоби қобили дарке дар бораи пучии ақл дарёфт кард, ҷойи тааҷҷубе нест, балки ин далели сиҳату саломатии ақли ӯст, ки бо вуҷуди он ки аз назароти моддапарастӣ (материализм)-и аҳди худ мутаассир шуда буд, вале бо тамоми ин авсоф гумроҳ нашуд. Ҳар донишҷӯи фалсафа ва тасаввуф медонад, ки афкори Вордсворт шабеҳи афкори ботинии Ибни Арабӣ буд. Аз ин ҷо метавон натиҷа гирифт, ки дар ин марҳала иртиқои зеҳнии Иқбол тасаввури ваҳдати вуҷуд буд, ки ӯро аз дунёи шак наҷот дод. Дар баъзе аз ғазалҳои ӯ, илова бар пухтагии фан, умқи фикри ӯ ҳам намоён аст. Дар ғазалҳо, агарчи омезиши ишқи маҷозӣ** дида мешавад, вале дар мазомини бештари шеъри суфиёна ё ҳикматона ғазалсароии суннатиро канор гузошта, тарзи баёни нав интихоб мекунад. Таҳти таъсири фалсафаи вуҷудӣ дар баъзе ашъор ӯ тарҷумони назарии суннатии тасаввуф мешавад. Мисли ин ки дар назари Иқбол инфиродияти нафс як фиреб аст, ки баъд аз намуди Ҳақ аз байн меравад ва баъдан фақат ҳақиқати азалии Худо боқӣ мемонад. Дар ҳамин замон Иқбол бар асари фалсафаи вуҷудӣ назароти сиёсии хешро ислоҳ намуд ва баъдҳо дар бораи миллияти ватанӣ ашъори бисёре ба риштаи назм даровард.

Аз замони донишҷӯӣ Иқбол ашъори хешро бо сабки ҷадид менавишт ва ғазали суннатиро тарк карда, фақат ба назм таваҷҷӯҳ кард. Ин ҳама таҳти таъсири афкори ғарбӣ буд.

Тамаддуни ҷадид, ки бо султаи англисҳо ба нимқазира ворид шуд, адабиёту забони форсиро аз арзишҳои ҷадид бархурдор кард. Дар замони наҳзати Алигарҳ дар интихоби мазомин шоирии нав бо сабки ғарбӣ ба вуҷуд омада буд. Ҳолӣ, Шиблӣ ва Озод, агарчи забони англисиро намедонистанд, вале тарзи суннатии шоирии урдуро тарк карда, асароти ҷадиди ғарбиро пазируфтанд. Ин гуна асароти ғарбӣ аз ибтидо ашъори Иқболро ба шакли ҷадиде даровард. Ӯ чанд шеъри англисиро ба урду бо шеваи озод тарҷума кард. Ва баъзе аз шеърҳои ӯ, агарчи тарҷума аз англисӣ набуд, аз лиҳози афкор ва тарзи баён ғарбӣ буданд.

Ҳолӣ таҳти таъсири асароти ҷадид пояи ашъори ватанӣ ва миллиро ниҳод. Вале дар ҳаёти миллии мусалмонони он замон ин тавр буд, ки фақат дар бораи табоҳиву фанои миллат ранги азодорӣ мушоҳида мешуд. Вақте дӯстони Иқбол таваҷҷӯҳи ӯро ба ашъори миллӣ маътуф карданд, Иқбол ҳам шеъри худро аз табоҳиву яъсу ноумедӣ барои раҳоии ҳоли миллат шурӯъ кард.

Ба ҳар сурат, дар замони донишҷӯии Иқбол чанде аз ғазалҳои ӯ дар маҷаллаи «Забони Деҳлӣ« ва «Шӯри маҳшар» ба чоп расидааст. То он замон Иқбол барои он гурӯҳе аз мардум машҳур буд, ки дар маҳофили шеърхонӣ ширкат мекарданд. Аммо Иқбол фақат шоири маҳофили шеърхонӣ набуд, аз ин рӯ, пас аз анҷоми даврони донишҷӯӣ ӯ дигар ба маҳфилҳо намерафт. Аз ашъори даврони донишҷӯии ӯ пайдост, ки дар он замон афкори Иқбол ҷамъи аздод буд. Зиндагонӣ барояш ҳанӯз як масъалаи гунгу печида буд.*** Ин кайфият дар даруни Иқбол муддати мадиде идома дошт.

---

* Нахуст аз фикри хешам дар таҳайюр,
Чи чиз аст он ки гӯяндаш тафаккур.
Кадомин фикр моро шарти роҳ аст,
Чаро гаҳ тоату гоҳе гуноҳ аст.

** Муддате бо лоларӯён сохтам,
Ишқ бо марғӯламӯён бохтам.
Бодаҳо бо моҳсимоён задам,
Бар чароғи офият домон задам.

*** На ба мост зиндагонӣ, на зи мост зиндагонӣ,
Ҳама ҷост зиндагонӣ, зи куҷост зиндагонӣ?

ФАСЛИ ШАШУМ

Тадрису таҳқиқ

Баъд аз анҷоми имтиҳони фавқи лисонс, 13 майи соли 1899 Иқбол дар Коллеҷи ховаршиносӣ бо моҳонаи 70 рупияву 14 ана муаллими забони арабӣ (Mcleod Arabic Reader) шуд.[1] Дар ҳамин сол Арнолд барои чанд муддат бо музди 250 рупия дар як моҳ раиси муваққатии ин коллеҷ шуд. Дар ин ҷо Иқбол тақрибан чор сол, яъне то соли 1903 кор кард. Вай аз аввали январи соли 1901 ба муддати шаш моҳ мураххасӣ гирифт ва дар Донишкадаи давлатӣ ба сифати ассистенти профессори забони англисӣ кор кард.[2] Дар худи ҳамон сол ӯ дар имтиҳони вазифаи муовини фармондорӣ (ҳукумати музофот) муваффақ гардид, вале аз комиссияи тиббӣ ба сабаби заъфи биноии чашми росташ нагузашт.[3]

Чашми рости Иқбол аз овони кӯдакӣ заиф буд. Бад-ин сабаб, ӯ дар донишкада дар даврони донишҷӯӣ айнак мегирифт. Тибқи гуфтаи Иқбол, ин чашми ӯ дар синни дусолагӣ хира шуда буд. Духтурон тасмим гирифтанд, ки аз ин чашми ӯ хун гиранд, дар натиҷа чашми ӯ хира шуд. Модари Иқбол ба ӯ гуфта буд, дар синни дусолагӣ ба ӯ шуллук* монда буданд.

Соли 1902 Арнолд бори дигар раиси донишкада шуд. Стратон Гилмург (Straton Gilmurg)-и канадагӣ, ки раис буд, фавт кард. Иқбол бо Стратон дӯсти самимӣ буд ва мехост бад-ин васила барои таҳсилоти олӣ ба Амрико ва ё ба Канада равад ва саъй кард, ки аз донишгоҳҳои америкоӣ пазириш гирад, вале, мутаассифона, муваффақ нашуд.[5] Билохира, Арнолд ӯро ташвиқ кард, ки барои таҳсилоти олӣ ба Олмон ё Инглистон равад. Арнолд то апрели соли 1903 дар Коллеҷи ховаршиносӣ ба вазифаи раиси муваққатӣ кор кард ва сипас, ба Донишкадаи давлатӣ рафт. 26 феврал ӯ аз он ҷо ба нафақа баромад ва ба Инглистон баргашт. Дар вазифаи мураббии забони англисӣ Иқбол дар коллеҷ ба гурӯҳҳои Б. О. Л. (Bachelor of Oriental Languagers, – бакалаври забонҳои Шарқ) ва интермедиат (Intermediat, – гурӯҳҳои миёна, синфҳои 11 ва 12) аз таъриху иқтисод ва фалсафа дарс медод. Ӯ дар як ҳафта 18 соат дарс медод. Дар ин муддати чор сол Иқбол чунин тарҷумаву таълифот низ анҷом дод:[6]

«Назарияи тавҳиди мутлақ», навиштаи Шайх Абдулкарим Алҷиллӣ (англисӣ);

- Тарҷума ва талхис ба забони урду, навиштае таҳти унвони «Early Plantagenets» аз Стабс (Stubbs);
- Тарҷума ва талхисе ба забони урду таҳти унвони «Иқтисоди сиёсӣ» (Political Economy), асари Волкер (Walker);
- Илми иқтисод.

Аввалин таҳрири ӯ ба забони англисӣ як мақолаи таҳқиқӣ буд, ки дар он дар бораи «Инсони комил», таснифи Алҷиллӣ** баҳс шудааст.[7]

Навиштаи дуввум дар бораи таърихи ибтидоии Инглистон аст ва дар он аз давраи Генрихи II то замони Ричарди III нигошта шудааст. Навиштаи севвум тарҷумаи асари Волкер дар соҳаи иқтисод буда, навиштаи чорум ба худи Иқбол тааллуқ дорад. Таснифи Иқбол бо номи «Илм-ул-иқтисод» (ба забони урду) аввалин кори таҳқиқии ӯ мебошад, ки чопу мунташир шуд. Нусхае аз ин китоб мавҷуд аст,

---

* Шуллук (зуллук, золу) - як навъ кирми обӣ, ки хун мемакад ва онро барои аз бадан хориҷ кардани хуни барзиёдатӣ (бештар барои паст кардани фишори хун) истифода мебаранд (А. Б.).

** Абдулкарим бинни Абдулкарими Ҷиллӣ (767-832 ҳичрӣ) аз бузургони аҳли тасаввуф будааст. Китоби ӯ «Ал-инсон-ил-комил фи маърифат-ил-авохир ва-л-авоил» мебошад.

аммо рӯйи он таърихи чоп нигошта нашудааст. Вале рӯйи сафҳаи аввали китоб Иқбол навиштааст, ки ин китоб ба Сэр Кишан Прасад – нахуствазири низомии Ҳайдаробод – Дакан ба таври ҳадя ирсол мешавад. Дар поини ин навишта Иқбол номи худро ба таври «С. М. Иқбол, Барристер-эт-лав, Лоҳур» (S. M. EQBAL, Barrister-at-law, Lahore) навишта, таърихи 21 марти 1910-ро сабт кардааст. Ба ҳар ҳол, рӯйи сарварақ исми мусанниф – «Шайх Муҳаммад Иқбол М. И., ассистенти профессор, донишкадаи Лоҳур» дарҷ гардидааст.

Дар пешгуфтори китоб Иқбол тавзеҳ медиҳад, ки ин китоб тарҷумаи як китоби англисии хос нест, балки навишта ва бардоште аз кутуби мухталиф аст, ки ба таври мустанад ахз гардида ва ҳама ҷо назари Иқбол ҳам дода шудааст. Ҳамчунин ӯ қайд кардааст, ки устоди арҷманд оқои Арнолд ба ӯ гуфт, ки ин китобро бинависад.* Ҳангоми таҳияи ин китоб аз китобхонаҳои профессор Лал Ҷаярам ва Миён Фазл Ҳусайн ҳам истифода шуд ва Мавлоно Шиблии Нӯмонӣ дар баъзе аз қисматҳои ин китоб дар бораи забони он тасҳеҳи қобили мулоҳизае кард. Дар пешгуфтор ҳамчунин дар бораи аҳаммияти чоп ва омӯзиши иқтисод сухан ронда, зарурияти ба омма фаҳмондани масъалаҳои гуногуни иқтисодиро шарҳ медиҳад ва дар охир менависад: «... Агар мардуми нимҷазира бихоҳанд, ки номашон дар дафтари милал боқӣ бимонад, барои онон лозим аст, ки бо ин илм ошноӣ пайдо кунад... Агар аз ин навишта як нафар ташриқ шавад, ки бар ин мавзӯот тафаккур кунад, ман медонам, ки заҳмати ман зоеъ нашудааст».

Дар бобҳои мухталифи китоб дар бораи ин мавзӯот баҳс шудааст:

Моҳияти илми иқтисод ва равишҳои он. Пайдоиши сарват (замин, кор ва сармоя, қобилияти як миллат аз лиҳози эҷоди сармоя). Табодули сарват (масъалаи арзиш, тиҷорати байналмилдалӣ, моҳияти пули нақд ва арзиши он, пули коғазӣ, эътибор ва моҳияти он). Саҳмдорон, пайдоиши пул (молиёт, саҳми қарздиҳанда ё суд, саҳми молик ё корхонадор ё манобеи он, саҳми муздур ё музд, рақобат ва асари он, саҳми давлат ё сармоягузорӣ). Ҷамъият (ваҷҳи иқтисод, пайдоиши заруриёти ҷадид, масрафи пул).

Иқбол ҳамзамон бо дарс додан дар Коллеҷи ховаршиносӣ дар Донишкадаи давлатӣ ҳам дарс медод. 4 январи соли 1901 ӯ дар Донишкадаи давлатӣ ба ҷойи Лал Ҷаярам ассистенти профессор дар риштаи англисӣ шуд.[8]

Вақте ки муддати хидмати Иқбол ба унвони мураббии забони арабӣ дар Коллеҷи ховаршиносӣ поён ёфт, ӯ дубора дар Донишкадаи давлатӣ дар мақоми дастёри устоди англисӣ вазифадор шуд, ки кори худро аз 3 январи 1903 оғоз кунад. Муддати хидмат то 3 декабри 1903 буд.[9] Вақте ки ин муддат тамом шуд, то 31 марти 1904 тамдид гардид.[10] Дар поёни ин муддат боз ҳам вақти ӯ тамдид шуд ва барои дарс додан дар риштаи фалсафа маъмур шуд. Музди ӯ ҳам аз 200 рупия ба 250 рупия зиёд шуд. Ӯ дар ин мақом то моҳи октябри 1905, вақте ки барои се сол рухсатии бемузд гирифт, кор кард.[11]

Аз фаъолиятҳои илмӣ-омӯзгории Иқбол дар ин давра маълум мешавад, ки ӯ дар риштаҳои таърих, иқтисод, фалсафа ва забони англисӣ дарс медод ва корҳои таҳқиқотии ӯ низ бештар дар бораи фалсафа, таърих** ва иқтисод буд.

Баъд аз поёни таълим дар Донишкадаи давлатӣ, Иқбол аз хобгоҳи Адренгел (Adrengel) ба «Бҳатай Дарвоза» рафт. Дар бораи маҳалҳое, ки Иқбол пеш аз ба Инглистон рафтанаш дар он ҷойҳо иқомат дошт, доктор Абдуллои Чиғатоӣ

---

* Нахустин китобе, ки дар бораи илми иқтисод ба забони урду навишта шудааст, китоби «Илм-ул-иқтисод»-и Иқбол аст, ки дар айни ҳол китоби аввалини ӯ низ мебошад. Таърихи таълиф 1901 ва таърихи чоп 1903 (Лоҳур) аст. Ин китоб дар соли 1961 тавассути оқои Мумтоз Ҳасан Аҳсан аз тарафи академияи Иқбол дар Карочӣ аз нав чоп шуд.

** Иқбол китобе бо номи «Таърихи Ҳинд» барои донишҷӯён ба риштаи таҳрир даровард, ки солҳои 1913-1914 дар муассисоти омӯзишӣ тадрис мешуд. Дар ҳоли ҳозир нусхаҳои он ноёб аст. Дар соли 1914 яке аз ноширон – Амритсар хулосае аз матолиби он китобро ба чоп расонд.

менависад: «Вақте ки Иқбол дар мақоми муаллим ба кор машғул буд, аввалин бор соли 1900 дар «Бҳатай Дарвоза» як манзил иҷора кард, ки молики он Миён Аҳмад Бахш буд. Дар ҳамин минтақа Мавлавӣ Муҳаммад Боқир – устоди форсӣ, Шамсулуламо – устоди арабӣ, Мавлавӣ Муҳаммад Ҳусайн аз Донишкадаи Мишшэн (Mission College), Мавлавӣ Ҳоким Алӣ – устоди Донишкадаи исломӣ ва муфтӣ Абдулло Туткай маскан доштанд. Ин манзил феълан нест, вале баъдҳо манзили дигаре, ки Иқбол иқомат гузид, дар «Бҳатай Дарвоза» сари кӯчаи Ҷилавниён буд. Сари кӯча як чуқурӣ ҳаст, ки наздики он нардбонест, ки ба воситаи он ба табақаи боло мераванд. Дар табақаи болоии он Иқбол чанд моҳ иқомат кард. Баъд ба як манзили дигар рафт, ки молики он Лал Рам Сарандас ва шумораи блок (бино)-и он 597-Б буд. Иқбол дар ин манзил то замоне ки раҳсипори Инглистон шуд, иқомат кард. Ин манзил дар зилзилаи соли 1905 садама дид. Иқбол наздики дудкаш рӯйи тахти хоб дароз кашида, машғули мутолеа буд, ки зилзила омад. Зилзила он қадар шадид буд, ки аз асари он дудкаш шикаст.

Наздики манзили Иқбол, илова бар дӯстони ӯ, Шайх Гулобдин ҳам иқомат мекард. Манзили Ҳаким Шаҳбоздин ҳам наздик буд. Иқбол ҳар рӯз он ҷо мерафт. Беруни манзил як маҳфил буд, ки дӯстон дар он ҷо ҷамъ мешуданд. Барои чилим тамоку мехариданд ва барои ин фақат як пайса* сарф мешуд.[12] Сэр Абдулқодир менависад: «Маконе, ки дар он Иқбол аввалин ашъори худро мегуфт, як болохонаи кӯчак буд, ки болои мағозаҳои самти рости охири бозори Ҳакимон қарор дошт... Вақте ман он ҷо мерафтам, шӯри шеъри сухан оғоз мешуд. Ман ҳамеша як шеър ё мисраъ барои Иқбол доштам, ки ба таври тарҳи мисраъ унвон мешуд. Ӯ чилим мекашиду шеър мехонд. Абусоҳиб (яке аз дӯстони Иқбол) коғазу қалам гирифта менавишт. Гуфтаҳои аввалини Иқбол тақрибан ҳамин тавр навишта шуд. Абусоҳиб баъдан ёддоштҳои худро покнавис мекард. Дар ҳақиқат, агар ёддоштҳои Абусоҳиб намебуд, бисёре аз навиштаҳои Иқбол чоп намешуд, зеро Иқбол дар он замон худаш ҳеҷ навиштае надошт».

Дар он замон маркази ҳаёти фарҳангии Лоҳур «Бҳатай Дарвоза» буд. Истгоҳи роҳи оҳан, хиёбони «Мол», сохтмони давлатӣ, боғи Лоуренс, Донишгоҳи Панҷоб, музей ва боғи ҳайвонот он ҷо қарор дошт. Дар хиёбони «Мол» туҷҷори аврупоӣ тиҷоратхона доштанд. Дар толори «Мунтгамрай»-и боғи Лоуренс фақат ҳукмронони сафедпӯст маҳофили рақсу дилхушӣ барпо мекарданд. Шаҳри ҳақиқӣ аз «Нила Гунбад» ё бозори «Анор Кулӣ» сар мешуд ва даруни шаҳр зиндагӣ ранги шарқӣ дошт. Иқбол барои он дар «Бҳатай Дарвоза» маҳалли зист интихоб карда буд, ки аксари дӯстонаш дар он ҷо зиндагӣ мекарданд.

Дар ҳамин замон Алӣ Бахш назди Иқбол ба сифати хидматгор ба кор шурӯъ кард. Иқбол дар он вақт дар Донишкадаи давлатӣ тоза ба кор шурӯъ карда буд. Алӣ Бахш аҳли деҳи Аналгар, бахши Ҳушёрпур буд, ки барои дидори яке аз наздикони худ омада буд ва баъд аз чанд рӯз пеши Мавлавӣ Ҳоким Алӣ ба кор шурӯъ кард. Се моҳ баъд аз ба кор сар карданаш як рӯз Мавлавӣ Ҳоким номае барои Иқбол тавассути Алӣ Бахш фиристод. Вақте Иқбол Алӣ Бахшро дид, ба ӯ гуфт, ки пеши ман кор мекунӣ? Алӣ Бахш ҷавоб дод: «Ман пеши Мавлавӣ Ҳоким кор мекунам, чи тавр ӯро тарк кунам?» Иқбол гуфт: «Агар пеши ман биёӣ, роҳат меёбӣ». Бо исрори Иқбол Алӣ Бахш як хеши худро аз деҳ оварду ӯро пеши Мавлавӣ Ҳоким фиристод ва худ назди Иқбол ба кор машғул шуд.

Миёнаҳои соли 1905, вақте ки Иқбол ба Инглистон рафт, Алӣ Бахшро назди бародари худ ба Ҳангу (Кваҳат) фиристод, вале он ҷо ба ӯ маъқул нашуд ва ба Лоҳур бозгашт. Аввал дар Донишкадаи исломӣ ва сипас дар Донишкадаи Мишшэн кор кард. Дар ҳамин сол дуздон чизу чораи ӯро дуздиданд ва ӯ ба воситаи касе барои

* Як рупия дар замони Иқбол баробари 64 «пайса» буд, вале дар ҳоли ҳозир он баробари 100 пайса аст.

Иқбол нома навишт. Иқбол чанд моҳ қабл аз бозгашт ба ӯ ҷавоб дод.[13] Дар соли 1908, вақте ки Иқбол аз Инглистон баргашт, Алӣ Бахш кори худро тарк карда, дубора ба хидмати Иқбол даромад. Алӣ Бахш аз замони кӯдакӣ оиладор буд, вале ҳамсараш қабл аз он вай ки ба Лоҳур биёяд, фавт карда буд. Волидайни ӯ чанд бор пешниҳод карданд, ки издивоҷ кунад, вале Иқбол ҳамеша ба ӯ насиҳат мекард, ки аввал бояд қудрати молӣ барои хӯрду хӯрок дошта бошад, баъд издивоҷи муносиб хоҳад кард. Ба ҳар ҳол, ӯ бори дуввум издивоҷ накард.[14] Баъд аз он Алӣ Бахш то ҳангоми марги Иқбол назди ӯ буд ва баъд аз Иқбол ба хидмати фарзандонаш даромад. Алӣ Бахш дар соли 1962 вафот кард.

Дар ин давра дар зиндагии Иқбол як ҳодисаи таассурангез рух дод. Дар моҳи майи 1903 Шайх Ато Муҳаммад муовини ситоди артиши* минтақаи Балуҷистон буд. Баъзе аз мухолифини ӯ бо якдигар созиш карда, як даъвои қалбакӣ дуруст карданд. Появу асоси ин даъво фақат душманиву адоват буд. Шайх Ато Муҳаммад фикр мекард, ки мухолифонаш ҳам додгоҳу ҳам гувоҳонро таҳти нуфузи худ қарор доданд. Бинобар ин хоҳиш кард, ки ё ҳамкорони мухолифаш аз ин ҷо мунтақил гарданд, ё ба даъво дар додгоҳи бахши дигаре расидагӣ шавад. Вале намояндагии сиёсии** давлати Балуҷистон бар ҳарду амр омода набуданд. Иқбол маҷбур шуд Лорд Карзен (Ноиб-ус-салтана)-ро аз ин воқеа хабардор кунад. Ӯ пас аз таҳқиқи ин воқеа мухолифонро аз он ҷо мунтақил кард. Иқбол барои кӯмак ба бародари некӯкор ва мураббии хеш бо Алӣ Бахш тасмим гирифт аз Лоҳур ба Форт Сандеман (Fort Sandeman, номи маҳал) биравад. Ин роҳро бо аспу шутур тай карданд. Рӯзи аввал 37 мил бо асп рафтанд. Иқбол ҳеҷ вақт қаблан одат надошт, ки аспсаворӣ кунад, ба ҳар ҳол, бисёр талош кард ва саранҷом ташвиши Иқбол ба поён расид ва дидори Шайх Ато Муҳаммад ҳосил шуд. Дар ин давра Иқбол як шеър бо номи «Барги гул» навишта, барои Хоҷа Ҳасани Низомӣ фиристод, ки бар сари мазори Хоҷа Низомиддин Авлиё хонда шавад.*** Ин шеър бар сари мазор хонда шуд ва баъдан онро навишта, ба рӯйи дари мазор часпонданд.[15]

Тарҷумаи шеър:

Шумо рӯзидиҳандаи Ҳинд ҳастеду дарбори бузург доред,
Кош каме аз ин дарбори гавҳарбор ба ман дода шавад.****

Иқбол дар он замон тибқи одати маъмулӣ таътилоти худро дар Сиёлкут, назди волидайн ё пеши аҳлу аёл мегузаронид. Дар августи 1904 барои чанд муддате назди Шайх Ато Муҳаммад ба Айбатобод рафт. Он ҷо бо исрори дӯстон дар бораи мавзӯи зиндагии миллӣ (ҳаёти миллат) суханронӣ намуд. Шеъри «Бонги даро» ба унвони «Абр дар Айбатобод» навишта шуд. Баъд аз бозгашт аз Инглистон тақрибан панҷ-панҷу ним сол дар «Бҳатай Дарвоза» иқомат дошт. Вале дар ин давра ҳамсару фарзандонаш назди ӯ набуданд. Ӯ дар он ҷо танҳо зиндагӣ мекард. Алӣ Бахш барои ӯ ошпазӣ мекард ва дар хидмати ӯ буд. Дӯстону ошноён ва донишҷӯён ба дидори ӯ меомаданд ва базми шеъру сухан оғоз мешуд. Алӣ Бахш ӯчоқро дармегиронд, то ки чилими Иқбол тоза ба тоза ба ӯ дода шавад.

Дар он замон дар Лоҳур рӯзномаҳову маҷаллаҳо зиёд набуданд, ду рӯзномаи англисизабон чоп мешуд. Рӯзномаи англисии «Сивил энд милитари газзет», ки англисҳо онро мехонданд ва маҷаллаи ҳафтагии «Трибун», ки хостаҳои ҳиндуҳоро баён мекард. Ду ё се рӯзномаи урдузабон низ буд: «Ахбори ом», «Ватан», «Пайсаахбор», вале чопи онҳо маҳдуд буд. Апрели соли 1901 Шайх Абдулқодир моҳномаи адабии «Махзан»-ро таҳия мекард. Дар ҳамин сол Фавқ маҷаллаи ҳафтагии «Панҷаи фӯлод»-ро мунташир кард. Баъд аз чанде таътили он, соли 1906

* Sub Divisional Officer Military Works.
** Political Agency.
*** Вафоташ 725 ҳичрӣ.
**** Дар матни форсӣ ба ҷойи калимаҳои «ҳастед» ва «доред» «ҳастӣ» ва «дорӣ» омадааст (А.Б.).

моҳномаи «Кашмирӣ мэгэзин»-ро таҳия кард, ки он соли 1912 ба ҳафтаномаи «Ахбори Кашмирӣ» табдил ёфт. Таҳти сарпарастии Фавқ муддате «Ахбори Кӯҳнур», «Рисолаи тариқат», «Низом» ва ғайра ҳам чоп шуданд.[16]

Шеърҳо ва мазомини Иқбол бештар дар «Махзан» чоп мешуданд. Ҳамчунин дар «Пайсаахбор» ва рӯзномаҳои Фавқ низ ба табъ мерасиданд. Дар ашъори ӯ мавзӯоти манозири табиат, ҳусну ҷамол, ҳубби ватан, ҷазбаи миллии ватанӣ (миллигароӣ) бештар аҳаммият пайдо карда буданд. Табъаш мутағаййир буд, ҳар амре, ки дар ӯ кашиш эҷод мекард, дар бораи он шеър мегуфт. Вале ба таври умум, дар каломи ӯ вусъати афкор, умқу танаввӯи калом вуҷуд дошт.

Агарчи Сэр Сайид мусалмононро аз дахолат ба сиёсат боз медошт, вале дар табақаи таълимёфтаи мусалмонон бедории сиёсӣ, безорӣ аз ғуломӣ ва орзуи озодӣ бештар шуд. Азбаски ҳиндувон аксариятро ташкил медоданд ва дар майдонҳои иқтисоду таълим аз мусалмонон бартарӣ доштанд, бад-ин сабаб мусалмонон ақибмонда буданд. Илова бар Конгресси Ҳинд, дар соли 1900 дар Лоҳур «Ҳинду Маҳа Сабҳа»* ҳам таъсис карданд. Соли 1905 Лорд Карзен дастури тақсими Банголаро дод. Музофоти қадимаи Бангола қисматҳои Биҳор, Ориса ва Ассамро ҳам шомил буд ва пойтахти он Калкутта буд. Азбаски аз лиҳози интизомӣ идораи умури ин музофот мушкилоте дошт, бинобар ин он ба ду қисмат тақсим шуд. Банголаи Шарқӣ Ассам ва Банголаи Ғарбӣ шомили Биҳор ва Ориса буд. Дар наҳзати Банголаи Шарқӣ мусалмонон аксариятро ташкил медоданд ва ин тақсим барои поён додан ба ақибмондагӣ ва пешрафти иқтисодии он хуб буд. Вале дар Ҳиндустон мусалмонон ҳеҷ гурӯҳи сиёсӣ надоштанд, ки мусалмононии Банголаро барои тарафдорӣ аз тақсимоти он ташвиқ намояд. Ба ҳар ҳол, таҳти сарпарастии Конгресс ҳиндувони Бангола сар ба мухолифат заданд ва аз ин масъала изҳори нигаронӣ карданд. Дар соли 1911, вақте ки подшоҳи Инглистон Ҷорҷи V ба Деҳлӣ омад, масъалаи тақсими Бангола мансух гардид ва ба ҷойи Калкутта Деҳлӣ пойтахт шуд.

Иқбол дар ин мавзӯъ қитъае нигошт:[17]

Тарҷумаи шеър:

Захми қалби Бангол билохира дармон шуд,
Он фарқе, ки миёни кофиру мӯъмин буд, аз байн рафт.
Тоҷи шоҳӣ аз Калкутта ба Деҳлӣ расид,
Ба оқо кафш доданду кулоҳашро бардоштанд.

Ба назари гурӯҳи ҷадиди таълимёфта, ин ҳақиқат мисли рӯзи равшан буд, ки англисҳо ва дигар миллатҳои аврупоӣ ба иллати ҷазбаи миллигароӣ пешрафт карданд. Аз ин рӯ, онҳо фикр мекарданд, ки агар дар онҳо низ ҷазбаи миллигароӣ пайдо шавад, дар радифи миллатҳои истиқлолёфта ва пешрафта қарор хоҳанд гирифт. Иқбол ба гурӯҳи таълимёфтагони ҷавон дохил мешуд ва мавҷи миллигароӣ ӯро ҳам бо худ бурд. Иқбол аввалин шоире буд, ки дар нимҷазира ҷазбаи миллигароиро нуру равшанӣ бахшид. Халифа Абдулҳаким менависад:[18]

«Чун мазҳабу ватани ҳиндувон бо вуҷуди ноҳамоҳангиҳои фаровон бо якдигар вобаста ҳастанд, таҳрики ҳисси миллигароӣ дар онҳо қабл аз мусалмонон падидор гардид. Вале дар миёни ҳиндувон он шоире, ки битавонад ҷазбаи миллигароиро фурӯғ диҳад, пайдо нашуд, онҳо ҳеҷ таронаи махсуси миллигароёна надоштанд. Вақте ки Иқбол камоли шоиронаи худро барои фурӯғи он сарф кард, ҳиндувон беш аз мусалмонон аз он баҳра гирифтанд. Суханҳои Иқбол «Ҳиндустони мо аз ҳама ҷаҳон беҳтар аст»** дар тамоми кишвар машҳур шуд. Дар баъзе мадрасаҳои ҳиндувон ин таронаро қабл аз оғози дарсҳо дастҷамъона мехонданд.

* Hindu Maha Sabha – Анҷумани ҳиндувон, ки барои эҳёи мазҳаби ҳиндуҳо таъсис ёфта буд.

** Ин тарона илова бар мақоми адабӣ, шӯҳрати сиёсиву иҷтимоии Иқболро ба дуртарин нуқоти нимҷазира расонд (тарона ба забони урду аст).

Иқбол ба мазҳабу фалсафа ва адабиёти ҳиндувон низ ошноии комил дошт. Ӯ шахсиятҳоеро, ки дар фазои рӯҳонии Ҳинд шинохта шудаанд, аз таҳти дил ситоиш мекард. Дар таронаи миллӣ барои кӯдакони Ҳиндустон ӯ Чаштӣ* ва Бобо Гуру Нанак** – ҳардуро паёмбарони тавҳиду Ҳақ ба қалам дод. Дар шеъри «Рам» дар ситоиши Рамчандр ашъоре суруд ва ӯро «Имоми Ҳиндустон» хонд. Иқбол аз ҳиндувон нафрат надошт ва ба онҳо бо чашми бад нигоҳ намекард. Ба назари ӯ, агар пешвоёни мазҳабии милали дигарро бо чашми бад нигарем ва аз рӯйи таассуб, амалкардҳои мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ононро мавриди ситоиш қарор надиҳем, хато хоҳем кард, ки ин дар шууни шахсиятҳои бузург нест.[19] Ӯ забони санскритро аз Свами Рам Тиртаҳа ёд гирифт ва кеши «Ҳинду»-ву фалсафаи «Видант»-ро *** мутолеа кард.

Муллое бар ӯ эътироз кард, ки «ашъори хуб менависад, аммо пойбанди аҳкоми шариат нест. Ҳам суфӣ асту ҳам ринд, мусалмон мебошад, вале ҳиндуро кофир намедонад. Каме ба ташайюъ гароиш дорад, зеро Алӣ(а)-ро ситоиш мекунад. Шеърро ибодат медонад. Шабҳо шарики рақсу сурур аст, вале субҳ Қуръон тиловат мекунад. Ӯ ҷавони покизаву мутаҳҳар аст, вале мисли шуаро аз ҳуснфурӯшон хиҷолат намекашад».

Дар ҳақиқат, ин ҷамъи аздодро чӣ метавон номид? Посухе, ки Иқбол ба ин ҳама пурсишҳо дод, кайфияти табиати ӯро дар он замон ошкор мекунад.[20]

Тарҷумаи шеър:

«Ман худам бо ҳақиқати худ ошно нестам,
Оби баҳри хаёлоти ман бисёр амиқ аст.
Ман худам мехоҳам, ки Иқболро бубинам,
Дар ҳаҷри ӯ хеле гирён будаам.
Иқбол ҳам аз Иқбол комилан огоҳ нест,
Дар ин амр ҳеҷ истеҳзо нест, ба Худо, ки нест».

Аҳли забон бар равиши ҷадиди Иқбол эътироз карданд. Рӯзномаи «Авадҳ Панҷ» (Oudh Panj) дар ин маврид мақолаҳои танқидӣ ба табъ расонд. Иқбол дар ҷавоби он як шеър ба унвони «Забони урду дар Панҷоб» навишт, ки он дар «Махзан» чоп шуд. Аммо ҳама чунин фикр намекарданд. Аз ҷумла, назари Солик чунин буд, ки гарчи синни Иқбол 25-30 солро ташкил медод, вале ба далели мутолеаи бисёр ва табаҳҳур дар улуми ғарбӣ, ӯ дар забони форсиву урду ва сурудани ашъор ба ҳарду забон маҳорати комил дошт.[21]

Ба иллати вобастагӣ бо Анҷумани мусалмонони кашмирӣ, Иқбол бо шахсиятҳои бузурги ин анҷуман ошно буд. Аз соли 1896 ӯ дар ҷаласоти он ширкат мекард ва ашъори худро мехонд. Ин анҷуман соли 1896 ба хотири се ҳадаф бунён гузошта шуд: Ислоҳи одоти арӯсӣ ва азодорӣ; Таълими саҳеҳ барои мусалмонони кашмирӣ; Ривоҷи тиҷорат, саноат, касбу ҳунар ва эҷоди якпорчагӣ дар миллат.

Рӯйдодҳои ин анҷуман дар моҳномаи «Кашмирӣ газзет» чоп мешуд, ки таҳти сарпарастии Фавқ, Ҷонмуҳаммад Гуноӣ онро идома дод. Иқбол мудири ин анҷуман буд ва пас аз бозгашт аз Аврупо мудири умумӣ шуд. Дар асоси ин анҷуман Конфронси Умумиҳиндустонии мусалмонони Кашмир дар Лоҳур (All Indian Muslim Kashmiri Conference, Lahore) по ба арсаи вуҷуд гузошт. Он боиси бедории сиёсии

---

* Хоҷа Муайяниддин Чаштии Аҷмирӣ (537-632 ҳичрӣ) тариқаи чаштии тасаввуфро поягузорӣ кард. Вай сарсилсилаи чаштиёни нимҷазира мебошад. Ӯ донишманд, мубаллиғ, суфӣ ва муршиди бузург буд, ки дар шеъру сухани форсӣ ҳам даст дошт. Ӯ дар қасабаи Санҷари Систон таваллуд ёфт, бинобар ин ӯро «Санҷарӣ» низ меноманд.

** Гурунанк – нахустин пешвои мазҳабии сикҳҳо, дар деҳкадаи Талвандӣ, дар ноҳияи Шекҳупура таваллуд шуд. Аввалин ваъзи ӯ чунин оғоз шудааст: «Ҳеҷ кас на ҳинду асту на мусалмон, Худо ҳамаи моро ба сурати инсон халқ кардааст ва мо аввал инсон ҳастему сипас бародар, ки фарзандони Худои ягонаем».

*** Фалсафаи илоҳии ҳиндувон.

кашмириён шуд ва дар риштаи омӯзиш корҳои зиёди қобили назарро анҷом дод. Иқбол аввалин мудири умумии ин конфронс буд. Вақте ки дар соли 1918 Иқбол эҳсос кард, ки мусалмонон ҳадафи ухуввати ҷаҳониро тарк карда, дар маҳдудаи бародариҳо афтодаанд ва дар натиҷаи ин амал, сиёсати миллӣ асари бадеро пазируфтааст, вобастагии хешро аз он қатъ кард.[22]

Дар ин замон Иқбол ба сабаби вобастагӣ ба Анҷумани ҳимояти ислом шоири милливу мардумӣ шуд. Вай 12 ноябри 1899 узви қувои интизомии ин анҷуман шуд ва он қадар ба он дилбастагӣ дошт, ки то охири умр онро тарк накард.[23] Анҷумани ҳимояти ислом дар Лоҳур соли 1884 таъсис ёфт, ки аҳдофи он чунин буд: ҷилавгирӣ аз таблиғи масеҳиён, сохтани мадрасаву донишкадаҳо барои мусалмонон ва таълими улуми қадиму ҷадид дар онҳо, таъсиси муассисоту идораҳо барои таъмини тарбияти кӯдакони ятиму бепарастор, интишори китобҳои исломӣ.

Иқбол аввалин бор дар ин анҷуман 24 феврали 1900 шеъре таҳти унвони «Нолаи ятим» хонд. Садри маҷлис – Шамсулуламо Мавлоно Назир Аҳмад* буд. Иқбол чунон бо сӯзу гудоз ҳолати ятимеро муҷассам сохт, ки ҳама гирён шуданд.[24]

Хоҷа Муҳаммад Ҳаёт менависад: «Вақте ки Иқбол ин шеърро мехонд, Муншӣ Абдулазиз аз «Пайсаахбор» монеъ шуд, то теъдоде аз шеърҳо, ки чоп шуда буд, фурӯхта шавад. Нархи як ҷилдро 4 рупия гуфт. Ҳама ба фурӯш рафт, вале мардум бештар мехостанд ва баъзе одамон шумораҳои харидоришударо ба анҷуман ба таври ҳадя баргардониданд, ба шарте ки ҳар ҷилд аз 50 рупия камтар фурӯхта нашавад. Падари Иқбол он рӯз як ҷилдро ба 16 рупия харид. Вақте ки шеър ба поён расид, раиси маҷлис гуфт: «Ман худам шеърҳои «анису дабир»-ро бисёр шунидаам, вале шеъре, ки имрӯз шунидам ва асаре, ки ин шеър бар қалбам гузошт, ҳаргиз ҳис накарда будам». Бо исрори мардум Иқбол шеърро дубора хонд.[25]

Баъд аз ин Иқбол шеърҳои дигари худро низ дар ҷаласоти ин анҷуман мехонд.

Қабл аз он ки Иқбол ба Лондон равад, ба Сиёлкут омад, бо Сэр Сайид Ҳасан дар бораи таҳқиқ машварат кард. Бо падару модар ва бародари худ худоҳофизӣ карду ба Лоҳур баргашт. Аз истгоҳи роҳи оҳани Лоҳур ӯро дӯстонаш гусел карданд. Ӯ шаби 1 сентябри 1905 ба Деҳлӣ омад. Дӯстонаш Найрангу Шайх Муҳаммад Икром ҳамроҳи ӯ то Деҳлӣ омаданд. Субҳи севвуми сентябр ӯ ба Бамбай омад ва дар он ҷо се рӯз иқомат гузид.

7 сентябри 1905 Иқбол ба киштӣ савор шуд. Тамоми тафсилоти сафарро ӯ дар хотираҳои худ сабт кардааст. Иқбол менависад:[26]

«Завқу салиқаи фаронсавӣ аз бузургии ин киштӣ аён аст... Дар миёни кормандон чанд нафар сиёҳпӯст ҳам ҳастанд, ки мусалмон буда, ба забони арабӣ гуфтугӯ мекунанд. Коркунони фаронсавии киштӣ хушахлоқанд. Барномаи хӯрду нӯш ҷолиб аст... Чизе, ки қалбро дар мусофират бо киштӣ бештар таҳти таъсир нигоҳ медорад, манзараи баҳр аст... Манфиати бузурги ахлоқии мусофирати баҳрӣ ин аст, ки вақте одамӣ мавҷҳои ваҳшатноки баҳр ва вусъати хавфноки онро мебинад, аз дидани он одами мағрур яқин мекунад, ки ӯ, дар ҳақиқат, ҳеҷ аст.»..

Рӯзи 12 сентябр киштӣ ба Адан расид. Иқбол бар асари гармии ҳаво аз киштӣ берун наомад. Чанд соат пас киштӣ аз баҳри Сурх гузашта, ба Суэтс (номи канал дар Миср, ки баҳрҳои Сурх ва Миёназамин, яъне қитъаҳои Осиё ва Аврупоро ба ҳам пайваст мекунад – А.Б.) омад. Иқбол менависад:[27]

«Вақте ки мо ба Суэтс расидем, теъдоди зиёде аз мағозадорони мусалмон ба киштии мо омаданд ва дар аршаи киштӣ як бозоре ба вуҷуд омад. Ман хостам, ки аз як ҷавони мисрӣ чанд сигор харам ва дар сӯҳбат ба ӯ гуфтам, ки ман мусалмонам. Вале чун дар сарам кулоҳи англисӣ буд, ӯ ҳарфҳои маро қабул накард. Ба ман гуфт:

---

* Мавлавӣ Назир Аҳмад (вафоташ 1912) мутарҷими Қуръони Маҷид аст. Ду китоби дигар ба номи «Иттиҳод» ва «Матолиби Қуръон» дорад. Вай ҳамчунин ҳикоёти кӯтоҳе бар асоси қисаси исломӣ нигоштааст.

Чаро кулоҳи англисӣ ба сарат гузоштӣ? Ба ӯ ҷавоб додам: Оё бо пӯшидани кулоҳи англисӣ ислом аз байн меравад?* Гуфт, ки агар марди мусалмон риш надошта бошад, ӯ бояд кулоҳи туркӣ, яъне «тарпӯш» бипӯшад, варна дигар аломати ислом чист? Аммо вақте чанд оят аз Қуръон барояш тиловат кардам, ба исломи ман мӯътақид шуд ва дастамро бӯсид. Ҳамаи мағозадоронро ба ман муаррифӣ кард. Онҳо ба даври ман ҳалқа заданду «Мошоллоҳ» гуфтанд ва вақте мақсади сафари маро фаҳмиданд, дуо карданд... Пас аз чанде онҳо моро тарк карданд ва киштии мо ба канали Суэтс ворид шуд. Ин канал, ки як муҳандиси фаронсавӣ** онро сохтааст, аз аҷойиботи дунёст.

Бар зиндагии рӯҳонии дунё Маҳатма Будда*** он қадар асар нагузоштааст, ки техникаи ғарбӣ бар тиҷорати кунунии мо асар гузоштааст. Ҳазорон нафар соатҳо кор мекунанд, то ки канал тоза бошад... Мо Ҳанӯз ба Порт Саид нарасида будем, ки хабаре шунидем, ки як киштии пур аз маводи мухаддар таркида, ғарқ шудааст. Чанде баъд пораҳои онро дидем, ки рӯйи канал шино мекард. Вақте ки ба Порт-Саид расидем, ман бо як ҳамсафари порсии худ ба қаиқ нишаста, барои гардиш ба бандар рафтам. Мадрасаву масҷидҳо, муҷассамаи созандаи канал (Фердинанд де-Лессапс)-ро ҳам дидам. Ба ҳар ҳол, гардиши хубе буд. Вақте ба киштӣ баргаштам, манзараи аҷибе дидам: рӯйи аршаи киштӣ се хонуму ду ҷаноби итолиёӣ вейлан (скрипка) менавохтанд ва базми рақсу суруд дар авҷ буд. Яке аз онҳо духтаре буд, ки тақрибан 13-14-сола ва бисёр зебо буд. Ман бояд ба ростӣ эътироф кунам, ки ҳусни он духтар барои чанд муддате бар ман асари амиқе кард. Вале вақте ки ӯ дар як бушқоби хурд (табақча) аз мусофирон инъом талаб кард, ҳама асаре, ки гузошта буд, аз байн рафт. Зеро ба назари ман, ҳусне, ки рӯяш пардаи бениёзӣ нест, аз зишт ҳам зишттар аст...

Дар ибтидои баҳри Миёназамин манзараи баҳр бисёр ҷолиб буд. Дар ҳаво ончунон ҳолате буд, ки номавзуниҳои табиат ҳам мавзун мешавад. Дар ман ҳолати шеър гуфтан ба вуҷуд омад ва як ғазал навиштам.[28]

Баъд аз шаш рӯз ба Марсел расидем. Аз он ҷо бо қатора ба сӯйи шимоли Фаронса раҳсипор шудем. Пас аз як шаб ба гулӯгоҳи Ла-Манш**** расидем ва аз он убур карда, ба Лондон омадем. Нигоҳи тезбини Шайх Абдулқодир маро бо вуҷуди он ки либоси англисӣ пӯшида будам, аз дур шинохт, давиду маро ба оғӯш гирифт».

Иқбол 24 сентябри 1905 ба Лондон расид. Як шаб дар хонаи Шайх Абдулқодир иқомат кард ва 25 сентябр ба Кембриҷ рафт.

---

* Илму фанро, эй ҷавони шӯху шанг, Андар ин раҳ ҷуз нигаҳ матлуб нест,
Мағз мебояд, на малбуси Фаранг. Ин кулаҳ ё он кулаҳ матлуб нест.

** Ин муҳандиси фаронсавӣ бо номи Фердинанд Де-Лессапс (Ferdinand de Lessaps) соли 1869 тарҳи ҷадиди каналро ба амал татбиқ кард. Ногуфта намонад, ки аввалин бор қисмате аз ин канал тавассути эрониён боз шуд.

*** Маҳатма лақаби Будда буда, ба маънии «Рӯҳи Бузург» аст.

**** Дар матн «дарёи Монш» – баҳри Манш омадааст, ки дуруст нест. Қитъаи обие, ки миёни Фаронса ва Британиё мавҷуд аст, бо номи гулӯгоҳи Ла-Манш (ба англисӣ номи он The English Channel – канали Инглистон аст) ёд мешавад (А. Б.).

ФАСЛИ ҲАФТУМ

Аврупо

Иқомати Иқбол дар Аврупо ба таври умум се сол тӯл кашид. Шарҳи зиндагии ӯ дар ин замон аз рӯйи навиштаҳои худи ӯ, мушоҳидаҳои Атия Файзӣ* ва Сэр Абдулқодиру чанд тани дигар ба риштаи таҳрир дароварда мешавад.

Тибқи қавоиди Донишгоҳи Кембриҷ сабти номи Иқбол дар он қаблан аз тарафи Арнолд анҷом гирифта буд. Азбаски Иқбол дар зумраи донишҷӯёни фавқуллисонс буд ва бурси таҳқиқӣ дошт, шарт набуд, ки дар хобгоҳи дохили бинои донишкада иқомат намояд. Бинобар ин, дар Кембриҷ чанд муддат дар хиёбони Кастл (Castle) шумораи 10 ва баъд аз он дар хиёбони Ҳанттингдон (Hunttingdon), шумораи 90 иқомат гузид. Соли таҳсилии донишгоҳи Кембриҷ аз семестри Майклмэз (Michaelmas) аз аввали октябр шурӯъ мешавад, аз ин рӯ Иқбол дар ҳамин семестр ба фаъолият шурӯъ кард. Тариқи кор дар донишгоҳҳои ғарбӣ барои таҳсил дар риштаи докторӣ чунин аст, ки муҳаққиқи бурсгирифта аз як донишкада пазириш мегирад ва баъд аз иқомат гузидан дар донишгоҳ ва интихоби мавзӯи таҳқиқӣ, номи худ ва номи роҳбари илмиро дар дафтари донишгоҳ сабт мекунад. Муддати таҳқиқ се сол тӯл мекашад. Дар ин давра муҳаққиқ бештар аз китобхонаҳои мухталиф истифода мекунад ва барои мавзӯи таҳқиқӣ матолиби зарурӣ ҷамъ мекунад. Моҳе як бор бо роҳбари илмии худ сӯҳбат карда, аз ӯ раҳнамоӣ мегирад ва таҳқиқотеро, ки дар ин муддат анҷом додааст, барои изҳори назар ба устоди худ пешкаш мекунад. Ин кор то замоне идома меёбад, ки мақолаи таҳқиқӣ дар шакли ниҳоӣ навишта шуда, ба донишгоҳ пешкаш шавад. Пас аз муддате донишҷӯи муҳаққиқ барои имтиҳони забон назди устод меравад, ки он як-ду соат тӯл мекашад. Пас аз изҳори назари устод ва додани гузориш, донишҷӯ аз донишгоҳ хабар мегирад, ки оё барои гузаронидани рисолаи докторӣ пазируфта шудааст ё не.

Чунин ба назар мерасад, ки баъд аз иқомат кардан дар Кембриҷ Иқбол дар бораи мавзӯи таҳқиқии худ дар Донишгоҳи Мюнхен сабти ном карда бошад. Ӯ дар ин бора менависад:[1]

«Мақолаи худро ба Донишгоҳи Мюнхен арза кардам. Ба ман иҷозат доданд, ки мақолаи худро ба забони англисӣ бинависам. Маъмулан онҳо мехоҳанд, ки мақола ба забони олмонӣ навишта шавад, вале ба ман бо супориши устодонам аз Донишгоҳи Кембриҷ ба таври истисно инро иҷозат доданд. Имтиҳони забон барои докторӣ (Ph.D.) аз забони олмонӣ буд, ки ман дар даврони иқомати худ дар Олмон ёд гирифта будам».

Ҳамзамон бо таҳсили фалсафа дар Донишкадаи ҳуқуқи Линколн Инн (Lincoln's Inn) низ сабти ном кард. Барои ин иқомат дар Лондон ва иштирок дар дарсҳо маҷбурӣ набуд. Тибқи муқаррарот вазифаҳоро гирифта, баъд аз ширкат дар чанд нишасти илмӣ, донишҷӯ метавонист давраи таҳсилро ба поён расонида, шаш имтиҳон супорад. Имтиҳонҳоро метавонист якҷоя ё алоҳида-алоҳида супорад. Чунин имтиҳонҳо дар як сол 3-4 маротиба дар «Инз оф Сорт» (Inns of Court) дода мешуд.

---

* Атия Бегим, ки бо номи шавҳариаш – Атия Файзӣ машҳур гаштааст, аз занони таҳсилкарда ва донишманди Ҳинд ба шумор меравад. Маҷмӯаи номаҳои мутабодил байни вай ва Иқбол аз лиҳози мутолеаи рӯҳияи Аллома Иқбол бисёр муассир аст. Маҷмӯаи ин номаҳо ба забони англисӣ дар Деҳлӣ чоп шудааст.

Иқбол 6 ноябри соли 1905 ба Линколн Инн* қабул шуд. Имтиҳонҳоро чӣ хел супоридани Иқбол маълум нест, фақат ҳаминаш аниқ аст, ки ӯ дипломи хешро июни соли 1908 ба даст овард. Мегӯянд, ки Иқбол аз Кембриҷ фавқуллисонс гирифт, вале ин аниқ маълум нест. Шояд бо иҷозаи хусусӣ дар Кембриҷ дар дарсҳои Мак Таггерт (Mac Taggert), Вайтҳед(Witehead), Ворд (Ward), Браун** ё Николсон*** ширкат карда бошад.

Ба назари роқим (Ҷовид Иқбол), бо супориши Арнолд ин устодон дар бораи Иқбол ба Донишгоҳи Мюнхен тавсияномa доданд.[2]

Иқбол бо ҳамаи онҳо робитаи дӯстона дошт. Баъд аз бозгашт аз Инглистон, ӯ бо Мак Таггерт ва Николсон мукотиба мекард. Ӯ ба фалсафаи Мак Таггерт як мақола ҳам навишт.[3]

Дар даврони иқомат дар Кембриҷ яке аз мушкилоти Иқбол забҳ (куштан)-и исломии мол буд. Ӯ менависад:[4]

«Вақте ки ман ба Инглистон рафтам, ба доктор Арнолд арз кардам, ки иқомати ман дар он ҷо тавре бошад, ки барои забҳи исломии мол имкон дошта бошам. Дар Аврупо танҳо яҳудиҳо моли куштаи худро мехӯранд. Аз ин рӯ, дар манзили як яҳудӣ иқомат гузидам. Дар ин хонавода хубиҳои зиёде буд. Намози худро мураттаб мехонданд. Ман ба онҳо гуфтам, ки чун мусалмон ҳастам ва аз ин назар Ҳазрати Мӯсоро қабул дорам, пас метавонам равиши онҳоро ҳам қабул кунам. Вале пас аз чанде дилам аз он мардум монд. Вақте фаҳмидам, ки онҳо аз мағозадорон барои хариди ашёи зарурӣ, ки ман ба онҳо эҳтиёҷ доштам, ҳаққу ҳисоб мегиранд, робитаи худро аз онҳо кандам».

Иқбол менависад:[5] «Дар айёми донӯшҷӯӣ дар Инглистон ҳамеша бо худ офтоба доштам. Ҳар вақт ки барои рафъи ҳоҷат ба ҳоҷатхона мерафтам, онро бо худ мебурдам. Пас аз чанде соҳибхона аз ман пурсид (ин хонум тақрибан 50-сола буд ва ба ман хеле меҳрубонӣ мекард): Ин чист, ки Шумо ҳамроҳи худ ба ҳоҷатхона мебаред? Ман гуфтам, ки ин аз усули таҳорати исломӣ аст. Баъд аз қазои ҳоҷат фақат коғазу муште хок кофӣ нест, балки назофат (тозагӣ, шустушӯ) бо об лозим аст. Бар асари баҳсе, ки дар ин мавзӯъ даргирифт, усули таҳорати исломӣ ва ҳаммомро ба ӯ баён кардам». Иқбол барои мавзӯи таҳқиқӣ «Такомули фалсафаи мобаъдуттабиа (метафизика) дар Эрон»-ро интихоб кард. Аз ин рӯ, ӯ аз ибтидо барои таҳқиқ дар бораи тасаввуф, ба шавоҳиди қуръонӣ ниёз дошт. Дар ин маврид 18 октябри 1905 ба Хоҷа Ҳасани Низомӣ ба ин мазмун мактубе фиристод:[6]

«Ҳама оётеро, ки дар бораи тасаввуф дар Қуръон ҳаст, ба иттилои ман бирасонед. Дар ин маврид Шумо бо Қорӣ Шоҳ Сулаймон ва ё каси дигаре машварат карда, барои ман ҷавоби муфассал бифиристед. Ба ин навишта ниёзи мубрам дорам. мисли ин ки кори худи Шумо аст... Агар Қорӣ хост, ки собит кунад, ки ин масъалаи ваҳдати вуҷуд. яъне тасаввуф дар оёти қуръонӣ дида мешавад, кадом оёти қуръониро нишон хоҳад дод? Чи тавр онҳоро тафсир хоҳад кард? Оё метавонад собит кунад, ки тасаввуф аз лиҳози таърихӣ ба ислом тааллуқ дорад? Оё ба Ҳазрати Муртазо Алӣ (а) омӯзиши пинҳонӣ дода шуда буд? Ба ҳар ҳол, ман ҷавоби ин суолҳоро аз лиҳози

---

* Ин ҳамон Донишкадаест, ки Қоиди Аъзам Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ низ таҳсилоти олии ҳуқуқро дар он ҷо ба поён расонд. Иқбол ҳам дипломи маълумоти ҳуқуқ ва иҷозаи фаъолияти адвокатиро аз ҳамин донишкада гирифтааст, ҳамон дараҷае, ки дар Лоҳур аз ӯ дареғ доштанд.

** Браун Е. Г. (Browne E. G.) – мусаннифи «Таърихи адабиёти Эрон» дар чор ҷилд, ки яке аз кутуби ҷомеъ дар ин бора мебошад. Дар ҳамсӯҳбатӣ бо ин устоди адаби форсӣ Иқбол барои сурудани ашъори форсӣ омодагӣ пайдо намуд ва шояд дар ҳамин замон барои баёни назароту афкори вижаи хеш ба эҷоди ашъори форсӣ шурӯъ карда бошад.

*** Николсон Р.А. (Nicholson R.A.) – шореҳу мутарҷими «Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ. Вай «Асрори худӣ»-и Иқболро ба англисӣ тарҷума ва мунташир намуд, ки боиси густариши шӯҳрати Иқбол дар Аврупо ва Амрико гардид. Шояд натиҷаи асари таълимоти Николсон ва Браун буд, ки Иқбол ба ҷойи мазомини одии табиат, шеъри худро аз мазомини ирфониву иҷтимоии исломӣ пурбор кард.

ақливу нақлӣ ва таърихӣ мехоҳам. Ман каме матлаб дар ин бора ҷамъ кардам, вале кӯмаку назари Шумо ва оқои Қориро лозим медонам».

Дар таътилот бештари донишҷӯёни донишгоҳ ё ба хонаҳои худашон мерафтанд, ё барои истироҳат ба кишварҳои Аврупо сафар мекарданд. Аммо Иқбол ғолибан наметавонист харҷи изофӣ дошта бошад, бинобар ин таътилоти худро бештар бо кори таҳқиқотӣ мегузаронд. Дар он замон Сайид Алии Белгиромӣ (1851-1911) – аҳли Ҳайдарободи Дакан, устоди забони мараҳнай (забони маъмулии музофоти Бамбай) буд. Ӯ бо таълифоти худ – «Таърихи тамаддуни араб» ва «Таърихи тамаддуни Ҳинд» машҳур буд. Иқбол бо ӯ робитаи дӯстона дошт ва хонаи ӯ дар Кембриҷ маркази фаъолиятҳои донишҷӯёни нимҷазира буд.[7] Иқбол бештар вақти худро бо Белгиромӣ мегузаронд ва ё ба хонаҳои дӯстони англисаш мерафт. Дар ин бора Иқбол мегӯяд:[8]

«Дар яке аз таътилот бо яке аз ҳамсинфонам ба ватани ӯ рафтам. Хонаи ӯ дар як деҳи дурдасти Шотландия буд. Чанд рӯз дар хонаи онҳо будам. Рӯзе маълум шуд, ки мубаллиғе, ки аз Ҳиндустон омада буд, мехоҳад шабона дар мадрасаи деҳ суханронӣ кунад. Сухан дар бораи он буд, ки дини масеҳият то чӣ андоза дар Ҳинд густариш меёбад. Ману мизбони ман ҳарду барои шунидани сухани ӯ рафтем. Мубаллиғ гуфт: «Ҳинд сесад миллион аҳолӣ дорад, вале онҳоро наметавон инсон номид. Аз лиҳози хислату одат, аз назари тамаддун инсонҳои бисёр паст ба шумор мераванд, фақат андаке аз ҳайвонот болотаранд. Мо бо ҷидду ҷаҳду талош тайи солҳои дароз ин инсонҳои ҳайвоннаморо бо тамаддун ошно кардем. Вале кор хеле васеъ ва муҳим аст. Шумо ба созмони мо пул бидиҳед, то дар ин кори муҳим, ки барои банӣ башар шурӯъ кардаем, муваффақ шавем. Ин мубаллиғи масеҳӣ ба василаи фонуси шаъбада* аксҳои ҳиндувонро нишон дод. Он аксҳо аз Биҳил, Гунд, Даровар** ва мардуме буданд, ки дар ҷангалҳои Арбасаҳ ба таври нимбараҳна зиндагӣ мекарданд. Дар ҳақиқат, ин аксҳо хеле зишт буд. Вақте ки суханронӣ тамом шуд, ман аз ҷо бархоста, аз раиси маҷлис хостам, ки сухан бигӯям. Ӯ ба ман иҷоза дод ва ман 25 дақиқа бо ҳаяҷон сӯҳбат кардам. Ба шунавандагон гуфтам: «Ман саропо ҳиндӣ ҳастам. Ширави хамири ман аз ин сарзамин аст. Шумо метавонед аз зоҳири ман, аз рангу сурати ман ва аз одобу хислати ман ин ҳақиқатро дарёбед. Ман бо забони шумо бо ҳамон равонӣ сӯҳбат мекунам, ки мубаллиғ ҳақоиқу маорифи он ҷоро баён намуд. Ман дар Ҳинд таҳсил кардаам ва акнун барои таҳсилоти олӣ ба Кембриҷ омадаам. Шумо аз сурату суханони ман метавонед дарёбед, ки он чӣ мубаллиғ дар бораи мардуми нимҷазира гуфт, то чӣ андоза дуруст аст. Ҳақиқат ин аст, ки Ҳинд дар шарқи Осиё як кишвари муҳаззабу мутамаддин аст, ки тайи қарнҳо парчами таҳзибу илмро афрошта нигоҳ доштааст. Агарчи мо аз назари сиёсӣ таҳти истеъмор қарор дорем, вале адабиёти мо аз они мост. Тамаддуни мо моли худамон аст. Таъриху фарҳанги мо аз ҳеҷ назар аз таъриху фарҳанги кишварҳои Ғарб камтар нест. Оқои мубаллиғ фақат барои ин эҳсосоти шуморо барангехта, ки ҷайбҳои шуморо холӣ кунад». Бо тамом шудани суханони ман ранги маҷлис дигаргун шуд. Мардум бо ман ҳамовоз шуданд ва мубаллиғ, ки хеле маъюс шуда буд, ҷасаласаро дасти холӣ тарк кард».

Дар ин замон Иқбол барои ширкат дар шабнишиниҳои илмии Линколн Инн ё барои имтиҳоноти дарсҳои ҳуқуқ гоҳ-гоҳ ба Лондон меомад. Дар Лондон ӯ дар манзили Сэр Абдулқодир ва ё ҷойи дигар иқомат мекард.[9] Ҳамин тариқ, дар яке аз сафарҳояш, 1 апрели соли 1907 дар манзили Мисс Бек (Miss Beck) бо Атия Файзӣ мулоқот кард. Мисс Бек хоҳари мудири Донишкадаи Алигарҳ – оқои Бек буд. Ӯ дар Лондон манфиатҳои донишҷӯёни ҳиндиро ҳимоя мекард. Бо онҳо мисли модар рафтор мекард. Атия Файзӣ Иқболро натанҳо бо забони форсиву арабӣ, балки бо санскрит низ ошно сохт. Иқбол бисёр ҳозирҷавобу зиндадил буд ва шӯхиҳои зиёд мекард. Зимни сӯҳбат ӯ Ҳофизро бисёр ситоиш карду гуфт: «Вақте ман дар бораи

* Magic Lantern - фонуси ҷодуӣ.
** Номи қабилаҳо, ки дар музофоти Арбасаҳ зиндагӣ мекунанд.

Ҳофиз фикр мекунам, рӯҳи Ҳофиз дар ман ҳулул мекунад ва ба ростӣ, ман худ Ҳофиз мешавам».*

Баъд аз чанд рӯз Иқбол Атия Файзиро ба ресторан даъват кард. Барои интихоби ғизо ва зебоии гулҳо Атия Файзӣ ӯро ситоиш кард. Иқбол дар ҷавоб гуфт: «Шахсияти ман ду рӯ дорад: дар ботин назири суфӣ ва файласуфе ҳастам, ки дар рӯъёи зиндагӣ мекунад. Вале дар зоҳир марди амалу корам». Атия Файзӣ ҳам баъди чанде Иқболро барои хӯроки пешин ба манзили худ даъват кард. Дар ин меҳмонӣ донишҷӯёни риштаи адабиёту фалсафа, монанди хонум Силвестер (Silvester), хонум Леви (Levy) ҳам ширкат доштанд ва мусиқидононе, мисли Ормендал (Ormendal) ва Метстрот (Metztroth) ҳам дар он ҷо буданд ва ҳунарнамоӣ карданд. Иқбол ҳам бадоҳатан шеър хонд. Вақте Атия Файзӣ хост он шеърҳоро ёддошт кунад, Иқбол гуфт, ки ин шеърҳо фақат барои ин нишаст буд ва ҳоҷат ба ёддошти он нест.[10]

Иқбол ду ҳафта дар Лондон монд ва сипас ба Кембриҷ баргашт. Баъд барои бурдани Атия Файзӣ боз ба Лондон омад. 22 апрел Иқбол, Сэр Абдулқодир ва Атия Файзӣ ба Кембриҷ, ба манзили Белгиромӣ омаданд. Иқбол Атия Файзиро ба Белгиромӣ муаррифӣ кард. Атия Файзӣ ҳамон шаб ба Лондон баргашт.

Дар аввали июни 1907 Арнолд дар Кембриҷ, дар канори дарёи Кам барои тафреҳу истироҳат иқомат кард ва Атия Файзиро ба он ҷо даъват намуд. Иқбол ва чанде аз донишҷӯён ҳам он ҷо буданд. Баҳс дар бораи ҳаёту марг шурӯъ шуд. Ҳама назари худро мегуфт, вале Иқбол хомӯш буд. Вақте ҳама сокит шуданд, Арнолд аз Иқбол назари ӯро пурсид. Иқбол гуфт: «Ҳаёт ибтидои марг аст ва марг ибтидои ҳаёт». Пас аз ин ҷумла баҳс поён ёфт.[11]

Аз ҳафтаи аввали июн дар Кембриҷ соли таҳсил ба охир мерасад ва таътилот шурӯъ мешавад. Ба назари роқим (Ҷовид Иқбол), Иқбол то июни соли 1907, яъне тақрибан дар ҳудуди якуним- як солу ҳашт моҳ мақолаи таҳқиқии худро ба поён расонд ва онро ба Донишгоҳи Мюнхен ирсол намуд. Азбаски дар Кембриҷ иқомати зиёд лозим набуд, ӯ ба Лондон рафт. Дар он ҷо Иқбол чанд маротиба мақолаи таҳқиқии худро қисм-қисм барои фаҳмидани назари ӯ ба Атия Файзӣ нишон дод. Иқбол, умуман, дӯстони зиёд надошт, зиёд муошират карданро ҳам дӯст намедошт. Сэр Абдулқодир дар ин бора менависад:[12]

«Ду одати Иқбол дар Лондон равшан шуда буд: Яке кам муошират кардан, ки дар ашъори худ низ ба он ишора кардааст. Дуввум, камҳаракатӣ ва сустии ӯ. Ӯ барои рафтан ба ҷое бисёр ваъда медод, вале баъдан пушаймон мешуду мегуфт: Намехоҳам либос бипӯшам ва берун равам».

29 июн дар меҳмонии ташрифотии хонум Айлет Иқболу Атия Файзӣ низ ширкат доштанд. Дар ин асно хонум Саруҷинӣ Дас (баъдҳо Саруҷинӣ Наиду (Sarojini Naidu) – шоира ва сиёсатмадори машҳури Ҳинд) бо либоси заркубарқ ва ҷавоҳироти гаронбаҳову ороиши занона ворид шуд. Ӯ ҳамаро раҳо карду назди Иқбол омаду

---

* Иқбол Ҳофизро яке аз бузургтарин шуарои Осиё ва шояд ҷаҳон ҳисоб мекард. Ӯ ибтидо тарҷумаи англисии «Девони Ҳофиз» ва тарҷумаи олмонии «Шарҳи шеъри Ҳофиз»-ро ба забони урду мутолеа кард. Вай шефтаи символизми шеъри Ҳофиз буд ва дар мавридҳои мухталиф дар осораш ба нақлу тазмин ва тавсифи ашъори Ҳофиз пардохта, дар баъзе ашъори урдуву форсии худ бархе аз маонии ашъори Ҳофизро бо услуби худ баён кардааст:

Ҳофиз: Гӯш кун панд, эй писар, аз баҳри дунё ғам махӯр,
Гуфтамат чун дар ҳадисе, гар тавонӣ, дор гӯш.
Иқбол: Дар ғами дигар бисӯзу дигаронро ҳам бисӯз,
Гуфтамат равшан ҳадисе, гар тавонӣ, дор гӯш.

Ва ё:

Ҳофиз: Дӯш аз масҷид сӯйи майхона омад пири мо,
Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо?
Иқбол: Чист, ёрон, баъд аз ин тадбири мо?
Рух сӯйи майхона дорад пири мо!

гуфт: «Ман фақат барои мулоқоти Шумо омадаам». Иқбол фаврӣ ҷавоб дод: «Ин дидор барои ман ба тавре ногаҳонӣ аст, ки агар аз ин уток зиндаву саломат берун равам, барои ман боиси тааҷҷуб хоҳад буд».

Иқбол ҳафтаи севвуми июл ба Ҳейделберг (Heidelberg) рафт. Қабл аз ин ӯ навиштаи худ – «Таърихи дунё»-ро ба забони олмонӣ ба Атия Файзӣ нишон дод. Тибқи гуфтаи Атия, Иқбол илова бар алоқамандиаш ба таърих*, ба фалсафа ва шеъри олмон низ таваҷҷӯҳ пайдо карда буд.[13]

Ҳейделберг як шаҳри хурди донишгоҳӣ аст, ки дарёи Неккар (Neckar) аз миёни он мегузарад. Дар атрофи он кӯҳсори аз дарахтон пӯшида ҳаст, ки дар қуллаҳои баъзе аз онҳо қалъаҳои қадимии олмонӣ ҳанӯз барҷост. Ин шаҳр бо парку боғҳои мева ва гулҳои фаровон машҳур аст. Атрофи шаҳр сокит аст ва танҳо садои оби дарё ба гӯш мерасад... Иқбол дар ин ҷо тақрибан чор моҳ, яъне то ноябри 1907, наздики дарё дар хобгоҳ иқомат дошт. Муаллимони ӯ профессорҳо, хонум Вегенаст (Wegenast) ва хонум Сайни Шел буданд. Дар хобгоҳ бештар аз сад донишҷӯву муаллим иқомат доштанд. Корҳои идора дар дасти хонум Ҳейрен (Heiren)-и ҳафтодсола буд.** Донишҷӯён пули донишгоҳу хобгоҳро худашон пардохт мекарданд, вале муаллимон барои хӯроку иқомат пул намедоданд, ғайр аз ин, ба онҳо кӯмак ҳам мешуд. Вақти дарсу таҳқиқ аз субҳ то шом буд ва миёни муаллимону шогирдон муносибати ҳасана барқарор буд. Ин даврони беҳтарини зиндагии Иқбол буд. Дар он ҷо ӯ хеле хушҳолу бетакаллуф буд. Вале ӯ хушқавл набуд, дигарон ҳамеша ба ӯ интизор мешуданд.*** Аммо бо вуҷуди ин одат, ҳама ӯро дӯст медоштанд.

Иқбол баъд аз чанде иқомат дар Ҳейделберг Атия Файзиро ба он ҷо даъват кард ва дар зимн хоҳиш кард, ки чанд китоб ҳам барояш биёрад. Атия Файзӣ бо панҷ нафар дӯстонаш 20 августи 1907 ба Ҳейделберг омад ва то 4 сентябр дар он ҷо буд. Дар ин муддат онҳо ба беҳтарин ҷойҳои шаҳр ва атрофи он ба сайругашт баромаданд. Ин рӯзҳо барои Иқбол ва дӯстонаш хеле хуш гузашт. Ҳангоми гусели Атия, Иқбол ба ӯ шеъре ба урду навишт, ки онро бо оҳанги диловез ҳама якҷоя хонданд.[14]

Иқбол пас аз чанде ба Мюнхен баргашт ва 4 ноябри соли 1907 аз Донишгоҳи Мюнхен дипломи докторӣ**** гирифт. Рисолаи таҳқиқии Иқбол таҳти унвони «Такомули фалсафаи мобаъдуттабиа дар Эрон»***** (ба забони англисӣ) аввалин бор соли 1908 дар Лондон ба чоп расид.

---

* Чист таърих? Аз худӣ бегонае,
Достоне, қиссае, афсонае?
Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.
Забт кун таърихро, поянда шав,
Аз нафарҳои рамида зинда шав.
Дӯшро пайванд бо имрӯз кун,
Зиндагиро мурғи дастомӯз кун.
Сар занад аз мозии ту ҳоли ту,
Хезад аз ҳоли ту истиқболи ту.
Мушкин ар хоҳӣ ҳаёти лозавол,
Риштаи мозӣ зи истиқболу ҳол.

** Хонум Ҳейрен алоқаи хосе ба мусиқӣ дошт ва асари хубе ба Иқбол гузоштааст.

*** Як воқеа аз ҳаёти Иқбол маъруф аст, ки вақте ӯ шогирди дабистон буд, роҳ аз хона то дабистон дур буд ва Иқбол ҳамеша дер ба дарс меомад. Рӯзе муаллим аз ӯ пурсид, ки чаро дер мекунад? Иқбол ҷавоб дод: Магар Шумо намедонед, ки иқбол ҳамеша дер меояд? Манзураш аз калимаи «иқбол» «бахт» буд.

**** Системаи маорифи кишварҳои Ғарб аз системаи маъмулии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ фарқ мекунад. Дараҷаи доктории онҳо, ки Ph.D номида мешавад, баробари номзади илмҳо аст (А.Б.).

***** Development of Metaphysics in Persia – ин номи рисолаи доктории Иқбол аст, ки шомили таърихи мухтасари ҳикмати илоҳӣ дар Эрон мебошад. Амир Ҳасануддин онро ба забони урду тарҷума карда, «Фалсафаи Аҷам» ном ниҳодааст. Мадам Айвамир Давиҷ онро ба форсавӣ ва Амир Ҳусайн Ориёнпур ба форсӣ тарҷума кардаанд. Иқбол дар ин китоб кӯшидааст сайри андешаи эрониёну мусалмононро ба забони фалсафаи ҷадид баён кунад. Ҳамчунин дар бораи тасаввуф бо равиши илмӣ баҳс намуда, усулу мабонии ин навъ тарзи фикрро шарҳ додааст. Дар ин китоб саъй кардааст собит намояд, ки тасаввуф як равиши илмӣ мебошад, ки ақлу ахлоқро бо якдигар пайваст мекунад ва роҳи

Иқбол ноябри соли 1907 ба Лондон баргашт ва омодаи имтиҳони ҳуқуқ шуд ва тобистони соли 1908 пас аз эъломи натиҷа ва дарёфти шаҳодатномаи ваколати адлия ба ватани хеш баргашт.

Дар даврони иқомат дар Лондон як силсила суханрониҳоро дар бораи «Дину тамаддуни ислом» анҷом дод ва дар мавзӯъҳои «Тасаввуфи исломӣ», «Асари мусалмонон дар тамаддуни Аврупо», «Ҷумҳурияти исломӣ», «Ислом ва ақли инсонӣ» ва ғайра баҳсу мунозира намуд. Ҳамчунин аз навиштаҳои Иқбол маълум мешавад, ки вай дар Донишгоҳи Лондон барои чанд моҳ муваққатан ба сифати профессори забони арабӣ кор кардааст. Ин масъулият дар даврони иқомати ӯ дар Лондон, вақте ки Арнолд барои шаш моҳ ба мураххасӣ рафт, гузошта шуд.[15]

Иқбол дар ин даврон дар фаъолиятҳои иҷтимоии донишҷӯён низ ширкат мекард. Тибқи гуфтаи Мирзо Ҷалолуддин,[16] ӯ дар замони иқоматаш дар Лондон як анҷумани нимасиёсӣ бо номи «Пан исламик сошиети» (Pan Islamic Society – анҷумани мусалмонони саросари ҷаҳон) ташкил дод, ки мудири умумии он Сэр Абдулло Сеҳравардӣ буд ва Сэр Султон Аҳмад ва Мирзо Ҷалолуддин ноибони раис буданд. Бояд гуфт, ки вақте Иқбол ба Инглистон рафт, ин анҷуман қаблан ҳам вуҷуд дошт. Абдулло Анварбег менависад:

«Барои ҳалли масоили донишҷӯёни мусалмон, ки ба тозагӣ ба Лондон меомаданд, Ҳофиз Маҳмуди Шервонӣ як Анҷумани исломӣ дуруст кард. Баъзе аз донишҷӯён исрор доштанд, ки номи ин анҷуман «Пан исламик сошиети» бошад, дигарон эътироз карданд, ки бад-ин тартиб анҷуман ранги сиёсӣ хоҳад гирифт. Сэр Абдулло Сеҳравардӣ тарафдори номи «Пан исламик» буд. Вале Сайид Амиралӣ ва Арнолд мехостанд, ки ба он «Исламик сошиети» (Анҷумани исломӣ) ном гузошта шавад. Иқбол тарафдори онҳое шуд, ки номи «Пан исламик»-ро мехостанд ва «Сошиети» ҳам ба он изофа гардид.[17] Ҳақиқат ин аст, ки Наҳзати иттиҳоди кишварҳои исломиро мусалмонон ҳамеша «Ислом» ё «Иттиҳоди ислом» мегуфтанд. Вале дар Аврупо сиёсатмадорон аз васоили иртиботи ҷамъӣ барои ба даст овардани ройи миллат сӯйиистифода карда, ин наҳзатро «Пан-исломизм» номиданд. Бинобар ин Иқбол ва донишҷӯёни мусалмон тарафдори ин ном набуданд. Ба ҳар ҳол, дар Инглистон чунин анҷуманҳои донишҷӯён хеле зиёд буданд. Онҳо ё ҷашнҳои мазҳабӣ тартиб медоданд, ё шахсиятҳои бузургеро барои суханронӣ даъват менамуданд.

Хароҷоти таълиму иқомати Иқболро дар Аврупо бештар бародараш Шайх Ато Муҳаммад мепардохт. Худаш дар ин бора чунин менависад:[18]

«Вақте ки ба Лондон рафтам, каме пул доштам, вале бештари пулро бародарам Шайх Ато Муҳаммад пардохт. Дар даврони иқомат дар Лондон ӯ гоҳ-гоҳ барои ман пул мефиристод. Вақте ки аз Кембриҷ лисонс гирифтам, ӯ ба ман навишт, ки баъди гирифтани мадраки ҳуқуқ ба ватан бозгардам, вале ман орзуи гирифтани мадраки докторӣ доштам. Аз ин рӯ, ман ҷавоб додам, ки миқдоре пул ба ман фиристед, то ба Олмон рафта, мадраки докторӣ бигирам. Маблағи пуле, ки ба ман лозим буд, фиристод».

Дар ин вақт дар фазои шеъру шоирии ӯ тағйироте падидор гашт. Ибтидо ӯ эҳсос кард, ки тибқи суннати шуарои қадимӣ баёни афкори шарқӣ ва тибқи зарурати замон ин навъ шеър гуфта, худро шоире мутааҳҳид сохтан имкон надорад. Аз ин рӯ, хост, ки шеъру шоириро раҳо созад. Тақрибан дар миёнаҳои соли 1906 дар ин бора ба Сэр Абдулқодир гуфт. Сэр Абдулқодир ба ӯ фаҳмонд, ки дар каломи ӯ он қадар асар ҳаст, ки ба василаи он илоҷи бемориҳои миллати забуну дармонда мумкин аст. Ӯ илова кард, ки шоистаи Шумо нест, ки ин нерӯи бузурги худододро тарк кунед. Арнолд бо Сэр Абдулқодир мувофиқат кард ва қазоват чунин шуд, ки шоириро тарк

илмиро барои бедор намудани ҷавомеъву афрод ва роҳнамоии онон ба сӯйи аҳдофи олии ҳаёт боз менамояд.

кардани Иқбол муносиби ӯ нест.[19] Тағйири дуввум, тибқи баёни Сэр Абдулқодир, аз оғози кӯчак ба анҷоми бузург расид. Сэр Абдулқодир менависад:[20]

«Зоҳиран, иттифоқи кӯчаке, ки Иқболро форсигӯ кард, ин буд: Рӯзе дар манзили дӯсте меҳмон буд. Дар он ҷо аз вай хостанд, ки чанд шеър ба форсӣ бигӯяд ва аз ӯ пурсиданд, ки оё ба форсӣ ҳам шеър мегӯяд? Иқбол гуфт, ки ба ҷуз чанд шеър ба форсӣ, ӯ то кунун саъй накардааст шеъре бигӯяд. Вале он ҳолат тавре буд, ки қалбашро таҳти таъсир қарор дод. Вақте ки аз меҳмонӣ бозгашт, рӯйи тахт дароз кашид ва ашъори форсӣ суруд. Субҳи фардо бо ман мулоқот кард ва ду-се ғазали форсӣ, ки суруда буд, бароям хонд. Дар ҳақиқат, бо сурудани ин ғазалҳо ӯ қудрати форсӣ гуфтани худро озмуд, ки қаблан имтиҳон накарда буд. Баъд аз он ки аз Лондон баргашт, агарчи гоҳ ба гоҳ ашъори урду месуруд, вале ашъори форсии ӯ бар урду ғалаба кард».

Дар баробари ошноӣ бо адабиёти англисӣ, Иқбол бо эҷодиёти Шекспир (Shakespeare), Милтон (Milton), Вордсворт (Wordsworth), Шелли (Shelly), Байрон (Byron), Бровнинг (Browning), Матю Арнолд (Matthew Arnold), Тенни Сон (Tenny Son), Эмерсон (Emerson), Грей (Gray), Лонг Феллов (Long Fellow) ҳам ошноӣ пайдо кард ва ба адабиёти Фаронса роҳ ёфт.[21]

Ба иллати алоқа доштан ба забони олмонӣ, ӯ бо адабиёти олмонӣ ҳам ошно шуд ва дар даврони иқомат дар Ҳейделберг онро мутолеа кард. Иқбол бо адабиёти Олмон бад-ин сабаб вобастагӣ пайдо кард, ки дар он наҳзати шарқӣ дар баробари кишварҳои аврупоӣ ба таври муассир ва ба тарзи хуб зикр шуда буд. Дар адабиёти Олмон наҳзати шарқӣ аз таснифи Ҳердер (Herder) «Баргузидае аз каломи шоирони Машриқ» оғоз шуд. Дар он илова бар ашъори Ҳофиз, Саъдӣ, Румӣ ва Бҳартариҳарӣ (Bhartarihari) тарҷумаи озод ва ҳикоёти Ҳитопадеш (Hitopadesh), Бҳагват Гита (Bhagwat Gita) буд. Сипас, Гёте мутаваҷҷеҳи ин наҳзат шуд. Гёте* аз адабиёти форсиву арабӣ ва санскрит мутаассир буд. Ӯ илова бар Ҳофиз, аз Румӣ, Саъдӣ, Фаридуддини Аттор ва Фирдавсӣ ва ҳамчунин аз ҳаёти таййиба ва таълимоти Қуръони Маҷид мутаассир буд. Дар девони ӯ ташбеҳоту истиороти форсӣ ба ҳадде истифода шудааст, ки дар ашъори ӯ ранги Шарқ падидор гаштааст. Бо чопи «Девони шарқӣ-ғарбӣ» дар адабиёти Олмон наҳзати шарқӣ пайдо шуд. Сипас, Руккер, Платен, Боден-Стейнт, Шиллер, Ҳейне онро ба камол расонданд.[22]

Иқбол дар ин замон ба таври куллӣ 24 шеър ва 7 ғазал суруд, ки дар қисмати дуввуми «Бонги даро»** мавҷуд аст. Дар баъзе аз ин шеърҳо, ки дар замони иқомат

---

* Гёте (Goethe, 1794- 1832) – шоири бузурги олмонӣ, ки Иқбол «Паёми Машриқ»-и худро дар ҷавоби «Девони шарқӣ-ғарбӣ»-и ӯ сурудааст, ки он бо муқаддимаи Иқбол ба забони урду соли 1923 дар Лоҳур мунташир шудааст. Иқбол дар ин муқаддима менависад: «Гёте дар назми «Девони ғарбӣ» комилан таҳти таъсири Ҳофиз ва дигар шоирони Эрон будааст». Иқбол пас аз муқоисаи асри Ҳофизу Гёте ба чунин хулоса меояд, ки ҳарду дорои лисон-ул-ғайбӣ будаанд ва каломашон бар раҳбарони замон муассир афтодааст. Ӯ ҳамчунин аз Фирдавсӣ, Аттор ва Саъдӣ низ баҳра гирифтааст. Иқбол пас аз шарҳи «Девони ғарбӣ»-и Гёте ёдовар мешавад, ки «Паёми Машриқ»-и ӯ сад сол баъд аз «Девони ғарбӣ» ба вуҷуд омада ва авзои сад сол пеши Олмонро бо замони худ муқоиса менамояд ва шарҳ медиҳад, ки дар ин сад сол чӣ таҳаввулоте ба вуҷуд омадааст. Гёте аз адами нуфузи рӯҳоният дар Мағрибзамин шиква карда, ҷавобашро аз Машриқ интизор дорад, ки албатта, пас аз сад сол Иқбол ҷавобгӯ шуд. Дар ин маҷмӯа Иқбол афкори Машриқу Мағрибро бо якдигар муқоиса мекунад ва тафаввуқи маънавии Шарқро собит мекунад. Мусташриқи олмонӣ Ҳенсе дар даврони ҳаёти Иқбол қисме аз онро тарҷума намуда, ба хидмати Иқбол фиристод. Доктор Абдулваҳоб онро ба арабӣ, профессор Арбрей фасли «Лолаи Тур» (Tulip of Sinai)-ро ба англисӣ, доктор Алӣ Ганҷалӣ ба туркӣ ва Абдурраҳмон Ториқ ба урду (бо номи «Рӯҳи Машриқ») тарҷума кардаанд. Профессор Ҳел – устоди Донишгоҳи Арленген бахшҳое аз онро ба забони олмонӣ тарҷума намуд.

** «Бонги даро» – аввалин маҷмӯаи ашъори урдуи Иқбол аст, ки соли 1924 ба чоп расид. Ин китоб ҳовии манзумаҳои шӯрангез барои ташвиқу тарғиби ҳамватанонаш, новобаста ба мусалмон ё ҳинду будани онҳо аст. Дар ин китоб сухани Иқбол гоҳе суруди меҳандӯстӣ, замоне хидматгузорӣ ба ислом ва лаҳзае роҳнамоӣ ба олами башарият аст ва чунин ба назар мерасад, ки дар бахшҳои сегонаи «Бонги даро» таҳаввулоти фикрии Иқбол қабл аз мусофират ба Аврупо, давраи иқомат дар Аврупо ва

дар Кембриҷ ва Ҳейделберг навиштааст, тасовире аз табиат мушоҳида мешавад. Дар «Ҳусну ишқ», «Дар домони касе гурба дида» ва «Ошиқи ҳарҷоӣ» тасвири ишқи маҷозӣ дида мешавад. Агарчи ҷазбаи миллигароӣ дар Аврупо вуҷуд дошт, вале рафта-рафта уммати ислом ва ё таҳти таъсири он, ҷазбаи «ухуввати ҷаҳонӣ» боло гирифт. Дар фалсафаву тасаввуф то ҳанӯз бар Иқбол ваҳдати вуҷуд ғалаба дошт, агарчи қалбаш мутмаин набуд. Сето аз ин шеърҳо ҳовии паём буданд: «Паём ба донишҷӯёни Алигарҳ», «Паёми ишқ» ва «Паём». Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки дар зеҳни Иқбол ин эҳсос равшанӣ мегирифт, ки шоири мутааҳҳид бояд ҷузви пайғамбарон* бошад.[23] Як ғазалу як назм ба таври хосе қобили таваҷҷӯҳанд. Ин ғазал, ки моҳи марти 1907 танзим ёфт,[24] барои Шарқу Ғарб пур аз пешгӯӣ мебошад. Назм ба номи «Абдулқодир» аст, ки дар он барои миллату кишвар ва барои таҳаввулу инқилоб дар фикру зеҳни як миллат даъвати умедбахше ба миён омадааст.

Назми «Сисил»** вақти бозгашт ба ватан, ҳангоми сафари дарёӣ таҳрир шуд.

Иқбол мехост достони рӯҳи худро нависад ва ин хости ӯ дар номаҳои мухталифе дарҷ гардидааст. Дар номаи худ аз 10 октябри 1919 ба Сайид Сулаймон Надавӣ менависад: «Ман мехоҳам достони қалбу рӯҳи худро бинигорам ва ин достон барои тавзеҳи ашъор бисёр лозим аст».[25] Дар номаи дигар ба Ишрат Раҳмонӣ аз 27 октябри 1919 навиштааст:

«Дар зиндагии ман ҳеҷ рӯйдоде нест, ки барои дигарон пандомӯз бошад, вале такомули тадриҷии афкори ман метавонад омӯзанда бошад. Он то ҳол фақат дар зеҳн танзим ёфтааст ва агар фурсат ёфтам, онро хоҳам нигошт».[26]

Ба Ваҳид Аҳмад – мудири рӯзномаи «Нақиб»-и Бадоюн (номи шаҳре дар Ҳинд) дар номаи худ аз 7 сентябри 1921 менависад:[27]

«Дар ин замон бузургтарин душмани ислому мусалмонон имтиёзи наслӣ ва ҷазбаи миллигароӣ аст. Понздаҳ сол нашудааст, ки ман ин эҳсосро пайдо намудаам. Вақте дар Аврупо будам, ин эҳсос дар афкори ман инқилоби бузурге ба вуҷуд овард. Ҳақиқат ин аст, ки фазои Аврупо маро мусалмон кард. Ин достони тӯлонӣ мебошад. Вақте фурсат ёфтам, достонро муфассал хоҳам навишт. Аз рӯзе, ки ин эҳсосро пайдо кардам, дар навиштаҳои худам ҷойи ин матлабро холӣ медидам. Маълум нест навиштаҳои ман бар мардум асар гузоштааст ё не, вале ин амр мусаллам аст, ки ин хаёл бар зиндагии ман асари аҷибе гузоштааст».

Дар Иқбол ғарбгароӣ*** на қабл аз рафтан ба он ҷо вуҷуд дошт ва на дар даврони зиндагӣ дар он ҷо. Нигоҳи ӯ муҳаққиқона буд. Ҳаргиз аз Ғарб кӯр-кӯрона тақлид накард. Ҳусни зоҳирии Аврупоро медид ва ба ботини ӯ ҳам назар дошт.

Иқбол вақте ки раҳсипори Аврупо шуд, аз майи ҷазбаи миллигароӣ сармаст буд. Вале акнун пас аз гузашти якуним сол, рафта-рафта нукоти торик ва шинохти инсони миллигаро барояш равшан шуд. Ӯ эҳсос кард, ки таваллуди як инсон дар як минтақа ва бо як насли махсус, ранги хос ва забони мушаххас фақат тасодуфӣ аст, ки касеро бар он ихтиёре нест. Вобаста ба ин ғурур доштан ба сабаби мансубият ба як гурӯҳи инсонии махсус, дар як минтақаи хоси ҷуғрофиёӣ, вобаста будан бо якдигар ва аз инсонҳои дигар дар ҷаҳон нафрат доштани онҳоро поину кеҳтар шумурда,

---

бозгашт ба ватан ба вузӯҳ мешавад. Иқбол ба ин муносибат ин маҷмӯаро «Бонги даро» номидааст, ки каломи хешро ба зангӯлаҳое, ки ба пойи шутурон мебанданд, то нишонаи қадам задану мӯҷиби ваҷди шутурҳо ва бедории сорбонон гардад, ташбеҳ додааст.

* Иқбол дар номае, ки ба дӯсташ Сайид Сулаймон Надавӣ ба забони урду навиштааст, мегӯяд: «Дар шоирӣ ба зебоии калимоту фунуни адабӣ ва нозукхаёлӣ таваҷҷӯҳе надорам. Мақсуди ман фақат ин аст, ки инқилобе дар афкор эҷод намоям». Чунонки дар маснавии «Асрори худӣ» мегӯяд:

Нағма кучову ман кучо, сози сухан баҳонаест,
Сӯйи қатор мекашам ноқаи безимомро.

** «Сисил» - ҷазираи Ситсилия, ки дар қисми ҷанубии Италия, дар баҳри Миёназамин воқеъ аст (А.Б.)

*** Шарқро аз худ барад тақлиди Ғарб, Не зи рақси духтарони беҳиҷоб.
Бояд ин ақвомро танқиди Ғарб. Маҳкамӣ ӯро на аз лодинӣ аст,
Қуввати Мағриб на аз чангу рубоб, Не фурӯғаш аз хати лотинӣ аст.

ғуломи хеш сохтан, ҳуқуқи онҳоро поймол намудан ва онҳоро аз лиҳози мазҳабӣ, ахлоқӣ, рӯҳонӣ таҳти истисмори хеш даровардан ҷойиз нест. Ба назари ӯ, тасаввури ғарбии миллигароӣ хилофи усули ҷаҳонии инсондӯстӣ ва эҳтиром ба одамият мебошад. Ин эҳсосу тафаккур дар ӯ он қадар амиқ шуд, ки аз шоири миллигаро будани худ шарм дошт ва борҳо мегуфт, ки каломи ман қабл аз иқомат дар Аврупо каломи замони ҷоҳилияти ман аст. Аз ин рӯ, ӯ эҳсоси миллигароиро бузургтарин душмани ислому мусалмонон номид.

Бояд гуфт, ки дар ин марҳала дар баробари миллигароӣ ва истеъмор дар Аврупо баъзе тасаввуроти дигар, мисли «ҷаҳонватанӣ» (космополитизм), «инсондӯстӣ» (гуманизм), «коммунизм», «радикализм», «сотсиолизм» низ вуҷуд доштанд. Онҳо ҳама эҳтироми одамиятро дар назар гирифта, бар асоси ухуввати ҷаҳонӣ иддао доштанд, ки мехоҳанд як ҷаҳони ҷадид бисозанд. Саволе ба миён меояд, ки агар Иқбол салтанату истеъмор ва миллигароиро рад карда бошад, чаро ба яке аз ин равишҳо дохил нашуда, ба усули асосии ислом таваҷҷӯҳ кард? Ҷавоб он аст, ки ҳамаи ин тасаввурот ва назариёт меваи фалсафаи ақлияти аврупоӣ буданд ва асоси ҳамаи он бар бунёди моддапарастӣ (материализм) устувор буд.

Натиҷаи инқилоби рӯҳиву фикрии Иқбол дар соли 1907 ин шуд, ки ӯ дар нимқазираи Ҳинд бар асоси миллигароӣ аз тасаввури иттиҳоди ҳиндувон ва мусалмонон канорагирӣ кард. Иқбол дар яке аз номаҳои худ аз 28 марти 1909 менависад:[27]

«Назарам ин буд, ки аз ин кишвар (Ҳинд) ихтилофоти мазҳабӣ бояд аз байн биравад. Ва ман дар зиндагии шахсӣ пойбанди ҳамин усул ҳастам. Вале ҳоло фикр мекунам, ки барои ҳиндувону мусалмонон беҳтар он аст, ки он ташаххуси миллиии худро ҷудо аз якдигар нигоҳ доранд. Барои Ҳинд тасаввури миллати муштарак чизи қашанге аст, ки кашише шоирона дорад. Вале дар авзои феълӣ, бинобар авомил ва тамоилоти дониставу надониста, хостаҳои ҳарду миллат амалӣ намешавад».

Дар даврони иқомат дар Аврупо ин инқилоб дар зеҳну фикр ва қалби Иқбол ҳомили натоиҷи бисёр амиқ шуд. Мумкин аст ба забони форсӣ ба ҳамин иллат гароиш пайдо карда бошад. Пас, дар ин замон ӯ нафақат таълимоти худро такмил дод, балки дар мақоми шеъру шоирӣ чунон аз марзҳо убур кард ва ба он мақом расид, ки ҷузви паёмбарӣ бишавад.*

Иқбол июли 1908 аз Инглистон ба ватан бозгашт. Дар Бамбай, Деҳлӣ ва Лоҳур аз ӯ истиқболи гарму ҷӯшон ба амал омад. Вақте ӯ ба Сиёлкут омад, саҳни истгоҳи роҳи оҳан аз ҷамъият пур буд. Падару бародар ва дигар дӯстони Иқбол ба пешвози ӯ омада буданд. Ӯро бо анбӯҳи тоҷгулҳо пӯшонданд, ба тавре ки чеҳрааш дар миёни гулҳо пинҳон шуд ва ба сахтӣ тавонист аз миёни дӯстон худро ба манзил бирасонад ва модарашро, ки се сол дар интизори дидораш буд, дар оғӯш бигирад.

Поёни ҷилди аввал

* Шеърро мақсуд агар одамгарист,
Шоирӣ ҳам вориси пайғамбарист.

ФАСЛИ ҲАШТУМ

Дар талоши маош

Муҳимтарин масъала барои Иқбол пас аз бозгашт аз Аврупо масъалаи имрори маош буд. То кунун ӯ тавонист бо кӯмаки молии бародараш таҳсилоти худро ба поён расонад. Инак, барои ба нафақа баромадани Ато Муҳаммад чанд соли дигар боқӣ монда буд. Илова бар ин, бародараш аёлманд буд – се писару се духтар дошт ва таъмини зиндагии волидайнро низ ба ӯҳда дошт. Иқбол дар авохири соли 1907, ки дар Аврупо мезист, аз Коллеҷи давлатии Лоҳур аз кор рафт ва даромадеро ҳам, ки бо ин роҳ ба даст меовард, аз даст дод. Дар натиҷа, ӯ ғайр аз корҳои ваколат (адвокатӣ), роҳи дигари даромад надошт. Вале барои анҷом додани ин кор ҳам ӯ ба кӯмаки молии бародараш ниёз дошт. Ато Муҳаммад низ омодагии худро изҳор кард.

Аввали моҳи августи 1908, вақте ки Иқбол ҳанӯз дар Сиёлкут зиндагӣ мекард, Шайх Ато Муҳаммад ба Лоҳур омад ва бо васотати Мирзо Ҷалолуддин барои Иқбол дар хиёбони Моҳан Лал хонае кироя кард (Ҳоло ин минтақа «Урдубозор» номида мешавад). Ин хона наздики манзили Муншӣ Гулоб Сингҳ – соҳиби чопхонаи «Муфиди ом» буд. Чанд рӯз баъд, Иқбол ба Лоҳур омад ва дар манзили ҷадид иқомат гузид. Дар ҳамин рӯзҳо Иқбол барои дафтари худ чанд китоби қонун харид. Як муншӣ (котиб)-и ҳиндуро бо номи Каҳан Чанд истихдом кард ва Алӣ Бахшро низ ба он ҷо фаро хонд.

Нахуст, барои он ки каме таҷриба ба даст орад, теъдоде ваколати умумиро қабул кард ва чанд моҳе бо ин кор машғул шуд, вале ин кор ба ӯ маъқул набуд.[1]

20 октябри соли 1908 номи Иқбол дар радифи адвокатҳои адлия (вукалои додгустарӣ – Advocate Enrolment) сабт гардид ва ба ӯ иҷозат дода шуд, ки барои ба даст овардани таҷрибаи бештар дар додгоҳи олӣ (суди олӣ – Chief Court)-и Панҷоб ба сифати адвокат иҷрои вазифа намояд.[2] Бад-ин тартиб, ӯ барои ширкат дар Ҷамъияти адвокатҳо ба Лоҳур рафт. Дар он ҷо дӯстони ӯ – Миён Шоҳдин, Сэр Фазл Ҳусайн, Сэр Муҳаммад Шафеъ, Сэр Шаҳобиддин, Сэр Шодӣ Лал, Лал Рақпатрай* ва дигарон сокин буданд. Замоне ки дар Панҷоб машғули кор буд, барои ба даст овардани таҷрибаи корӣ хеле заҳмат мекашид ва ҳатто муддате аз шоирӣ даст кашид. Ӯ аввал дар манзили воқеъ дар хиёбони Моҳан Лал ва чанде баъд дар манзили воқеъ дар Аноркулӣ иқомат кард. Қабл аз ӯ дар ин манзил Сэр Фазл Ҳусайн ва сипас Сэр Муҳаммад Шафеъ зиндагӣ мекарданд. Ин маҳал ҳам дафтари кориаш буд ва ҳам ҷойи истиқоматаш. Иқбол ба ҷойи Каҳан Чанд, ки муншии собиқи ӯ буд, муншии Сэр Муҳаммад Шафеъро бо номи Тоҳириддин ба кор пазируфт. Дар паҳлуи ин манзил Тоҳириддин як утоқ иҷора кард ва дар он ҷо иқомат гузид. Ӯ мавриди эътимоди Иқбол қарор гирифт ва то охири умраш бо Иқбол равобити дӯстона дошт. Ӯ баъдтар бо номи Ҳаким Тоҳириддин ёд мешуд, зеро доруе бо номи «Дилрӯз» сохт ва бад-ин васила бисёр машҳур шуд. Вай моҳи майи соли 1940 даргузашт.

---

* Лал Рақпатрай раҳбари сиёсӣ ва иҷтимоии ҳиндувон буд. Вай дар аввали умраш, тақрибан нимаи аввали қарни XX таҳти таъсири ислом зиндагӣ кард ва аз ақоиди мусалмонон огоҳӣ пайдо намуд. Вале бо вуҷуди ин ӯ як ҳинду росих-ул-ақида буд. Вай муддатҳо раиси «Ҳинду Маҳасбаҳа» буд ва барои озодии ҳиндувон хадамоте анҷом дод.

Иқбол, ки аз кӯдакӣ кабӯтарро дӯст медошт, аз Сиёлкут ба Лоҳур бо худ чанд кабӯтар овард ва ба парвариши онҳо машғул шуд. Ӯ дар ин манзил то соли 1922 зиндагӣ кард.

Пас аз як моҳи ба кор шурӯъ кардан ба ӯ пешниҳод карданд, ки вазифаи муаллими фалсафаро дар Коллеҷи MAO (Muhammadan Anglo Oriental College – Коллеҷи ховаршиносии англисии Муҳаммадия)-и Алигарҳ ба ӯҳда гирад, аммо ӯ рад кард. Дар апрели соли 1909 бори дуввум ба ӯ пешниҳод карданд, ки дар Коллеҷи давлатии Лоҳур устоди таърих шавад, вале ӯ ин пешниҳодро ҳам рад кард.[3] Кори доимии муаллимиро рад кардани Иқбол шояд он буд, ки ин кор маоши хубе надошт. Кори адвокатӣ барои ӯ ояндадортар ба назар мерасид ва метавонист вазъи молии ӯро беҳтар созад.

Дар аввали октябри соли 1908 раиси шӯъбаи фалсафаи Коллеҷи давлатии Лоҳур Брат (Brat) ба муддати як сол мураххасӣ гирифт ва ба ҷойи ӯ шахсе бо номи Аустин Вайт Ҷеймз (Austin White James) интихоб шуд. Вале аввали моҳи майи 1909 Ҷеймз ба таври ногаҳонӣ вафот кард. Ёфтани ҷонишини муносибе ба ҷойи ӯ, ки забони англисиро донад, мушкил буд. Аз ин рӯ, раиси донишгоҳ аз давлати Панҷоб дархост намуд, ки Иқболро барои муаллими муваққатии фалсафа ба донишгоҳ даъват намояд. Дар ин замон, ки фасли тобистон буд, барои халал нарасондан ба кори адвокатӣ, Иқбол дарсҳои худро аз соати 6 то 9-и пагоҳӣ муайян намуд. Вале пас аз анҷоми таътил, ба сабаби мувофиқ омадани вақти корӣ ва соатҳои дарсӣ, аз тарафи донишгоҳ аз давлат хоста шуд, ки ба қозиюлқузот (раиси суди олӣ) ва дигар судяҳо номае фиристода шавад, то ки маҳкамаҳоеро, ки Иқбол мебоист ширкат кунад, дар соатҳое муқаррар кунанд, ки бо соатҳои дарсии ӯ мувофиқат накунад. Дар он замон Иқбол дар марҳалаи аввали кори адвокатӣ қарор дошт, бинобар ин ба ӯ касе мухолифат накард.[4] Иқбол аз 10 майи соли 1909 муваққатан дар Коллеҷи давлатӣ ба тадриси фалсафа пардохт. Маоши ӯ аз 12 октябр 500 рупия дар як моҳ муқаррар гардид.[5] Дар тобистон пагоҳӣ ба донишгоҳ мерафт ва пас аз се соат дарс додан, ба додгоҳ (суд) меомад ва то соати 4 он ҷо дар маҳкамаҳо ширкат мекард. Дар зимистон соати 9 ба Донишгоҳ мерафту баъд аз тадрис ба коргоҳ меомад. Шеваи дарсдиҳии ӯ мисли устодаш – Сайид Мирҳасан буд ва донишҷӯён ӯро дӯст медоштанд.[6]

Рафта-рафта машғулиятҳои ӯ бисёр шуданд. Соли 1909 дар маҷаллаи «Индиан кейзис лоу рипортс» (Indian Cases Law Reports), ки тавассути чопхонаи «Лоу паблишинг пресс» (Law Publishing Press) мунташир мешуд, ба вазифаи муовини бахши қонун ба кор машғул шуд. Ҳамчунин дар ин замон бо Анҷумани кашмирии мусалмонони Панҷоб ва Анҷумани ҳимояти ислом робита дошт. 26 марти 1909 расман узвияти Анҷумани исломии Панҷобро пазируфт ва то охири умр ҳамчун узви ин анҷуман боқӣ монд.[7]

27 декабри соли 1908 Хоҷа Салимуллоҳ Хон-Навоби Дакка ба манзури тасаддии раёсати иҷлоси Солонаи Конфронси таълимии мусалмонон (Муҳаммадан)-и кулли Ҳинд (India Mohammadan Educational Conference) ба Амритсар омад. Гурӯҳе аз аъзои Анҷумани кашмирии мусалмонони Панҷоб, ки Иқбол низ узви он буд, ба мулоқоти эшон рафтанд. Матлабе ба забони форсӣ барои ташаккур аз ӯ нигошта шуда буд, ки Иқбол онро хонд. Дар он замон Анҷуман мекӯшид, ки кишоварзиро равнақ диҳад ва намояндагоне низ ба артиш бифиристад. Бино ба пешниҳоди Иқбол ин масоил дар ҷаласаи соли 1909-и Маҷлиси қонунгузории Ноиб-ус-салтана (Viceregal Legislative Council) матраҳ гардид. Дар ин маврид Иқбол чанд мақола дар рӯзномаҳо низ чоп кард. Тавассути онҳо барои кашмириён ва мақомот (ҳукумат) равшан сохт, ки аҳаммияти ширкат дар артиш ва ба даст овардани заминҳо барои зироат чигуна мебошад.[8]

Иқбол ба қадре ба кору тадрис дода шуда буд, ки тақрибан шеъргӯиро фаромӯш карда буд. Ӯро донишҷӯёну корафтодагон то дер вақт ором намегузоштанд. Фавқ менависад:

«Бегоҳии яке аз рӯзҳои майи соли 1910 ҳамроҳи як дӯстам ба дидорбинии Иқбол рафтем. Ҳамроҳон шурӯъ ба хондани шеъре кардем. Иқбол ғарқи шунидани ин ашъор буд, ки муншии ӯ Тоҳириддин вориди утоқ шуду гуфт, ки яке аз муваккилон (ваколатдиҳандагон) ба мулоқоти ӯ омадааст. Иқбол ҷавоб дод: «Гӯед, ки мунтазир бошад, пас аз анҷоми корам даъват хоҳам кард». Ман (Фавқ) гуфтам: «Бародар, аввал ба фикри шикам бош, ин корро ҳамеша метавонӣ анҷом диҳӣ». Иқбол ҷавоб дод: «Ҳамин кор аст, ки ғизои рӯҳи ман аст ва агар инсон рӯҳ дошта бошад, ҳама чиз дорад. Муваккил, агар кораш ба ман афтода бошад, фирор нахоҳад кард». Пас аз он ки мо хондани шеърро тамом кардем, Иқбол низ чанд шеъре, ки суруда буд, барои мо хонд».

Равшан аст, ки Иқбол мехост барои худ коре биёбад, ки ҳама вақти ӯро нагирад, вақти худро тавре танзим кунад, ки фароғате барои ба худ расидан дошта бошад ва рӯҳу фикри худро нерӯ дода, бо ин олам мутобиқ созад. Аммо аз тариқи шеъру шоирӣ ва нависандагӣ наметавонист даромади хубе ба даст орад. Барои ин ӯ ба сарпарасти сарватманде ниёз дошт, ки аз назари молӣ ӯро таъмин карда тавонад. Аммо, аз тарафи дигар, ӯ ғайри хоҳиши худ амал карда наметавонист.

Иқболро дар ин давра Ҳайдарободи Дакан ба худ ҷалб кард, ки то он вақт ба он ҷо нарафта буд. Чанде аз шеърҳои ӯ дар рӯзномаҳои он ҷо чоп шуда буданд ва бо чанде аз сокинони он минтақа мукотибаи дӯстона низ дошт. Дар байни онҳо Сэр Акбари Ҳайдарӣ, Маҳараҷа Кишан Прасад ва Ғулом Қодири Гиромӣ буданд. Ӯ даҳ рӯз аз донишгоҳ мурахассӣ гирифт ва 18 марти 1910 ба Ҳайдаробод рафт. Иқбол дар номаи худ ба Атия Файзӣ аз 30 марти 1910 чунин менависад:

«Агар метавонистам муддате бештар дар Ҳайдаробод бимонам, яқин дорам, ки ҷаноби Олиҷаноб (His Highness) – низом (ҳоким) аз ман мехост, ки бо ӯ дидоре дошта бошам. Дар Ҳайдаробод бо шахсиятҳои маъруфу саршинос мулоқот доштам ва аксари онҳо маро ба хонаҳои худ даъват карданд. Ҳадафи худро аз сафар ба Ҳайдаробод ҳангоми мулоқот ба Шумо хоҳам гуфт. Мақсади ман фақат дидани Сэр Акбар Ҳайдарӣ ва хонумаш набуд. Шояд онҳоро Шумо шиносед. Пеш аз ба Ҳайдаробод рафтан ҳеҷ ошноие бо онҳо надоштам. Иқомат дар манзили онҳо бароям бисёр хуш буд».

Аз ҳеҷ кадом навиштаҳои Иқбол ҳадафи вай аз сафари Ҳайдаробод равшан нест. Шояд пайдо кардани кори хубе буд. Зеро Иқбол бо ҳар васила ҳокимро аз барномаҳои хеш дар робита бо таълифу тасниф огоҳ мекард. Агар давлат ба барномаҳои ӯ таваҷҷӯҳе мекард, шояд вазифаи хубе пешниҳод мекард, ки ба эҳтимоли зиёд, мавриди қабули ӯ қарор мегирифт. Аммо чунин фурсате ба даст наомад.

Ҳангоми иқомат дар Ҳайдаробод Иқбол шеъре таҳти унвони «Гӯристони шоҳӣ» суруд, ки натиҷаи таассуроти ӯ аз қабристони шоҳони Қутби Голконда (номи собиқи Ҳайдаробод) буд. Дар он ҷо ӯ бо Маҳараҷа Кишан Прасад низ мулоқоте дошт. Ӯ дар ин замон сарвазир буд. Маҳараҷа Кишан Прасад фарзанди Раҷа Тут Рамал буда, ватани ӯ аслан Лоҳур буд. Хонаводаи онҳо аз Лоҳур аввал ба Деҳлӣ ва сипас ба Ҳайдаробод омада буд. Вай илова бар ошноӣ бо санскрит, забонҳои арабӣ ва форсиро ҳам хуб медонист, шеъргӯӣ ва шеър шуниданро хеле дӯст медошт. Вай вориси мулке шуд, ки даромади солонаи он як миллиону шашсад ҳазор рупияро ташкил медод. Манзилаш ашрофӣ, вале одоташ фақирона буд. Чаҳор зани мусалмон дошт, ки ба ишқи яке аз онҳо хатна низ шуда буд. Се зани ҳинду ҳам дошт. Авлоди ҳамсарони мусалмони ӯ мусалмон буданд ва духтарони худро ба мусалмонон доданд, ё аз миёни мусалмонон барои писарони худ ҳамсар интихоб карданд. Ҳамин тариқ, ҳамсарони ҳиндуяш низ авлоди ҳинду доштанд ва бо ҳиндувон издивоҷ карданд. Худи ӯ таълими исломӣ дошт ва пояи тарбияти фарзандонашро низ бар асоси таолими исломӣ гузорда буд. Бисёре аз сураҳои Қуръони Маҷид ва аҳодиси

Набавиро аз бар мехонд. Ҳам ба масҷиди мусалмонон мерафту ҳам ба маобиди ҳиндувон. Дар ашъори хеш маслаки худро ин тавр баён намудааст:

Тарҷумаи шеър:

Ман ҳинду ҳастам, ман мусалмон ҳастам,
Ман ба ҳар мазҳаб имон дорам.

*****

Шод* худ медонад, ки мазҳабаш чист,
Касе, ки озод аст, мафҳуми озодиро медонад.

Ашъори Кишан Прасад дар маҷмӯаҳои мухталиф ба табъ расидааст. Ӯ соли 1940 даргузашт.[10] Ба нишони ташаккур аз Маҳарача Кишан Прасад, Иқбол қасидае бо номи «Шукрия» навишт ва онро бо муқаддима дар маҷаллаи «Махзан» мунташир сохт.[11]

Иқбол 28 март ба Лоҳур баргашт. Шояд Атия Файзӣ фикр мекард, ки Иқбол таҳти таъсири шавкату ҷалоли ҳукмронии дарбори нозими Ҳайдаробод қарор гирифта, ба он сӯй рӯй овардааст, зеро ӯ мушкилоти молӣ низ дошт. Ба қавли Атия Файзӣ, ин мушкилот дар роҳи ҳар касе, ки бошад, барои наҷоти худ ӯ ба кӯчактарин равзана умед мебандад. Аз ин рӯ, Атия Файзӣ дар номаи худ ба Иқбол навишт: «Шумо набояд барои қадршиносӣ аз низоми Ҳайдаробод аз салоҳиятҳое, ки дар заминаи шеъргӯӣ доред, даст кашед». Иқбол дар ҷавоб гилаомезона навишт:[12]

«Ман чи вақт гуфта будам, ки қадрдонии низоми Ҳайдаробод барои ман мӯҷиби ифтихор аст? Шумо худ ба хубӣ медонед, ки ин чизҳо пеши ман эътиборе надоранд. Ман намехоҳам, ки маро фақат бо номи шоир бишиносанд. Мутаассифона, аксар мардум маро бо ин унвон мешиносанд. Рӯзи пеш номае аз тарафи хонум Трутмандӣ – аҳли Неапол (Италия) гирифтам. Ӯ аз ман хоста, ки чанде аз ашъорамро бо тарҷумаи англисӣ ба ӯ фиристам... Дар ҳоле ки афроди бозавқи кишварҳои дигар аз ман қадрдонӣ мекунанд, мӯҳтоҷи қадрдонии волиёни аёлоти ин кишвар нестам».

Ин давра замони серкории Иқбол буд. Бад-ин сабаб, аз соли 1908 то 1910 тавонист танҳо шаш шеъри қобили назар нависад, ки ба қарори зайл аст: «Паёми ишқ» (октябри 1908), «Абдулқодир ке нам» («Ба номи Абдулқодир», декабри 1908), «Билоди исломия» («Мамолики исломӣ», апрели 1909), «Шукрия» (июни 1910), «Гӯристони шоҳӣ» (июни 1910) ва «Фалсафаи ғам» (июли 1910). Ду шеъри аввалро дар охирин рӯзҳои сафари худ ба Аврупо суруда буд. Ӯ дар ин давра чанд мақола ба забони англисӣ низ навишт, ки дар мавридаш аз онҳо ёдовар мешавем.

Дар як замон дар ду ҷой кор кардан барои ӯ хеле мушкил буд. Дар соли 1910 ба ӯ пешниҳод шуд, ки сарпарастии бахши фалсафа (мудири кафедраи фалсафа)-и Коллеҷи давлатиро ба таври мустақил ба ӯҳда гирад. Дар ин бора бо дӯстонаш машварат кард. Мирзо Ҷалолуддин менависад:[13]

«Мо ҳамагӣ бар ин ақида будем, ки кори давлатӣ эҳтимолан шахсро аз истиқлолияти амал маҳрум месозад. Аммо аз тарафи дигар, дар кори таълим имконот маҳдуд аст. Агар инсон бихоҳад, ки дунболи кори давлатӣ биравад, беҳтар он ки касби ваколатро интихоб кунад, зеро имкони тараққӣ дар он бештар аст, ба тавре ки метавонад то мақоми раёсати додгоҳ (раиси суд) низ бирасад. Ба ҳамин ҷиҳат, ӯ робитаи худро аз донишгоҳ гусаст ва рӯй ба ҳирфаи ваколат оварад».

Иқбол 31 декабри соли 1910 аз тадрис дар Коллеҷи давлатӣ даст кашид. Ӯ дар номаи худ ба Атия Файзӣ аз 17 январ менависад:[14]

«Замон иқтизо мекард, ки ба сабаби заъфи иқтисодӣ ба корҳои мухталиф даст занам. Вале ҳоло тасмим гирифтаам, ки ба умеди Худо ҳирфаи мавриди алоқаи худро идома диҳам».

* Тахаллуси Кишан Прасад.

Ҳангоми аз донишгоҳ рафтани ӯ масъулин маросими хайрухуш бо ӯро тартиб доданд. Вай охирин суханронии хешро барои донишҷӯён ба мавзӯи шоирии Роберт Бровнинг бахшид. Аммо ӯ робитаи хешро бо донишгоҳҳо тамоман наканд: солҳои зиёд Иқбол масъули танзими саволҳои имтиҳон барои талабагони синфҳои гуногуни макотиби миёна ва дараҷаҳои гуногуни донишҷӯёни донишгоҳҳои Панҷоб, Алигарҳ, Оллоҳобод ва Деҳлӣ буд. Ба таври куллӣ саволҳои дарсҳои таърих, фалсафа, англисӣ, урду, форсӣ, арабӣ ва ҳуқуқро таҳия ва танзим мекард. Гоҳе барои қабули имтиҳони шифоҳӣ ба донишгоҳҳои Алигарҳу Оллоҳобод ва ғайра мерафт. Вақте ки нозири ҷаласоти имтиҳонӣ (раиси комиссияи имтиҳонӣ) буд, ба ҳеҷ ваҷҳ иҷоза намедод, ки супоришу хоҳиши касе пеши ӯ оварда шавад. Ҳатто наздиктарин дӯстонаш ҳам ба ин кор ҷуръат намекарданд.[15] Вай аз чунин амалҳо дилгиру нороҳат мешуд. Ҳеҷ далеле нест, ки таҳияи саволоти имтиҳонӣ ва муаллими имтиҳонгиранда будани ӯ манбаи даромаде барои вай бошад.[16]

2 марти соли 1910 Иқбол ба узвияти ифтихории Донишгоҳи Панҷоб (Fellow Ship) пазируфта шуд. Дар он вақт ӯ бо Коллеҷи давлатӣ низ иртибот дошт. Ӯ бо кӯмаки Лал Рам Прасад – профессори таърихи Коллеҷи давлатии Лоҳур китобе таҳти унвони «Таърихи Ҳинд»* навишт, ки соли 1912 ба табъ расид.[17] Баъдтар Иқбол узви донишкадаи ховаршиносӣ ва ҳунару адабиёт (Member of Oriental and Arts Faculty), узве аз шӯрои олии донишгоҳ (Member of Senate), узви ҳайати мураббиён (Member of Syndicate) ва раиси шӯрои устодон (Convenor, Board of Studies) шуд. Соли 1919 Иқбол декани (Dean) факултаи ховаршиносӣ интихоб гардид. Соли 1923 ба узвияти ҳайати мунтахаби устодони донишгоҳ (Шӯрои олимон – Academic Council) пазируфта шуд. Дар ҳамин сол низ ба узвияти кумитаи интихоби устодон (Professor Ship Committee) даромад, ки он масъалаҳои кадриро ҳал менамуд. Худи ҳамон сол Иқбол хост, ки ба иллати серкорӣ ва нарасидани вақт аз узвият дар ҳайати мунтахаби устодон даст кашад, вале бо исрори Сэр Ҷон Мейнард (Sir John Maynard)-раиси донишгоҳ, дар ин ҳайат боқӣ монд. Дар соли 1925 ӯ барои синфҳои шашум, ҳафтум ва ҳаштум китобҳое бо унвони «Силсилаи адабиёт» ба забони урду таълиф намуд. Кумитаи китобҳои дарсии Панҷоб дар ҷаласаи худ аз 12 январи 1925 ин китобҳоро баррасӣ намуда, тасмим гирифт, ки онҳоро ба сифати китоби дарсӣ мавриди истифода қарор диҳад.[18] Ӯ чанд муддат узви кумитаи баррасии китобҳои дарсии Панҷоб низ буд. Барои донишомӯзони давраи роҳнамоии забони форсӣ китобе бо номи «Ойинаи Аҷам» таълиф кард, онро интишороти «Атр Чанд Капур» дар бозори Аноркулӣ (Лоҳур) соли 1927 ба чоп расонд.[19]

Ҳамин тариқ, Иқбол то соли 1932 бо Донишгоҳи Панҷоб дар робита буд. То ин замон ӯ узви ифтихории Анҷумани донишҷӯёни давраи мутавасситаи Алигарҳ (Intermediate College Union) шуд. Аз тарафи донишгоҳ ҳамчунин ба ӯ дараҷаи доктори ифтихории адабиёт дода шуд. Донишгоҳҳои Панҷоб, Оллоҳобод ва Усмония низ ба Иқбол унвонҳои доктори ифтихории ин донишгоҳҳоро сазовор донистанд.

Вақте ки кору бори Иқбол каме беҳтар шуд, ӯ як фойтун (Buggy) гирифт ва барои нигоҳдорӣ аз аспаш як нафарро ҳам ба кор гирифт. Ӯ бо ҳамин фойтун ба кор рафтуомад мекард.

Дар соли 1911 Иқбол таҳти таъсири авзоъ ва аҳволи атрофиёни хеш қарор гирифта буд ва ба сабаби маҳрумиятҳое, ки гиребонгири мусалмонони Ҳинд шуда буд ва мусибатҳои бисёре, ки ба дунёи ислом ҳар рӯз ворид мешуд, дар дилаш туғёне эҷод шуд, ки ба шакли назми фавқулодда ҷолиби «Шиква» ҷилвагар гардид. Иқбол

* Ин китоб ба далоили баъзе матолибе, ки дар он мундариҷ аст ва дар ҳақиқат, афкори Иқбол бо он мутобиқат надорад, ба назар мерасад, ки аз Иқбол нест ва шояд барои маслиҳат ва мақбулияти китоб номи Иқбол ба унвони мусанниф оварда шудааст. (Руҷӯъ кунед ба «Тасонифи Иқбол», таҳқиқи доктор Рафеъуддин Ҳошимӣ, саҳ. 433-439. Интишороти Академияи Иқбол. -Лоҳур, 1982.

шеъри «Шиква»-ро дар ҷаласаи солонаи Анҷумани ҳимояти ислом дар меҳмонсарои Коллеҷи исломӣ хонд. Маъмулан, шеърҳое, ки Иқбол дар ҷаласоти ин анҷуман мехонд, зуд ба чоп мерасиданд, вале дар мавриди шеъри «Шиква» сукут ихтиёр гардид. Мирзо Ҷалолуддин менависад:[20]

«Ҷаноби Доктор (Иқбол) маъмулан вақте байни дӯстони махсуси худ буданд, бидуни ҳеҷ мушкилӣ шеърҳои тозаи худро мехонданд. Лекин замоне ки шеъри «Шиква»-ро хонданд, бо ниҳояти эҳтиёт ин корро анҷом доданд. Асри рӯзе, ки мебоист ба ҷаласаи солонаи Анҷумани ҳимояти ислом бо сарпарастии марҳум Фақир Ифтихориддин мерафтанд ва шеърашонро мехонданд, ҳамроҳи падарашон дар манзили мо меҳмон буданд. Мо дар ҳоли тамом кардани хӯроки шом будем, ки дабири анҷуман ва чанд нафари дигар ба манзили мо омаданд ва бо ҳолати ғайриодӣ ба мо гуфтанд, ки вақти сурудани шеър фаро расидааст ва шунавандагон шадидан мунтазир ҳастанд. Ҷаноби Доктор бо суръати тамом ба по хестанд. Мо мутаваҷҷеҳ шудем, ки шеъре, ки ин бор мехонанд, аз дигар ашъорашон фарқ дорад. Ба ҳамин ҷиҳат то кунун пеши мо номе аз он набурда буданд».

Сэр Абдулқодир, ки дар ин ҷаласа ширкат дошт, менависад:[21]

«Иқбол бо равиши хоси худ шеъри «Шиква»-ро хонд. Ҳангоме ки ӯ шеър мехонд, ба рӯяш аз ҷониби тарафдоронаш борони гул борид. Масъалаи қобили зикри дигар ин аст, ки падари мусинни Иқбол низ дар байни ҷамъият буд ва дар чашмонаш ашки шавқи ношӣ аз дидори муваффақиятомези писар ҳалқа мезад. Аммо лабҳояш ҳамон ғамеро баён мекард, ки бар чеҳраи писар медид. Дар ҳақиқат, Иқбол ин хусусиятро аз падар ба мерос гирифта буд. Падари Иқбол бузурге буд, суфиманиш. Дар тамоми умр бо дастранҷи худ зиндагӣ карда буд. Ҳамеша ин шеърро замзама мекард: «Дил ба ёру даст ба кор». Дилаш ба умеди Худо буд ва ҳаракату ҷунбиш аз ӯ мехосту кор мекард».

Вақте ки Иқбол шеърро ба поён расонд, яке аз дӯстонаш бо номи Хоҷа Абдуссамад, ки раиси Тора Мавло (номи маҳал дар Кашмир) буд, ба назди ӯ омад ва бо таърифу тавсиф аз ӯ ду шоли* қиматбаҳои худро ба гардани Иқбол овехт. Иқбол шолҳоро ба ташкилкунандагони анҷуман дод ва эшон низ дар навбати худ онҳоро дар савдои музояда (ауксион) фурӯхта, пулашро ба анҷуман таҳвил доданд.[22]

Яке аз шеърҳои дигари маъруфи Иқбол, ки дар ин даврон сурудааст, «Таронаи миллӣ» аст. Ҳамчунин 6 октябри соли 1911 дар масҷиди Бодшоҳии Лоҳур дар маҷмаи умумии мусалмонон шеъри хешро бо номи «Дар ҳузури Ҳазрати Муҳаммад (с)» хонд.

Декабри соли 1911 Конфронси таълиму тарбият (Муҳаммадан)-и мусалмонони кулли Ҳиндустон тасмим гирифт, ки Иқболро ба Деҳлӣ даъват кунад ва ба ӯ раёсати ин конфронсро пешниҳод кунад. Ба манзури бузургдошти ӯ тасмим гирифтанд, ки Мавлоно Шиблӣ ҳалқагуле ба гардани ӯ биёвезад. Иқбол ин даъватро пазируфт ва ба Деҳлӣ рафт. Дар конфронс шахсиятҳои маъруф, роҳбарони давлату ҳукумати Ҳинд ва дигар манотиқи нимҷазира ширкат доштанд. Иқбол раёсати севвумин иҷлоси конфронсро ба ӯҳда гирифт. Дар ин конфронс Хоҷа Камолиддин нутқе дар мавзӯи «Ислом ва улуми ҷадид» эрод кард ва дар поёни нутқаш ба Иқбол хитоб намуда гуфт:[23]

«Куҷоӣ, доктор Иқбол! Худованд туро дар дину дунё боиқбол кунад. Ҳанӯз мардуми дунё аз қувои зеҳнии ту, ки банудрат назди дигарон ёфт мешавад, огоҳӣ надоранд. Ту он қобилияту истеъдодеро дорӣ, ки агар аз онҳо ба хубӣ истифода кунӣ, метавонӣ ба авҷи тараққиву пирӯзӣ бирасӣ... Худованди таборуку таоло туро ба ин ҷиҳат аз истеъдоди камназир баҳраманд нагардондааст, ки ту битавонӣ бо шеърҳои худ моро шод гардонӣ. Инак, замони шеъру овоз хондан нест. Балки вақти он расидааст, ки амал кунӣ... Хидмат дар роҳи Қуръон волотарин арзишҳоро барои ту хоҳад дошт. Миллат мехоҳад туро маликушшуаро созад, ки ин иштибоҳ аст. Ту

* «Шол» - матои махсусе, ки мисли шарф ба гардан мепечонанд (А.Б.).

агар ба ин қаноат варзӣ, бисёр беирода ҳастӣ. Ман мехоҳам тавре бошад, ки рӯҳи Ғаззоливу* Розӣ** дар ту бидамад».

Иқбол дар ҷавоби Хоҷа Камолиддин гуфт:

«Суханоне, ки ҷаноби Хоҷа фармуданд, бисёр дилнишину пурмаънӣ буд. Мусалмонони ин давра дар ин бора бисёр нигоштаанд, ки робитаи ислом ва улуми ҷадид чигуна аст. Ман метавонам боҷуръат бигӯям, ки ислом сарчашма ва асоси фарҳанги ғарбӣ аст. Дар қарни XI милодӣ, аз вақте ки ӯ ба тараққӣ ниҳод, фарогирии илм аз донишгоҳҳои мусалмонӣ оғоз шуд. Дар ин донишгоҳҳо донишҷӯёни зиёд аз кишварҳои гуногуни аврупоӣ меомаданд ва таълими илм мегирифтанд. Яке аз аврупоиён мегуфт: «Илму ислом наметавонанд якҷо бошанд». Ин дурӯғи маҳз аст. Бекон, Декарт ва Мел аз файласуфони бузургтарини Аврупо дониста шудаанд. Вале усули Декарт ҳамонест, ки дар «Эҳёи улум»-и Имом Муҳаммади Ғазолӣ мавҷуд аст. Ин ду бо ҳамдигар чунон мутобиқат доранд, ки як таърихнависи англис навишт: «Агар Декарт забони арабиро медонист, ҳатман эътироф мекардем, ки ӯ ақидаҳои Ғаззолиро гирифтааст». Роҷер Бекон фориғуттаҳсили як донишгоҳи исломӣ буд. Нуқтаи назарҳои Ҷон Стиварт Мел дар фалсафаи Розӣ ва Ибни Сино дучор меояд. Ба ақидаи ман, нафақат аз назари улуми ҷадид, балки дар тамоми сатҳҳои зиндагӣ, чи ҷанбаҳои мусбӣ ва чи манфӣ, ислом асари рӯҳпарваре доштааст».

Сипас, Сайид Саҷҷод Ҳайдар аз Мавлоно Шиблӣ дархост намуд, ки ҳалқагуле ба гардани Иқбол овезад. Мавлоно Шиблӣ дар суханронии кӯчаки худ гуфт:

«Ин як расми маъмулӣ нест. Ва набояд инро як тафреҳ шумурд. Аз ибтидо шиори мо – мусалмонон ин буд, ки ҳар қадар ки метавонем, қадри эҳтирому иззате, ки мардум ба мо мегузоранд, бидонем. Дар ин ҳолат мо шӯҳрат низ касб мекунем. Эҳтироме, ки имрӯз миллат ба Иқбол гузордааст, барои эшон ҷойи басе ифтихор аст ва, дар ҳақиқат, ӯ мустаҳақи ин эҳтиром аст».

Радди масъалаи тақсими Бангола таҳти фишори ҳиндуҳо, барои мусалмонон, бешак, як дарс буд. Пас аз бозгашти Ҷорҷи V ба Инглистон, дар ин робита як ҷаласаи умумӣ дар муҳавватаи боғи Мавҷӣ Дарвоза 1 феврали 1912 баргузор гардид. Дар суханронии худ Иқбол, аз ҷумла, қайд кард:[24]

«Мусалмонон бояд худашон барои тараққии хеш фаъолият кунанд. То ба ҳол ҳиндуҳо ба ҳар чиз, ки даст ёфтаанд, натиҷаи талошу кӯшиши худашон будааст. Ба таърихи ислом нигоҳ кунед: меъморони аврупоӣ дар робита бо сарзамини араб гуфтанд, ки ҳеҷ биное дар ин сарзамин наметавон сохт, зеро он саропо сангу рег аст. Миллати Осиёву Аврупо аз арабҳо нафрат доштанд. Вале вақте ки арабҳо бо ҳам муттаҳид шуда, ба қудрат даст ёфтанд, ҳамон санги беарзиш асоси тамаддун шуд. Ба

---

* Абуҳомид Муҳаммад Ғазолӣ (450-505 ҳичрии қамарӣ) дар Тӯс таваллуд шуд ва дар ҳамон ҷо даргузашт. Яке аз бузургтарин шахсиятҳои олами ислом аст. Ғазолӣ шаккоки тавоное буд, ки пеш аз Декарт ба равиши фалсафии ӯ меандешид. Ӯ нахустин касест, ки китобе дар радди фалсафа навишт ва муншареонро аз тарсе, ки нисбат ба фалсафа доштанд, озод кард. Ғазолӣ ҳама манобеи шинохтро мавриди тавоҷҷӯҳ қарор дод ва тасаввуфро манбаи шинохти ҳақиқӣ дарёфт. Вай дар адабу фиқҳ ва калом устоди мусаллам буд. Муддате дар мадрасаи Низомия тадрис кард. Сафарҳои зиёде ба Шому Ҳиҷозу Байтулмуқаддас намудааст. Аз осори муҳимми ӯ метавон «Эҳё-ул-улум»-ро ном бурд, ки баъдтар ба таври хулоса «Кимиёи саодат» номида шуд. Аз Ғазолӣ рубоиёте низ боқӣ мондааст.

** Имом Фахриддини Розӣ (544-606 ҳичрӣ) дар Рай мутаваллид шуд. Лақабаш «Ибн-ал-Хатиб» буд. Таълифоти муҳимми ӯ аз «Шарҳи асмо-ул-лоҳ-ул ҳасано дар тилисмот», «Шарҳи муфасалли Замахшарӣ дар наҳв» ва «Шарҳ-ул ваҷизи Ғазолӣ дар фиқҳ» иборат аст, ки далели тасаллути ӯ дар ин улум мебошад. Осори дигаре низ дорад, вале муҳимтарин асари ӯ китоби «Мубоҳис-ул-Машриқия» аст. Иқбол гуфтааст:

Зи Розӣ ҳикмати Қуръон биёмӯз, Вале ин нуктаро аз ман фаро гир,
Чароғе аз чароғи ӯ барафрӯз. Ки битвон зистан бе мастиву сӯз.

Худо қасам, ки давлате ҳамчун Рум натавонист дар баробари ҳуҷуми селбори арабҳо муқовимат кунад. Ин аст вазъи миллате, ки бар қудрати хеш такя дорад».

14 апрели соли 1912 Иқбол дар иҷлоси солонаи Анҷумани ҳимояти ислом шеъри маъруфи худ – «Шамъу шоир»-ро хонд. Азбаски шеър дуру дароз буд, онро дар ду нишаст ироа кард.

Дар ин сол барои нимҷазира тарҳи таълими иҷборӣ (Compulsory Education Bill) дар маҷлиси қонунсози салтанатӣ (Imperial Legislative Council) матраҳ шуд. Ҳамоно пас аз он дар Лоҳур ҷаласае доир гардид, ки раёсати онро Иқбол ба ӯҳда дошт. Вай дар суханронии худ гуфт:[25]

«Аз калимаи «иҷборӣ» ҳеҷ кас набояд тарсад, ҳамон тавре ки задани воксин (эм кардан, ваксинатсия) зарурӣ аст ва барои ашхос музир нест. Таълимоти иҷборӣ низ, тасаввур намекунам, ки мавриди эътироз қарор гирад».

Баъзе аз уламо ба шеъри «Шиква» эътироз карданд, ки он густохона аст. Иқбол посухи ин эътирозро дар шеъри «Ҷавоби шиква» соли 1912 дод. Ӯ ин шеърро дар боғи Мавҷӣ Дарвоза ҳангоме хонд, ки барои зарардидагони ҷанги Балкан (муҷоҳидони Туркия) хайрия ҷамъ мекарданд. Таҳти таъсири ин шеър мардум маблағи зиёде барои зарардидагон ҷамъ намуданд.

Аммо ҳақиқати ҳол он буд, ки дар ин даврон Иқбол дар олами яъсу ноумедӣ зиндагӣ мекард. Вале зоҳиран худро дар назди дӯстону наздикон хушҳол нишон медод ва ҳаргиз изтироберо, ки дар дарунаш вуҷуд дошт. нишон намедод. Дар яке аз номаҳои хеш ишорае ба ин парешонии худ* кардааст. Дар номаи худ ба Акбаруллоҳ Ободӣ аз 6 октябри соли 1911 менависад:[26]

«Лоҳур шаҳри бузургест, вале ман дар ин ҳамҳама танҳо ҳастам. Ҳатто як нафаре ҳам нест, ки битавонам бо хаёли роҳат, тавре ки дилам мехоҳад, эҳсоси даруниямро баён созам.

Тарҷумаи шеър:

Агар ман чизе дар синаи хеш нигоҳ дорам, ӯ таъна мезанад,
Ва агар ифшо кунам, лаззат мебарам.
Оё масоилу мушкилоте барои донои роз вуҷуд дорад?

Лорд Бекон мегӯяд: «Ҳар чи қадар шаҳр бузургтар бошад, ҳамон қадар танҳоии инсон бештар мешавад». Ҳамин ҳолатро ман дар Лоҳур дорам. Илова бар ин дар чанд моҳи гузашта ба сабаби чанд муомила сахт парешонҳол будам ва маҷбур шудам корҳое анҷом диҳам, ки бар хилофи табиату тинати ман аст».

Бо вуҷуди он ки Иқбол аз Аврупо баргашта буд, вале ҳанӯз аз лиҳози фикрӣ дар Аврупо сайр мекард. Ҳангоме ки маҷбур шуд, аз наздик бо ҳақоиқи талхи зиндагӣ рӯбарӯ шавад, сахт метарсид ва нигарон буд. Ин эҳсоси парешониву ташвиш дар Иқбол сабабҳои гуногун дошт. Яке аз онҳо мушкилоти молии ӯ буд. Далели дигар бесарусомон будани зиндагии заношӯии ӯ буд. Дар ҳақиқат, Иқбол як давраи сахти изтироби зеҳниро тай мекард. Дар ин ҳолот ба ёди хотироти зиндагияш дар Аврупо меафтод ва ин ӯро каме таскин медод. Ҳангоме ки дар Олмон буд, ба мукотибаи хеш бо хонум Имавигей Наст идома дод. Назари Иқбол роҷеъ ба хонум Имавигей Наст ин буд, ки ӯ як духтари хубу шоиста аст ва ба ҳамин ҷиҳат ба вай алоқа дошт.[27]

Ҳамчунин номаҳое, ки аз соли 1909 то 1911 ба Атия Файзӣ менавишт, худ нишонгари эҳсоси Иқбол ба ӯ мебошанд. Аз назари Иқбол Атия Файзӣ низ қисмате аз хотироти зиндагии ӯро дар Аврупо шомил мебошад. Азбаски Атия Файзӣ ҳамеша бо ӯ ҳамдардӣ мекард, барои Иқбол дарди дил кардан ба Атия Файзӣ ва аз камбудиҳояш сухан гуфтан бо ӯ басо гуворо буд.

Ба хотири он ки битавонад андаке аз ин нороҳатиҳо бикоҳад, эҳтиёҷ ба саргармиву кӯмаки эҳсосӣ дошт, ки онро бонувони бозавқу эҳсос, ки зимнан

---

* Шарики дарду сӯзи нола будам,
Замири зиндагиро во намудам.
Надонам, бо кӣ гуфтам нуктаи шавқ,
Ки танҳо будаму танҳо сурудам.

таҳсилкарда низ буданд, барояш фароҳам мекарданд. Барои ин ки битавонем комилан ба вазъи рӯҳии Иқбол дар ин давра пай бубарем, лозим аст нигоҳе ба баргузидаи номаҳое, ки ба Атия Файзӣ навишта буд, бияндозем. Дар яке аз номаҳояш ӯ менависад:[28]

«Баъзе вақтҳо ирода мекунам, ки кореро анҷом диҳам. Сипас худро ба дасти афкорам месупорам, то бубинам онҳо маро то куҷо мебаранд. Бешак, ҳар инсоне бесаброна мунтазири расидан ба охирин оромгоҳи хеш аст. Ман низ ҳар чӣ зудтар мехоҳам ба ин марҳала бирасам, то битавонам аз холиқи худ бихоҳам, ки тавҷеҳе оқилона барои зеҳни ман бидиҳад. Вале мутмаинаш ҳастам, ки ӯ низ нахоҳад тавонист ҷавоби қонеъкунандае ба ман бидиҳад. Ин кор барои ӯ низ саҳлу осон нахоҳад буд. Ман шахсан худамро намешиносам. Чанд муддат аст, ки ин шеърро сурудаам:

Тарҷумаи шеър:

Иқбол низ аз Иқбол огоҳ нест,

Ҳеҷ шӯхӣ намекунам, воллоҳ, огоҳ нестам.

... Бисёр мутаассиру мутаассиф шудам аз ин ки шунидам Шумо аз ин мавзӯъ, ки мардуми шимоли Ҳиндустон маро таъриф намекунанд ва эҳтироме бар ман надоранд, ранҷ мебаред. Аммо Шумо дар ин бора ҳеҷ фикр накунед. Ман барои ҳарфи дигарон зиндагӣ намекунам.

Тарҷумаи шеър:

Он зиндагӣ чист, ки ҳатто нафас кашидани инсон ҳам бастагӣ ба дигарон дошта бошад?

Ман зиндагии содае дорам. Қалбу забонам бо ҳам яке аст. Ба ҷойи ин ки ба хотири шӯҳрату иззат ва ғайра маҷбур шавам равияи мутааффиқонаро интихоб кунам, тарҷеҳ медиҳам, ки дар гумномӣ бимирам. Мардуме, ки мисли Равана* чанд сар доранд, бигзор ба касоне эҳтиром гузоранд, ки дар бораи мазҳабу ахлоқ назариёти беасосу дурӯғро роҳнамои худ месозанд. Ман наметавонам дар муқобили русуму одот ва фармоишҳои онҳо сари таъзим фуруд оварам. Ва наметавонам инсонро водор созам, ки озодияшро поймол созад. Мардуми замони Гёте, Байрон ва Шиблӣ низ барои онон арзише қоил набуданд. Агарчи дар муқобили онон аз назари шеъру шоирӣ камтар ҳастам, вале хушҳолам ва ба худ меболам, ки дар ин маврид бо онҳо ҳамдардам. Дунё наметавонад маро напарастад, зеро ман худам табъан парастанда ҳастам. Агар рӯзе афкоре, ки дар умқи рӯҳам вуҷуд дорад ва ҳарфҳое, ки дар қалбам ҳастанд, бармало шаванд, мутмаин ҳастам, ки пас аз маргам мардуми дунё то ҳадди парастиш маро дӯст хоҳанд дошт».**

* Raven - Худои ҳиндуҳо

** Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанд, мегӯянд:
«Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе».

ФАСЛИ НӮҲУМ

Моҷароҳои зиндагии хонаводагии Иқбол

Волидайни Иқбол дар соли 1893 милодӣ бар тибқи одат ва одобу русуми хонаводагӣ тасмим гирифтанд, ки писарашон бо Каримбӣ издивоҷ кунад. Дар навиштаҳои Иқбол пас аз ин издивоҷ таҳмили норизоии ӯ ба вузӯҳ мушоҳида мешавад. Он замон ӯ муҳассили шонздаҳсолае беш набуд ва фақат ба хотири эҳтироме, ки ба сухани падару модараш мегузошт, кӯчактарин эътирозе ба ин издивоҷ накард. Онҳо ду соли аввали издивоҷро дар шаҳри Сиёлкут гузаронданд ва тайи ин муддат Иқбол муваффақ шуд дипломи адабӣ бигирад. Сипас, барои идомаи таҳсил дар соли 1895 милодӣ ба шаҳри Лоҳур азимат кард. Муддати чаҳор сол дар он ҷо зиндагӣ кард. Ба сабаби он ки Каримбӣ наметавонист ҳамроҳи Иқбол дар хобгоҳ зиндагӣ намояд, бештар авқотро дар манзили волидайнаш ва ё дар Сиёлкут назди хонаводаи шавҳараш мегузаронд.

Иқбол барои таътилоти тобистонӣ бештар авқот назди волидайни хеш ба Сиёлкут мерафт. Баъзе авқот низ чанд ҳафтаеро дар Гуҷарот – манзили падару модари ҳамсараш сипарӣ мекард. Дар ин давра ӯ соҳиби ду фарзанд шуда буд. Духтараш – Меъроҷбегим дар соли 1896 ва писараш – Офтоб Иқбол дар 1898 мутаваллид шуданд.

Аз соли 1900 то 1905 дар муддати хидмати панҷсолаи Иқбол ва сукунати ӯ дар манзили воқеъ дар Бҳати Дарвоза Каримбӣ ба ӯ ҳамроҳӣ накард. Бино ба гуфтаи Назир Ниёзӣ ихтилофоти Каримбӣ ва Иқбол аз ҳамин замон шурӯъ мешавад.[1]

Меъроҷбегим дувоздаҳсола ва Офтоб Иқбол даҳсола шуда буданд. Назир Ниёзӣ менависад:[2]

«Пас аз бозгашти Иқбол аз Аврупо, Каримбӣ банудрат ба Лоҳур меомад ва ҳар замон, ки ӯ ба назди Иқбол мерафт, мавриди таваҷҷӯҳи Иқбол қарор мегирифт. Вале ихтилофоти байни онҳо рӯз ба рӯз бештар мешуд. То он ҷо, ки ҳатто бо миёнҷигарӣ ва васотати падару кӯшиши бародар, замони ҷудоии комили он ду расид. Дар ин даврон Иқбол бо изтироби фаровоне даргир буд. Вале роҳе ҷуз ҷудоӣ ва талоқ набуд. Муҳаммад Иқбол кафолати фарзандон ва ҳамсарашро ба ӯҳда гирифт. Иқбол мегуфт: Шаръан ду роҳ бештар надоштам: ё талоқ, ё ба ӯҳда гирифтани махоричи рӯзонаи ҳамсару фарзандон. Модари Офтоб розӣ ба талоқ нашуд. Ман бо ризоият таъмини махоричи рӯзонаи онҳоро ба ӯҳда гирифтам. То он ҷо, ки ҳар моҳ маблағеро ба унвони харҷӣ барои онҳо ирсол медошт. Ҳатто ба ҳангоми беморӣ маблағи муқаррариро ҳар моҳ ба таври мураттаб мепардохт. Ҳангоме ки бемории эшон ба тӯл анҷомид, бо вазъи асафноке рӯ ба рӯ шуд ва маҷбур гардид тахфифе дар ин муқаррарӣ бидиҳад. Охирин ҳавола аз тариқи ман фиристода шуд».

Шоеот (овозаҳо)-и беасосе дар бораи шикасти издивоҷи Иқбол вуҷуд дорад. Издивоҷ усулан масъалаи шахсист. Баъзе аз издивоҷҳо бад-ин сабаб нофарҷом мемонд, ки завҷайн муртакиби иштибоҳот мешаванд. Афсӯс, имрӯз касе нест, ки далели ҳақиқии нокомии ин издивоҷро равшан созад. Ба назари нависанда (Ҷовид), далели номуваффақ будани ин издивоҷ он буд, ки байни завҷайн тавофуқи ахлоқӣ вуҷуд надошт. Ба ҳангоми издивоҷ Иқбол шонздаҳ ва Каримбӣ нуздаҳсола буд. Иқбол ба сабаби он ки таҳсил мекард, аз назари молӣ вобастагии зиёде ба падару бародари бузургаш дошт. Зеро то он замон аз лиҳози молӣ мустақил нашуда буд.

Иқбол аз як хонаводаи мутавассит буд, ки тамоми аъзои он дар як хонаи кӯчак дар Сиёлкут зиндагӣ мекарданд. Вале Каримбӣ аз як хонаводаи сарватманд буд, ки дар шаҳри Гуҷарот, дар маҳаллаи Шолбофон дар як манзили бузурге, ки ба шабоҳат қасре буд, ба рушд расида буд. Дар шаҳр иззату эҳтироми хосе барои падари Каримбӣ қоил буданд. Падараш Атомуҳаммад дар он замон пизишк буд. Ӯ ҷузви нахустин фариғуттаҳсилони Донишкадаи пизишкии Кинг Эдварди* Лоҳур буд.[3] Сипас, шуғли давлатӣ ихтиёр намуд. Пас аз пешрафтҳои фаровон ба мадориҷи волое ноил шуд ва аз тарафи давлати Англистон дар Ҷидда консулёр** (ҷонишини консул) гардид.

Дар соли 1879 ба симати ҷарроҳи ифтихории Ноибуссалтана интихоб шуд. Дар соли 1888 лақаби Хон Баҳодур гирифт ва дар шаҳрҳои мухталифи музофоти Панҷоб симати ҷарроҳи давлатиро ба ӯҳда дошт. Ҳар кучо ки буд, бо шукӯҳу ҷалоли хосе зиндагӣ мекард. Доктор Атомуҳаммад бо вуҷуди сарвати фаровон, бисёр боимон ва диндор буд. Иқбол эҳтироми фаровоне барои доктор Атомуҳаммад қоил буд ва то ҳангоми вафот бо эшон робита дошт.

Ба гуфтаи Алӣ Бахш, доктор Атомуҳаммад ба рафтани писараш шайх Ғуломмуҳаммад ба Англистон ҷиҳати гузаронидани таҳсилоти олӣ мувофиқ набуд. Вале Иқбол докторро розӣ намуд, ки бо рафтани ӯ мувофиқат кунад. Дар Англистон шайх Ғуломмуҳаммад бо як хонуми англисӣ издивоҷ кард ва ҳамсари қаблии худро раҳо намуд.[4]

Пас аз он ки Иқбол таҳсили хешро дар Коллеҷи давлатии Лоҳур ба итмом расонд ва тавонист рӯйи пойи худ биистад, худ шурӯъ ба кор намуду хонае дар Бҳати Дарвоза таҳия кард. Вале боз ҳам Каримбӣ ба ҳамроҳи эшон ба Лоҳур наомад. Имкон дорад ин амали ӯ ба сабаби кам будани ҳуқуқ (маош)-и Иқбол бошад. Зеро ки ҳуқуқ ва муқаррарии ӯ дар моҳ тақрибан 73 рупия буд. Ин ҳуқуқ ду сол баъд ба дусад рупия ва чаҳор сол баъд ба 250 рупия дар моҳ афзоиш ёфт.

Сипас, Иқбол барои муддати се сол ба Аврупо сафар кард. Пас аз бозгашт ба Лоҳур бузургтарин масъала барои Иқбол таъмини махориҷи зиндагӣ буд. Бидуни шак, ин замон ҳам барои вай давраи пуризтироб будааст***. Дар ин ҳангом низ бо вуҷуди талоши фаровони падару бародари Иқбол, вай ва Каримбӣ натавонистанд ба ҳам наздик шаванд. Каримбӣ бештар алоқа дошт бо фарзандони хеш назди падару модараш ба сар барад. ки дар ин бора ҳолати фикрии Иқбол аз мӯҳтавои номаи ӯ ба Атия Файзӣ аз 9 апрели 1909 истинбот мешавад.[5] Ӯ менависад:

«Дилам намехоҳад ҳеҷ кори давлатӣ анҷом диҳам. Танҳо орзуям ин аст, ки аз ин шаҳру диёр фирор кунам. Шумо медонед, ки ман ба бародарам мадюн (қарздор) ҳастам ва фақат ин амр маро аз рафтан боз медорад. Зиндагии ман бениҳоят мусибатбор аст. Инҳо мехоҳанд ба зӯрӣ ҳамсарамро ба ман таҳмил кунанд. Ман ба падарам навиштаам, ки ҳақ надошт чунин издивоҷи таҳмилӣ барои ман тартиб диҳад. Бахусус он, ки ман аз аввал бо чунин барнома мухолиф будам. Ҳозирам, ки махориҷашро ба ӯҳда бигирам, вале таҳаммул надорам ӯро пеши худ нигоҳ дорам ва зиндагиамро саросар ранҷу азоб гардонам... Аз рӯйи инсоният ман ҳақ дорам шодмонӣ ба даст оварам. Вале агар иҷтимоъ ё фитрат ин ҳақро ба ман намедиҳанд, ман ҳозирам бо ҳардуи онҳо мубориза кунам. Акнун танҳо роҳе, ки барои ман боқӣ мондааст, ин аст, ки ё ин сарзамини нафриншударо барои ҳамеша тарк кунам ва ё ба майхорагӣ паноҳ барам. Роҳе, ки худкуширо осонтар месозад. Ин авроқи бебаҳо ва китобҳои бемӯҳтаво ба ман оромиш намебахшанд. Рӯҳи ман ба қадре оташ гирифтааст, ки мехоҳам ин китобҳоро ҳамроҳ бо русуму суннатҳои иҷтимоӣ

---

* King Edward

** Vice Council

*** Ман андар машриқу мағриб ғарибам, Ғами худро бигӯям бо дили хеш
Ки аз ёрони маҳрам бенасибам. Чӣ маъсумона ғурбатро фиребам.

бисӯзонам ва хокистар кунам. Ҳамон русуме, ки зиндагии Иқболро ҷаҳаннам сохтааст. Шояд мегӯед, ки як Худои хубе ин чизҳоеро, ки дар атрофу ҷавониб мебинем, халқ кардааст. Аммо ҳақоиқи талхи ин зиндагӣ моро ба тарафи дигар савқ медиҳад. Агар бихоҳем оқилона фикр кунем, беҳтар аст ба як қодири мутлақ – шайтон имон биёварем. Лутфан маро ба хотири ин, ки ақидаамро баён мекунам, бубахшед. Ман ниёзе ба ҳамдардӣ надорам. Вале мехоҳам фақат ва фақат ин борро аз дӯшам бардорам».*

Ба иллати нокомии ин издивоҷи Иқбол, фарзандонаш аз муҳаббату шафқати падарӣ маҳрум шуданд. Дар ин мавоқеъ умуман фарзандон бо модари хеш ҳамдардӣ мекунанд. Меъроҷбегим ва Офтоб Иқбол бештарин вақти умри хешро бо модар, назди падарбузург ва модарбузурги модарӣ гузаронданд. Ҳангоме ки каме бузургтар шуданд, назди падару модарбузургашон дар Сиёлкут иқомат гузиданд. Мулоқоти онҳо бо падарашон банудрат анҷом мегирифт. Бо вуҷуди ин, Иқбол алоқаи шадиде ба Меъроҷбегим – духтараш дошт. Меъроҷбегим ҳамеша шоҳиди ихтилофоти байни волидайни хеш буду дилаш месӯхт, зеро намедонист ҳақро ба ҷониби чӣ касе бидиҳад. Коре аз дасташ барнамеомад. Билохира, Меъроҷбегим дар 17 октябри 1915, ҳангоме ки беш аз 19 сол надошт, ба бемории вазнине мубтало шуду аз ҷаҳон даргузашт. Офтоб Иқбол нури чашми падарбузургаш Нурмуҳаммад буд. Номи ӯро низ Шайх Нурмуҳаммад интихоб карда буд. Вай бо вуҷуди он ки аз меҳри падар маҳрум буд, ҳаргиз натавонист зери бори сахтгирии амакбузурги худ биравад. Бо гузашти замон, дар зеҳни Офтоб Иқбол барои ҳамеша ин таваҳҳум тасбит шуд, ки падараш бо модараш беинсофӣ кардааст. Дар натиҷа ихтилофоти байни падару писар ҳар рӯз боло мегирифт. Ва кӯшиши фаровони ошноёну дӯстон дар ин маврид, ки шояд битавонанд тафоҳуми миёни падару писар ба вуҷуд оваранд ва онҳоро ба якдигар наздик кунанд, бесамар монд. Ин ихтилофот то ҷое расид, ки дар замони зиндагии Иқбол мунҷар ба қатъи равобити миёни он ду гашт.[6] Назир Ниёзӣ менависад:[7]

«Бидуни шак ин издивоҷ ноком монд. Метавон гуфт, далеле, ки боиси шикасти ин издивоҷ шуд, ихтилофи табъу саликa ва тафовути сатҳи хонаводаи тарафайн будааст. Фикр мекунам, дар мавриди ин васлат, оқилона тасмим гирифта шуда буд. Тарафайни ин издивоҷ дар ин пайванди ҳаётӣ бо фикр амал накарданд. Муҳаммад Иқбол то ҷое, ки дар тавон дошт кӯшиш кард шояд битавонад роҳе биёбад, то бо онҳо ба тафоҳум бирасад ва ихтилофотро ҳал намояд, лекин муваффақ нашуд. Яке он, ки ахлоқи модари Офтоб Иқбол хуб набуд ва дигар, рафтори худи Офтоб Иқбол буд. Бад-ин сон равобити фимобайн рӯз ба рӯз вахимтар мешуд. Кӯшишҳои доктор Сайид Муҳаммад Ҳусайншоҳ низ дар ин маврид номуваффақ монд. Дар ин ҷараён ҳақ ба ҷониби Иқбол буд. Лизо ҷаноби Шоҳ ва дӯстони вай ҳангоме, ки дарёфтанд Иқбол дар ин маврид беинсофӣ намекунад, дигар талош накарданд дар кори онҳо дахолат кунанд. Дар бораи издивоҷи Иқбол шоеоте низ бар сад забонҳо афтода буд, ки саросар беасос буд. То он ҷо, ки ба иттилооти шахсии роқим тааллуқ дорад, вай аз гуфтани ин матлаб ҳеҷ ибое надорад, ки бигӯяд: равише, ки Иқбол дар ин бора ихтиёр карда буд, ҳарчанд, ки умда ҳам набуд, вале ба сабаби хунсардӣ ва табиати гуҷаротии** ҳамсари вай, равиши номаъқул буд. Офтоб Иқбол низ саркашӣ карда ва алайҳи падар ҷабҳагирӣ намуду барои ин кор аз иттиҳомоте, ки ба Иқбол ворид шуда буд, низ истифода кард».

Аз назари Атия Файзӣ, далели сабаби ноком мондани ин издивоҷ ин буд, ки Иқбол аз як истеъдоди худододӣ ва истисноӣ бархурдор буд. Лекин ба ҷойи ин ки ин

---

* Диле дар сина дорам, бесуруре,
На сӯзе дар кафи хокам, на нуре.
Бигир аз ман, ки бар ман бори дӯш аст,
Савоби ин намози беҳузуре.
(Армуғони Ҳиҷоз).

** Манзур аз табиати гуҷаротӣ, бетафовутиву бетаваҷҷӯҳӣ ва афтодаҳолии ҳамсари вай будааст.

истеъдод дар ӯ парвариш ёбад, даст нахӯрда ва бикр боқӣ монд. Бо вуҷуди он ки ба маълумоти худ ҳарчӣ бештар меафзуд, вале натавонист он касе шавад, ки метавонист бишавад. Воқеият дар ин даврони зиндагиаш ӯро чунон таҳти таъсир қарор доданд, ки дар навиштаҳояш мебинем. Ба назари Атия Файзӣ, пойбанд будан ба иҷрои авомири бузургон таҳти ливои одобу русум метавонад зиндагии бисёре аз занону мардонеро, ки дорои ҳушу истеъдоди фавқулода ҳастанд, табоҳ кунад. Масъалаи зиндагии Иқбол мисолест ношӣ аз лаҷоҷату самоҷат (саркашиву якравӣ)-и хонаводаи ӯ.

Атия Файзӣ менависад:[8]

«Шахсияти Иқбол дар Ҳиндустон тағйир кард ва ӯ дигар он одаме, ки дар Аврупо ман шоҳиди хасоиси ӯ будам, набуд. Афроде, ки дар даврони ибтидои зиндагии Иқбол ӯро намешинохтанд, ҳаргиз наметавонистанд қобилият, истеъдоду ҳушеро, ки аз тарафи Худованд ба ӯ ато гардида буд, дарк кунанд. Ҳангоме, ки ба Ҳиндустон бозгашт, аз он ҳама хуштабъӣ ва заковату обу ноби фаровоне, ки дошт, коста гардид. Зеро масоили гуногун ҳамчун мӯриёнае аз дарун ӯро мековиду ин мушкилоти мухталифи шахсияти зотии ӯро таҳти таъсир қарор дода буд. Дар ҳақиқат, ӯ эҳсос мекард, ки истеъдодҳои вай қудрати шукуфоӣ надорад. Эҳсоси ҳақорат мекард, зеро медонист, ки метавонад ҳарчи мехоҳад, бошаду ба ҳар кучо, ки мехоҳад, бирасад. Вале ин мавонеъву мушкилот монанди садде монеъ аз такомули шахсияти вай гардид».

Бардошти Атия Файзӣ дар мавриди Иқбол дуруст набуд. Бидуни шак, ин давраи зиндагии мухтасари Иқбол, давраи изтиробу илтиҳоби зеҳнӣ ва рӯҳии ӯ буд.*

Дар даврони таҳсилоташ дар донишгоҳҳои Аврупо зиндагии ӯ ҳамчун зиндагии як паранда буд, ки саршор аз лаззати ҳифозат аз ошёнаи хеш аст ва ҳақоиқи талхи зиндагиро аз ёд бурдааст. Вале ҳангоме ки аз Аврупо бозгашт, иҷборан «бо ин хақоиқи талх» рӯ ба рӯ гардиду бо онҳо дасту панҷа нарм кард. Гоҳе, ки тарсу нигарониҳояш аз ҳад афзун мегашт, ба ёди рӯзҳои хуши Аврупо меафтоду бо афсӯси фаровон барои Атия Файзӣ нома менавишт: «Афсӯс, ки гузаштаҳо гузашта ва дигар барнамегардад».[9] Ба ҳар ҳол, ин ҳолати изтиробу нигаронӣ, ки сароасар вуҷуди Иқболро таҳтушшуо қарор дода буд, бисёр гузаро** буд ва натавонист асаре бар истеъдоди ӯ бигузорад. Албатта, интизор мерафт, дар ин замон табъи шеъри ӯ низ бар асари ин изтиробу нигаронӣ, ки дар вай ба вуҷуд омада буд, аз байн биравад. Вале чунин нашуд. Ин ҳолати нигаронӣ ба эҳтимоли зиёд садди роҳи ӯ мешуд. Аммо асари хубе, ки барои ӯ дошт, ин буд, ки Иқбол дар авоили кор таҳти таъсири адабиёти олмонӣ қарор гирифта буд. Вале баъд, барои ҳамеша худро аз қайди шеъргӯӣ ба сабки романтикӣ раҳо сохт.

Пас аз гузаштан аз ин марҳала дигар ба сӯйи шеърҳое, мисли «Гурбаро дар оғӯшаш дидам» ва ё «Ба ҳангоми гирифтани гул ба унвони ҳадя» рӯй наовард. Баъзе аз шеърҳои аврупоии Иқболро, ки ба ҳангоми бозгашт навишта буд, метавон аз назари адабӣ дар радифи сабки романтикӣ маҳсуб кард. Вале, асосан, ӯ шоири романтик набуд. Бад-ин сабаб, ин истидлол саҳеҳ нест, ки агар Иқбол аз ин марҳалаи пурҳаяҷон намегузашт, метавонист барои худаш касе шавад. Ӯ хоҳ аз ин марҳала убур мекард, хоҳ не, бояд ҳамон шахсе мешуд, ки билохира низ шуд.

Дар ин замон Иқбол зимни ин ки дар фикри имрори маош буд, ба фикри издивоҷи муҷаддад низ афтод. Пас аз бозгашт аз Аврупо сивуяк сол дошт. Издивоҷи аввалааш бо шикаст рӯ ба рӯ ва мунҷар ба талоқ ё беҳтар бигӯям, ба ҷудоӣ хатм гашта буд. Иқбол дар муқобили хеш ду тан аз наздиконашро медид, ки зиндагии

---

* Нагирад лолаву гул рангу бӯям,
Даруни синаам мурд орзуям.
Ғами пинҳон ба ҳарф андар нағунҷад
Агар ғунҷад, чӣ гӯям, бо кӣ гӯям?
(Армуғони Ҳиҷоз).

** Ба ҳар ҳоле, ки будам, хуш сурудам,
Ниқоб аз рӯйи ҳар маънӣ гушудам.
Мапурс аз изтироби ман, ки бо дӯст
Даме будам, даме дигар набудам.

заношӯии муваффаке доштанд. Яке аз онҳо Арнолд ва дигаре Сэр Акбар Ҳайдарӣ буданд, ки ҳамбастагии шадиде зану шавҳар бо якдигар доштанд.[10]

Иқбол илова бар он ки таҳсилоти олӣ дошт, аз ҷаззобияти хосе бархурдор буд. Сурати гулгун, пешонии баланд, абрувони пурпушта, чашмони равшан, бинии кашида, лабҳои нозук, мӯйҳои зебо, қади мутавассит, андоми мутаносибу дастҳои зариф дошт. Пас аз бозгашт аз Аврупо бештар авқот куту шалвори мушкӣ мепӯшиду кулоҳи туркӣ ба сар мегузошт. Гоҳе низ аз монокл (навъе айнак барои як чашм) истифода мекард.[11] Ошноёни Иқбол дарёфтанд, ки дар фикри издивоҷи дуввум аст ва ин роз бармало шуда буд. Дар чунин мавқеияте, ки таассуби фаровоне байни мардум вуҷуд дошт, чунин масъалае ҷойи тааҷҷуб аст, ки номаҳое ҷиҳати издивоҷ аз тарафи занони таҳсилкарда барои ӯ фиристода мешуд. Баъзе хонумҳо шахсеро аз тарафи худ ҷиҳати хостгорӣ назди Иқбол мефиристоданд ва гоҳе низ иттифоқ меафтод, ки худ ба дидани ӯ мерафтанд.[12]

Иқбол агар ирода мекард, метавонист бо духтари таҳсилкардае издивоҷ намояд. Вале бо он ки равшанфикр буд, наметавонист дар баъзе маврид даст аз одобу русуми хонаводагӣ бардорад. Возеҳ аст, ки ба дунболи духтаре буд, ки ҳамсари муносиб бошаду битавонад бо афроди хонаводааш равобити саминона барқарор намояд.

Дар бораи издивоҷи дуввуми Иқбол, ки дар соли 1910 анҷом пазируфт, Мирзо Ҷалолидддин мегӯяд: «Шайх Гулобиддин Вакил, ки дӯсти Иқбол буд, дар ин ҳангом духтареро аз як хонаводаи Кашмирӣ, ки дар Мавҷӣ Дарвоза зиндагӣ мекард, ба ӯ муаррифӣ кард, ки дар он вақт дар мадрасаи духтаронаи Виктория* машғули таҳсил буд. Вақте тамоми муқаддамоти кор фароҳам гашт, Иқбол ба иттифоқи бародари бузургаш, ки аз Сиёлкут омада буд ва Мирзо Ҷалолуддин, Миёншоҳ Навоз, мавлавӣ Аҳмадиддин ва Шайх Гулобиддин ба манзили арӯс рафтанд ва ҳамон ҷо ақди ӯ бо Сардорбегим баста шуд. Дар ин ҳангом ақд хонда шуд, вале арӯс дар манзили волидайни хеш монду ба хонаи шавҳар нарафт».[13]

Дар бораи ин мавзӯъ Алӣ Бахш мегӯяд: «Ӯ ва модари Иқбол барои хостгорӣ ба манзиле рафтанд. Ба ҳангоми бозгашт хонумеро дар роҳ диданд, ки дар шаҳри Сиёлкут зиндагӣ мекард. Модари Иқбол ба эшон гуфт, ки дар ҷустуҷӯйи духтаре аст, ки битавонад ӯро ба ҳамсарии писари кӯчакаш дароварад. Бо шунидани ин матлаб он хонум модари Иқболро ба манзили Сардорбегим бурд ва модари Иқбол бо дидани Сардорбегим ба ин натиҷа расид, ки ин издивоҷ барои писараш муносиб аст».[14]

Ақидаи муншӣ Тоҳириддин дар робита бо издивоҷи Сардорбегим ва Иқбол, ки бо васотати писараш Шайх Башир Аҳмад сурат гирифт ва ба нависанда (Ҷовид) расид, андаке мутафовут аст. Ба назари вай Иқбол моил буд ҳамсарашро худ интихоб кунад. Хоҷа Абдулғанӣ, бародари Сардорбегим аз дӯстони муншӣ Тоҳириддин буд. Ин хоҳару бародар аз кӯдакӣ ятим ва аз хонаводаи кашмирии фақире буданд, ки бо сарпарастии аммаи худ ба синни рушд расиданд. Шавҳари аммаи онҳо дар додгоҳи маҳаллии Лоҳур аризанавис буд. Сардорбегим ба ҳеҷ мадрасае нарафта буд ва дар манзил хондани Қуръон ва хондану навиштанро фаро гирифта буд. Хоҷа Абдулғанӣ қолинфурӯш буд. Вақте ки муншӣ Тоҳириддин Сардорбегимро ҷиҳати издивоҷ ба Иқбол муаррифӣ кард, ӯ изҳори тамоюл намуд, ки акси Сардорбегимро бубинад ва муншӣ Тоҳиридин бо гуфтани ин ҳарф, ки мехоҳад аксро барои волидайни Иқбол ба Сиёлкут бифиристанд, то онҳо бубинанд, тавонист акси Сардорбегимро аз бародараш бигирад. Иқбол акси Сардорбегимро писандид. Модари Иқбол аз Сиёлкут ба Лоҳур омад ва ба манзили Сардорбегим ҷиҳати хостгорӣ аз вай рафт. Сипас Иқбол ба иттифоқи бародари бузургаш, модару чанд тан аз дӯстон ба манзили арӯсхонум рафтанд ва дар ҳамон ҷо аҳди никоҳ баста шуд.

* Victoria Girls School.

Аз ин ривоёти мухталиф мумкин аст, истинботҳои гуногуне бишавад, вале ҳақиқат он ки Сардорбегим дар ҳеҷ мадрасае таҳсил накарда буд. Маросими ақди вай бо Иқбол дар соли 1910 анҷом пазируфт. Вале маросими издивоҷ ба баъд мавқуф гардид. Аз назари нависанда (Ҷовид) Сардорбегим дар он замон 19 ё 20 сол беш надошт. Ҳамон тавр ки гуфтем, масъалаи издивоҷи ин ду муаллақ монда буд. Далелаш ин буд, ки ҳамоно баъд аз ақд, Иқбол чанд номаи машкук ва бидуни имзо дарёфт кард. Дар ин номаҳо аз тарзи рафтору ахлоқи Сардорбегим интиқод шуда буд. Иқбол шадидан музтариб шуд. Ин ҷо буд, ки ба парешонфикрии шадиде дучор гардид. Аз ҳамсари қаблии хеш ҷудо гашта буд ва ҳоло низ бо чунин масъалае рӯ ба рӯ шуда буд. Иқбол ба дӯстони худ гуфт: «Ҷустуҷӯ кунеду ҳақиқатро дарёбед». Ба ҳар ҳол, Иқбол тасмим гирифт, ки Сардорбегимро талоқ диҳад, то битавонад бо духтари дигар издивоҷ намояд.

Се сол бад-ин наҳв сипарӣ гашт. То ин ки, билохира, Сайид Башир Ҳайдар – дӯсти қадимии Иқбол, ки дар он замон дар шаҳри Лудҳаяна бозраси молиётӣ* буд, дӯшиза Мухторбегимро ба Иқбол муаррифӣ кард. Мухторбегим аз як хонаводаи мутамаввили кашмирӣ буд. Хонаводаи Мухторбегим дар шаҳри Лудҳаяна бо хонаводаи миллионерҳо машҳур буданд. Вақте ки тасмиме ба ин издивоҷ гирифта шуд, гурӯҳе аз дӯстону хешовандон аз Лоҳур ба Лудҳаяна рафтанд. Мирзо Ҷалолуддин аз таърихи ин издивоҷ ҳарфе ба миён наовардааст.[15] Ҳамчунин Абдулмаҷид Солик зимни баёни тафсилоти ин издивоҷ, аз таърихи он сухане нагуфтааст.[16] Имкон дорад, ки ин издивоҷ дар авоили соли 1913 милодӣ анҷом пазируфта бошад. Иқбол бо ҳамроҳии Мухторбегим ба шаҳри Лоҳур расид ва дар манзиле воқеъ дар Аноркулӣ зиндагии заношӯии худро оғоз карданд

Мирзо Ҷалолуддин ва соири дӯстони Иқбол таҳқиқоте дар робита бо номаҳои машкук ва беимзо анҷом доданд. Тайи ин баррасиҳо маълум гардид, ки тамоми номаҳои беимзоро як вакил навиштааст, ки хаёл дошт Сардорбегимро ба ақди писараш дароварад. Баъд аз он Сардорбегим низ пас аз се соли муқобила бо мушкилот ҷуръат ёфт, ки номае ба Иқбол бинависад. Дар он чунин нигошта буд: «Ин тӯҳматҳо ва бӯҳтонҳоро набояд бовар кард. Ман, ки ба ақди Шумо даромадам, бад-ин сабаб фикри издивоҷи дигареро дар сар надорам ва тамоми зиндагиамро бад-ин наҳв сипарӣ хоҳам карду дар рӯзи қиёмат домангири Шумо хоҳам шуд».[17]

Иқбол бо хондани ин нома ба иштибоҳи хеш пай бурду сахт пушаймон гардид ва Мухторбегимро аз ин моҷаро бохабар гардонид. Ӯ бениҳоят раҳиму дилсӯз буд. То он ҷо, ки ғами дигаронро наметавонист таҳаммул намояд. Вақте ки роҷеъ ба Сардорбегим ҳама чиз барояш равшан шуд, аз фарти таъсир ба гиря афтод. Билохира, Иқбол розӣ шуд, ки Сардорбегимро ба манзилаш биоварад. Вале чун замоне ӯро талоқ карда буд, аз ин рӯ, дар моҳи август ё сентябри соли 1913 бори дигар хутбаи ақд барои он ду ҷорӣ гашт.[18] Дар натиҷа Мухторбегим ба манзили падараш дар Лудҳаяна бозгашт ва Иқбол низ бо ҳамроҳии Сардорбегим ба Сиёлкут рафт. Чанд ҳафта баъд, ҳарду ҳамсари Иқбол дар манзили воқеъ дар Аноркулӣ бо якдигар мулоқот карданд. Мухторбегиму Сардорбегим бо ҳам тақрибан ҳамсинну сол буданд ва муҳаббате, ки байни он ду реша давонид, аз муҳаббати ду хоҳар нисбат ба якдигар бештар буд. Дар бораи издивоҷ бо Сардорбегим, Иқбол дар номаи худ ба Маҳарача Кишан Прасад аз 26 октябри соли 1913 чунин менависад:[19]

«Севвумин издивоҷ баъд аз рафтани Шумо анҷом шуд. Лозим набуд ин издивоҷ сурат гирад. Вале ин як достони аҷиб аз ишқу муҳаббат буд. Иқбол натавонист таҳаммул кунад, зане, ки ба хотири ӯ муддати се сол бо азми росих бо мушкилоту масоиби фаровоне дасту панҷа нарм карда буд, ба ҳамсарии хеш напазирад. Эй кош, қабл аз издивоҷи дуввум ба ин роз пай мебурдам».

* Excise Inspector.

Иқбол барои ҳалли мушкилоти издивоҷи аввали худ, аз ҳамсараш ҷудо шуд. Ӯ хостори як зиндагии ором буд. Ба ҳамин далел наметавонист бо Каримбӣ зиндагӣ кунад. Вале сарнавишт ин тавр қалам зада буд, ки ӯ шавҳари ду зан шавад.

Манзили Аноркулӣ ҳамчун манзиле, ки Иқбол дар Сиёлкут дошт ва ҷое, ки фақат ба иттифоқи Алӣ Бахш дар он зиндагӣ мекард, дар соли 1913 бисёр равнақ ёфт. Илова бар Мухторбегим ва Сардорбегим хоҳари Иқбол, ки Каримбӣ ном дошт, низ дар манзил сукунат дошт. Зимнан, Сардорбегим ду духтари шайх Атомуҳаммад, бародари шавҳараш, Иноятбегим ва Самиябегимро аз Сиёлкут ба ин манзил овард. Хона равнақи хосе гирифт ва ҳамагӣ бо хушиву шодӣ рӯзгор мегузарониданд. Пас аз бозгашт аз кори рӯзона, Иқбол бо хоҳару ҳамсаронаш ғолибан лото ё варақбозӣ (қартабозӣ) мекард ё бо духтарони бародараш шӯхӣ мекарду онҳоро механдонид. Гоҳ ба гоҳе ба пушти бом мерафту бо кабӯтарҳояш мепардохт.

Бо исрори хоҳару ҳамсаронаш Иқбол ҳамсари аввали худро ба манзили хеш даъват кард. Аз ин рӯ, Каримбӣ як-ду бор ва фақат барои чанд рӯз ба манзили онҳо омаду бо онон зиндагӣ кард.

Монанди рӯзҳои гузашта дӯстони қадими Иқбол бо ҳам ҷашнҳо барпо мекарданд. Вақте Гиромӣ ба манзили Иқбол меомад, рӯзҳо дар он ҷо иқомат мекард. Дар таътилоти тобистона ҳамагӣ дастҷамъӣ ба Сиёлкут мерафтанд ва ба он ҷо низ равнақи хосае мебахшиданд. Дар июни 1913 Маҳараҷа Кишан Прасад – дӯсти Иқбол ба Лоҳур омад. Иқбол барои истиқбол аз эшон ба истгоҳ рафт. Муддати замоне, ки Маҳараҷа Кишан Прасад дар Лоҳур буд, тамоми вақти Иқбол бо ӯ гузашт. Иқбол ӯро барои гардиш ба театри Оқоҳашари Кашмирӣ ҳам бурд.[20] Дар ин сол Иқбол ба музофоти Алур низ сафар кард. Дар ин сафар шахсе бо номи Сэр Сайид Алӣ Имом ба Иқбол гуфт: «Маҳараҷаи Алур ба як муншии хусусӣ ниёз дорад» ва изофа кард «барои ин кор вайро муаррифӣ намудааст». Иқбол ҳамроҳи муншӣ Тоҳириддин ва Алӣ Бахш ба Алур омаданду дар меҳмонхонаи шоҳӣ мустақир шуданд. Дар мулоқоте, ки Иқбол бо Маҳараҷа дошт, Маҳараҷа ба ӯ гуфт, ки ҳуқуқи моҳонаи ӯ 600 рупия хоҳад буд. Иқбол бидуни он, ки ҳарфе бизанад, Алурро тарк кард, зеро ин маблағро бисёр кам медонист.[21] Сипас дар номаи хитобӣ ба Маҳараҷа Кишан Прасад, аз 1 октябри соли 1913 менависад:[22]

«Аз тарзи гуфтори Маҳараҷаи Алур – Баҳодур ин тавр истинбот кардам, ки вай бисёр ба ман ниёз дорад. Вале ба далели он ки дастмузде, ки барои муншии хусусиаш дар назар гирифта буд, бисёр кам буд, натавонистам ин пешниҳодро бипзирам. Илова бар он, бештар авқот ба ӯ фишор меоварданд, ки корманди ҳинду истихдом кунад. Ба ин далел ба Алур нарафтам».

Дар номаи дигаре ба эшон дар таърихи 26 октябри соли 1913 менависад:[23]

«Яке аз далелҳое, ки натавонистам шуғлеро, ки дар Алур ба ман пешниҳод шуд, бипазирам, ин буд, ки дастмузди бисёр қалиле дошт. Моҳе 700-800 рупия, ки дар Лоҳур ҳам мерасид. Агарчи ин маблағ барои махориҷи шахсии рӯзонаи ман кофӣ аст, вале аз он ҷо ки масъулиятҳои дигаре ба ӯҳдаи ман аст, ки бояд наҳви аҳсан анҷом диҳам, ба ҳамин сабаб маҷбурам барои кор, ба ҳар даре сар бизанам.

Бародари бузургам, ки махориҷи зиндагии маро таъмин мекард, ҳоло бознишаста шудааст. Дар натиҷа худи ман бояд мутаҳаммили махориҷ бишавам. Ман махориҷи се ҳамсару ду фарзандро ба ӯҳда дорам. Хулоса бигӯям, ҳамин масоил маро ҳамеша водор мекунад, ки ба дунболи кор бошам».

Маҳараҷа Кишан Прасад ба Лоҳур омаду бо Иқбол дидор кард. Ҳангоми бозгашт аз Лоҳур ба Ҳайдаробод ба қадре мутаассир шуда буд, ки фавран ба фикри коре, ки дархури шаъни Иқбол бошад, афтод. То бад-ин васила битавонад ӯро аз фикри маош наҷот диҳад. Вале Иқбол бо камоли хушрӯӣ ин пешниҳоди Маҳараҷа Кишан Прасадро рад карду дар номае, хитоб ба ӯ навишт:

«Намедонам бо чӣ забоне аз лутфе, ки дар ҳаққи ман раво доштаед, ташаккур кунам. Дӯстпарвариву ғарИбниавозӣ аз хасоиси вижаи хонаводаи Шумо аст. Чаро

ки набошад? Дарахте, ки шоха дорад, аз сояи он тамоми Ҳиндустон мустафид мегардад... Ман низ дарди диламро ба Шумо гуфтам, Худованди Карим Шуморо саломат бидорад. Лутфи Шумо фаротар аз замону макон аст.

Файзи Шумо дар як лаҳза метавонад маро мустағнӣ созад. Вале бояд бигӯям, ин аз мураввату диёнат ба давр аст, ки дастмузде аз Шумо дарёфт дорам, вале натавонам дар муқобили он боздиҳӣ коре кофӣ дошта бошам.

Агар Худо бихоҳад, сурате фароҳам хоҳад шуд. Ҳамон тавр, ки ҳамеша Иқбол аз лиҳози маънавӣ бо Шумо будааст, дар оянда низ дар тамоми масоил ҳамроҳи Шумо бошад. Лутфе, ки аз самими қалб ба ман фармудед, барои ҳамеша дар таърихи дӯстӣ ба ёдгор хоҳад монд».

Дар даврони ҳаёти Иқбол, мухолифонаш ба ҳар навъе, ки метавонистанд, ба ӯ тӯҳматҳо мезаданд. Вале ӯ ба ин ҳарфҳо ҳаргиз эътиборе намедод ва эътиное ба ин душманиҳо намекард. Замоне ӯро дар назди мардум майхораву айёш ҷилва доданд ва ин шоеаро бар сари забонҳо андохтанд, ки вай дар синни ҷавонӣ зани бадкораеро ба қатл расондааст ва аз ин қабил масоил...

Қабл аз он ки роҷеъ ба иттиҳомоте, ки ба Иқбол ворид карданд, посух дода шавад, тарҳи ин масъала зарурӣ аст, ки аввалан, мухолифони Иқбол чӣ касоне буданд. Сониян, аз чӣ замоне ин иттиҳомот ба ӯ ворид шуд. Солисан, худи Иқбол то чӣ ҳад масъули ин тӯҳматҳои беасос будааст?

Иқбол касе буд, ки аз даврони ҷавонӣ ба сабаби истеъдодҳояш шӯҳрат ёфт ва ин худ боиси ҳасадоти касоне гардид, ки натавониста буданд, ба чунин мавқеияте даст ёбанд. Метавон гуфт, ҳамон тавре ки рӯз ба рӯз бар теъдоди ҳомиёну иродатмандони Иқбол афзуда мегашт, мутаоқибан теъдоди ҳосидону мухолифони ӯ низ бештар мешуд.

Нахустин гурӯҳи мухолифони Иқболро аҳли забони Лакҳнаву Деҳлӣ* ташкил медоданд. Аксари онҳо бар асоси таассуботи забонӣ, ки доштанд, ишколоте дар сабки баёни Иқбол мегирифтанд ва дар натиҷа бо ӯ мухолифат мекарданд.

Эътирозоти онҳо ҷанбаи дигаре низ дошт. Баъзе аз мӯътаризоне, ки аҳли сухан низ буданд, сабки шеъри гузаштаро меписандиданд ва моил ба идомаи он тариқ буданд. Ба назари онҳо агар майгусорӣ ва ишқбозӣ бо зеборӯён вуҷуд надошта бошад, шоирӣ низ маҳол мегардад.

Онҳо бо шеъри таҳаввулёфта ва дигаргуншудаи Иқбол маънус намешуданд. Бад-ин сабаб, дар бораи Иқбол шоеае мепароканданд, ки ӯро дар назари мардум ҳамчун худ ҷилва диҳанду собит кунанд, ки Иқбол ҳам шоири ҳаммонанди худашон аст. Дар ин бора Пандит Шиюнарашан Шамим менависад:[24]

«Дар истгоҳ бо шоире, ки исми ӯ Ҷалол** буд ва худро шогирди шоир Амир Миноӣ*** мегуфт, ошно шудам. Ӯ вақте ки дид, ман ба забони урду сухан мегӯям, мутаваҷҷеҳ гардид, ки ман ҳиндӣ ҳастам. Вақте ки ба вай гуфтам, дар Лоҳур зиндагӣ мекунам, аз ман суол кард, ки аҳволи ҳазрати Иқбол чӣ тавр аст? Гуфтам, ки гоҳе барои ислоҳи ашъорам аз эшон кӯмак мегирам. Ҷалол гуфт, ки Иқбол кабӯтар парвариш медиҳад ва аз ваколат мунсариф гаштааст. Вай гуфт, ки ӯ бо Иқбол ошноӣ дорад ва изофа кард, ки дар шаҳри Агра бо ӯ гуфтугӯҳо кардааст. Чунин ба назар

---

* Касоне, ки ба забони урду сӯҳбат мекунанд ва мегуфтанд: «Иқбол забони урдуро хуб намедонад ва иштибоҳоте дар ба кор бурдани ин забон дорад». Ин гурӯҳ дар Лакҳнаву Деҳлӣ зиндагӣ мекарданд.

** Сайид Зомин Алӣ мутахаллис ба Ҷалол (1828-1909 милодӣ) – писари Ҳаким Асғар Алӣ, достонгӯи маъруфи Ҳинд буд. Пас аз таҳсилоти худ дар заминаи форсӣ ва арабӣ дар шеъргӯӣ мустағриқ гардид. Чаҳор девон аз ӯ ба чоп расида ва луғатномае бо номи «Сармояи забони урду» дорад. Забонаш бисёр фасеҳ ва дар муҳовараи урду қудрати комил дошт.

*** Амир Аҳмад мутахаллис ба Амир (1829-1900 милодӣ) дар Лакҳнав мутаваллид шуд. Дар арабиву форсӣ тасаллути комил дошт. Шахси обиду олим ва фозил буд. Ду китобе ба номи «Ҳидоят-ус-Султон» ва «Иршод-ус-Султон» навишт, вале кори муҳимми вай таҳияи луғатномае аст бо номи «Амир-ул-луғат», ки бо кӯмаки шогирди худ Риёз Хайрободӣ тартиб дод. Каломаш дар урду бисёр ҷолибу мамлу аз баёни кайфияти ишқ аст.

меояд, ки Иқбол хеле хушгузарон аст. Ба ӯ гуфтам, ки хилофе бар арзатон расондаанд. Ҳазрати Иқбол ҳамарӯза ба додгоҳи маҳаллӣ меоянду ба ваколат машғул ҳастанд. Шеър сурудан шуғли дуввуми эшон аст ва ҳоло бештар ба форсӣ шеър мегӯянд. Зимнан инро низ ба ӯ гуфтам, ки дар асл, Иқбол ба манзалаи сарвати ҳиндуҳо буд, ки ҳоло ҷузву ғаноими Шумо маҳсуб мешавад. Ҷаноби шоир қадре мутаҳаййир шуд».

Дуввумин гурӯҳи мухолифони Иқболро афроди мазҳабии камилму тангназар ташкил медоданд, ки рӯз ба рӯз бар теъдоди онон афзуда мегашт. Иқбол аз навиштаҳои инқилобии Сэр Сайид Аҳмадхон роҷеъ ба ислом огаҳӣ дошт ва маддоҳи ӯ низ буд. Вале то он ҷое, ки ба афкори мазҳабиву сиёсии Сэр Сайид Аҳмадхон иртибот пайдо мекард, бар ин ақида буд, ки онҳо қоили ислоҳ ҳастанд. Уламои муртаҷеи кӯҳнагаро аз ибтидо бо Сэр Сайид Аҳмадхон мухолиф буданд. Аз назари онон, ҳар касе бар тибқи ниёзи замон унвоне аз зарурати тағйир дар дар илми калому фиқҳ ба миён оварад, хати машйи ғарбӣ дорад ва бидъате бино ниҳодааст. Илова бар он, Иқбол дар марҳалаи ибтидоии шоирии миллии хеш ҳамеша чунин афродеро ба боди тамасхуру истеҳзо мегирифт. Зеро ба ақидаи Иқбол* табақаи камилм ба пешрафти исломӣ дар Ҳиндустон зарар мерасонанд.[25]

Замоне, ки ҷунбиши хилофат дар авҷи камол буд ва бештар уламои Ҳиндустон бо ҳиндувон муттаҳид шуда буданд, то дар наҳзати Тарки маволот нақше дошта бошанд, Иқбол бо уламое, ки мувофиқи Кунгура (Конгресс) буданд, ба мубориза пардохт. Зеро онҳо мехостанд Коллеҷи исломии Лоҳурро таътил намуда ва донишҷӯёнро омода созанд, ки бо наҳзати Тарки маволот ҳамкорӣ кунанд. Сипас, дар робита бо поксозии Ҳиҷоз тавассути Султон Ибни Сауд, уламои Ҳиндустон ба ду гурӯҳ мунқасим гардиданд. Бад-ин сабаб кашмакашу даргирӣ байни мухолифон ва мувофиқони Султон Ибни Сауд дар гирифт. Ва уламои ҳарду гурӯҳ фатвои куфр содир карданд.[27] Уламои мухолифи Иқбол аз ибтидо ба ӯ ҳасад меварзиданд. Натиҷа ин шуд, ки мавлавӣ Абумуҳаммад Дидор Алӣ – хатиби масҷиди Вазирхони Лоҳур алайҳи Иқбол фатвои куфр содир намуд.

Абдулмаҷиди Солик менависад:[28]

«Ин фатво ошӯбе дар саросари кишвар барпо кард. Мардум алайҳи мавлавӣ Дидор Алӣ қиём карданду бо киноятҳои хеш ӯро мавриди таъну лаън қарор доданд. Мавлоно Сайид Сулаймон Надавӣ** дар «Заминдор» ин фатворо аҳмақона хонду рӯзномаи «Заминдор» ин фатворо тафсир кард. Ин амали мавлавӣ Дидор Алӣ зарбаи шикананда бар пайкари мақому манзалати иҷтимоии уламои исломӣ буд. Зеро тамоми мусалмонон аз олиму омӣ, бо саводи қадимӣ ва таҳсилкардаи ҷадид Аллома Иқболро як мусалмони бисёр содиқ, ошиқи Муҳаммад(с), ғамхори миллат, ҳомии дини ислом мешинохтанду назарашон ин буд, ки агар назди уламо, мусалмононе ҳамчун Иқбол кофир хонда шаванд, пас чӣ касе мусалмони воқеӣ аст?»

Ба ҳар ҳол, ҷидоли уламое, ки чунин фикр доштанд, бо Иқбол идома дошт. Дар чанд моҳи охири зиндагии Иқбол, ҳангоме ки вай дар тавзеҳу ташреҳи масоили қавму миллат бо Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ ихтилоф пайдо кард, ҳомиёни

* Ба он қавм аз ту мехоҳам гушоде, Басе нодиданиро дидаам ман
Фақеҳаш беяқине, камсаводе, Маро, эй кошкӣ, модар, назодӣ. (Армуғони Ҳиҷоз)

** Сайид Сулаймон Надавӣ (1884-1953 милодӣ) дар Патнаи Ҳинд мутаваллид шуд. Бар забону адаби форсӣ ва арабӣ тасаллути комил дошт. Шогирду ҷонишини Шиблии Нӯъмонӣ буд. Шиблии Нӯъмонӣ дар замони ҳаёти хеш натавонист китоби хеш «Сайр-ун-Набӣ»-ро ба итмом бирасонад. Сайид Сулаймон онро ба поён расонд. Тарзи нависандагиаш ҷолибу муассир ва сода буд. Муддатҳо сардабири маҷаллаи «Маорифи Аъзам», гурӯҳи Ҳинд буд. Баъд аз тақсими нимҷазира, ба Покистон омаду дар ҳамон ҷо вафот намуд. Вай як наққоди баландпоя буд. Таълифоти муҳими вай «Арз-ал-Қуръон», «Раҳмати олам», «Ҳаёти Шиблӣ» ва «Хутаботи Мадрас» мебошад.

Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ дар номаҳои бидуни имзо ба ӯ иттиҳомоте, аз он қабил, ки дар боло зикр гардид, ворид карданд.

Баъдҳо Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ тайи мақолае, ки дар рӯзнома мунташир гардид, дар тавзеҳе роҷеъ ба нуқтаи назарҳои хеш эътироф намуд, ки вай ба мусалмонони Ҳиндустон нагуфта буд, ки назарияи ҷадиди қавмият барои хеш ихтиёр намоянд. Лизо Иқбол эълом дошт, ки пас аз ин эътироф, Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ дигар ҳаққе ҷиҳати эътироз ба эшонро надорад. Иқбол дар эъломияи хеш чунин гуфт:[30]

«Ман аз муридони Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ қадрдонӣ мекунам, ки ба сабаби тавзеҳи як амри динӣ дар номаҳои бидуни имзо, ки бароям ирсол доштанд, фаҳшу носазо нисорам карданд. Худованд, иншооллоҳ, онҳоро аз суханони Мавлоно Ҳусайн Аҳмад Маданӣ беш аз пеш мустафиз гардонад».

Аз он ҷо ки ин уламо ва ҳомиёни онҳо ба суҳулат наметавонистанд нуқтаи назари Иқболро ботил эълом кунанд, иҷборан ба вай иттиҳоммоти нораво ворид карданд. Таблиғоти ин афроди белаёқат таъсири зиёде дар Атоуллоҳ Шоҳ Бухорӣ – раиси маҷлиси Аҳрор гузошт. Вай роҷеъ ба Иқбол ин назарияро баён кард, ки қалами Иқбол як умр дар роҳи дурусту саҳеҳ ба кор бурда шуд, вале қадами ӯ бештар авқот ба носавоб кашида шуд.[31]

Севвумин гурӯҳи мухолифони Иқболро пайравони фирқаи Аҳмадӣ ташкил медоданд. Пас аз бозгашти Иқбол аз Аврупо, нақшвои фирқаи Аҳмадӣ шунида шуд. Иқбол ақоиди фирқаи Аҳмадиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дод. Вай бо вуҷуди мутолеоташ дар ин замина ва иттилои ӯ бар аҳволи ин гурӯҳ, дар ибтидо назари мухолифи хешро алайҳи онон аланӣ нанамуд, то замоне ки баъдҳо дар шеърҳо ва насрҳояш бо шиддат онҳоро мавриди интиқод қарор дод. Дар соли 1910 Иқбол суханроние ба забони англисӣ бо номи «Ҷомеаи исломӣ»*, ки марбути мутолиа ва тарзи зиндагии мардум буд, дар Алигарҳ ироа дод. Вай дар қисмате аз баёноташ гуфт, ки «Фирқаи қодиёнӣ»** дар Панҷоб, махсусан тарзи зиндагии онон, комилан монанди мусалмонон аст.[32] «Аҳмадиҳо» аз аввал саъй карданд, шахсияте монанди Иқболро мӯътақид ба ин фирқа намоянд. То он ҷо ки фарде аз ин фирқа, ки бо Иқбол ошноии қаблӣ дошт, ба ӯ пайғом дод, ки ба фирқаи мазкур байъат намояд. Иқбол дар ҷавоби манзуми худ аз ин амал имтиноъ варзид. Сипас, дар яке аз нашриёти гурӯҳи Аҳмадӣ хабаре ба чоп расид, мабно бар ин, ки Иқбол бо духтаре издивоҷ карда, ки хонаводааш аз пайравони фирқаи Аҳмадӣ мебошанд. Иқбол баёнияе дар такзиби ин хабар содир карду тайи он хотирнишон сохт: шахсе, ки бо ин духтар издивоҷ намуда, доктор Иқболи дигаре будааст.[33]

Бинобар ин, ҳангоме ки кӯшиши аҳмадиҳо ба натиҷае нарасид, роҳи дигаре дар пеш гирифтанду бо ӯ аз дари мухолифат даромаданд. Иқбол, замоне ки мухолифати хешро нисбат ба ин фирқа ба таври ошкоро эълом намуд, собит кард, ки ақоиди Аҳмадия мухолифи ислом аст ва онҳо хориҷ аз доираи ислом мебошанд. Дар натиҷа, тавонист ин фирқаро аз ҷамъи миллати мусалмонон берун биронад. Вай аз давлати англис хост ин фирқаро дар гурӯҳи ақаллияти ҷудогонае қарор диҳаду онҳоро аз мардум ҷудо созад. Бад-ин сабаб ин гурӯҳ бо Иқбол душманӣ оғоз карданду расво кардани Иқболро шиори хеш қарор доданд.

Чаҳорумин гурӯҳ аз мухолифони Иқболро машоиху суфиён ташкил медоданд. Иқбол эҳтироми зиёде барои суфиёни асилу кироми гузашта қоил буду ҳамеша изъон (эътироф) мекард, ки онон рисолати бузурге дар таълими рӯҳониён бар дӯш доштанд

---

* Muslim Community, A Social Study.

** Дар феврали соли 1835 Мирзо Ғулом Аҳмад дар деҳи Қодиёнӣ музофоти Панҷоб, кишвари Ҳиндустон ба дунё омад. Аслу насаби ӯ аз хонаводаи эронӣ будааст. Бинобар эътиқоди пайравони ин фирқа, ба ҳазрати Ғулом Аҳмад дар синни 40-солагӣ аз тарафи Худованд ваҳӣ ва илҳом шудааст. Ӯ дар соли 1890 баъсати худро ба ҳайсияти Масеҳи Мавъуду Маҳдӣ маъҳуд эълом намуд. Гурӯҳе ба ӯ пайвастанд. Вай дар соли 1908 вафот кард. Пайравони ӯро «Аҳмадӣ» ва ё «Қодиёнӣ» меноманд.

ва хадамоти муассире дар густаришу таблиғи ислом дар Ҳиндустон анҷом додаанд. Иқбол аксар авқот дар маҷолиси онон ҳузур меёфт, то файзе бибарад. Аз суфиёни мавриди алоқаи ӯ ҳазрати Низомиддин Маҳбуб Илоҳӣ, ҳазрати Шайх Аҳмад Сарҳиндӣ* Муҷаддади Алифи Сонӣ ва ҳазрати Алӣ Ҳаҷвирии Дото Ганҷбахшро** метавон ном бурд.

Вай гоҳе авқот аз одобу хасоиси даровешу*** пирони ҳамсари хеш ба далели ноаҳлиҳояшон интиқод мекарду онҳоро ёдгори аҳди таназзул меномид. Дар чопи аввали «Асрори худӣ», барои равшан сохтани ин масъала бар мусалмонон, ки бо мутолеаи чи навъ адабиёте онҳо метавонанд «худӣ» ё «худдорӣ»-ро ҳифз намоянд, ба таълимоти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ истинод карду онро мавриди интиқод қарор дод. Ва вайро дар қатори гӯсфандони қадим маҳсуб кард. Ба далели он ки дар ҳалқаи суфиён иродати хосе роҷеъ ба Ҳофиз вуҷуд дошт, лизо пас аз интишори чопи аввали китоби «Асрори худӣ», Иқбол бо селе аз эътирозу интиқод рӯ ба рӯ гардид. Ӯ маҳкум ба ин шуд, ки мухолифи мубориза бо нафсу наздикӣ ба Худо аст ва бо таълимоти рӯҳонии суфиён мухолиф аст.

Панҷумин гурӯҳи мухолифи Иқболро болшевикҳо ё касоне, ки тарафдори идеологияи сотсиалистию коммунистӣ ҳастанд, ташкил медоданд. Шохае аз ин гурӯҳ баъдҳо бо номи муаллифини тараққихоҳ маъруф гардид. Пас аз интишори «Хизри роҳ» ва «Паёми Машриқ», рӯзномае, ки барои таблиғи афкори коммунистӣ машҳур буд, навишт:

«Иқбол натанҳо як иштирокӣ (сотсиалист) аст, балки як мубаллиғи бузурги иштирокият низ мебошад».

Дар такзиби ин матлаб Иқбол баёнияе омода намуду ҷиҳати чоп ба рӯзномаи «Заминдор» дод. Дар он навишта буд: «Ман мусалмон ҳастам ва бар ин ақидаам, ки беҳтарин илоҷи амрози иқтисодӣ-иҷтимоии инсонӣ тавассути Қуръони Карим ироа шудааст». Ӯ изофа намуд: «Ба ақидаи ман, касе, ки мароми коммунистӣ дошта бошад, мисли ин аст, ки аз ҳитаи ислом хориҷ шуда бошад».[34] Аз ин рӯ, сотсиалистҳо ва ҳомиёну пайравони онҳо талоши бисёр карданд, то ваҷҳи ӯро назди мардум аз байн бибаранд. Ба ӯ иттиҳомоти фаровоне водор карданд, аз ҷумла, ин ки Иқбол сарсупурдаи Инглистони истеъморгар аст ва мунтазир аст, бо як ишораи Инглистон Ҳиндустонро тикка-тикка кунад.

Шашумин гурӯҳ аз мухолифони Иқболро афроди гуногун ташкил медоданд. Баъзе аз онҳо ба зоҳир бо Иқбол даме аз дӯстӣ мезаданд. Вале, дар ҳақиқат, ба иллати ҳасодат ё манофеи шахсӣ бо ӯ равиши дурӯя ихтиёр карда буданду назди ҳокимони англис аз ӯ бадгӯӣ ва шикоят мекарданду ба ӯ тӯҳматҳо мезаданд.

Сардастаи ин гурӯҳ Сэр Шодӣ Лал – ҳиндуи мутаассиб буд, ки дар Панҷоб иқомат дошт. Ӯ ҳаргиз наметавонист таҳаммул намояд, ки як мусалмони ҳушманду бозаковат тараққӣ кунад ва ё дар остонаи пешрафт қарор гирад.[35] Агарчи давлати

---

* Шайх Муҷаддади Алифи Сонӣ Аҳмад Сарҳиндӣ (971-1007 ҳиҷрӣ) фарзанди Шайх Абдулаҳад мебошад, ки дар зимн падараш муршиду устоди писар низ будааст ва бо писар улфати хос доштааст. Вай улуми динӣ ва асрори яқину маърифатро назди падар омӯхт. Шайх муриду халифаи Хоҷа Боқӣ буд. Ӯ муаллифи мактуботи Имом Раббонӣ аст, ки яке аз маъруфтарин кутуби аҳли тасаввуф мебошад. Вай пешвои тариқаи нақшбандия дар нимҷазира будааст.

** Шайх Абдулҳасан Алӣ бинни Усмон Алии Ғазнавӣ боилму фазл ва таълифоти арзанда буд. Вай як дарвеши комил-ул-аъёр буд. Муҳимтарин таълифоташ «Кашф-ул-маҳбуб» ба насри форсӣ мебошад, ки дар миёни кутуби форсӣ қадимтарин ва бисёр боарзиш аст, ки тазкираи Асафия ва Аввалия ва Таърихи машоихи суфия аст. Дар соли 431 ҳиҷрӣ ба Лоҳур расид ва пас аз 34 соли иқомат дар ин шаҳри таърихӣ дар ҳамон ҷо ба Ҳақ восил шуд. Мардуми нимҷазира аз фуюзоти маънавии ӯ қалбҳои хешро мунаввар сохтанд.

*** На бо мулло, на бо суфӣ нишинам, Навис Оллоҳ бар лавҳи дили ман
Ту медонӣ, ки ман онам, на инам. Ки ҳам худро, ҳам ӯро фош бинам.
(Армуғони Ҳиҷоз).

Инглистон эътироф карда буд, ки Иқбол хидматҳои шоёне ба адабиёт намудааст ва, бад-ин сабаб, ба ӯ лақаби «Сэр» доду дар қонуни асосии Ҳиндустон Иқболро ба роҳбарии ҳифозати шахсияти миллии мусалмонон ба унвони роҳбари мумтоз ба расмият шинохт ва ӯро ду бор номзад намуд, ки дар иҷлосияи Конфронсҳои мизи гирд ширкат намояд, лекин онҳо ҳамеша бо назари шакку тардид ба Иқбол менигаристанд. Ҳама касоне, ки бо ӯ мулоқот мекарданд, таҳти назари маъмурони давлати Инглистон буданд ва зуд аз гуфтугӯе, ки байни онҳо радду бадал мешуд, огоҳ мегардиданд.

Мақсуд аз баршумурдани мухолифони Иқбол ин буд, ки вақте бо далоилу бароҳин як шахсияти қобилро нафй кардан мушкил бошад, ин фитрати хабиси инсонӣ аст, ки мухолифи худро бадному расво мегардонад.

Масъалаи расво намудани Иқбол аз чӣ замоне оғоз гардид? Нависанда (Ҷовид) ҷиҳати таҳияи ҷавобе барои посухи саволи боло, ба чанд тан аз ошноёни Иқбол, ки дар қайди ҳаёт буданд, руҷӯъ намуд. Миён М. Аслам мегӯяд: «Қабл аз наҳзати Тарки маволот ҳеҷ бӯҳтону иттиҳоме роҷеъ ба Иқбол нашунидам. Назари ӯ ин буд, ки тавқияе алайҳи Иқбол пас аз соли 1920 оғоз гардид, то бад-ин васила ӯро бадном кунанд. Миён Амириддин низ ин масъаларо мавриди таъйид қарор дод. Миён Низомиддин – падари Миён М. Аслам, бо Иқбол равобити самимона дошт ва худи М. Аслам дар соли 1909 донишҷӯи Коллеҷи давлатӣ ва шогирди Иқбол буд, бад-ин сабаб нависанда (Ҷовид) назари эшонро мустанад мешуморад. Лизо равшан мегардад, ки масъалаи тавтеаи алайҳи Иқбол тавассути уламое оғоз шуд, ки тамоил ба Кунгура доштанд. Сипас рӯҳониёни камилму тангназар, шуаро ва аҳли сухан, ки шеъри аҳди таназзулро меписандиданд, пайравони фирқаи Аҳмадӣ, сотсиалистҳо, муаллифони тараққиталаб, машоихи силсилаи суфия, ки дар он давра буданд, дӯстони зоҳирӣ ва мунофқини ботинии Иқбол ва онҳое, ки бо мақомоти давлат иртибот доштанд, баъзе аз ҳиндуҳои мутаассиби панҷобӣ ва гурӯҳи дигар дар ин тавтеа саҳиму шарик шуданд.

Назари Иқбол дар робита бо иттиҳомоти беасосе, ки ба ӯ ворид мекарданд, чӣ буд? Барои пай бурдан ба ин масъала нигоҳе ба одату хасоиси Иқбол меандозем.

Аз даврони кӯдакӣ Иқбол намоз мехонду рӯза мегирифт ва субҳгоҳон бо овои дилпазири худ Қуръони Маҷидро тиловат мекард. Каме, ки бузургтар шуд, ба тақлид аз падараш хондани намози шабро низ оғоз кард. Вақте ки дар Лоҳур буд, намозаш тарк намешуд. Умуман намози шабро муаддабона мехонд. Пас аз он бо лаҳни дилпазире оёте аз Қуръони Маҷидро тиловат мекард. Шабҳоро он қадар ба ибодат мегузаронд, ки гоҳе авқот аз вақти шом мегузашт ва ӯ маҷбур мешуд, баъзе шабҳо гурусна бихобад. Ин кори ӯ боис шуда буд, ки дигар шабҳо барои гурусна нашудан фақат як финҷон (кружка) ё бештар чойи намакии кашмирӣ* менӯшид.

Дар номае, хитоб ба Маҳарача Кишан Прасад аз 31 октябри 1916 ба ин одати худ ишора мекунад:[36]

«Субҳҳо соати чаҳор ва гоҳе авқот соати 3 аз хоб бедор мешавам. Баъд аз он намехобам, албатта гоҳе сари саҷҷодаву ҷонамоз ғанаб мекунам».

Иқбол бештар каломи хешро дар нимашабҳо мураттаб мекард. Барои ба ҷо овардани намози аъёд (идҳо) ҳатман ба масҷид мерафт. Агар ба намози ҷамоат намерасид, ба танҳоӣ дар он ҷо намоз мехонд. Дар ҷавонӣ Иқбол муддатҳо шавқу шӯри варзиши гӯштиро дар сар мепарваронд. Зеро зоҳиран бисёр тандуруст буд. Вале пас аз он ки ба синни 30-35 расид, ба бемориҳое дучор шуд. Дар натиҷа, саломатии ӯ комил набуд ва таҳаммули дарди ҷисмониро надошт. Алӣ Бахш мегуфт, ки як бор, ки ӯ дар манзили Аноркулӣ зиндагӣ мекард, акрабе пойи ӯро неш зад. Ӯ ба ҳадде дард дошт, ки наметавонист пояшро аз рахти хоб ба поён овезон кунад.

* Чойи кашмирӣ иборат аст аз чойи сабз ҳамроҳ бо бодён, хитоии долчин, ҳел, шир ва гоҳе бодом ба ӯ изофа мекунанд.

Маҷбур шуданд, пизишке ба болинаш биёваранд ва сию ду рупия барои махоричи пизишк пардохта шуд. Вале бо вуҷуди ин даво, тағйире дар таскини дарди эшон ҳосил нагардид. Ва пас аз гузашти муддате ин дард аз байн рафт. Гоҳ-гоҳе рӯза мегирифт ва рӯзҳое, ки рӯза дошт, ҳар як ё ду соат Алӣ Бахшро садо мезад ва аз ӯ мепурсид, ки оё вақти ифтор фаро расидааст?

Ба ҳар ҳол, ин як ҳақиқат аст, ки шояд ба сабаби зарофати табъи Иқбол ба ҷойи он ки худро порсову парҳезкор нишон бидиҳад, дӯст дошт, ки ба риндӣ* шӯхрат дошта бошад. Барои мисол, рӯзе дар манзили Аноркулӣ, вақте ки Муҳаммаддин Фавқ барои диданаш омада буд, Иқболро дид, ки канори китобхона истода ва тавре китобҳоро зеру рӯ мекунад, ки гӯё дар пайи китоби хосе мегардад. Фавқ каме мунтазир шуд ва сипас бо бесабрӣ аз Иқбол пурсид: «Ақиби чӣ чизе мегардед?» Иқбол бо шӯхӣ ҷавоб дод: «Як шиша шароби ангур ин ҷо гузошта будам, дирӯз Шамсулуламо муфтӣ Абдулло Туткай ба манзили мо омада буд, мехоҳам бубинам, накунад ӯ бардошта бошад».[37] Ҳамин тавр як бор манзили Миён Шоҳиддин ба як меҳмонии бузург даъват дошт. Ба дастури мизбон дар утоқи ҷудогонае барои меҳмонони англис бисоти машруботи алкулӣ (арақ) омода карда буданд. Миён Шоҳиддин дар ҳоли истиқбол аз меҳмонон буд. Ва вақте Иқбол ва Мирзо Ҷалолуддинро дид, ба шӯхӣ ба онҳо гуфт: «Барои Шумоён тартиби ҷудогонае додаам». Иқбол фавран ҷавоб дод: «Ҷаноби Миён! Мо аз Шумо ду ҳарф омӯхтем. Яке «пинҳонӣ бинӯш!», дуввум он ки «ба касе муфт надиҳам».[38]

Иқбол ва Маҳараҷа Кишан Прасад бештар авқот бар сари масоили мухталиф ва умури шеъру шоирӣ бо якдигар номанигорӣ мекарданд. Баъзе авқот дар ин номаҳо шӯхӣ ҳам мекарданд. Як бор Маҳараҷа Кишан Прасад барои саломатии ӯ пешниҳод кард, ки аз «кишта»** чизе истифода кунад. Иқбол 30 сентябри 1915 ба вай чунин ҷавоб дод:[39]

«Бештар авқот ман бемор ҳастам. Ҳамеша нороҳатӣ дорам. Ман чандон итминоне ба доруҳо надорам ва аз варзиш низ гурезонам. Ба ҳамин далел ба ин натиҷа расидам, ки агар аз вақти муайян зудтар дори фониро видоъ кунам, боз ҳам аз марг музоиқае надорам. Дӯсти доктори ман мегӯяд: «Варзиш умри инсонро тӯлонӣ мекунад». Вале ҷавоби ман ин аст, ки даҳ сол дертар ва ё зудтар, билохира, бояд падруди ҳаёт гуфт. Пас чаро инсон бо хӯрдани доруҳои мухталиф ва варзиш барои худ дарди сар дуруст кунад? Нусхае, ки саркор барои инҷониб тачвиз намудаед, мутмаинан муфид хоҳад буд. Зеро ин нусха хеле муассир аст ва мехоҳам аз он истифода кунам. Вале фақат хостан маънӣ надорад, балки фароҳам будани васоили он низ аҳаммияти фаровоне дорад ва он васоил ҳоло вуҷуд надорад. Зани навозандае дар Панҷоб зиндагӣ мекунад, ки ман то ба ҳол бо ӯ мулоқот накардаам. Лекин шунидам, ки дар зебоӣ ҳамтое надорад ва аз аъмоли гузаштаи худ пушаймон шуда ва як зиндагии обрӯмандеро оғоз намудааст. Чанд рӯз пеш номае аз ӯ дарёфт доштам, ки дар он аз ман тақозо кард, бо ӯ издивоҷ кунам. Вай шаафи махсусе дар тиловати Қуръон ҳис мекард ва субҳгоҳон бо овози дилнишине Қуръони Маҷидро тиловат мекард. Аммо дар охири умр ҳолаш ба қадре вахим шуда буд ва ҳангоме ки Қуръон тиловат менамуд, он қадар мегирист, ки ашк амонаш намедод, идома диҳад. Намозро дар хилват бо хузӯъву хушӯи хоса (итоаткорона) мехонд. Ба зоҳир нишон медод, ки ман ғозигуфтор*** ҳастам.

Иқбол ҳозирҷавоб, базлагӯ, зарифгӯ ва нуктасанҷи забардасте буд, ки алоими ин хусусиятҳои вай аз кӯдакӣ зоҳир шуда буд. Барои мисол, рӯзе дер ба мадраса

---

* На аз соқӣ, на аз паймона гуфтам,
Ҳадиси ишқ бебокона гуфтам.
Шунидам он чӣ аз покони уммат
Туро бо шӯхии риндона гуфтам.

(Армуғони Ҳиҷоз).

** Табибони қадим барои тақвияти бадани мардум, бахусус пирон, доруе аз тилло ва нуқра месохтанд, ки онро «кишти тиллову нукра, марворид» ва ғайра мегуфтанд.

*** Касе, ки зиёд мегӯяду амал намекунад ва «ғозикирдор» касе, ки худро солим нигоҳ медорад.

расид. Вақте устод аз вай пурсид, ки далели дер омаданаш чист, гуфт: «Иқбол ҳамеша дер меояд». Замоне, ки дар донишгоҳ буд, шӯхиҳои ҷолибе мекард. Дар панҷ соли аввали даврони иштиғол ба кораш, ҳангоме ки дар ҷаласоти Анҷумани ҳимояти ислом, аввалин пояи шоирии миллии хешро бунён ниҳод, муллоҳои камсавод* ва муршидони косибро нишонаи танз (шӯхӣ, талху пичинг)-и худ қарор дод. Назмҳои Иқбол бо номи «Зӯҳду риндӣ», «Дину дунё» ёдгори он замон аст. Дар шеъри «Дину дунё» ба чанд нуктаи зариф ишора кардааст, ки баъзе ашхос онро ба худ гирифтанд ва ба ҳисоби хеш гузоштанд. Бад-ин тартиб буд, ки Иқбол барои чунин ашхосе заминаро омода кард, то норозӣ шаванд.[41]

Дар муддати иқомат дар Аврупо низ Иқбол даст аз базлагӯӣ ва шӯхтабъӣ барнадошта буд. Дар авоили даврони бозгашти вай, латифаҳое, ки дар бораи Сэр Шаҳобиддин, Сэр Дабир Ахбор Ватан, Сэр Ҷагандр Сингҳ ва дигарон навишта буд, дар китобҳои баъзе аз нависандагон ба чоп расид. Ин шӯхтабъии вай то поёни умраш низ идома дошт. Зимнан, хотирнишон мегардад, ки Иқбол то ҳангоми марг зарофати суханро ҳифз намуд.

Ба ҳар ҳол, дар Аврупо ва баъд аз бозгашт, дар рӯзҳои аввал бахусус, муллоҳоро ба боди шӯхӣ ва танз гирифт, ки ин мазоҳҳои ӯ гоҳе ҷанбаи илмӣ ҳам дошт. Яқинан, ин амр боис мешуд, ки онон аз ӯ кина ба дил гиранд ва ранҷидахотир гарданд. Замоне ки дар Аврупо таҳсил мекард, рӯзе як мавлавӣ, ки барои саёҳат ба Аврупо рафта буд, ба Лондон расид. Арнолд дар ин рӯзҳо профессори забони арабӣ дар Донишгоҳи Лондон буд. Мавлавӣ ба мулоқоти ӯ рафт. Арнолд вақте дар нимҷазира буд, бо мавлавӣ аз Алигарҳ ошно буд. Арнолд мавлавиро ба Иқбол муаррифӣ карду аз ӯ хост, ки вайро барои дидани ҷойҳои диданӣ ҳамроҳӣ кунад. Иқбол бо камоли майл ҷаноби мавлоноро ба тамоми гардишгоҳҳо бурд. Ҳангоме ки аср фаро расид, ӯро ба ресторане бурд, ки дар он чанд зани бадном вуҷуд доштанд. Маълум нест, ки ишораи Иқбол буд, ё ба таври дилхоҳ, онон гирди мавлавӣ ҷамъ шуданд. Яке шурӯъ ба нӯшондани қаҳва ба ӯ кард. Дигаре риши нуроniашро ламс карду севвумин бо лаб чанд мӯҳри бӯса бар гунааш гузошт. Ҷаноби мавлавӣ аз ин рафтори онҳо бениҳоят нороҳат шуд ва ҳангоме ки натавонист худро аз дасти онҳо наҷот диҳад, бо асабонияти фаровоне назди Арнолд рафт ва аз Иқбол шикоят кард. Арнолд сахт аз кардаи хеш пушаймон шуд ва бо лаҳни хашмгин ба Иқбол гуфт: «Охир ту хиҷолат накашидӣ, ки ҷаноби мавлавиро, ки шахсияти барҷастае аст, ба чунин маконе бурдӣ?» Иқбол дар ниҳояти оромиш ва матонат посух дод: «Шумо худатон дастур додед, ки ман тамоми ҷойҳои диданиро ба эшон нишон диҳам. Агар ман ҷаноби мавлавиро фақат ба дидани музейҳо ва кох мебурдам, ҳангоми бозгашт ба Ҳиндустон мутмаинан дар мавриди Аврупо яктарафа қазоват мекарданд. Дар зиндагии Лондон ресторан муҳимтарин макон аст. Ба ҳамин ҷиҳат муносиб дидам, ки он рӯйи сиккаро ҳам ба ҷаноби мавлавӣ нишон диҳам». [42]

Дар ҳамин робита Мирзо Ҷалолуддин ба рӯйдоди дигаре ишора намуда менависад:[43]

«Як бор ба қасди ширкат дар конфронси таълиму тарбияти мусалмонон ба Лакҳнав рафтам. Тайи як барномаи якрӯза чунин муқаррар буд, ки аср вақти мо озод бошад. Иқбол вақте ҳавсалааш аз бекорӣ сар рафт, ба ман гуфт, биёед, ба ҷое биравем, ки чанд дақиқае шеъру овоз бишнавем. Ибтидо мувофиқат кардам, лекин чун кори фаврӣ бароям пеш омад, натавонистам бо эшон ҳамроҳӣ кунам. Иқбол рафт ва пас аз як соат бозгашт. Ба ҳангоми баргашт табассуме ба лаб дошт. Гуфт: «Ман имрӯз барои Шумо намоише нишон медиҳам». Ман аз ӯ пурсидам, ки охир чӣ шуд? Ҷавоб дод: «Чӣ мехостӣ бишавад. Як мавлавиро, ҳангоме ки ба манзили

---

* Дили мулло гирифтори ғаме нест,
Нигоҳе ҳаст, дар чашмаш наме нест.

Аз он бигрехтам аз мактаби ӯ
Ки дар реги Ҳиҷозаш Замзаме нест.

(Армуғони Ҳиҷоз).

раққосае барои шунидани овоз рафта буд, ба даст афтондам. Қабл аз он ки мо ба он ҷо бирасем, ҷаноби мавлавӣ,* ки яке аз даъватшудагони ин конфронс буд, ба он ҷо расида буд. Вале мавлавӣ вақте моро дид, аз он ҷо фирор кард. Ҳавосаш сари ҷояш набуд. Бинобар ин корти конфронсро ҳамон ҷо гузошт. Лизо ҳангоме, ки ман ба он ҷо расидам, он зани мизбон аз ман хост, то ҳар тавр шуда он мавлавиро биёбам, то амонати ӯро ба вай баргардонад. Вале ман беҳтар донистам, ин кортро тавассути Навоб Виқорулмулк – раиси конфронси таълиму тарбияти мусалмонон ба ӯ бидиҳам, то пойбанди завобити ин конфронс ҳам бошад ва Навоб Баҳодур ҳам бубинад, ки ин дунё чӣ рангҳое дорад. Инро гуфт ва коғазу қаламе аз ҷайб бароварду номаи муфассали хитобӣ ба Виқорулмулк аз тарафи он зани мизбон навишт. Дар нома пас аз баёни тамоми моҷароҳои вуқӯъёфтаи он аср, идома дод: «Азбаски банда аз адреси ҷаноби мавлавӣ бехабар будам, ба ин хотир аз Шумо хоҳиш мекунам, адреси эшонро пайдо карда, ин коғазро ба эшон бирасонед». Хабаре аз ин нома ба ҷаноби мавлавӣ расид ва ӯ бо ҳазор тарсу ларз назди Иқбол рафту бо лаҳни чоплусона аз ӯ таъриф намуд ва барои саломатии ҷону моли ӯ дуо кард. Иқбол, ки гӯё мунтазири чунин мавқеияте буд, бо гуфтани ин, ки «дер омадӣ, зуд ҳам мехоҳӣ биравӣ,» чунон балое бар сари мавлавӣ овард, ки Худо медонад. Фақат инро бигӯям, ки маълум нест, чанд бор мавлавӣ тавбаву маъзаратхоҳӣ намуд, то ҷони солим ба дар барад».

Иқбол аз кӯдакӣ шавқи фаровоне ба тарона дошт ва ба зеру бамҳо (тембр)-и овоз ҳам ошноӣ пайдо кард. Вақте ки дар Лоҳур ба таҳсил машғул буд, гоҳе авқот дар маҳфили щоирон ширкат мекард ва дар панҷ соле, ки ба кор иштиғол дошт, бо тараннум шурӯъ ба хондани шеърҳояш дар Анҷумани ҳимояти ислом намуд. Дар он замон сеторе харид ва машғули тамрин бо он шуд. Рафта-рафта, ҳангоме ки ба афроди бозавқи шаҳр муаррифӣ гардид, ба меҳмониҳои пуршӯру ҳол даъват мешуд. Дар соли 1904 Муҳаммаддини Фавқ китобе таҳти унвони «Азёдрафтагон» мунташир кард, ки тазкираи суфиёни ҳиндуву мусалмон буд. Дар он ин масъаларо мавриди баҳс қарор дода буд, ки оё таронаву суруд ва самоъ ҷойиз аст? Агар ҷойиз аст, аз чӣ назароте, шунаванда ва хонанда чӣ афроде бояд бошанд? Ва овоз меҳвари чӣ мавзӯе бояд давр бизанад? Одат ва хасоису рафтори ҳозирин дар маҷлис чӣ тавр бояд бошад? Ва бо шеъре аз Иқбол китобро ба поён расонда буд.[44]

Тарҷумаи шеър:

Мардум гӯянд сурудани таронаро раҳо кун, Иқбол,
Тарона дини ману имони ман аст.

Лизо бар ин натиҷа мерасем, ки дар ин замон суруду тарона барои Иқбол ҳама чиз будааст. Албатта, ин масъала дар даврони ҷавонии ӯ буд, ки дар шеъру шоирӣ ҳар рӯз таҷрибаи тозае касб мекард. Ва аз ҳайси шоирӣ, зебодӯстӣ ҷузви фитрати ӯ буд. Ҳамон тавр, ки дидани мунозираи дилпазир таваҷҷӯҳи Иқболро ҷалб мекард, ба ҳамон нисбат низ мушоҳидаи ҳусни зеборӯе ӯро ба тарафи хеш мекашонд. Дар соли 1903 дар номае, ки дар он зикре аз амир карда, хитоб ба Сайид Тақишоҳ – яке аз дӯстони даврони кӯдакиаш менависад:[45]

«Амир куҷост? Туро ба Худо, ба назди ӯ рафта ва аз аҳволи вай ҷӯё шав. Ман бисёр музтариб ҳастам. Худо медонад, ки ин чӣ ҳикмате аст. Ҳарчи аз ӯ дуртар мешавам, ҳис мекунам, ки ба ӯ наздиктар шудаам».

Бар тибқи таҳқиқи нависанда (Ҷовид), Амирбегим, агарчи ҷузви занони хушном набуд, лекин вай ва баъзе дигар занони ин хонавода тавба карда буданд. Бархе аз онон, ки ҳусну ҷамоле ҳам доштанд, ба сабабаи алоқа ва ишқ ба адабиёти форсиву урду, бисёр шӯҳрат ёфтанд. Баъзе аз онон бо ашхоси мӯҳтарам дар Лоҳур издивоҷ

* Мавлавӣ – муташарреъ, касе, ки умури динӣ ва масоили фиқҳро хеле хуб медонад. Иқбол ин калимотро дар маъное, ки ба кор бурдааст, ин аст, ки онҳо уламои камсавод ҳастанд ва ба сабаби беилмии худ аслу рӯҳи исломро нафаҳмида, аҳкоми диниро бо назари сатҳӣ менигаранд ва ҳарфҳое мезанад, ки боиси шарру фасод дар байни фирқаи исломӣ мешавад.

карданд. Амирбегим илова бар ошноӣ бо шуарои форсӣ ва урдузабон, худ низ шеър мегуфт ва ба забони урду дар ниҳояти фасоҳат сӯҳбат мекард. Ба ҳамин ҷиҳат Иқбол бисёр таҳти таъсири вай қарор гирифта буд.

Дар замони иқомат дар Аврупо, Иқбол бо тамаддуни ҷадид ва ниёзҳои фикру андешаи мардум ошно гардид. Дар муоширатҳои гуногун дар Аврупо бо бонувоне ошно гардид, ки илова бар ҳусни зоҳирӣ, ошноии комиле бо адабиёту фалсафа доштанд ва ин худ боис мегардид, ки Иқбол ба тарафи онҳо кашида шавад. Илова бар онон, Иқбол ба занони шарқӣ, аз он ҷумла, Атия Файзӣ, ки хонуми тезҳушу ҳозирзеҳн буд, муаррифӣ гардид. Як хонуми сарватманди итолиёвӣ низ буд, ки номи вайро метавон дар баъзе аз номаҳое, ки ба Атия Файзӣ менавишт, мушоҳида кард. Ин хонуми сарватманди итолиёвӣ ҷузви касоне буд, ки дар сафари Иқбол ба Италия мӯҷиботи мулоқоти вайро бо Муссолини – диктатори фашист фароҳам карданд. Вай зиёфате ба ифтихори Иқбол дар Рим тартиб дод ва ба хоҳиши Иқбол ӯро ба зеботарин занони шаҳр муаррифӣ кард.[46]

Пас аз бозгашт аз Аврупо, то вақте ки танҳо буд, дар меҳмониҳои ҷашну сурури Мирзо Ҷалолуддин ширкат мекард. Вале ин тарзи зиндагии Иқбол дар соли 1913 ба поён расид. Албатта, шавқи шунидани овоз то поёни умр бо ӯ буд. Вақте ба Деҳлӣ мерафт, Хоҷа Ҳасани Низомӣ барои эшон бисоти қавволӣ (асбоби сурудхонӣ) барпо мекард. Дар зимн ёдовар мешавад, ки эшон беандоза ба қавволӣ алоқа дошт.

Дар даврони иқоматаш дар манзили Аноркулӣ, ба хотири бетаваҷҷӯҳии яке аз хешовандонаш нороҳатии бисёреро таҳаммул кард. Моҷаро аз ин қарор буд: дар соли 1915 писари хоҳараш дар ин манзил иқомат кард. Бар ҳасби маъмул дар таътилоти тобистона Иқболу ҳамсаронаш ба Сиёлкут мерафтанд. Бад-ин сабаб, хоҳарзодааш дар ин манзил танҳо буд. Рӯзе духтари ҳиндуеро аз маҳалли бадном ба манзури наҷот додани ӯ аз он зиндагии гуноҳолуд, ба манзил оварда. Албатта, духтар низ ба ин амр ризо дода буд. Сипас бо ӯ издивоҷ кард ва ӯро назди хеш нигоҳ дошт. Волидаёну сарпарастони он духтар аз дасти хоҳарзодаи Иқбол ба полис шикоят карданд ва ӯро муттаҳам намуданд, ки духтарашонро фиреб додааст. Дар поёни таътилот, ҳангоме ки Иқбол ба Лоҳур бозгашт, полис барои ёфтани духтар ба манзили онҳо омада буд. Хоҳарзодаи Иқбол духтарро ба пушти бом бурда ва дар лонаи кабӯтарҳо пинҳон карда буд. Ба ҳар ҳол, бо шаҳодат додани духтар, хоҳарзодаи Иқбол бегуноҳ шинохта шуд. Лекин Иқбол аз ин моҷаро бисёр асабонӣ шуд ва ба хоҳарзодааш дастур дод, ки бо ҳамсараш аз хонаи ӯ хориҷ шаванд. Иқбол то охири умр ҳаргиз ҳозир нашуд бо хоҳарзодааш рӯ ба рӯ гардад.[47]

Яке аз иттиҳомоте, ки ба Иқбол нисбат медиҳанд, масъалаи шаробхӯрии ӯ будааст. Нависанда (Ҷовид) бо таҳқиқоте, ки дар ин маврид намудааст, ҳеҷ шавоҳиду далеле ба даст наёварда, ки ин мавзӯъро собит кунад. Ғулом Баҳик Найранг* шарҳи ҳоли Иқболро дар давраи донишҷӯӣ ба риштаи таҳрир даровардааст, вале ҳеҷ тазаккуре дар бораи шаробхӯрии Иқбол дар давраи донишҷӯии ӯ надодааст. Иқбол дар он замон бисёр тиҳидаст буд ва ҳатто барои махориҷи зарурии худ ниёз ба кӯмаки бародараш дошт. Дар панҷ соли аввали иштиғол ба кор, навиштаҳо ва гуфтаҳое аз Сайид Тақишоҳ, Сэр Абдулқодир ва Муҳаммаддини Фавқ вуҷуд дорад, ки ҳеҷ нишонае аз майхорагии Иқбол дар онҳо дида намешавад. Дар даврони зиндагӣ дар Аврупо, Иқбол ошноии наздике бо Атия Файзӣ ва Сэр Абдулқодир дошт. Нависанда (Ҷовид) то поёни умри Атия Файзӣ бо ӯ робитаю дӯстӣ дошт ва чандин бор дар Карочӣ бо ӯ мулоқоит кард. Дар ин маврид нависанда (Ҷовид) аз Атия Файзӣ истифсор (пурсуҷӯ) кард. Ӯ гуфт, ки ҳеҷ гоҳ Иқболро дар Аврупо дар ҳоли майгусорӣ

* Мир Ғулом Баҳик Найранг (1857-1952 милодӣ) дар Анболаи Ҳинд мутаваллид шуд. Шогирди Доғи Деҳлавӣ ва дӯсти самимии Иқбол буд. Адибу шоир ва наққоди хубе буд. Баъд аз истиқлоли Покистон ба Лоҳур омад ва дар он ҷо вафот ёфт. Аз таълифоти муҳими ӯ «Каломи Найранг» ва «Ғубори уфуқ»-ро метавон ном бурд.

надидааст. Пас аз бозгашт аз Аврупо мавлавӣ Аҳмаддин, Навоб Сэр Зулфиқор Алихон, ки ҳамчун Мирзо Ҷалолуддин аз дӯстони бетакаллуфи Иқбол буданд, достони зиндагии Иқболро навиштаанд, вале аз майхӯрии ӯ зикре ба миён наовардаанд.

Мирзо Ҷалолуддин дар бораи Иқбол мегӯяд: «Ӯ дар маҷолиси рақсу овоз ширкат мекард». Вале сухане аз шаробхӯрии ӯ ба миён наовардааст. Нависанда (Ҷовид) бо дӯсти дигари Иқбол Сингҳ Шергул мукотиба дошт. Вай бо Иқбол бисёр бетакаллуф ва худамонӣ буд. Ӯ низ гуфта, ки ҳаргиз Иқбол пеши ӯ шароб нанӯшидааст. Ривоят аст, ки Иқбол дар соли 1912 барои муҳокимае ба шаҳри Кимилпур* рафт. Он ҷо дӯсти вакиле дошт, ки ҷашне барпо карда буд ва барои меҳмонони англис бисоти майгусорӣ муҳайё намуда буд. Дар ин меҳмонӣ Иқбол Шайх Эъҷоз Аҳмадро, ки сенздаҳунимсола буд ва он рӯзҳо ба Кимилпур барои дидани падараш омада буд, ба ҳамроҳ дошт. Ба гуфтаи Эъҷоз Аҳмад, ҳангоме ки дӯсти Иқбол ба ӯ ҷоми шаробро таоруф кард ва исрор варзид, ки бинӯшад, Иқбол гуфт:

«Чизеро, ки дар Аврупо ба ҳадди вуфур ёфт мешуд ва ман ба он лаб назадам, фикр мекунӣ онро хоҳам нӯшид?»

Дар манзили Аноркулӣ ва Майколроуд дуто аз духтарони бародари Иқбол низ бо онҳо зиндагӣ мекарданд, ки дар ҳамин манозил рушд карда, ба синни ҷавонӣ расиданд. Яке аз онҳо ба номи Ҳалфия мегӯяд: «Иқбол ҳаргиз ба тарафи шаробхӯрӣ кашида нашуд ва бо он ки бо ӯ дар як хона зиндагӣ мекардам, вале ҳеҷ вақт ӯ тамоюле ба хӯрдани шароб аз худ нишон надод».[48] Аз дӯстони дигари Иқбол метавон аз Хоҷа Абдулвоҳид ном бурд, ки бо ӯ баъд аз бозгашт аз Аврупо ошно шуд ва то охири умр бо якдигар равобити дӯстона доштанд. Вай дар навиштае таҳти унвони «Зикри Иқбол дар дафтарчаи хотиротам» менависад: «Ман Иқболро аз оғози дӯстиамон то замони фавти эшон, ки тақрибан 30 сол аст, мешинохтам. Дида будам, ки эшон қалён (чилим) мекашиданд. Вале ҳаргиз мушоҳида накардам ва нашунидам, ки дар умраш ҳатто ба шишаи шароб даст зада бошад».[49] Ба ҳамин минвол ҳангоме, ки дар Ҷовидманзил иқомат дошт ва нависанда (Ҷовид) дар он ҷо ба синни рушд расид, вай ҳаргиз шоҳиди шаробнӯшии Иқбол набудааст. Нависанда (Ҷовид) шоҳиди рӯйдоде байни Иқбол ва Алӣ Бахш дар робита бо ин масъала будааст. Моҷаро аз ин қарор аст: дар авоили соли 1938 рӯзе як сикҳ ба дидани Иқбол омад. Дар ин ҳангом як қории араб низ назди Иқбол буд, ки дар авохири умри Иқбол Қуръони Маҷидро бо лаҳни дилпазире барои вай тиловат мекард. Алӣ Бахш хаёл кард, ки он сикҳ яке аз иродатмандони Иқбол аст. Ва ӯро назди Иқбол бурд. Он сикҳ муддати тӯлонӣ бо Иқбол ба гуфтугӯ нишаст. Сипас, сикҳ аз утоқ берун омад ва ба Алӣ Бахш гуфт: «Дар фойтун як шиша шароб ҳаст, онро барои ман биовар. Алӣ Бахш дастурро иҷро кард. Сардор ба раҳрав рафт ва мизе пеши сандалиаш гузошт. Нишаст ва зуд шурӯъ ба нӯшидани шароб кард. Бист дақиқа баъд Иқбол Алӣ Бахшро садо заду аз ӯ пурсид: «Ҷаноби Сардор ташриф бурданд?» Алӣ Бахш ҷавоб дод: «Не. Ӯ дар роҳрав машғули нӯшидани шароб аст». Бо шунидани ин ҳарф Иқбол аз фарти асабоният сурх шуд. Бо ҳамон ҳоли беморӣ бо зерпероҳану зершалворе аз ҷо бархост ва аз утоқ берун рафт. Қории араб низ ба дунболи ӯ ба роҳ афтод. Иқбол бо ҳолати асабонӣ ба роҳрав рафту ба тарафи Сардор ҳуҷум бурд, то гиребони ӯро бигирад. Дар ҳини кашмакаш шишаи шароб аз рӯйи миз афтоду шикаст. Бо шунидани сару садо ва ҷору ҷанҷол, нависанда (Ҷовид) худро ба маърака расонд. Сикҳ, ҳангоме ки Иқболро дар чунин ҳоле дид, аз фарти тарс, по ба фирор гузошт. Савори фойтун шуд ва аз он маърака дур гардид. Иқбол аз шиддати асабоният ба ларза афтода буд. Дар ин ҳол қории араб ӯро бо дастҳояш нигоҳ дошта буд, ки наафтад. Ин аввалин боре буд, ки нависанда (Ҷовид) шоҳиди низои Иқбол бо Алӣ Бахш буд. Пас аз моҷаро фавран

* Шаҳре дар музофоти Панҷоб, ки номи феълиаш Атак мебошад.

кафи роҳрав шуста шуд. Иқбол то ду-се рӯз бо Алӣ Бахш аслан сӯҳбат намекард ва Иқбол иҷоза надод, ки Алӣ Бахш фардо биояд. Билохира, бо миёнҷигарии Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн* Иқбол Алӣ Бахшро бахшид.

Баъзе дигар аз иродатмандони Иқбол, аз ҷумла, Суфӣ Ғулом Мустафо Табассум ва Абдулмаҷиди Солик ақида доранд, ки Иқбол қаблан дар замоне шароб менӯшид, вале баъдҳо ин корро раҳо кард. Эътирофи Иқбол дар таъйиди ин назария дар қолаби шеъре, ки суруда ва дар «Румузи бехудӣ» (Арзи ҳоли мусанниф ба ҳузури Раҳмату-лил-оламин) омадааст, дар ин ҷо меоварем:[50]

Муддате бо лоларӯён сохтам,
Ишқ бо марғуламӯён бохтам,
Бодаҳо бо моҳсимоён задам,
Бар чароғи офият домон задам.
Баркҳо рақсид** гирди ҳосилам.
Раҳзанон бурданд колои дилам,
Ин шароб аз шишаи ҷонам нарехт,
Ин зари соро зи домонам нарехт.

Ин саҳеҳ аст, ки баъзе авқот метавон як шоирро аз наҳваи шеъргӯии ӯ шинохт. Ба шарти он ки мушоҳидоте, ки мешавад бо ҳақоиқ татбиқ кунад. Вале агар бихоҳем баракси ҳақоиқ, аз ашъоре истифода кунем, мутмаинан ба натиҷае нахоҳем расид.

Агар фақат бихоҳем собит кунем, ки аз ашъор метавон ба ахлоқ ва саканоти шоир пай бурд, пас бояд гуфт: Ҳофизи Шерозӣ, Риёз Ҳайдарободӣ*** ва дигар шуаро, ки дар зиндагӣ рафтори суфиёна ва софе доштанд ва ҳаргиз ба май лаб назаданд, ба далели он ки дар шеърҳояшон ҳамеша аз мастӣ сухан мегӯянд, бояд онҳоро дар зумраи майхорон ба шумор оварад. Иродатмандони Иқбол, ки номи онон қаблан зикр гардид ва ҳамнишини Иқбол буданд, иддао мекунанд: Иқбол ҳеҷ гоҳ назди онҳо саъй накард уюби худро пинҳон созад. Ба қавли Муҳаммаддин Таъсир, Иқбол чашмаи оби ширин буд, ки қофилаҳо ҳамчун мӯру малах меомаданду мерафтанд. Бад-ин

---

* Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн дар 28 марти 1894 дар Сиёлкут ба дунё омад. Пас аз таҳсилоти муқаддамотӣ ба Коллеҷи исломӣ рафт ва аз он ҷо фавқуллисонс гирифт. Бо пешниҳоди Иқбол корманди давлат шуд. Дар соли 1936 лақаби «Хонсоҳиб» ва дар 1943 лақаби «Хонбаҳодур» гирифт. Дар Анҷумани ҳимояти ислом хадамоте анҷом дод. Вақте «Бонги даро» аввалин бор ба чоп расид, Иқбол як нусха аз онро ба Чаудҳрӣ ҳадя кард. Дар саҳифаи аввал Иқбол бо дасти худ ин шеърро навишт:

Бурун кашид зи пайчок ҳасту буди маро,
Чӣ ақдҳо, ки мақоми ризо гушуд маро.

Ғайр аз «Асрори худӣ» оқои Чаудҳрӣ тамоми навиштаҳои Иқболро тадвину мураттаб намудааст ва қабл аз ба табъ расидани китобҳо, барои ҳар кадом як пешгуфтори муаррихӣ замима кардааст, ки барои огоҳӣ аз мӯҳтавои китоб лозиму зарурӣ мебошад. Баъд аз вафоти Иқбол, Кумитаи мазору Кумитаи марказии Иқбол вайро ба симати раис интихоб кард ва то поёни умраш дар ин мақом боқӣ буд. Тибқи васияти Аллома Иқбол, яке аз касоне, ки барои назорат бар мойамлок (молу мулк, бойгарӣ)-и вай интихоб шуда буд, Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн буд. Вай «Армуғони Ҳиҷоз»-ро баъд аз вафоти Иқбол мунташир сохт. Барои огоҳии бештар аз дӯстии байни Иқбол ва Чаудҳрӣ ба китоби «Иқбол дар назари Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн», навиштаи Ҳаниф Шоҳид, ручӯъ шавад. Ин дӯстӣ то охири умри Иқбол боқӣ буд ва дар ҳақиқат ӯ дасти рости Ҳаким Аллома буд. Дар дебочаи «Паёми Машриқ» Аллома Иқбол аз кӯмаки вай зикре кардааст. Бино ба васияти Иқбол «Девони Ғолиб», «Каломи Иқбол» ва қисмате аз «Ҷовиднома»-ро ба Ҷовид дарс дод. Ӯ монанди падари дилсӯз барои Мунирабегим – духтари Аллома ва Ҷовид заҳмат кашид. Ин матлабро фарзанди Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн – Чавдҳари Нафис Аҳмад дар ихтиёри ман гузошт.

** Дар матн «гардид» омадааст. Дар «Куллиёти Иқбол. Форсӣ». -1990 (ба хатти форсӣ) ва «Аллома Муҳаммад Иқбол. Куллиёти форсӣ». -1997 (ба хатти тоҷикӣ) «рақсид» омадааст, бинобар ин мо ҳамин шаклро интихоб кардем (А.Б.).

*** Сайид Риёз Аҳмад (1856-1934) мутахаллис ба Риёз, дар Ҳайдарободи Ҳинд ба дунё омадааст. Дар форсӣ ва арабӣ табаҳҳур дошт, мудири рӯзномаи «Риёз-ул-ахбор» буд. Шогирди Амир Миноӣ аст. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки касе, ки тамоми кайфияти майхӯриро баён мекунад, ҳаргиз дар тӯли зиндагиаш лаб ба шароб назадааст. Девони ӯ «Риёзи ризвон» ном дорад.

сабаб аз назари нависанда (Ҷовид) метавон онҳоро аз иродатмандони Иқбол шумурд, вале мутмаинан онон аз дӯстони бетакаллуфи вай набуданд. Зеро дар зиндагии ибтидоии Иқбол камсин буданд ва ошноии ончуноне бо Иқбол надоштанд. Далели онон дар бораи эътирофи Иқбол аз лағзишҳои зиндагии ибтидоиаш дар муқобили ин чунин иродатмандон бо ҳақиқат вафқ намедиҳад. Махсусан ҷузви ҳамин тарафдорони ҷавони Иқбол Сайид Назир Ниёзӣ ин масъаларо такзиб мекунад.

Дуввумин иттиҳоме, ки ба Иқбол ворид оварданд, ин буд, ки вай айёш ва хушгузарон будааст. Ин тӯҳматҳо шояд ба ин иллат ворид мешуд, ки вай дар даврони ҷавонӣ дар маҷолиси рақсу овоз ширкат мекард. Гоҳе авқот ба хотири шунидани як овоз, ҳатто аз рафтан ба манзили зани овозхон ҳам ибое надошт. Лекин ин бардошт, ки ӯ айёш буда ва ё ба қавли Абдулмаҷиди Солик, одами хушгузароне будааст, дуруст нест. Зеро вазъияти молии ӯ иҷоза намедод, ки ба як чунин корҳое бипардозад.

Дар ин замон баъзе аз раққосаҳо ашъоре аз асотиди шеър ба забони форсӣ ва урду мехонданд ва ба сабаби мавқеияти инчунин маҷолис гоҳе афроди бозавқу саршинос ҳам дар он ширкат мекарданд ва айбу оре ҳам дар ин кор намедиданд.

Ба ҳангоми издивоҷи аввали Иқбол дар Гуҷарот, як чунин ҷашне барпо шуда буд. Бузургтарҳо, мисли устоди Иқбол – Сайид Мирҳасан ва падари Иқбол дар утоқи ҷудогонае ба шунидани каломи шоирон худро машъуф месохтанд.[52] Дар он замон василаи тафреҳи дигаре вуҷуд надошт. Чанд театр дар Бамбай буд, ки ба Лоҳур низ меомаданд ва намоишномаҳое аз Оқо Ҳашари Кашмирӣ ба иҷро меоварданд. Иқбол барои дидани он намоишномаҳо низ мерафт. Вале чунин барномаҳо ҳамешагӣ набуд.

Мирзо Ҷалолуддин дар ин бора мегӯяд:[53]

«Тамоми рӯз дар додгоҳҳо машғул ҳастем. Ҳангоми шаб то дервақт корҳоро барои рӯзи баъд омода мекунем ва то сапедадам, бояд худро ба додгоҳ расонем ва дубора ҳамон кандукови фикрӣ оғоз мешуд. Бо ин кори сангин қудрату нерӯи бадан аз байн меравад ва ба хотири фикру кори тоқатфарсо ба инсон афсурдагӣ даст медиҳад. То ҳадде, ки инсон ҳис мекунад, бояд нафасе тоза намояд. Дили одамӣ эҳсос мекунад, барои як лаҳза ҳам шуда, эҳтиёҷ ба фароғат дорад. Бад-ин сабаб, барои он ки каме фориғбол шавему истироҳат кунем, ман ва баъзе аз дӯстон гоҳе авқот базме ба роҳ меандохтем ва фикри хастаи худро бо истифода аз ин шӯру ҳол оромиш медодем».

Чанд тан аз ноқидони насли баъд аз Иқбол ба иллати таҷассуми фардӣ, ё барои он ки мехостанд, фикри ҷадиде дар навиштаҳояшон ироа диҳанд, тамоюле эҷод шуд, ки шахсияти Иқболро таҷзия ва аз роҳи ашъору мактуботи вай зиндагии эҳсосии пур аз шӯру ишқи ӯро баррасӣ намоянд.

Ба назари Муҳаммад Усмон, Иқбол бо дасти худ бештар ашъорашро, ки суруда буд, нобуд кард. Далели он чунин буд, ки бисёре аз матолиби ашъор хусусӣ буд. Шеърҳоеро, ки ӯ нигаҳдорӣ кард, аз ҷумла, «Висол», «Ҳусн ва ишқ», «Навои ғам», «Ҳангоми гирифтани як гул ба унвони ҳадя» ва ғайра, агар мавриди мутолеаи дақиқ қарор гирад, ҳеҷ шаке боқӣ намемонад, ки дар ин ҳангоми изтироб Иқбол ҳаяҷони як қалби ташнаи муҳаббат ва ё як ишқи ноком аст. Барои таъйиди ин ҳарф* метавон ба номаҳое, ки барои Атия Файзӣ менавишт, ручӯъ намуд ва натиҷае гирифт, ки Иқбол метавонист ошиқ шавад ва воқеан низ ба Атия Файзӣ ишқ меварзид. Ба ин ҷиҳат, Иқбол мехост ӯро барои худ ҳамеша ҳифз намояд. Вале имкон надошт Атия Файзиро дар хонаводааш, ки зиндагии содае дошт, ворид кунад. Зимнан вазъи молӣ ва тарзи зиндагии номустаҳками ӯ ин иҷозаро ба вай намедод. Ба илова, кӯшишҳое дар сатҳи масоили дунявӣ оғоз карда буд. Мумкин аст ба хотири ин масъала каме тааммул ба

* Ҳар маънии печида дар ҳарф намеғунҷад,
Як лаҳза ба дил дар шав, шояд, ки ту дарёбӣ.

харҷ медод. Эшон иртиқои зеҳну камолоти Атия Файзиро, ки ба таҳсилоти олӣ даст ёфта буд, арҷ мениҳод. Лекин ҳамон тавр, ки мушоҳида мегардад, навъи озодие, ки Атия Файзӣ толиби он буд ва ҳаққи худ медонист, дар зарфияту тасаввури ахлоқии Иқбол намеғунҷид. Ба ҳамин далел, ин ишқ нофарҷом монд.[54]

Масъуд ал-Ҳасан дар таълифи хеш дар бораи Иқбол менависад: «Маълум мешавад, ки байни солҳои 1907-1908 милодӣ Атия Файзӣ ва Иқбол тасмим гирифтанд, бо якдигар издивоҷ намоянд. Ҳангоме ки Атия Файзӣ ба Ҳиндустон бозгашт, дар номаҳои муқаррари худ аз Иқбол мехост, ки ба Ҷанҷира* биёяд ва барномаи издивоҷашонро ҳарчи зудтар мушаххас кунад. Вале Иқбол тан ба ин қазо надод ва ба Ҷанҷира нарафт. Лизо дӯстии онҳо то муддати каме баъд аз он идома ёфт ва дар декабри 1911 ба поён расид. Дар соли 1912 Атия Файзӣ бо Файзи Раҳмин издивоҷ кард. Сипас, дар соли 1933 бори дигар шурӯъ ба номанигорӣ ба Иқбол намуд. Вале матни тамоми номаҳо расмӣ буд.[55]

Ба назари Холид Назир Суфӣ бар асоси номаҳои Иқбол ба номи Атия Файзӣ тасаввуроти аҷибу музҳик дар зеҳни инсон ба вуҷуд меояд. Дар ин номаҳо дар бораи Атия Файзӣ киноятҳое вуҷуд дорад, мабно бар он, ки ӯ дилаш мехост, бо Иқбол издивоҷ намояд. Аммо Иқбол ҳаргиз мутаваҷҷеҳи ин масоил дар номаҳо нашуд. Зеро ки Иқбол ба эшон аз лиҳози он ки метавонист дӯсти хуб ва фаҳмидае бошад, алоқа нишон медод. Вале наметавонист тасаввур намояд, ки ӯ метавонад ҳамсараш бошад. Бад-ин сабаб, бо вуҷуди даъватҳои мутааддиди Атия Файзӣ аз Иқбол барои рафтан ба Ҷанҷира вай аз рафтан ба он ҷо имтиноъ варзид. Албатта, дар соли 1931 пас аз муддати тӯлонӣ, ки аз издивоҷи Атия Файзӣ гузашта буд, даъвати ӯро пазируфт ва ба Давлаткадаи Айвони Рифъат, ки мутааллиқ ба ӯ буд, ба Бамбай рафт. Нависанда (Ҷовид) мегӯяд: «Ашхосе, ки ин матлабро тафсир менамоянд, чӣ гуфтаи онҳо маъқул бошад ва чӣ номаъқул, мавриди баҳс қарор намедиҳем. Зеро гуфтори онҳо мабно бар қиёси шахсе будааст ва бо ҳақиқат робитае надорад».

Ҳақиқат он аст, ки пас аз бозгашт аз Аврупо Иқбол бо мушкилоти фаровони молӣ рӯбарӯ гардид ва масоилу гирифториҳое** дар зиндагии хонаводагӣ дошт ва ин мӯҷиб гардида буд, ки беш аз ҳад музтарибу мушавваш бошад ва ниёз ба касе дошт, ки ӯро аз ин варта бираҳонад. Фариштаи наҷоти ӯ аз ин вартаи ҳавлнок касе ҷуз Атия Файзӣ набуд, ки дар даврони иқомати ӯ дар Аврупо ҷузъе аз хотироти ширини зиндагиашро ташкил медод. Атия Файзӣ бо ҳамфикрии хеш дарди Иқболро таскин дод. Ин низ ҳақиқат дорад, ки баъзе аз шеърҳои Иқбол, ки дар Аврупо суруда ва ё бархе аз онҳое, ки пас аз бозгашт аз Аврупо танзим карда, воқеиятҳои зиндагиаш буд. Онҳоро таҳти таъсири адабиёти романтикии олмонӣ суруда буд. Мушобеҳи ин ашъор чанд шеъри ниматамоми дигар низ дар даврони иқоматаш дар Аврупо суруд, ки дар музейи Аллома Иқбол маҳфуз мебошад. Аз ҷумлаи ин назмҳо як шеъри таҳти унвони «Дасткашҳои гумшуда» аст, ки фақат се мисраъ суруда ва шеъри нотамом аст.

Ҳамон тавре, ки Иқбол баъдҳо ашъоре бо сабки Доғ ва Акбаруллоҳи Ободӣ суруд, ба ҳамин тартиб дар даврони иқоматаш дар Аврупо низ ба табаият аз шуарои собиқаӣ суруд. Вале дар ҳақиқат, Иқбол шоири сабки романтикӣ набуд. Ба ҳамин далел, ба ҷуз чанд шеъри боқимонда бақияро нобуд кард. Барои мисол метавон аз ғазалҳое, ки таҳти таъсири Доғ суруда, ном бурд. Агар Иқбол мехост масоили зиндагии хусусии хешро пинҳон дорад, метавонист тамоми ашъореро, ки дар ин бора суруда буд, аз байн бибарад.

---

* Шаҳре дар нимҷазираи Ҳиндустон.

** Муриди фоқамасте гуфт бо шайх,
Ки яздонро зи ҳоли мо хабар нест.

Ба мо наздиктар аз шаҳраги мост,
Валекин аз шикам наздиктар нест.

(Армуғони Ҳиҷоз)

Севвумин иттиҳомоте, ки ба вай ворид оварданд, ин буд, ки дар даврони ҷавонӣ муртакиби қатли як зани бадкор шудааст. Ин тӯҳмат сохта ва пардохтаи зеҳне аст, ки мусалламан, бо Иқбол ва хусусиёти равонии ӯ ошноии комиле надоштааст. Иқбол хеле банудрат асабонӣ мешуд ва агар аз дасти касе сахт нороҳат мешуд, бо ӯ тамоми умр қатъи робита мекард. Вале ҳаргиз асабонияти ӯ мунҷар ба ин нашуд, ки ба касе беэҳтиромӣ кунад ва ё рӯйи касе даст баланд кунад. Бо вуҷуди он ки ҳамеша ба нерӯву ҷаҳд ва қудрат насиҳат мекард, вале он қадар рақиқулқалб буд, ки ҳатто наметавонист хуни ҷаҳанда бубинад. Ба ҳамин ҷиҳат ба нависанда (Ҷовид) дастур дода буд, ки ҳангоми қурбонӣ кардани гӯсфанде рӯзи иди Қурбон ҳатман дар он ҷо ҳозир бошад. Каломи Иқбол он қадар буррону тез буд, ки гӯё мамлу аз ханҷару шамшер ва тиру туфанг аст. Аммо на тир ба даст гирифта ва на ҳаргиз аз он истифода карда буд. Агар гоҳе низ аз корд истифода мекард, ба хотири тарошидани қаламаш буд. Ба ин сабаб, ба чунин шахсе бо чунон авсофи рӯҳӣ чӣ гуна метавон тӯҳмати иртикоб ба қатл зад?

Дар робита бо ин ҷанба аз шахсияти Иқбол чанд нафар аз дӯстонаш назароти мухталифе ироа додаанд. Мирзо Ҷалолуддин гӯяд:[57]

«Иқбол як инсони воқеӣ буд. Ӯ аз эъҷози паёмбаргуна бархурдор буд. Дар бораи Иқбол чунин ҳарфҳоеро задан, ки на дар он ҳақиқат вуҷуд дорад ва на рӯҳи он марҳум шод хоҳад шуд, баид ба назар мерасад».

Абдулмаҷиди Солик менависад:[58]

«Иқбол дар даврони ҷавонӣ чизе аз дигар ҷавонон кам надошт. Бадуни тардид метавон гуфт: Иқбол ҳамчун магаси рӯйи набот буд. Вале ҳеҷ вақт занбӯри асал нашуд. Ҳанӯз ошноёни қадими Иқбол хотироти рангинашро то ба ҳол ба ёд доранд ва ҳамеша онҳоро дар синаи худ нигоҳ медоранд».

Муҳаммаддин Таъсир менигорад:[59]

«Риндии Иқбол як роз нест. Пеш аз инҳо ин риндӣ дар ҳадди ҳарфу фикр буд. Фақат фишори ҷавонӣ буду бас. Аммо Иқбол бар нафси хуб тасаллут дошт. Ман мутмаинан мегӯям, ки ӯ ҳеҷ чизро аз мо пинҳон намекард ва ҳар саволе аз ӯ мекардем, ҷавоби возеҳ меёфтем. Иллаташ ин буд, ки чизе дар зиндагиаш пинҳон карданӣ набуд. Чизе, ки онро риндӣ меномем, ҳама латоифи қабл аз интишори «Асрори худӣ» мебошад. Ин латифаҳоро Сэр Шодӣ Лал барои канор гузоштани Иқбол аз қазовати додгоҳ ва чанд мусалмони маъруфу ҳампешаи Сэр Шодӣ Лал барои анҷоми хостаҳои хеш бо обутоби фаровон бозгӯ карданд. Ин чизҳои мухтасаре буд, ки мардум аз он афсона сохтанд. Ман Иқболро «Валӣ» намегӯям, вале шахсе, ки ошиқи Расул (с) аст, ходими Авлиёоллоҳ мебошад, иродатманди паёмбар аст ва касе аст, ки намозаш тарк намешавад. Рақиқулқалбу боимон аст ва дорои инчунин авсофи писандида аст. Дар миёни мусалмонон инглисидон кам пайдо мешавад. Бо тамоми ин аҳвол дар табъаш риндӣ вуҷуд дошт. Рӯйи зеборо зебо медид, вале ҳеҷ вақт гунаҳкор нашуд, ки аз ин зебоӣ истифода кунад ва ба он ишқ биварзад. Дар амал таодул дошту дар рӯҳаш шеър».

Нависанда (Ҷовид) ин ҳақро ба худ намедиҳад, ки бардоште аз суханони наздикони Иқбол бинамояд, аммо ба шеъре аз Иқбол, ки дар бораи худ таҳти унвони «Абри гавҳарбор» сурудааст ва баёнгари ин амр аст, ишорае накунад:[60]

Тарҷумаи шеър:

Матлабе ҳастам, ки фаҳмидани ман мушкил аст,
Агар касе моил бошад, метавонад маро ба осонӣ бишносад.
Валӣ ба ман «ринд» мегӯяду ринд маро «валӣ»,
Ман ҳайрон ҳастам аз ин ду ҳарф, ки мешунавам.
Зоҳиди тангназар маро «кофир» донист,
Ва кофир фикр мекунад, ки ман мусалмон ҳастам.
Баъзе гӯянд, ки Иқбол суфимашраб аст,
Бархе фикр мекунанд, ки шайдои зебоён ҳастам.

Ман барои ҳама аён ҳастам, лекин боз ҳам он қадар ҳарфҳо ҳаст,
Агар аз нигоҳҳои ғазаболуди мардум пинҳон шавам, мардум чӣ хоҳанд кард?
Эй ду чашмони душман! Маро бо ҳақорат нангаред,
Ман он инсоне ҳастам, ки Холиқ низ ба он ифтихор мекунад.
Мазраи сӯхтаи ишқ ҳосили ман аст,
Диле дорам, ки дард нисори он мешавад.

ФАСЛИ ДАҲУМ

Рушди фикрӣ

Иқбол дар ҳақиқат шоир ва мутафаккири исломӣ ва эҳёкунандаи ислом буд. Бинобар ин, рушди фикрии ӯро дар наҳзати эҳёи исломӣ метавон дарк намуд. Дар қуруни охир эҳёи ислом дар қарни XVIII милодӣ дар сарзамини Наҷд бо наҳзати ислоҳталабии Ибни Абдулваҳҳоб (1703-1787) оғоз шуд. Ин ҷунбиш аксуламале алайҳи инҳитоту таназзули сиёсию ахлоқӣ ва динии мусалмонон дар манотиқи зери султаи туркони Усмонӣ ва хилофату салтанати онҳо буд. Сипас, наҳзатҳои монанди он дар манотиқи мухталифи ҷаҳони ислом ба иллати авзои мушобеҳ падид омаданд. Агарчи ин ҷунбишҳо аз назари зоҳирӣ бо ҳам иртиботе надоштанд, аммо дар ҳар куҷо, ки падид омаданд, ҳадафашон тақрибан як буд. Ғояти мақсуди онон шӯриш ё ҷиҳоде алайҳи истибдоди салотин, фурсатталабии уламои динӣ ва сустэътиқодии авомуннос, ё ба таври куллӣ, таназзулу инҳитоти мусалмонон, зулму ситам ва истибдоду ҳукмронии ғайримусалмонон, истеъмори Русияву Аврупо ва дигар қудратҳои истеъморӣ буд.

Дар қарни XIX милодӣ дар нимҷазираи Ҳиндустон наҳзатҳои ҷиҳоду даъвати исломии Сайид Аҳмади Барилуй ва ёрони вай, Мавлавӣ Шариатуллоҳ, Давдимиён ва Мирнисори Алӣ идомаи наҳзатҳои боло буданд. Сайид Аҳмади Барилуй ва ёрону ҳомиёни вай марзи шимолу ғарбии Ҳинду Покистонро маркази фаъолияту ҷиҳод сохтанд, зеро дар он ҷо мусалмонон дар аксарият буданд ва кишварҳою манотиқи мусалмоннишин низ аз онон пуштибонӣ мекарданд.

Онон нахуст алайҳи сикҳҳо, ки бар манотиқи мусалмоннишини Панҷобу Кашмир ҳукумат доштанд, эъломи ҷиҳод намуданд. Дар он вақт ҳукмронони Синду Балуҷистон мусалмонон буданд, зеро ки дар ин манотиқ Сайид Аҳмади Барилуй ва пайравони ӯ буданд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳадафи Сайид Аҳмади Барилуй ин буд, ки чун дар навоҳии шимолу ғарбии Ҳиндустон мусалмонон дар аксарият ҳастанд, ҳукумати исломӣ эҷод шавад. Шояд ба ҳамин иллат мехост дар давраи аввал манотиқи мусалмоннишини Панҷобу Кашмирро аз тасаррруфи сикҳҳо берун биёварад. Ҳамчунин дар Банголаи Шарқӣ низ мусалмонон дар аксарият буданд. Наҳзати низомии Мирнисор Алӣ, ки бештар кишоварзон дар он ширкат доштанд, барои раҳоӣ аз истеъмори феодалҳои ҳинду ба вуҷуд омада буд. Ҳадафи ин наҳзатҳо эъломи ҷиҳод ва низ талош дар ҷиҳати ташкили як ҳукумати исломӣ дар Банголаи Шарқӣ будааст. Аммо ин наҳзатҳо дар расидан ба аҳдоф ва мақосиди хеш ба ин далоил номуваффақ монданд, ки дар нимҷазира муҳимоту васоили ҷангии англисҳо бештар аз андоза ва хеле зиёдтар аз муҷоҳидин буд. Аз сӯйи дигар, бо равишҳои ҷадиди ҷангии англисҳо ва васоили нави онҳо, мусалламан, муҷоҳидин бо васоили кӯҳнаву фарсуда ва равиши ҷангии қадим, наметавонистанд муқобила намоянд.

Ба ҳар ҳол, бо вуҷуди нокомиҳо, наҳзати эҳёи ислом идома пайдо кард. Ва ба иллати равобити мустақим бо Мағрибзамин, афкори тозае дар ҷаҳони ислом падидор гашт. Пас аз яке-ду насл, дар наҳзат вусъати назарӣ ба вуҷуд омад. Дар ҳамин замон дар ҷаҳони ислом баъзе аз муслеҳон пайдо шуданд, ки ба ҷойи шак ё мухолифат ба афкори ҷадиди ғарбӣ, онҳоро ба сурати исломӣ даровардand. Дар нимҷазира Сэр Сайид Аҳмадхон ва пайравони вай дар ҳамин замон падидор

гаштанд. Онон бо назардошти усули миллати исломӣ барои ислоҳу фалоҳи уммати ислом, бахусус, мусалмонони ҳиндтаълимот, улуми ҷадиди ғарбиро иттихоз намуда, густариш доданд. Дар ин роҳ хадамоти шоёне анҷом гирифт. Аммо пас аз ин, пайравони онон ба ду гурӯҳ мунқасим шуданд: гурӯҳи миёнрав ва гурӯҳи муртаҷеъ. Ин ду гурӯҳ бо якдигар мухолиф буданд. Аммо ҳарду гурӯҳ аз хатарҳои истеъмори Русия ва, ба таври куллӣ, дували истеъморгари аврупоӣ огоҳӣ доштанд. Банобар ин, ҳар ду гурӯҳ муштаракан барои дифоъ аз ислом мекӯшиданд ва бо ҳам шарику саҳим буданд. Дар миёни гурӯҳҳои муртаҷеъву миёнрав ва, ба зоҳир, равиши хасмонаи он ду гурӯҳ нисбат ба якдигар, номи Сайид Ҷамолиддин Афғонӣ ба унвони оштидиҳандаи ду қутб ба миён меояд. Ӯ таъкид мекунад, ки мусалмонон бояд равиши пешрафти Ғарбро ахз ва ҳақиқати қудрати Аврупоро дарк намоянд. Бар асари нуфузи шахсияти Сайид Ҷамолиддин ҳарду гурӯҳ – муртаҷеъ ва миёнрав бо якдигар канор омаданд ва саранҷом бо ҳам оштӣ карданд. Дар ҷаҳони ислом ҷунбишҳои мусбат ва судманде, монанди наҳзати иттиҳоди кишварҳои исломӣ (панисломизм) ва миллати исломӣ ба вуҷуд омаданд.

Иқбол низ шеър гуфтанро дар замони инҳитоту рукуди мусалмонон, монанди дигар шуарои ғазалгӯ дар мушоира (маҷолиси шеъргӯӣ) оғоз кард. Вале ба ҷойи давраи рукуду пастӣ дар аҳди эҳёи ислом чашм боз карда буд. Бинобар ин, наметавонист бидуни таъсир аз атрофу муҳити худ бошад. Ба зудӣ ӯ тарки мушоираҳо карду шоирии вай дар ишқи ватану миллат ҷилвагар шуд. Дар он замон Иқбол эҳсос мекард, ки ҳиндуҳо ва мусалмонон метавонанд барои як будани аҳдоф бо ҳам дӯст бошанд ва бо якдигар ҳамкорӣ намоянд. Ба ҳамин сабаб, ӯ бо ҳубби ватану меҳандӯстӣ ва ишқ ба мулку миллат шеъргӯиро оғоз намуд.* Аммо ин замон низ ба зудӣ сипарӣ шуд. Дар замони таҳсилот дар Аврупо Иқбол бо таҳаввули аҷиби зеҳнӣ ва рӯҳӣ рӯ ба рӯ шуд, ки ин инқилоби дарунии шеъру шеъргӯии ӯро комилан ба сӯйи ислом баргардонд. Халифа Абдулҳаким дар ин маврид мегӯяд:[1]

«Иқбол тасмим гирифт, ки боқимондаи айёми умри хешро дар роҳи шеър гуфтан барои эҳёи ислом ба кор барад. Ӯ мегуфт, ки падарам аз ман хоста буд ва ҳамеша маро насиҳат мекард, ки « писарам, ҳунари худатро дар роҳи хидмат ба ислом сарф кун». Шеъри Мавлоно Алтоф Ҳусайни Ҳолиро Сэр Сайид Аҳмадхон ранги дигаре дода буд ва ҳунари ӯро дар роҳи миллат вақф кард. Қабл аз дӯстӣ бо Сэр Сайид Аҳмадхон дар Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ ин эҳсос вуҷуд надоштааст. Ӯ ҷуз ғазалгӯӣ ба шеваи қадим чизи дигаре надошт, аммо дар рӯҳи Иқбол ин эҳсос аз ибтидо мавҷуд буд. Вале шиддату ҳарорати он дар Аврупо пайдо шуд ва ин хуршеди ниҳоди вай дар Мағрибзамин тулӯъ кард».

Ба ҳар ҳол, дар замони шоирӣ дар ишқи миллату меҳан** низ дар Иқбол алоқа бо ислом мавҷуд буд. Чунонки аз ашъори сурудашудаи ӯ дар Анҷумани ҳимояти ислом машҳуд мебошад, агарчӣ дар ин замон ӯ пуштибони иттиҳоди ҳидувону мусалмонон буд ва боз ҳам нимҷазираро кишвари миллатҳои мухталиф тасвир мекард. Бо таҳаввули аҷибе, ки дар вай падид омад ва, ба қавли худаш, ӯро аз гузашта комилан ҷудо кард, маълум мешавад, ки Иқбол ҳамеша дар фикри таҷдиди бинои миллати исломӣ будааст. Дар соли 1904 дар яке аз мақолоти худ таҳти унвони «Зиндагии миллӣ» дар бораи рози пешрафти дигар миллатҳо чунин изҳор намуда, дар зимн, дар бораи мусалмонони нимҷазира низ ин тавр менависад:[2]

«Ман бо камоли таассуф мегӯям, ки агар аз ин назар (зиндагии миллӣ) мусалмононро баррасӣ намоем, вазъи хатарноки восифбореро мушоҳида мекунем.

---

* Фитрати шоир саропо ҷустуҷӯст,
Холиқу парвардигори орзуст.
Шоир андар синаи миллат чу дил,
Миллате бе шоире анбори гил.
Сӯзу мастӣ нақшбанди оламест,
Шоире бе сӯзу мастӣ мотамест.

** Чӣ гӯям қиссаи дину ватанро,
Ки натвон фош гуфтан ин суханро.
Маранҷ аз ман, ки аз бемеҳрии ту,
Бино кардам ҳамон дайри куҳанро.

Ин миллати бадбахт ҳукуматро аз даст додааст. Санъатро раҳо кардааст ва тиҷорат надорад. Акнун, ғофил аз заруриёти замон, бо шамшер бар он факру ифлос (муфлисӣ) маҷрӯҳ гашта ва асои бемаънои таваккалро ба даст гирифта, ба он такя додааст. Чизҳои муҳим дигар як тараф. Ҳанӯз ин миллат натавонистааст дар бораи даргириҳои мазҳабӣ тасмиме бигираду ба ҷое бирасад.* Ҳар рӯз як фирқаву гурӯҳи мазҳабӣ пайдо мешавад, ки худро вориси биҳишт медонаду дигар ҳама навъи инсонҳоро қимаи дӯзах мепиндорад. Мухтасар ин ки ин навъ дастабандиҳо иттиҳоди милали исломиро чунон парокандааст, ки ба ҳеҷ ваҷҳ роҳи иттиҳод ва бародарӣ дар он ба чашм намехӯрад.

...Вазъи уламои динии мо ин аст, ки агар ду олим дар як шаҳр ҷамъ шаванд, он гоҳ дар бораи мубоҳисаю мунозира дар мавриди ҳаёти Масеҳ ё оёти носуху мансух номаҳо навишта мешавад. Агар баҳс шурӯъ гардад (ки маъмулан шурӯъ мегардад), он гоҳ ба қадре ҷанҷол ва хунрезӣ мешавад, ки паноҳ ба Худо! Илму фазли дониши қадим, ки уламои ислом дар он табаҳҳур доштанд, аслан дар ҳоли ҳозир вуҷуд надорад. Албатта, як феҳристи тӯлонии мусалмононе, ки дар назди онҳо кофир мебошанд, дар даст доранд. Ва ҳар рӯз бо дасти мубораки худашон ба он феҳрист изофа менамоянд... Достони айёшии сарватмандон аз ҳама аҷибтар аст. Масалан, як шахс чаҳор духтару ду писар дорад, вале ҳанӯз ҳам дунболи издивоҷи севвум аст ва дур аз чашми ду зани қаблӣ барои занон паём мефиристад. Ҳар гоҳ аз даъво ва низои хонаводагӣ фориғ мешавад, ҷаноби оқо бо як зани ҳарҷоӣ низ робита барқарор менамояд... Аз мардум, ки аслан ҳарф назанед. Гоҳе тамоми андӯҳи зиндагии хешро барои хатнаи бачааш харҷ мекунад. Яке аз тарси муаллим бачаи нозпарвардаи худро ба мадраса намефиристад ва аз таълиму тарбият маҳрум мекунад, дигаре ҳар чӣ дар рӯз ба даст меоварад, дар шаб онро барбод медиҳаду мегӯяд: «Барои фардо Худо бузург аст!» Ва ин тавр қалби худро таскин медиҳад. Гоҳе барои як чизи пешипоафтода, дар додгоҳҳо муҳокима муддатҳо ба тӯл меанҷомад. Гоҳе аз даъвои мулку амлок тамоми мулк табоҳ мешавад ва аз байн меравад. Фарҳанг ба ин сурат аст, ки духтарони бесавод, навҷавонони ҷоҳил, бекор, аз санъату кори дастӣ метарсанд. Кори дастиро ор медонанд. Теъдоди талоқ рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Ҳароим изофа мегардад. Ин давра бисёр душвору хатарнок аст. То ҳамаи миллат бо якдигар дар роҳи ислоҳ қадам наниҳанд, коре аз пеш нахоҳад рафт. Ҳеҷ кори бузурге бидуни саъю кӯшиш анҷом нашудааст. Худои таоло низ сарнавишти ҳеҷ миллат ё шахсро иваз намекунад, магар ин ки худаш ба фикри тағйири ҳолати худ бошад».**

Сипас, дар бораи фарду қавм, яъне шахсу миллат баҳс мекунад ва менависад, ки кори ҳар шахсе ибодат аст, зеро он кор кори миллӣ аст. Ӯ бар таҳсилоти духтарону занон таъкид мекунад ва мегӯяд: «Таҳсилоти мард таҳсилоти фардӣ аст, вале таҳсил ва саводи зан ба ин маъно мебошад, ки як хонаводаро таълим дода бошем».***

Сипас, дар бораи ҳиҷоби зан мегӯяд: «Ин қонунро агар дар ҷомеа аз байн бибарем, барои миллат музир хоҳад буд. Вале агар вазъи ахлоқиву иҷтимоии мардум тағйир ёбаду бештар шавад, он гоҳ метавон ба занон озодӣ дод, ки бо мардон табодули назар намоянд. Қонуни тааддуди завоҷот (бисёрзанӣ) низ бояд ислоҳ шавад

---

* Чӣ аср аст ин, ки дин фарёдии ӯст, Зи рӯйи одамият рангу нам бурд,
Ҳазорон банд дар озодии ӯст. Ғалат нақше, ки аз беҳзодии ӯст.

** Дар ҳақиқат, ин гуфтаи Иқбол ишора ба ин ояти Қуръон мебошад: «Инна-л-Лоҳа ло юғаййиру мо би қавмин ҳатто юғаййиру мо би анфусиҳим» (сураи Раъд, ояти 11):
Худо он миллатеро сарварӣ дод Ба он миллат сару коре надорад,
Ки тақдираш ба дасти хеш бинвишт. Ки деҳқонаш барои дигаре кишт.

*** Сирати фарзандҳо аз уммаҳот, Эй амини неъмати ойини Ҳақ,
Ҷавҳари сидқу сафо аз уммаҳот. Дар нафасҳои ту сӯзад дини Ҳақ.
Эй ридоят пардаи номуси мо, Оббанди нахли ҷамъият туӣ,
Тоби ту сармояи фонуси мо. Ҳофизи сармояи миллат туӣ.

ва тағйир ёбад». Ба назари вай, ҷойиз шумурдан ва умумӣ қарор додани ин қонун мабно бар як иллати дақиқи рӯҳонӣ мебошад. Ӯ мегӯяд:

«Дар садри ислом ба иллати авзои иқтисодӣ ва сиёсӣ ин кор зарурат дошт. Вале то он ҷое, ки ман медонам, дар ҳоли ҳозир мусалмонон ниёзе ба ин қонун надоранд. Агар дар авзои мавҷуд бар ин қонун таъкид шавад, мо аз вазъи бади иқтисодӣ ғофил хоҳем монд ва баҳона ба дасти сарватмандони қавм медиҳем, ки зинои шаръӣ анҷом диҳанд».

Ҳирси худнамоиро як навъи беморӣ мепиндорад, ки раҳоӣ аз он бисёр лозим аст. Баъзе аз одобу одати қабеҳи арӯсӣ ва ақд, исрофу велхарҷӣ (беҳудахарҷӣ) барои ин русумро таҳти интиқоди шадид қарор медиҳаду менависад: «Издивоҷҳои бидуни ризоият байни мусалмонон рӯз ба рӯз зиёдтар мешавад. Тақрибан дар 99% манозили мусалмонон ин шикоятҳо ҳамеша вуҷуд дорад, ки зану шавҳар бо якдигар созгорӣ надоранд». Ба назари вай, равишу тариқаи хостгорӣ ва монанди он метавонад бисёр дар кам кардани ин ноҳамоҳангиҳо муассир бошад, ба шарте ки ба духтару писар қабули издивоҷ иҷоза дода шавад, ки дар назду ҳамроҳ бо бузургони хонаводаи хеш рафтуомад кунанд, ба манзури он ки одату ахлоқи якдигарро то ҳадде бишносанд. Агар ҳарду тараф аз назари ахлоқӣ бо якдигар ихтилофот дошта бошанд, бояд қабл аз издивоҷ бино бар тавофуқи ду гурӯҳ қарордоди хостгориро лағв (бекор) кард.[3]

Дар назари Иқбол барои пешрафту бозсозии уммати исломӣ ба ду чиз ниёзи бештаре ҳаст: яке – ислоҳи фарҳангу тамаддун ва дигаре – таваҷҷӯҳи таълимоти умумию таҳсилот. Дар бораи таҳсилоти умумӣ Иқбол бар он аст, ки мусалмонон беш аз тамоми риштаҳо ба фаро гирифтани санъат (ҳунар, саноат) эҳтиёҷ доранд ва бояд ба он таваҷҷӯҳ кунанд. Ӯ санъату ҳирфаро зарурати ҳодди миллат медонад ва мегӯяд:

«Агар касе аз дили ман бипурсад, дар ҷавобаш мегӯям: –Дар назари ман дастҳои он наҷҷор (харрот), ки бо кор кардан бо теша пина бастааст, аз он дастҳои нарму латиф, ки ҷузъ гирифтани қалам бори ҳеҷ чизи дигареро наметавонад қабул намояд, бисёр зеботар аст».

Дар бораи ислоҳи тамаддуну фарҳанг назариёт ва ақоиди Иқбол дар авоил ҳам ҳамон буд, ки дар зиндагии баъдӣ онро такрор ва бо шарҳу басти бештаре баён кардааст. Лизо мегӯяд:

«Дар миёни мусалмонон масоили ислоҳи фарҳангу тамаддун, дар ҳақиқат, масоили мазҳабӣ аст, зеро фарҳанги исломӣ дар асл шакли амали дини ислом аст. Ва ҳеҷ як аз аъзои зиндагии фарҳангии мо нест, ки аз усули мазҳабу дин ба дур бошад. Ман худамро дар он мақом намебинам, ки дар бораи ин масъала аз дини мазҳабӣ бингарам. Ба ҳар ҳол, наметавонам аз гуфтани ин матлаб худдорӣ кунам, ки ба иллати фарҳанги ҷадид пайдо шудааст, ки истидлолоти фуқаҳо, ки авомуннос онҳоро мутобиқи шариати ислом медонанд, акнун ниёз ба таҷдиди назар доранд. Ман ҳаргиз намегӯям, ки дар усули муслимиддин, худое накарда, нуқсе вуҷуд дорад, ки ба иллати он нуқс наметавонад эҳтиёҷоти фарҳангии моро бароварда созад. Балки мақсуди ман ин аст: тибқи Қуръони Маҷиду аҳодиси шарифа истидлолоте, ки фуқаҳо дар замонҳои мухталиф ироа додаанд, дар ҳамон замонҳо воқеан бисёр муносибу қобили амал будааст. Вале барои замони ҳол ва эҳтиёҷоту ниёзҳои он ҳаргиз кофӣ нест... Агар дар бораи авзои зиндагии мавҷуд фикре бикунем, он гоҳ маълум хоҳад шуд, ҳамон қадаре ки имрӯза барои таъйиди усули мазҳабӣ ниёз ба илми каломи ҷадиде дорем, ба ҳамин тартиб барои тафсири ҷадиди қонуни исломӣ, фақеҳи олирутбатаре лозим аст, ки дорои қувои ақлия ва мутахаййилаи қавию васеъ бошад. Нафақат бар мабнои усули мусалламаи ислом қонуни исломиро бо як равиши бисёр ҷадид мураттабу муназзам кунад, балки бо қудрати тафаккуру тахайюл ин усулро чунон вусъат бахшад, ки ниёзҳои фарҳангиро бароварда созад ва ҳовии ашколу сувари ҷавомеи мухталифи башарӣ бошад. То он ҷое ки ман медонам, то имрӯз дар ҷаҳони ислом марди қонунсоз бо зарфияти олӣ ва ҳимматбаланд пайдо нашудааст. Агар аҳаммияти ин корро дар назар оварем, ба ин натиҷа хоҳем расид, ки ин кор фақат

дар ӯҳдаи як мағз наметавонад бошад ва барои итмому такмили он замоне шояд беш аз сад сол лозим аст».

Аз мутолеаи ин мақола чунин натиҷа мегирем, ки Иқбол дар ибтидои замони рушди фикрии хеш аз илали пастӣ ва таназзули уммати мусалмонон бохабару огоҳ будааст.* Ба назари вай, дар зиндагии инсонҳо чунон таҳаввулу инқилобе пойдор гашта буд, ки замони ҳолро аз гузашта мунқатеъ намуда ва мусалмононро бар он дошта буд, ки равиши фикрии хешро ба ҳол табдил намоянд. Иқбол дар муҳити эҳёи ислом бо назардошти вобастагии фарду ҷомеа барои таҷдиди бинои ислом ва миллияти исломӣ кӯшиши бисёре кард, албатта, дар партави усули дини ислом. Дар назари вай, тамаддуну фарҳанги исломӣ сурати амалии дини ислом будааст. Вале ба иллати инқилоби азим дар ҳаёти башарӣ, бинобар эҳтиёҷоти замонӣ, ниёзҳои ҷадиде падид омада буд. Пас, ҳамон тавре ки барои таъйиди усули мазҳаб як илми каломи ҷадид зарурӣ буд, ба ҳамин тартиб, барои ба даст овардани эҳтиёҷот ва ниёзҳои асри ҳозир тафсири ҷадиди қонуни исломӣ аз лиҳози иҷтиҳод лозим буд. Аз истидлоли Иқбол равшан мегардад, ки ба ақидаи вай, дар авзои мутағаййири ҳол, агар мусалмонон натавонанд илми каломи ҷадидеро халқ намоянд ва қонуни исломиро аз сари нав мураттаб созанд, ислом, монанди адёни дигар, ба зиндагии хеш идома медиҳад ва фақат ба унвони як дин хоҳад монд. Вале ба унвони як фарҳангу тамаддун ва ё низому қонуни зиндагӣ наметавонад боқӣ монад.

Аз соли 1905, ки Иқбол дар Инглистон зиндагӣ мекард, ба иллати мухолифат бо тақсими Бангола, ки барои ақибмондагии иқтисодии мусалмонон метавонист муфиду муассир бошад ва аз тарси тазоҳуроту террори ҳиндувон, раҳбарони мусалмонон дар соли 1906 милодӣ Муслим Лиг (Лигаи Мусалмонон)-ро бунён ниҳоданд ва барои дифоъ аз ҳуқуқи худ интихоботи ҷудогонаеро хостор шуданд. Соле баъд дар Иқбол як инқилоби фикрӣ падидор гашт. Дар Лондон Анҷумани Иттиҳоди ислом ва шохаи Муслим Лиг фаъолияти зиёде мекард. Ба илова, суханрониҳое, ки Иқбол дар бораи ислом намудааст, ба вузӯҳ нишон медиҳад, ки назари Иқбол тағйир пайдо карда буд. Пас аз бозгашт ба Лоҳур, ӯ дар ҷаласоти Анҷумани ҳимояти ислом ба ҷойи он ки шеър бихонад, ба забони англисӣ дар мавзӯи тамаддуну фарҳанги исломӣ суханронӣ кард. То соли 1909 милодӣ ӯ ба ин натиҷа расид, ки барои мусалмонону ҳиндувон беҳтар он аст, ки ташхиси миллии худро комилан ҷудогона барқарор нигоҳ доранд.

Дар соли 1909 мақолае аз Иқбол таҳти унвони «Ислом ба унвони як ҳадафи сиёсию ахлоқӣ» ба забони англисӣ дар маҷаллаи «Ҳиндустон Ревю» мунташир шуд.[4] Аз баррасӣ ва мутолеаи ин мақола равшан мегардад, ки Иқбол тамоми адёни бузурги ҷаҳонро мутолеа карда буд. Ва сарфи назар аз таърихи ислом, тасаллути комиле бар таърихи ҷаҳон дошт. Барои ташреҳи усули ахлоқии ислом, адёни буддоӣ, масеҳӣ ва дигар адёнро зикр карда мегӯяд, ки дини ислом ба одамӣ шахсияти мустақил медиҳад, то инсон худашро ба унвони як сарчашмаи қудрат эҳсос кунад. Ин эҳсос, ки дар як фард эҷод шавад, ки ӯ худаш сарчашмаи қудрат мебошад, тибқи таълимоти исломӣ ҳар амалу кори вайро арзёбӣ менамояд. Пас, ҳар чизе, ки дар инсон эҳсоси фардии шахсеро маҳкум кунад, онро «некӣ» гӯянд ва ҳар чизе, ки шахсияти инсониро заиф намояд, онро «бадӣ» ном мениҳанд. Дар ислом мурод аз некӣ қудрат, тоқату истеҳком аст ва мурод аз бадӣ заъфу сустӣ мебошад. Агар ба инсон ба унвони як шахс ва фард шахсият дода шавад ва ё мӯҳтарам шумурда шавад ва дар вусъати табиати худованд бидуни ҳеҷ хатар иҷоза дашта бошад, ки озодона ҳаракат кунад, он гоҳ ба шахсиятҳои дигар эҳтиром хоҳад гузошт ва ба сурати падидаю мазҳари хубию некӣ дар хоҳад омад.

---

* Мусалмон он фақири каҷкулоҳе,
Рамид аз синаи ӯ сӯзу оҳе.
Дилаш нолад! Чаро нолад? Надонад.
Нигоҳе, ё Расулуллоҳ, нигоҳе.

Дар ҳамин мақола мегӯяд: «Дар шуури иқтисодии замони қадим коргаре бо қудрату ҷабри мустақим робита дошт. Ба ҳамин иллат Арасту бардагӣ (ғуломдорӣ)-ро барои пешрафти бойгарӣ як лозимаи асосӣ медонад. Аммо паёмбар(с), ки робитаи миёни қадиму ҷадид аст, дар миёни мардум мусоворти иқтисодиро эълон кард. Бинобар ин, ба иллати ниёзҳои замонӣ, агарчи номи бардагӣ барҷо монда буд, вале паёмбари гиромии ислом рӯҳи бардагиро аз миён бурд. Ба назари ислом ифлосӣ (муфлисӣ) як навъ бадӣ аст ва дар Қуръони Маҷид таъкид шудааст, ки онҳо дар ин дунё, гирифтани худро фаромӯш накунанд». Пас, дар ислом шахсияти инсонӣ ва эҳтиром ба одамият* як қонуни роҳнамо аст, ки бидуни огоҳӣ аз он замина, ҷанбаҳои қонунию ахлоқии исломро наметавон дарк намуд, монанди як қувваи ирода дар як ҷисми қавӣ. Асли ҳадаф ислом аст. Ӯ мегӯяд: «Оё мусалмонони Ҳиндустон бар ин маҳаку меъёр ҳастанд? Оё дар бораи мусалмони ҳиндӣ метавон гуфт, ки ӯ дар як ҷисми тавоно як тасмиму дили қавӣ дорад? Оё дар вуҷуди ӯ тасмими зинда мондан мавҷуд аст? Оё дар ӯ ин қудрат мавҷуд аст, ки бо ҳамаи он қудратҳо муқобила кунад, ки мехоҳанд низоми ҷомеаи ӯро муталошӣ созанд? Мутаассифона, ҷавоби саволҳои худро манфӣ меёбем. Хонандагони гиромӣ медонанд, ки дар кашокаши зиндагии касрату зиёдӣ афрод танҳо унсуре нест, ки низоми иҷтимоии як ҷомеаро мутазаммин шавад. Балки кирдори иҷтимоӣ барои бақои ҷомеа лозим аст».

Ӯ бар қудрати амали шахсӣ ва фардӣ таъкид карда мегӯяд:

«Дар дили ман барои шайтон ҳам қадру манзалате вуҷуд дорад. Ӯ аз саҷда кардан ба одам худдорӣ варзид, зеро одамро камтар аз худ медонист. Бинобар ин, бо саҷда накардан ба одам ӯ иззату обрӯи хешро маҳфуз нигоҳ дошт. Ба назари ман, ҳамин хубӣ аз кирдору ахлоқи вай ӯро аз зиштии рӯҳонӣ метавонад наҷот диҳад. Ман эътиқод дорам, ки Худованди бузург шайтонро ба ин хотир муҷозот накард, ки ӯ одамро, ки падарбузурги ин инсони заиф аст, саҷда накарда буд. Балки ин муҷозот барои ин буд, ки ӯ аз фармони холиқи коинот сарпечӣ карда буд».

Сипас менависад: «Мақсуди мусалмонони табақаи таҳсилкарда ин аст, ки кори давлатӣ ба даст ованд. Ин кори идорӣ, махсусан, дар Ҳиндустон, яъне навкарии** давлат, барои пайдо шудани эҳсоси худӣ (шахсияти инсонӣ) ва борвар шудани ин эҳсос дар инсон заҳри кушанда аст. Табақае, ки маъмулан нодоранд, табақаи мутавассит ё миёна, ба иллати беэътимодӣ ба якдигар аз ширкат дар сармоягузорӣ, иттиҳод дар корҳо куллан гурезонанд ва сарватмандон тиҷорат ё санъату ҳирфаро барои худ поинтар ва беэҳтиромӣ ба шахсияту мақоми худ медонанд. Решаи ҳамаи харобиҳо миёни мусалмонон ҳамон ниёзи иқтисодӣ мебошад. Бинобар ин, аз лиҳози корҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ роҳеро тай мекунанд, ки билохира, ин роҳ онҳоро ба сӯйи нобудӣ хоҳад кашонд».

Дар бораи системаи таълиму тарбият ва омӯзишу парвариш назари худро чунин иброз медорад: «Ин таълиму тарбият ва омӯзиш барои мусалмонон муносиб нест. Мухолифи табиату сиришти онҳост. Ин таълиму тарбият дар миёни мусалмонон кирдори ғайриисломӣ эҷод мекунад ва аз гузаштаи дурахшон онҳоро ҷудо месозад. Ин омӯзиши мубтано бар ин фарз ғалати устувор аст, ки ҳадафи омӯзиш ба ҷойи он ки қудрати иродаро дар инсон тавлид намояд, фақат тарбияти зеҳну фикр аст». Иқбол фикр мекунад, ки миллатҳо барои ин зинда ҳастанд, ки онон шахсиятҳои бузурги гузаштаро фаромӯш накардаанд. Пас, барои мусалмонон низоми омӯзише лозим аст, ки собиқаи дурахшони таърихӣ ва иҷтимоии онҳоро зинда нигаҳ дорад ва дар онҳо кирдори холиси исломӣ тавлид кунад.

---

* Одамият эҳтироми одамӣ,
Бохабар шав аз мақоми одамӣ.

** Зи маҳкумӣ мусалмон худфурӯш аст, Зи маҳкумӣ рагон дар тан чунон суст,
Гирифтори тилисми чашму гӯш аст, Ки моро шаръу ойин бори дӯш аст.
(Армуғони Ҳиҷоз).

Баъд аз он дар бораи мавзӯи ислом ба унвони ҳадафи сиёсӣ баҳс менамояд ва тасаввури миллӣ дар исломро ташреҳ мекунад. Мегӯяд:

«Ислом фақат як дин нест, балки як миллат ва ё қавме низ ҳаст. Ба ҳамин хотир назди вай дар исломи «мусалмонони ҳиндӣ» таноқис вуҷуд дорад. Зеро дар ислом миллият як назарияест, ки бар асоси усули ҷуғрофиёӣ ё маҳаллӣ устувор намебошад.* Манофеи миллат бар манофеи фард ба ҳамин иллат бартарӣ дорад, ки дар ислом «миллат» сурати хориҷии дин аст». Он гоҳ аз қонуни исломӣ зикре ба миён меоваради мегӯяд: «Ин қонун ду усули асосӣ дорад: аввал – ҳокимияти қонунии илоҳӣ, дуввум – мусовот миёни ҳамаи афроди миллат. Ҳадафи сиёсии ислом – эҷоди ҷумҳурият тавассути иттиҳоди уммати исломӣ ба сурати ҳақиқӣ мебошад. Ин ҳамон усули мусоворати ҳамаи афроди миллати мусалмон буд, ки ин миллат ба сурати бузургтарин қудрати сиёсии ҷаҳон даромада буд. Дар кишвари Ҳиндустон низ рози ҳукумат ва иқтидори онҳо ҳамин буд. Инсонҳое, ки қарнҳои мутамодӣ дар зери лагадҳои дигарон поймол мешуданд, дар он воҳид ба баландтарин мансаб расиданд. Вале акнун дар кишвари Ҳиндустон ваҳдати иҷтимоии ислом ба ин сабаб маҳфузу пойдор намондааст, ки дар миёни мусалмонон низоми табъизе устувор гаштааст. Аз як тараф, дар ислом фирқагароии мазҳабӣ беандоза ривоҷ ёфтааст ва, аз сӯйи дигар, аз лиҳози иҷтимоӣ, масъалаи табақабандии иҷтимоӣ вуҷуд дорад, ки аз ҳиндуҳо ба онон ба ирс расидааст. Дини ислом ҳаргиз ин табъизотро намепазирад. Зеро ислом як ваҳдати ғайри қобили тақсим мебошад». Ӯ меафзояд:

«Вақте ки Ҳақ дар хатар бошад, барои таъвилоти он мушоҷара накунед.** Дар вақти роҳ рафтан ба ҳангоми торикии шаб ва ба санг хӯрдани по ва он гоҳ шикоят кардан бемаънист. Биёед, ҳама бо ҳам ҷилав биравем, бутҳои табъизоти иҷтимоӣ ва гурӯҳбандиҳоро барои ҳамеша бишканем, то мусалмонон як бори дигар дар ин кишвар дар сурати иттиҳод, қудрати азимеро ахз намоянд».

Аз мутолеаи ин мақолаи таҳқиқӣ маълум мегардад, ки мусалмонони нимҷазира, то он ҷое ки ба ҳайати иҷтимоии онҳо тааллуқ дорад, пас аз вафоти Сэр Сайид Аҳмадхон, махсусан, дар заминаи донишу фарҳанг, ҳамин Иқбол буд, ки мусалмононро бо иршоди дуруст ба сари манзили мақсуд раҳбарӣ кард. Дар ин мақола чизҳои дигаре низ вуҷуд дорад, ки ба тадриҷ иртиқоъю рушди фикрии Иқболро нишон медиҳад. Иқбол*** дар пеши чашми худ як ҷомеаи шикастхӯрда, бемору парокандаеро медид, ки афроди ин ҷомеа ба иллати фикри манфӣ ва такя бар хурофоти матмаъ (ғаразнок), таслими афкори бадбинона шуда буданд. Онҳо ба бемориҳои гуногуни иҷтимоӣ мубтало буданд, ки бинобар ин, равиши дифоъро ихтиёр карда буданд. Бадеҳист, ки дар ин авзою аҳволе як паёми мусбат, таҷовузкорона ва умедворкунанда, метавонист мусалмононро аз ҳаёту бақои он бархурдор созад ва зиндагии онҳоро тазмин намояд. Иқбол ин эҳсосро дошт, ки тасвири ислом бидуни шавкату қудрат ва найиру ғайр мумкин аст. Дар ин мақола нақшҳои чунин афкор дида мешавад, ки бар асоси онҳо Иқбол сохтмони азими «фалсафаи худӣ»-ро бунён ниҳода буд.

Дар соли 1910 баъзе аз навиштаҳои Иқбол дархури таваҷҷӯҳ мебошад. Дар таърихи 27 апрели 1910 Иқбол шурӯъ ба нигориши дафтарчае бо номи «Афкори парешон» ба забони англисӣ намуд.

Дар ин китобча баъзе авқот он чи ба фикраш мерасид, ёддошт мекард.[5] Дар моҳи декабри ҳамон сол ӯ як мақола ба забони англисӣ таҳти унвони «Ҷомеаи

---

* Муслим астӣ, дил ба иқлиме мабанд,
Гум машав андар ҷаҳони чуну чанд.
Дил ба даст овар, ки дар паҳнои дил,
Мешавад гум ин саройи обу гил.

** Хезу қонуни ухувват соз деҳ,
Ҷоми саҳбои муҳаббат боз деҳ.
Боз дар олам биёр айёми сулҳ,
Ҷанҷӯёнро бидеҳ пайғоми сулҳ.

*** Табу тоби дил аз сӯзи ғами туст,
Навои ман зи таъсири дами туст.
Бинолам з-ин, ки андар кишвари Ҳинд,
Надидам бандае, к-ӯ маҳрами туст.

(Армуғони Ҳиҷоз).

исломӣ» навишт:[6] Баъдан, Мавлоно Зафар Алихон бештари ин мақоларо ба забони урду таҳти унвони «Нигоҳи умедворкунанда бар миллати байзо» баргардонд.* Сипас, ҳамон сол мақолаи англисиро бо номи «Фикри сиёсӣ дар ислом» навишт, ки дар маҷаллаи «Ҳиндустон Ревю» декабри 1910 ва январи 1911 мунташир шуд.[7] Барои ошноӣ бо мароҳили мухталифи рушди фикрии Иқбол мутолеа ва таҷзияи ин мақола бениҳоят зарур аст.

Дар дафтарчаи «Афкори парешон»** Иқбол дар мавзӯоти гуногун, монанди фалсафа, адаб, ҳунар, улум, сиёсат ва мазҳаб назариёти хешро баён намудааст. Баъзе аз нишонаҳои афкори баъдии вай низ машҳуд аст, ки дар ашъори файласуфонаи худ бо шарҳу баст нигошта ва ироа намудааст. Иқбол дар таърихи башарӣ ҳадафи махсуси «Уммати исломӣ»-ро баён менамояд, ки бино бар имони миллӣ, сохтмони кирдору мутаносиб бо як низоми исломиро зикр мекунад. Ӯ зиндагиро ҷидду ҷаҳду талоши мудовим мегӯяд.

Бинобар ин, ба ақидаи вай, мақсуд аз омӯзиш бояд набарду кашмакаши зиндагӣ бошад, нафақат тарбияти фикру мағз.*** Иқбол мурраттабан мардумро ба сӯйи қудрату нерӯ ва инсони қудратманд мутаваҷҷеҳ месозад. Ба назари вай, заволи уммати исломӣ ва мусалмонон мунҳасир ба ин аст, ки онҳо ғуломона равиши итоат, аҷзу инкисорро, ки дастовардҳои манфӣ ва инфиолӣ мебошад, некӣ ва хубӣ тасвир мекунанд. Ба назари вай, ҳадафи шоир бояд ин бошад, ки мусалмононро ҷиҳати касби қудрат таҳрик намояду ононро ба сӯйи ҷидду ҷаҳд савқ диҳад. Зеро амали инқилобофарини онон аст, ки онҳоро аз пастии ахлоқӣ ва ғалабаи сиёсӣ метавонад наҷот бахшад. Ӯ иқтисоди миллии мусалмонони Ҳиндро ба хубӣ медонад ва ифлосу тиҳидастии онҳоро яке аз илали муҳимми пастӣ ва инҳитоти ахлоқӣ мепиндорад.****

Дар «Дафтарчаи ёддоштҳо» дар бораи анвои ҳукумат мегӯяд:

«Ба назари ман, ҳукумат аз ҳар навъе, ки бошад, аз авомили мушаххаскунандаи ташаххуси миллӣ аст. Заволи ҳукумат ва иқтидори сиёсӣ низ, дар ҳақиқат, ташаххуси миллихаробӣ ба бор меоварад. Мусалмонони Ҳиндустон бо заволи сиёсии худ сареан дучори инҳитоти ахлоқӣ шуда буданд».

Дар бораи иттиҳоди миллӣ мегӯяд:

«Иттиҳоди миллии мо мунҳасир ба ин аст, ки мо усули динро маҳкам бигирем. Ҳар гоҳ гирифти мо суст шуд, мо аз ҳама ҷо ронда хоҳем шуд ва ҳеҷ кас ҳоли моро нахоҳад пурсид. Бисёр мумкин аст, ки саранҷоми мо низ монанди яҳудиҳо шавад».

Дар радди назарияи ватаният менависад:

«Зуҳури ислом нисбат ба бутпарастӣ як навъ аксуламалу эҳтиёҷ буд. Натсионализм низ як сурату шакли бисёр дилпазир аз сувари бутпарастӣ мебошад. Таронаҳои ватанпарастии ақвоми мухталиф иддаои маро ба исбот мерасонанд, ки ватанпарастӣ иборат аст аз парастиши як чизи модӣ ва ислом ба ҳеҷ сурат бутпарастиро намеписандад, балки алайҳи ҳар навъ бутпарастӣ ҷиҳод мекунад. Ҳадафи азалию абадии мо ислом аст. Бинобар ин, он чизе, ки ислом барои маҳкум кардани он омода аст, наметавон онро усули асосии мусалмонон қарор дод.

---

* Аз рӯйи маълумот доктор Рафеъуддин Ҳошимӣ, Мавлоно Зафар Алихон ҳамаи ин мақоларо ба забони урду баргардонидааст.

** Асли ёддоштҳо ба забони англисӣ бо номи STRAY REFLECTIONS мебошад ва беҳтар аст, ки ба ҷойи «Афкори парешон» «Ёддоштҳои пароканда» номида шавад. Ҳамон тавр, ки доктор Ифтихор Аҳмад Садиқӣ ин китобро ба урду баргардонда ва бо номи «Шаҷароти фикри Иқбол» номидааст. Дебочаи ин китоб аз доктор Ҷовид Иқбол аст. Доктор Абдулҳақ дар Ҳинд ин китобро тарҷума намуда, «Афкори парешон» номидааст.

*** Наҳанге бачаи худро чи хуш гуфт, Ба мавҷ омезу аз соҳил бипарҳез,
Ба дини мо ҳаром омад карона. Ҳама дарёст моро ошёна.

**** Мусалмон фоқамасту жандапӯш аст, Биё, нақши дигар миллат бирезем,
Зи кораш Ҷабраил андар хурӯш аст. Ки ин миллат ҷаҳонро бори дӯш аст.

(Армуғони Ҳиҷоз).

Паёмбари ислом (с), ки аз маҳалли тавлиди хеш, яъне Макка ба Мадина ҳичрат кард* ва дар ҳамон ҷо вафот ёфт, шояд ишорае бошад барои таъйиди ин ҳақиқат».

Як ҷумла мунҳасир ба ин матлаб аст:

«Миллатҳо дар қалбу мағзи шоирон мутаваллид мешаванд, вале дар дасти сиёсатмадорон бузург шуда, мемиранд».

15 майи 1910 Иқбол, вақте дар осмон ситораи дунболадор дид, таъсироти қалбии хешро ба ин сурат баён кард:

«Дирӯз субҳ тақрибан соати чаҳори бомдод ман он зоири азимушшон – кураи арзро мушоҳида намудам, ки онро ситораи дунболадор Галлей (Halley) мегӯянд. Ин нишонгари фазои лоятаноҳӣ ва пуршукӯҳ, ҳар 75 сол як бор дар фазои осмони мо намудор ва ҳувайдо мегардад.[8] Акнун дубора ман бо чашмҳои набераҳои худ онро хоҳам дид. Он гоҳ вазъи фикрию зеҳнии ман аҷибу ғариб буд. Ман ин тавр эҳсос кардам, ки чизе бо вусъати ғайри қобили васфу номаҳдуд дар вуҷуди тангу торики ман дохил шудааст. Ба ҳар ҳол, ин фикр, ки ман ҳаргиз ин мусофири тундравро нахоҳам дид, маро ба зиндагии пасту ҳақиқати андӯҳноки он мутаваҷҷеҳ сохт. Ва барои як лаҳза ҳама гуна ҳаяҷоноти ман комилан сард шуд».

Дар мақолаи «Ҷомеаи исломӣ» пас аз муаррифии мухтасар аз нуқтаи назари файласуфона, зиндагӣ ва мавти ақвоми мухталиф, дар бораи мавзӯоти гуногун, масалан, дар бораи барқарор нигоҳ доштани сурати таркибии миллати исломӣ, иттиҳоди фарҳангу тамаддуни исломӣ ва тавтури зиндагии мусалмонон, ки чӣ навъ кирдору амал мавриди лузум аст, ба баҳс идома медиҳад. Мегӯяд:

«Миёни мусалмонон ва дигар миллатҳо фарқи асосӣ ин аст, ки ин тасвири қавмияту миллияти исломӣ аз тасвири миллияти дигар милал комилан ҷудо ва муҷозо аст. Усули миллияти мусалмонон на бар иштироки забон аст, на иштироки ватан, ё иштироки аҳдофи иқтисодӣ ва ғайра, балки онҳо шомили гурӯҳ ва ҷомеае ҳастанд, ки паёмбари ислом барои онон бунён ниҳодааст. Дар бораи ҳаёти коинот мусалмонон як ақидаи махсус доранд. Ривоёти таърихӣ, ки ба онҳо ба ирс расидааст, барои ҳама яксон ҳастанд. Ислом фақат як дин нест, балки дар ҳамон ҳол як тасвиру назарияи фарҳангӣ, миллату ватан низ ҳаст. Мақсуд аз таассубе, ки ислом иброз мекунад, фақат посдорӣ ва ҳаросати милливу қавмии ӯст. Ислом ҳаргиз миллатҳои дигарро бо нигоҳи танаффур наменигарад». Дар назари Иқбол, тасвири ватаният (натсионализм), ки дар замони ҷадид пайдо шудааст, аз тасвири миллат пайдо мешавад. Ин назария ба иллати маҳаллӣ ва кишварӣ будан сурати моддиро ихтиёр намудааст. Нуктаи эътиқоди ҳамагир будани тавҳид, ки асоси ваҳдати мусалмонон шумурда мешавад, аз лиҳози мафҳуми «худ», ба қавли Иқбол, ақлӣ намебошад, балки як назарияи миллӣ аст. Пас, аз лиҳози усул ва ривоёти исломӣ, агар аз дасти мусалмонон ресмони Худо раҳо шуд, шерозаи ҳамаи миллатҳо пароканда хоҳад шуд».

Дар бораи якранг будани тамаддун ва фарҳанги исломӣ мегӯяд:

«Фарҳанги исломӣ натиҷаи фикри сомӣ (арабӣ) ва ихтилоти фикри ориёӣ (эронӣ) мебошад». Дар бораи сохтмони кирдори миллӣ, ӯ мисоли Аврангзеби Оламгирро меоварад, ки ба назари вай, дар нимҷазира муассиси миллияти исломӣ буд. Менависад: «Равиш ва услуби шахсияти миллӣ, ки Аврангзеби Оламгир** онро бино ниҳод, беҳтарин намунаи кирдори исломӣ буд».

---

* Ҳичрати обаш ҳаёти муслим аст,
Ин зи асбоби суботи муслим аст.

** Иқбол дар бораи Аврангзеб мегӯяд:

Шоҳи оламгири гардуностон, Таркаши моро хаданги охирин.
Эътибори дудмони гӯргон. Тухми илҳоде, ки акбар парварид,
Пояи исломиён бартар аз ӯ, Боз андар фитрати доро дамид.
Эҳтироми шаръу пайғамбар аз ӯ. Ҳақ гузид аз Ҳинд Оламгирро,
Дар миёни корзори куфру дин, Он фақири соҳиби шамшерро

Сипас Иқбол таъкид менамояд: «Илова бар корҳои давлатӣ барои пешбурди тиҷорату санъату ҳирфа ва дуруст кардани вазъи иқтисодии мусалмонон, фақиру тиҳидастон, умумӣ кардани низоми таълими санъатӣ ва барқарор кардани ташхиси исломии миллати мусалмонон, як дорулилми марказии исломӣ лозим аст». Дар бораи ташкил ва эҷоди дорулилми марказии исломӣ мегӯяд: «Дар Ҳиндустон эҷоди донишгоҳи исломӣ барои амри дигаре низ бениҳоят зарурӣ мебошад. Албатта, бояд дар назар дошт, ки кори тарбияти ахлоқи мардуми моро касоне анҷом медиҳанд, уламою воизоне ҳастанд, ки салоҳияти анҷоми ин корро надоранд, барои он ки огоҳӣ ва ошноии онҳо бо улуму таърихи исломӣ бениҳоят маҳдуд аст. Барои тадрису таълими ахлоқ, мазҳаб ва талқини усули он як хатиб бояд муҷаҳҳаз ба илми таъриху иқтисод ва дигар улуми иҷтимоӣ бошад. Ҳамчунин аз ҳақоиқи онҳо ошноӣ дошта бошад. Илова бар он, дар адабу фикру тахайюли миллати худ иҳотаи комил дошта бошад. Мадориси Аннудӯҳ, Девбанд ва Коллеҷи Алигарҳ, ки дар мавриди ҷудогона кор мекунанд, эҳтиёҷоти комили ин амри бузургро наметавонанд бароварда созанд. Барои шерозабандии ин қудратҳои парокандаи омӯзишӣ як дорулулуми басе бузург бо аҳдофи васеътар ба вуҷуд ояд, ки дар он ҷо нафақат афроди миллат битавонанд истеъдодҳои махсуси худро нашъунамо диҳанд ва пешрафт намоянд, балки барои тамаддун ва фарҳанг як қолаб ва барнома дуруст кунанд, ки дар он мусалмонони Ҳиндро метавон сару сомон дод».

Аз мутолеаи ин мақола маълум мегардад: замоне, ки бештар роҳнамоёни сиёсии нимҷазира дар доираи маҳдудиятҳои фикрии хеш ба сар мебурданд, Иқбол дар усули миллияти ислом масоил ва мушкилоти мусалмононро таҷзия намуда ва ҳалли онҳоро дар пеши роҳи миллат гузошт.*

Қабл аз назар додан дар бораи мақолаи «Фикри сиёсӣ дар ислом», лозим аст авзои мусалмонони ҷаҳонро дар он замон пеши чашм оварем. Дар он вақт мусалмонони Ҳинд ҷиҳати барқарорӣ ва зинда нигоҳ доштани хилофат дар Туркия бениҳоят талош мекарданд. Вале дар Туркия «Ҳизби туркони ҷавон» ё «Анҷумани иттиҳод ва тараққӣ» пас аз поёни ҳукумати Султон Абдулҳамид муваққатан ҳукумати қонуниро тасвиб кардаю ташкил дода буд.

Ҳамчунин дар Эрон низ, пас кӯшишҳою талошҳои фаровон, подшоҳи Эрон дар баробари машрутахоҳон таслим гардида, қонуни асосиро ба иҷро гузошта буд.

Дар қисмати муаррифии ин мақола, пас аз он ки Иқбол дар бораи ҳукумати маврушӣ дар қабоили араб ва дар замони ҷоҳилият сухане ба миён оварад, менависад:

«Аз асари зоти муқаддас – Паёмбари ислом ва таълимоти ҳамагири вай қабоили араб муттаҳид шуданд ва мутаффиқан ба сурати як миллати густурда ба по хостанд». Сипас, Иқбол дар бораи замони ҳукумати хулафои рошидин назари худро баён мекунад. Вай мегӯяд: «Дар ибтидои густариши ислом, ин усули сиёсӣ мавриди қабул воқеъ шуд, ки бар тибқи таълимоти исломӣ, иқтидори сиёсӣ бояд дар дасти авомуннос бошад ва бидуни ризоияти иҷтимоии онҳо, ҳеҷ навъи ҳукумат ва ҳокимият имконпазир нест. Дар ин бора ба назари вай ду нукта дорои аҳаммияти асосӣ мебошад: аввал он, ки «дували муштараки мусалмонон» (Muslim Common Wealth) мубтано бар ин усул аст, ки дар назари қонуни исломӣ ҳам мусалмонон аз ҳар лиҳоз баробар ҳастанд. Дуввум он ки таҳти қавонини исломӣ мазҳабу ҳукумат (сиёсат) ҳеҷ гуна имтиёзу дугонагӣ надоранд.

Барои тавзеҳи нуқтаи аввал менависад: «Ҳадафи сиёсии ислом ин аст, ки тамоми нажодҳо ва миллатҳоро ҷамъ карда, як уммат ташкил шавад».

Аз пайи эҳёи дин маъмур кард,
Баҳри таҷдиди яқин маъмур кард.

Дар сафи шоҳаншаҳон яктостӣ,
Фақри ӯ аз турбаташ пайдостӣ.

* Боядат оҳанги тасхири ҳама,
То ту мебошӣ фарогири ҳама.

Ҳар ки аз қайди ҷиҳот озод шуд,
Чун фалак дар шаш ҷиҳат обод шуд.

Дар назари ислом «миллият» ба худии худ ҳадафи ниҳоии пешрафти сиёсӣ намебошад. Зеро усули умумии қонуни асосӣ бар фитрати инсонӣ вазъ шудааст, на бар хусусиёти миллат ё қавм. Пас, пайванди ботинии чунин миллат на метавонад бар як нажод мунҳасир бошад ва на бар маҳудидятҳои ҷуғрофиёӣ ва маҳаллӣ ва на бар иштироки забон ва ё яксон будани суннатҳои иҷтимоӣ, балки инҳисори он мабно бар ваҳдати ҳадафи сиёсӣ ва динӣ мебошад. Дар назари Иқбол чунин миллате ватанаш ҳамаи ҷаҳон аст.

Дар ташреҳи нуқтаи дуввум менависад: «Аз назари ислом мазҳаб ва ҳукумат як усули воҳид аст, то он ҷое, ки умури дунявӣ (secular) марбут ба қавонини исломӣ аст, тасвиру ташреҳи он ба ӯҳдаи вукалои варзида гузошта шудааст. Пас, ин амр дуруст аст, ки тамоми қолаби қонуни асосӣ ва қонунгузорӣ дар суратҳои амалӣ ва интизомӣ тавассути қуззот сохта шудааст. Дар оини ислом вазифаи қонунсозию қонунгузорӣ ба вукало супурда шудааст. Аммо агар масъалае комилан ҷадиду нав пайдо шавад, ки барои ҳалли он дар қонуни исломӣ ҳеҷ гуна тавзеҳе дода нашудааст, он гоҳ иҷтимои уммат ба сурати як маъхази қонунӣ дармеояд».

Пас аз он Иқбол назарияи хилофатро бар тибқи назари аҳли суннату ҷамоат ва фақеҳ – Шофеӣ Алмовардӣ,[*] ки дар қарни XI мезистааст ва китоби «Аҳком-ус-Султония»-ро таълиф намуда буд, тавзеҳ медиҳад. Ин бахши мақола таҳқиқӣ ва пажӯҳишӣ аст. Аз мутолеаи ин мақола маълум мешавад, ки илова бар «Таърихи Ибни Халдун»[**] , навиштаҳои бисёре аз дигар фуқаҳо низ мавриди мутолеаи Иқбол будааст. Сипас, дар ин маврид нуқтаи назари шиа ва фирқаҳои «Хаворичҷ»-ро баён намудааст.[***] Дар тавзеҳи назарияи шиа мегӯяд: «Дар Эрон рӯҳониён ихтиёроти шоҳро маҳдуд мекунанд. Агарчи шоҳ ба унвони раиси кишвар мухтор аст ва тамоми созмонҳои низомӣ ва интизомӣ таҳти назари ӯ кор мекунанд, вале тамоми ихтиёрот тобеи қавонини исломӣ мебошад. Ба ҳамин иллат, дар ислоҳоти Машрута назари фирқаҳои «Хаворичҷ»-ро ба ин сурат ироа медиҳанд, ки баъзе аз онҳо мегӯянд: «Ташкили хилофат барои мусалмонон воҷиб нест, зеро дар Қуръони Маҷид хилофат ба унвони фариза қарор дода нашудааст».

Дар поёни мақола Иқбол менависад: «Дар Қуръони Маҷид усули асосии ҳукумат бар интихоботи умумӣ қарор дода шудааст. Вале дар мавриди ташкили амалии ҳукумат тафсиру ташреҳоти онро барои баъзе аз умури дигар раҳо кардаанд. Бадбахтона, пешрафти усули асосии интихобот бар хутуту хатти машйи холиси ҷумҳурӣ рушд накард. Ба ҳамин сабаб, мусалмонони фотеҳи Осиёӣ барои пешрафти сиёсӣ натавонистанд ҳеҷ коре анҷом диҳанд». Сипас, дар бораи маълумоти ҷадиди сиёсӣ дар олами ислом назар медиҳаду мегӯяд: «Имрӯз бар асари назариёти сиёсии Ғарб дар кишварҳои исломӣ аз нав осори зиндагии сиёсӣ падидор шудааст. Миср ба иллати ғалабаи Британия ниёзи зиндагии ҷадиди сиёсиро оғоз кардааст. Эрон қонуни асосиро аз шоҳи худ гирифтааст. Дар Туркия низ ҳизби «Туркони ҷавон» барои таҳсили аҳдофи худ талош мекунанд, вале барои ин муҳассилони сиёсӣ бисёр лозим аст, ки усули ойини исломро бадиққат мутолеа намоянд ва фақат ба унвони паёмбарони фарҳангу тамаддуни ҷадид, рӯҳи кӯҳнагароии авомро маҷрӯҳ насозанд. Онҳоро таҳти таъсир қарор додан мушкил нест, зеро муслеҳони миллат метавонанд ба осонӣ собит намоянд, ки назариёти озодии сиёсӣ, ки онҳо ба зоҳир аз Аврупо

---

[*] Алӣ Алмовардӣ – Абӯҳасан бинни Муҳаббат бинни Ҳабибулбасрӣ (362-450 ҳиҷрӣ) аз аозими фуқаҳои Шофеия дар Басра мебошад, ки аз шогирдони Шайх Абӯҳомид Асфароянӣ дар Бағдод аст. Китоби маъруфи ӯ «Ал-ҳовӣ» аст.

[**]Абузайд Абдураҳмон бинни Муҳаммад Ҳазрамӣ (732-808 ҳиҷрӣ) дар Тунис мутаваллид шуд. Китоби таърихи вай мавсум ба «Китоб-ул-ибар» ва «Девон-ал-мубтадо в-ал-хабар фи айём-ул-араб в-ал-барбар» мебошад. Муқаддимаи он дар бораи ҷомеаи исломӣ ва таърихи дували исломӣ аст ва метавон онро асаре дар фалсафа, таърих ва ҷомеашиносӣ ва равиши таълифи таърих ба шумор оварад.

[***] «Хаворичҷ» – гурӯҳе аз мусалмонон буданд, ки алайҳи ҳукмфармоии ашрофии Умавӣ алами мухолифатро бардоштанд ва пас аз ҷанг аз Ҳазрати Алӣ ҳам ҷудо шуданд.

орият гирифтаанд, дар ҳақиқат, ҳамон таассуроти исломӣ мебошад ва иҷрои амалии онҳо хостҳои машрӯъ (шаръӣ)-и мусалмонон аст».

Дарки афкору хаёлоте, ки Иқбол дар ин мақола ироа додааст, бисёр зарурист, зеро бо тасвири ҳукумат дар ислом ва рушди фикрии Иқбол, ки баъдан ба он ноил шуд, вобастагию робитаи амиқ дорад. Иқбол дар ин маврид баҳсе накардааст, ки ба назари фалсафаи мусалмонон тасвири ҳукумати исломӣ ва назариёти ҳукумат дар миллатҳои дигар бо якдигар чӣ фарқе дорад. Масалан, дар назари Форобӣ,* аввалин фариза ҳар ҳукумату давлат таъмини рифоҳу хушҳолӣ ва саодат барои мардуми худ мебошад. Дар назари юнониҳо таҳсили саодат дар ҳамин дунё мерос аст. Тибқи ақидаи масеҳиён, ин амнияту хушҳолӣ фақат дар охирату қиёмат метавонад ба даст ояд. Вале дар ҳукумату давлати исломӣ ақидаи саодати тавъам мавҷуд аст, яъне барои ҳукумати исломӣ ҳам дар ин ҷаҳон фароҳам намудани васоили саодат фарз аст ва ҳам дар охират. Барои таҳсили саодати ухравӣ (ондунёӣ) ин масъулият ба ӯҳдаи ҳукумат аст, ки мардумро барои он саодат омода созад. Ба ақидаи Ибни Халдун миёни ҳукумати исломӣ ва ҳукумати бидуни дин фарқи асосӣ ин аст, ки ҳукумати исломӣ тобеи қонуни илоҳӣ аст. Вале ҳукумати бидуни дин ё дунявӣ бар қонуни инсонҳо қарор дорад. Форобӣ** таҳти таъсири фалсафаи юнонӣ, ба вижа, тасвироти сиёсии Афлотун*** «Подшоҳи фалсафа» қарор дошт, бинобар ин, ба ақидаи ӯ ҳукумати исломии идеалӣ (Ал-Мадинат-ул-фозила) ҳамон буд, ки паёмбари ислом ба унвони «Паёмбари имом»**** ташкил дода буд. Мардум таҳти он ҳукумат хушбахт буданд, зеро ҳақиқатан онҳо аз саодати музоаф бархурдор буданд.

Иқбол вориди ин баҳс ҳам нашуд, ки ташкили хилофат ё тавотири он дар Туркия ва барқарор нигоҳ доштани он фаризае барои мусамонон мебошад, ё не? Шояд мутолеаи авзои сиёсӣ дар салтанат ё хилофати Туркия ва навоҳии дигари зери салтанати онон, бар Иқбол равшан карда буд, ки ояндаи хилофат ба хатар афтодааст.***** Бинобар ин, асоси иттиҳоди мамолики исломӣ ба ҷойи хилофат бар усули дигаре иҷтинобнопазир ба назар мерасид. Вале дар замоне, ки ин мақола навишта шуд, кишвари Туркияро барои иттиҳоди исломӣ мазҳари хориҷӣ мепиндоштанд.

Дар ин мақола ироаи баъзе аз афкор қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Масалан, ин ки дар Қуръони Маҷид усули асосии ҳукумати исломӣ бар интихоб қарор дода шудааст, агарчи ташкили ҳукумати амалӣ ва тафосири он бар умури дигаре муҳаввал шудааст. Ё ин ки дар оини ислом қонунсозиро ба вукало вогузор кардаанд. Қолаб ва қонуни ислом чӣ амалӣ ва чӣ интизомӣ сохта ва пардохтаи вукало ва қуззот аст. Ба илова, Иқбол барои ҳукумати исломӣ истилоҳи «дували муштаракаи мусалмонон»-ро ба кор мебарад.

---

* Абунаср Муҳаммад бинни Тархони Форобӣ (260-339 ҳичрӣ) дар Фороб мутаваллид шуд. Машҳур ба «Муаллими сонӣ» ва аз фалосифаи бузурги ислом аст. Дар фалсафаю мантиқ ва мусиқӣ осори бисёр дорад. Дар Шом даргузашт. «Эҳзоъ-ул-улум» аз кутуби мӯътабари ӯст. Китоби «Ал-мусиқӣ-ул-китоб»-ро нигошт. Гӯянд, сози қонунро ӯ ибдоъ кардааст.

** Миёни обу гил хилват гузидам, Накардам аз касе дарюзаи чашм,
Зи Афлотуну Форобӣ буридам. Ҷаҳонро ҷуз ба чашми худ надидам.

*** Афлотун (428-348 пеш аз милод) мутааллиқ ба хонаводаи ашрофии аҳли Отан буд. Дар ҷавонӣ шогирди Суқрот шуд. Сафарҳои дуру дарозе кард. Дар соли 388 қабл аз милод ба Отан бозгашт ва дар боғи Академис Паҳлавон мактаби фалсафӣ эҷод кард, ки ба номи «Окодамӣ» машҳур шуд. Тарзи фикри Афлотун ҷанбаи сиёсӣ дорад, ки дар китоби «Ҷумҳурият»-и худ онро баён менамояд. Ин китоб равиши зимомдорӣ намеомӯзад, балки сиёсатро василае барои пай бурдан ба арзишҳои башарӣ медонад.

**** Паёмбаре, ки роҳбари мазҳабӣ ва роҳбари сиёсӣ тавъаман буд.

***** Араб худро ба нури Мустафо сӯхт, Валекин он хилофат роҳ гум кард,
Чароғи мурдаи Машриқ барафрӯхт. Ки аввал мӯъминонро шоҳӣ омӯхт.

Ҳақиқат ин аст, ки дар он замон низ Иқбол монанди Ибни Тайимия* тасвири исломии ҳукуматро бар мабнои ду усул, яъне миллат ва қонуни исломӣ устувор карда буд ва ба усули хилофат зиёд аҳаммият надода буд. Дар Қуръони Маҷид ва аҳодиси набавӣ барои мусалмонон дастури асосии ҳатмӣ ё тафсилоти ҳукуматӣ дода нашудааст ва чунин идоротеро миллат бар тибқи хостаҳои худ метавонист ташкил бидиҳад. Ба ҳар ҳол, ин идорот наметавонист доимӣ бошад, зеро онҳо ба иллати эҳтиёҷоти сиёсии мутағаййири худ пойбанди қонуни тағйир буданд. Ҳадафи аслии ислом ташкили чунин як миллате буд, ки мехост мутобиқи қонуни шариат зиндагӣ кунад. Бинобар ин, барои иҷрои қонуни шариат ин ихтиёр ба уммат дода шуд, ки тибқи хостаҳои худ низоми ҳукуматеро интихоб кунанд, ки битавонад ниёзҳои худро бароварад. Ниёзи хилофат** дар мавқеи он Ҳазрат (с)*** пеш омада буд, зеро барои бақои низоми иҷтимоии ҷадид бидуни доштани роҳбари интизомӣ чораи дигар набуд. Ба ақидаи аҳли суннату ҷамоат, паёмбари ислом аз роҳи маслиҳат ҷонишини худро таъйин накарда буд. Пас, ташкили хилофатро фуқаҳои баъдӣ бинобар авзоъ як зарурати ақлӣ қарор доданд. Бештари фуқаҳо дар ин масъала иттифоқи назар доранд, ки халифаи муслимин бо ризояти мардум интихобу таъйин гардад. Агарчи дар Қуръони Маҷид дар бораи асли асосӣ қарор додани интихоб барои ҳукумат ҳеҷ ояе ба вузӯъ наомадааст, боз ҳам метавон гуфт: –Рӯҳи аҳкоми Қуръонӣ мутобиқ бо ҳамин тасаввуру ақида аст.

Агарчи дар ибтидои даврони хилофати Рошидин (632-661 милодӣ – 11-41 ҳичрӣ) интихобу интисоби ҳарду дида мешавад, вале наметавон аз ҳақиқат чашм пӯшид, ки дар ислом барои ҳокимияти ҳирсӣ ҳеҷ ҷое вуҷуд надорад ва раъйи оммаро барои таъйини халифа ба ҳар наҳве, ки буд, усули асосӣ қабул карданд. Аммо ин давраи ҷумҳурият фақат то сӣ сол дар Мадина барқарор монд.

Аз соли 661 милодӣ (14 ҳичрӣ) тасаввури хилофат дигаргун шуд. Дар замони хилофати хулафои Умавӣ (661-750 милодӣ – 14-132 ҳичрӣ) ин ҳукумат дар Димишқ шакли подшоҳии хонадонии ирсиро ихтиёр кард, агарчи дар зоҳир амали интихобу интисоб побарҷо монда буд. Ин замонро Иқбол дар навиштаҳои баъд ба унвони «Истеъмори арабӣ» ёд мекунад. Дар даврони хилофати Аббосӣ (750-1258 милодӣ – 132-656 ҳичрии қамарӣ) натанҳо дар Бағдод ин хилофат либоси малукияти эрониро пӯшид, балки ваҳдати он низ аз миён рафт. Дар ин ҷо исломи ғарбӣ, яъне дар Андалус (Испания) як ҳукумати озоди умавӣ ташкил гардид. Сипас, дар Африқои Шимолӣ хонаводаҳои Идрисӣ, Фотимию Ағлабӣ ҳукуматҳои озодро ба вуҷуд оварданд. Фотимиён илова ба Миср, бар саросари Африқои Шимолӣ, Шом, Яман ва Ҳиҷоз муставлӣ шуданд. Хонаводаи Фотимӣ аз лиҳози ақида шиа буд. Вақте Ҳарамайни Шарифайн (Макка ва Мадина) ба тасарруфи онҳо даромад, дар Қартаба амир Абдураҳмони севвум лақаби Халифаро ихтиёр намуд. Бинобар ин, дар қарни Х милодӣ се хилофати мутазоду мухолиф бо якдигар ба вуҷуд омада буд, ки мақарри хилофати онҳо Бағдод, Қоҳира ва Қартаба буд.

Дар қуруни Х, ХІ, ва ХІІ-уми милодӣ метавон инҳитоти чанд хонаводаро мушоҳида кард. Хилофати Умавӣ дар Испания дар соли 1037 милодӣ ба поён расид ва имомати Фотимӣ низ ба дасти Салоҳиддин дар соли 1171 милодӣ барчида шуд.****

---

* Тақиддин Абуаббоси Аҳмад (Имом, 661-728 ҳичрӣ) дар наздики Димишқ ба дунё омад. Дар 20-солагӣ табқи фиқҳи Имом Ҳанбал таҳсилоти хешро ба поён расонд. Дар соли 691 ҳичрӣ ба Ҳаҷ рафт. Дар Қоҳира ва Димишқ таблиғи дин анҷом дод. Чандин маротиба асир шуд. Дар Қалъаи Димишқ вафот ёфт.

** Хилофат бар мақоми мо гувоҳест, Малукият ҳама макр асту найранг,
Ҳаром аст, он чӣ бар мо подшоҳист. Хилофат ҳифзи номуси илоҳист.

*** Таърихи вафоти Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро аксар муаррихони ислом душанбеи дувоздаҳуми рабеъулаввали соли ёздаҳуми ҳичрӣ навиштаанд (ҳафтуми июли 632 милодӣ), вале муҳаддисони шиа реҳлати он Ҳазротро бистуҳаштуми сафар, яъне дуюми рабеъулаввали он сол медонанд.

**** Салоҳиддин Аюбӣ – яке аз шахсиятҳои барҷастаи ҷангҳои салибӣ ба шумор меравад. Вай бар хилофи соир мусалмонон бо исавият коре надошт. Салоҳиддин сарбози далер буд. Вай дар соли 1169

Кашмакашиҳои мутаволии иттиҳоди байни умаро ва хилофати Бағдод, дар ислом тасаввури ҳукумати салтанатиро ба вуҷуд овард. Чандин султон озод шуд. Навоҳӣ ва манотиқи гуногуни ҷаҳонӣ исломро мутасарриф шуданд. Ба ҳар ҳол, фуқаҳои қарнҳои X-XII милодӣ барои бар по нигоҳ доштани иттиҳоду ваҳдати қонунии Бағдод фатво доданд, ки аз лиҳози қонуни исломӣ ҳар султон метавонад бар мансаби худ барқарор монад, дар сурате, ки аз халифаи Бағдод санаде дуруст дошта бошад ва тибқи қонуни «Шариати исломӣ» амал кунад. Чунин санадро аввалин бор дар таърихи нимҷазира Султон Шамсиддин Илтутмиш* дар соли 1210 милодӣ аз халифа Мустансирбиллоҳ** таҳсил намуд. Аммо ин кашмакаши салтанат ва хилофат билохира боиси тифоқи байни мусалмонон шуд. Дар соли 1258 милодӣ муғулон бар Бағдод ҳамлавар шуданд ва халифа Мустаъсимбиллоҳро кушта, хилофати Бағдодро музмаҳал намуданд.***

Аз соли 1258 милодӣ то соли 1261 милодӣ ба муддати се сол дар ҳеҷ кишваре аз ҷаҳони ислом халифа вуҷуд надошт. Фақат ҳукуматҳои озоди мусалмон буданд. Вале дар соли 1261 милодӣ салотини мамлук дар Қоҳира хилофатро эҳё карданд. Пас, аз соли 1261 то соли 1517 милодӣ ба истилоҳ халифа дар Қоҳира хилофатро дар даст дошт. Дар нимҷазираи Ҳинд салотине монанди Маҳмуд Туғлақ**** ва Фирӯз Туғлақ***** дар қарни XIV милодӣ аз халифаи Қоҳира чунин санаде дарёфт карда буданд. Вале салотини муғул, ки дар қарни XIV ва XV-уми милодӣ мушарраф ба ислом шуданд, ҳаргиз хилофати Қоҳираро ба расмият нашинохтанд.

Дар соли 1517 милодӣ****** Султон Салим аввал бар кишвар даст ёфт ва халифаи мутаввакили севвумро ҳамроҳ ба Константинопол бурд. Бинобар ин, хилофат бар хонаводаи Усмонӣ мунтақил шуд. То кунун хилофати бақоӣ ба қабила ва хонаводаи Қурайш маҳдуд пиндошта мешуд, вале фуқаҳои қарни XVI-XVII ин шартро ботилу мансух донистанд. Хилофати Усмониро на шоҳони Эрон ба расмият шинохтанду на подшоҳони темурӣ дар нимҷазира, зеро онҳо низоъи хонаводагӣ доштанд. Хилофати Усмонӣ дар соли 1924 милодӣ ба дасти Мустафо Камолпошшо барчида шуд.*******

дар Миср муставлӣ шуд ва дар соли 1171 Димишқро гирифт, дар соли 1186 ҳам дар Мисру ҳам дар Сурия ба салтанат пардохт. Бо пешрафти Салоҳиддин давлати Лотинӣ ба охирин рӯзҳои худ наздик шуд. Адами ҳамоҳангӣ дар миёни лотиниҳо, ба ҷойи он ки дар муқобили хатари Салоҳиддин аз миён биравад, афзоиш ёфт ва лотиниҳо ба ду даста ҷудо шуданд. Дар соли 1187 лашкариёни Салоҳиддин салибиёнро қатли ом карданд. Дар октябри ҳамон сол ӯ Иерусалимро тасхир кард ва ба аҳолии ин кишвар иҷоза дод, ки озодии худро бо пардохти маблағе боз ёбанд ва ба саломат аз он ҷо берун раванд.

* Шамсиддин Илтутмиш (607-633 ҳичрӣ) аз ғуломони салотини Ғурӣ буд, ки силсилаи Шамсияро дар Деҳлӣ таъсис намуд.

** Мустансири Аббос (623-640 ҳичрӣ) сию ҳафтум халифаи Аббосӣ, марде илмдӯсту ҳунарпарвар буд.

*** Дар матни китоб Мӯътасим омада, ки саҳеҳ нест. Дар соли 656 ҳичрӣ дар замони хилофати Алмустаъсимбиллоҳ (640-656 ҳичрӣ) Ҳаллокхони муғул Бағдодро фатҳ кард ва давлати 525-солаи Аббосӣ ба куллӣ аз байн рафт.

**** Султон Муҳаммад бинни Туғлақ – писари Ғиёсиддин Туғлақ баъд аз падараш подшоҳи Ҳинд шуд ва солҳои 1325-1351 милодӣ салтанат кард. Ба забонҳои арабӣ, форсӣ, туркӣ тасаллут дошт ва дар ҳар забон шоир ва адиб буд. Ба илми тиб ошноӣ дошт ва дар фалсафаю риёзӣ ва нуҷум ва табииёту физика даст дошт. Подшоҳе парҳезкор ва файёз буд ва бо ҳиндувону мусалмонон рафтори яксон дошт.

***** Султон Муҳаммад Туғлақ фарзанди писар надошт. Бинобар ин, бародарзодааш – Фирӯз Туғлақ (1351-1388 милодӣ) подшоҳи Ҳинд шуд. Аммо ӯ натавонист монанди амакаш кишвари Ҳиндро идора кунад.

****** Ин таърих бисёр аҳамият дорад, зеро оғози саёдати умумии Ал-Усмон маҳсуб мешавад. Султон Салим бо вазъи қонунии махсус хештанро халифаи мусалмонон эълон кард. Аз тарафи дигар, сангинии масъулияти он боиси нобудии силсилаи мазкур гардид.

******* Мустафо Камолпошшо (1881-1938 милодӣ) дар Салоник ба дунё омадааст. Дар ҷавонӣ ба хидмати низомӣ даромад. Пас аз ҷанги ҷаҳонӣ ва шикасти императори Усмонӣ мардуми кишварашро ба ҷунбиш во дошт. Дар октябри соли 1923 таъсиси ҷумҳурии Туркия аз тарафи маҷлис тасвиб ва эълом гардид. Ва Ғозӣ Мустафо Камолпошшо – намояндаи Анқара ба унвони нахустин раиси ҷумҳурии Туркия ба иттифоқи овоз интихоб шуд. Яке аз иқдомоти муҳими вай ҳазфи алқоб ва

Бо баррасии мухтасар маълум мешавад, ки хилофат дар як ҳазору чорсад соли гузашта бо авзои мутағаййири сиёсӣ ба ашколу сувари гуногун даромад. То садҳо сол хилофату салтанат ба якдигар мамзуҷ (омехта) буданд. Сипас, салтанат аз хилофат комилан ҷудо шуд. Ва салтанату хилофат низои дохилӣ миёни худ пайдо карданд. Дар натиҷа хилофат шикаст хӯрд. Сипас, зери чатри ҳимояти салтанат, хилофат дубора зинда шуд. Вале, билохира, дар салтанат идғом шуда, маҳв гардид. Таърихи ислом гувоҳ аст, ки гарчи авзоъ ва ҳаводиси сиёсӣ олами исломро тика-тика карда буд, вале дар тамоми ин муддат фуқаҳо талош мекарданд, ки барои пур кардани шикофи миёни усулу ҳақиқат истидлолоти қонуние вазъ ва ироа намоянд, ки бо он ташхису ҳуввияти миллати исломӣ барқарор бимонад.

Бо ин собиқа дарк кардани ин матлаб бисёр осон мебошад, ки Иқбол вақте ҳукумати исломиро бунён кард, чаро истилоҳи дували муштаракулманофеи исломӣ (дували муштарака)-ро ба кор бурдааст? Ва ё ба назари вай аз чӣ лиҳоз ҳама ҷаҳон ватани уммати исломӣ буд?* Бояд гуфта шавад, ки тасаввури мамлакати исломӣ бо тасаввури мамлакати ғарбӣ фарқ дорад. Тибқи тасаввури ғарбӣ мамлакат дорои се хусусиёт аст: аввал он ки комилан мустақилу худмухтор бошад, дуввум он ки муштамал бар миллияти хосе бошад, севвум он ки ҳудуди марзҳои он мушаххасу муайян бошад. Вале дар мамлакати исломӣ ҳокимияти аслӣ ва воқеӣ аз они Худост. Бинобар ин, комилан мустақилу худмухтор нест. Он мамлакати муштамал бар миллияти махсусе нест, зеро байналмиллал аст, ё бо идғоми миллиятҳои мухталиф ташкил шудааст. Ва он гаҳе ҳадду марзе барои он наметавон мушаххас ва муайян кард. Зеро он мамлакати ҷаҳонӣ аст.

Ба ҳар ҳол, дар ин марҳалаи рушди фикрӣ таъкиди бештари Иқбол барои пешрафти тасаввури мамлакати исломӣ ва ҳукумати исломӣ буд. Ба ҳамин иллат вай барои ташреҳи қонуни исломӣ муҷаддадан бар ниёзи иҷтиҳод исрор меварзид. Дар масъалаи иҷтиҳод, алоқаи ӯ аз соли 1904 милодӣ машҳуд буд. Ба хотири он ки, ба назари вай, сохтмони миллати исломӣ, бидуни тафсири ҷадиди қонуни исломӣ ғайримумкин буд.

Ба ақидаи Иқбол, тасаввури ҳаёти исломӣ мутаҳаррик буд. Бинобар ин дар назари уламои муртаҷеъ ҳеҷ арзишу аҳаммият надошт, ки тасаввури ҳаёти исломии онҳо ҳомид ва ғайримутаҳаррик бошад. Шояд ба ҳамин иллат вай, билохира, таърифи куҳан ва суннатии иҷтиҳодро ба таври куллӣ накарда буд.** Ӯ ҳамеша дар таърифи он ба унвони ҳаракат дар ҷомеаи исломӣ ном бурда буд. Дар мавзӯи иҷтиҳод вай аксаран бо уламое, ки онҳоро мешинохт, баҳсу гуфтугӯ мекард. Дар ин бора низ вай мақолае ба забони англисӣ таҳти унвони «Иҷтиҳод дар ислом» дар ҷаласае ба раёсати Сэр Абдулқодир, ба таърихи 14 декабри соли 1924 дар толори Ҳабибияи донишкадаи исломии Лоҳур хонд.[9]

Вале нақли онро маҳфуз нигоҳ надоштанд. Мумкин аст, ҳамин мақола бо изофоти ҷадид дар соли 1930 дар сафари Ҳинди Ҷанубӣ (Ҳайдаробод) хонда шуда бошад.

Аз навиштаҳои Иқбол, ки баррасӣ шуд, метавон донист, ки вай нахустин шахсият аз миёни муосирони номвари худ буд, ки пас аз пазируфтани ақида ва

имтиёзоти расмии даврони Усмонӣ буд, ки ба мӯҷиби он куллияи удабои кишвар мебоист номи хонаводагӣ интихоб намояд. Бинобар ин Маҷлиси кабири миллӣ номи хонаводагии Отатурк (падари турк)-ро барои Мустафо Камол таъйин намуд. Дар севвуми марти 1924 мақоми хилофат аз тарафи маҷлиси кабир ҳазф гардид.

* Ториқ чу бар канори Андалус сафина сӯхт,
Гуфтанд: кори ту зи нигоҳи хирад хатост.
Хандиду дасти хеш ба шамшер бурду гуфт:
Ҳар мулк мулки мост, ки мулки худои мост.
(Ториқ бинни Зиёр – сардори фотеҳи исломии Андалус)

** Иҷтиҳод андар замони инҳитот,
Қавмро бар ҳам ҳамепечад бисот.

назарияи миллияти исломӣ, тасаввури миллияти мухталит дар Ҳиндустонро барои ҳамеша раҳо кард. Агарчи раҳбарони сиёсии мусалмонони тарафдори Сэр Сайид Аҳмадхон ҳамеша аз Кунгура дур монданд, вале дар назари онҳо ҳеҷ гуна назарияи мусбат аз миллияти ислом вуҷуд надошт. Аз сӯйи дигар, дар миёни роҳбарони сиёсии мусалмонони ҷавон, бартарии ҳимоят аз миллияти муттаҳидаи ҳиндӣ рӯз ба рӯз афзун мешуд. Онҳо мехостанд иттиҳод ва оштии самарабахше бо ҳиндувон дошта бошанд, то ин ки Мавлоно Шиблии Нӯъмонӣ низ миёни онҳо ва ба унвони пуштибони онҳо даромад, вале Иқбол ҳамеша бар ҳадафи худ побарҷо буд. Иқбол бо сиёсати амалӣ ҳеҷ робитае надошт. Вай дар авоили зиндагиаш ҳам, ки пуштибони ҷиддии миллияти муттаҳидаи ҳиндӣ буд ва эҳсоси меҳанпарастӣ дошт, дар Кунгура ширкат накард. Ӯ ҳамеша Ҳиндустонро ватану меҳани ақвому миллатҳои гуногун мепиндошт.* Дар замони сукунат дар Аврупо инқилоби фикрӣ дар вай падид омад, ки фикрашро комилан ба сӯйи ислом баргардонд. Ин ҳам мумкин аст, тазоҳуроти ҳиндувон дар бораи радди тақсими Бангола низ боиси инҳирофи вай аз тасаввури миллияти муттаҳида шуда бошад. Ба ҳар ҳол, дар декабри соли 1911 дар Конфронси омӯзишӣ ва илмии мусалмонони саросари Ҳиндустон ба гардани Иқбол ҳалқагуле овезон карданд. Аз ин расм равшан мешавад, ки дар давраи яъсу ноумедӣ ва бебарномагии илмӣ Иқбол дар назари мусалмонони таҳсилкардаи нимҷазира чӣ қадру манзалате дошт.

Иқбол дар ҷаласоти «Анҷмуани ҳимояти ислом» ё дар мавқеи дигар, дар бораи ислом суханронӣ кард ё мақола хонд. Вай бо баёноти мутааддид афкори худро ироа дода буд, ки зикри онҳо дар мавқеи муносибе хоҳад омад. Вале як ёддошти вай ба забони англисӣ, ки дар таърихи 4 июни соли 1925 ба сурати номае барои Соҳибзода Офтоб Аҳмадхон, муовини Конфронси илмии мусалмонони тамоми Ҳиндустон (баъдан раиси Донишгоҳи Алигарҳ шуд) фиристод, бисёр ҷолибу қобили таваҷҷӯҳ мебошад.[10] Дар донишгоҳи Алигарҳ барои мутолеаи улуми исломӣ қарор буд як бахши ҷадид бад-ин манзур ташкил шавад. Соҳибзода Офтоб Аҳмадхон дар ин замина баъзе аз пешниҳодҳоро мураттаб намуда, назди Иқбол фиристод. Дар ин навиштаҳо Иқбол бо назардошти ниёзҳои ҷадиди замонӣ, дар мавриди аҳдофи улуми исломӣ афкори худро иброз кард.

Баъзе аз ноқидони Аврупоӣ исрор меварзанд, ки Иқбол тасаввури инсондӯстии ғарбиро бо ислом мунтабиқ сохтааст. Иқбол ҳеҷ вақт арзиш ва равиши ахлоқии инсонро инкор нанамудааст.** Зеро аз ривоҷи ин ақида ва назария мақсудаш хотимаи таассуб ва тангии башарӣ буд. Вале дар назари Иқбол рӯҳи башардӯстии ғарбӣ фардӣ буд. Гӯё ин як тамоили фикрӣ аст, ки ба таври иҷтимоӣ мақсуди иттиҳоди башариро дар бар надоштааст. Бинобар ин, инсондӯстӣ ба номи як наҳзате ба худии худ наметавонист барои сохтмони ҷомеаи байналмиллалӣ ва ҷаҳонӣ василае бошад. Ба ҳар ҳол, аз ин навишта равшан мегардад, ки дар назари Иқбол инсондӯстӣ дар Аврупо то ҳадди зиёде натиҷаи қудратҳое буд, ки аз фикри исломӣ баҳрабардорӣ гардида буд. Бинобар ин, мегӯяд:

«Мегӯянд, дар Аврупо заволи сиёсии ислом бадбахтона дар мавқее намоён гардид, ки файласуфони мусалмон ин эҳсосро пайдо карда буданд, ки улуми истинтоқӣ бемаънӣ ҳастанд. Вақте онон ба сӯйи улуми истиқроӣ моил шуданд, дар ҷаҳони ислом наҳзати ақлӣ амалан аз он вақт поён пазируфт. Ва Аврупо аз самароти фикрии ҳукамои исломӣ шурӯъ ба истифода кард. Дар Аврупо наҳзати эҳсоси инсондӯстӣ то андозаи зиёде натиҷаи он нерӯҳо буд, ки бар асари ислом буруз карда буд. Гуфтани ин матлаб ҳаргиз муболиға нахоҳад буд, ки самарае аз эҳсоси навъе

---

* Дигаргун кишвари Ҳиндустон аст,
Дигаргун он замину осмон аст.

Маҷӯ аз мо намози панҷгона,
Ғуломонро сафоро гарон аст.

(Армуғони Ҳиҷоз).

** Равиши ахлоқии инсон – ба маънои гуманизм аст.

дӯстӣ дар Аврупо падидор гашт ва билохира, ба сурати фалсафа ва улуми ҷадид даромад. Онро аз чанд назар метавон тавсеаи фарҳангу тамаддуни исломӣ ном ниҳод. Ин ҳақиқатро на аврупоиён медонанду на мусалмонон. Зеро осори бузурге, ки аз ҳукамо ва файласуфони мусалмон ба ҷо мондааст, то имрӯз дар китобхонаҳои Аврупо ва Осиёю Африқо ба сурати мунташирнашуда ва парокандае боқӣ мондааст. Мусалмонони ин давра дар ҳолати беилмӣ ва бехабарӣ ба сар мебаранд. Зеро фикр мекунанд, он чи аз фарҳангу тамаддуни исломӣ ва худи онҳо ба вуҷуд омадааст, ғайриисломӣ мебошад.

Масалан, агар як файласуфи мусалмон бидонад, ки амсоли назариёти Эйнштейн дар маҷолиси исломӣ баҳсу гуфтугӯ ва таҳқиқ мешудааст (Абулмаолӣ,* ки гуфтаи ӯро Ибни Рушд** нақл кардааст), он гоҳ шояд назарияи феълии Эйнштейн он қадар барои онҳо бегона набошад. Ба илова, он бегонагӣ, ки аз мантиқи ҷадид истиқрое дорад, то андозаи зиёде аз он кам гардад. Он гаҳ ӯ хоҳад фаҳмид, ки ҳамаи низоми мантиқи ҷадид аз эътирозоте ба вуҷуд омадааст, ки бо он мантиқи истихроҷии Арастуро мавриди интиқод қарор дода буд.

Дар назари Иқбол он чи зарур буд, он буд, ки барои донишгоҳи исломии уламо чунин муҳаққиқоне тарбият кунанд, ки бо иҳота бар фалсафаи исломӣ дастрасии комил ба фалсафаи ҷадид пайдо намоянд. Зеро барои ахзу ҷазби улуми ҷадид фақат ин афрод метавонанд мусаммири самар бошанд. Ҳамчунин омода сохтану тарбият кардани он уламо низ бисёр зарурӣ мебошад, ки дар риштаҳои мухталифи улум ва барои таҳқиқу пажӯҳиш дар фиқҳи исломӣ муносиб бошанд, касоне, ки дар риштаҳои мухталифи афкору адабиёти исломӣ бо таҳқиқоти худ дар миёни улуми ҷадиду фарҳанги исломӣ ба унвони ҳаёти фикрӣ ҷустуҷӯ намоянд.

Дар бораи мутолеаи илоҳиёт менависад:

«Нахустин ҳадафи мо тарбияти уламое бо сифоти муносиб аст, ки эҳтиёҷоти рӯҳонии миллат ва умматро битавонанд бароварда созанд. Вале аз нуқтаи назари уммат ва миллат, арзишҳои рӯҳонӣ ҳамроҳ бо зиндагӣ ва ниёзҳои рӯзмарраи инсонӣ мураттаб тағйир мекунад. Арзиши фард ва озодии фикрии ӯ пешрафти номутаноҳии улуми табиӣ ва ғайра, дар ҳамаи ин чизҳо тағйир дода, ки асоси зиндагии ҷадидро мутағаййир сохтааст. Бинобар ин, илми каломи дин, ки дар замонҳои қадим барои таскини қалби як мусалмон кофӣ будааст, имрӯз итминонбахш нест. Аз гуфтани ин суханон мақсуд ҷареҳадор кардани рӯҳи мазҳаб нест, балки ба даст овардани маҷду умқи иҷтиҳод мебошад. Бинобар ин, сохтмони маҷду фикри динӣ ба таври қотеъ лозим аст. Зеро монанди бисёре масоили дигар, нигоҳи ояндонигари Сэр Сайид ҳам ба ин масъала нарасида буд. Чунон ки медонед, ӯ асоси ин масъаларо ба афкор ва мӯътақидоти гузашта устувор карда буд. Мутаассифона, ман наметавонам бо дарсу нисоб (меъёр)-и пешниҳодшудаи шумо дар бораи илоҳиёт иттифоқ кунам. Ба назари ман, ташкили бахши илоҳиёт ба тарзу шеваи собиқ комилан бефоида аст. Агар мақсуди шумо ин набошад, ки таълифоти муртаҷеътарин афроди ҷомеаро пеши назар дошта бошед, то он ҷое, ки марбут ба рӯҳоният аст, метавон гуфт, ки илоҳиёти қадим мабно бар афкори фарсуда ва кӯҳна бошад. То он ҷое ки марбут ба арзиши илмӣ аст, дар вуҷуди тулӯи масоили ҷадид ва дар муқобили барномаҳои нав, масоили қадими ин илоҳиёт ҳеҷ арзише надорад. Имрӯз лозим аст, ки мардум ба сӯйи ковиши фикрии ҷадид роҳнамой шаванд ва барои ташкилу сохтмони илми каломи наву илоҳиёти ҷадид ин таҳқиқотро ба кор баранд. Бадеҳӣ аст, ки ин кор ба дасти касоне метавонад анҷом шавад, ки салоҳият ва истеъдоди онро дошта бошанд. Вале чунин

---

* Абумаолӣ Имомулҳарамайн Абдумалик бинни Абдуллоҳи Ҷувайнӣ (419-478 ҳиҷрии қамарӣ) устоди Ғазолӣ будааст. Ва Ибнии Рушд дар баъзе кутуби ӯ ҳавошӣ нигоштааст.

** Муҳаммад бинни Аҳмад машҳур ба Ибнии Рушди Андалусӣ (520-595 ҳиҷрӣ) аз атиббо ва фалосифаи машҳури исломӣ аст. Дар ҳудуди сад китоб дар улуми ақлӣ ва нақлӣ нигошта, ки бисёре аз онҳо ба забони лотинӣ тарҷума шудааст. Машҳуртарини онҳо китоби «Наҳоват-ут-таҳофат» дар радди эътирозоти Амир Муҳаммади Ғазолӣ бар Ибнии Сино мебошад.

афродро чӣ гуна метавон пайдо кард?... Ман пешниҳод мекунам, агар шумо мехоҳед, ки аносири муртаҷеи ҷомеаро мутмаин созед, он гоҳ шумо метавонед аз мадрасаи улуми қадим шурӯъ кунед. Ва ҳадафи шумо бояд ин бошад, ки ба тадриҷ он гурӯҳе аз афродро ба рӯйи кор биёваред, ки дар тибқи пешниҳоди ман худ қодир бар иҷтиҳоди фикрии хеш бошанд».

Сипас, илмияти забони арабиро барои туллоби мадориси Девбанду Нудӯҳ ба расмият мешиносад ва мегӯяд:

«Барои ба кор бастани беҳтарин маводи дарсии онҳо бояд роҳе пайдо шавад ва аз онон бояд даъват ба амал ояд, ки дар бахши ҷадиди улуми исломӣ сабти ном кунанд. Онҳоро бояд маҷбур кард, ки ҳатман дипломи англисӣ бигиранд ва барои интихоби дуруси улуми табиӣ, риёзӣ, фалсафа ва иқтисод ташвиқ шаванд, то ба афкори ҷадид ва улуми тоза ошноӣ ёбанд. Сипас, дар марҳалаи дуюм барои эроди хутбаҳои муҷтаҳидона дар бораи фирқаҳои исломӣ, ахлоқи исломӣ, фалсафаи мобаъдуттабиа, илоҳиёт, илми калом ва илми тафсир дар донишгоҳ ба онҳо узвият дода шавад. Аз миёни онон касоне, ки завқи таҳқиқоти илмии бештаре дошта бошанд, мутобиқи завқу майли онҳо таълими комили риёзии ҷадид, улуми фалсафа дода шавад. Донишҷӯёне, ки мехоҳанд дарси умумии фарҳанги исломиро бигиранд, дар дуруси онҳо бояд ҳунари исломӣ ва фанни меъмории исломӣ низ вуҷуд дошта бошад. Ҳамчунин, фалсафаи исломӣ, адабиёт, ҳунар, таърих ва илоҳиёт низ ҷузви дарсҳои онҳо бошад. Барои онон ёд гирифтани забони олмонӣ ва фаронсавӣ зарурӣ ва лозим қарор дода шавад».

Дар бораи тадрису таҳсили қонуни исломӣ чунин мегӯяд:

«Аз мадориси Девбанду Нудӯҳ афроди боистеъдод ва боҳуш бояд интихоб шаванд, ки завқи хос барои дарси ҳуқуқ дошта бошанд. Зеро қонуни Муҳаммадӣ (с) саросар мӯҳтоҷи ташкили созандае аст. Мо бояд онҳоро таълими усули фиқҳ ва қонунсозӣ бидиҳем. Шояд лозим бошад, масалан, омӯзиши ҷомеашиносӣ ва иқтисод ҳам ба онҳо дода шавад. Агар шумо мехоҳед, ба онҳо лисонс дар қонун бидиҳед, то битавонанд пешаи ваколати додгустариро ихтиёр намоянд. Баъзе аз онҳо бояд тамоми авқоти хешро вақфи таҳқиқоти қонунӣ ва ҳуқуқӣ намоянд. Баъзе аз онҳо узви донишгоҳ бошанд. Қонуни Муҳаммадӣ (с), ки дар ин кишвар ба он амал мешавад, шеваи он бениҳоят таассуфангез аст. Баъзе мушкилот тавре аст, ки фақат метавон ононро бо ташкили маҷлиси қонунгузорӣ аз миён бурд. Ҳуқуқдонони мусалмон, ки пешаи ваколатро баргузида ва бар қавонини Муҳаммадӣ (с) низ дастрасӣ доранд, метавонанд дар додгустарӣ ва маҷлис бениҳоят муассир бошанд».

Дар поён менависад:

«Ба назари ман, барои миллатҳои исломии ҷадид тавсеаи афкори тоза ва тарвиҷи он бисёр зарурӣ мебошад. Дар миёни усули таълим ва омӯзиши қадиму ҷадид ва миёни озодии рӯҳӣ ва қудрати хутабову уламо дар ҷаҳони ислом кашокашу низоъ шурӯъ шудааст. Ин наҳзати рӯҳи башарӣ дар кишваре,мисли Афғонистон низ таъсир гузошта истодааст. Шумо шояд суханронии ҳокими Афғонистонро хонда бошед, ки дар он ӯ барои таъйини ҳудуди ихтиёроти уламо ва хутабо кӯшиш кардааст. Наҳзатҳои ҷадид дар ҷаҳони исломӣ моро ба ҳамин натиҷа мерасонад. Бо назардошти ин авзоъ вазифаи шумо ин аст, ки дар роҳи донишгоҳи исломӣ бо шаҳомату шуҷоат қадам бардоред. Дар ин ҳеҷ шакку тардид нест, ки эҳтиёт шарти аввал аст. Ислоҳи фикр ва фалсафаю ҳукумат бояд тавре ҷомаи амал бипӯшад, ки дар амнияту осоиши иҷтимоӣ халале ворид нашавад».

Дар ин замон ақидаи Иқбол дар бораи фанни шеър чӣ буд? Дар ин мавриди мақолаи бисёр арзандаи вай ба забони англисӣ таҳти унвони «Нақде ба шеъру шоирии арабии муосири Ҳазрати Расули Акрам (с)», ки дар соли 1917 милодӣ мунташир гардид, бояд мавриди мутолеа ва баррасӣ қарор гирад.[11] Иқбол менависад:

«Он Ҳазрат (с) дар бораи шеъру сухани он замон гоҳ-гоҳе назариёти ноқидонаи худро иброз карда буданд. Таърих ин изҳоротро ҳифзу нигоҳдорӣ кардааст. Аммо

дар ду маврид аз ин изҳорот мусалмонони Ҳинд метавонанд истифодаи зиёд бикунанд. Зеро адаби онҳо натиҷаи замони заволу инҳитоти миллӣ аст ва акнун онҳо дар пайи ҳадафи ҷадиди адабӣ ҳастанд. Як навъи интиқод ин амрро равшан менамояд, ки шеър бояд чигуна бошад. Ва сипас, равшан мекунад, ки шеър бояд чигуна набояд бошад. Амрулқайс чиҳил сол қабл аз ислом зиндагӣ мекард. Ривоят аст, ки Ҳазрати Расул (с) дар мавриди ӯ дар як фурсат назар дода ва гуфтаанд, ки «Ашъара аш-шуаро ва қоидаҳум ила-н-нор»,* яъне: «Ӯ сарвари шоирон аст ва раҳбари онҳост ба сӯйи ҷаҳаннам». Акнун ин пурсиш пеш меояд, ки мо дар шеъри Амрулқайс чӣ чизеро мебинем? Ҷомҳои шароби армуғонӣ, ҳаяҷоноту эҳсосоти рӯҳгудоз, ҳусну ишқ, ё достонҳои ҳушрабо. Харобаҳои қадим аз боди ҳирсу вайрониҳои рустоҳо бино шуда буду манзараҳои дилгудоз аз хомӯшии вайронаҳо ва биёбонҳо. Амрулқайс ба ҷойи он ки қудрати иродаро ба ҳаракат дароварад, бар тахайюли шунавандагони худ домҳои ҷодуӣ меафканад ва ба ҷойи ҳушёрӣ ва бедорӣ дар он ҳолати беҳушӣ ва бехудӣ падидор менамояд. Расули Худо дар нақди ҳакимонаи худ ин усули муҳимми ҳунарро тавзеҳ фармуд, ки дар ҳунар ҳар чӣ хуб дида мешавад, лозим нест, ки бо он чизи худ мушобеҳат дошта бошад, ки дар зиндагӣ хуб аст.

Мумкин аст, ки як шоир ашъори зебое бисарояд, вале бо вуҷуди он метавонад ҷомеаи худро ба сӯйи ҷаҳаннам роҳнамоӣ кунад.** Шеър дар ҳақиқат ҷоду аст. Афсӯс ва сад афсӯс бар он шоире, ки дар зиндагии миллӣ ба ҷойи он ки озмоишоту мушкилоти онҳоро осон кунад, дар он фарсудагию инҳитотро дар назар дошта, бад-ин тартиб миллати худро ба сӯйи нестӣ бикашонад. Масъулияти ӯ ин аст, ки он чӣ табиат аз сарватҳои лоязоли худ таҳти унвони зиндагӣ ва баҳрабардорӣ аз қудрати он саҳме ба ӯ бахшидааст, дигаронро низ дар саҳми худ шарик намояд, на ин ки монанди дузд ҳарчӣ онҳо доранд, онро бирабояд...

Як бор шеъри зер аз шоири маъруфи қабилаи набавии Абас ба номи Антара назди Расули Худо (с) хонда шуд:***

«Валақад байту алат-туё ваз-зилла,
Ҳатто анола би кариймул мокил».

Яъне, «ман бисёре аз шабҳоро дар машаққату ранҷ ба сар бурдам, то қобили ризқи ҳалол бошам». Расули Худо, ки танҳо ҳадафи беъсаташ ин буд, зиндагии афроди башарро зебою пуросоиш созанд ва озмоишҳою сахтиҳои онро низ хушоянду матбӯъ нишон диҳанд. Вақте ин байтро шуниданд, бисёр хушҳол шуданд. Асҳоби худро мухотаб қарор дода гуфтанд: Таърифу ситоиши ҳеҷ араб маро водор накард, ки ба мулоқоти ӯ биравам, вале рост мегӯям: қалби ман барои дидани сарояндаи ин байт метапад. Ҷойи тааҷҷуб аст, ки он Ҳазрат (с), ки дидани вай боиси баракати ду ҷаҳон буд, барои мулоқоти як бутпараст фақат ба хотири як байти ӯ чӣ қадар шодмонӣ кард. Он эҳтироме, ки Расули Худо ба Антара гузошт, иллати он равшан аст. Байти Антара гӯё тасвире аз як зиндагии солим аст. Дар ҳусули ризқи ҳалол, сахтиҳое, ки инсон мутаҳаммил мешавад ва ранҷҳое, ки мекашад, ин шоир дар дурнамои афкори хеш тасвири онро бо ниҳояти зебоӣ тарсим кардааст. Таърифе, ки он Ҳазрат аз ин байт кард, яке дигар аз усули муҳимми ҳунарро шарҳ медиҳад, ки ҳунар тобеи зиндагии инсонӣ аст.**** Ва бар он фавқияту бартарӣ надорад. Охирин ҳадафи ҳамаи амволи инсонӣ ба даст овардани шавқату қудрат ва зиндагии пур аз ҳаяҷону валула аст. Бинобар ин ҳар ҳунари башарӣ бояд тобеи ҳамин асл бошад ва меъёри арзиши ҳар чиз ҳам ҳамин бояд бошад, ки чӣ қадар салоҳияти зиндагибахш дар он вуҷуд дорад, ҳунари воло ва боарзиш ҳамон аст, ки нерӯи иродаи хобидан

---

* Ҳадиси набавӣ.

** Кирми шабтоб аст шоир дар шабистони вуҷуд,
Дар пару болаш фурӯғе гоҳ ҳасту гоҳ нест.

*** Антара бинни Шаддод (525-615 милодӣ).

**** Мақсуд аз илм кашфи ҳақиқат ва ғараз аз ҳунар мунаввар сохтан ва муҷассам сохтани ҳақиқат аст.

моро бедор созад ва мардонавор моро барои муқобила бо озмоишҳои сахтиҳои зиндагӣ ташвиқу тарғиб ва омода кунад. Лекин ҳар чиз, ки дар асари вай ба мо ба хоб биравем ва он ҳақиқатҳои зиндае, ки дар атрофу пешрӯйи мо мавҷуд аст (ки зиндагӣ, яъне ғалаба ётфан бар онҳо) аз сӯйи онҳо чашм бипӯшем, ин паёми марди завол аст. Дар ҳунар ҳеҷ ҷойи тахдир набояд вуҷуд дошта бошад. Ин шиоре, ки мегӯянд: «Ҳунар барои ҳунар» ё «Ҳунар қоим ба зот аст» як ҳилаи айёрона барои заволу инҳитоти иҷтимоӣ ва фардӣ мебошад. Ва ин фиребро барои он сохтаанд, ки ба ҳилаву найранг қудрату зиндагиро аз мо салб намоянд. Пас, он Ҳазрат (с) бо таърифи байти Антара ва бо эътироф барои шеъри хуб барои мо усули иртиқоъ ва пешрафти ҳар навъи ҳунарро ташреҳ кардааст.

Аз мутолеаи навиштаҳои Иқбол равшан мешавад, ки ӯ аз ибтидо барои сохтмони ҷадиди муошират исломӣ ва фардии мусалмон афкори махсус доштааст. Ҳамин тавр, дар мавриди ҳадафи шеъру сухан низ дар фикри ӯ ҳеҷ гуна ибҳом вуҷуд надоштааст. Дар даврони миёнӣ ва авохири умри худ ҳамин афкорро дар назму наср бо тавзеҳоти бештаре ироа медодааст. Ба назари вай, ба таври куллӣ табақаи таҳсилкардаи мусалмонон дорои фикри дугуна ва ё мутазод буданд, ки услуби зиндагии рӯзонаи онҳо таҳти асари афкору назароти ғарбӣ мабно бар бединӣ қарор дошт, вале бар тибқи суннат, онон барои мусалмон будан низ иддаое доштанд. Дар азҳони мусалмонони таҳсилкарда ваҳдати имону амал набуд, балки ин ҳарду усули ислом аз якдигар фосила гирифта буданд. Ба иллати ин дугонагии фикрӣ ҷомеа дастхуши нифоқ шуда буд.* Иқбол мехост ин дугонагии фикрии онҳоро аз миён бардорад. Ба назари вай, навсозии ҷомеа ва фардии мусалмон фақат аз тариқи густариши суннати қадими мазҳабӣ мукин набуд. Ӯ бинобар ниёзҳои ҷадиди замон ва бо назардошти пешрафти сареи улум хостор ва орзуманди тадвини фиқҳ ба наҳви ҷадид буд. Бо ин васф мекӯшид, ки робитаи гусехтаи ҳаёти фикрӣ миёни улум ва исломро дубора пайванд дода, ба тариқи саҳеҳ тамаддуни фарҳанги исломиро эҳё кунад. Ӯ мехост, ки дар муассисоти омӯзиши мусалмонон, он қолаби ахлоқӣ ва амалӣ омода гардад, ки барои ташкили кирдори исломии холис метавонанд мусаммири самар бошад. Ба ҳар ҳол, ӯ эҳсос мекард, ки афкори вай барои уламо, суфиёни муртаҷеъ ва муҳофизакор ҳаргиз қобили қабул воқеъ нахоҳад шуд. Вале муқтазиёти эҳё чунин эҷоб мекард, ки изҳори алании онҳо бисёр зарурию лозим буд. Пас, аз як тараф, барои навсозии ҷомеаю фардии мусалмон барномаи вай мубтано бар пешниҳодҳои амалӣ буд. Вале, аз сӯйи дигар, ӯ ҳамеша дар фикру ҷустуҷӯйи он фарди комил ва инсони фардо буд, ки битавонад ҷомеаи исломии намунавиро дар оянда, ҳамон тавре ки дар фикру назари Иқбол буд, ба вуҷуд оварад.

---

* Мусалмонон ба хешон дар ситезанд, Биноланд, ар касе хиште бигирад,
Ба ҷуз нақши дуӣ бар дил нарезанд. Аз он масҷид, ки худ аз ӯ гурезанд.

ФАСЛИ ЁЗДАҲУМ

Шоҳкори Халлоқа Иқбол

Дар соли 1907 милодӣ теъдоде аз давлатҳои аврупоӣ, ки гурӯҳҳои низомӣ алайҳи якдигар ташкил дода буданд, дар муқобили якдигар сафороӣ карданд. Як тарафи ин ҷабҳаро Австрия, Венгрия ва Олмон, ки маъруф ба нерӯҳои марказӣ (муттаҳидин) буданд ва тарафи дигарро Инглистон, Фаронса ва Русия, ки байни худ қарордоде ҷудогона мунъақид намуда ва худро нерӯҳои иттиҳодӣ (муттафиқин) меномиданд, ташкил медоданд. Қайсар Вилгеми II қарордоди таъмири роҳи оҳани Олмонро ҷиҳати иттисоли Берлин ба Бағдод ба мавриди иҷро гузошт. Бад-ин тартиб, Туркияи Усмонӣ ва Олмонро дар баробари якдигар қарор дод.

Қабл аз оғози ҷанги ҷаҳонии аввал, илова бар Константинопол (Истанбул) дар тамоми нуқоти боқимондаи Аврупо ба ҳукумати туркҳои усмонӣ хотима дода шуда буд. Бад-ин тартиб, манотиқи Африқои Шимолӣ ба изофаи Мисру Марокаш аз султаи онҳо хориҷ гардида буд. Аммо манотиқе, чун Сурия (Шом), Лубнон, Фаластин, Ироқ, Ӯрдун, Адан, Яман, Ҳиҷоз ва дигар манотиқи Ҷазират-ул-араб ҳанӯз таҳти султаи туркҳо буданд. Афроди ин манотиқ тамаддуну забони арабӣ доштанд. Ба ҳамин далел халифаи Усмонӣ ба василаи Малик Ҳусайн – намояндаи хеш бар онҳо ҳукумат мекард.

Давлатҳои истеъмории Аврупо ба ду даста тақсим шуда буданд ва ҳар лаҳза мутарассиди ҷириққае (интизори шӯълае) буданд, то битавонанд онро баҳона қарор дода, ҷангро оғоз намоянд. Билохира, ин ҷириққа 28 июни соли 1914 милодӣ оташи ҷангро шӯълавар сохт.

Дар ин рӯзҳо валиаҳди Австрия ва Венгрия Франсис Фердинанд ба ҳамроҳи ҳамсараш дар яке аз шоҳроҳҳои Сороя (Босния) ба қатл расиданд. Лизо Қайсар эълон намуд, агар давлати Австрия ва Венгрия бихоҳад интиқоми ин хунро бигирад, Олмон низ ӯро дар ин роҳ мадад хоҳад кард. Австрия муддатҳо дар фикри барандозии қудрати Сербия буд. Бад-ин сабаб, масъулияти ин қатлро ба гардани Сербия андохт ва дар 25 июни соли 1914 алайҳи Сербия ҷанг эълон намуд. Шӯравӣ* барои кӯмак ба Сербия ба по хост. Олмон ба муқобила бо Шӯравӣ вориди ҷанг шуд. Аз тарафе Фаронса ва Инглистон ба ҳимоят аз Шӯравӣ бо Олмон вориди ҷанг шуданд. Бад-ин тартиб, ҷанги ҷаҳонии аввал дар Аврупо оғоз гардид. Дар ҷабҳаи ғарб Олмон муваффақ шуд, зимни ғорати Белгия, артиши Фаронса ва Инглистонро шикаст дода, бахши азиме аз арозии Фаронсаро ба ишғоли худ дароварад. Дар ҷабҳаи шарқӣ Олмон ва Австрия километрҳо дар хоки Шӯравӣ пеш рафтанд. Дар 23 августи 1914 Япония алайҳи Олмон эъломи ҷанг намуд ва пойгоҳҳои Олмон дар Чин бо номи Сангторо ба ишғоли худ даровард. Дар 29 октябри 1914 Туркияи Усмонӣ бо қудратҳои марказӣ муттаҳид шуда, вориди ҷанг шуд. Дар январи 1915 Уинстон Черчилл бо касби иҷозат аз давлати Инглистон ба Туркия ҳамла кард. Артиши Инглистон дар ҷабҳаи Голипулӣ бо шикасти сахту гарон рӯбарӯ шуд. Дар 23 майи 1915 Италия аз тарафи қудратҳои муттаҳид дар ҷанг ширкат кард ва аз тарафи Булғория ба ҳимоят аз қудратҳои марказӣ вориди ҷанг шуд. Артиши Инглистон аз

* Дар матн Шӯравӣ омадааст, ки саҳеҳ нест. Дар солҳои аввали ҷанги якуми ҷаҳон Иттиҳоди Шӯравӣ ҳанӯз арзи вуҷуд надошт. (А.Б.)

артиши Булғория, Австрияю Олмон шикаст хӯрд ва ҳангоме ки Сербияро ба ишғоли хеш даровардand, равобити хастае бо Туркияи Усмонӣ вобаста ба муттаҳидин барқарор намуданд. Дар соли 1916 милодӣ бори дигар артиши Русияи тезорӣ (подшоҳӣ) дар ҷабҳаи шарқ бо шикаст рӯбарӯ шуд. Дар натиҷаи ин шикаст Руминия низ ба ишғоли қудратҳои марказӣ даромад. Дар марти 1917 дар Русияи тезорӣ инқилоб шуд. Бад-ин тартиб, тезори рус маҷбур ба тарки салтанат гардид. Шӯравии болшевик дар 3 марти 1917 бо Олмон сулҳ кард.* Дар ҳамин сол Амрико низ дар ҳимоят аз қудратҳои муттафиқин вориди ҷанг шуд.

Дар даврони ҷанги ҷаҳонии аввал, яъне солҳои 1915-1916 милодӣ ҳукумати ноиб-ус-салтанаи Инглистон дар Ҳиндустон Мавлоно Муҳаммад Алӣ (1878-1931 милодӣ), Мавлоно Шавкат Алӣ, Мавлоно Абулкаломи Озод, Мавлоно Зафаралихон ва ғайраро дастгир кард ва рӯзномаҳои онҳоро таътил намуд. Лекин баъзе аз уламо, чун Мавлоно Маҳмуд Ҳасан, Мавлоно Абдуллоҳ Санадҳӣ, Мавлоно Муҳаммад Миён, Мавлоно Ҳусайн Аҳмади Маданӣ, Мавлоно Азизгул ва дигар уламо яке ду сол қабл аз оғози ҷанг аз Ҳиндустон ҳиҷрат карда буданд. Ин уламо ба маҳзи шурӯи ҷанг бо Туркияи Усмонӣ, дар Маккаи Муаззама ва Кобул алайҳи англисҳо ҷиҳод эълон намуданд.

Давлати Инглистон 2 ноябри 1914 эълон кард, ки азбаски бо Туркияи Усмонӣ дар ҳоли ҷанг аст, бисёр нигарон мебошад. Лекин мусалмонони Ҳинд бояд бидонанд, ки ин ҷанг аҳаммияти мазҳабӣ надорад. Бад-ин сабаб Инглистон хаёл надорад ба аъроб, Ироқ, Фаластин ва ғайра, яъне, манотиқе, ки аз назари мусалмонон муқаддас шумурда мешаванд, ҳамла кунад. Мусалмонони Ҳинд ба пайравӣ аз ҳамин эъломия ба артиши Инглистон пайвастанд. Лекин Инглистон бар хилофи ваъдаҳои хеш ба Ироқ ҳамла кард. Дар ноябри 1914 артиши Инглистон Басраро ишғол кард. Дар ноябри 1915 артиши Инглистон вориди Салмони пок (Мадоин) шуд. Дар июни 1916 давлати Инглистон бо Малик Ҳусайн – ҳукмрони Ҳиҷоз тавтеа чид ва ба ӯ ваъда дод, ки вайро ба ҳокимияти озоди раёсати панарабизм бирасонад. Бад-ин тартиб, ӯро омода сохт, то алайҳи туркҳо ба по хезад. Дар сарзамини Ҳиҷоз хунрезии шадид шуд. Дар соли 1916 милодӣ англисҳо аз тариқи Малик Ҳусайн уламои ҳиндро дастгир ва онҳоро ба ҷазираи Малта табъид карданд.[1] Дар 15 марти соли 1917 артиши Инглистон дар Бағдод мустақар шуд. Сипас, Куфа, Наҷаф ва билохира, Карбало низ ба ишғоли онон даромад. Дар декабри соли 1916 артиши Инглистон ба Иерусалим (Байтулмуқаддас) ворид шуд. Инглистон Ҷиддаро бомбаборон намуд. Ҳатто ҷангандагони ин кишвар дар фазои Мадинаи Мунаввара ба парвоз даромаданд. Низомиёни мусалмонони ҳиндӣ ба далели мазҳаб аз ширкат дар ин ҷанг худдорӣ варзиданд. Инглистон барои танбеҳи онон ҳамагиро эъдом намуд. Лекин иддае аз онҳо муваффақ шуданд аз артиши Инглистон бигрезанд ва ба артиши Туркия бипайванданд. Бад-ин тартиб, дӯш ба дӯши туркҳо алайҳи Инглистон шурӯъ ба ҷанг карданд.[2]

Ба ҳар ҳол, бо ширкати Амрико дар ҷанг қудрати низомии муттафиқин афзоиш ёфт. Онон муваффақ шуданд дар ҷабҳаи ғарбу ҷануби Аврупо муттаҳидинро пай дар пай шикаст диҳанд. То ҷое ки дар соли 1918 милодӣ Олмон, Австрия, Венгрия, Булғория ва Туркияи Усмонӣ маҷбур ба сулҳ бо якдигар шуданд ва муттафиқин пирӯз гардида, муттаҳидин шикаст хӯрданд.

Ин ҷанг дар сарзамини Аврупо табоҳии бисёр ба ҳамроҳ дошт. Даҳҳо ҳазор нафар аз афроди ҳарду тараф кушта ё асир шуданд ва садҳо ҳазор нафар бехонумон гардиданд. Ин ҳодисаи азим таъсире бар Иқбол надошт. Нафақат Иқбол, балки ҳар шахсияти муҳимми нимҷазира бо ин ҷанг беробита монд. Аз назари Иқбол ин ҷанг,

* Таърихи ғалабаи Инқилоби Октябр ва сулҳи Россияву Олмон дар китоб нодуруст омадааст. Тавре ки маълум аст, Инқилоби Октябр 25 октябр (7 ноябр)-и соли 1917 ғалаба кард ва қарордоди сулҳ байни Россия ва Олмон 3 марти соли 1918 ба имзо расид. (А. Б.)

ҷанги милали ғоратгар буд. Ҷанги ғосибона, ки мекӯшид тиҷорати ғосибро равнақ диҳад ё ба хотири поймол кардани зуафо ва маҳрумон шурӯъ шуда буд. Аз назари ӯ, инсони ҷадиди Аврупо бо поймол намудани иззату манзалати маънавӣ, мазҳабӣ, ахлоқӣ ва инсонии худ таҳти ҷазаботи ҳайвонӣ саргарми амали худкушӣ буд. Иқбол ҳеҷ навъ ҳамдардӣ бо ин ҳайвонони мутамаддини Аврупои ҷадид надошт, балки ӯ ба дунболи марди фардоӣ буд, ки иҷтимои мусалмонони ояндаро ба вуҷуд оварад. Лизо бидуни тавоққӯҳ ба шӯру ғавғои ҷанг, Иқбол ба навиштани шеъри ««Асрори худӣ» машғул буд.

Иқбол чанд сол буд, ки тасмим дошт як маснавӣ ба забони форсӣ бисарояд. Дар номае хитоб ба Атия Файзӣ аз 7 июли 1911 менигорад:[3]

«Падарам ба ман гуфтаанд, ки як маснавии форсӣ ба пайравӣ аз Буалӣ Қаландар* бинависам. Гарчӣ ин кор бисёр мушкил аст, вале ба эшон қавл додаам».

Ҷойи дигаре Иқбол мегӯяд: «Оғози навиштани маснавии «Асрори худӣ» аз соли 1910 милодӣ будааст». Аммо ибтидои ин маснавиро, ки дар ҳақиқат, баёнгари ҳақоиқи зиндагии фард мебошад, ба забони урду шурӯъ ба нигориш кард. Дар номае мегӯяд:[4]

«Асрори худӣ»-ро дар ибтидо ба забони урду шурӯъ ба навиштан намудам, вале аз адо намудани матолиб, он тавр ки дилам мехост, қосир мондам. Ба ҳамин ҷиҳат, он қисмате, ки ба урду навишта будам, пора карда, аз байн бурдам. Чанд сол гузашт. Бори дигар кӯшиш кардам ва тақрибан саду панҷоҳ байт навиштам, аммо аз онҳо мутмаин нестам».

Чаро ин маснавӣ ба забони форсӣ навишта шуд? Дар ин маврид Иқбол мегӯяд:[5]

«Дар соли 1905 милодӣ, ҳангоме ки ба Инглистон омадам, эҳсос кардам, адабиёти Шарқ бо ҳама дилфиребиҳояш холӣ аз рӯҳ мебошад. Чизе, ки барои инсон умед, ҳиммат ва ҷуръат ба армуғон меоварад, чизеро, ки метавон ба валвалаю ҷӯшу хурӯши зиндагӣ таъбир намуд, ба ҳангоми расидан ба Инглистон адабиёти Аврупоро мавриди мутолеа қарор додам. Агарчӣ ба назар мерасид, ин ки адабиёт ҳимматафрӯз аст, лекин дар муқобили он улум истода буд, он падидае, ки эшонро афсурда месохт. Дар соли 1908 милодӣ ба ҳангоми муроҷиат (баргаштан) аз Инглистон назари ман ин буд, ки адабиёти аврупоӣ тақрибан ҳамонанди адабиёти Шарқ аст. Ин авзоъ боиси он шуд, ки чунин фикре дар ман ба вуҷуд биёяд, ки назарамро дар мавриди ин навъ адабиёт баён кунам ва заминае фароҳам оварам, ки битавонам дар ин адабиёт рӯҳи тоза бидамам. Ин фикр, ҳатто то замоне, ки ба ватан бозгаштам, рӯзу шаб бо ман буд ва то ҳадде машғул будам, ки ду-се сол дӯстону наздиконам мутаваққеҳ намешуданд, ки ман чӣ коре анҷом медиҳам. Ин ниёзи рӯҳӣ дар соли 1910 милодӣ каме илтиём пайдо кард. Ва тасмим гирифтам назарамро баён кунам. Лекин имкон дошт, ин назариёт боиси сӯйитафоҳум байни мардум шавад. Ба ҳар ҳол, дар соли 1910 милодӣ бо назардошти нуқтаи назарҳои хеш шурӯъ ба навиштани маснавии «Асрори худӣ» намудам. Дар бораи ин, ки ман шеър сурудан ба забони урдуро раҳо ва ба шеъргӯӣ ба забони форсӣ рӯ кардаам, мардум ақоиди мухталиф доранд. Имрӯз муносиб аст, ки ин розро бармало созам. Баъзе аз ошноён бар ин ақида ҳастанд, ки бо истифода аз забони форсӣ дастам бозтар мешавад ва метавонам афкорро ба дурдаст парвоз диҳам. Дар ҳоле, ки мақсуди ман дуруст баракси ин аст. Ибтидои маснавии «Асрори худӣ»-ро фақат барои Ҳиндустон навишта будам. Дар Ҳиндустон ашхосе, ки битавонанд форсиро хуб мутаваққеҳ шаванд, бисёр каму андак ҳастанд. Ғараз ин буд, ки назариётамро то он ҷо, ки метавонам, ба мардум дуруст бирасонам. Ҳангоме

* Шайх Шарафуддин Буалӣ дар соли 602 ҳичрӣ ба дунё омад. Вай муосири Шамси Табрезӣ ва Мавлоно Ҷалолиддин мебошад. Дар соли 724 ҳичрӣ дар синни 122-солагӣ дар Понипат (Ҳиндустон) ба Раҳмати Яздӣ пайваст. Девони ашъори маснавии вай бештар дар бораи тавҳиди худовандӣ ва маърифати илоҳӣ суруда шудааст. Ӯ аксар авқот дар ҳолати ҷазбу кайф буд. Иқбол дар ашъори хеш аз ӯ зиёд ёд кардааст.

низ дар ин андеша будам, ки ин маснавӣ аз марзҳои Ҳиндустон хоҳад гузашт ва синаи дарёҳоро хоҳад шикофт ва ба Аврупо хоҳад расид. Бидуни шак, фикр мекунам, пас аз ин масъала буд, ки алоқаи ман нисбат ба забони форсӣ афзоиш ёфт ва шурӯъ ба сурудани шеър ба форсӣ намудам».

Қисмати бештар аз ашъори «Асрори худӣ» дар ду сол – 1913 ва 1914 милодӣ ба итмом расид. Иқбол менависад:[6]

«Ин маснавӣ дар ду соли охир навишта шудааст. Ба ин сурат ки ҳар чанд вақт як бор ҳавас мекардам онро идома диҳам. Ин маснавӣ натиҷаи кор дар рӯзҳои таътили якшанбе ва бехобии шабҳо аст. Корҳои дигаре дорам, ки ба ман фурсати бештаре намедиҳанд, тамоми вақтамро дар ихтиёри адабиёт бигзорам. Агар ҳама авқотамро ба ин маснавӣ ихтисос дода будам, муимаинан аз он чӣ ҳаст, беҳтар мешуд».

Ба ҳангоми навиштани «Асрори худӣ», Иқбол худ кам-кам эҳсос кард, ки ин маснавиро худаш наменависад, балки нерӯе ӯро дар ин амр ҳидояту ёрӣ мекунад.

Дар номае хитоб ба Маҳараҷа Кишан Прасад аз 14 апрели 1916 менависад:[7]

«Ин маснавӣ, ки номи онро «Асрори худӣ» гузоштаам, фитрати ман рӯ ба сӯйи сармастӣ ва аз худ бехуд шудан дорад. Ба Худои воҳид қасам, касе, ки ҷону мол ва обрӯи ман дар гарави ӯст, ин маснавиро аз худ нанавиштаам, балки дар навиштани ин маснавӣ нерӯе маро ҳидоят ва мадад кардааст. Ман бисёр мутааҷҷиб ҳастам аз ин, ки чаро маро барои навиштани ин маснавӣ интихоб кардаанд. То вақте, ки қисмати дуввуми ин маснавиро ба поён нарасонам, рӯҳам ором нахоҳад гирифт. Дар ҳоли ҳозир танҳо эҳсосе, ки дорам, чунин аст: Инро вазифаи худ медонам ва шояд мақсуди аслӣ аз зиндагӣ низ ҳамин бошад. Ман медонистам, ки бо ин маснавӣ мухолифат хоҳад шуд. Зеро ҳамаи мо насли замони инҳитот ҳастем. Бузургтарин ҷодуи он чунин аст: тамоми аносир, аҷзо ва асбоби худ дар нигоҳи шикорӣ (хоҳ шикори миллат бошад, хоҳ фард) маҳбубу матлуб ҷилва медиҳад. Дар натиҷаи шикор, бадшинос унсуреро, ки нобудаш мекунад, барои хеш беҳтарин мураббӣ тасаввур менамояд.

«Ман садои шоири фардостам» ва:

Ноумедастам зи ёрони қадим
Тури ман сӯзад, ки меояд Калим.

На Хоҷа Ҳасани Низомӣ хоҳад монду на Иқбол. Ин базре, ки Иқбол дар замини боиру лам язраъ коштааст, рушд хоҳад кард. Ҳатман рушд хоҳад кард ва алорағми мухолифатҳо борвар низ хоҳад шуд. Ба ман ваъда доданд, ки ӯ зинда хоҳад монд. Алҳамдулиллоҳ».

Иқбол он қадар машғули навиштани «Асрори худӣ» буд, ки дар 23 марти соли 1913 дар ҷаласаи Анҷумани ҳимояти ислом фақат шеъри мухтасари форсӣ хонд. Дар ҷаласаи соли 1914 милодӣ Иқбол дар мавриди ислом ва маслаки дарвешӣ суханронӣ кард ва чанд қисмат аз «Асрори худӣ»-ро ба самъи шунавандагон расонд. Дар соли 1915 милодӣ ҳеҷ шеъре ироа надод. Дар иҷлоси соли 1916 шеъри беҳамтои «Билол»-ро хонд ва ба ҳамин сурат дар соли 1917 низ як шеър хонд. Пас аз он сол, то соли 1920 милодӣ дигар ҳеҷ шеъре дар ин ҷаласот нахонд.[8]

Иқбол дилаш мехост қабл аз он, ки ашъорашро ба чоп бирасонад, онро барои шахсе, ки дар забони форсӣ чирадаст бошад, бихонад. Дар робита бо ин мавзӯъ ӯ бо устоди хеш – Мавлоно Сайид Мирҳасан ва Гиромӣ машварат кард. Иқбол тасмим гирифт назари Хоҷа Азизиддин Азизи Лакҳнавӣ,* ки худ шоире буд порсигӯй ва баландпоя, бирасад. Аммо Хоҷа Азизиддин бисёр заифу нотавон буд. Вай дар соли 1915 милодӣ падруди ҳаёт гуфт. Дар номае хитоб ба Гиромӣ дар таърихи 18 январи соли 1915 милодӣ менависад:[9]

* Хоҷа Азизиддин Кашмирии Лакҳнавӣ (1831-1915 милодӣ) аз форсигӯёни Ҳиндустон аст. Муосири Иқбол мебошад. Форсӣ ва арабиро хуб медонист ва устоди форсӣ дар коллеҷи Лакҳнав ва муддате раиси бахши форсии коллеҷи Лакҳнав буд. Аҷдоди ӯ аз Кашмир буданд. Таълифоти муҳими ӯ иборатанд аз маснавии «Ядди Байзо», «Қайсарнома», «Авранги Ҳузурӣ» ва «Ҳафтбанди Азизӣ».

«Маснавӣ ба поён расид, агар Шумо ташриф биёред, онро ба Шумо нишон хоҳам дод. Сипас онро ба чоп хоҳам расонд. Дар феврал ё март ваъда намудед ташриф биёваред. Мумкин аст, ки Гиромӣ Ҳайдарободро тарк кунад. Кош метавонистам худ ба Ҳайдаробод биёям, вале наметавонам ин корро бикунам. Зимнан ин иҷозаро намедиҳанд, то ба Ҳайдаробод биравам. Ҳайдаробод низ маро ба тарафи худ намекашонад. Чунин бармеояд, дуои нимашаби Шумо ҳам садояш ба осмон намерасад. Аз навиштани ашъор ба забони урду хаста шудаам, бад-ин ҷиҳат майл дорам ба форсӣ шеър бигӯям. Сабаб он аст, ки ҳарфи диламро наметавонам ба забони урду бизанам».

Дӯстии Иқбол бо Мавлоно Шайх Абдулқодири Гиромӣ (1856-1928 милодӣ) аз замоне оғоз шуд, ки ӯ дар ибтидои хати шоирии миллии хеш дар ҷаласоти Анҷумани ҳимояти ислом буд ва ё ҳангоме ашъори ӯ дар «Махзан» мунташир шуд. Баъзе аз авқот Иқбол Гиромиро низ бо худ ба ҷаласоти ин анҷуман меовард. Барои мисол, дар иҷлоси соли 1914 милодӣ Гиромӣ ба ҳамроҳи Иқбол ба ҷаласа омад. Иқбол зимни ин ки ӯро ба ҳама муаррифӣ мекард, гуфт: «Гиромӣ аз шуарои бузурги форсӣ аст. Имрӯз шеърашро хоҳед шунид ва аз ошноӣ бо ӯ эҳсоси фахр хоҳед кард». Сипас, Гиромӣ шеърашро хонд.[10] Гиромӣ синнаш аз Иқбол бештар буд.

Ин ду бо ҳам хеле бетакаллуф ва ғайрирасмӣ буданд. Гиромӣ натанҳо бо забони форсӣ комилан ошноӣ дошт, балки ба забонҳои мухталиф низ солҳо буд, ки шеър мегуфт. Ба ҳамин ҷиҳат, касе беҳтар аз Гиромӣ набуд, ки Иқболро дар заминаи шеър роҳнамоӣ кунад. Пас аз он ки дар Ҳушёрпур иқомат кард, ҳар гоҳ ба Лоҳур меомад, назди Иқбол мемонд. Баъзе авқот Иқбол барои он, ки Гиромиро аз Ҳушёрпур ба Лоҳур биёрад, Алӣ Бахшро ба дунболи ӯ мефиристод ва рӯзҳо, балки ҳафтаҳо низ бо ӯ буд. Иқбол шеъри ӯро мешуниду ишколоти шеъри худро аз ӯ мепурсид ва аз ӯ роҳнамоӣ мегирифт, ё шеъре барояш мехонд. Гиромӣ, ки Иқболро бисёр дӯст медошт, роҷеъ ба ӯ чунин гуфтааст:

Дар дидаи маънӣ нигарон ҳазрати Иқбол,
Пайғомбарӣ карду паямбар натавон гуфт.

Иқбол низ ба ёди маҳфилҳо ва мулоқотҳо ва хотироти гузашта ба муносибати марги Гиромӣ чунин суруд:

Ёди айёме, ки бо ӯ гуфтугӯҳо доштам,
Эй хушо ҳарфе, ки гӯяд ошно бо ошно.

Латифаҳои Иқбол ба Гиромӣ дар китобҳои «Таснифҳо», «Саргузашт ва ёрони куҳан»-и Абдулҳамиди Солик мавҷуду маҳфуз аст. Барои мисол: «Як бор Иқбол Алӣ Бахшро ба Ҳушёрпур фиристод, то Гиромиро ба Лоҳур биёрад. Алӣ Бахш чанд рӯз дар Ҳушёрпур монд, вале Гиромӣ ҳар рӯз ба баҳонаҳои мухталиф аз сафар ба Лоҳур тарфа мерафт (саркашӣ мекард). Билохира, як рӯз барои рафтан ба Лоҳур омода шуд. Ҷомадонашро басту дар дурушка (фойтун) гузошт. Аз манзил хориҷ шуд, вале боз ба манзил баргашт, мисли ин ки чизеро ҷо гузошта бошад. Бо ҳамсараш сӯҳбат кард, то бақияи асбобу анҷомро биёварад. Тобистон буд. Дар ин вақт аз шиддати гармо аспи фойтун рам карду борро низ ба замин рехт. Гиромӣ рӯ ба Алӣ Бахш карду гуфт: «Бирав, ба Иқбол бигӯ, ки сандалӣ (курсӣ)-и фойтунам гарм шудааст. Дар зимистон хоҳам омад».

Гиромӣ вақте ба манзили Иқбол меомад, аз он ҷо такон намехӯрд. Ҳамсараш бемориашро баҳона мекарду телеграмма пушти телеграмма мефиристод, ки баргардад. Вале ҳеҷ асаре надошт. Вақте ки Иқбол дар манзили Аноргулӣ иқомат дошт, утоқи самти чапро дар ихтиёри Гиромӣ мегузоштанд. Як бор ба ҳамин сурат ҳафтаҳо назди Иқбол монд. Ҳамсараш ба баҳонаи ин ки башиддат бемор аст, ӯро ба василаи телеграмма ба шаҳр фаро хонд. Ҳангоме ки Гиромӣ телеграммаро гирифту хонд, бисёр нороҳату парешон шуд ва аз Иқбол хост ҳамон мавқеъ ӯро ба истгоҳи роҳи оҳан бирасонад.

Зимистон буд ва дер вақт, соати 9 шаб, дар ин мавқеъ ҳеҷ қаторае ба Ҷоландар намерафт. Иқбол ба ӯ ҷавоб дод, ки алъон Шуморо мефиристам. Зимнан изофа кард, ки як рубоии сурудаамро, ки се мисраи он комил шудааст ва мисраи чаҳорум он тавр, ки дилам мехост, аз об дарнаёмад. Гиромӣ пурсид: оё мумкин аст, ки ӯ низ ин рубоиро бишнавад? Пас аз шунидани он се мисраъ, тибқи одати ҳамешагӣ шурӯъ ба фикр кардан намуд.

Пас аз муддате чанд мисрае суруд. Иқбол гуфт, ки барои мисол фалон ҷойи ин мисраъ лозим аст, ки мавриди таҷдиди назар қарор гирад. Ба ҳамин минвол соатҳо ба фикр кардану сурудани мисраъҳои мухталиф машғул шуданд. Вале Иқбол ба ҳар сурат айбу эроде аз он мегирифт. Сипас, Иқбол ба утоқи табақаи боло рафту хобид. Наздики соати сеи баъд аз нимашаб, Алӣ Бахш дари утоқи Иқболро заду гуфт, ки Гиромӣ бо ӯ кор дорад. Иқбол поин омад. Гиромӣ ба ӯ гуфт, ки мисрае, ки муносиб бошад, ёфтааст. Беҳтар дидам, ба ҷойи он, ки онро субҳ ба Шумо бигӯям, алъон матраҳ кунам. Иқбол, ҳангоме ки мисраъро шунид, дид, ки фавқуллода ҷолибу муносиб аст. Лизо аз ӯ бисёр таъриф кард. Гиромӣ гуфт: «Дилам норангӣ (афлесун) мехоҳад». Зимистон буд, соати 3-и нимашаб. Алӣ Бахш барои хариди норангӣ ба бозор рафту мевафурӯшро бедор кард ва аз ӯ норангӣ хариду ба манзил бозгашт. Чой омода шуд ва ҳамаи инҳоро пеши Гиромӣ гузоштанд. Ӯ бисёр хушҳолу башшош буд. Дар ин замон масъалаи телеграммаро балки фаромӯш карда буд.[11]

Ҳангоме ки навиштани маснавӣ ба поён расид, танҳо интихоби унвоне барои маснавӣ монда буд. Дар ин маврид Иқбол хитоб ба Хоҷа Ҳасани Низомӣ навишт:[12]

«Он маснавӣ, ки дар он аз ҳақиқату истеҳкоми худ баҳс шуда, инак омодааст ва бояд ба чопхона биравад. Барои ин маснавӣ, агар мумкин аст, унвоне пешниҳод диҳед. Шайх Абдулқодир ин ановинро барои маснавӣ интихобу пешниҳод намуд: «Асрори ҳаёт», «Паёми суриш», «Паёми нав» ва «Ойини нав». Шумо низ бо салиқае, ки доред, номе интихоб кунед ва маро мутталеъ гардонед, то бад-ин васила битавонам муносибтарин ановинро интихоб кунам».

Ба ҳар ҳол, Иқбол худ номи маснавиро интихоб карду онро «Асрори худӣ» номид.

Модари Иқбол дар 9 ноябри соли 1914 падруди ҳаёт гуфт (Таърихи вилодати Иқбол низ иттифоқан 9 ноябр буд). Агарчи Иқбол дар он замон 37-сола буд, вале марги модар бар ӯ чунон таъсир гузошта ва ӯро мутаассир кард, чунон ки гӯё кӯдаки ноболиғе аст, ки тоза шуури алоқа ва муҳаббати модариро дарк намудааст. Иқбол парастори модараш* буд. Дар асл, ҷозибаи модар буд, ки ӯро таътилот ба сӯйи Сиёлкут мекашид. Дар таътилоти тобистон ғолибан Иқбол ба Сиёлкут мерафт ва дар манзили онҳо ҳангоми сарфи наҳор ҳамагӣ даври ҳам ҷамъ мешуданд. Модар, хоҳаронаш, фарзандони хонавода ва ҳамсаронашон – ҳама ва ҳама дар ин гирдиҳамоӣ ширкат мекарданд. Иқбол ба ҳамроҳи онҳо рӯи тахт менишасту достону моҷароҳои ҷору ҷанҷоли мардуми шаҳрро бо шавқи фаровон мешунид. Ханда аз лабонаш дур намешуд ва баъзе авқот аз модараш суол мекард: фалон масъала, ки даъвои байни арӯсу модаршавҳар буд, Шумо чӣ гуна тавонистед онҳоро водор ба сулҳ кунед?

Пас аз шом назди падар мерафт ва бо ҳам ба гуфтугӯ менишастанд. Ин гуфтугӯҳо бештар ҷанбаи илмӣ дошт. Дар ҳақиқат, тамоми хотироти кӯдакиаш марбут ба модараш мешавад. Бад-ин ҷиҳат, фавти модар зарбаи муҳибе ба рӯҳи ӯ ворид кард. Рӯзҳо ғамгину афсурда буд.[13]

Абдулҳамиди Солик менависад: «Ҳангоме ки барои маросими азодорӣ ва арзи тасаллият назди Иқбол рафтам, муддати мадиде мегиристу аз хубиҳои модараш ёд

---

* Ҷаҳонро маҳкамӣ аз уммаҳот аст,
Ниҳодашон амини мумкинот аст.
Агар ин нуктаро қавме надонад,
Низоми кору бораш бесубот аст.

мекард. Мегуфт: «Вақте ки ба Сиёлкут меомадам, модарамро медидам, модар мегуфт: «Болии* ман омад». Ҳис мекардам ки ҳанӯз ҳам писари кӯчаке ҳастам».[14]

Иқбол ба Маҳараҷа Кишан Прасад менависад:[15]

«Оҳ, ки инсон дар пӯшонидани заъфи хеш то чӣ ҳад заранг аст. Ҳангоме ки роҳе надорад, мегӯяд: «Сабр кардам» ва сипас ин саброро ба ҳисоби ҳиммат ва истиқлоли хеш мегузорад. Лекин ин ҳодиса дилу димоғе бароям нагузоштааст. Хушии ман алоқае буд, ки ба ин марҳум доштам. Ҳама корҳо ва муомилотам бастагӣ ба зиндагии ӯ дошт. Вале ҳоло дар авзое ҳастам, ки фақат орзуи марг дорам. Марг дар ҳама дунё ба сароғи инсонҳо меравад. Вале гоҳ-гоҳе инсон ба сӯйи марг меравад. Кайфияти ман дар ҳоли ҳозир тавре аст, ки марг ба тарафам намеояд. Мехоҳам роҳе пайдо кунам, ки худ ба сӯяш биравам».

Ҳангоми азодорӣ Акбаруллоҳи Ободӣ чунин суруд[16] (тарҷумаи шеър):

Хубиҳое, ки ҳазрати Иқбол дошт,
Миллат ҳама ошиқу шайдои ӯ шуданд.
Ин худошиносӣ, хушзабонӣ, завқу маърифат
Ин роҳи дӯстӣ, қаноати ӯ,
Нишонгари ин аст, ки волидайнаш то чӣ ҳад неку парҳезкор буданд.
Бо худо аҳли дил ва рознигор буданд,
Файзи тарбияти волидайнаш дар ӯ ба хубӣ дида мешуд.
Иқбол самараи он боғе аст, ки дорои манзалати олӣ аст.
Модари марҳуми Иқбол ба биҳишт рафт.
Чашмонамон тар аз ашку қалбамон андӯҳгин,
Бисёр мушкил аст, ки оҳу зорӣ ва фарёдро дар дунё худ бикашем,
Барои фарзанд зинда будани модар як неъмати худододе аст.
Акбар дар ин ғам шарики Иқбол аст.
Соли реҳлаташро мехоҳад, ки ҳамин имрӯз бошад.
Воқеан ӯ азизи миллат буд бо он сифати хубе, ки дошт
Аз реҳлати махдума таърихи вафоти ӯ пайдост.
(1333 ҳиҷрӣ)

Ва қитъаи зерро ба ҳангоми вафоти он марҳум навишт, ки ҳанӯз ҳам бар санги қабри он марҳума ҳак шуда, боқӣ аст:

Модари марҳумаи Иқбол рафт,
Сӯйи ҷаннат з-ин ҷаҳони бесубот.
Гуфт Акбар бо дили пурдарду ғам,
Реҳлати махдума таърихи вафот.

Дар ин ҳангом Иқбол марсияе навишт ба унвони: «Ба ёди модари марҳумам» ва сипас аз як хаттот хоҳиш кард, ки онро бо хатти хуш бинависад. Сипас марсияи навишташударо ба Сиёлкут назди падар фиристод.[17]

Дар авосити соли 1916 милодӣ «Асрори худӣ» ба теъдоди 500 нусха ба чоп расид. Хаттотии онро хаттоти машҳур Муншӣ Фазлилоҳӣ ба ӯҳда гирифт. Дӯсти Иқбол Ҳаким Фақир Муҳаммадии Чаштӣ онро мунташир сохт. Ду-се масъала дар чопи аввали китоб пеш омад. Аввал он ки маснавӣ ба номи Сэр Сайидалӣ Имом мансуб шуда буд. Дуввум он ки Иқбол матолиберо, ки бар маснавӣ гуфт, дар дебоча ба таври мухтасар изҳор дошт. Севвум он ки дар чанд шеъри ин маснавӣ Иқбол бо нуқтаи назарҳои Ҳофизи Шерозӣ дар мавориде беилтифотӣ карда буд. Бисёре аз машоих ва аҳли завқ, ба сабаби он ки Иқбол дар дебоча аз чиҳоте Хоҷа Ҳофизи

* Номи мухтасар аст, ки маъмулан модарҳо дар кӯдакӣ фарзандонашонро садо мезаданд ва модараш Иқболро «Болӣ» садо мезад, ки ба забони ҳиндӣ ба маънии «хӯша» аст.

Шерозиро мавриди интиқод қарор додааст, ба ӯ эътироз карданд ва бо ӯ ба мухолифат бархостанд. Бад-ин сабаб, эътирози дигаре низ намуданд, мабно барои ин ки китобе, ки дар он масоили фалсафаи «худ» шарҳ дода шудааст ва ҷое, ки дар он ба мардум таълим дода шудааст, ки худдор бошанд, чаро онро ба Сэр Сайидалихон, ки лақабёфтаи давлати англиси дунёдору хитобдор аст, мансуб кардааст?

Кашмакашие, ки пас аз чопи «Асрори худӣ» байни Иқболу машоих даргирифт, пас аз нашри тарҷумаи он ба забони англисӣ, ноқидони аврупоӣ низ дар бораи матолиби маснавӣ сӯйитафоҳумотро густариш доданд. Дар ин маврид дар боби баъдӣ баҳс хоҳад шуд. Ин ҷо ин нуктаро низ бояд ёдоварӣ кунем, ки падари Иқбол аз зумраи эътирозкунандагон ба Иқбол дар робита бо Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ буд. Падари Иқбол мӯътақид ба ваҳдати вуҷуд буд. Натанҳо ӯ, балки ҳама бузургони хонавода, маслакашон ҳамон ваҳдати вуҷуд буд. Аз ин ҷиҳат, коре, ки ӯ карда буд, бар хилофи маслаки хонаводагии ӯ низ буд. Як нусха аз «Асрори худӣ»-ро Иқбол барои падараш ирсол дошт. Падари Иқбол маснавии мазкурро маъмулан субҳҳо мехонд. Аз назари вай, интиқод аз Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мусовӣ буд ба густохӣ дар шаъни ӯ ва инро аслан намеписандид. Дар ҳамин замон буд, ки матолиби мухолифе дар робита бо «Асрори худӣ» дар рӯзномаю маҷаллот мунташир шуд. Иттифоқан дар ҳамин рӯзҳо Иқбол ба Сиёлкут рафт. Тобистон буду шабҳо ба пушти бом мерафтанд ва мехобиданд. Байни тахтхоби Иқболу падараш бар тибқи маъмул қалёне (чилиме) гузошта буданд ва падару писар ба гуфтугӯ машғул буданд. Ҳангоме ки ба масъалаи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ расиданд ва баҳсе аз эътирози суфиҳо баён шуд, Иқбол ба падараш гуфт: «Ман ба зоту шахсияти Ҳофиз эътироз накардаам. Фақат як масъаларо ташреҳ намудаам. Лекин таассуфи ман аз дарҷи ин масъала ин аст, ки мусалмонони ҳиндӣ таҳти таъсири тасаввуфи аҷамӣ қарор гирифтаанд, ки захрро оби ҳаёт мепиндоранд». Шайх Нурмуҳаммад бар ин ақида буд, ки Иқбол бидуни он ки дӯстдорони Ҳофизро биранҷонад, метавонист ин усулро ташреҳ намояд. Иқбол ҷавоб дод: «Ҳофизпарастӣ низ монанди бутпарастӣ аст». Шайх Нурмуҳаммад гуфт: «Худованд* расулашро ҳатто аз бадгӯӣ роҷеъ ба бутҳо манъ карда буд. Ба ҳамин ҷиҳат, қисматҳое аз маснавӣ, ки ашъораш мавриди эътирози дӯстдорони Ҳофиз қарор гирифта, мебоист ҳазф шаванд». Иқбол ҷавобе надоду лабханде бар лабонаш нақш баст. Сипас, дар чопи дуввуми маснавӣ, ашъоре, ки мавриди эътироз қарор гирифта буд ва ашъоре, ки барои Сэр Сайидалихон суруда шуда буданд, аз девони маснавӣ ҳазф гардиданд. Бад-ин тартиб, Иқбол барои ҳамеша ба ин баҳс хотима дод ва дебочаи ҷадиде навишт:[19]

«Чопи аввали маснавӣ дар соли 1915 милодӣ анҷом гирифт. Дар чопи дуввуми маснавӣ, ки шоҳиди он ҳастед, тасҳеҳҳое сурат гирифтааст. Дар ин чопи ҷадид ашъоре, ки дар бораи Хоҷа Ҳофиз буд, ҳазф шуданд. Баъзе ҷоҳои ин маснавӣ ба шеърҳояш изофа шудааст ва дар баъзе ҷоҳо тартиби шеърҳоро тағйир додаам. Агарчӣ мақсуди ман аз овардани номи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фақат интиқод аз дидгоҳи адабии ӯ буд ва ба шахсияти ӯ иртиботе надошт, бо ин ҳол, ба далели он, ки аз ин тарз сухан гуфтани ман аксар ошноён норозӣ буданд, бад-ин сабаб, он ашъорро ҳазф карда, ашъори ҷадиде ҷонишини онҳо сохтам. Дар ин ашъори тоза баҳс дар мавриди усул шудааст. Бо хондани ин усул ба натиҷае мерасем, ки бояд қадри адабиёти як миллатро донист. Дебочаи урдуи чопи аввал низ лозим набуд».

Дар чопи аввали маснавӣ дебоча 12 саҳифа буд, ки ҳазф гардид. Далелаш ин буд, ки ҳар чӣ қадар Иқбол ин масъаларо ташреҳ мекард, барои расондани матлаб кофӣ набуд. То он ҷое, ки тавзеҳу ташреҳ лозим дошт, бояд то ҳадде тафсил мешуд,

* Сураи «ал-Анъом», ояти 108: «Ва ло тасуббу-л-лазина ядъуна мин дуни-л-Лоҳи фа ясуббу-л-лоҳа адван би ғайри илмин…» (Ва дашном надиҳад ононро, ки мехонанд аз ғайри Худо. Пас дашном диҳанд Худоро аз рӯйи таддӣ бидуни донише...)

ки дебоча худ ба шакли як китоб бармеомад. Дар ин маврид Иқбол тайи номаи худ хитоб ба Ҳофиз Маҳмадаслам Ҷайроҷпурӣ навишт:[20]

«Дебоча бисёр мухтасар буд. Бинобар ин боиси сӯйитадбир шуд».

То он ҷо, ки бо зикри номи Сэр Сайидалӣ Имом дар маснавӣ марбут мешавад, метавонем ду далел биёрем. Яке он, ки ҷазбаи исломии ин дӯст дар Иқбол бисёр муассир афтод. Бад-ин сабаб, барои вай эҳтироми бисёре қоил буд. Сэр Сайидалӣ Имом, мазҳари беназири ахлоқу одоби исломӣ буд. Бо вуҷуди он ки таҳсилоташро дар Аврупо ба итмом расонида буд, тамоми ашъор, қасоид ва суханони устодони фанни забони форсиро аз ҳифз медонист. Иқбол бо ҳамроҳи вай дар як киштӣ ҷиҳати ширкат дар Конфронси дуввуми Мизи гирди Лондон дар соли 1939 милодӣ ба Инглистон сафар кард. Иқбол дар бораи ӯ, дар номае хитоб ба Муншӣ Тоҳириддин менависад:[21]

«Сайидалӣ Имом ашъори бешуморе ба забони урду ва форсӣ аз ҳифз дорад ва ба хубӣ метавонад ин забонҳоро бифаҳмад. Писар монанди падар аст. Падари эшон Мавлоно Навоб Имдод дар адабиёти урду ҷойи хосе дорад. Теъдоди намояндагони ҳинду мусалмони ин конфронс ба ҳафт ило ҳашт нафар мерасанд. Ҷаноби Раҷа Нариндунатҳ низ дар ин киштӣ ҳастанд. Чаҳор намояндаи мусалмон ҳастанду ҳар чаҳор нафари онҳо аз назари зоҳир ғарбзада мебошанд. Истилоҳи ғарбзадагӣ, ки шояд маҷаллаи «Маориф» ваъз карда бошад, бисёр пурлутф аст. Лекин кайфияти ин қофилаи мусалмонони ғарбзада ба ин сурат аст, ки ду тан аз онҳо ҳофизи Қуръонанд. Ин ду тан ҷаноби Навоби Чаҳторӣ ва Хон Баҳодур Ҳофизи Ҳидоятҳусайн ҳастанд. Ҷаноби Чаҳторӣ ҳар рӯз дар ҳоли зикр гуфтан аст ва шунидаам, ки ҳар сол пешнамози таровеҳ* ҳам мебошад ва як даврa Қуръонро тамом мекунад. Ҳолати ғарбзадагии Сэр Алӣ Имом ин тавр аст: «Мо як рӯз субҳ бар аршаи киштӣ истода будем. Эшон пас аз он ки ҳисоби милу фарсангро кард, гуфт: «Иқбол, бародарам, дар ин соат киштии мо аз назди соҳили Мадина дар ҳоли убур аст». Ин ҷумла ҳанӯз аз миёни лабонаш хориҷ нашуда буд, ки ашк дигар маҷолаш надод, то сухане бигӯяд. Чашмонаш бимнок шуду беихтиёр гуфт: «Балаға саломи равзат фиҳо ан-набӣ (с)-ул-мӯҳтарам». Кайфияти қалбу дили ӯ маро беандоза мутаассир кард. Ман ҳам ғарбзада ва ҳам шарқзада ҳастам. Албатта ман дар шарқзадагӣ зиёда рӯй мекунам».

Далели дуввум ин аст, ки аз ибтидо Иқбол ин орзуро дошт, ки тавре бишавад, ки Ҳайдаробод ва Даканро маркази эҳёи фитрӣ, илмӣ, динӣ ва тамаддунии ислом бисозад. Худ низ дилаш мехост, ки дар он ҷо коре муносиб биёбаду маҳалли иқоматашро ба он шаҳр интиқол диҳад. Орзу дошт, таҳти сарпарастии низом (ҳоким) ба кори сурудани ашъору таълифи онҳо машғул шавад. Ӯ бо уламо ва шахсиятҳои бонуфузе ошноӣ дошт. Навоб Мирмаҳбуб Алихон вафот ёфта буд ва Навоб Мирусмон Алихон низоми он ҷо буд. Дар 11 январи соли 1912 Маҳараҷа Кишан Прасад аз вазифаи фармондеҳи ҷанг истеъфо кард. То аввали сентябри соли 1914 Навоб Мирюсуф Алихон фармондеҳии ҷангро ба ӯҳда дошт. Сипас, худи низом ба вазорати девони Алӣ расид ва ин вазифаҳоро ӯҳдадор шуд. Лизо ҳангоме ки маснавии «Асрори худӣ» ба чоп расид, Сэр Сайид Алихон Имом нахуствазири Ҳайдаробод набуд, балки низом худ вазифаи нахуствазириро ба ӯҳда гирифт. Шаҳрҳои кӯчаки Ҳайдаробод бо суръати фаровоне ба сӯйи тараққӣ ва ислоҳоти асосӣ пеш мерафтанд. Албатта, бо далели он ки барои ин низом мақдур набуд дар як замон ҳам мақоми вазоратро ӯҳдадор бошаду ҳам мақоми роҳбарии иёлатро, лизо шоеъ шуда буд, ки низом мехоҳад Сэр Сайид Алихон Имомро аз давлати Инглистон дар нимҷазира барои кӯмаки хеш бигирад. Дар назари Иқбол, агар Сэр Сайид Алихон Имом ба вазифаи нахуствазирӣ мансуб мешуд, интизор мерафт, ки дар сояи

* Таровеҳ – бист ракъат намоз аст, ки баъд аз намози ишоъ (хуфтан) аз аввали моҳи Рамазон то охири моҳи Рамазон хонда мешавад ва як давра Қуръон дар ин муддат бо пешнамозии ҳофизи Қуръон ба поён мерасад. Ин барномаро аҳли суннат бештар анҷом медиҳанд.

роҳбарии эшон қадаме ҷиҳати эҳёи тамаддуни ислом бардошта шавад. Бо назардошти ҳамин интизор аввалин чопи маснавиро ба унвони Сэр Сайид Алихон Имом номгузорӣ кард. Билохира, Сэр Сайид Алихон Имом дар соли 1919 милодӣ ба вазифаи нахуствазир (вазири аъзам) расид. Эшон барои беҳбуди вазъи маҳдудаи хеш қарордодҳое пешниҳод кард. Яке аз ин пешниҳодҳо сохтани бинои Донишгоҳи Усмония буд. Пас аз муддати чаҳор сол, ки нахуствазир буд, дар соли 1922 милодӣ таъвиз гардид. Сипас, аз соли 1926 то 1937 Маҳараҷа Кишан Прасад ӯҳдадори ин мақом шуд. Аз соли 1937 милодӣ ба баъд Акбари Ҳайдарӣ даврони нахуствазирии хешро оғоз намуд.[22]

Ҳамон тавр ки гуфтем, роҳбарони мазҳабии навҷавон дигар эътимоде ба раҳбарони қадимӣ надоштанд. Онҳо тарҷеҳ медонанд, ки бо ҳиндуҳо ба тафоҳум бирасанд. Бар ҳамин асос ҷаласоти Лиг ва Кунгура (Конгресс) бо ҳам ташкил мешуданд. Билохира, дар соли 1916 милодӣ роҳбарони ҳинду мусалмон ва роҳбарони сиёсӣ даври ҳам дар Лакҳнав гирд омаданд. Таҳти роҳбарии Муҳаммадалӣ Ҷиноҳ паймоне байни Лигу Кунгура баста шуд, ки ба паймони Лакҳнав мансуб гардид. Ба қавли Тафил Аҳмад, ҳамон тавре ки Мавлоно Шиблӣ орзу дошт, анҷумани мусалмонон ба маънои воқеӣ табдил ба анҷумани сиёсӣ шуд.[23]

Дар қарордоди байни анҷуману кунгура ҳаққи раъйи ҷудогонаи мусалмононро ба расмият шинохтанд. Лекин дар аксар музофотҳо, монанди Панҷоб ва Бангола, мусалмононро аз аксарият маҳрум намуданд ва фақат ба онҳо ҳаққи тасовӣ доданд. Курсиҳои изофиро байни ақаллиятҳо тақсим карданд. Дар ин муовиза ба шаҳрҳое, ки мусалмонон дар ақаллият буданд, иҷоза дода шуд, курсиҳои бештаре дошта бошанд. Ҳангоми ба тасвиб расондани қарордоди Лакҳнав дар бештари манотиқе, ки мусалмонон дар аксарият буданд, мисли Сарҳад (91% мусалмонон ва 7% ҳинду), Балуҷистон (87% мусалмонон ва 11% ҳинду) намояндаи давлати англис (Chief Comissioner, фармондори музофот) ҳукумат мекард. Дар он ҷоҳо дастурамалҳои соли 1909 милодӣ ба кор баста намешуданд. Ба ҳамин тартиб, Синд (5% мусалмонон ва 19% ҳинду) ба Бамбай илҳоқ шуд. Дар натиҷа, ҳарду таносубе ба ин шарҳ дошт: 77% ҳинду ва 19% мусалмон. Гӯё ҳангоми ақди қарордоди Лакҳнав аз лиҳози дастурамал, фақат дар Панҷобу Бангола буд, ки мусалмонон дар аксарият буданд. Ва ин мусалмонон аз аксарият маҳрум шуда буданд. Дар тамоми марокизу музофотҳо ҳиндуҳо ба таври возеҳ аксарият буданд. Ба ҳамин ҷиҳат мусалмонон фоидае надоштанд, ки курсиҳои изофӣ бигиранд. Раҳбарони мусалмоне, ки дар ба тасвиб расондани қарордоди Лакҳнав ширкат доштанд, аксарашон аз музофотҳое буданд, ки мусалмонони он ҷо дар ақаллият буданд. Дар музофоти Панҷоб, ки мусалмонон дар аксарият буданд, Сэр Муҳаммад Шафеъ бо ин қарордод мухолифат кард. Албатта, Сэр Фазл Ҳусайн аз ин қарордод ҳимоят карду аз тарафи Панҷоб қарордодро имзо кард. Агарчи Иқбол бо сиёсати амалӣ робитае надошт, ба ҳар ҳол, бо қарордоди Лакҳнав мухолифат кард. Абдулҳамиди Солик менависад:[25]

«Аллома Иқбол бо ин қарордод мухолиф буд. Зеро дар музофотҳое, ки мусалмонон дар аксарият буданд, ихтиёроти муассире ба мусалмонон намедоданд. Ва дар музофотҳое, ки дар онҳо мусалмонон дар ақаллият буданд, дар натиҷа фоидаи махсусе оидашон намешуд. Илова бар он, Аллома бар ин ақида буд, ки қарордоде инчунин фақат замоне метавонад муфид бошад, ки дар Ҳиндустон қавмияти муттаҳид ташкил шавад. Ҳақиқат ин аст, ки иттиҳоди қавмӣ дар Ҳиндустон номумкин аст. Зимнан, ҳеҷ кӯшише барои ин кори муфид воқеъ намегардад».

Дар ин шакке нест, ки қарордоди Лакҳннав, ки байни ду кеш ва ё ду қавм мунъақид шудааст, як қарордоди ғайриҳақиқӣ мебошад. Сипас, аз наҳзати «Тарки муволот » равшан мешавад, ки фикру нияти ду тараф бо ҳам фарқ мекунанд. Бо вуҷуди ин қарордод, аксар раҳбарони сиёсии мусалмон мехостанд шахсияти қавмии ҷудогонае барои мусалмонон ба вуҷуд биёваранд. Аз тарафи дигар, бо вуҷуди ба расмият шинохтани намояндагии ҷудогона, раҳбарони ҳинду мехостанд тибқи

қарордоди Лакҳнав ҳиндуҳо ва мусалмононро дар ҳам идғом намоянд. Гарчи бар тибқи ин қарордод ҳиндуҳо ва мусалмонон барои муддате ба якдигар наздик шуданд, вале ин қарордод ҳам натавонист ба маънои воқеӣ ба ихтилофоти онҳо хотима диҳад. Дар соли 1917 милодӣ дар Шоҳободу Оро фасоду куштори мусалмонон ба авҷ расид. 129 русто, ки дар масофати 40 мили мураббаъ буд, ба дасти ҳиндуҳо вайрон гардид.[26] Дар ҳамин сол Монтигу (Lord Montigu) ба Ҳиндустон омад ва ислоҳоти дастурии соли 1909 милодӣ дар асари паймони Лакҳнав мавриди таҷдиди назар қарор дода шуд. Ин паймон дар соли 1918 милодӣ ба номи «Монтигу-Ҷеймз Форд» (James Ford) ба сурати гузорише даромад. Баъдҳо, бар минволи ҳамин гузориш, лоиҳаи давлати Ҳиндустон (Government of India Act.) дар соли 1919 милодӣ ба тасвиб расид, ки дар соли 1921 милодӣ ин лоиҳа амалан ба кор гирифта шуд.

Ба ҳар ҳол, Иқбол бо ин бандубастҳои сиёсӣ робитае надошт ва танҳо дар рустое дар фасли тобистон ба сурудани қисмати дуввуми «Асрори худӣ» бо номи «Румузи бехудӣ» машғул буд. Дар соли 1917 милодӣ бори дигар назари Иқбол ба Ҳайдаробод маътуф гашт.[27] Пас аз фавти Сайид Ҳошим Билгиромӣ вазифаи қазоват дар додгоҳи Ҳайдаробод холӣ монд. Ба ҳамин ҷиҳат, муншӣ Динмуҳаммад – мудири гузориши шаҳрии Лоҳур, (Municipal Gazette Lahore) Иқболро барои ин вазифа пешниҳод кард. Дар ин маврид номае низ ба Маҳараҷа Кишан Прасад навишт. Маҳараҷа Кишан Прасад дар посухи ин нома ҳар матлаберо, ки нигошт, Иқбол тайи номае аз ӯ бад-ин шарҳ ташаккур кард:[28]

«Чанд рӯз аст, ки ин хабар дар рӯзномаҳо мунташир мегардад. Шунидаам, ки аксар рӯзномаҳои Панҷобу Уттар Прадеш ва аксар мухбирин ва хабарнигори рӯзномаи «Дакан» низ ин хабарро навиштаанд. Лекин ман амдан барои Шумо дар ин бора чизе нанавиштам. Зеро медонам, ки агар замоне чунин масъалае пеш биёяд, Шумо ҳатталимкон аз ҳамкорӣ дареғ намефармудед. Ба ҳамин далел ва бо вуҷуди он ки муддатҳост, ки дилам мехоҳад назди Шумо биёям, лозим надонистам чизе барои Шумо бинависам. То ба ҳол дар барномаҳоям кӯшиши дохилиро бисёр кам дахолат додаам. Ҳамеша худро ба дасти сарнавишт месупорам. Натиҷаи он ҳар чи ки мехоҳад, бошад. Бо фазлу карами Худованд ҳеҷ ҳаросе ба худ роҳ намедиҳам. Дар ҳоли ҳозир низ иродаи қалбам тавре аст, ки ҳар ҷо ки бигӯяд, хоҳам рафт. Аммо дар қалбам ин фикрро низ дорам, ки агар Худованд маро барои Ҳайдаробод интихоб кардааст, иттифоқан ин интихоб мутобиқи майли ман низ ҳаст».[29]

Ҳангоме ки ин хабар дар рӯзномаҳои Панҷоб ва Уттар Прадеш мунташир шуд, сели телеграммаҳои табрикӣ ба сӯйи ӯ сарозер гашт. Муваккилоне, ки дифоъ аз онҳо дар Панҷоб ба Иқбол супурда шуда буд, бисёр нороҳату парешон шуданд. Билохира, ҳангоме ки хабарнигори «Дакан» ба Иқбол хабар дод, ки дар Ҳайдаробод исми чанд нафар тавассути давлат барои вазифаи қазоват дар ҳоли баррасии ӯст ва номи ӯ низ аз ҷумлаи онон аст, номае ба Маҳараҷа Кишан Прасад навишт ва дар он муфассалан таҳсилоту таълифоти хешро шарҳ дод ва аз ӯ ёрӣ талабид.[30]

«Дар ҳоли ҳозир дар бораи фиққи исломӣ китоби муфассале дар басти таълиф дорам, ки ба забони англисӣ мебошад. Матолиби онро аз Мисру Сурия ва кишварҳои арабӣ таҳия кардаам. Иншооллоҳ, агар зинда мондам, ба зудӣ мунташир хоҳам кард. Мутмаин ҳастам, ки китоби беназире хоҳад шуд. Мусаммим ҳастам, тавре дар ин китоб масоилро шарҳу баст диҳам, ки дуруст монанди китоби Имом Насафӣ* бошад, ки дар шаст ҷилд навишта шудааст». Кишан Прасад дар нома изофа

* Шайх Азизиддин Муҳаммад Насафӣ аз урафои қарни ҳафтум, дар шаҳри Нахшаб ё Насаф ба дунё омад. Аз донишмандони бузурги Эрону ислом аст ва расоили бисёре ба риштаи таҳрир дароварда ва онҳоро ба унвони китоби «Инсони Комил» тадвин кардааст. Ва шояд ӯ аввалин касе аст, ки ин мавзӯъро ба тартиби махсус мавриди баҳс қарор додааст. Шайх «Инсони комил»-ро бад-ин иборат таъриф мекунад: «...Инсони комил он аст, ки дар шариату тариқат ва ҳақиқат комил бошад». Ва гӯяд: «Шариат гуфти анбиёст, тариқат карди анбиё ва ҳақиқат диди анбиёст. Инсони комил он аст, ки чаҳор чиз ба камол доро бошад: ақвоми нек, афъоли нек, ахлоқи нек ва мубориза».

намуд, ки ӯ бо хусусиёти ахлоқии Иқбол комилан ошноӣ дорад ва ниёзе ба зикри онҳо нест.

Лекин тақдир нахост, ки Иқбол ба Ҳайдаробод биравад. Ҳамчунин, ӯ ҳаргиз муваффақ нашуд ва фурсат наёфт китобе ба забони англисӣ дар бораи фиқҳи исломӣ бинависад. Ва ин кор дар феҳристи орзуҳои ӯ боқӣ монд. Чанд моҳ баъд Сэр Акбар Ҳайдарӣ вазифаи профессори ҳуқуқ (қонун)-ро дар Ҳайдаробод ба ӯ пешниҳод намуд. Аз ӯ суол намуд, ки бо ваколати хусусӣ чӣ миқдор дастмузде мехоҳад. Лекин Иқбол аз ҷое мутаваҷҷеҳ шуд, ки дар Ҳайдаробод ниёзе ба ӯ нест ва Сэр Акбар Ҳайдарӣ ӯро фақат ба ин манзур ба Ҳайдаробод мехоҳад, ки бо ӯ гуфтугӯе дар бораи матраҳи донишгоҳ дошта бошад. Чун Иқбол наметавонист то ин ҳад махориҷро мутаҳаммил шавад, бад-ин сабаб аз рафтан ба Ҳайдаробод худдорӣ намуд.

Дар соли 1917 милодӣ Иқбол ба Чаудҳрӣ Муҳаммадҳусайн (1894-1950 милодӣ) мулоқот намуд. Дар ин замон Чаудҳрӣ Муҳаммадҳусайн – донишҷӯи коллеҷи Исломия буд ва ба пешниҳоди раиси Коллеҷи Исломия Ҳенри Мартин (Henri Martin), ӯ тадриси хусусии кӯдакони Навоб Сэр Зулфиқор Алихонро ба ӯҳда гирифт ва ба далели он ки Иқбол дӯстии амиқе бо Навоб Сэр Зулфиқор Алихон дошт, бад-ин васила тавонист Чаудҳрӣ ро бубинад. Иқбол мутааққид шуд, ки ӯ диндори босадоқат аст ва то лаҳзаи марг ӯро фаромӯш накард. Дар соли 1926 милодӣ Чаудҳрӣ Муҳамммадҳусайн бо пешниҳоди Иқбол дар дабирхонаи музофоти Панҷоб (Punjab Civil Secretariat) машғул ба кор шуд.

Иқбол унси фаровоне ба кабӯтар дошт. Ба мушкили фаровоне аз Мадинаи Мунаввара барояш як кабӯтар оварда буданд. Вай онро парвариш дод ва бо эҳтиёти фаровон аз ӯ нигаҳдорӣ мекард. Аз бахти баде 20 октябри соли 1917 он кабӯтар тӯъмаи гурбае шуд. Иқбол аз ин ҳодиса беандоза нороҳат шуд ва шеъри «Ба ёди кабӯтари Мадина»-ро суруд. Дар ҳамин замон буд, ки ӯ ба ин фикр афтод, ки агар кабӯтаре аз насли хуб бо кабӯтари ҷангалии сабзранг (ҳарил)* ҷуфтгирӣ кунад, хоҳад тавонист насли ҷадид ба вуҷуд оварад. Барои найл ба ин мақсуд Иқбол то чанд сол тақрибаҳои мухталифе касб кард, вале муваффақ нашуд.

Дар авохири соли 1917 милодӣ шеъри «Румузи бехудӣ» комил шуд. Лекин дар ин ҳангом Иқбол дар фикри такмили қисмати севвуми маснавӣ таҳти унвони «Зиндагии ояндаи мусалмонон» буд. Ӯ хитоб ба Гиромӣ навишт:[32]

«Дар ҳоли ҳозир қисмати севвуми маснавӣ фикрамро ба худ ихтисос додааст. Матолиб ҳамчун дарё ба зеҳнам меоянду саргардон ҳастам аз он, ки кадом якро ёддошт кунам. Унвони ин қисмат «Зиндагии ояндаи мусалмонон» аст. Ба ин маънӣ, ки Қуръони Карим дар бораи таърихи ояндаи зиндагии мусалмонон чӣ мегӯяд ва ҷамоати мусалмонон, ки ташкили он ба даъвати Имроҳимӣ** сурат гирифт, дар оянда шоҳиди чӣ ҳаводису воқеиёте хоҳад буд? Билохира, мақсуд аз ин ҳаводис чист? Тамоми ин суолҳоро метавонем дар Қуръони Карим биёбем. Дар он ҷо истидлолҳои возеҳе ҳастанд, ки касе наметавонад ва қодир нест, ки бигӯяд ин амал бо таъвил анҷом шудааст. Ин аз фазлу карами Худованди Таоло аст, ки ба ман донишу илми пинҳонии Қуръони Каримро ато фармудааст. Ман дар ҳудуди 15 сол Қуръони Маҷидро хондаам ва моҳҳо, балки солҳо бар баъзе аз оёту сураҳо андешидаам, пас аз ин муддати тӯлонӣ ба натиҷаи боло даст ёфтаам. Лекин матлаб бисёр зариф аст ва навиштани он кори душворе аст. Ба ҳар ҳол, ба ин натиҷа расидам, ки бояд як бор

---

* Номи нажоди он кабӯтаре, ки ҳиндӣ мебошад.

** Қуръони Карим мефармояд: Аввалин касе, ки ин динро ислому пайравони онро мусалмон номид, Ҳазрати Иброҳим алайҳиссалом буд.

«Раббано ва-ҷъално муслимина лака ва мин зуррииййатино умматан муслиматан лака» – сураи «Бақара», ояти 128 (Иброҳиму Исмоил гуфтанд):

«Парвардигоро, моро таслими фармони худ гардон ва аз фарзандони мо низ умматеро муслим қарор деҳ».

кӯшиш намояму онро бинависам. Чопи он низ пас аз марги ман хоҳад анҷом гирифт ва ё ҳар вақт ки мақдуф бошад».[33]

Бад-ин тартиб, пас аз ба чоп расидани «Румузи бехудӣ» дар мавриди қисмати севвуми маснавӣ номае хитоб ба Акбароллоҳи Ободӣ дар таърихи 28 ноябри 1918 навишт ва чанд шеъре аз ин қисматҳо низ барои ӯ фиристод.[34]

Лекин ин тасмими ӯ ҳаргиз ҷомаи амал напӯшид ва пас аз панҷ сол чанд шеъри махсус барои қиссмати севвум дар «Паёми Машриқ» ғунҷонида шуд.

«Румузи бехудӣ» дар апрели 1918 мунташир шуд. Дар дебочаи чопи аввали маснавӣ Иқбол аз мусоидаи устодони хеш – Мавлоно Сэр Мирҳусайну Гиромӣ ташаккур кард. Зеро онҳо дар тарзи баёни баъзе аз ашъор ӯро ёрӣ доданд. Ӯ дар мавриди мавзӯи китоб гуфт:[35]

«Истеҳкоми эҳсоси нафси афрод дар қудрати ҳофизаи онҳост. Истеҳкоми вазъи ақвом мабно дар ҳифозат аз таърихи қавмии онҳо аст. Гӯё таърихи ҳар қавм барои ҳаёти миллӣ, ба манзалаи қудрати ҳофиза аст, ки бо ба ҳам марбут сохтани мароҳили мухталифи зиндагӣ ва аъмоли онҳо метавон замони қавмро маҳфузу қоим нигоҳ дошт. Бо дар назар гирифтани илмулҳаёт тавонистам дар мавриди ҳаёти таркибии миллати мусалмон ва аҷзои гуногуни он мутолеоте анҷом диҳам. Яқин дорам, ки аз тариқи ин нуқтаи назар метавон зиндагии уммати мусалмонро дарк кард».

Сэр Абдулқодир дар мавриди таснифи ин қисмати маснавӣ аз забони Иқбол менависад:[36]

«Ҷаноби доктор мегӯянд, ки ман ба салоҳиятҳои илмӣ ва адабии Абдураҳмони Бачнурӣ мӯътарифам (эътироф мекунам). Дар зимн аз эшон низ мамнун ҳастам. Зеро ки ҳангоми интишори «Асрори худӣ» Бачнурӣ матлабе дар интиқод аз ин шеър навишт. Дар ин навишта зимни баҳс дар бораи абъоди «худӣ» меоварад, ки Иқбол то ҳадде бар худи фард таъкид дорад ва тарс аз он аст, ки вуҷуди мардумро нодида ангорад. Дар сурате ки худии инфиродӣ низ дар мардум ҳал мешавад ва бар такомул мерасад. Аз хондани ин матлаб Бачнурӣ лозим донист бо навиштани «Румузи худӣ» ба ин гуна афкору андешаҳо хотима диҳад. Албатта наметавонам бигӯям, ки агар изҳори назари Бачнурӣ ба чоп намерасид, «Румузи бехудӣ» навишта мешуд ё не? Лекин ҳақиқат ин аст, ки пас аз хондани матлаби Бачнурӣ ба ин натиҷа расидам, ки фавқулода ва зарур аст, ки «Румузи бехудӣ» нигориш ёбад».

Ба ҳамин сурат, 27 июни соли 1917 Иқбол дар бораи «Румузи бехудӣ» хитоб ба Ниёзиддинхон навишт:[37]

«То он ҷо ки медонам, то ба ҳол фалсафаи миллати мусалмон бад-ин тартиб ба иҷтимои мусалмонон ироа дода нашудааст. Мусалмононро асри ҳозир ҳатман медонанд, ки Аврупо ба он қавме фахр мефурӯшад, ки эътиқоди сусте доранд. Усули ҳаққи қавмиятро фақат ислом баён кардааст ва мурури замон ҳеҷ асаре бар пухтагӣ ва пойдории ин усул надорад».

Як нусха аз «Румузи бехудӣ»-ро Иқбол назди низоми Ҳайдарободи Дакан низ фиристод. Ҳамроҳи он як нусха шеъри форсӣ таҳти унвони «Хитоб ба фармонравои Дакан» низ ирсол дошт Дар асл ин шеър ба ин сурат навишта шуд, ки дар соли 1918 милодӣ низом ба Алигарҳ рафт ва муншии донишкада ба Иқбол телеграмма зад, ки бояд ба Алигарҳ биравад. Лекин пас аз чанд ҳафта ҳамроҳ бо нусхае аз «Румузи бехудӣ» ин шеърро низ назди низом фиристод.[38]

Дар соли 1918 милодӣ, чанд моҳ қабл аз поёни ҷанги ҷаҳонии аввал дар баъзе аз манотиқи Панҷоб навъи махсусе аз бемории анфлуонзо ривоҷ пайдо кард. Касе намедонист илоҷи он чист. Дору ҳам бисёр камёфт, ҳатто мешавад гуфт, қаҳт буд. Доруҳое, ки дар он замон вуҷуд доштанд, бо онҳо имкони пешгирӣ набуд. Мақомот дар муқобила бо ин беморӣ ноумед шуданд ва коре аз дасташон барнаёмад. То он ҷое ки духтурҳо низ ба ҳангоми муолиҷаи беморон худ низ мубталои анфлуонзо шуданд. Рӯзона наздик ба 250 нафар дар Лоҳур фавт мекарданд.[39] Ҳеҷ роҳе набуд, ки бо ин беморӣ ва талафоти он мубориза кард. Барои дафни мурдагон ҳатто гӯркан низ

ёфт намешуд. Дар ин айём Иқбол маҷбур буд ба Коллеҷи Исломия биравад ва дар он ҷо ба муддати ду моҳ барои донишҷӯёни фавқилисонси фалсафа тадрис намояд.

Профессор Ҳиг – устоди фалсафа, аз бемории вабо даргузашта буд. Анҷумани ҳимояти ислом аз Иқбол дархост намуд, то замоне, ки устод барои тадрис ба донишгоҳ наёяд, масъулияти донишҷӯёнро ба ӯҳда бигирад. Иқбол дар номаи худ хитоб ба Акбароллоҳи Ободӣ дар 28 ноябри соли 1918 чунин навишт:[40]

«Ҳар рӯз аст, ин писарҳо назди ман меоянд. Дар рӯз аз ҳар фурсате, ки дошта бошам, истифода мекунам ва бо мутолеаи китобҳои гуногун барои онҳо суханронӣ таҳия мекунам. Матолиби суханрониҳо ғолибан дар бораи ин масоил мебошанд: афсонаи ёс ва нокомиҳои зеҳнии инсонҳо, ки дар назди мардум маъруф ба таърихи фалсафа ҳастанд. Дирӯз аср ин шеъри Шуморо барои онҳо мехондам.

Тарҷумаи шеър:

Ман тоқату қудрати зеҳнро номаҳдуд медонистам, вале хабар надоштам ҳуше, ки ба ман додаанд, маҳдуд аст ва бинише, ки ба ман ато шудааст, маҳдудият дорад.

...Ба ҳар ҳол бо баҳонаи суханрониҳо гоҳ-гоҳе фурсате даст медиҳад, ки нукоти мазҳабиро низ дар гӯши онҳо бихонам».

Дар 11 ноябри соли 1918 ҷанги ҷаҳонӣ ба итмом расид. Як моҳ пас аз хотимаи ҷанг Сэр Майкл Эдвайр – фармондори Панҷоб ҷаласаи бузургеро барои ин пирӯзӣ дар толори Бредли Лоҳур (Breddle Hall Lahore) ташкил дод. Дар ин ҷаласа Иқбол ба иттифоқи Навоб Зулфиқор Алихон ширкат доштанд. Ба дархости фармондор Иқбол чанд шеър ба забони форсӣ хонд.[41]

Дар ин замон Иқбол дар фикри навиштани матолибе буд, вале онҳо ҳаргиз комил нашуданд. Орзуи таълифи китоби «Фуқаҳои исломӣ» ба забони англисӣ то охирин лаҳазоти зиндагии Иқбол ба ҳамроҳаш буд. Иқбол аз дер боз тасмим ба навиштани маснавии «Асрору румуз» гирифта буд.

Иқбол дар имтиҳони муқаддамотии риштаи ҳуқуқ, ки дар декабри соли 1898 дар Лоҳур баргузор гардид, муваффақ нашуда буд. Дар соли 1900 милодӣ дар дарсҳои ҳуқуқ ширкат намуд, вале чун сабти ном накарда буд, ба ӯ иҷоза дода нашуд дар имтиҳонот ширкат кунад. Бад-ин сабаб барои давраи омӯзиши олӣ маҷбур гардид ба Инглистон сафар кунад. Мақсади аслии ӯ ин буд, ки ба Лондон рафта дарси ҳуқуқ бихонад. Дарсе, ки дар ин давраю замона барои тараққӣ ва найл ба мақосид лозиму зарурӣ буд. Иқбол вобастагии хосе ба Арнолд дошт. Ин вобастагӣ боиси ба вуҷуд омадани алоқаи таҳқиқу татаббӯъ дар Иқбол шуд. Аз ибтидо ин орзу дар дилаш ҷавона зад, ки рӯзе битавонад дараҷаи докторӣ дар фалсафа бигирад. То он ҷо ки марбут ба мавзӯъ таҳқиқ мешавад, Иқбол аз ибтидо ба иллати тарбияти хонаводагӣ бидуни шак ба тасаввуфи аҷамӣ ва ё бидуни тардид ба ваҳдати вуҷуди тамоил дошт. Бад-ин ҷиҳат, мавзӯи таҳқиқии худро таҳти унвони «Фалсафа дар Эрон» ва ё «Иртиқои фалсафаи мобаъдуттабиа дар Эрон» интихоб кард.

Дар ин давра бо васотати Хоҷа Ҳасани Низомӣ, Иқбол тавонист чанд суоли бунёдии тасаввуф аз шоҳ Сулаймон Бҳалаврай бинамояд. Барои мисол, аз ӯ хост оётеро, ки дар Қуръони Маҷид дар робита бо тасаввуф вуҷуд дорад, ном бибарад. Аз кадом як оёт метавон масъалаи ваҳдати вуҷудро дарк кард? Ислом ва тасаввуф чи робитае бо таърих доранд? Оё касе ба Ҳазрати Алӣ (а) дарси хусусӣ медод? Ва ғайра. Шоҳ Сулаймон Бҳалаврай низ посухҳое дод. Аз ин ҷавобҳо дар боби тасаввуф истифода гардид. Иқбол ба маҳзи расидан ба Кембриҷ фавран кори таҳқиқии хешро оғоз намуд. Дар июни 1907 тақрибан якуним сол ва ё 18 моҳ баъд, он аз мақолаи таҳқиқӣ аввалин бор дар соли 1908 милодӣ дар Лондон мунташир шуд. Лекин то ин ҳангом дар назариёти Иқбол тағйироте ҳосил гардида буд. Вале Иқбол хаёл надошт онро бори дигар бо тағйироте мунташир созад. Мир Ҳасаниддин дар соли 1936 милодӣ дар Ҳайдарободи Дакан ин мақоларо ба забони урду бо номи «Фалсафаи аҷам» тарҷума кард. Иқбол зимни он, ки ба эшон иҷоза диҳад, ки тарҷумаи ин мақоларо мунташир созад, гуфт:[42]

«Ин китоб 18 сол пеш навишта шудааст. Аз он замон то ба ҳол чизҳои ҷадиде кашф шудааст ва дар афкору назариёти ман низ тағйироти фаровоне ба вуҷуд омадааст. Китобҳои ҷудогонае ба забони олмонӣ дар бораи Ғазолӣ ва Тӯсӣ навишта шудаанд, ки мавқеи нигориши китоби ман вуҷуд надоштанд. Ба назари ман, қисмати кӯчаке аз ин китоб боқӣ мондааст, ки натавон онро мавриди интиқод қарор дод».

Баъдҳо ба ин далел ин натиҷагириро кардам, зеро дидам, ки ин мақола то ҳадде ноқис аст. Чун баъзе аз натоиҷи фикрӣ, ки дар он нигошта шуда буд, ғалат ба назар мерасид. Барои мисол иштибоҳан тасаввур мерафт, ки Ҷалолуддини Румӣ пайрави маслаки «вуҷудӣ» аст.

Бар ҳамин минвол дар мавриди Мансури Ҳаллоҷ* навишта шуда буд, ки «ваҳдати вуҷуде» будааст. Дар ҳоле ки ӯ монанди як Видант – ҳиндуи ҳақиқӣ «иналҳақ» (Аҳма Браҳма Асмӣ)** гуфта буд. Пас аз мутолеаи дақиқи маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ назарияи Иқбол дар мавриди ӯ низ тағйир кард. Ҳангоме ки дар Фаронса Массигнон*** (Massignon) китоби хешро таҳти унвони «Алтавосин» мунташир кард, назарияи Иқбол дар мавриди Мансури Ҳаллоҷ**** низ тағйир кард. Ба сабаби огоҳ набудан аз «Занд»***** натавонист аз ақоиди зардуштиён ба таври саҳеҳ мутталеъ гардад. Баъдҳо, замоне ки бо кӯмаки Мавлоно Сайид Мирҳасан муваффақ шуд навиштаҳоеро ба забони паҳлавӣ мутолеа намояд, мутаваҷҷеҳ гардид, ки қисмати аввали мақола, яъне матолибе, ки дар бораи фалсафаи Эрон қабл аз ислом нигоштааст, комил нест.

Лизо равшан аст, ки агар Иқбол аз маслаки тасаввуфи вуҷудӣ мунҳариф шуд, ё дар ин бора ақоиди ӯ тағйир ёфт, ин замоне буд, ки ӯ шурӯъ ба навишти рисолаи доктории таҳқиқии худ кард. Абдулмаҷиди Солик менависад:[44]

«Барои рисолаи докторӣ, дар даврони мутолеа ва таҳқиқ ин масъаларо кашф кардам, ки бештар абъоди маслаки роиҷи тасаввуф, бо ислом робитае надорад, балки ҳатто метавон гуфт, бо ислом муғоир аст. Чанд сол баъд, ҳангоме ки бо Иқбол дар Лоҳур мулоқот кардам, дар яке аз сӯҳбатҳояш Иқбол бо обу тоби бисёре мегуфт: –Китоби «Фусус-ул ҳакам»-и Шайх Акбар Муҳиддин****** Ибни Арабӣ ва китоби

---

* Ҳусайн бини Мансури Ҳаллоҷ (224-309 ҳичрӣ) дар Байзои форс ба дунё омад. Ҳаллоҷ сарсилсилаи шуҳадои суфия ва назди аксари онҳо аз авлиё аст. Вайро ба ҷурми он ки бо Қаромата ва баъзе табақоти шиа иртибот дорад, муттаҳам намуданд ва ҳукми такфири ӯро доданд. Ҳазор тозиёна хӯрду дам барнаёвард. Фармони қатлашро дар Бағдод доданд. Вақте ки ӯро ба пойчӯбаи дор мебурданд, пойкӯбон ва дастафшон аналҳақгӯён мерафт. Пурсиданд, сабаби ин кор чист? Гуфт: «На магар ба пойи дор меравам. Он нардбони осмон аст». Вай ҷони худро сари ҳамин «иналҳақ» гуфтан гузошт. Муроди ӯ ин буд, ки вуҷуд яке асту ҷуз Худо чизе нест ва ҳар инсоне, ки таъиноти шахсеро маҳв кунад, қоим ба ҳақ аст ва ӯ Ҳақ» аст. Яъне, ҳамин ки «ман»-у «мо»-ву «ту» аз миён биравад, ба ҷуз «ӯ» чизе боқӣ нест.

** Дар забони синскрит ба маънии «Ман Худо мебошам» аст.

*** Луи Массигнон (1883-1962) – ховаршиноси фаронсавӣ, роҷеъ ба Ҳаллоҷ таҳқиқоте намуда ва мунташир кардааст. Китоби «Тавосин»-ро дар соли 1913 ва «Ахбори Ҳаллоҷ»-ро дар соли 1914 тадвин намуд.

**** Пеши ӯ гетӣ ҷабин фарсудааст, З-он ки ӯ ҳам одаму ҳам ҷавҳар аст.
Хешро худ убдае фармудааст. Ҷавҳари ӯ не араб, не аъҷам аст,
Убдае аз фаҳми ту болотар аст, Одам асту ҳам зи одам ақдам аст.

***** Занд иборат аз тафсире аст ба забони паҳлавӣ, ки дар давраи Сосониён бар Авесто – китоби Зардушт навишта шудааст. «Позанд» шарҳи занд ба забони форсии дарӣ аст. Ба Авесто дар тӯли замоне тавассуути мӯбадони Зардушт, бахусус, то давраи ислом изофоте шуда ва он аз сурати аввалияи худ хориҷ гаштааст. Вале қисмате, ки асари мусаллами Зардушт аст, Готҳо мебошад.

****** Муҳаммад бини Алӣ Тойии Андалусӣ маъруф ба Шайхулакбар ва Ибнии Афлотун (560-638 ҳичрӣ) аз бузургони урафо ва аҷлаи мутасаввифа аст. Таълифоти бисёре аз ӯ боқӣ мондааст. Маъруфтарини онҳо «Футуҳоти Макия» ва «Фусус-ал-ҳикам» мебошад. Вай усули тасаввуфу ирфон ва ҳикмати ишроқ ва, махсусан, масъалаи ваҳдати вуҷудро дар мутобиқи қавоиди ақлӣ ва усули илмӣ ба ваҳҷи истидлол дар кутуби худ мудавван сохт. Ва баъди чанде китобҳои ӯ маънои аслии тасаввуфу ирфон шуд. Вай аввалин касе аст, ки ваҳдату вуҷудро асоси таълиму назарияи хеш қарор дод.

«Ҳикмат-ул-шарқ»-и Шайх Шаҳобиддин Суҳравардиро* бо ниҳояти диққат беш аз даҳ бор хондааст. Илму завқи ин бузургон ҳеҷ ҳарф надорад. Лекин аксар мӯҳтавиёти ин китобҳо бо ислом робитае надоранд. Ҳатто наметавонам онҳоро мутобиқ бо ақоиди таълимоти исломӣ низ биномам».

Ба назари нависанда (Ҷовид) дар васати соли 1907 милодӣ, чанд моҳ пас аз ирсоли рисолаи докториаш ба Мюнхен, ҳангоме ки ҳанӯз дар Кембриҷ муқимӣ буд, таҳти таъсири як инқилоби зеҳнӣ ва қалбӣ қарор гирифт. Дар натиҷа ӯ натанҳо истеъмори мулкият** ва қавмияти ватониро нафй (рад) кард, балки аз баракати таҳқиқи хеш аз маслаки ваҳдати вуҷудӣ низ мунҳариф шуд. Далели инҳирофи ӯ аз маслаки вуҷудӣ чӣ буд? Посухи ин суол ин аст, ки Иқбол аз бисёре аз абъоди тамаддуни аврупоӣ маъюсу ноумед буд. Лекин тамаддуни аврупоӣ чанд бӯъди мусбат дорад. Дар Аврупо дар заминаҳои тадвини фалсафаи ҷадид, тараққии улуми нав, фан ва технологӣ ба назар мерасид.

Аз назари Иқбол, ба ҳамон далел, ки Ғарб бедор буд, Шарқ дар хоби харгӯшӣ ба сар мебурд. Дар ин марҳала ин суол барои ӯ пеш омад, ки далели аслии инҳитоти мусалмонон чӣ будааст? Пас аз тафаккур ба ин натиҷа расид, ки бо сеҳру ҷодуи маслаки вуҷудӣ қудрати амали ӯро салб кардаанд. Икромулҳақ Салим низ дар гуфтаҳояш ин мавзӯъро таъкид мекунад. Вай мегӯяд: «Иқбол ҳанӯз дар Кембриҷ буд, ки рӯзе тасмим гирифт дар мавриди сиёсати исломӣ шурӯъ ба нигориши мақолае барои як маҷаллаи англисизабон кунад. Лекин як суол барояш пеш омад, ки муҳаррики равонии заволи мусалмонон чӣ будааст? Барои ёфтани посухе ба ин суол ба китобҳои гуногуне мурочиат кард. Лекин ҷавоби қонеъкунандае наёфт. Аз ҳамин лаҳза шурӯъ ба баррасии далоили таназзули мусалмонон кард. Дар ин замон буд, ки барои бедории исломи ҳақиқӣ шурӯъ ба ёфтани роҳи ҳалле намуд. Ба гуфтаи худи Иқбол, дар соли 1908 ҳангоме ки аз Англия бозгашт, ғавғое дар дилаш барпо буд. Вай мехост бо ҳадафи ин, ки рӯҳи тозае дар адабиёти хеш бидиҳад, сармояи зиндагии ҷадиде омода кунад. Саранҷом, дар соли 1910 милодӣ вай тасмим гирифт назариёти хешро баён намояд. Бо назардошти ҳамин ақоид шурӯъ ба сурудану навиштани «Асрори худӣ» кард. Аз навиштаҳои Иқбол ин низ равшан аст, ки мехост бар тибқи гуфтаи падараш ба сабки маснавии Буалӣ Қаландар, як маснавӣ бисарояд. Се асар аз Буалӣ Қаландарро ном мебарем: «Махзани маънавӣ», «Каломи Қаландарӣ» ва маснавии «Буалӣ Қаландар». Ғуломрасули Меҳр мегӯяд: «Имкон дорад Иқболу падараш охирин маснавиро дар назар дошта, интихоб карда бошанд. Ё аслан хаёл доштанд маснавии мухтасаре бинависанд. Вале ҳангоме ки ба мавзӯи фикру андеша дар ин бора бархӯрданд, ба ин натиҷа расиданд, ки бояд маснавиро густариш дод. То ҳадде ки бояд ин маснавӣ ба се қисмат тақсим шуда, навишта шавад. Лекин фақат муваффақ ба навиштани ду қисмати он шуд. Дар ин замон Румӣ ба назараш омад ва муносиб дид, ки маснавии хешро дар иртибот бо маснави Ҷалолуддини Румӣ бинависад. Зимнан, Ҷалолуддини Румӣ дар назари Ғуломрасули Меҳр барои бедор намудани исломияти ҳақиқӣ, инчунин тартиб додани низоми фикрӣ дар зеҳни ӯ ашколи гуногуне ба худ гирифт. Дар ибтидо моҳияти он таври дигаре буд. Сипас, абъоди ҷадиде бар он изофа гардид. То ҳадде ки ду маснавиро дар зеҳни хеш комил кард. Яке дар робита бо зиндагии фикрӣ, ки номи онро «Асрори худӣ» гузошт ва дигаре дар робита бо зиндагии миллат, ки «Румузи худӣ» хонда шуд. Аммо қисмати

---

* Мӯсии бегонаи симои ишқ,
Бехабар аз ишқу аз савдои ишқ.
Аз ташаккук гуфту аз ишроқ гуфт,
В-аз ҳакам сад гавҳари тобанда суфт.
Уқдаҳои қавли машоин гушуд,
Нури фикраш ҳар хаферо во намуд.

** Мулукият саропо шишабозист,
Аз ӯ эмин на румӣ, на ҳиҷозист.
Ҳузури ту ғами ёрон бигӯям,
Ба уммеде, ки вақти дилнавозист.

(Армуғони Ҳиҷоз)

севвум, ки мавзӯи он «Зиндагии ояндаи ислом ва мусалмонон» буд, ҳаргиз навишта нашуд.

Дар соли 1919 милодӣ вай шурӯъ ба навиштани таърихи тасаввуф намуд. Чун матолиби кофӣ ба даст наёвард, ки дар он бора бинависад, як-ду боби корро нимакора раҳо кард.[45] Ба ҳамин тартиб, дар ин сол тасмим гирифт «Рамаяна»*-ро ба урду тарҷума кунад. Ӯ ба Маҳараҷа Кишан Прасад навишт:

«Масеҳи Ҷаҳонгирӣ қиссаи «Рамаяна»-ро ба шеъри форсӣ баргардондааст. Ман ҳар коре, ки аз дастам бармеомад, анҷом додам, вале натавонистам он маснавиро ба даст оварам. Ба ҳамин ҷиҳат аз Шумо дархост мекунам, ки агар ин маснавӣ дар китобхонаи Шумо мавҷуд бошад, ба сурати амонат барои муддати кӯтоҳе ба ман бидиҳед».[46] Маснавии мазкур дар китобхонаи Маҳараҷа Кишан Прасад мавҷуд набуд. Бад-ин ҷиҳат тасмими ӯ низ комил нашуд.

Дар соли 1921 милодӣ ба фикр афтод, ки «Бҳагват Гита»-ро* ба урду тарҷума кунад. Лизо хитоб ба Маҳараҷа Кишан Прасад навишт:[50]

«Ҷаноби Олӣ тарҷумаи «Готирӣ»-и** маро писандидед. «Офтоб» дар Бонги даро» – ин масъала басе барои ман ҷойи ифтихор аст. Афсӯс, ки алфози санскритро наметавон дуруст дар урду баён кард. Ба ҳар ҳол, то он ҷое ки метавонистам, кӯшиш кардам, ки мафҳуми аслиро бирасонад. Агар фурсате даст диҳад ва Худо бихоҳад, тасмим гирифтаам «Гита»-ро ба урду тарҷума кунам. Ҳатман тарҷумаи «Гита» ба форсӣ тавассути Файзиро*** мутолеа намудаед. Ҳеҷ шакке дар дониши Файзӣ нест. Лекин дар ин тарҷума нисбат ба баёни матолиби «Гита» камоли беинсофӣ шудааст. Ман яқин дорам, ки Файзӣ бо рӯҳи «Гита» ноошно монд».

Дар соли 1925 бори дигар тасмим ба навиштани китобе ба забони англисӣ таҳти унвони «Ислом аз назари нуқтаи ман» гирифт. Дар ин маврид номае хитоб ба Суфӣ Ғулом Мустафо Табассум**** навишт:[47]

«Муддати зиёде аз вақте ки матлабе дар бораи иҷтиҳод навиштам, мегузарад. Дар мавқеи навиштани ин мавзӯъ ин эҳсос ба ман даст дод, ки ин матлаб он қадар осон нест, ки тасаввур мекардам. Навиштани он мусталзами баҳсҳои муфассал дар ин замона аст. Дар ҳоли ҳозир навиштани ин матлаб дар шароите, ки бояд ба таври муфассал навишта шавад, дар ин матлаб ба таври хулоса ва фақат ҷиҳати ишора баён шудаанд. Ба ҳамин далел то ба имрӯз онро мунташир насохтам. Ҳолан, иншооллоҳ, тасмим гирифтаам, ки инро ба сурати китобе дароварам, таҳти унвони «Ислом аз нуқтаи назари ман». Мақсудам аз ин унвон ин аст, ки матолиби китоб дар назари мардум назари шахсии худам бошад. Имкон дорад, ки иштибоҳ ҳам бошад. Илова бар ин, масъалаи дигаре, ки вуҷуд дорад, ин аст. Ман бештар авқоти умрамро дар мутолеаи фалсафаи ғарбӣ гузарондаам ва ин фикр то ҳадде барои ман шахсияти дуюм шудааст. Ман бо ин фикр донистаю надониста ҳақоиқи исломро мутолеа

---

* Ин китоби хамоса тавассути шоир Валмики ба забони санскрит суруда шуд. Сипас, Тулсидас ба ҳиндӣ дар аҳволи Рам Чандраҷӣ – пешвои ҳиндуён нигошт.

* Bhagvad Gita. Яъне суруди Кришан Маҳараҷ, ки дар хамосаи Маҳабҳарат навишта шудааст. Ин суруд се бахш дорад. Ҳар бахш се боб. Ин китоб ба забонҳои мухталиф тарҷума шудааст.

** «Готирӣ» як дуои машҳуру қадими «Ригведа» мебошад. Ин дуо дар ҳар чаҳор «веда» муштарак аст. Ба забонҳои мухталиф тарҷума шудааст, вале матолибе, ки ба забони санкрит дар ин баён шуда, дар ҳоли ҳозир мумкин нест, ки дуруст тарҷума шавад (ба иллати дастури забони санскрит). Тарҷумае, ки Иқбол таҳти унвони «Офтоб» баён дошта, дар санкрит калимаи «сутра» (поку муқаддас) аст.

*** Шайх Абуфайз Файзӣ дар соли 954 ҳиҷрӣ ба дунё омад. Дар давраи Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар – подшоҳи муғули Ҳинд, мансаби Маликушшуароӣ дошт. Вай бисёре аз осори ҳиндиро ба форсӣ тарҷума намудааст. Маснавии ӯ ба номи «Нал ва Даман» мебошад.

**** Шоир ва адиби маъруфи забони урду ва панҷобӣ буд. Дар соли 1899 милодӣ дар Амратсар мутаваллид шуд. Дар забону адаб фавқуллисонс гирифт. Дар Коллеҷи давлатии Лоҳур устоди забони форсӣ шуд. Сипас, раиси қисмати форсӣ ва урдуи ин донишкада гардид. Муддати мадиде бо Аллома Иқбол наздик гардиду аз маҳзари эшон касби файз намуд.

мекунам ва борҳо таҷриба кардаам. Ҳангоме ки ба урду сӯҳбат мекунам, он чи ки мехоҳам, наметавонам дуруст адо кунам».

Иқбол чаро натавониста ба тасмимҳои таълифоташ ҷомаи амал бипӯшонад? Ин ба ду далел аст: аввал он, ки эшон аз фикри имрори маош осуда набуд, дуввум он, ки бештари вақташро дар таҳияи васоили маоши худу хонаводааш мегузаронд ва фурсате барои таҳқиқ ва мутолеа надошт. Аз омори ҳуқуқии Иқбол равшан мешавад, ки пеш аз соли 1916 милодӣ даромади ӯ он қадар кам буда, ки ҳатто молиёт (андоз) ба он тааллуқ намегирифтааст. Дар парвандаи дастоварди молии Иқбол аввалин бор аз соли 1916-1917 собиқаи молиёт бар даромад вуҷуд дорад. Дар соли мазкур даромади ӯ ба 3614 рупия мерасид, ки 94 рупияи онро ҷиҳати молиёт бар даромад пардохт кард. Ин замон ҳанӯз даромаде аз тариқи китобҳояш ба даст намеовард. Даромади ӯ аз кори ваколату танзими авроқи имтиҳонии донишгоҳҳои гуногун таъмин мешуд. Дар ҳашт соли баъд омори даромади ӯ ба се шарҳи зер мебошад:[48]

Соли молӣ:	Даромад:	Молиёт:
1917-1918 милодӣ	4225 рупия	110 рупия
1918-1919 милодӣ	4183 рупия	107 рупия
1919-1920 милодӣ	11689 рупия	548 рупия
1920-1921 милодӣ	8689 рупия	271 рупия
1921-1922 милодӣ	10084 рупия	521 рупия

Дар ин сол ӯ авалин бор ҳаққи таълифӣ ҷиҳати маснавии «Асрору румуз» дарёфт намуд, ки болиғ бар 32 рупия шуд.

1922-23 милодӣ	8192 рупия	224 рупия
1923-24 милодӣ	13608 рупия	637 рупия
1924-25 милодӣ	13702 рупия	642 рупия

Сафдар Маҳмуд дар навиштае таҳти унвони: «Омори даромади Аллома Иқбол» чунин менависад:

«Илова бар ошно шудан бо омори даромади ӯ дар ин ҷадвал мо ба чизҳои ҷолиби дигар бармехӯрем. Барои мисол, дар соли молии 1922-23 Аллома Иқбол маблағи 145 рупия судро низ илова кардааст. Маълум нест, ки ин суд (фоида) аз кучо расидааст. Зеро ин матлабро ба таври возеҳ баён нанамудааст. Пас аз таҳқиқ, бархе аз бузургтарҳо фақат инро гуфтаанд, ки ӯ аз баҳраи ҳисобӣ, ки дар бонкҳо дошт, истифода мекард. Ҳамон тавр ки ин рӯзҳо низ бонкҳо баҳра медиҳанд. Албатта, тибқи қонун баҳраи мардум аз бонкҳо вусул намекарданд. Давлат онҳоро барои таблиғоти масеҳият ва идороти масеҳӣ ба кор мебарад. Бад-ин сабаб, мардум аз тарси ин ки мабодо пуле, ки ба унвони баҳра дар бонкҳо ҷамъ шудааст, бардошт шавад, иҷборан ҳар чӣ қадар суд, ки ба ҳисобашон рехта мешуд, вусул мекарданд ва гоҳе авқоти онро байни фуқаро тақсим мекарданд. Ба ҳар ҳол, дар мавриди Аллома Иқбол матлаби саҳеҳ дар ин маврид маълум нагардид. Дар соли 1924-25 милодӣ бинем, ки зикре аз мошин, рононда ва бензин ба миён меоварад. Гӯё вазъи молии Аллома Иқбол дар соли 1924 ба ӯ ин қудрати молиро дода буд, ки автомобиле харидорӣ намояд... Қалб аз ҳар чиз бояд гуфт, ки дар соли 1924-25 вай ба хотири нигориши «Бонги даро» ба забони урду 5500 рупия даромад кард. Дар ҳамин сол Аллома Иқбол як автомобил харид».

Бар тибқи арзёбии Сафдар Маҳмуд бо назардошти арзиши рупия дар ҳоли ҳозир, дар солҳои мазкур даромади Иқбол тақрибан ҳашт баробар ба пули имрӯз мебошад. Ба ин ҳисоб, даромади солонаи ӯ низ кофӣ будааст. Вале ин суол барои мо пеш меояд, ки талоши Иқбол барои имрори маош дар донишгоҳҳои мухталиф ва умури ваколат то чӣ ҳад авқоти ӯро пур менамуд? Ӯ то чӣ андоза фурсат дошт, ки ба умури адабӣ бипардозад? Илова бар ин, бори махориҷе, ки бар дӯши Иқбол буд, чи гуна буд? Барои он ки битавонад ба умуру ваколат бипардозад, маҷбур буд пулеро ба ин кор ихтисос диҳад. Ӯ ду ҳамсару фарзандоне дошт. Дар зимн маҷбур буд барои

ҳамсари дигараш, ки аз ӯ ҷудо шуда буд, муқаррарӣ бифиристад. Иқбол бояд то ҳадде махорич фарзандони бародари бузургашро низ таъмин кунад. Зеро ки бародараш бознишаста (нафақахўр) шуда буд. Зимнан, коре, ки Иқбол дар заминаи ваколат анҷом медод ва омӯзиши ӯ, бо сармояе, ки аз андӯхтаи бародари бузургаш буд, таъмин шуда буд. Иқбол ҳар моҳ маблағе низ барои волидайнаш мефиристод.

Дар ин авзоъ барои ӯ бисёр мушкил буд, ки битавонад ба тасмимҳояш дар заминаи сурудани шеър ҷомаи амал бипӯшонад. Бештари авқот барои ин ки битавонад аз фикри имрори маош наҷот ёбад ва ё таваҷҷӯҳи бештаре ба умури адабӣ мабзул дорад, фикрашро ба тарафи Ҳайдаробод Дакан маътуф медошт. Иқбол дубора Ҳайдаробод рафт. Бори аввал дар соли 1910 ва бори дуввум дар соли 1929. Аммо ба назари Сайид Абдулвоҳиди Муайянӣ, Иқбол дар соли 1920 ё 1921 низ сафар ба Ҳайдаробод доштааст. Вале дар иртибот бо ин сафари Иқбол нависанда (Ҷовид) муваффақ нашуд ҳеҷ гуна навиштае, ки ин амрро собит намояд ба даст оварад.

Қисматҳое аз зиндагии Иқбол шабоҳати фаровоне бо зиндагии шоири олмонӣ Гёте дорад. Барои мисол, Гёте монанди Иқбол дар имтиҳони ҳуқуқ ширкат кард ва барои он ки битавонад дар зиндагӣ пешрафт намояд, дар шаҳри Франкфурт машғули кори омӯзишӣ шуд. Лекин Гёте аз коромӯзӣ безор буд. Ӯ дилаш мехост ин корро дар марҳалаи дуввуми аҳаммият қарор диҳад. Гёте дар ҷустуҷӯи шахсе буд, ки битавонад сарпарастии ӯро ба ӯҳда бигирад, то бад-ин васила битавонад бештари авқоташро ба ин кор (адабиёт) ихтисос диҳад. Билохира, дар соли 1775 милодӣ Дирек Карл Август ӯро мушовири худ дар иёлати Веймар кард. Бад-ин васила бақияи умрашро дар хидмати иёлати Веймар гузошт. Дар он ҷо аз фикри имрори маош роҳат буд. Илова бар он ки дар хизмати давлат буд, фурсате меёфт то ба умури адабӣ низ бипардозад. Иқбол низ аз талош дар умури ваколат безор буду дилаш мехост, таҳти сарпарастии низоми Ҳайдаробод аз фикри имрори маош наҷот ёбад, то бад-ин васила битавонад каме ба умури адабӣ бипардозаду ба мақосиди хеш дар ин замина ҷомаи амал бипӯшонад. Ба ҳамин далел ҳар гоҳ, ки фурсате ба даст меовард барои низоми Ҳайдаробод корҳои илмии худро ироа медод.

Баъдҳо низ дар соли 1931 милодӣ, ҳангоме, ки Иқбол ҷиҳати ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд ба Инглистон рафт, боз ҳам ба умури Ҳайдаробод алоқаи хосе нишон медод. Ба қавли Баҳодур Ёрчанг, дар айёми конфронс Иқбол, илова бар вазири Ҳинду Инглистон, бо дигар руасо низ дар бораи нақши қонунии Ҳайдаробод ба баҳсу табодули назар пардохт. Онҳоро бо зикри далоил қонеъ кард, ки агар манотиқи ишғолшудаи Ҳайдарободро ба шаҳрвандони он боз пас диҳанд, онҳо дараҷаи иёлатро ҷойиз хоҳанд шуд. То бад-ин васила битавонанд бо миллияти озоди хеш ҷузви дували муштаракулманофеъ шаванд. Лекин Сэр Акбар Ҳайдарӣ – сарпарасти ҳайати Ҳайдаробод, бо ӯ мухолифат кард. Ин мухолифат бар асоси он буд, ки мегуфтанд иҷтимои ҳиндуҳо шӯриш хоҳанд кард ва имкон дорад, ки манотиқи дигаре низ матолиботе аз ин қабил бинамоянд. Лизо ин пешниҳод рад шуд.[49]

Бо гуфтаи Азим Ҳусайн низ метавон ин мавзӯъро таъкид кард. Ӯ менависад, ки падараш Сэр Фазл Ҳусайн аз ноибуссалтана ба таври хусусӣ дархост кард, ки Иқболро барои ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд номзад кунад ва аз ӯ даъват ба амал биёварад. Лекин дар даврони конфронс ӯ бо Сэр Акбар Ҳайдарӣ мушоҷира кард.[50]

Ба ҳар ҳол бо вуҷуди ин ҳарфҳо Иқбол ба орзӯяш, ки муқимӣ шудан ва зиндагӣ дар Ҳайдаробод буд, нарасид. Ин ҳақиқат дорад, ки мардум бо супориши Иқбол ба Ҳайдаробод мерафтанду мақомҳои бузург касб мекарданд. Барои мисол дар номае хитоб ба Маҳараҷа Кишан Прасад дар бораи Ҷӯши Малеҳободӣ супориш карду навишт:[51]

«Ин номаро ҷиҳати муаррифии ҷаноби Шабир Ҳусайн Ҷӯши Малеҳободии Лакҳнавӣ менависам. Ин ҷавон шоири беандоза қобиле аст. Ман шеърҳои ӯро

ҳамеша бо алоқаи фаровоне хондаам. Илова бар доштани ин истеъдоди худододӣ, аз як хонаводаи муаззазу мӯҳтарами Лакҳнавӣ аст. Хонаводаи эшон нуфузи амиқе дар мардум дорад. Дар зимн, дар адабиёт машҳур ҳастанд. Умедворам, ки ба кори эшон расидагӣ шавад. Агар дар коре ниёз ба машварати Шумо дошта бошад, дареғ наварзед. Ин дархостро ба ин далел аз Шумо мекунем, ки медонам ва эътиқод дорам, ки Шумо афроди боистеъдодро парвариш медиҳед».

Лекин чаро Ҳайдоробод аз хадамоти Иқбол маҳрум монд? Назири Ҳайдарободӣ менависад:[52]

«Дар ҷавоби ин суол метавонем бигӯем: –Манобеи маълумоти англисҳои бохабару ҳушёр бисёр васеъ ва пинҳонӣ буд. Дар ҷое мисли Ҳайдаробод, ки ба афроде ҳамчун Виқорулмулк, Мӯҳсинулмулк, Зафаралихон, Абдулҳаким, билохира, Алиимом ҳатто иҷозаи иқоматро барои муддати зиёде намедод, мутмаинан наметавонист бубинад, ки шахсе ҳамчун Иқбол дар Ҳайдаробод иқомат гузинад».

Ин дуруст аст, ки Ҳайдаробод бо вуҷуд доштани руасои гуногун мамлакати васее буд ва дар баробари дигар руасову маҳараҷаҳо ҳайсияти низом бисёр боаҳаммияту озод ва мумтоз буд. Лекин дар баъзе аз умури хос низоми Ҳайдаробод наметавонист бидуни машварат бо маъмури давлати Инглистон коре анҷом диҳад. Ақидаи Назири Ҳайдарободиро дар мавриди Иқбол метавон аз тариқи дигаре низ қиёс намуд. Дар соли 1929 милодӣ, ҳангоме ки барои аввалин бор Иқбол дар Ҳайдаробод бо Навоб Мирусмон Алихон Осиф Собеъ мулоқот кард, низом аз тарафи худ дар бораи ин мулоқот баёнияе содир намуд, ки равиши мӯҳтотонаи ӯ аз ин фармон зоҳир аст:[53]

«Мо фақат инро ба ёд дорем, ки тақрибан рубъи қарн (чоряки аср) аз рӯзе, ки ӯ ин ҷо сафар карда буд, гузаштааст. Вале намедонам, ки ӯ ба сабаби сайру саёҳат ба ин ҷо омада буд, ё бо даъвати касе ва ё ҳадафи дигаре доштааст. Иқбол мехост, ки бо мо мулоқот дошта бошад ва номи худро дар дафтарчаи мулоқотҳои низом навишта буд. Бар тибқи одоб бо ӯ дидор кардем. Дар натиҷаи ин гуфтугӯ ӯ ба назари мо шахсе аз табақаи муаззази мусалмон омад. Мо аз тарзи сӯҳбаташ фаҳмидем, ки дар дил шавқи хидмат ба қавму миллати хешро мепарваронад. Зимнан маълум шуд, ки ӯ забони англисиро бисёр хуб медонад ва сафаре низ ба Аврупо доштааст. Ба ҳар ҳол, номи ӯ дар миёни машоҳири хориҷӣ ба шумор меравад. Аз аҳволи дигари ӯ бехабар ҳастем».

Иқбол бештари авқоташро сарфи муомилоте мекард, ки битавонад ӯ ва хонаводааш обрӯмандона зиндагӣ кунанд. Тамоми умраш сарфи ёфтани фурсате буд, ки ба шеъру таҳқиқ бипардозад. Ҳангоми шаб ва ё рӯзҳои таътил шеър мегуфт. Баъзе авқот калимот ҳамчун селе аз забонаш ҷорӣ мешуданд ва дар калимоташ ашъоре ҳамчун тӯфон берун меомаданд. Гӯё дар як тӯри моҳигирӣ ҳазорон моҳӣ сайд мешуданд ва моҳигир дар ин фикр бошад, ки кадом якро бигираду кадоминро раҳо кунад. Ҳангоме, ки мехост шеър бигӯяд, аз як ҳолати шадиди бопечутоб мегузашт. Ранги чеҳрааш мутағаййир мешуд. Рӯйи тахтхобаш ғалт мезад. Гоҳе баланд мешуду гоҳе менишаст. Гоҳе низ сарашро дар миёни зонуҳояш қарор медод. Пас аз он ки шеърҳоеро, ки ба зеҳнаш меомад, менигошт, рафта-рафта оромиш меёфт ва бо итминони хотир ба хоб фурӯ мерафт.

ФАСЛИ ДУВОЗДАҲУМ

Ҷанги қаламӣ

Пас аз интишори маснавии «Асрори худӣ» миёни Иқбол ва ҳомиёни тасаввуфи вуҷудӣ, суфиён, хонақоҳнишинони суннатӣ, хосторони шеъри вопасгароӣ ва пайравони фалсафаи пӯсида ва фарсудаи ишроқи юнонӣ ҷанги қаламӣ даргирифт. Ин ҷанг аз соли 1915 то 1918 – тақрибан 2,5-3 сол идома дошт. Шарҳи ин ҷанги қаламӣ на дар ҳеҷ китобе, ки дар бораи зиндагии Иқбол навишта шуда, ёфт мешавад ва на дар кутубе, ки дар мавзӯи «Иқбол ва тасаввуф» нигошта шудааст. Вале ҳақиқат он аст, ки дар ин даврон даҳҳо мақола дар рӯзномаҳо ва маҷаллоти мухталиф дар бораи таъриф ё мухолифат бо маснавии «Асрори худӣ» ва дар ҳаққи тасаввуфи вуҷудӣ ё дар мухолифати он, ҳимоят аз Ҳофизи Шерозӣ, ё дар назарияи вай мунташир гардид. Дар мухолифат бо Иқбол, Хоҷа Ҳасани Низомӣ ва пайравони ӯ пешкасват буданд. Худи Иқбол дар ин маврид чандин мақола таҳрир кард. Аз миёни муҳимтарин пуштибонони Иқбол метавон Мавлавӣ Сироҷиддин Ёл – вакили додгустарӣ, Мавлоно Абдуллоҳи Имодӣ, Мавлавӣ Муҳаммадалӣ ва Абдураҳмони Бақнуриро ном бурд. Баъзе аз удабо асомии худро махфӣ нигоҳ медоштанд ва ба номҳои мустаор: Кашшоф, Наққод, Як мусалмон, Як муслим, Як файласуф, Табъӣ ва ғайра мақолоте нигоштаанд. Дар бораи ин мавзӯъ лозим аст таҳқиқи бештаре шавад. Агар ин ҳама мақолот ҷамъоварӣ шавад, мумкин аст китоби қатуре гардад. Ба ҳар ҳол, дар ин маврид мақолае аз оқои Абдуллоҳи Қурайшӣ пешрӯйи ман аст, ки таҳти унвони «Силсилаҳои гумшудаи зиндагии Иқбол» дар маҷаллаи «Иқбол, базми Иқбол» дар ду қисмат мунташир гардид.[1] Бинобар истиноди ҳамин мақола, оқои Ғулом Расул Меҳр муқаддимаи китоби худро бо номи «Матолиби «Асрор ва румуз» тартиб дод. Ба иловаи ин китоб, муаллиф (Ҷовид) аз китоби дигаре аз Абдуллоҳи Қурайшӣ бо номи «Муосирон дар назари Иқбол» ва абвоби он дар бораи Хоҷа Ҳасани Низомӣ ва Акбаруллоҳи Ободӣ ва мактуботи Иқбол низ истифода кардааст. Дар бораи ин баҳс се мақолаи Иқбол маҳфуз аст, ки оқои Абдулвоҳиди Муайянӣ онҳоро тартиб дода буд. Мақолаи чаҳорум дар китоби «Анвори Иқбол» – навиштаи Башир Аҳмаддор маҳфуз мондааст. Дар солҳои гузашта оқои Абдуллоҳи Қурайшӣ мақолоти дигареро низ бо кӯшишу талоши бисёр аз рӯзномаҳо ва маҷаллот ҷамъоварӣ кардааст. Пас, ин боб бештар бар асоси навиштаҳои оқои Абдуллоҳи Қурайшӣ ё дар партави баҳсу гуфтугӯ дар бораи он нигошта шудааст.

Ба назари оқои Абдуллоҳи Қурайшӣ маънии вожаи «худӣ» ғайр аз маънои маъмулии он дар фикри Иқбол аз соли 1897 мавҷуд буд. Дар таъйиди ин матлаб ӯ байте аз Иқболро, ки дар ҳамон замонҳо навишта шудааст, ироа медиҳад:[2]

Тарҷумаи шеър:

Он марди бовафое, ки «худӣ»-ро имон медонад
Аз аҳли ҷаннат хоҳад буд ва миёни аҳли биҳишт сарфарозу намоён.

Ин дуруст аст, ки дар авоили зиндагӣ гоҳ-гоҳе нури он Иқболе дида мешавад, ки хуршеди ҳунараш анқариб дар уфуқи ҷомеа мехост тулӯъ намояд. Ба қавли халифа Абдулҳаким, шеъри он замони Иқболро бояд субҳи козиби суханварии ӯ донист, ки рӯшноии он пешдаромади хуршед мебошад. Дар ҳақиқат, эъломи инҳироф аз тасаввуфи вуҷудиро Иқбол аввалин бор дар соли 1914 дар ҷаласаи Анҷумани

ҳимояти ислом дар хутбае эрод карда буд. Вақте, ки дар мавзӯи ислом ва тасаввуфи аҷамӣ сухан меронд, гуфт:[3]

«Ин тасаввуфи роиҷро бо ақоиди содаи ислом ва рӯҳи динии арабӣ ҳеҷ гуна робитае нест. Аввалин зулми ин тасаввуф он аст, ки «худӣ»-ро табоҳ месозад, дар сурате ки танҳо «худӣ» он чизе аст, ки зиндагии афроду миллатҳоро тазмин мекунад ва инсонро ба баландтарин мадориҷи рӯҳонӣ ва модӣ мерасонад... Дар ин адабиёт ҳар куҷо ки зикр гаштани «худ» омадааст, мардум онро ғуруру такаббур маънӣ мекунанд, ки аз сифоти нописандида аст ва ҳар мусалмон бояд аз он парҳез намояд. Вале мутасаввифа ин вожаро дар маънии ғурур ва такаббур ба кор набурдаанд, балки дар маонии «эҳсоси зот», «ано» ва «ман» ба кор рафтааст. Мақсудашон ин аст, ки инсон бояд худро маҳв кунаду нафс (зот)-и худро нафй намояд. Он гоҳ бар мартабаи маърифат фойиз гардад. Дар сурате ки ин фикр комилан бар хилофи ислом аст. Ислом мехоҳад нафақат «худ»-и ҳар инсон қоиму маҳфуз бошад, балки мадориҷи иртиқоъро тай кунад ва билохира, то он мақому манзил бирасад, ки дар қудрату муқаддари ӯст ва аз он бузургтар мақому мартабае дар тасаввуру тафаккури касе намеояд».

Дар тайи ҳамин суханронӣ Иқбол гуфт, ки ӯ як маснавӣ бо номи «Асрори худӣ» навиштааст, ки фикри тасаввуфи аҷамиро ботил хоҳад кард, чизе ки мусалмононро аз қуввати амал маҳрум сохтааст ва онҳоро ба сурати ҷомид ва сокит даровардааст. Сипас, баъзе аз ашъори «Асрори худӣ»-ро хонд.

Дар авосити соли 1915 муҳаррики аслии ҷанги қаламӣ дар ҳақиқат дебочаи «Асрори худӣ» ва ашъоре дар танқид аз Ҳофизи Шерозӣ буд, ки дар мавқеи интишори «Асрори худӣ» нигошта шуда буд. Яке аз эътирозоти мухолифон, интисоби маснавии «Асрори худӣ» ба номи Сэр Сайидалӣ Имом буд, ки ин мавзӯъ аз аҳаммияти сонавӣ (дуввумдараҷа) бархурдор мебошад.[4]

Дар муқаддимаи «Асрори худӣ» Иқбол «худӣ», яъне эҳсоси нафсу таъйини зотро ба ваҳдати вуҷудӣ, нуқтаи равшани шуур, чизе пурасрор, холиқи мушоҳидот, шерозабандии кайфиятҳои бешумори табиати инсонӣ қарор медиҳаду мегӯяд: «Ақвому миллали шарқӣ онро фақат як фиреби фикр тасаввур мепиндорад ва ба назари онҳо ин банди гулӯгирро дур кардан наҷот аст».

Дар ин маврид натиҷаи фикри ҳукамои ҳинду ин буд, ки кайфияту лавозими «худӣ» ё «аноӣ»-и мавҷуди инсонӣ натиҷае аст аз аъмолу тариқи кор дар зиндагии гузаштаи вай. Пас, вақте ки амали «ано»-ро таъйин мекунад, он гоҳ барои наҷот ва раҳоӣ аз банди он роҳ танҳо тарки амал аст. Ин натиҷаи тафаккур аз лиҳози фикри фардӣ ва иҷтимоӣ бениҳоят хатарнок буд. Бинобар ин зарурат дошт, ки шахсияте пайдо шавад, ки мафҳуми аслии тарки амалро тавзеҳ диҳад. Дар ин марҳала Шри Кришна* бар сунани фалсафаи ҳиндувон интиқод кард ва ин розро бармало сохт, ки мурод аз тарки амал, тарки куллӣ нест. Зеро амал ниёзу хостаи табиат аст ва зиндагии боамал мустаҳкамтар аст. Балки мурод аз тарки амал ин аст, ки бидуни тарки амал вобастагии боамалу натоиҷи он пайдо нашавад. Ин нуқтаи назари Шри Кришнаро Шри Рамануҷа** низ ихтиёр кард. Вале Шри Шанкар тавзеҳи Шри Кришнаро, ки барои таҷдиди фикр баён карда буд, боздошт.

Аз тарафи дигар, наҳзати исломӣ дар ибтидо ба сурати як паёми амали бузурге ҷилвагар шуд. Агарчи назди он «ано» як махлуқу хилқат мебошад, ки аз тариқи амал

---

* Дар замонҳои қадим дар шаҳри Матҳура дар Ҳинд ҳокими золим ҳукумат мекард. Ситорашиносон ба ӯ гуфтанд, ки тавассути писари хоҳараш кушта хоҳад шуд. Ҳоким ҳар писаре, ки дар хонаи хоҳараш таваллуд ёфт, ба қатл расонд. Ҳафт писар кушта шуданд, то ин ки писари ҳаштум бо духтари як зани ширфурӯш таъвиз гардид. Ин писарак, ки бо номи Шри Кришна маъруф гардид, дар миёни ширфурӯшҳо парвариш ёфт. Вақте ки бузург шуд, Раҷа Кансаро кушт ва падари ӯро ба тахт нишонд. Маҷмӯаи ақволу гуфтаҳои Шри Кришнаро «Бҳагават Гита» мегӯянд. Гуфтаҳои ӯ бисёр мавриди эҳтиром ва қабули ҳиндувон мебошад.

** Рамануҷа нахустин мубаллиғи наҳзати бҳагавата буд, ки аз қарни 14 дар нимҷазира шурӯъ гардид.

метавон онро лозавол сохт. Вале дар таърихи фикрии ҳиндувону мусалмонон мушобеҳате аҷиб ин аст: аз ҳамон дидгоҳе, ки Шри Шанкар тафсири «Гита»-ро анҷом дод, бо ҳамон нуқтаи назар ин арабӣ Қуръонро тафсир кард. Дар натиҷаи масолеҳи ваҳдати вуҷуд ҷузви лоянфаки тахайюл ва тафаккури исломӣ шуд. Кирмонӣ* ва Ироқӣ** аз ин назария ва таълим бениҳоят таъсир пазируфтанд. Рафта-рафта ҳамаи шуарои қарни XIV милодӣ ҳамин равшаниро ихтиёр намуданд. Иқбол навиштааст:[5]

«Мухтасар ин ки ҳукамои ҳинду аз миёни асбоби ваҳдати вуҷуд «мағз»-ро мухотаб қарор додаанд ва шуарои эронӣ дар тафсири ин масолеҳ равиши хатарноктарро ихтиёр намуданд. Яъне онҳо «дил»-ро нишонаи худ сохтаанд. Чунин нуктаофариниҳои зебо билохира ба ин натиҷа расид, ки ин масъала вақте ба авомуннос расид, тақрибан ҳамаи миллати исломиро аз завқи амал маҳрум сохт. Аагарчи ибтидои фалсафаи ҷадид дар мағриб аз низому ваҳдати вуҷудии файласуфи исроилӣ*** (яҳудӣ)-и ҳулландӣ шурӯъ шуд, вале бар табоеи мағриб ранги амал ғолиб буд ва ин тилисми ваҳдати вуҷуд, ки онро бо тариқаи истидлоли риёзӣ маҳкум карда буданд, муддати зиёде натавонист побарҷо бимонад. Пеш аз ҳама дар кишвари Олмон таъкиде бар «анои фардӣ» шуд. Сипас, оҳиста-оҳиста ба василаи фалсафаи Ғарб, бахусус, ҳукамои Инглистон, ки завқи амал доштанд, аз ин таслими хаёлӣ озод шуданд».

Иқбол равшан сохт, ки ҳамон тавре ки барои рангу бӯй, ҳавоси ҷудогонаву махсусе ҳастанд, ҳамчунин дар даврони инсонҳо як хосияти вижагии дигар низ ҳаст, ки онро метавон ҳисси воқеот номид. Зиндагии инсон мунҳасир аст бар мушоҳидаи ҳақоиқ дар атроф ва амалкард бар онҳо, пас аз фаҳмидан ва дарки он ҳақоиқ. Вале дар ҷаҳони Шарқ он гуна афрод бисёр кам ҳастанд, ки нерӯи эҳсосро ба кор мегиранд. Пас навиштаҳои ҳукамои мағрибзамин ин аҳаммиятро доранд, ки мағзу дил ва димоғи шарқӣ аз онҳо истифода карда, бар суннатҳои қадимии файласуфонаи худ таҷдиди назар кунанд».

Иқбол дар охир менависад:

«Ин тарҳи мухтасаре аст барои таърихи ин масъала, ки мавзӯи назми ин китоб аст. Ман кӯшише кардаам, ки ин мавзӯи дақиқро аз печидагиҳои файласуфона озод карда, дар ранги тахайюл рангин кунам, то дарк кардан ва фикр кардан бар ин ҳақиқат саҳл шавад. Мақсуд аз ин дебоча тафсири ин назм нест, балки мехоҳам мардумро роҳе нишон диҳам, ки қаблан аз мушкилоти ин ҳақоиқи дерфаҳм огоҳ набуданд. Ман итминон дорам, ки сутури боло то андозае ин матлабро равшан хоҳад кард. Аз лиҳози шеъру фан лозим нест, чизе гуфта шавад. Тахайюли шеърӣ фақат василае аст, ки ба сӯйи ин ҳақиқат моро мутаваҷҷеҳ месозад, ки лаззати зиндагӣ вобаста ба аҳаммияти фардии «ано», суботи он ва истеҳкому тавсеан он мебошад. Ин

---

* Шайх Абуҳомид Авҳиддини Кирмонӣ аз орифони маъруфи қарни 7 ва аз пайравони шогирдони Шайх Муҳиддини Арабӣ мебошад. Осори зиёде аз ӯ боқӣ намондааст. Маснавии «Мисбоҳи арвоҳ» аз ӯст.

** Шайх Фахриддин Абдуғаффори Ҷаввоқии Ҳамадонӣ мутахаллис ба Ирокӣ аз шуаро ва ғазалсароёни маъруфи Эрон аст (610-688 ҳичрӣ). Дар Кимҷони Ҳамадон ба дунё омад. Дар ҷавонӣ ба Ҳиндустон ва ба хидмати Шайх Баҳоуддин Зикриёи Мултошӣ – аз машоихи бузурги он замон расид. Сипас дар Қавмия ба маҳзари Шайх Садриддин Қавнавӣ – аз муридони Муҳиддин Арабӣ расид. Бо Шамси Табрезӣ маҷаллисат доштааст. Дар каломи Ироқӣ шӯру шавқи ошиқона ва сӯзнок вуҷуд дорад, ки бо маорифу ҳақоиқи ирфонӣ ҳамроҳ аст.

*** Ба назар меояд, ки ин файласуф Эспиноза (1623-1677 милодӣ) бошад. Дар Амстердам мутаваллид шуд. Аз як хонаводаи яҳудии сарватманд буд. Улуми олӣ ва забонҳои қадимиро фаро гирифт. Дар сиёсат ва нақди оини яҳудӣ маҳорати том ёфт. Вай алоқаманд ба фалсафаи Декарт шуд. Ду рисола мунташир намуд. Яке дар баёни фалсафаи Декарт ва дигар китобе бо номи «Фалсафаи илоҳиёт», ки дар он ақоиди худро дар тафсири «Таврот» ва тартиби зиндагии иҷтимоӣ баён кардааст, ки бо сару садои яҳудиён рӯбарӯ гардид. Аз мусаннифоти умдаи ӯ як рисолаи кӯчак аст бо номи «Беҳбуди ақл» ва китоби нотамоми дигаре бо номи «Сиёсат» ва китоби дигар мавсум ба «Илму ахлоқ».

нукта, ки қаблан зикр шуд, барои дарки ҳақиқати масъалаи ҳаёти баъд аз марг ба унвони як муқаддима ба кор хоҳад омад».

Дар маснавии «Асрори худӣ» Иқбол ашъоре, ки дар танқиди Ҳофиз суруда ва мӯҷиби мавҷи эътирозоти фаровоне шудааст, чунин мебошад:[6]

Ҳушёр аз Ҳофизи саҳбо гусор,
Ҷомаш аз заҳри аҷал сармоя дор.
Раҳни соқии хирқа – парҳези ӯ,
Май – илоҷи ҳавли растохези ӯ.
Нест ғайр аз бода дар бозори ӯ,
Аз ду ҷом ошуфта шуд дастори ӯ.
Чун ҷарас сад нолаи расво кашид,
Айш ҳам дар манзили ҷонон надид.
Он фақеҳи миллати майхорагон,
Он имоми уммати бечорагон.
Гӯсфанд асту наво омӯхтаст,
Ишваву нозу адо омӯхтаст.
Дилрабоиҳои ӯ заҳр асту бас,
Чашми ӯ ғоратгари шаҳр асту бас.
Аз Бази Юнонзамин* зиракtар аст,
Пардаи удаш ҳиҷоби акбар аст.
Бигзар аз ҷомаш, ки дар минои хеш,
Чун муридони Ҳасан** дорад ҳашиш.
Маҳфили ӯ дархури аброр нест,
Соғари ӯ қобили аҳрор нест.
Бениёз аз маҳфили Ҳофиз гузар,
Алҳазар аз гӯсфандон, алҳазар.

Дар бораи тӯфоне, ки дар мухолифати маснавии «Асрори худӣ» барпо шуд, Абдуллоҳи Қурайшӣ менависад:

«Баъзе аз суфиёну пирон ва саҷҷоданишинон, ки ифтихори намояндагии ноогоҳӣ аз шариати ҳуққа ва тааҳҳуде барои пойбанд будан бар ривоёти дурӯғину ботилро доштанд, алайҳи Иқбол сафоробӣ карданд. Онҳо нисбат ба ҳаким Афлотун*** камтар, вале нисбат ба Хоҷа Ҳофиз**** малоли бештаре доштанд. Зеро ӯро натанҳо ба унвони як шоир мешинохтанд, балки монанди як пири муқаддас низ ба ӯ эҳтиром мегузоштанд. Ғазалҳои ӯ дар маҳофил ва маҷолис хонда мешуд ва мардумро ба ваҳд меовард. Ҳатто яке аз муосирони Ҳофиз Шоҳ Ҷаҳонгир Ашрофи Симнонӣ ӯро ба унвони Валии Комил (Авлиёуллоҳ) мепиндошт. Бинобар ин мухолифон дар ҷӯши ҳимояти Ҳофиз ба доктор Иқбол ҷавоби дандоншикан медоданду аз ноогоҳии худ ин қадар ҳам натавонистанд дарк кунанд, ки ин ашъор ба хотири ҳамла бар бузургии Ҳофизи Шерозӣ навишта нашудааст, балки интиқоду нақде бар адаби вай буд».

---

* Афлотун

** Манзур Ҳасан Сабоҳ ё Пирулмавт - раҳбари фирқаи Исмоилия дар давраи Салҷуқиён мебошад.

*** Роҳиби дерина Афлотун – ҳаким, Бар тахайюлҳои мо фармонравост,
Аз гурӯҳи гӯсфандони қадим. Ҷоми ӯ хобовару гетирабост.
Гуфт: сирри зиндагӣ дар мурдан аст, Гӯсфанде дар либоси одам аст.
Шамъро сад ҷилва аз афсурдан аст. Ҳукми ӯ бар ҷони суфӣ маҳкам аст.

«Асрори худӣ»

**** Он чӣ бояд ёдовар гардад, сабки гуфтори шуарои бузург беҳтарин муаррифи авзоъву аҳволи давраи онҳо мебошад. Масалан, дар қарни VII, яъне дар қарне, ки Ҳофиз дар он замон мезист, таваҷҷӯҳ ба авзоъ ва аҳволи сиёсӣ ва илмию ахлоқӣ ва маънавии он даврa ва шинохту огоҳӣ аз ин масоил лозим аст. Дар ин даврон бозори риёву зӯҳдфурӯшӣ, тазвиру авомфиребӣ ривоҷи комил дошта ва маоризу мазоҳими аҳли маънову ҳол будааст. Бад-ин ҷиҳат, Ҳофиз ҳам дар ашъори худ аз аҳли риё, махсусан, аз шайхи мадрасаву муршиди хонақоҳу муфтӣ ва зоҳиду мӯҳтасиб танқид кардааст.

Яке аз гӯшаҳои қобили таваҷҷӯҳи ин баҳсу низоъ ин буд, ки шахсияте мӯътабар монанди Хоҷа Ҳасани Низомӣ, вақте ашъори Иқболро ба забони урду баргардонид, ин ашъорро таҳриф кард. Ё вақте ки бар муқаддимаи маснавӣ интиқод кард, баъзе аз таъбиротро ба мавзӯъ васл карда буд, ки аслан дар матн вуҷуд надошт. Акбаруллоҳи Ободӣ ва баъзе дигар аз бузургони адаб маснавиро аслан нахонда буданд. Бинобар ин, ғайримустақим таҳти таъсири дигарон қарор гирифтанд. Гузашта аз он, баъзе мухолифон аз улуму адаб дур шуданд ва шахсияти Иқболро ҳадафи хеш сохтанд. Ӯро коммунист, шағол, хар, саг, душмани тасаввуф, душмани ислому дин, миллатфурӯш, роҳзани имон, шайтон ва монанди он номиданд.

Ғулом Расулмеҳр дар бораи ин ҷанги қаламӣ изҳори назар карда менависад:[7]

«Амри ҳайратангез ин аст, ки нуқтаи назари ҳеҷ кадом саҳеҳ набуд. Хоҷа Ҳасани Низомии марҳум бо ном бурдани Хоҷа Ҳофиз, ваҳдати вуҷуд ва худӣ, худ парешон мешуд ва дигаронро низ парешон месохт.

Мавлоно Акбаруллоҳи Ободӣ аслан маснавиро нахонда буд. Ва аз низои дигарон таҳти таъсир қарор гирифта буд. Ҳамин ҳолату вазъро афроди дигар низ доштанд. Вазъияти ихтилофоти ҳама ва ҳама мисли ин буд, ки суол аз осмон ва ҷавоб аз ресмон (суол дигару ҷавоб дигар). Яъне Иқбол чизе дигар гуфта буду ин ҳазарот (ҳазратҳо) чизи дигар мегуфтанд. Ҳама чиз мунташир шуд ва нопадид гашт. Агар имрӯз аз он чизҳо ҷустуҷӯ шавад, шояд ҳеҷ кадом аз онҳо пайдо нашавад».

Ҳангоми интишори маснавӣ дар таърихи 16 ноябри соли 1915 рӯзномаи «Заминдор» навишт: «Мақсуди ислом ҳамин аст, ки ҳар мусалмон аз таъсироти нерӯҳои нуҳуфта худогоҳ шавад ва дар ҳудуде, ки Қуръони Маҷид барои ӯ муқаррар кардааст, ин нерӯҳоро ба кор барад. Мусалмонон то кунун онҳоро фаромӯш карда буданд. Дар натиҷа, он таназзулу инҳитоти мавҷуд бар сари мусалмонон омадааст. Ин ҳамон дарси фаромӯшшудае аст, ки Иқбол аз тариқи маснавии худ ба мусалмонон дубора ёд дод».

Ба қавли Абдуллоҳи Қурайшӣ, оғози ин ҷанги қаламиро пеш аз дигарон Хоҷа Ҳасани Низомӣ шурӯъ кард ва яке аз муридони худ ба номи Завқишоҳро водор кард, ки дар мухолифати «Асрори худӣ» як мақола бинависад ва онро дар рӯзи 30 ноябри соли 1915 дар маҷаллаи «Хатиб» интишор дод. Завқишоҳ дар мақолаи интиқодии худ таъкид карда буд, ки тасаввуф холисан ислом аст. Балки рӯҳи ислом аст. Бо ин бахш исломи амалӣ робита дорад, ки онро ислоҳи ботин ё дурустии ният мегӯянд. Лизо мухолифат бо тасаввуф, мухолифат бо ислом аст. Ӯ навишт: «Ҳадафи Иқбол, чунонки аз мавзӯот ва ановини маснавӣ равшан мегардад, тасхири низоми олам аст. Дар сурате, ки мазҳаб ба мо дарс медиҳад ва тасаввуф роҳ нишон медиҳад. Ҳадафи мо бояд Оллоҳ бошад. Ва ҳар он чизе, ки дар феҳраст ғайри Оллоҳ бошад, хоҳ он чиз орзуи тасхири олам бошад ё иқтидори сиёсӣ ва ҳубби дунё, ҳавои нафс бошад ё шӯҳратталабӣ, орзуи иззату мақом ё бути «ано» бошад, ё тасвири худӣ ва ғайра, бояд онро мисли гунбади оина ва шиша шикасту хурд кард. Зеро мақсуду ҳадафи мардони Худо фақат Оллоҳ аст». Завқишоҳ Иқболро муттаҳам сохт, ки ӯ барои изҳори ҳолати дарунии худ ба ҷойи мантиқ, дидаю дониста перояи шеърро интихоб кардааст. Барои ин ки ҳар гоҳ бихоҳад онро таъвил намояд, ӯ аз баҳс дар бораи ваҳдати вуҷуд бо Иқбол, шона холӣ кард. Зеро ба назари вай ин масъала моварои ақл буд ва ҳар шахс наметавонист онро дарк намояд. Ҳамон тавр, ба қавли ӯ, ҷасоратҳову густохиҳое, ки дар шаъни Ҳофиз аз Иқбол сар зада буд, дар бораи он низ ӯ эҳтиёҷ ба навиштани чизеро надонист. Зеро ба назари ӯ, низоъ ва мухолифат бо бандагони маҳбуби Худо мухолифат бо Худо аст.

Дар ҷавоби ин мақола яке аз ҳомиёни Иқбол бо номи Кашшоф мақолаеро дар 22 декабри 1915 дар рӯзномаи «Вакил» мунташир сохт. Ӯ навишт: «Мухолифат бо маснавии «Асрори худӣ» ба таҳрики Хоҷа Ҳасани Низомӣ анҷом мешавад, ки муовини Конфронси суфиёни кулли Ҳинд аст. Иқбол дар мавриди Ҳофизи Шерозӣ дуруст навиштааст. Авомуннос каломи Ҳофизро дарк намекунанд ва онро ғалат

таъбиру тафсир мекунанд. Ба ҳамин иллат, Аврангзеби Оламгир мутолеаи каломи Ҳофизро барои умумимардум мамнӯъ карда буд. Ӯ навишт, ки дар пешрафти як миллат шоирон саҳми хосе доранд. Ашъори Лорд Байрон дар Юнон оштӣ афрӯхт. Шуарои фаронсавӣ дар инқилоби Фаронса корҳои бузургеро анҷом доданд. Иқбол танҳо шоири миллии мост, ки каломаш дар пешрафту эҳёи ислом саҳми бузурге дорад. Акнун маснавии «Асрори худӣ» мусалмононро ба дастурамали он ошно сохтааст».

Дар ин марҳала буд, ки худи Хоҷа Ҳасани Низомӣ дар майдони корзор ворид шуд. Хоҷа Ҳасани Низомӣ дӯсти қадимии Иқбол буд. Аз соли 1903 бо якдигар рафтуомад доштанд ва як бор Иқбол гуфта буд:

«Ман агар метавонистам насре монанди Хоҷа Ҳасани Низомӣ бинависам, ҳаргиз шеърро изҳори василаи афкори худ намесохтам».[8]

Хоҷа Ҳасани Низомӣ дар яке аз ҷаласоти Анҷумани ҳимояти ислом аз шеъргӯии Иқбол он қадар таҳти таъсир қарор гирифт, ки аммома (салла) аз сари хеш баргирифту ба Иқбол доду гуфт:[9]

«Порсоиву тақвои ман назри ҷоми майи ту бошад».

Робитаи Иқбол то охирин лаҳазоти ҳаёти ӯ бо Хоҷа Ҳасани Низомӣ барқарор буд. Вақте Иқбол ба Деҳлӣ мусофират мекард, ҳатман бо ӯ дидор мекард. Бо номаю паёме низ табодули назар мекарданд. Дар соли 1915 Хоҷа Ҳасани Низомӣ аз хадамоти арзандаи Иқбол ситоише кард ва ба ӯ лақаби Сарулвисол дод. Дар ҷавоби он Иқбол бо ташаккур аз ин хитобу лақаб аз ӯ хоста буд, ки барои маснавӣ низ исме пешниҳод кунад. Хоҷа Ҳасани Низомӣ менависад:

«Номи маснавии «Асрори худӣ»-ро ман пешниҳод карда будам. Номҳои дигаре низ пешниҳод дода будам, вале Иқбол фақат ин номро писандида буд».[10]

Ба ҳар ҳол, дар аввали августи соли 1913 дар рӯзномаи ҳафтагии «Тавҳид», ки ба мудирияти Хоҷа Ҳасани Низомӣ мунташир мешуд, чанд байт аз маснави «Асрори худӣ»-и Иқбол бо муаррифии худи Хоҷа Ҳасани Низомӣ, ки дар зер оварда мешавад, чоп гардид:

«Ин назм дар шоирии доктор Шайх Муҳаммад Иқбол, ки шӯҳраи офоқ ва мавриди алоқаи ҳамагон мебошад, як боби ҷадидро боз мекунад. Оқои доктор дар хоб дид, ки муллои Рум мефармояд: «Эй Иқбол, маснавӣ бинвис». Ӯ арз кард: «Ҳаққи маснавиро Шумо адо кардед». Мавлоно фармуд: «На, ту низ бинвис». Иқбол гуфт: «Шумо мегӯед «худӣ»-ро маҳв кун ва ман мефаҳмам, ки «худӣ» чизе аст барои нигоҳ доштан». Фармуд: «На, мақсуди ман ҳам ҳамин аст, ки ту мефаҳмӣ».[11] Вақте Иқбол чашм аз хоб кушод, ин абётро месуруд, ки навиштани онҳоро оғоз кард. Бахши аввал ба василаи рӯзномаи «Тавҳид» мунташир мегардид, ки дар он як бахше дар таърифи Расули Акрам аст. Ва баъзе абёти мутафарриқа дар мавриди нигоҳ доштани «худӣ» мебошад. Дар мавриди навкарӣ ҳар чӣ ҷаноби Иқбол гуфтааст, ин аҳаммиятро дорад, ки дар асри ҳозир касоне, ки англисҳоро дӯст доранду мехоҳанд дар ғуломӣ ва бардагии онҳо бошанд, онро бо диққат бихонанд. Ҳиндувон мегӯянд, ки мо ғуломе хоҳем шуд ва мусалмонон мегӯянд, ки ин ҳалқаи ғуломӣ бояд дар гӯши мо овезон шавад. Дар ин замонаи кашмакаш, назму шеъри доктор Иқбол дар дилҳои ҳиндуҳо як рӯҳу зиндагии ҷадидро эҷод хоҳад кард. Ман мехоҳам, ки нозирони «Тавҳид» ҳам худашон ин назмро ҳифз кунанду ҳам ба дигарон ёд диҳанд».

Вале дар низои қаламӣ дар бораи маснавӣ дар ҷавоби Кашшоф мақолае ба унвони «Кашшофи худӣ» навишт, ки дар «Вакил» 19 декабри 1915 мунташир гардид. Вай перомуни шеъри Иқбол камолу сӯзу гудоз ва таъсиреро, ки дар бедории насли мавҷуди мусалмонон гузошт, эътироф кард. Ӯ гуфт, ки ба ҳар наҳве барои афкори Иқбол таблиғ кардааст. Дар ҷавоб Кашшоф навишт:

«Касе ба ман бигӯяд, ки «Асрори худӣ» чӣ мехоҳад? – оё ин нест, ки ҷаноби Кашшоф надониста ишорае ба он кардааст. Яъне, инқилоби Фаронса. Дар Фаронса аз наҳзати шоирон чӣ пеш омада буд? Куштори ваҳшатнок, хунрезии аҳли мазҳабу

рӯҳоният, харобии ибодатгоҳҳо – ҳама дар натиҷаи ҳамин инқилоб буд, ки дин дар Фаронса нобуд гардид ва ҷойи онро худпарастӣ ва худхоҳӣ гирифт. Фаронса худро раҳо кард. Оё «Асрори худӣ» дар Ҳиндустон ҳаминро мехоҳад, ки дар ин кишвар оқибати дин ин тавр шавад? Агар хости Шумо чунин аст, бояд бидонед, ки ҳаргиз чунин нахоҳад шуд. Касоне, ки ошиқи дин ҳастанд, ҳаргиз нахоҳанд гузошт, ки чунин шавад. Мо аз миёни амвоҷи кафколуд таҳи дарёро менигарем. Мо аз он замон ғофил нестем, ки тавассути насли ҷадид ба сари дин чӣ хоҳад омад. «Асрори худӣ» имрӯз ба сурати каламот дар рӯи қоғаз нигошта шудааст. Мо хеле пештар аз он бар дилҳои ҷавонон ин иборотро хонда будем».

Сипас дар мавриди Иқбол мегӯяд:

«Ман бар нияти Иқбол ҳамла намекунам. На ба сабаби ин ки ӯ дӯсти ман аст, ва на ба сабаби ин ки ӯ одами бузурге аст. Балки аз ин лиҳоз, ки аз солҳо пеш ман афкору ниёти ӯро дарк кардаам. Ӯ ин маснавиро ба эътиқоди хеш барои манофеи мусалмонон навиштааст. Вале аз ин маснавӣ хатарҳои зиёде пайдо хоҳад шуд. Ақоиду усули мусалмонон мутазилзил хоҳад гашт. Дар ҳақиқат, ин маснавӣ на барои Иқбол, балки забони ҳол ва ниёзи вақт аст. Вақту забон мехоҳад, ки шарқиҳо, мағрибӣ шаванд. Вале оё ӯ метавонад инро анҷом диҳад? Ба ӯ бигӯед, ки ӯ ҳаргиз нахоҳад тавонист».

Тарҷумаи шеър:

Бачаи навкари қолабрез, на худ хоҳад мурд,
На аз дасти касе кушта хоҳад шуд.

Ҳофизи Шерозиро чӣ гуна беобрӯ кардааст! Бо чӣ алфози зишт ӯро ёд кардааст! Агар ӯ дуруст мегӯяд, ки каломи Ҳофиз мусалмононро камҳиммату буздил кардааст, ман мепурсам, вақте он Ҳазрат (с) дунёи дунро маҳкум карда буд, оё бо ин сухан ҳиммати мусалмонон шикаста нашуда буд? Ҷаноби Ҳазрат (с) ва ҳамаи асҳоби эшон динро муқаддам ва дунёро муваххар шумурдаанд. Онҳо футуҳоте анҷом додаанд? «Асрори худӣ» бо ақидаи тақаддуми дунё чӣ чизро нишон хоҳад дод?... Дар «Асрори худӣ» рӯҳи кадом файласуфони Ғарб мавҷуд аст? Бояд онро фаҳмед. Агарчи мо беилму бекас ҳастем, вале барои ҳимояту пуштибонии дин ҳар чӣ аз дастамон барояд, анҷом хоҳем дод. Мо, Худое накарда, душманӣ бо Иқбол надорем. Вале дӯстии мо дар ибрози ақоид наметавонад монеъ шавад. Мусалмон дар ақидаи мазҳабӣ ва динии худ бо ҳеҷ тааллуқи дунявӣ ва модӣ наметавонад робитае дошта бошад. Лизо ман ҳам пойбанди чунин дӯстӣ нестам».

Хоҷа Ҳасани Низомӣ чанд суол навишт ва назди машоих фиристод. Ҷавобҳои онҳоро, ки бидуни хондани маснавӣ навишта шуда буданд, дар рӯзномаҳо ва маҷаллот бо обу тоби фаровон мунташир сохтанд. Суолот ин гуна буд: Оё Қуръони Маҷид мухолифи ақидаи ваҳдати вуҷуд аст? Оё тавҳиду ваҳдати вуҷуд ду чизи ҷудогонае ҳастанд? Оё ислом фақат барои маҳв кардани «аноният» омадааст? Мунтаҳои мақсуду натиҷаи тасаввуф чист? Оё монанди Ҳофизи Шерозӣ дар миёни Расулуллоҳ (с) касе ҳолати сукр (мастӣ) надошт? Оё кайфияти ваҳдати вуҷуди исм ҷоеву дараҷае аст? Ва баъд аз ин дараҷаву мартаба чи мақоме аст? Оё ҳазрати Ибни Арабӣ Раҳматуллоҳи алайҳ баъд аз ваҳдати вуҷуд фақат адами маҳзро қабул кардааст? Ва он барои умури мазҳабӣ ва динӣ муфид аст ё не? Оё ваҳдати вуҷуд фақат масъалаи илмӣ мебошад ва ё ба мазҳабу дин ҳам робитае дорад?

Дар рӯзномаи «Вакил» ба таърихи аввали январи соли 1916 мақолае дар ҳимоят аз маснавии «Асрори худӣ» мунташир гардид. Нависандаи он худро ба унвони «Як мусалмон» муаррифӣ карда буд. Хулосаи он ин аст: дунё – саройи низоъю кашмакаш аст. Зиндагии афрод ва миллатҳо аз худу хештандорӣ метавонад боқӣ ва қоиму доим бимонад. Иқбол мегӯяд: «Амал нишон диҳеду ҳимматро ба кор бандед. Иттико бар дигаронро раҳо кунед. Вазъи худро дуруст намоед». Ӯ дарси кибру ғурур намедиҳад, балки ғайрату шарм, ҳаёву ҳиммат, суботу устуворӣ ва сабру таҳаммулу шуҷоат медиҳат, ки замоне шеваи мусалмонон буд. Вай мухолифи суфиякиром нест. Ишқе,

ки Иқбол ба он Ҳазрат (с) дорад, барои замонату тазмини ин амр кофӣ мебошад, ки дар қалбу мағзи вай барои рӯҳоният чӣ эҳтирому ишқе вуҷуд дорад.

Сипас, дар рӯзномаи ҳафтагии «Сироҷ-ал-ахбор» 24 январи соли 1916 мақолае дар ҳимояти Ҳофиз ва мухолифати Иқбол ба унвони «Уюби Ҷаноби оқои доктор» тавассути номҳои мустаори «Як файласуфи мусалмон» ва «Табиӣ» чопу мунташир гардид. Дар он навишта шуда буд: «Тасаввуфи Ҳофиз як ҳарфаш аз Қуръони Маҷид ҷудо нест ва афкори Иқбол бар тибқи зарбулмасали ҳиндӣ «рақсро балад нест, мегӯяд саҳна кач аст» бисёр заиф ҳастанд». Нигорандаи мақола эътироф кардааст, ки ӯ худаш «Асрори худӣ»-ро мутолеа накардааст. Вале дар тақлиди баъзе аз бузургон лозим дида, дар мухолифат бо он ҳарфе бизанад. Дар 24 январи соли 1916 як наққод дар рӯзномаи «Вакил» дар бораи афкор дар маснавӣ назари худро баён намуд. Дар рӯзномаи «Лоял» (Loyall Gazette)-и Лоҳур аз 20 январи 1916 дар мухолифат бо маснавӣ як мақола мунташир шуд. Чандин мақола перомуни тасаввуф ва Иқбол дар рӯзномаҳои «Вакил», «Ламаҳот» ва «Сироҷ-ул-ахбор» чоп шуд. Вале ҳеҷ нависандае номи худро ошкоро баён нанамуд.

Дар ин асно мақолае аз Мавлавӣ А. Дин – вакили додгустарӣ ба ҳимоят аз маснавӣ дар рӯзномаи «Вакил» чоп гардид. Дар он нависанда дар бораи мақолоти Завқишоҳ ва Хоҷа Ҳасани Низомӣ назарияи худро баён намуда, навишт: «Нигоштаҳои ҳарду бузург бо маснавӣ робитае надорад. Хоҷа Ҳасани Низомӣ фақат тахайюлотро ба ҳаяҷон овардааст. Вале аз ҳақиқат чашмпӯшӣ кардааст. Ӯ низ навишт, ки Иқбол дар маснавии худ мардумро ба таълими ҳақиқии исломӣ мутаваҷҷеҳ сохтааст. Вале дар мавриди итоат ба забти нафс ва ниёбати илоҳӣ таъкид кардааст.

Дар мухолифат бо маснавӣ мақолаи дигаре аз Хоҷа Ҳасани Низомӣ таҳти унвони «Сирри «Асрори худӣ» 30 январи соли 1916 дар маҷаллаи «Хатиб» мунташир гардид, ки дар он вай дар бораи усули маснавӣ баҳс карда буд ва ба панҷ иллат онро ғайримаъқул хонда буд. Дар ин мақола баъзе аз абёти маснавиро, ки дар бораи Ҳофиз буд, дар муқаддима, ки ба забони урду буд, ба шакли ғалат оварда, таҳриф намудааст. Ба ин сурат, сӯйитафоҳумро дар миёни мардум густариш дод, то мардуми фиребхӯрда аз маснавӣ бадгумон шаванд. Илале, ки маснавиро бо онҳо ғайримаъқул ҷилва дод, дар зер оварда мешавад:

Аввал он ки Иқбол он чиро, ки дар маснавии худ дар бораи ҳифозати «худӣ» таҳрик кардааст, чизи ҷадиде намебошад, балки бисёр камтар аз таълими Қуръони Маҷид аст. Бинобар ин, бо вуҷуди Қуръон, Хоҷа Ҳасани Низомиро ниёз ба маснавӣ нест.

Дуввум ин ки дар муқаддимаи маснавӣ масъалаи ваҳдати вуҷуд ва суфиёнро зери интиқод гирифтааст, ки тавассути онон миёни мусалмонон эҳсоси тарки худӣ пайдо шудааст. Низ аз номаҳои Иқбол ва баҳсу гуфтугӯи дӯстони ӯ машҳуд аст, ки асли мақсади маснавӣ аз байн бурдани наҳзати суфия аст. Вале чун Иқбол дар талошу саъйи худ то қиёмат ҳам наметавонад комёб шавад, бинобар ин маснавии ӯ бенатиҷа аст.

Севвум он ки Иқбол дар муқаддимаи маснавӣ ба мусалмонон маслиҳат кардааст, ки дар пайравӣ аз фалсафаи аврупоӣ ақоиди худро тағйир диҳанд.

Чаҳорум, агарчи маснавӣ дарси хештандорӣ медиҳад, аммо таъкид намудааст, ки худхоҳии ғарбиро ихтиёр намоянд, ки саросар мухолиф бо ислом аст.

Панҷум ин ки ин маснавӣ тавҳин (ҳақорат) ба худи онҳо кардааст.

Хоҷа Ҳасани Низомӣ саъй кард, ки масъалаи ваҳдати вуҷудро дар партави Қуръони Маҷид низ собит кунад. Вале Шоҳ Сулаймон ва Акбаруллоҳи Ободӣ ӯро аз ин кор боздоштанд. Акбаруллоҳи Ободӣ ба ӯ навишт:

«Агар Шумо мехоҳед масъалаи ваҳдати вуҷудро дар Қуръони Маҷид ба субот бирасонед, ман Шуморо дар мақоме маҳфузу масун нахоҳам дид. Зеро уламои шариат инро гуфтаанд, ки масъала ҷузви ислом нест. Ман мегӯям: Қабл аз гуфтани

«ҳама ӯст» аввал бояд «ӯ»-ро собит кунед ва сипас «ҳаст»-ро тавзеҳ диҳед. Яъне «ҳастӣ» чист? Ва «ӯ» ба кӣ мегӯянд?»

Шоҳ Сулаймони Пҳалаврай ба ӯ навишт:

«Масъалаи ваҳдати вуҷуд як масъалаи илмӣ аст, ки дар истилоҳ «рабт-ул-ҳодис би-л-қадим» мегӯянд ва дар тамоми кутуби илоҳиёт зикри он омадааст. Агарчи ин масъала бо сайру сулуки исломӣ ва мушоҳидаи анвор ва тахайюлот робита дорад, аммо бо мадори наҷот ҳеҷ гуна робитае надорад».

Дар ҳамин даврон Пирзода Музаффар Аҳмади Фазлӣ дар ҷавоби «Асрори худӣ» маснавии «Рози бехудӣ»-ро нигошт ва мунташир намуд. Ин маснавӣ дар таъриф ва ҳимояти Афлотун ва Ҳофиз буд ва дар он ҳамалоте бар зоти Иқбол шуда буд. Вале ин маснавӣ бо асли мавзӯи «Асрори худӣ» робитае надошт. Ҳамчунин Малик Муҳаммад Мақотеакор аз Ҷаҳлам (шаҳре наздики Лоҳур дар музофоти Панҷоб) низ дар ҷавоби «Асрори худӣ» як маснавӣ навишта буд.

Маҷаллае, ки дар шаҳри Мирта (шаҳре дар Ҳинд) бо номи «Асва ҳасана» мунташир мешуд, дар як шумораи худ аз феврали соли 1916 бо мутолеаи «Асрори худӣ» ва мақолоте, ки дар ҳимоят ё мухолифати он дар рӯзномаҳои «Хатиб» ва «Вакил» чоп шуда буд, изҳори назар карду навишт: «Маснавӣ аз нуқтаи назари исломӣ қобили эътироз аст. Асбоби заволи мусалмонон мунҳасир ба сӯйитафоҳумот аст, на бар нафъи худӣ. Агар ба назари Иқбол нафъи худӣ мусалмононро раҳмониятпарасту пастҳиммату коҳил ва танбал сохтааст, он гоҳ метавон гуфт: ин эҳсоси худӣ дар Аврупо чӣ корҳое, ки накардааст. Масалан, яке аз намунаҳои он ҳамин ҷанги ҷаҳонсӯз аст, ки инсонҳоро садҳо манозир аз дарандагиву саффокӣ (хунхорӣ), ки бисёр хавфнок буд, нишон додааст. Оё Иқбол низ мехоҳад, ки мусалмонон ҳам аз бузҳою гӯсфандон ба шерҳо бадал шуда, ҳамин даррандагӣ ва сабъиятро ба роҳ бияндозанд? Рӯҳониятро раҳо карда, моддапараст шаванд? Суфиён барои маҳви худӣ талқин ва таъкид кардаанд. Дар ҳақиқат, гуфтаи Қуръон ҳам ҳамин аст. Лекин ҳамон тавре, ки матолиби дигари Қуръонро ба ғалат тафсир намуданд, масъалаи худӣ ҳам дар дасти ҷоҳилону худхоҳоне афтод. Имрӯз иддаи касире аз мусалмонон дар бораи ин масъала ба сӯйитафоҳумҳо гирифтор шудаанд ва оқибат худро хароб кардаанд.

Ҳаким Фирӯзиддин Аҳмади Туғроӣ дар ҳимояти Ҳофиз рисолае ба унвони «Лисон-ул-ғайб» мунташир сохт. Ӯ навишт: «Мутолеаи маснавии «Асрори худӣ» собит кард, ки бисёр ноумедкунанда аст. Зеро Иқбол на аз арбоби мушоҳида буд ва на дар ироаи тариқи изҳори эҳсосоти хеш пухта. Туғроӣ аз каломи Ҳофиз мисолҳое овард ки мабно бар ҷӯшу хурӯш, ҳаяҷон, наҳзати амал, сабру истиқлолу ҳазм ва эҳтиёту таълимоти фалсафаю ахлоқ буд. Ва навишт: «Иқбол ин ҷанбаҳои мусбати сухани Ҳофизро* нодида ангоштааст. Зеро барои дарк кардани ишороту румузи орифон лозим аст дар хидмати аҳли ҳол зонуи адаб хам кард, ки Иқбол аз ин неъмат маҳрум буд».

Мавлавӣ Муҳаммад Алӣ дар ҳимояти «Асрори худӣ» мақолае нигошт, ки дар рӯзномаи «Хатиб» дар таърихи 7 феврали 1916 чопу мунташир гардид. Ӯ навишт: «Дар маснавӣ Иқбол чӣ афкореро баён кардааст, ки онро бо вуҷуди таслим намудани маслаки ваҳдати вуҷуд нодуруст қарор дод? Оё касоне, ки «ман арфа нафса фақад

---

* Ҳофиз худ гӯяд:

Нақди суфӣ ба ҳама софии беғаш бошад,
Эй басо хирқа, ки муставҷиби оташ бошад.

Ва ё:

Кори худ гар ба Худо боз гузорӣ, Ҳофиз,
Эй басо айш, ки бо бахти худодода кунӣ.

Ва ё:

Оташи зӯҳду риё хирмани дин хоҳад сӯхт,
Ҳофиз, ин хирқаи пашмина бияндозу бирав.

арфа раббаҳу»-ро* қабул доранд, дар қавли худ ин қадар хому беэътимод ҳастанд, ки аз ташвиқу тарғиби шинохти нафси худ низ безор шудаанд? Касе, ки чашми инсонро қобили дидану мушоҳидаи анвори аҳаддият медонаду ташвиқ мекунад, ки аз чашми худ ҳиҷоб бардоред, чӣ гуна метавон ӯро кӯр хонд? Албатта бояд гуфт, ки Иқбол дар майдони танги муқаддимаи китоб ва дар фазои хаёли назм дар бораи масъалаи ваҳдати вуҷуд набоистӣ баҳс кунад. Ва бехуд дари баҳсу гуфтугӯро боз кардааст. Агар ӯ мехост эҳсоси амалро таҳрик кунад, боистӣ аз эҳсоси амал шурӯъ мекард. Ва агар мехост зикри ваҳдати вуҷудро бикунад, боистӣ дар наср китоб менавишт ё мақолаеро ироа медод.

Ҳофиз Муҳаммад Аслам Ҷайрочпурӣ дар ин баҳс ба унвони як бетарафу ғайри ҷонибдор ворид шуд. Ӯ дар мақолаи худ навишт: «Иқбол он чӣ ки дар маснавии худ дар бораи Ҳофиз** навиштааст, агар наменавишт беҳтар буд. Вале қабл аз ин ҳам дар мавриди Ҳофиз чунин ақоиде баён шудааст. Гурӯҳе аз мардум аз хондани намози ҷанозаи Ҳофиз худдорӣ карда буданд. Аврангзеби Оламгир хондани девони Ҳофизро мамнӯъ карда буд. Низ Мавлоно Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ дар китоби «Ҳаёти Саъдӣ» нигоштааст: «Ғазалҳои Ҳофиз дар маҷолису маҳофил зиёд хонда мешаванд, агарчи аксар шунавандагон аз мазомину мафоҳуми он беиттилоъ ҳастанд. Аз хондани ғазалиёти Ҳофиз дар мардум эҳсоси нопойдории дунё, таваккал, истиғно ва қаноат пайдо мешавад. Мардуми авбошу айёш ва бефикр аз хондани онҳо ба оқибати ниёандешӣ ва ишқбозӣ ва бадномиву расвоӣ ташвиқ мешаванд. Дар вазъи кунунӣ ин таъсирот барои миллат хатарноку музир ҳастанд. То он ҷое ки мутааллиқ ба тасаввуф аст, Қуръони Маҷиду ҳадиси шариф ба ин вожа ошно нест. Ин вожа дар қарни ҳиҷрӣ вориди забони арабӣ шуд. Дар ин сурат тасаввуфро ислом ва исломро тасаввуф қарор додан наметавонад қобили қабул бошад».

Шайх Мушир Ҳусайни Қадвоӣ дар ҳимояти Ҳофиз аз Лондон мақолае фиристод, ки дар рӯзномаи «Заминдор» ба таърихи 23 марти 1916 чоп гардид. Ҳамчунин ӯ мақолае дар бораи «Худӣ ва руҳбоният» навишт. Дар мартаба ва азамати руҳбоният инро собит кард, ки он Ҳазрат – Расули Худо (с) ҳамеша руҳбонро ба дидаи эҳтиром менигарист ва ба онҳо эҳтиром мегузошт. Дар ҷавоби ин мақола Мавлавӣ Сироҷиддин Пол – вакили додгустарӣ дар рӯзномаи «Вакил» ба таърихи 15 июли 1916 мақолае навишт, ки дар он нигошта буд: «Дар ислом руҳбоният*** мамнӯъ аст. Агар он Ҳазрат (с) алайҳи руҳбоният ҳарфе намезаданд, ин далели бузургии руҳбоният набуд, балки иллати он буд, ки роҳибон музоҳими ислом набуданд».

Иқбол ба унвони мудофеи нуқтаи назарҳои хеш дар баҳс ворид шуд ва тавассути як силсила мақолот ва ё номаҳо эътирозоти мӯътаризинро ҷавоб гуфт.

Дар ин бора аввалин бор мақолаи вай таҳти унвони «Асрори худӣ ва тасаввуф» дар рӯзномаи «Вакил» 15 июли 1916 чоп гардид.[12] Ӯ навишта буд: «Аксар дӯстон шикоят кардаанд, ки Иқбол бо тасаввуф муқобилат кардааст. Вале ӯ гила ва шикоят мекунад, ки дар Ҳиндустон афроди бисёр каме ҳастанд, ки адабиёти исломиро ба диққат хонда бошанд». Дар ин мақола нигошт: «Ӯ мехоҳад таърихи наҳзати тасаввуфро бинависад, ки ҳадаф аз навиштани ин китоб нишон додани матолибе хоҳад буд, ки мушаххас намояд, кадом унсур исломӣ ва кадоме ғайриисломӣ мебошад? Вале дар ҳоли ҳозир ҳамин қадар кофӣ аст, ки ин наҳзат аз аносири ғайриисломӣ холӣ набудааст. Агар ӯ мухолиф аст, фақат бо он даста аз суфиён мухолиф аст, ки бо номи Расулуллоҳ (с) аз мардум байъат гирифтаанд (қасами садоқат қабул кардаанд). Вале дониста ё надониста масоилеро таълиму дарс додаанд,

---

* Ҳадисе аст мансуб ба Ҳазрати Алӣ алайҳисалом.

** Ҳофиз гӯяд:

Чарх барҳам занам, ар ҷуз ба муродам гардад,
Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чарху фалак.

*** Ло руҳбоният фи-л-ислом (ҳадиси набавӣ).

ки робита бо дин надоштанд. Вале суфиёне, ки дар роҳи Расулуллоҳ (с) қадам бармедоранд ва побарҷо ҳастанд, Иқбол хоки пои онҳо мебошад ва муҳаббати ононро саодати ҳарду ҷаҳон медонад». Дар ин мақола Иқбол дар мавриди худ навишт: «Ман ҳаргиз аз эътирофи ин амр ор надорам, ки то муддати зиёде ба чунин ақоиду масоиле мӯътақад будаам, ки махсуси баъзе аз суфиён аст. Баъдан бо фикру ғавр дар Қуръони Маҷид комилан ин ақоиди ғайриисломӣ собит гардид. Масалан, ақидаи Шайх Муҳиддин Ибни Арабӣ дар бораи масъалаи қидами арвоҳи кумало* ё ваҳдати вуҷуд, ё масъалаи таназзулоти сутӯҳ, ё дигар масъалае аз ин қабил, ки зикри баъзе аз онҳоро Абдукарими Ҷилӣ дар китоби худ «Инсони комил» кардааст. Ба назари ман, ҳар се масъала бо дини ислом ҳеҷ робитае надоранд. Агарчӣ ман мӯътақидини онҳоро наметавонам кофир бигӯям. Зеро онҳо бо хулуси нияти истинботи ин масъаларо аз Қуръони Маҷид кардаанд. Масъалаи қидами арвоҳ Афлотунӣ аст ва Абуалӣ Сино ва Абунасри Форобӣ ҳарду мӯътақид ба он буданд. Ба ҳамин сабаб, Имом Ғазолӣ ҳарду донишмандонро такфир карда буд. Ибни Арабӣ дар ин масъала фақат ин қадар тағйир додааст, ки ӯ мӯътақид ба қидами арвоҳи Сулаҳо ва Кумало** шуд. Вале табиист, ки усул ҳамон аст ва ин масъала байни мусалмонон қабрпарастиро ривоҷ дод. Масъалаи таназзулоти сутӯҳ пешниҳодшудае аз сӯйи Плутонис (Афлотун) аст, ки муассиси назарияи Афлотунияти*** ҷадид буд. Масъалаи таназзулоти сутӯҳ аз фалсафаи юнонӣ мунтақил шуда, дар миёни мусалмонон ривоҷ ёфту баъдан онро ҳукамо ва суфиёни исломӣ, бино бар мақосиди худ дар истилоҳоти исломӣ баён карданд. Шайх Шаҳобиддин Суҳравардӣ**** дар ҳикмати ишроқ ин масъаларо чунин баён кардааст, ки қабл аз ислом барои тасдиқу таъйиди унсури зардуштӣ ин ояи маъруфи Қуръони Маҷид «Аллоҳу нуру-с-самовоти ва-л-арз»-ро***** ҷустуҷӯ карданд. Акнун бисёре аз суфиён дар кишвари Ҳиндустон ба ин масъала мӯътақад ҳастанд ва ба ин иллат аст, ки онҳо аз таърихи ин мавзӯъ огоҳӣ надоранд. Масъалаи ваҳдати вуҷуд низ мукаммали фалсафаи таназзулоти сутуҳ аст... Дини ман, ақидаи ман ин аст ки Худои таоло дар низоми олам ҷорӣ ва сорӣ нест, балки ӯ холиқи низоми олам аст ва сабаби рубубияту қудрати ӯ, ин низом побарҷост. Ҳар гоҳ ӯ бихоҳад, ин низом ба поён хоҳад расид. Ҳукамо ҳар ақидае ки доранд, аз он баҳс намекунам. Мушкил ин аст ки ин масъала дар адабиёти ислом ба унвони унсуре даромадааст, ки ҷудоношуданӣ аст ва масъули он бештар шоирони суфӣ ҳастанд. Номустаҳсане, ки аз усули фалсафии он пайдо мешавад, назири адабиёти форсӣ аст».******

Сипас, барои тавзеҳи афкори худ мисоли Воҳидхон – яке аз шуарои забони панҷобиро меоварад. Воҳидхон шогирд ва муриди як ҷӯгии ҳинду бо номи Рагнатҷӣ буд, ки таҳти таъсири фалсафаи видант (ҳинду) мӯътақад ба ваҳдати вуҷуд шуда буд. Асаре, ки тағйири ақида бар вай гузошт, онро чунин баён медорад:

---

* Қадим будани арвоҳи Солеҳон ва Комилон. Комилон табақаи улё аз аҳли Оллоҳ ва Солеҳон дараҷае аст болотар аз дараҷаи зоҳидону обидон дар миёни аҳли тасаввуф.

** Кумало ҷамъи комил ва комили ҳақиқӣ касе аст, ки ӯро камол бошад ва он мавҷуде аст, ки ончи барои ғайр мумкин-ул-ҳусул бошад, барои он ҳосил бошад...

*** Фалутин (Афлотун)-и II (204-270 милодӣ)- муассиси фалсафаи нави Афлотунӣ аст. Дар Миср зоида шуд ва дар Рум нашъунамо ёфт. Ӯ мехост Мадинаи фозилае бар асоси ҷумҳурияти Афлотун бисозад. Вай ҳамроҳи Гирдёнус – императори Рум, ки барои ҷанг ба Эрон омад, раҳсипори ин диёр гашт, то аз сарчашмаи ирфони Шарқ баҳрае бигирад. Вале бо кушта шудани император таҳсили ӯ нотамом монд.

**** Яҳё бинни Ҳабаши Шафеӣ мулаққаб ба Шаҳобиддини Суҳравардӣ аз бузургони уламои ҳукумати ишроқ дар қарни 6 ҳичрӣ мебошад. Бо фалсафаи Афлотун дарафтод. Фалсафаи Арастуро мавриди баррасии дақиқ қарор дод ва бархе аз усули онро ботил намуд. Нисбат ба сунани эронӣ вафодор буд. Дар ҳудуди 40 асари илмӣ дорад, ки муҳимтарини онҳо «Ламаҳот», «Ал-басир», «Лавомеъ-ул-анвор», «Эътиқод-ул-ҳукамо» ва рисолаи «Фи-л-ишқ»-ро метавон ном бурд. Ҳикмати ишроқи ӯ аз имтизоҷи фалсафа ва тасаввуф ба вуҷуд омад. Ӯ ба арабӣ ва форсӣ низ шеър сурудааст.

***** Сураи «ан-Нур», ояти 35: Худо нури осмону замин аст.

****** Ба назар меояд, дар ин бора он қисматҳое аз адабиёти форсӣ дар назар дошта шудааст, ки марбут ба адабиёти суфиёна аст.

Тарҷумаи шеър:

Ман писари Латҳан будам, ки артишҳоро шикаст медодем, вале мавқее, ки шогирду муриди Рагнота шудем, наметавонем як коҳро бишканем.

Яъне ки дар ҳар чиз вуҷуди Худо ҷорӣ ва сорӣ аст. Аз он рӯз ман ҳатто натавонистам як барг ё хасу хошокро бишканам. Зеро аз шикастани он эҳтимол дорад ба Худо садамае ворид ояд.

Иқбол изофа мекунад:

«Ман аз лиҳози фалсафаю таърих ё баъзе аз ин қабил масъала ихтилоф дорам, агарчи, дар ҳақиқат, масоили фалсафӣ аст, вале маъмулан онҳоро тасаввуф медонанд. Аз аҳдофи тасаввуф чи гуна метавонам эҳтироз кунам. Оё мусалмоне вуҷуд дорад, ки он афродро бад бидонад, ки ҳадафи онҳо фақат ишқи Расулуллоҳ (с) аст ва ба ин тариқ бо Худованди Таоло робита пайдо мекунанд ва боиси пухтагии имон ва ақидаи худу дигарон мешаванд? Агар ман бо ҳамаи суфиён мухолиф будам, ҳаргиз дар маснавии худ ба ҳикоёт ва истидлолоти онҳо интиқод намекарадам».

Сипас ақидаи худро нисбат ба Ҳофиз баён мекунаду мегӯяд: «Ҳофиз фақат як шоир буд ва аз каломаш ҳарчи ҳақоиқи суфиёна кашф шудааст, кори афроди баъдӣ мебошад. Вале чун ӯро суфӣ ва маҷзуб мегӯянд, бинобар ин аз ҳарду ҷанба – суфигарӣ ва шоирӣ лозим буд, интиқоде ба ӯ бишавад. Ба унвони суфӣ ҳадафи ӯ ин буд, ки дар худу дигарон ҳолати сукр эҷод кунад. Вале ҳолати сукр мухолиф бо таълимоти ислом аст. Зиндагии Расулуллоҳ (с) ва асҳоби вай беҳтарин намуна барои субути он кайфият мебошад... Вазъи мустақили қалби як мусалмон ҳолати бедорӣ дорад, на сукру хоб. Ба илова, афроде, ки ҳолати сукрро ҳамеша ихтиёр мекунанд ва доим дар ин ҳолат ҳастанд, наметавонанд дар набарди зиндагӣ побарҷо бимонанд ва аз лиҳози қавмӣ ва миллӣ низ зарар мерасонанд. Чунин мисолҳо дар таърихи ислом хеле зиёд пайдо мешавад. Иқбол навиштааст:

«Аз лиҳози шеъру сухан Ҳофизро шоири баландмартабае медонам... Вале ба унвони шоири миллӣ ва фардӣ барои санҷиши арзиши вай бояд маҳак ва меъёре бошад. Ба назари ман, меъёр ин аст, ки агар ашъори шоир барои расидан ба аҳдофи зиндагӣ кӯмаккунанда бошад, он шоири бисёр хубе аст. Ва агар ашъори вай мухолифи зиндагӣ ҳастанд ва ё нерӯи ҳаётро заифу паст мекунанд, он шоир, махсусан, аз лиҳози миллӣ музир аст... Ҳолате, ки Ҳофиз дар хонандагони худ эҷод менамояд (яъне ба унвони як суфӣ), он ҳолат барои афроду миллате, ки дар дунёи замону макон зиндагӣ мекунанд, бениҳоят хатарнок аст... Дар ин шакке нест, ки дар девони вай ашъоре низ дида мешавад, ки барои ҳифзу дифои шахсият кӯмак мекунанд. Вале касоне, ки ба назарияи ман интиқод мекунанд, бояд дар назар дошта бошанд, ки Ҳофизи Шерозӣ як мусалмон буду дар рагҳои ӯ хуни ислом ҷараён дошт. Назарияи ваҳдати вуҷуд ҳар қадар афкори ӯро тағйир дода бошад ҳам, аммо имкон надорад, ки ҳолати бедорӣ бар ҳолати сукр ҳеҷ гоҳ ғалаба надошта бошад ва чунин ашъореро насарояд. Ҳаким Фирӯзиддин Туғроӣ дар рисолаи «Лисон-ул-ғайб»-и худ бисёре аз чунин ашъору абётро навиштааст. Аагрчи ӯ, ба назари худаш, бо фикри ман ба мухолифат пардохтааст, вале дар ҳақиқат, ҳадафи маро таъйиду тасдиқ намудааст. Агар ӯ дар ин маврид фикре кунад, ба ӯ собит хоҳад гашт. Бадеҳӣ аст, ки ба таври куллӣ ҳадафи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ ҳолати сукр аст, на ҳолати саҳв (бедорӣ). Барои нақду интиқод бар як шоир аҳдофи ӯро дар назар мегиранд».

Сипас, Иқбол барои тавзеҳу таъйиди бештар аз ҳадафу назарияи хеш баёне аз таълифоти Муҳаммаддин Фавқ ба унвони «Наштари вичдонӣ» нақл кардааст, ки воқеаи марбут ба даврони Аврангзеби Оламгир мебошад. Аврангзеб дар як замон фармоне содир кард, ки то муддати маҳдуде дар мамлакати вай бояд ҳама руспиҳо (фоҳишаҳо) издивоҷ кунанд, вагарна ҳамаи онҳоро дар киштӣ савор карда, дар дарё ғарқ хоҳанд кард. Садҳо нафар издивоҷ карданд, вале иддаи зиёде низ боқӣ монданд, ки барои ғарқ шудани онҳо дар дарё киштиҳо омода шуданд. Ба поёни охирин мӯҳлати таъйиншуда фақат як рӯз боқӣ монда буд. Дар ин замон Шайх Калимуллоҳ

Ҷаҳонободӣ зинда буд. Як руспии ҷавону зебо барои азри салом дар ҳузури вай ҳозир мешуд. Вақте ӯ аз вазифаи ибодии худ фориғ мегашт, он руспӣ даст баста, дар ҳузури вай меистод ва вақте ӯ нигоҳашро баланд мекард, зани руспӣ салом мекарду мерафт. Он рӯз вақте он руспӣ дар маҳзари Шайх ҳозир шуд, гуфт: «Охирин саломро аз банда қабул бифармоед». Шайх ҳақиқати ҳолро дарёфт. Руспӣ ҳама авзоъро баён намуд. Шайх фармуд, ки ин байти Ҳофизро ҳифз кунед:

Дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд,
Гар ту намеписандӣ, тағйир кун қазоро.*

Вақте шуморо ба сӯйи дарё мебаранд, бо овози баланд ҳама ин байтро хонед. Руспиҳо ҳама ин байтро ҳифз карданд. Вақте онҳоро ба сӯйи дарё равона карданд, онон бо овози дилкашу сӯзнок ба хондани ин байт шурӯъ карданд. Ҳар кас, ки ин овозро шунид, музтариб шуд. Вақте Аврангзеби Оламгир ҳам ин овозро шунид, музтарибу беқарор шуд ва дастур дод, то ҳамаи онҳоро озод кунанд.

Бо ин мисол Иқбол равшан сохт, ки он чӣ дар назари Муҳаммадини Фавқ ҳусни Ҳофиз аст, дар назари Иқбол зиштии ӯст. Зеро сеҳру ҷодуи шоиронаи Ҳофиз масъалаи тақдирро ба сурати бисёр зебо, вале ғалат таъбиру тафсир кардааст. Ва як подшоҳи диндору пойбанди шариат ва нексириштро, ки мехост ҳукумати шаръии исломии ҳақиқиро пиёда кунад ва зиною руспигиро хотима дода, ҷомеаи мусалмононро аз ин лаккаи нозебо пок намояд, аз ин байт он қадар нотавону заиф шуд, ки дигар ҳиммати иҷрои қонуни исломиро надошт. Агар Аврангзеби Оламгир дар мавриди Доро Шукӯҳ низ ҳамин равиши «бо душманон мадоро»-ро** итихоз мекард, дар Ҳиндустон ҳеҷ вақт ҳукумати шариати исломӣ ташкил намешуд.

Чанд рӯз пас аз интишори ин мақола, Иқбол дар номае аз 19 январи 1916 ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон навишт:

«Рисолаи Шоҳ Валиро*** дидам, ҳамон афлотунияти ҷадид мебошад, ки дар мақолаи худ ба он ишора кардаам. Ин як шакли харобшудаю масхгардида аз фалсафаи Афлотун аст, ки яке аз муридони вай ба номи Плутонис ба сурати як мазҳаб даровард. Дар ҷаҳони масеҳият дар садаҳои ибтидоӣ, дар кишвари Рум ин мазҳаб ё дин мақбул будааст ва охирин ҳомӣ ва пуштибони ин дин зане бо номи Потия буд, ки исавиёни худашон дар Миср ӯро бо ниҳояти саффокӣ ба қатл расонданд. Дар миёни мусалмонон ин мазҳаб аз тарҷумаи манобеи масеҳиён ривоҷ пайдо кард. Ва рафта-рафта ҷузви ислом шуд. Ба назари ман, ин таълим қитъаи ғайриисломӣ аст ва бо фалсафаи Қуръони Маҷид ҳеҷ гуна иртиботе надорад. Сохтмони тасаввуф низ бар мабнои ҳамин беҳудагии юнонӣ баён ниҳода шуд».

Қабл аз чоп шудани мақолаи Хоҷа Ҳасани Низомӣ ба унвони «Сирри асрори худӣ» Иқбол номае барои ӯ навишт ва мунташир намуд. Мазмуни он чунин буд:

«Ман хуб медонам, ки Шумо ба ислом ва паёмбари ислом (с) ишқ меварзед. Он гоҳ чӣ тавр мумкин аст, ки Шумо аз як ҳақиқати исломӣ огоҳӣ пайдо карда ва баъдан онро инкор намоед. Балки ман ҳам акнун имон дорам, ки Шумо, билохира, бо ман муттафиқ хоҳед шуд. Маро ҳам Шумо хуб мешиносед. Ман табъан ба сӯйи тасаввуф тамоил дорам ва хонаводаи ман ҳам чунин будаанд. Пас аз мутолеаи фалсафаи аврупоӣ ин тамоил шадидтар шудааст. Зеро фалсафаи аврупоии ман ҳайс-ул-маҷмӯъ ба сӯйи ваҳдати вуҷуд меравад. Вале бо ғавр дар Қуръони Маҷид ва мутолеаи таърихи ислом, ба иштибоҳи худ пай бурдам. Ман сирфан ба хотири Қуръони Маҷид ақидаю фикри қадимии хешро ва барои ин кор ман бо тамоюлоти табиӣ ва аҷдодии худ як ҷиҳоди ваҳшатноки фикрӣ ва қалбӣ анҷом додам».

---

* Ба назар меояд, ки «тағйир деҳ» бошад.

** Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

*** Валиуллоҳи Деҳлавӣ Ибни Шоҳ Абдураҳим, маъруф ба Шоҳалиуллоҳ, муфассир, муҳаддис, муҷтаҳид ва фақеҳ будааст. Дар мадрасаи Раҳимия тадрис кард. Таълифоти муҳими ӯ: «Ҳуҷҷатуллоҳ-ул болиға», «Фатҳи Раҳмон» (тарҷумаи Қуръони Маҷид ба форсӣ), «Ал-фузул-ул-кабир» мебошад.

Иқбол ин амрро низ ба исбот расонд, ки ислом дар ҳақиқат садои эътирозе дар муқобили руҳбоният буд. Ба назари ӯ, гусастан айни ислом аст ва пайвастан, руҳбоният ё тасаввуфи эронӣ аст. Иқбол ба Хоҷа Ҳасани Низомӣ ёдоварӣ кард, ки рӯзе вай ба Иқбол лақаби Сарулвисол дода буд. Он вақт низ Иқбол ба ӯ навишта буд: ба ҷойи Сарулвисол ба ӯ бояд Сарулфироқ гуфт. Зеро фарқе, ки дар назари вай миёни гусастану пайвастан буд, ҳамин фикр дар Шайх Муҷаддад Алифи Сонӣ мавҷуд аст.

Дар бораи истилоҳи тасаввуф Иқбол маслаку назари худро баён карда, менависад: «Шаъни бандагӣ камоли рӯҳи инсонӣ аст ва болотар аз он ҳеҷ мартаба ё маконе нест, балки ба қавли Ибни Арабӣ адами маҳз аст. Пас ҳолати сукр мухолиф бо қавонини зиндагӣ ва муддаои ислом аст ва ҳолати маҳв (бедорӣ) номи дигари ислом аст ва бо қонуни ҳаёт айнан мутобиқат мекунад.

Ба назари Иқбол, суфиён аз дарки мафҳуми тавҳид ва ваҳдати вуҷуд оҷизанд. Мафҳуми тавҳид динӣ аст ва мафҳуми ваҳдати вуҷуд файласуфона аст. Зидди тавҳид, чунонки суфиён пиндоштаанд, касрат нест, балки ширк аст ва зидди ваҳдати вуҷуд касрат аст. Натиҷаи ин иштибоҳ чунин шуд, афроде, ки ваҳдати вуҷуд ё бо истилоҳи фалсафаи ҷадиди аврупоӣ, тавҳидро ба исбот расонданд, ба онҳо муваҳҳид гуфта шуд. Дар сурате ки масъалаеро, ки онҳо собит карданд, бо дин иртиботе надошт, балки бо аслияти низоми олам иртибот дошт. Ба назари ислом чизе, ки қобили парастишу ибодат аст, зоти Худо, яъне Холиқ аст, агарчи аз лиҳози фалсафа ҳақиқати онҳо яке бошад. Ба иборати дигар, аз лиҳози таълими Қуръон, вуҷуди хориҷӣ бо зоти Худо нисбати иттиҳод надорад, балки нисбати хилқат аст. Ба ҳар ҳол, вақте ки тавҳиду ваҳдати вуҷудро як масъала шуморанд, суфиён низ ба фикр афтоданд, ки барои исботи тавҳид тариқае бояд бошад, ки аз қонуни мантиқӣ бетааллуқ бошад.

Барои ин мақсад ҳолати сукр кӯмак кард. Иқбол ҳақиқати сукрро инкор намекунад. Вале ба назари вай, барои мақсуде, ки ин ҳолат пайдо мешавад, он мақсудро ҳаргиз бароварда намесозад. Ҳадди аксари фоидае, ки дорад, барои соҳиби ҳол як масъалаи фалсафӣ ё илмӣ тасдиқ мешаваду бас. Пас, ба ақидаи Иқбол, ҳар кайфияти қалбӣ аз лиҳози мазҳаб ҳеҷ фоидае надорад.

Ин баҳс каме талх шуда буд. Ба ҳамин муносибат Акбаруллоҳи Ободӣ саъй мекард, ки Иқбол ва Хоҷа Ҳасани Низомиро оштӣ диҳад. Дар ин маврид Иқбол дар номае аз 27 январи 1916 ба ӯ навишт:[14]

«Иншооллоҳ ихтилофи ақида таъсире ба равобити шахсӣ нахоҳад гузошт. Ман фақат як ё ду нома мунташир сохтам. Он ҳам вақте ки Хоҷа Ҳасани Низомӣ худаш мақолоте навишта буд. Ва ё дӯстонро водор карда буд, ки бинависанд. Дар бораи ин мақолот шикояте надорам. Шикоёт фақат ин аст, ки дар номаҳои шахсӣ ҳамеша ба ман менавишт ё менависад: «Дар нияти ту ҳеҷ шакке надорам». Вале дар рӯзнома баръакси ин менависад. Ман худам барои ин кор аз Хоҷа Ҳасани Низомӣ гила доштам ва бо як хулуси нияти комил навишта будам, ки Шумо ба ман беинсофӣ ва беадолатӣ накунед. Баҳси илмӣ бояд бошад, вале ҳадаф аз он бадном кардани тарафи муқобил набояд бошад».

Сипас, дар номае Иқбол аз 4 феврали 1916 ба номи Акбаруллоҳи Ободӣ навишт:[15]

«Чун Хоҷа Ҳасани Низомӣ дар рӯзномаҳо нисбат ба ман инро шоеъ кардааст, ки ман бо суфиёни киром мухолиф ҳастам, бад-ин сабаб лозим аст, ки ман мавзӯи худро мушаххас созам... Ӯ фикр мекунад, ки ман мехоҳам наҳзати тасаввуфро дар ҷаҳон маҳву нобуд кунам. Вай мақолае таҳти унвони «Сирри «Асрори худӣ» дар рӯзномаи «Хатиб» навиштааст, ки аз назари Шумо ҳатман гузаштааст. Он панҷ иллате, ки ӯ дар ихтилоф бо маснавӣ навиштааст, онҳоро ба диққат бихонед».

Сипас, Иқбол мақолаи дигаре таҳти унвони «Сирри «Асрори худӣ» дар ҷавоби эътирозоти Хоҷа Ҳасани Низомӣ навишт, ки дар рӯзномаи «Вакил» аз 9 феврали

1916 чоп гардид.[16] Дар он мақола низ ақидаи худро тавзеҳ дода, гуфт: «Ислом вазоифи динӣ ва дунявиро якҷо анҷом додааст. Бад-ин тартиб, барои инсонҳо як роҳи миёнаравиро нишон додааст. Ҷое ки ин таълимро додааст, мунтаҳои мақсуди инсон аълои калиматуллоҳ аст, он ҷо инро ҳам дарс додааст, ки «Ло тансу насибак фи-д-дунё», яъне, саҳми роҳро ҳам нишон додааст. Ин тариқа ва роҳ ҷанбае аз шариати исломӣ аст, ки мутааллиқ ба муомилот аст. Вале тавре ки Хоҷа Ҳасани Низомӣ таъбире аз ислом кардааст, эшон дар миёни ислом ва руҳбоният ҳеҷ фарқе намегузоранд. Ӯ навиштааст: «Он чи ман мегӯям, он фалсафаи ҳақиқии ислом аст, на фалсафаи ғарбӣ». Хоҷа Ҳасани Низомӣ намедонад, ки мазҳаби илмии Аврупо ваҳдати вуҷуд аст, ки Хоҷа Ҳасани Низомӣ ҳомии он мебошад. Вале Иқбол аз он мазҳаб тавба кардааст ва мусалмон шудааст, ки ба назари Хоҷа як куфр аст.

Он гоҳ Иқбол иштибоҳоти Хоҷа Ҳасани Низомиро нишон додааст, ки ӯ ашъори Иқболро, ки дар бораи Ҳофиз суруда ба ғалат тафсир намудааст, ё баъзе аз бахшҳои муқаддимаи маснавиро ба сурати дигар таъбир кардааст. Мақсад аз он ин буд, ки авомунносро нисбат ба маснавӣ бадгумон созанд. Он панҷ иллат, ки Хоҷа Ҳасани Низомӣ дар номаъқул будани маснавӣ оварда буд, аз миёни онҳо нахустин иллатро баргузида ва ба он ҷавоб медиҳад:

«Ман бо Хоҷа Ҳасани Низомӣ ҳамақида ҳастам, ки дар Қуръони Маҷид таълими «худ» хеле зиёд аст ва агар ин таълим аҷиб ё ҷадид мебуд, ман ҳаргиз ҷуръат намекардам онро ба мусалмонон ироа диҳам... Маснавӣ навиштаи як мусалмон аст, ки аз Қуръони Маҷид истифода кардааст ва таълими онро сабаби наҷоти бани навъи башар медонад... Хоҷа Ҳасани Низомӣ яке аз далоил бар номаъқул будани маснавиро чунин баён кардааст, ки чун Хоҷа худ эҳтиёҷ ба ин маснавӣ надорад, пас, бинобар ин, маснавӣ номаъқул аст. Субҳоналлоҳ».

Дуввум, дар ҷавоби номаъқул будани маснавӣ гуфт:

«Он чи ки дар муқаддима навишта шудааст, мафҳуму мақсуди он ҳамин аст. Он имони ман аст. Дар хидмати ҳазрати Хоҷа боэҳтиром арз мешавад, ки мақсади ман аз байн бурдани наҳзати суфигарӣ нест, балки як навъи руҳбоният аст, ки қатъан бо ислом робитае надорад ва дар асари он дар миёни миллатҳои исломӣ нерӯи амал намондааст... Дар мавриди масъалаи ваҳдати вуҷуд, назари иҷтимоии уммат чунин мебошад, ки ин масъала комилан ғайриисломӣ аст».

Дар ҷавоби иллати севвум гуфт:

«Ман кай мусалмононро ташвиқ кардаам, ки ақоиду афкори худро иваз намоянд? Ман фақат онҳоро иршод менамоям, ки дар ривоёти фалсафӣ таҷдиди назар кунанд... Ба назари ман, таърихи фикрии Аврупо субути қатъии садоқати ислом аст. Ба мусалмонон дастур дода шудааст, ки дар илм, ҳатто дар Чин ҳам бошад, онро таҳсил намоянд. Агар чизи муфиде дар адабиёти ғарбӣ бубинем, аз он истифода накардан, сахт тангназарӣ аст».

Дар ҷавоби иллати чаҳорум навишт:

«Дар таъйиду тасдиқи ин иллат ҳатто як байт аз маснавӣ низ ироа нагардидааст, то маълум шавад, ки Иқбол (бо хештандорӣ) дарси худдорӣ медиҳад».

Дар ҷавоби иллати панҷум инчунин нигошт:

«Чун ҳазрати Хоҷа ғуломи ҳалқабагӯши Ҳофиз аст, бинобар ин дар назари вай маснавӣ ба иллати интиқод бар Ҳофиз номаъқул аст».

Дар поён менависад:

«Дар бақияи мақола фақат ду чиз аст, ки Иқбол бо мансуб кардани маснавӣ ба номи «Сэр Алӣ Имом «худӣ»-и худро маҷрӯҳ намудааст». Бад-ин тариқ, бо хам кардани сар дар муқобили аҳли дунё, бар хилофи таълими маснавии худ амал кардааст. Дар ҷавоб фақат ҳаминро метавонам бигӯям, ки Хоҷа маънои лафзи интисоб (dedication)-ро нафаҳмидааст... Мурод аз ин лафз фақат изҳори муҳаббату хулус аст, ки миёни ду фарди мабно бар равобити дӯстии шахсии онон мавҷуд дошт».

Иттиҳоми дигаре, ки ҳазрати Хоҷа бар ман ворид кардааст, ин аст:

Иқбол Мавлонои Румро дар хоб дидааст ва «Маснавии маънавӣ»-ро дар бедорӣ нахондааст. Агар ӯ чунин мекард, ҳаргиз ба хилофи Қуръон қадам барнамедошт, балки усули Қуръонро дар маснавӣ менавишт... Ҷаноби олӣ!

Ман маснавии Мавлонои Румро дар бедорӣ низ хондаам ва борҳову борҳо хондаам* ва Шумо шояд онро дар ҳолати сукр хондаед, ки дар он ваҳдати вуҷудро дидаед. Аз Мавлавӣ Ашрафалии Таҳонавӣ** бипурсед, ки ӯ чӣ гуна тафсире аз маснавии Мавлоно мекунад? Ман ҳам дар ин маврид аз ӯ тақлиде мекунам.

Иқбол барои навиштани бахши дигаре аз маснавӣ хеле музтарибу беқарор буд. Вале Хоҷа Ҳасани Низомӣ бо баҳси худ таваҷҷӯҳи ӯро аз ин кор дур кард. Зеро ин амрро дар номаи худ аз 2 феврали 1916 ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон чунин баён мекунад:[17]

«Ман фикр мекардам, ки вақту фурсате, ки дорам, рӯйи бахшҳои дигари маснавӣ сарф хоҳам кард, ки аз бахши аввал муҳимтару лозимтар аст. Вале Хоҷа Ҳасани Низомӣ бо шурӯъ кардани ин баҳс таваҷҷӯҳи маро баргардонд... Асли ҳақиқати дин бо мутолеаи кутуби аимаву уламо кашф мешавад ва имрӯз ниёзи замон ин аст, ки илми дин таҳсил кунем. Ва ҷанбаҳои илмии исломро бо тавзеҳи бештар равшан намоем. Худи аҳли тасаввуф мегӯянд, ки шариат зоҳир аст ва тасаввуф ботин. Вале дар ин замони ошуфта... агар зоҳир натавонад пойдор бимонад, ботин чигуна метавонад пойдор бимонад? Вазъи мусалмонони имрӯз комилан ҳамин тавр аст, ки ҳиндувон дар замони футуҳоти исломӣ дар Ҳиндустон доштанд, ё бар асари он, футуҳот анҷом шудааст. Миллати ҳиндуро дар ин замон инқилоб, тақлиди кӯр-кӯронаи шариати Ману*** аз марг наҷот дод. Ба иллати дифоъ ва пайравӣ аз шариати худ, қавми яҳуд то кунун зиндааст, вагарна агар Филу**** (аввалин мутасаввуфи яҳудӣ) бар дилу зеҳни қавм ғалаба мекард, имрӯз ин қавм дар дигар ақвом ҷазбу мунҳал шуда буд ва аз вуҷуди худ даст мешуст.

Дар номае аз 3 апрели 1916 ба номи Маҳараҷа Кишан Прасад менависад:[18]

«Хоҷа Ҳасани Низомӣ ба иллати интиқоди ман аз Ҳофиз ин маснавиро хилофи тасаввуф донистааст. Ӯ нақди мақолоти хешро низ бар ҳамин мафрӯза гузоштааст. Дар он мақолот ӯ маро душмани тасаввуф хонда ва бадном кардааст. Ӯ бо адабиёти тасаввуф ошноӣ надорад ва тасаввуфе, ки ӯ дорад, ман мухолифи он нестам. Албатта, баъзе аз масоили онро ман саҳеҳу дуруст намедонам. Масъалае, ки ман бо ӯ ихтилоф варзидаам, қабл аз ман ҳазорон суфӣ бо он мухолиф будаанд... Ман бар таърихи фикрии гузаштаи мусалмонону ҳиндувон бисёр андешидаам, ки бо он ғавру фикр боварам шудааст, ки ҳакимону табибони ин ду қавм то кунун иллати аслии бемории маризи худро ташхис надодаанд. Ман имон дорам, ки асли бемории онон заифу нотавонии нерӯҳои зиндагии онҳо аст. Ин заифӣ бештар натиҷаи адабиёти махсусе аст, ки бадбахтона, дар ақвоми осиёӣ пайдо шудааст... Акнун авзои мавҷуд эҷоб мекунад, ки дар ин назарияву фикр тағдиди назару ислоҳоте ба амал ояд».

Дар номае аз 10 майи 1916 ба Маҳараҷа навишт:[19]

---

* Зи Румӣ гир асрори фақирӣ, Ҳазар з-он фақру дарвешӣ, ки аз вай,
Ки он фақр аст маҳсуди амирӣ. Расидӣ бар мақоми сарбазерӣ.

** Мавлоно Ашрафалӣ Таҳонавӣ (1280-1362 ҳичрӣ) дар Таҳонаи Ҳинд мутаваллид шуд. Як олими бузурги фақеҳи фозилу муфтӣ буд. Илова бар илми Қуръону ҳадис ва тафсиру фиқҳ, вай илми тибро ҳам фаро гирифт. Теъдоди навиштаҳои вай бисёр аст. Тафсир аз Қуръони Маҷид бо номи «Тафсир-ул-Қуръон» ва як китоб дар бораи Ҳазрати пайғамбар (с) дорад. Яке аз муҳимтарин таълифоти ӯ «Биҳишти зевар» мебошад.

*** Қонун ва ё шариати мануро як ҳинду бо номи «Ману» (Manu) вазъ намуд.

**** Филу аз фалосуфаи бузурги аҳли Искандария аст, ки бист сол қабл аз милод мутаваллид шуд. Вай фалсафаи Юнонро бо ақоиди мазҳаби яҳудӣ даромехт. Ақидаи Филу роҷеъ ба Худо ин аст, ки Худо яке ва мавҷуди муҷаррад мебошад. Фалсафаи ӯ таъсири зиёде дар навафлотуният ва масеҳият намудааст. Вай тафосири рамзӣ барои Таврот қоил аст. Одамро ба ақлу ҳаворо ба ҳис таъвил намудааст.

«Агарчӣ ман нобиға нестам ва на дорои илми фавқулодаву ғайриодӣ ҳастам, ба ҳар ҳол илму ақли ман аз мардуми одӣ каме бештар аст. Вақте ман барои расидан ба ин натиҷа 20 сол вақт лозим дорам, чӣ гуна мумкин аст, ки мардуми оммӣ, ки бо таърихи илмиву фикрӣ ошноии комил надоранд, бо фикри каме ба ин ҳақиқат бирасанд?»

Вале Маҳараҷа Кишан Прасад низ таҳти таъсири Хоҷа Ҳасани Низомӣ қарор гирифта, ин истинодро мекард, ки дар маснавии «Асрори худӣ» фалсафаи олмонӣ ироа дода шудааст. Бинобар ин Иқбол дар номае ба вай аз таърихи 24 июри 1916 нигошт:[20]

«Тааҷҷуб мекунам, ки Шумо низ ин хаёлро мекунед, ки ман дар ин маснавӣ фалсафаи олмониро ироа додаам. Уламои ислом то ба имрӯз бо тасаввуфи вуҷудӣ мухолиф будаанд. Ман ҳарфи тозае назадаам ва чизи ҷадиде ироа надодаам. Дар миёни ҳиндувон Гитаи Кишан (то он ҷое ки ман медонам), садои муҳибе алайҳи он будааст. Ва он гаҳе агар шахсе бо тасаввуфи вуҷудӣ мухолиф бошад, маънии он ин нест, ки ӯ мухолиф бо тасаввуф аст. Тасаввуфи ҳақиқии исломӣ чизи дигаре аст ва тасаввуфи вуҷудӣ ҳеҷ гуна иртиботе бо дин надорад. Агарчи ин тасаввуф ба мазҳаби ҳиндуҳо тааллуқ дорад, вале барои ҳиндувон бениҳоят музир воқеъ шудааст. Дар кутуби суфиёни мо баҳси аҷибу ғарибе дар ин маврид мавҷуд аст, ки гусастан беҳтар аст ё пайвастан ва суфиён дар ин бора ихтилофи назар доранд. Тасаввуфи исломӣ мунҳасир бар гусастан аст ва тасаввуфи вуҷудӣ мубтано аст бар пайвастан ё фано. Агар ман ҳимоят аз гусастан кардаам, ҳеҷ гуноҳе муртакиб надоштаам ва ин бидъат нест. Аз миёни суфиён касоне, ки бар ман эътироз кардаанд, худи онҳо аз адабиёту навиштаҳои мутасаввуфона огоҳӣ надоранд. Дар бораи тасаввуфи вуҷудӣ Паёмбари Акрам пешгӯӣ кардаанд, ки ман баҳси муфассале дар ин бора нигоштаам. Иншооллоҳ, ба зудӣ ин мақола мунташир хоҳад шуд. Ман шахсан сӯйи пайвастан моил ҳастам. Аммо замон таври дигаре эҷоб мекунад. Ҳарчи ман навиштаам, барои нигоштани он иҷбор ва дастурро ичро кардан лозим буд ва ҳеҷ чорае надоштам. Агар дунё мехоҳад мухолифат кунад, бикунад, ман ҳеҷ тарсу воҳимае надорам. Ман ҳатталимкон вазифаи худро анҷом додаам».

Дар мавриди ҷанги қаламӣ мақолаи севвуми Иқбол таҳти унвони «Илми зоҳир ва илми ботин» дар рӯзномаи «Вакил» аз 28 июни соли 1916 мунташир шуд.[21]

Иқбол дар ин мақола равшан сохт: тасаввуферо, ки мақсудаш пайдо кардани пойдории мухлисона дар шаоир (расму одат)-и ислом бошад, айни ислом аст. Вале аз миёни суфиёни ислом гурӯҳе ҳам ҳастанд, ки шариати исломиро бо ҳақорат илми зоҳир меноманд ва тасаввуфро дастурамали ботинӣ медонанд, ки пайравии он боиси мушоҳидаи ҳақоиқи фавқулидрок барои солик талаққӣ мешавад. Ба назари Иқбол, тарҷеҳ додани маърифот ба илм аз лиҳози динӣ решаи ҳар навъ руҳбоният аст. Илм бо Худо мансуб мешавад, на маърифат. Вале ба назари ин гурӯҳи суфиён, маърифат ё илми ботин як дастурамали мураттабу муназзам мебошад, ки ҷудо аз шариати исломӣ аст. Ба ақидаи Иқбол, дар аҳодиси саҳеҳ ҳеҷ гуна ривояте дида намешавад, ки собит намояд Расулуллоҳ (с) аз улуми рисолати хеш илми хосеро ба баъзе асҳоби худ ёд дода бошанд ва аз баъзе дигар пӯшида нигоҳ дошта бошанд. Лизо шариати исломӣ аз ҳар лиҳоз бартарӣ дорад ва тамоми иддаоҳои суфиён дар бораи ҷудо будани маърифат ё илми ботин ба унвони як дастурамали ҷудогона ботил аст.

Дар аҳаммияти ҳамин мақола дар номаи худ ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон ба таърихи 8 июли 1916 менависад:[22]

«Ба назар мерасад, ки мақолаи инҷониб дар мавриди «Илми зоҳир ва илми ботин», ки дар рӯзномаи «Вакил» чоп шуд, аз назарашон нагузаштааст. Онро бихонед. Машғули навиштани як мақолаи дигар ҳастам, ки чизи аҷибе аст. Шояд то имрӯз мақолае монанди ин навишта нашудааст. Уламое, ки тасаввуфи вуҷудиро мухолифат кардаанд, таваҷҷӯҳи онҳо ҳеҷ гоҳ ба ин тараф мабзул нашудааст.

Албатта, кутуб ёфт намешавад, ки мушкили бузурге аст. Китоби «Шарҳи Шатҳиёт»*-и Рӯзбаҳони Бақлӣ** китоби аҷибу ғарибе аст. Дар ин китоб шарҳи он суханон мавҷуд аст, ки суфиёни вуҷудӣ гуфтаанд ва гуфтаи онон хилофи шаръ аст».

Дар номае аз 10 июли 1916 ба номи Мавлавӣ Сироҷиддини Пол менависад:[23]

«Дар ҳадиси шариф мавҷуд аст, ки вақте Худои Таоло мехоҳад ба касе хубӣ кунад, ба ӯ дарки динӣ ато мекунад. Мутаассифона, мусалмонон мурда ҳастанд. Инҳитоту заволи миллӣ онҳоро сусту беҳол кардааст ва тамоми қувваи онҳоро салб намудааст. Вале ман фақат ба анҷому вазифаи худ кор дорам. Аз маломат тарсидан дар дини мо ҳаром аст... Дар мазҳабу дин як миллату дастуруламалу шиори он, маънии ботинӣ ва маҷозӣ пайдо кардан ва аз он мафҳуми ботиниро ахз кардан, яъне оини он миллатро масх кардан аст. Ин як равиши бисёр латифу нозук аз тансих аст. Ва фақат миллатҳое ин тариқаро ихтиёр ё эҷод мекунанд ва ё метавонанд эҷод намоянд, ки фитрату табиати онҳо гӯсфандӣ бошад. Аз миёни шуарои аҷам бештари шоирон ба иллати тамоюли табиии худ ба сӯйи фалсафаи вуҷудӣ моил буданд. Қабл аз ислом низ дар миллати Эрон ин майли табиӣ мавҷуд будааст. Агарчи ислом то муддате ин фалсафаро нагзошт рушд кунад, вале пас аз муддате завқи табиӣ ва аҷдодии миллати Эрон ба хубӣ зоҳир шуд ё ба иборати дигар, миёни мусалмонон адабиёти ҷадид гузорда шуд, ки асоси он бар ваҳдати вуҷуд буд. Ин шуаро бо тариқи бисёр зебо ва зоҳири дилфиребу дилкаш шаоири исломро мавриди тардиду тансих қарор доданд ва ҳар ҷанбаи шоиставу зебои исломро мазмуму бад ҷилвагар сохтанд. Агар ислом ифлосу фақрро зишту бад медонад, Ҳаким Саноӣ ифлосу фақр ва дарвеширо дараҷаи аълои саодат мешуморад. Ислом ҷиҳоди фисабилуллоҳро барои ҳаёт лозим медонад. Вале шуарои аҷам дар ин шаоири ислом маънои дигареро ҷустуҷӯ мекунанд».

Сипас, дар номае аз 19 июли 1916 менависад:[24]

«Бузургтарин бадбахтии мусалмонони Ҳинд ин аст ки аз ин кишвари дониш забони арабӣ рахт барбастааст. Дар тафсири Қуръони Карим аз лаҳҷа ва забони арабӣ аслан баҳрае намегиранд. Ба ҳамин иллат аст, ки дар ин кишвар маънии қаноату таваккалро тавре тафсир мекунанд, ки дар забони арабӣ ҳаргиз намебошад... Ин мардум бо ниҳояти саффокӣ ва бераҳмии тахайюлот афкори ҳиндӣ ва юнониро дар Қуръони Маҷид ва ислом дохил кардаанд. Эй кош, дуои Мавлоно Низомӣ дар ин замон мустаҷоб шавад ва Расулуллоҳ (с) дубора ташриф биёваранд ва барои мусалмонони ҳиндӣ дини худро беҳиҷоб кунанд. Таърихи замони Ҳофизро ба диққат мутолеа кунед. Муҳити фикрии мусалмонони он замон чӣ буд? Чӣ масоили фалсафӣ дар баробари мусалмонони он замон буд? Вазъи сиёсии мусалмонон чӣ гуна будааст? Сипас, бо дар назар гирифтани ин авзоъ каломи Ҳофизро бихонед. Ин амр боиси тааҷҷуб аст, ки ҳар гуна шеъри суфиёна дар инҳитоту заволи сиёсии мусалмонон пайдо шуд. Ва бояд ҳамин тавр мешуд. Вақте дар як миллат нерӯ ва қудрат бимираду тамом шавад, чунонки пас аз ҳамлаи муғулу тотор дар миёни мусалмонон мурда буд, нуқтаи назари он миллат иваз мегардад. Ба назари афроди он миллат, нерӯ ва қудрат чизи қашанге ҷилвагар мешаваду тарки дунё мӯҷиби таскини онҳо мегардад. Бо ақидаи тарки дунё миллатҳо сустиву танбалӣ ва шикасти хешро, ки дар танозӯи бақо бошад, пӯшида нигоҳ медоранд. Мусалмонони Ҳиндустонро бубинед, ки мунтаҳои камоли адабиёти онҳо марсиягӯи Лакҳнав аст».

Иқбол дар номае аз 11 сентябри 1916 ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон навишт:[25]

---

* Шатҳ суханеро гӯянд, ки зоҳири он ба шаръ рост набувад. Аммо ҳоле, ки он сухан натиҷаи он ҳол аст, ба ҳақ бошад.

**Абумуҳаммад Наср Бақлии Фасоӣ (522-606 ҳиҷрӣ) аз урафои бузурги форс ба шумор меравад. Таснифоти бисёр доштааст, ки «Ароис-ул-баён фи ҳақоиқ-ул-Қуръон», «Китоб-ул-иршод» ва рисолаи бисёр шевое ба забони форсӣ бо номи «Абҳар-ул- ошиқин» аз ҷумлаи онҳост.

«Ба ақидаи ман, аз лиҳози мантиқ як одам дар як замон ба ду ҷанба наметавонад мӯътақид бошад. Ба ҳамин иллат фалсафаи Лутс (Lotze, донишманди олмонӣ) натавонист дар Аврупо густариш ёбад. Агарчи таълими ӯ тавре буд, ки барои мӯътақидон ва дорандагони ақидаи ваҳдати вуҷуд ва ваҳдати шуҳуд, ҳарду муносиб буд. Вале имону дини ман ин аст, ки ҳама мабоҳис аз ғалат фаҳмидану дарк кардани мафҳуми мазҳабу дин пайдо мешавад. Мақсуди мазҳаб амал аст, на фақат хостаҳои ақлӣ ва фикрии инсонҳоро бароварда сохтан... Агар ҳадаф ва мақсуди дин баровардани хостаҳои ақлӣ бошад (чунонки файласуфони ҳинду хаёл мекарданд), боз ҳам бо дар назар гирифтани вижагиҳои замон, онро бояд нодида гирифт. Дар ин замон ҳамон миллат маҳфуз хоҳанд монд, ки бар ривоёти амалии худ побарҷо бошанд.

Тарҷумаи шеър:

Дар ин замон ҳар кас маҳв хоҳад шуд, албатта он шахс боқӣ хоҳад монд, ки дар роҳи худ побарҷосту бар ақидаи хеш устувор мебошад».

Баъд аз ин Иқбол, ба қавли худаш, се мақола дар бораи тасаввуфи вуҷудӣ навишт. Аз ин се мақола, мақолаи дуввум дар рӯзномаи «Вакил» ба таърихи 13 декабри 1916 чоп шуд.[26] Дар он бар яке аз пешгӯиҳои Ҳазрати Расул (с) баҳс кардааст, ки фармудаанд: пас аз се қарн дар миёни уммати ман «саман» хоҳад ҳузур кард. Ҳамчунин Иқбол мақолае ба забони англисӣ таҳти унвони «Ислом ва тасаввуф» навишт, ки дар маҷаллаи «Ню эра» (New Era) июли 1917 мунташир гардид.[27] Дар ин мақола Иқбол навҷавонони миллатро хитоб қарор дода, навишт:

«Дар таълимоти он Ҳазрат (с) ҳеҷ чизе мавҷуд нест, ки пӯшида бошад. Гуфтаи он шахсро гӯш накунед, ки мегӯяд: Дар ислом усули пӯшида низ ҳаст, ки онро бар ноогоҳон ва ноошноён намешавад кашф кард. Дору надори ғуломии шумо ва иқтидор чунин муддаои козиб бар ҳамин гуфтаҳо аст.

Эй навҷавони мусалмон! Аз ин гуна шӯъбадабозиҳо (чашмбандиҳо) бохабар бошед. Зеро каманди он аз муддате қабл дар гардани шумо андохта шудааст. Асоси эҳёи дунёи ислом ин аст, ки бо шиддату сахтӣ ва равиши оштинопазир, бидуни созиш, усули тавҳидро ихтиёр кунед, ки таълими исломии он ҳазору сесад сол пеш ба арабҳо дода шудааст. Пас, аз ибҳому торикиҳо берун биёёд ва дар муҳити равшану дурахшони ислом дароед».

Аз хондани номаҳои Акбаруллоҳи Ободӣ Иқбол эҳсос кард, ки ӯ бидуни мутолеаи маснавӣ баъзе эътирозотро карда буд. Бинобар ин, дар номаи худ аз 11 июни соли 1918 навишт:[28]

«Ман ҳаргиз Хоҷа Ҳофизи Шерозиро муттаҳам насохтаам, ки дар девонаш сӯҳбат аз шаробхорагӣ зиёд шудааст. Эътирозу интиқоди ман бар Ҳофиз аз навъи дигаре аст. Он чи дар маснавии «Асрори худӣ» навишта шудааст, интиқоде аст адабӣ... Қаблан низ ба арз расондаам, ки чи гуна тасаввуф ба назари ман қобили интиқоду эътироз аст. Он чи ман навиштаам, чизи ҷадиде нест... Бубахшед, ман аз номаи Шумо фаҳмидам (мумкин аст иштибоҳ кунам), ки Шумо ҳамон абёти маснавиро дида ва мутолеа кардаед, ки дар бораи Ҳофиз навишта шудааст. Шояд бақияи абёт аз назари Шумо нагузашта бошад ва Шумо таваҷҷӯҳ нафармудаед. Эй кош, барои мутолеаи он низ фурсат пайдо мекардед, то аз бадгумон шудан нисбат ба як мусалмон парҳез менамудед... Имрӯз душмани ислом улуми ҷадид нест (чунонки баъзе аз дӯстон аз ноогоҳии худ фаҳмиданд, мавқеияти ислом дар муқобили улум хеле маҳкам аст), вале душманони аслии он натсионализми маҳаллии Аврупо аст, ки турконро* бар алайҳи хилофат таҳрик карда буд. Ва садои Миср барои мисриёнро баланд карду ба Ҳиндустон хоби беҳудаи демократии Ҳинди муттаҳида (Pan Indian

---

* Ба мулки хеш Усмонӣ амир аст, Напиндоред раст аз банди Афранг,
Дилаш огоҳу чашми ӯ басир аст. Ҳанӯз андар тилисми ӯ асир аст.

Democracy)-ро нишон дод... Яке аз муҳимтарин ҷанбаи дини ислом миллият аст, ки маркази он Каъба (Байтулҳарам) мебошад».

Сипас, Иқбол дар номае аз 20 июли 1918 ба Акбаруллоҳи Ободӣ навишт:[29]

«Шумо маро муттаҳам ба таноқисгӯӣ мекунед. Ин дуруст нест, балки ин камсаодатии ман аст, ки Шумо то кунун маснавии «Асрори худӣ»-ро нахондаед. Ман дар яке аз номаҳои гузашта низ дархост карда будам, ки ба хотири иҷтиноби бадгумонӣ бар як мусалмон, лоақал ба хотири ман маснавиро ҳатман бихонед. Агар Шумо ин корро анҷом медодед, ҳаргиз эътироз намекардед... Дар «Асрори худӣ» ҳеҷ гуна таноқис вуҷуд надорад... Ман ҳомӣ ва пуштибони он «худӣ» ҳастам, ки аз бехудии ҳақиқӣ пайдо мешавад... Вале як бехудии дигар дорам, ки ду гуна аст: яке он ки аз мутолеаи шеъри ошиқона пайдо мешавад. Ин навъ аз анвое аст, ки дар натиҷаи истифода аз маводи мухаддар монанди афюн (тарёк) ва шароб тавлид мешавад. Навъи дуввум аз бехудӣ он аст, ки дар назди баъзе аз суфиёни мусалмон ва ҳамчунин ҷӯгиҳои ҳинду, аз зоти инсониро дар зоти Худо фано кардан пайдо мешавад. Ин фано дар зоти Худост, на дар аҳкоми Худои Таоло. Бехудии навъи аввал то андозае метавонад муфиду воқеӣ шавад. Вале навъи дуюм мухолифи тамоми мазоҳибу ахлоқ мебошад ва решаи онро қатъ менамояд. Ман мухолиф ва мӯътариз бар ҳарду навъи бехудӣ ҳастаму бас. Бехудии ҳақиқии исломӣ ба назари ман он аст, ки тамоми тамоилоту руҷҳонот (бартарӣ) ва афкорро раҳо карда, фақат аз аҳкоми Худои Таоло пайравӣ намояд. Чунонки, ислом аз натоиҷи ин пайравӣ комилан бехавф бошад ва фақат ризои Худоро тариқи хеш созад. Ҳамин амр дар назари тасаввуфи исломӣ «фано» аст... Мақсуд ин аст, ки хоҳ салтанат бошад, хоҳ аморат, ҳарчӣ бошад, ба худии худ ҳеҷ ҳадаф нест. Балки ин роҳе аст барои ҳусули бузургтарин мақосиду аҳдоф... Бештар аз ин чӣ бинависам? Фақат иноят фармоед, балки раҳм кунед ва «Асрори худӣ»-ро як бор бихонед. Ҳамчунон, ки аз санги Шиблӣ* ба Мансури захмӣ расид ва аз садамаи он ӯ оҳу фарёд кард, ҳамон тавр эътирози Шумо маро азият мекунад».

Иқбол дар чопи дуюми маснавии «Асрори худӣ» абёти мутааллиқ ба Ҳофиз ва муқаддимаро ҳазф кард. Иллати онро чунин баён мекунад. Дар номае ба номи Ҳофиз Муҳаммадисломи Ҷайроҷпурӣ аз 17 майи 1919 менависад:[30]

«Абёте, ки дар бораи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ навишта будам, ҳадафи он ашъор, фақат тавзеҳу ташреҳи як усули адабӣ буд. Бо шахсият ё масъалаи эътиқодии Хоҷа коре надоштам. Вале авомуннос ин фарқи бисёр латифро надонистанду натиҷатан дар бораи он ҳангома барпо шуд. Агар усули адабӣ ин бошад, ки зебоӣ зебоӣ аст, хоҳ натоиҷи он муфид бошад, хоҳ музир, он гоҳ Хоҷаи Шерозӣ аз беҳтарин шоирони ҷаҳон аст. Ба ҳар ҳол, ман он абётро ҳазф кардаам ва дар ҷойи онҳо саъй кардаам, ки ҳамон усули адабиро шарҳ диҳам, ки дуруст медонам... Муқаддима бисёр мухтасар буд ва ба иллати ҳамин ихтисор боиси сӯйитафоҳум шуд... Профессор Никелсон аз Донишгоҳи Кембриҷ низ дар ин маврид ҳамфикри Шумо аст, ки муқаддима набояд аз чопи дуюм ҳазф мешуд... Пирзода Музаффариддин аслан мақсади маро дарк накардааст. Агар мурод аз тасаввуфи ихлос филамал аст (ки дар қуруни аввалия ҳамин мақсуд аз он гирифта мешуд), ҳаргиз ҳеҷ мусалмоне наметавонад бар он эътироз кунад. Албатта, вақте тасаввуф мехоҳад ба унвони фалсафа дарояд, ба иллати таъсироти аҷамӣ дар бораи низоми олам ва зоти худовандӣ мӯшикофиҳо карда, назарияи кашфиро ироа медиҳад. Он гоҳ рӯҳи ман бар хилофи он эълон сарпечӣ ва ёғигарӣ мекунад».

---

* Абубакри Шиблӣ ва Мансури Ҳаллоҷ давроне бо якдигар равобити дӯстона доштанд. Аз суфиёни маъруф аст (347-434 ҳиҷрӣ), дар Бағдод мутаваллид шуд. Дар ҳамон щаҳр таҳсилоти худро ба поён расонид. Сипас, асрору румузи тасаввуфро ба мардум таълим медод. Баъзеҳо гӯянд, ки дар маҳкамаи Мансури Ҳаллоҷ Шиблӣ алайҳи ӯ гувоҳӣ додааст. Аз ӯ як маҷмӯаи ақвол бо номи «Шатҳ» мавҷуд аст. Ӯ гуфтааст: «Ман ва Ҳаллоҷ як чизем. Аммо маро ба девонагӣ нисбат карданд. Халос ёфтаму Ҳусайнро ақли ӯ ҳалок кард».

Иқбол ва Хоҷа Ҳасани Низомӣ ҳарду ба Акбаруллоҳи Ободӣ бисёр эҳтиром мегузоштанд. Ӯ дар ваҳла (лаҳза)-и аввали низои қаламӣ миёни Иқболу Хоҷа Ҳасани Низомӣ бо шеваи худ бо онон шӯхӣ кард.[31]

Тарҷумаи шеър:

Ҳазрати Иқболу Хоҷа Ҳасан.
Паҳлавонии ину раъноии онро нигоҳ кунед.
Вақте барои расидан ба шоҳӣ қудрат надоранд,
Хостанд дар роҳи Худо гиребони якдигарро бигиранд.
Бояд зӯрозмоӣ бошад, агарчи таоруф бошад,
Бояд низоъ бошад, агарчи барои тасаввуф бошад.
Ҳаст дар ҳар гӯшаи вайрона рақс
Мекунад девона бо девона рақс.

Вале вақте, ки масъала ба дарозо кашид ва роҳи ҷангро ихтиёр намуданд, Акбаруллоҳи Ободӣ Иқболро аз идомаи баҳс боз дошт. Ва аз сӯйи дигар Хоҷа Ҳасани Низомиро ҳам аз ин кор манъ кард.

Тарҷумаи шеър:

Эй Хоҷа Ҳасан, Иқболро рад накун,
Зеро ӯ ҳам нигаҳбони аркони миллат аст.
Агар ту дар таҷаллии ҳусн маҳв шудаӣ,
Ӯ низ душмани фитнаи рақибон мебошад.
Агар ту ҷунуни париҳо дорӣ,
Ӯ барои девҳо Сулаймон аст.

Бо ин миёнҷигарӣ ҳарду сокит шуданд ва Хоҷа Ҳасани Низомӣ мисли собиқ дӯсти Иқбол шуд.

Лекин дар апрели соли 1918 дубора миёни онҳо сӯйитафоҳум эҷод шуд. Рӯзномаи «Заминдор» тавқиф шуда буд ва Мавлоно Зафаралихон дар рустои худ ба номи Карамобод таҳти назар буд. Вале ӯ ҳар тавре ки шуд, барои интишори як нашрияи ҳафтагӣ бо номи «Ситораи субҳ» иҷозаи интишор гирифт. Вай барои хурӯши нашрия бар алайҳи пирону суфиёни пешавар ва ҳирфаӣ шурӯъ ба чопи мақолот кард. Хоҷа Ҳасан шак кард, ки ин ҳама ба ишораи Иқбол анҷом мешавад. Дар ин замон ба номи Ғуломбаҳик Найранг бо навиштани номаи тавзеҳӣ сӯйизанни ӯро аз байн бурд. Хоҷа Ҳасани Низомӣ иштибоҳу бадгумонии хешро пас гирифта, аз Иқбол маъзарат хост. Иқбол низ дар номаи худ ба Хоҷа Ҳасани Низомӣ ӯро мутмаин сохт, ки ӯ на Мавлоно Зафаралихонро барои навиштани мақола таҳрик кардааст ва на аз қалами вай ҳатто як хат дар бораи ин мавзӯъ навишта шудааст.[32]

Пас аз интишори «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ» китоби Мавлоно Абулкаломи Озод бо номи «Тазкира» чоп шуд. Дар муқаддимаи он китоб Мавлавӣ Фазлиддин Аҳмад иддао карда буд, ки маснавиҳои Иқбол, садои бозгашти ал-ҳилол мебошад ва афкори динии Иқбол, ки қаблан дар бораи он шунида шуд, дар афкори маснавӣ аз замин то осмон фарқ дорад. Ба ин навиштаҳо Иқбол сахт асабонӣ шуд ва дар номае аз 10 ноябри 1919 ба Сайид Сулаймони Надавӣ гилаву шикоят кард:[33]

«Шояд ӯ намедонад, афкоре, ки дар маснавиҳо изҳор кардаам, мураттиби ин афкорро аз соли 1907 эълом доштаам... Ман аз ин сухани ӯ бисёр ранҷида шудаам, ки дар назари вай Иқбол қабл аз наҳзати аҳлоли мусалмонон набуд ва наҳзати алҳилол ӯро мусалмон кардааст... Ман ба Мавлоно Каломи Озод бениҳоят эҳтиром мегузорам ва ба наҳзати вай гироиш дорам, вале барои зиёд кардани аҳаммияти як наҳзат лозим нест, ки дигаронро азият кард. ...Намедонам, ки ӯ чӣ шунида? Ва фақат шунидаро бовар кардааст. Чунин ҷумлаеро навиштан, ки маънии мӯътааддиде дошта бошад, барои як муслеҳу парчамдори ислом шоиста нест. ...Агар Шумо ӯро дидед, гилояи ин ҷонибро ба ӯ бирасонед».

Вақте «Румузи бехудӣ» мунташир шуд, Иқбол нусхае аз онро барои Сайид Сулаймони Надавӣ ирсол дошт ва аз ӯ дархост, ки ӯро аз иштибоҳоти он мутталеъ

созад. Эътирозоте, ки Сайид Сулаймони Надавӣ ба ӯ кард, ба қавли Оқои Ғуломрасули Меҳр, тақрибан ҳамааш нодуруст буд. Ҷавоби онро Иқбол бо истинод аз девонҳои устодони шеъри форсӣ навиштааст.[34]

Дар ситоиши ҳарду маснавӣ мақолае аз Абдураҳмони Бачнурӣ дар маҷаллаи «Ист энд вест» (East and West) ба забони англисӣ мунташир шуд. Ӯ навишт, ки Иқбол ба унвони Масеҳо омадааст ва дар баданҳои мурда асари зиндагӣ дамидааст. Вақте ки маснавиҳоро мардум ҳақиқатан бифаҳманд, он гоҳ дар ҷаҳони ислом мавҷе баланд хоҳад шуд, ки натоиҷи азиме дар бар хоҳад дошт. Садои ин мақола дар Аврупо ва Амрико низ шунида шуд.

Тарҷумаи маснавии «Асрори худӣ»-ро устоди ховаршиноси маъруф дар Донишгоҳи Кембриҷ профессор Никелсон анҷом дод, ки дар Лондон дар соли 1920 милодӣ мунташир гардид. Иқбол дар бораи масъалаи худӣ як ёддошти тавзеҳӣ низ ирсол кард, ки дар муқаддима аз он истифода шуд.[35] Сипас, удабои Ғарб бар маснавӣ назарҳои худро ироа доданд ва хубиҳои онро намудор карданд. Вале мунтақиди англисӣ Дикинсон (Dickinson) навишт: «Инсони комил ва назарияи иртиқои ҳаёти Иқбол мадюни афкори донишманди олмонӣ Ничча* ва донишманди фаронсавӣ Берксун** мебошад. Бинобар ин, бо таъкид бар қудрати модӣ, парчамчори кашмакашиҳои инсонӣ ва таҷовузот аст. Ба ҳамин иллат ӯ инсонро дарси сахткӯшӣ ва кӯшиш медиҳад. Сипас, менависад: «Агарчи фалсафаи Иқбол аз лиҳози навъ худ оламгир аст, вале ӯ ин фалсафаро фақат табақаи маҳдуд ва махсус аз инсонҳо, яъне мусалмонони қобили интибоқ дониста ва медонад. Ба таври куллӣ ақидаи Дикинсон ин буд, ки Иқбол ба миллатҳои ақибафтодаи Осиё ва махсусан, ба мусалмонон дарси ҷангро таълим додааст. Ва дар ҳар лафз ӯ як қудрату нерӯи сиёсӣ пӯшидааст. *** [36]

Иқбол ҷавоби Дикинсонро дар номае тӯлонӣ ба номи Никелсон дар январи 1921 навишт:[37] Дар он нома таҳрир намуд:

«Дикинсон назариёти маро дар бораи инсони комил нафаҳмидааст... Ман тақрибан 20 сол пеш аз ин дар бораи инсони комили суфиён шурӯъ ба навиштан кардаам. Дар он рӯзҳо ман на аз ақидаи Ничча хабар доштам, на китобҳои ӯро дида будам... Ба назари Дикинсон, ман нерӯи моддиро мунтаҳои орзу қарор додаам. Ӯ дар ин маврид иштибоҳ кардааст. Ман ба нерӯи рӯҳонӣ мӯътақидам ва ба нерӯи модӣ аслан эътиқоде надорам. Вақте миллате дар ҳимояти ҳаққу садоқат даъват ба пайкару набард мешавад, ба ақидаи ман он миллат вазифа дорад, ки даъватро қабул намояд. Вале ман тамоми он ҷангҳоро мардуду ботил хаёл мекунам, ки мақсудаш кишваркушоиву ҳаваси мулки кабире бошад. Дикинсон дуруст гуфтааст, ки ҷанг, чи дар ҳимояти ҳақ ва садоқат бошад, ё барои кишваркушоии истеъморгарӣ, натиҷааш ҳатман харобӣ ва табоҳӣ аст. Бинобар ин бояд барои аз байн бурдани он кӯшиш шавад. Вале мо дидаем, ки қарордодҳо ва созмонҳою ҳайатҳои оштидиҳандаву муслеҳ ва конфронсҳо наметавонанд ҷангро аз миён бардоранд. Агар дар ин кӯшиш низ бештар аз қабл муваффақ шавем, ҳадди аксар натиҷаи он ин хоҳад буд, ки

---

* Фредрик Вилгем Ничча (1844-1900 милодӣ) аз фалосуфаи олмонӣ мебошад. Вай мӯътақиди мактаби нашву иртиқо буд ва мегуфт, ки андешаҳои мо дар фазоилу воҷибот бояд пайваста танфих шавад. Аз осори Ничча метавон «Ашёи инсонӣ ва хеле ҳам инсонӣ», «Афкору ҳукм», «Мусофиру сояш», «Сапедадам», «Доноӣ ба чиҳати афзо», «Чунин гуфт Зардушт» ва ғайраро ном бурд.

** Генри Берксон (1859-1941 милодӣ) – файласуфи фаронсавӣ, таълимоти хешро дар риштаи адабиёт ва фалсафа ба поён расонд. Дар соли 1928 ҷоизаи Нобел дарёфт кард. Берксон фалсафаро танҳо роҳи дарки ҳақиқат медонист ва дар ин маврид ақлро дахолат намедиҳад, балки бештар ба тачриба ва дурандешӣ таваҷҷӯҳ дорад. Аз тасаввуру хаёл нафрат дорад ва онро махлуқи заиф медонад ва мегӯяд: «Чун нафс онро ҳис намекунад, бинобар ин қобили қабул намебошад». Муҳимтарин китобҳои ӯ иборатанд аз: «Модда ва ҳофиза», «Ханда», «Ду сарчашмаи ахлоқу дин», «Фикр ва таҳаррук», «Таҳаввули ахлоқ» ва ғайра.

*** Ба манзил кӯш монанди маҳи нав, Мақоми хеш агар хоҳӣ дар ин дайр
Дар ин нилифазо ҳар дам фузун шав. Ба Ҳақ дил банду роҳи Мустафо рав.
(Армуғони Ҳичоз).

миллатҳои заранг барои истеъмору истисмор ва ғалаба бар миллатҳои ақибафтодаву заиф васоил ва роҳҳои бехатареро пайдо хоҳанд кард. Ҳақиқат ин аст, ки мо ниёз ба шахсияте дорем, ки масоили мушкили ҷомеаи моро битавонад ҳал намояд ва низоҳои моро файсала диҳад. Бунёни ахлоқи байналмиллалиро маҳкаму устувор кунад. Сипас, Дикинсон дар бораи фалсафаи сахткӯшии ман сухан ба миён овардааст.

Ман ин кашмакашиҳоро на аз лиҳози сиёсӣ, балки аз лиҳози ахлоқӣ зарурӣ медонам... Мумкин аст, сайри такомули фитрати ҷанг ва пайкору набардро барои ҳамеша аз байн бибаранд. Вале, ба назари ман, асри ин навъ инқилоб хеле дур аст. Ман ваҳшат дорам аз он дарсе, ки ҷанги ҷаҳонии Аврупо ба башарият додааст. Башарият то муддати зиёде натавонад онро ёд дошта бошад. Бадеҳӣ аст, ки ман фақат аз нуқтаи назари ахлоқӣ ин кашамакашро зарурӣ донистаам. Мутаассифона, оқои Дикинсон ин ҷанбаи сахткӯшии маро аз назар дур доштааст. Он гоҳ Дикинсон мегӯяд: «Агарчи навъи фалсафаи ман оламгир аст, вале ман онро ба таври маҳдуд ва махсус қобили итлоқ донистаам». Гуфтаи ӯ аз як лиҳоз дуруст аст, ки идеали башардӯстӣ дар фалсафаи шоирӣ ҳамеша оламгир мебошад. Вале агар касе бихоҳад онро амалан итлоқ кунад... он гоҳ доираи онро бояд ба як ҷомеа маҳдуд созад, ки як ақидаи пайдору роҳи амали таъйиншуда дошта бошад... Ба назарам, инчунин ҷомеа фақат ислом аст... Ба ақидаи ман, фикри Дикинсон то кунун аз ин афкори қадимии мардуми Аврупо озод нашудааст, ки ислом дарси хунрезӣ ва саффокӣ медиҳад. Дар ҳақиқат, ҳукумат арзи илоҳии фақат махсуси мусалмонон нест, балки мутааллиқ ба ҳамаи инсонҳо аст, ки метавонанд вориду дохил шаванд, ба шарти он ки битавонанд аз парастиши бутҳои нажоду миллият худро раҳо созанд ва шахсияти якдигарро қабул кунанд. Он созмонҳои ҳукуматҳою қарордодҳо, ки зикри онро Кейнз (John Maynard Keynes) кардааст ва малукиятҳову ғайра, агарчӣ либоси ҷумҳурият пӯшида бошанд, наметавонанд фаллоҳу рифоҳи инсонҳоро таъмин кунанд. Рифоҳу фалоҳи инсонӣ фақат дар сурате метавонад мумкин шавад, ки дар миёни тамоми инсонҳо озодӣ ва мусовот (баробарӣ) ба таври ом бошад... Ман иддао мекунам, фалсафаи «Асрори худӣ» аз афкору мушоҳидоти суфиёну ҳукамои мусалмонон маъхуз шудааст. Тасаввури замони Берксон низ барои суфиёни мо чизи тозаю ҷадиде нест... Бадбахтона, мардуми мағрибзамин ба таърихи фалсафаи исломӣ аслан ошноӣ надоранд».

Дар бораи тарҷумаи англисии маснавии «Асрори худӣ» адиб ва мунтақиди маъруфи америкоӣ бо номи Ҳерберт Рид (Herbert Reade) низ назар дод, ки дар рӯзномаи «Ню эйҷ» (New Age) 25 августи 1921 мунташир шуд. Ӯ Иқболро бо профессори америкоӣ Витман (Walt-Whitman) муқоиса карда навишт: «Ин маснавӣ дар афкори ҷавонони мусалмонони Ҳиндустон маҳшар ба по кардааст. Яке аз мусалмонони ҳиндӣ навиштааст: «Иқбол монанди Масеҳ дар миёни мо ҳузур кардааст. Баданҳои мурдаро ба ҳаракат дароварда ва дар онҳо зиндагии тоза падидор намудааст. Нуқтаофаринии Иқбол аз фикрҳои гуногун ваҳдати имонӣ пайдо кардааст. Ва он мантиқеро, ки фақат то мадраса маҳдуд мешуд, ба сурати як паёми ҷаҳонӣ дароварда, ба дунё арза доштааст. Бинобар ин, Иқбол фикру тасаввури инсони комилро бештар аз Ничча ё Витман бо истеҳкоми бештаре дарк кардааст».[37]

Дар бораи маъқулоти маснавӣ аҳли олами Ҳиндустон ва Аврупову Амрико назари худро иброз кардаанд. Вале дар ҷаҳони ислом сукути маҳз барқарор буд.

Эрон, Афғонистон, Туркия ва кишварҳои арабӣ пас аз ихтитоми ҷанги ҷаҳонӣ аввал ба иллати ба даст овардани озодии меҳанӣ ва миллӣ саргарми ҷангҳои маҳаллӣ шуданд. Дар ҳамаи ин кишварҳо миллияту меҳанпарастӣ ба шеваи ғарбӣ бо ҷунбу ҷӯши ҳарчи тамомтар роиҷ гардид. Бад-ин сабаб, аҳли илми Эрону Афғонистон ва форсидонони кишварҳои арабӣ изҳори назар дар бораи маснавиро зарурӣ надонистанд. Дар ҳақиқат, дар ин давраи пурошӯб миллатҳои* мухталифи ҷаҳони

* Ғофилтаре зи марди мусалмон надидам, Дил дар миёни синаву бегонадил аст.

ислом на ба паёми маснавӣ аҳаммият доданд, ва на барои дарк кардани мафоҳими он омодагӣ доштанд. Пас, уммату миллате, ки дар маснавӣ барои ӯ паём дода шуда буд, аз фаҳму дарки он оҷиз монд ва Иқбол низ ин мавзӯъро эҳсос мекард. Ӯ борҳо дар ин бора изҳори назар кард: «Барои миллате, ки ин маснавӣ навишта шудааст, на ба дурустӣ ба умқи мафоҳими он нигоҳ мекунад ва на овози паёми онро мешунавад. Вале он миллиятҳое, ки дар ин маснавӣ ба онҳо ҳарфе зада нашуда ва мавриди хитоб қарор нагирифтаанд, мақсуд ва мафҳуми онро фаҳмиданд».[39]

Аз баҳс дар бораи маснавии «Асрори худӣ» пайдост, ки Иқбол аз тасаввуфи вуҷудӣ мунтафиру мунзаҷир шуда буд. Вале ӯ пуштибони тасаввуфи исломӣ буд ва то охирин лаҳза ҳам ба пояш истод. Дар ҳақиқат, ӯ дар баёни ақидаи хеш дар баробари маслаки ваҳдати вуҷуд, аз ақидаи ваҳдати шуҳуд бештар асар пазируфта буд. Вай донишманд ва шоири эҳёи ислом буд. Бинобар ин, лозим мебуд, ки ӯ ба сӯйи тақаддуси исломи ростин баргардад. Аз ин лиҳоз ӯ дар маслаки гавҳарҳое буд, ки дар миёни онон метавон аз Ибни Тамия ва Шайх Аҳмад Муҳамад Алифи Сонӣ ва дигар шахсиятҳои бузург ном бурд. Мунтақидони ғарбӣ ба иллати ноогоҳӣ аз таърихи фалсафаи исломӣ, афкори вайро таҳти унвони инъикоси тафаккури Ницча ва Берксон қарор доданд. Дар сурате ки тасаввури инсони комил ва такомули ҳаёт дар миёни суфиён ва ҳукамои мусалмон аз садҳо қарн бештар мавҷуд будааст. Барои исботи он навиштаҳои Ал-Ҷиллӣ, Ҷалолуддини Румӣ, Ибни Мискавейҳ* ва Ибни Боҷа дуруст аст. Муқоисаи фавқ-ул-инсони Ниччаро, агар ба ҷойи инсони комили Иқбол бо мутаваҳҳиди Ибни Боҷа – донишманди мусалмони Андалусии қарни дувоздаҳум муқоиса кунем, он гоҳ ин таваҳҳум пеш хоҳад омад, ки шояд Ницча афкори ӯро мутолеа кардааст. Зеро тарҷумаҳои китобҳои Ибни Боҷа, махсусан, «Тадбир-ул-мутаваҳҳид» ва китоби «Иттисол-ул-ақл би-л-нисон» ба забони ибронӣ (яҳудӣ) ва шояд ба забони лотинӣ дар Аврупо мавҷуд буд. Мутаваҳҳиди Ибни Боҷа мисли фавқ-ул-башари Ницча аз мусоҳибат бо инсон гурезон аст ва бо нодида гирифтани шариати исломӣ ва тасалсули такомули ақл имон дорад. Бар хилофи фалсафаи Ницча, агарчи Ибни Боҷа аз лиҳози фалсафа Худоро ба унвони холиқ ва молики коинот қабул дошт, вале боз ҳам мухолифини вай ба иллати афкори ӯ дар соли 1138 милодӣ вайро масмум карда ва ба қатл расонданд. Иқбол шояд аз навиштаҳои Ибни Боҷа бехабар буд. Воло дар зимни баҳс дар бораи Ницча ҳатман аз ӯ зикре ба миён меовард.

Иқбол аз инсони ҷадиди Ғарб ҳамон қадар мунтаффир буд, ки инсони мурдаи Шарқ. Ӯ монанди Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар ҷустуҷӯи як инсони воқеӣ буд, ки ҳақиқатан комил бошад. Ба ҳамин иллат оғози маснавиро бо абёти Ҷалолуддини Румӣ шурӯъ кардааст:

Дӣ Шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.
З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами дастонам орзуст.
Гуфтам, ки ёфт менашавад, ҷустаем мо
Гуфт: он ки ёфт менашавад, онам орзуст.

Инсони ҷадиди Ғарб натиҷаи пешрафти моддии миллатҳои ғарбӣ аст. Ва ин пешрафт ба таври куллӣ аз афзоиши даромади сарона ба вуҷуд омадааст. Аз афзоиши ҳар навъи тавлид ва дар натиҷаи тағйироте, ки дар бораи афкор ва ё тарзи зиндагӣ, дар чашмандози инсон падидор мешавад, ҳосил мегардад. Ин навъ тасаввури пешрафтро маъмулан ихтирооту эҷодоти ғарбӣ мешуморанд ва робитаи

* Абӯалӣ Аҳмад бинни Муҳаммад маъруф ба Ибни Мискавейҳ (мутаввафӣ 421 ҳиҷрӣ) яке аз анҷуманҳарин файласуфони мавҷуд ба шумор меравад. Дар пизишк ва илми ахлоқу таърих мақоми воло дорад. Аз Арасту пайравӣ мекард. Вай мегӯяд: «Ҳаракат, ки шомили ҳар навъ тағйир аст, хосияти лайанфаки ҳамаи аҷсом аст».

он дар ҷомеаи ғарбӣ бо он навъ такомулу пешрафт аст, ки дар Аврупо аз замони Ренесонс (Эҳё) шурӯъ ва то инқилоби санъатӣ идома доштааст.

Дар ин даврон масири такомули Ғарб рафта-рафта ҳамаи ҷаҳонро ба сурати як бозори тиҷоратӣ ва бозаргонии Ғарб даровард. Дар натиҷа як ҷомеаи савдогарӣ ва тиҷоратӣ дар Ғарб падид омад. Сипас, ҳамин ҷомеаи бозаргонӣ бо ғорату чаповули миллатҳои ақибафтода рӯз ба рӯз серҳолтару сарватмандтар шуд, ба тавре ки як ҷомеаи пешрафта гардид. Ба иллати такомули тағйироти моддии зиёде, ки дар ин ҷомеа рух дод, пояи як низоми сармоядорӣ бунён ниҳода шуд. Истеъдодҳои тавлид бештар барои ғалаба ва истеъмори сарорсари ҷаҳон, ҷунуни истеъморгарӣ бар ҷаҳони Ғарб муставлӣ гашт. Бинобар он сармоядории мулкиятҳо ҳам ба вуҷуд омад. Истеъмори миллатҳои ақибафтода шурӯъ гардид. Кишварҳои истеъморгари ғарбӣ ба сабаби ин тағйирот ва дигаргуниҳо бо якдигар ба рақобату кашмакаш ва бархӯрд машғул шуданд, ки аз як сӯ боиси ба вуҷуд омадани ҷанги ҷаҳонии аввал шуд ва аз сӯйи дигар, ба шакли барпо доштани низоми иштирокӣ ва коммунизм дар Шӯравӣ мубаддал гардид. Пас, инсони ғарбӣ дар ин даврае, ки Иқбол мезист, як инсони ҷадид буд, ки дорои тамоилоти тоза будааст. Ӯ асосан инсони ғарбӣ буд, ки пешрафти улуми санъатӣ вайро инсони техникӣ, мунҷамид, заиф, норозӣ, танҳо ва, дар ҳақиқат, ба сурати мошинӣ дароварда буд. Ӯ мӯътақид ба ҳокимияти улум ва технологӣ буд, ки худашро низ аз тавлидоти он мешумурд. Ӯ мӯътақид ба ақли фардӣ ва истеъдоди амал буд. Бедин буд. Эътиқод дошт, ки метавонад масоили моддии худро ҳал намояд. Вай мутакаббиру худхоҳ ва бадахлоқ буд ва барои ба даст овардани таҳсилоти инҷаҳонӣ аз тариқи васоили модӣ кӯшиш мекард. Ва ҳар лаҳза ба тағйири авзоъ қоил буд. Ба миқдороти хеш ҳеҷ гуна контролу ғалаба надошт. Ба қавли Иқбол ӯ инсоне пастфитрат буд, ки шайтон аз ӯ низ ба танг омада буд. Зеро ӯ аз аҳаммияти инкор аслан хабар надошт ва бечуну чаро дасТавроти шайтонро ичро мекард. Имони чунин ҷавомее, ки муштамал бар ин гуна афрод буд, фақат изофа намудани қудрати сиёсӣ ва иқтисодии хеш буд. Бад-ин сабаб, ин ҷавомеъ бо якдигар мураттабан ситез мекарданд.

Дар дили Иқбол, бо мутолеа ва мушоҳидаи уюбу нопухтагиҳои инсони нав барои ба даст овардани як инсони комил орзуе падидор гашт. Ин ҷустуҷӯ, бинобар ниёзҳои замон, як зарурати амалӣ буд. Бад-ин сабаб, инсони комили Иқбол фақат дар фазои тахайюли суфиёна ва ё файласуфона муаллақ набуд. Балки нигоҳи ояндангар ва дурбини ӯ дар тадовуми таъриху фарҳанги исломӣ ба сурати ҳақиқӣ, марди мӯъмин ё инсони комил, ё марди фардо падидор гашт. Дар муқаддимаи тарҷумаи англисии «Асрори худӣ» Никелсон дуруст гуфтааст:

«Эҳсосоти Иқбол шӯру ҳоле аст, ки як мусалмони пурэҳсос дорад. Робитаи холисонаи ӯ бо ислом дар ҷаҳон ҳукуматеро толиб аст, ки дар он барои мусалмонон мамонеатҳои қавмӣ ва ватаниро ҳоил набошад. Мақсуду ҳадафи ӯ ташкили чунин як ҷомеаи исломии озод аст, ки маркази он Каъба бошад ва имони росих бар Худо ва Расули Худо (с) дошта бошад.

Иқбол дар маснавиҳои хеш «Асрори худӣ» ва «Румузи бехудӣ» ҳамин дарсро додааст».

ФАСЛИ СЕНЗДАҲУМ

Хонанишинӣ

Пас аз оғози ҷанги ҷаҳонӣ дар Аврупо, давлати Инглистон дар нимҷазира равиши хасмонаеро пеш гирифт. Дар тӯли солҳои 1914-1915 байни кишоварзони Панҷоб нооромиҳо ба миён омаданд ва муборизаи инқилобиёни Бангола рӯз то рӯз афзоиш меёфт. Илова бар ин, сикҳҳои рондашуда аз Амрикову Канада ба Ҳиндустон баргаштанд ва даст ба тазоҳурот заданд. Давлати Инглистон аз густариши нооромиҳову тазоҳурот ва ҳаракатҳои инқилобӣ сахт дар ташвиш буд.

Комиссияи Ровлет* бо назардошти ин масъала ва бо ҳадафи мавриди баррасӣ қарор додани зиндониёни сиёсӣ соли 1917 ташкил ёфт.

Муддате қабл аз поён ёфтани ҷанги ҷаҳонӣ, ҳангоме ки пирӯзии муттафиқин мусаллам шуда буд, нахуствазири Инглистон Лойд Ҷорҷ 5 январи 1918 эълон кард, ки давлати ӯ манотиқи туркнишин, аз ҷумла, Осиёи Хурд, заминҳои ҳосилхези Константинияро аз туркҳо нахоҳад гирифт. Вай изофа кард, ки мардуми Арманистон, Сурия (Шом), Лубнон, Ироқ, Урдун, Фаластин ва манотиқи арабнишин ҳар кадом иҷоза доранд, ки дар кишварҳои худ давлатҳои мардумӣ ташкил диҳанд. 8 январи 1918 Вилсон – раиси ҷумҳури Амрико низ эъломияе бар ҳамин асос содир намуд. Баъд аз ба вуҷуд омадани Лигаи Миллатҳо (League of Nations) эълон гардид, ки он ҳофизу зомини истиқлолу худмухтории миллатҳои хурд хоҳад буд. Пас аз анҷоми ҷанг кишварҳои муттаҳида, ки байни худ қарордоди махфиёна баста буданд, манотиқи Туркияи Усмониро байни худ тақсим карданд. Қисме аз он ба Юнон дода шуд, Константинияро Инглистон ба ишғоли худ даровард, Лубнон бо Сурия ба Фаронса супурда шуд, Ироқ, Ӯрдун ва Фаластинро англисҳо ба даст даровардand. Бо мушоҳидаи ин аъмол мусалмонони нимҷазира аз Инглистон маъюсу ноумед шуданд.[1]

Тибқи пешниҳоди Комиссияи Ровлет ба полисҳо ва қувваҳои мусаллаҳ ҳуқуқу ихтиёроти зиёде дода шуд. Онҳо ҳақ доштанд, ки бе иҷозати пешакӣ ба хонаи шахсони шубҳанок даромада, кофтукоб кунанд, барои маҳбусони сиёсӣ сахттарин ҷазо таъйин шуд. Ин лоиҳа, ки бо номи Ровлет Экт ёд мешуд, бо вуҷуди мухолифати шадид 18 марти 1919 ба тасвиб расид. Гандӣ мардумро ба музоҳирот ба муқобили ин лоиҳа даъват кард. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба нишони эътироз аз мақоми узвияти Маҷлиси салтанатии ноибуссалтана (Imperial Council of Vice Roy) истеъфо дод. Бо тасвиби лоиҳаи Ровлет дар саросари Ҳиндустон тазоҳуроту эътирозот боло гирифт. Ҳукумати Инглистон дар ҷавоби ин тазоҳурот рӯ ба хушунат оварда ва ба қатлу ғорат даст зад.

Ин давраи хонанишинии Иқбол буд. Мавлоно Шавкат Алӣ ба Иқбол даъватномае фиристод ва аз ӯ хоҳиш намуд, ки барои ширкат дар маҷлиси солонаи

---

* Rowllatt Act – пас аз поёни ҷанги ҷаҳонӣ аввал қарор буд, ки давлати Инглистон барои ҳифзи ҳуқуқи ҳиндувону мусалмонони нимҷазира қавонине тартиб диҳад, вале дар амал барои ҳарду қавм қонунҳои алоҳида тартиб дод, ки ба нафъи худаш буд. Тибқи ин қавонин давлати Инглистон метавонист ҳар шахсеро, ки бихоҳад, дастгир кунад ё таҳти назорат қарор диҳад, ҳар нашрияеро, ки бихоҳад, тавқиф диҳад. Ин қавонин, азбаски хилофи хостаҳои ҳиндувон ва мусалмонон буд, ҳамаи онҳо қиём карданд ва дар натиҷа дар моҳи марти 1919 давлати Инглистон дар нимҷазира ҳукумати низомӣ барпо кард. Ин қавонинро Сэр Сидней Ровлет (Sir Sidney Rowllatt) таҳия намуда буд.

Анҷумани донишҷӯёни қадими Коллеҷи Алигарҳ ба ин шаҳр биравад. Иқбол дар ҷавоби ӯ чунин навишт:[2]

«Бародари азиз Шавкат. Иқбол гӯшанишин шудааст ва дар ин дунёи пурҳаёҳу чор девори хонаашро ҳамчуни киштии Нӯҳ мепиндорад. Робитаашро бо дунёву мардуми он маҳдуд сохтааст ва ин робитаи маҳдудро низ ба хотири ин ҳифз кардааст, ки қодир бошад, хароҷоташро таъмин намояд. Шумо маро ба Алигарҳ даъват мекунед, Дар сурате ки муддатест, ки ман дар хонаи Худо зиндагӣ мекунам ва хонаи Худо мақомест, ки барои сайру гардиши он замони беинтиҳо лозим аст ва дар тӯли зиндагиҳои зиёде ҳам ба поён намерасад».

Дар соли 1919 авзоъ боз ҳам шадидтар шуд, ба тавре ки ҳар рӯз дар Лоҳур тазоҳуроте барпо мегашт. Ин тазоҳурот тавассути сарбозони ҳокими онвақтаи Панҷоб – Майкл Эдвайер бераҳмона саркӯб мешуд. Холид Назир Суфӣ аз қавли модараш – духтари бародари Иқбол, ки худ шоҳиди яке аз ин тазоҳурот будааст, мегӯяд:[3]

«Дар он рӯзҳо мо дар Аноркулӣ зиндагӣ мекардем. Рӯзе аз бозор иддаи зиёде аз мардум ба унвони тазоҳурот ба роҳ афтоданд. Теъдоди бешуморе аз навҷавонон наворҳои мушкӣ (лентаҳои сиёҳ) ба бозу баста буданд ва бо фарёдҳои гӯшхароши «Вой аз ин лоиҳаи Ровлет» ба пеш мерафтанд. Ҳамаи мо аз тиреза ин ҳодисаро тамошо мекардем. Дере нагузашта буд, ки бори дигар сару садои зиёде дар бозор печид. Ҳамаи мо бори дигар ба назди тиреза рафтем ва шоҳиди манзараи ваҳшатноке шудем, ки рӯҳамонро бисёр озурда сохт. Чанд мошини низомӣ дидем. Дар ҳоле ки пур аз ҷасадҳои хунин буд, ба оромӣ аз бозор мегузашт. Ҷавонҳои раъное, ки чанд лаҳза пеш шиорҳои кӯбанда медоданд, ғарқ дар хун шуданд. Ҳар сӯ мардум сахт мегиристанд. Бо дидани ин манзараи ҷонкоҳ амуҷон (амак) чеҳрааш пур аз ғаму ғусса шуд, ӯ хеле нороҳат буд. Зани аму (модари Ҷовид) бо садои баланд мегирист. Ӯ дар ҳоли гиря ба амуҷон гуфт: «Ин золимон чанд модарро ба марги фарзандон азодор карданд». Амуҷон бо оромӣ сар баланд карду бо овози ғамолуд гуфт: «Мавлои ман ҳамин манзурро дорад. Ҳатто маҷоли ин намебошад, ки сарамонро баргардонем. Мутмаин ҳастам, ки эшон хуни гарму ҷавони ин шуҳадоро, ки барои расидан ба арӯси озодӣ онро ҳадя кардаанд, қабул хоҳанд кард». Инро гуфту бори дигар сар ба зер афканд. Дар ин вақт ашк дар чашмонаш ҳалқа зада буд».

13 апрели соли 1919 дар Амритсар ҷаласаи эътирозӣ баргузор гардид, ки дар он иддаи зиёде аз ҳиндувону мусалмонон ва сикҳҳо ширкат карданд. Генерал ба муҳосираи аҳли маҷлис дастур дод ва онҳоро дастгир намуд. Ҳазорон нафар ба хоку хун яксон гаштанд. Иқбол, ки таҳти таъсири ин қарор гирифта буд, шеъре суруд, ки ба шарҳи зер аст:[4]

Тарҷумаи шеър:

Хоки пок бо ҳар зоири чаман гӯяд:
Дар ҷаҳон аз чархи гардун ғофил мабош.
Тухми ин чаман аз хуни шуҳадо обёрӣ шудааст,
Пас ашкҳоятро аз ин ниҳол дареғ мадор.

Ҳамоно пас аз ин ҳодиса бо дастури Майкл Эдвайер дар Панҷоб ҳукумати низомӣ эълон шуд. Қатлу ғорат, саркӯбии мардуми озодихоҳ ва зулму истибдод авҷ гирифт.

23 сентябри соли 1919 ҷаласае дар Деҳлӣ ташкил гардид, ки дар он Гандӣ ва чанде дигар аз роҳбарони ҳинду низ ширкат доштанд. Ширкаткунандагон ба чунин натиҷа расиданд, ки мусалмонони Ҳинд бояд алайҳи тақсими Туркия ва тахфиф (маҳдудият) дар ихтиёроти султони Халифаи Усмонӣ тазоҳурот намоянд. Дар маҳкамаҳо ба дастгирии ғайримусалмонон эътироз кунанд ва аз ҳамкорӣ бо Инглистон даст кашанд.[5] Дар охири ҳамин сол Мавлоно Муҳаммад Алӣ, пас аз 4 соли зери назорат буданаш, 22 декабри 1919 барои ширкат дар Конфронси мусалмонони саросари Ҳиндустон ба Лакҳнав рафт ва дар ҳамин ҷаласаи

эътирозомез ҷунбиши «Хилофат»-ро таъсис намуданд. Сипас ӯ ба сифати раҳбари ин ҷунбиш ба Лоҳур омад ва барои мулоқот бо Иқбол ба манзили ӯ дар Аноркулӣ рафт. Иқбол дар утоқ нишаста, худро ба шол печонда буд ва чилим мекашид. Иқбол бо Мавлоно Муҳаммад Алӣ ба таври хосе бетакаллуф буд. Мавлоно Муҳаммад Алӣ бо дидани Иқбол дар ин ҳол шӯхиомез гуфт: «Эй золим, мо бо хондани шеърҳои ту ба зиндон афтода, сахтии қайду бандро таҳаммул мекунем, ту бошӣ бо хаёли роҳат дар хона менишинӣ ва, гӯё ки чизе рӯй надода бошад, худро ба шол печонда, чилим мекашӣ?» Иқбол филҳол ҷавоб дод: «Мавлоно, ман сухангӯи миллат ҳастам. Агар сухангӯ худ дар хушҳоливу ваҷд ширкат кунад, дигар ин сухангӯӣ ба поён хоҳад расид».[6] Ба ҳар ҳол, Иқбол дар чанде аз ҷаласоти ин ҷунбиш ширкат кард ва узви Кумитаи хилофати музофоти Панҷоб низ буд.[7]

Декабри 1919 Конфронсу Конгресси «Хилофат» дар Амритсар ташкил шуд. Дар он Мавлоно Муҳаммад Алӣ, Мавлоно Шавкат Алӣ, Гандӣ, Мотӣ Лал Неҳру ва дигар бузургон ширкат доштанд. Иқбол ва Мирзо Ҷалолуддин барои ширкат бо мошини Навоб Сэр Зулфиқор Алихон ба Амритсар рафтанд. Ҳангоме ки Иқбол ба толор ворид шуд, бо бародарон Алӣ (Мавлоно Муҳаммад Алӣ ва Мавлоно Шавкат Алӣ) бӯсобӯсӣ кард. Ҳозирон дар ҷаласа дар ҷӯшу хурӯши аҷибе буданд. Аксари онҳо мегиристанд. Дар ин ҳангом Иқбол рӯ ба ду бародар карду шеъреро хонд, ки дар «Бонги даро» бо номи «Асирӣ» мавҷуд аст.[8] Дар ҷаласаи эътирозӣ ба муқобили рафтори ношоистаи қудратҳои муттаҳида нисбати Туркия (декабри 1919), Иқбол шеъри зеринро аз Акбаруллоҳ Ободӣ хонд:[9]

Тарҷумаи шеър:

Касе, ки механдад, хандааш тамом хоҳад шуд,
Ва касе, ки гиря мекунад, гиряаш тамом хоҳад шуд.
Бо оромиши дил Худоро* бихон,
Ҳарчи, ки дар ҳоли анҷом шудан аст, анҷом хоҳад шуд.

Агарчи Иқбол узви Кумитаи Хилофати музофот буд, вале бо роҳбарони Конфронс бар сари ду масъала ихтилофи шадиде дошт. Яке он ки Иқбол ба рафтани ҳайате аз тарафи ҷунбиш ба Инглистон мувофиқ набуд. Ҳукумати Инглистон барои расидан ба мақсади худ мехост ҳайати «Хилофат»-ро ба Лондон фаро хонад. Дуввум он ки Иқбол бо масъалаи муттаҳид шудани ҳиндуҳо бо мусалмонон ва ширкати онҳо дар ҷунбиши адами ҳамкорӣ (бо Инглистон) мухолиф буд. Ба назари ӯ, бидуни қарордоди қобили қабуле миёни ҳиндувону мусалмонон, ташкили қавми муттаҳиде фақат бар асоси душманӣ бо англисҳо мумкин набуд. Аз ин рӯ, Иқбол аз узвияти Кумита истеъфо дод. Ӯ дар номаи худ аз 11 феврали соли 1920 ба Муҳаммад Ниёзиддин менависад:[10]

«Саломи гарми маро ба хидмати ҷаноби гиромӣ бирасонед. Шунидаам, ки аз дасти ман нороҳат шудааст, зеро ки аз Кумитаи Хилофат истеъфо додаам. Агар эшон ба Лоҳур биёянд, авзоъву аҳволро бар эшон шарҳ хоҳам дод. Инро барои эшон тавзеҳ мекунам, ки кумита чигуна таъсис шуд ва аҳдофи аъзои он чӣ буд. Ба назари ман, вуҷуди чунин кумитае барои мусалмонон хатарнок аст».

Дар ҳамин замон писари бародари Иқбол – Шайх Эъҷоз Аҳмад ҳамроҳи дигар навҷавонон ба фаъолиятҳои сиёсии худ дар заминаи ҷунбиши «Хилофат» оғоз кард. Дар ин маврид падараш бо Иқбол гуфтугӯ намуд. Иқбол дар ҷавоб гуфт:[11]

«Эъҷоз мебоистӣ қабл аз ҳар чиз қодир бошад рӯйи пойи худ биистад, сипас дар фаъолиятҳои сиёсии кишвар ширкат кунад.Ман ӯро аз фаъолият дар ҷунбиши «Хилофат» манъ намекунам, зеро ҳар коре, ки анҷом медиҳад, аз самими қалб аст. Лекин ӯ бояд қабл аз ҳар фаъолияте дар кораш пухта шавад, таҷриба ба даст орад... Илова бар он, баъзе аз аъзои Кумита қобили эътимод нестанд. Онҳо худро дар зоҳир

---

* Соилу маҳруми тақдир Ҳақ аст,
Ҳокиму маҳкуми тақдир Ҳақ аст.
Ҷуз Худо кас холиқи тақдир нест,
Чораи тақдир аз тадбир нест.

ҳамчун мусалмони пурҷӯшу хурӯш нишон медиҳанд, аммо дар ботин мисли шайтонанд. Аз ин сабаб, аз шуғли муншигарии Кумита истеъфо додам. Масъалаи истеъфо тавре набуд, ки бо мардум маслиҳат кунам, вале агар ин корро мекардам, мутмаинам, ки дар ҳайрат меафтоданд».

Ба ҳар ҳол, моҳи марти соли 1920 ҳайате иборат аз Мавлоно Муҳаммад Алӣ, Сайид Сулаймон Надавӣ, Сайид Ҳасан, Муҳаммад Ҳаёт ва ғайра ба Лондон рафт, то бад-ин васила битавонад нуқтаи назари мусалмононро дар мавриди аҳаммияти Хилофат бо давлатҳои Инглистону Фаронса дар миён гузорад. Хости ҳайати мазкур ин буд, ки Хилофати Усмонӣ бояд побарҷо монад ва бо назардошти ниёзҳои диниву сиёсии мусалмонони ҷаҳон, манотиқи Сурия (Шом), Фаластин, Урдун, Ироқ ва Ҳиҷоз (Арабистон) ва ғайра ба он бозпас дода шавад. Ҳайат ба Париж низ рафт, вале номуваффақ бозгашт. Иқбол аз қабл натиҷаи ин амалро пешгӯӣ карда буд. Бинобар ин, ба Сайид Сулаймон Надавӣ навишт: «Посухи вузарои Инглистон ҳамон хоҳад буд, ки ҳамеша дар чунин ҳолатҳо мешавад дод».

Моҳи марти соли 1920 султони Усмонӣ бо муоҳидаи Севрес (Sevres), ки тибқи он тақсими Туркия бояд амалӣ мегашт, розӣ шуд. Мусалмонони Ҳинд алайҳи ин қарордод ба по хостанд. Конфронси «Хилофат» тазоҳуроте барпо намуд. Дар ҳамин замон Мавлоно Абулкалом аз зиндон озод шуд, ба Калкутта рафт ва дар мавриди адами ҳамкорӣ бо Инглистон суханронӣ намуд. Раҳбарони «Ҳинду Кунгура» (Конгресси Ҳиндустон) бо сарварии Гандӣ пешниҳоди Конфронси «Хилофат»-ро дар мавриди дастгирии онҳо дар масъалаи адами ҳамкорӣ бо Инглистон қабул карданд. Дар миёнаҳои соли 1920 ҳарду ҷамъият эълон намуданд, ки фаъолияти хешро дар заминаи адами ҳамкорӣ ва «Тарки муволот » оғоз кардаанд. Онҳо мардумро ба баргардондани лақабҳои аз тарафи давлат додашуда, даст кашидан аз корҳои давлатӣ ва низомӣ, истеъфо аз узвияти шӯроҳо, лағв (бекор кардан)-и қарордоди додгоҳҳо, кӯмаки молӣ нагирифтан аз давлат барои идороти омӯзишӣ, масраф накардани колоҳо (молҳо)-и англисӣ ва ғайра даъват мекарданд. Дархости наҳзат ин буд, ки бори дигар қарордоди Туркия мавриди баррасӣ қарор гирад, ба Ҳиндустон озодӣ ва худмухторӣ дода шавад. Наҳзати «Тарки муволот » дар миёни мардум бо шӯру ҳаяҷони фаровоне қабул шуд. Раҳбарони мусалмону ҳинду ба тамоми кишвар сафар мекарданд ва Гандӣ роҳбари ягонаи саросари кишвар ба расмият шинохта шуд.

Иттиҳоди зоҳирии ҳиндувону мусалмонон низ қобили таваҷҷӯҳ аст. Гарчи раҳбарони ҳинду дар қарордоди Хилофат бо мусалмонон ёриву ҳамкорӣ карданд, вале равшан буд, ки аз ҳифозати Хилофат дилхуш набуданд, балки мардони оромишталабе, мисли Лаҷпатрай ва П. К. Пал аз ибтидо ба ҷунбиши «Хилофат» бо шакку шубҳа менигаристанд. П. К. Пал навишт: «Ҳаракати панисломизм метавонад дар оянда қавмияти ҳиндувон ва ҳукумати салтанатии Инглистонро таҳти таъсири худ қарор диҳад. Аз ин рӯ, агар қавмияти ҳинду бо ҳукумати салтанатии Инглистон ба ҳам наздиктар нашаванд, панисломизм комёб хоҳад шуд. Дар ин сурат ҳаёҳую валвалаи озодиву худмухтории Ҳиндустон тавассути мусалмонон аз шакку шубҳа холӣ нест».[12]

Дар ҷавоби он Мавлоно Муҳаммад Алӣ навишт: «Мумкин аст барои Лаҷпатрай ва душмани азалии панисломизм – Чандар Пал ва ё дигар роҳбарони мутаассиби ҳинду мушкил бошад, ки ба истилоҳоти мусалмонон пай бубаранд. Дар ҳақиқат, мусалмонон бар асоси шароити худ ҳозир ба ҳамкорӣ бо миллигароии ҳиндувон буданд. Онҳо намедонанд, чизе, ки «панисломизм» мехонанд, барои мусалмонон ҳамон исломи воқеӣ аст. Имкон дорад, ки барои Лаҷпатрай озодӣ (сварач) ҳамон худмухторӣ бошад. Лекин аз назари мусалмонон озодӣ бидуни озодии мазҳабӣ маънӣ надорад».[13]

Ба ҳар ҳол ҷамъияти уламои Ҳинд фатво доданд, ки азбаски шароити сулҳи Туркия бо кишварҳои аврупоӣ тибқи хостаҳои мусалмонони Ҳинд нест, Ҳиндустон

дор-ул-ҳарб (макони ҷанг) шудааст. Бинобар ин ба мусалмонон лозим аст, ки ба кишварҳои дигари исломӣ муҳоҷират кунанд. Тобистони соли 1920 эълон шуд, мусалмонони Ҳинд аз он ҷо ҳиҷрат карда, ба Афғонистон бираванд.[14] Дар натиҷа ҳазорон нафар кишоварзони мусалмони музофотҳои Синду Панҷобу Сарҳад хонаву заминҳои худро бо арзонтарин нарх ба ҳиндуҳо фурӯхта, ба воситаи дараи Хайбар* озими Афғонистон шуданд. Иқбол дар баъзе аз номаҳои худ ба ин муҳоҷират ишора кардааст. Аз ҷумла, дар номае аз 2 августи 1920 ба профессор Муҳаммад Акбар Мунир менависад:[15]

«Аз Ҳиндустон, бахусус, Панҷоб, мусалмонони бешуморе ба Афғонистон ҳиҷрат карданд. То ба имрӯз мумкин аст 15-20 ҳазор ва ҳатто аз он бештар ҳиҷрат карда бошанд».

Афғонистон ба далели он ки кишвари ақибмонда буд, наметавонист чунин миқдори муҳоҷиронро қабул кунад. Аз ин рӯ ҳокимони афғон дастур доданд, ки роҳҳо баста шуда, муҳоҷирати мусалмонон ба ин кишвар пешгирӣ карда шавад. Дар натиҷа муҳоҷирон ба вазъи табоҳе гирифтор шуданд. Бино ба гуфтаи Раш Брук Вилямз (Rusch Brooke Williams), ду тарафи заминҳои шоҳроҳи Кобул – Пешовар пур аз қабрҳои кӯдакону занон ва пиразанҳову пирамардоне буд, ки ранҷу азоби роҳро таҳаммул карда натавонистанд. Ҳангоме ки муҳоҷирон ба рустоҳо (деҳаҳо)-и худ баргаштанд, на хонае доштанд, на кошонае. Ҷое надоштанд, ки зиндагӣ кунанд.[16]

Яке аз талабҳои наҳзати «Тарки муволот » (Тарки дӯстӣ) ин буд, ки мусалмонон бо идораҳое, ки барои омӯзишу таълим аз ҳукумати Инглистон кӯмаки молӣ мегирифтанд, қатъи робита намоянд. Пас аз ба авҷи худ расидани наҳзат, Мавлоно Муҳаммад Алӣ ва дигарон теъдоди зиёде аз донишҷӯёни Донишгоҳи Алигарҳро тақсим карда, Донишгоҳи озоди миллӣ ё Ҷомеаи миллии исломиро таъсис намуданд.

22 ноябри соли 1920 Мавлоно Муҳаммад Алӣ пешниҳод кард, ки Иқбол раиси ин донишгоҳ шавад. Ин пешниҳод ба тасвиб расид. Ҳамзамон роҳбарони ҷунбиши «Хилофат» ин хабарро дар рӯзномаҳо эълон карданд, ки Иқбол ҳимояти худро аз Донишгоҳи озоди миллӣ дар муқобили Коллеҷи Алигарҳ иброз доштааст. Бо шунидани ин хабар Иқбол сахт нороҳат шуд.

Дар ин замон бо пешниҳоди Мавлоно Муҳаммад Алӣ ва дигарон Гандӣ ба Иқбол номае навишт, ки ба тариқи зер буд:[17]

«Донишгоҳи миллии мусалмонон Шуморо мехоҳад. Агар Шумо масъулияти сарпарастии онро ба ӯҳда бигиред, яқин дорам, ки бо роҳнамоии саҳеҳи Шумо тараққӣ хоҳад кард. Ҳаким Аҷмалхон, доктор Ансорӣ, бародарон Алӣ ва ҳама, ҳаминро мехоҳанд. Ман низ дилам мехоҳад, ки барои посухи мусбат ба ин хоста чорае биёбед. Тамоми махоричи Шумо пардохт хоҳад шуд. Хоҳишмандам, ҷавоби ин номаро бо Пандит Нехру (Мотӣ Лал) ба Оллоҳобод фиристед». Иқбол дар ҷавоби ин нома 29 ноябр чунин навишт:

«...Бисёр мутаассифам аз он ки бигӯям, ба далоиле, ки лозим намедонам зикр намоям, наметавонам ба нидои он ҳазратон, ки дар қалбам барои эшон эҳтироми фаровоне қоил ҳастам, «Лаббайк» (бале) гӯям. Агарчи ман башиддат аз таълими миллат ҳимоят мекунам, лекин дар худ салоҳиятҳои лозимро барои ишғоли ин вазифа намебинам. Дигар он ки наметавонам кашмакашҳои мухталифу рақобатҳои гуногунро пушти сар гузорам... Хулоса он ки аз лиҳози шахсӣ ман метавонам фақат дар авзое анҷоми вазифа намоям, ки сукуту оромӣ ҳукмфармо бошад. Масъалаи дигар низ ин аст, ки дар авзоъву аҳволе, ки мо қарор дорем, қабл аз ҳар чиз озодии маош матраҳ аст, на озодии сиёсӣ. Аз назари иқтисодӣ мусалмонони нимҷазира нисбат ба дигар гурӯҳҳову фирқаҳо ақибмондатаранд. Аслан, инҳо ба омӯзиши фаннӣ (техникӣ) бештар ниёз доранд, на ба таълими адабиёту фалсафа... Ҳазратоне, ки ин донишгоҳи миллиро таъсис додаанд, бояд дар ин идораи ҷадид ба таври хусусӣ

* Роҳи ағбаи кӯҳӣ, ки музофоти Сарҳадро бо Афғонистон мепайвандад (А.Б.).

ба ҷиҳати фаннии улуми табиӣ таъкид дошта бошанд.Ҳамроҳ бо он барои таълими мазҳабӣ низ барномарезӣ кунанд. Бо назардошти рӯйдодҳое, ки дар ҷаҳони ислом, бахусус, кишварҳои арабу минтақаҳои муқаддас рӯй медиҳанд, онҳо ҳақ доранд, ҳар навъ ҷабҳаи адами ҳамкорӣ таъсис диҳанд. Лекин аз назари омӯзиши мазҳабӣ барномаи равшан нест. Барои он ки рӯйи ин масъала бештар фикр шавад, ман пешниҳодоти хешро ироа додаам. Ман эътироф мекунам, ки дар соҳаи шаръ (қонунҳои шариат) мутахассис нестам, лекин назарам ин аст, ки то он ҷое ки ба омӯзиш марбут мешавад ва бо вуҷуди масоили мухталиф, фиқҳи исломӣ метавонад роҳнамои муносибе бошад».

Фикру ақидаи худро роҷеъ ба ин масоил ва, умуман авзои он замон, Иқбол дар номае, ки ба рӯзномаи «Заминдор» 15 ноябри соли 1920 навишт, чунин баён намуд:[18]

«...Акнун танҳо роҳе, ки ба назарам мерасад ва медонам, аз лиҳози шаръӣ беҳтарин роҳ аст, ин аст, ки уламо дар ҷое ҷамъ шаванд ба эътирозоти мардум гӯш диҳанд. Пас аз баррасӣ ва баҳси ҷомеъ барномае ҷиҳати мусалмонон ва наҳзати «Тарки муволот » танзим намоянд... Шояд дар баъзе аз нозирони рӯзномаи Шумо ин фикр хутур намояд (ба сар ояд), ки ба зудӣ гирдиҳамоии уламо дар Деҳлӣ ташкил хоҳад шуд, аз ин рӯ, ташкили чунин як конфронсе зарурӣ нест. Ҳеҷ шакке дар ин нест, ки пешниҳоди доктор Качлу* ҳеҷ махориҷу вақте намегирад. Лекин ҳангоме ки дар шӯрои умумӣ ин пешниҳод ба баҳсу табодули назар гузошта шуд, суханони баъзе аз онон нишон медод, ки Конфронси Деҳлиро бо шакку шубҳа менигаранд. Бар ин асос, ки ин конфронс муташаккил аз ҷамъе аз уламо хоҳад буд, ки нуқтаи назари хосе надоранд. Ба назари ман мусалмонони дигаре низ ҳастанд, ки бо онҳо ҳамақида мебошанд. Ман пешниҳоди Мавлоно Иброҳимро ба ин далел таъйид мекунам, ки дигар ҳарфе дар миён набошад ва ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд надошта бошад. Ҷаласае ташкил шавад, ки фатвои он барои ҳар мусалмон ва бо ҳар тарзи фикр ҳуҷҷат бошад ва дигар барои касе барои эътирозе ҷойи фикр боқӣ намонад. Касоне, ки фикр мекунанд, авзои кунунӣ сирфан ҷанбаи сиёсӣ дорад ва фақат сиёсатмадорон метавонанд дар ин мавзӯъ тасмим бигиранд ва маснаднишинони пайғамбар бо ин авзоъ сару коре надоранд, аз назари ноқиси ман сахт иштибоҳ мекунанд. Натиҷаи он адами шинохти шаръ, ҳақоиқ ва таърихи ислом хоҳад буд. Агар мусалмонон аз ин қонуни худодод истифода накунанд, аз бадшиносии онҳост. Барои мусалмонон на оқои Гандӣ «асва-ҳасана» аст, на иршоди онҳо дар тайи тариқи ҳидояту роҳнамои одамиён аст. Барои ҳар кори мусалмонон, чи фардӣ бошад, чи иҷтимоӣ, бояд аз Қуръони Карим ва аъмоли Расули Худо сармашқ гирифт. Набояд ҳатто ин фикрро низ ба худ роҳ дод, ки роҳу низоми кор бар тибқи барномаи оқои Гандӣ аст ва ҷузъ ин нест... Сиёсате, ки аз мазҳаб дур бошад, залолату гумроҳӣ аст ва мазҳабе, ки дар аҳкоми худ тамоми эҳтиёҷоти башариро мадди назар надорад, як навъ руҳбонияти ноқис аст. Ҳақиқат ин аст, ки баъзе аз афкори ғарбӣ мисли заҳри номаълуме дар ҳоли рахна дар мағзҳои мост. Яке ин аст, ки сиёсату мазҳаб робитае бо якдигар надоранд. Агар навҷавонони мо бар ин ақида ҳастанд ва дигаронро ҳам ба он мехонанд, фикри онро намекунанд, ки чунин афкор барои ислом заҳри кушандае мебошад».

Агар пешниҳоди Иқбол мавриди қабул воқеъ мегашт ва дар нимҷазира конфронсе ташкил меёфт, ки муташаккил аз уламои макотиби мухталиф бошад, натанҳо тамоми масоил ҳал мешуд, балки улгуе (шакл, қолаб) барои наслҳои оянда ва иҷтимооти баъдӣ мегардид. Мутаассифона, дар ин давраи пурҷӯшу хурӯш на уламо ва на раҳбарони сиёсӣ – ҳеҷ кадом Иқболро ёрӣ нанамуданд. Бо назардошти ин авзоъ, Иқбол дар номаи худ ба Муҳаммад Ниёзиддинхон аз 3 декабри 1920 чунин навишт:[19]

---

* Пешниҳоди доктор Качлу чунин буд: Ба зудӣ гирдиҳамоии ҷамъе аз уламо дар Деҳлӣ ташкил хоҳад шуд. Бояд мунтазири фатвои онҳо бошем ва чанд тан аз тарафи Анҷумани ҳимояти ислом ба сурати намоянда дар баҳсҳои он ширкат намоянд. (А.Б.)

«Умедворам, ки мардум аз ҳолати бехабарии хеш боз гашта бошанд. Дар мавриди масъалаи таълим роҳе, ки мардум интихоб карда буданд, ки адами ҳамкорӣ бошад, дуруст набуд. Агар мо адами ҳамкориро ҳатто вазифаи шаръии худ бидонем ва онро ба расмият бишиносем, ба назари ман боз ҳам мухолифат бо шаръи ислом намудаем».

Мавлоно Муҳаммад Алӣ масоилеро, ки дар мулоқоти хеш бо Иқбол матраҳ шуда буд ва ихтилофи назарҳои фимобайнро ба риштаи таҳрир даровард. Дар ин навиштаҳо яъсу ноумедии ӯ равшан мушоҳида мешавад.[20]

Дар наҳзати «Тарки муволот» донишҷӯён дар сафи аввал қарор доштанд. Бар асари боло рафтани мавҷи эътирозот чанд муддат дар Коллеҷи исломӣ таътил эълон карданд. Лекин Иқбол даргириҳои ба амал омадаро пешгирӣ намуда коллеҷро аз табоҳӣ наҷот дод. Далели он ки тавонистанд мусалмононро аз ҷунбиши адами ҳамкорӣ дур нигоҳ доранд, ин буд, ки онҳо фақат се коллеҷ доштанд: Коллеҷи Алигарҳ, Коллеҷи исломии Лоҳур ва Коллеҷи исломии Пешовар. Ба қавли Сайид Нур Муҳаммад Қодирӣ, Коллеҷи Алигарҳ то ҳадде тавассути раҳбарони миллигарои конфронс аз байн рафта буд. Акунун ҳадафи онҳо Коллеҷи исломии Лоҳур буд ва пас аз он навбат ба Коллеҷи исломии Пешовар мерасид. Иқбол эҳсос мекард, ки марокизи омӯзишии ҷадид барои мусалмонон, ки бо кӯмаки Конгресс ба вуҷуд омадаанд, ба зоҳир исломӣ ҳастанд. Лекин дар ботин сухангӯйи қавми мутттаҳид буданд, на уммати мусалмон. Илова бар он, онҳо яқин доштанд, ки агар марокизи омӯзишии мусалмонон ва барномаи омӯзишии онҳо низ роҳи адами ҳамкориро пеша намояд, вазъи омӯзишии мусалмонон бадтар аз ин хоҳад шуд.

Ба ҳар ҳол, дар даврони наҳзати «Тарки муволот» зиндонҳо пур аз ҳазорон мусалмон шуд. Онҳо аз корҳои давлатӣ истеъфо карданд. Узвияти шӯроҳоро рад карда, аҷносу амволи англисиро таҳрим намуданд. Марокизи омӯзишӣ аз кор монданд ва дар олами ҷӯшу хурӯши исломии навҷавонон реш гузоштанд. Садҳо нафар низ маҳкум ба ҳабс гардиданд.

Барои аввалин бор Иқбол дар июни 1921 ҷиҳати ширкат дар муҳокимае ба Кашмир рафт. Мавлавӣ Аҳмаддин – вакил, муншӣ Тоҳириддин ҳамроҳи эшон буданд. Онҳо тақрибан ду ҳафта дар Сринагар монданд. Муҳокима дар додгоҳи ҳавзаи шаҳр анҷом мешуд. лекин қазовати он ба шахси дигаре вогузор гардид. Дар даврони иқомат дар Сринагар ваколати дигаре низ ба Иқбол ирҷоъ шуд. Ин ваколат барои муҳокимаи шахсе бо номи Раҳмон буд, ки аз шаҳри Сринагар меомад ва маҳкум ба қатл шуда буд. Иқбол бо дифои қотеонаи худ ӯро аз куштан наҷот дод. Лекин вай зиндонӣ шуд. Иқбол пас аз фароғат аз кори додгоҳ дар як қаиқи шикорӣ нишаста барои гардиш ба Дал (номи кӯле дар Кашмир) мерафт. Вай ҳамроҳи дӯстонаш дар Боғи нишоту Боғи Шалимар ба гардишу тафреҳ машғул мешуд. Ӯ «Соқинома»-ро дар Боғи нишот навишт, ки он баъдҳо зиннати «Паёми Машриқ» шуд.

Бештар касоне, ки шарҳи ҳаводиси зиндагии Иқболро ба риштаи таҳрир даровардаанд, фикр мекунанд, ки Иқбол ба сабаби ҷангҳои сиёсии замон гӯшагирӣ ихтиёр карда буд ва дур аз ҳаёҳуй машғули навиштани «Паёми Машриқ» буд. Ин фикр дуруст нест.

Ҳақиқат ин аст, ки нуқтаи назарҳои Иқболро на касе мутаваҷҷеҳ мешуд ва на касе ҳозир буд онро қабул кунад. Тамоми уламо ва раҳбарони сиёсии мусалмон, ки тарафдори адами ҳамкорӣ шуда буданд, бо ӯ мухолиф буданд. Ба ҳамин сурат, касоне, ки тарафдори ҳамкорӣ буданд, ба ӯ ба назари шакку тардид менигаристанд. Ҳеҷ кас Иқболро ёрӣ накард. Дар ин айём душманон бинои хароб кардани ӯро гузоштанд. Пас, равшан мегардад, ки иллати аслии хонанишинии вай олами танҳое буд, ки барои худаш сохта буд. Ӯ ташнаи ёфтани ҳамдаме буд, ки бо ӯ ҳамфикр бошад. Чандин сол буд, ки камбуди чунин дӯстиро дар зиндагии хеш эҳсос мекард.

Дар поёни дафтари «Асрори худӣ» абёте сурудааст, ки нишонгари ин камбудии вай мебошад:

Шамъро танҳо табидан саҳл нест,
Оҳ, як парвонаи ман аҳл нест.
Интизори ғамгусоре то куҷо?
Ҷустуҷӯи роздоре то куҷо?
Ё маро як ҳамдами дерина деҳ,
Ишқи оламсӯзро ойина деҳ.
Ман мисоли лолаи саҳростам,
Дар миёни маҳфиле танҳостам.
Хоҳам аз лутфи ту ёре, ҳамдаме,
Аз румузи фитрати ман маҳраме.
Ҳамдаме, девонае, фарзонае,
Аз хаёли ину он бегонае.
То ба ҷони ӯ супорам ҳӯйи хеш,
Боз бинам дар дили ӯ рӯйи хеш.
Созам аз мушти гили худ пайкараш,
Ҳам санам ӯро шавам, ҳам озараш.

Дар аввалҳои соли 1922 давлати Инглистон тасмим гирифт комиссияе ташкил диҳад, ки аз мусалмонон, исавиҳо ва яҳудиҳо иборат буда, аз тариқи қарордод ихтилофоти маконҳои муқаддаси Фаластину Сурияро ҳалу фасл намояд. Онҳо қарор карданд, ки ҷаласаи ин комиссия дар Иерусалим баргузор гардад ва он ду-се сол идома ёбад. Давлати Инглистон ба Иқбол пешниҳод кард, ки оё ӯ моил аст дар ин комиссия ба кор машғул шавад? Вале Иқбол ин пешниҳодро напазируфт. Баъдҳо вазъият тақозо намуд, ки ин коммиссия ташкил нашавад. Иқбол дар соли 1920 дар ҷаласаи солонаи Анҷумани ҳимояти ислом ду шеъри кӯтоҳро бо номҳои «Иртиқоъ» ва «Марди озод» хонд. Дар иҷлоси солонаи ин анҷуман, ки 16 апрели 1922 ташкил шуда буд, Иқбол шеъри маъруфи хешро бо номи «Хизри роҳ» дар назди беш аз 20 ҳазор нафар хонд. Дар ин айём Иқбол натанҳо шадидан эҳсоси танҳоӣ мекард,* балки бемор низ буд. Ба ҳамин ҷиҳат, ҳолати хондани шеър шунавандагонро бисёр таҳти таъсир қарор дод ва онҳоро ба гиря андохт. Пас аз хондани он шеър, шеъри зерро хонду худ низ ба гиря афтод:

Тарҷумаи шеър:

Хуни мусалмон ҳамчу оби камарзишу арзон шудааст,
Ту музтариб ҳастӣ, зеро дилат донои роз нест.

Баъзе аз матолибе, ки дар шеъри «Хизри роҳ» гуфта шудааст, бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор бигирад.

Аввал он ки дар замоне ки ин шеър суруда шуд, Иқбол ба дарди ниқрис мубтало шуда буд ва шабҳо то субҳ намехобид. Бештар вақт Алӣ Бахш аз ӯ муроқибат мекард. Дар яке аз шабҳо аз шиддати дард нимабеҳуш шуд. Дар ин ҳол эҳсос кард, ки гӯё марди бузурге дар баробараш нишастааст ва ба ӯ саволҳое медиҳад. Ӯ низ ба саволоташ посух медиҳад. Пас аз чанд дақиқа он мард баланд шуду ӯро тарк кард. Баъд аз рафтани он мард Иқбол ногаҳон аз ҷо парид ва Алӣ Бахшро садо карду гуфт: «Дунболи он мард бираву бигӯ, ки пеши ман биёяд». Соат тақрибан севуними баъди нимашаб буд. Алӣ Бахш аз зина поён омаду дид,ки дари ошёнаи поин баста аст ва касе нест. Дарро боз карду ба берун нигоҳ кард. Ҳама ҷо ғарқ дар торикӣ буду касе дида намешуд.[21] Аз ин рӯ, ҳангоми иншои ин шеър Иқбол гирифтори таваҳҳумоту афкори сукровар (мадҳушкунанда, масткунанда) будааст. Илова бар он, ба сабаби танҳоӣ ва мухолифатҳое, ки бо ӯ мешуд, шояд эътимодро ба нақши хеш низ аз даст

---

* Ба поён чун расад ин олами пир,
Шавад бепарда ҳар пӯшида тақдир.
Макун расво ҳузури хоҷа моро,
Ҳисоби ман зи чашми ӯ ниҳон гир.

дода буд. Дар дили ӯ ин эҳсос шадидан боло мегирифт, ки хатти машйи ӯ иштибоҳ аст ва ё аз роҳи дуруст мунҳариф (берун) шуда, ниёз ба раҳнамоии касе дорад.

Дуввум он ки ин шеъри Иқбол аз дигар шеърҳояш ба куллӣ фарқ мекард. Абдулмаҷид Солик дар ин бора мегӯяд:[22]

Дар ин шеър, аввалан, тахайюли шадиди Иқбол бо тамоми қуво ҷилвагар буд. Бо ҳар байти шеър шунавандагон ба ваҷд меомаданд. Дуввум ин ки дар ин шеър Иқбол дар мавриди ҷанги ҷаҳонӣ ва сиёсатҳои шайтонии қудратҳои истеъморгар изҳори ақида намудааст.

Дар ҳамин маврид масъалаи миллияту табъизи рангу нажодро башиддат рад кард. Дар ҳусну асари ин шеър ҳарфе нест. Лекин шеваи сурудани он бештар мабно бар воқеияту ҳақоиқ буд. Ба ғайр аз чанд шеъри охир, дар дигар ашъор алоими шодмонӣ, комронӣ ва умедворӣ бисёр кам дида мешавад, чунки авзоъ дигаргун буд. Туркия дар ҷидоли маргу зиндагӣ дасту по мезад. Мусалмонони Ҳиндустон дар оламе пур аз ҷӯшу хурӯш дар ҳоли ҷанге буданд ва намедонистанд, анҷоми он чӣ хоҳад шуд».

Севвум ин ки Гиромӣ ба ин шеър эътироз карду гуфт, ки тамоми абёташ холӣ аз лутф аст ва баъзе ғалат низ дорад. Посухе, ки Иқбол ба Гиромӣ дар номаи худ аз 16 майи 1922 дод, нишонгари он буд, ки Иқбол шахсияти Хизрро* зотан таҷриба кардааст. Чаҳорум он ки дар ин шеър Иқбол барои аввалин бор истисмори системаи сармоядории ғарбиро зикр кардааст ва аз бедории коргарон сухан ба миён овардааст. Аз ин мавзӯъ равшан мегардад, ки ӯ наметавонист ҳақиқати инқилоби Русияро нодида бигирад. Дар соли 1917 салтанати шоҳӣ дар Русия фурӯ афтод ва ҳукумати болшевикӣ ба сари ҳокимият омад. Ин ҳукумат аз ҳимояти низомиҳо, коргарону кишоварзон бархурдор буд. Ленин ва Тротский раҳбарони наҳзати инқилобӣ буданд. Ленин низоми ҷадидро сотсиал-демократияи коргарон номид. Ҳамзамон бо инқилоб, дар Русия ҷанги дохилӣ байни болшевикҳо ва аносири мухолиф даргирифт. Дар натиҷа садҳо ҳазор нафар кушта шуданд. Билохира, ба раҳбарии Ленин ва Тротский коммунистҳо пирӯз шуданд. Дар ҳамон замон қаҳтӣ саросари кишварро фаро гирифт, ки ба иллати он 500 ҳазор нафар аз байн рафтанд. Дар соли 1921 Ленин сиёсати иқтисодии ҷадидеро дар Шӯравӣ ривоҷ дод. Дар натиҷа ба саноеи дохилӣ иҷоза дода шуд, то ҳадди маҳдуде ба кори худ идома диҳад. Аммо саноеи бузург дарр ихтиёри давлат буд. Ленин январи 1924 вафот кард. Бори дигар дар Шӯравӣ муборизa барои ба даст овардани раҳбарӣ оғоз гардид. Сталин ва Тротский бо якдигар ба муборизa пардохтанд. Дар натиҷа Сталин пирӯз шуд.

Иқбол таҳти таъсири инқилоби Шӯравӣ низ чанд шеър суруд, ки дар қисмати охири «Бонги даро» мушоҳида мешавад. Аз назари Иқбол инқилоби Шӯравӣ шарти аслӣ ва зарурии санҷидани қудратҳои тозаи Аврупо ва паёме барои ҳамаи инсонҳои ақибмонда буд. Дар зеҳни Иқбол дар ин давра як саволе ба вуҷуд омад: Системаи иқтисодии ислом чист? Ва ё ақидае, ки ислом дар мавриди мусовот дорад, то чӣ ҳадде метавон аз он ба таври амалӣ дар эъмори ҷомеаи ҷадид байни мусалмонон истифода намуд? Иқбол боварӣ дошт, ки агар ҷавоби ин савол равшан нашавад ва уммати мусалмон ба тақлиди кӯр-кӯронаи худ аз Ғарб идома диҳад, рӯзе хоҳад расид, ки мусалмонон низ даргири чунин инқилобе шаванд. Дар натиҷа ному нишони ислом аз сафҳаи рӯзгор пок хоҳад шуд.

Дар охири соли 1922 Иқбол манзили худро дар Аноркулӣ раҳо кард ва ба манзили нав, воқеъ дар хиёбони Майклоуд омад. Иҷораи моҳонаи ин манзил 170 рупия буд ва соҳиби он як беваи ҳинду буд. Иқбол хӯрок кам мехӯрд, аммо ба маззаи хӯрок бисёр аҳаммият медод. Қабл аз издивоҷаш Алӣ Бахш васоили хӯрокро мехарид

* Хизр яке аз авлиё мебошад, ки дар Қуръони карим бо мақоми волое аз ӯ зикре ба амал омадааст. Суфиён ба ӯ иродати хосе доранд. Гӯянд, Хизр оби зиндагӣ хӯрда ва зиндаи ҷовид аст.

ва барои Иқбол хӯрок мепухт. Вале баъдҳо хӯроки тамоми манзилро Сардорбегим омода мекард. Бародарзодаҳои Иқбол ва ё як коргар ба ӯ кӯмак мекарданд.

Дар соли 1922 Мавлоно Муҳаммад Алӣ, Мавлоно Шавкат Алӣ, Мавлоно Ҳусайн Аҳмад дубора дастгир шуданд. Муҳокимаи онҳо дар Карочӣ сурат гирифт. Маҳкумияти онҳо ин буд, ки артишро ба шӯриш ташвиқ карда буданд. Бародарон Алӣ маҳкум ба ду соли ҳабс шуданд. Лекин, бо вуҷуди дигаргун шудани авзои ҷаҳони ислом, тазоҳуроти мусалмонон ҳамчунон идома дошт.

Ҳамзамон бо ихтитоми мансаби хилофат дар Туркия, дар нимҷазира низ ҷунбиши «Хилофат» ба поён расид. Аксари раҳбарони ин ҷунбиш робитаи худро ба Гандӣ қатъ карданд ва аз Конгоресс ҷудо шуданд. Лекин чанд нафар аз раҳбарони мусалмон ва уламои Ҳинд барои ҳамеша аз роҳҳои сиёсиву мазҳабӣ ғамхори Конгресс боқӣ монданд. Ҳангоме ки Сайид Сулаймон Надавӣ аз Конгресс ҷудо шуд, Иқбол ба ӯ чунин навишт:[23]

«Дар мавриди роҳе, ки Шумо қабл аз ин мерафтед, иншооллоҳ, дар мулоқоте, ки дар оянда хоҳем дошт, гуфтугӯ хоҳем кард. Интиҳои миллиятгароии Ҳиндустон ҳамон буд, ки мушоҳида намудед».

Дар номаи дигаре ба ӯ чунин навишт:[24]

«Ин дуруст нест, ки ислом ба дасти ҳиндуҳо фурӯхта шавад. Афсӯс, ки аҳли «Хилофат» аз роҳи аслии хеш мунҳариф шуданд. Онҳо ба мо чунин роҳи қавмиятро нишон медиҳанд, ки ҳеҷ мусалмони мухлисе, ҳатто барои як дақиқа онро нахоҳад пазируфт».

Иқбол розӣ набуд, ки байни миллатҳои мусалмон, миллигароии ғарбӣ ривоҷ ёбад. Бо ин ҳол ӯ яқин дошт, ки дар оянда авзое пеш хоҳад омад, ки мусалмонон роҳи дигаре надошта бошанд, ҷузъ он ки бо ҳам муттаҳид шаванд. Дар номаи худ аз 3 июни соли 1920 ба падараш чунин менависад:

«Бузургтарин нишонаи кайфияти рӯҳонӣ ҳамон эҳтиёт дар хӯрдану ошомидан аст. Тамоми зиндагии Расули Худо ин масъаларо ба исбот мерасонад. Ман худ дар зиндагиям пайрави ин шева ҳастам. Вазъи дунё ва мардуми одӣ низ ба ҳамин шакл аст. Мо набояд таваҷҷӯҳе ба онҳо дошта бошем. Мардуми одӣ бисёр тангназар ҳастанд ва бештари онҳо як зиндагии ҳайвониро сипарӣ мекунанд. Ба ҳамин сабаб Мавлоно Румӣ дар ҷое мегӯяд, ки дар тамоми шаҳр бо чароғ гаштам, ки инсоне биёбам, лекин муваффақ нашудам. Даврони ҳозир аз назари рӯҳониюн холӣ аст. Ба ҳамин ҷиҳат дигар ному нишони ахлоқу муҳаббат ва ғайра намондааст. Ҳар шахс ташнаи хуни ҳамнавъи худ ва ҳар миллат душмани миллати дигаре аст. Ин айёми бисёр торик аст, лекин поёни шаби сияҳ сафед аст».

Дар номаи дигаре аз 3 январи 1921 ба падараш менависад:

«...Ҳангоме ки мебинем, байни азизонамон даъвое (моҷарое) рух додааст, ҳатталимкон саъй мекунем, ки онҳоро оштӣ диҳем ва аз дидани қаҳру ҷудоии онҳо ранҷидахотир мешавем. Ҳангоме ки чунин низое дар байни мардуми одӣ рӯй медиҳад, мо нороҳат намешавем. Инсоне, ки ба ҳақиқати зиндагии инсонҳо пай бурдааст, медонад, ки банӣ одам бо якдигар фомил (оила) ҳастанд, зеро ки асли онҳо яке аст. Пас, ба чӣ далел аз низои дӯстону аҳли хонавода нороҳат мешавем, вале аз низои дигарон парвое надорем? Дар сурате ки ҳақиқат ин аст, ки онҳо низ ба мо наздик ҳастанд. Инсон аз назари зотӣ, ҳар касеро, ки бо ӯ аз лиҳози хунӣ қариб аст, оилаву хеши худ мехонад ва ашхосеро, ки аз лиҳози хунӣ аз ӯ дур ҳастанд, бегона медонад ва робитае надорад. Дар сурате ки хуну бӯъд дар хуну зиндагӣ қурбе надорад…».

Дар моҳи январи соли 1920 Иқбол номае бидуни имзо дарёфт кард, ки дар он наишта шуда буд: «Дар дарбори Паёмбари Карим (с) ту ҷойи махсусе дорӣ, ки аз он бехабар ҳастӣ. Агар Шумо фалон дуоро бихонед, илми он ба Шумо ворид хоҳад шуд». Он дуо дар нома мундариҷ буд. Ба далели он ки нома беимзо буд, Иқбол таваҷҷӯҳе ба он накард ва он нома аз байн рафт. Аммо чор моҳ баъд дар ин маврид

ҳодисае рӯй дод ва ӯ барои он ки битавонад оромиши қалби худро пайдо кунад, ба падараш 22 апрели соли 1920 нома навишта, хоҳиш кард, ки ба ӯ кумак кунад. Пас аз нақли мулоқоти ногаҳонии худ ба як қаландари кашмирӣ, ки барои диданаш аз Навгом (шаҳре дар наздикии Сринагар) омада буд, дар охири нома чунин навишт: «Ё роҳе барои ҳалли он ба ман нишон диҳед, ё дуо кунед, ки Худованд ин гирехро ба зудӣ кушояд».

ФАСЛИ ЧАҲОРДАҲУМ

Масъалаи даргирӣ байни ҳиндувон ва мусалмонон

Дар аввали январи 1923 давлати Инглистон ба хотири қадрдонӣ аз хадамоти илмӣ ва фарҳангии Иқбол ба ӯ лақаби «Сэр» дод. Иқбол дар робита бо пазируфтани ин лақаб, ба Маҳараҷа Кишан Прасад чунин навишт:[1]

«Ҳар чизе, ки роҷеъ ба лақаби ман шунидаед, дуруст аст. Лақаби «Сэр» ба сабаби ин ба ман дода шуд, ки ашъори «Асрори худӣ» ба англисӣ тарҷума ва дар Аврупову Амрико бо тафсирҳои зиёде дар бораи он ба чоп расид».

Ин масъаларо Фақир Сайид Ваҳидиддин дар навиштае аз забони Иқбол чунин баён мекунад: «Қозиулқуззоти додгоҳи Панҷоб Сэр Шодӣ Лал Иқболро пеши худ хонд ва ба вай гуфт, ки давлат аз ӯ хоста, ки пешниҳоди лақабҳоро барои он бифиристад. Вай изофа кард, ки тасмим дорад номи Иқболро ба унвони шахси воҷиди шароит, барои гирифтани лақаби «Хон Соҳиб» ба онҳо муаррифӣ намояд. Иқбол дар посух гуфт, ки орзуе надорад, ки лақабе бигирад. Зимнан, розӣ ба заҳмати эшон низ нест. Чанд рӯз баъд, губернатори Панҷоб – Сэр Эдвард Маклеган (Sir Edward Mclagan) Иқболро ба идораи ҳукумат даъват кард. Ҳангоме ки Иқбол ба он ҷо рафт, ӯро ба яке аз мақоланависони рӯзномаи «Лондон Таймс» муаррифӣ кард. Ӯ тарҷумаи «Асрори худӣ»-ро ба англисӣ хонда буд. Дар зимн, китобе навишта буд, ки дилаш мехост назари Иқболро дар мавриди он бидонад. Иқбол замоне тӯлонӣ бо ӯ ба гуфтугӯ нишаст. Ҳангоме ки ҳарфҳояшон тамом шуд, аз тарафи губернатор пайғом омад, ки майл дорад бо ӯ мулоқот кунад. Иқбол ба утоқи ӯ рафт. Вай рӯ ба Иқбол карду гуфт: «Ман ба ҳадамоти фарҳангӣ ва илмии Шумо воқифам ва тасмим дорам, ки пешниҳод кунам ба Шумо лақаби «Сэр» (Найт Ҳуд – Knight Hood) бидиҳанд, албатта, агар Шумо эътирозе ба ин мавзӯъ надошта бошед». Иқбол пас аз каме тафаккур изҳори ризоят намуд. Сипас, губернатор аз ӯ суол кард: «Оё касеро мешиносед, ки салоҳияти доштани лақаби «Шамсулуламо»-ро дошта бошад?» Иқбол дар ҷавоб гуфт, ки ҳозир аст, шахсеро муаррифӣ кунад, ба шарти он ки шахси дигареро ба ин лақаб мансуб нагардонанд. Пас аз андаке тааммул губернатор розӣ шуд ва Иқбол номи устоди хеш, яъне Мавлоно Сайид Мирҳасанро ба забон оварад. Губернатор устод Сайид Мирҳасанро намешинохт. Бад-ин сабаб аз Иқбол суол кард, ки ин шахс то ба ҳол чӣ китобҳое нигоштааст? Иқбол дар ҷавоб гуфт: «Ин шахс то ба ҳол китобе ба риштаи таҳрир дарнаёвардааст. Вале ман таснифу таълифи зиндаи ӯ назди Шумо ҳастам, зеро ки ӯ устоди ман аст». Сипас, Иқбол инро низ изофа кард, ки агар ба додани лақаби «Шамсулуламо» бо ӯ мувофиқат шавад, ба далели он ки ӯ бисёр мусин аст, заҳмати сафари Сиёлкут ба Лоҳурро ба ӯ надиҳанд. Лизо ҳангоме, ки бо додани лақаб мувофиқат шуд, ҳукми онро ба писараш доданд.[2]

Ба сабаби наҳзати «Тарки муволот » мардум аз лақабҳои давлатӣ танаффур пайдо карда буданд. Бад-ин ҷиҳат, баъд аз он ки Иқбол лақаби «Сэр» гирифт, шоеаҳои гуногуне роҷеъ ба ӯ бар сари забонҳо афтод. Мақолоти рӯзномаҳо пур аз захми забон ва таънаву киноя ба Иқбол шуда буд. Абдулмаҷид Солик фаврӣ ба унвони эътироз ба ин лақаб чанд шеър суруд ва дар «Заминдор» мунташир сохт. Ин ашъор забонзади хосу ом шуд.[3]

Тарҷумаи шеър:

Пас мадрасаи илм ба қасри ҳукуматӣ табдил шуд,
Афсӯс, ки Иқбол аз «Аллома» ба «Сэр» табдил шуд.
Дар гузашта ӯ тоҷе бар сари миллат буд,
Ҳоло бишнавед, ки Иқбол «Сэр»-и тоҷ шудааст.
Дар гузашта Иқбол сари аксари мусалмонон буд,
Ҳоло Иқболи хаставу безор «Сэр»-и англисиҳо шуд.
Шахси густохе дирӯз рӯйи «Хиёбони Сард»* нишаста буду мегуфт:
Иқбол дар даргоҳи арбобон ба лақаби «Сэр» даст ёфт.
Аз шуҷоат туркҳо Измирро фатҳ карданд,
Ба пешниҳоди арбобон Иқбол лақаби «Сэр» гирифт.

Дӯсти даврони ҷавонии Иқбол Мирғулом Баҳик Найранг тайи номае ба ӯ навишт: «Фикр мекунам, ки дигар Шумо наметавонед бо озодии назар коре анҷом диҳед». Иқбол дар посухи ӯ чунин нигошт:[4]

«Ман хаёл доштам, ки худам Шуморо аз гирифтани ин лақаб огоҳ созам. Лекин дар дунёе, ки ману Шумо дар он зиндагӣ мекунем, воқеиёте аз ин қабил аз ҳадди эҳсос фаротар мераванд. Садҳо нома ва телеграмма барои ман омада ва меоянд ва ман тааҷҷуб мекунам! Чаро мардум ба ин чизҳо то ин ҳад аҳаммият медиҳанд? Ҳоло масъалае, ки дили Шуморо ба дард овардааст, ба Худо савганд, касе, ки ҷон ва обрӯи ман дар гарави ӯст ва ба расулаш қасам, ки аз иршоди ӯ ба Худованд имон овардаам ва мусалмон шудаам. Ҳеҷ қудрате дар дунё наметавонад маро аз гуфтани ҳарфи ҳақ боздорад. Иншооллоҳ, агар зиндагии Иқбол мӯъминона нест, қалби ӯ мӯъмин хоҳад буд».

Дар 17 январи 1923 гурӯҳе аз ашрофу бузургони ҳинду мусалмон ва сикҳи Лоҳур ба муносибати гирифтани ин лақаб, дар мақбараи Ҷаҳонгир** зиёфате ба ифтихори Иқбол тартиб доданд. Дар ин меҳмонӣ илова бар губернатори Панҷоб, ҳуккоми давлатӣ ва ғайридавлатӣ низ ҳузур доштанд. Дар ин зиёфат ҳангоми суханронӣ Иқбол гуфт, ки бино бар дархости «Девони ғарбӣ»-и Гёте китобе бо номи «Паёми Машриқ» дар даст дорад. Хабаргузори рӯзномаи «Банде Матарам»-и Лоҳур ба унвони шоҳиди айнии ин суханронӣ чунин гӯяд:

«Соати чаҳори баъд аз зӯҳри рӯзи 17 январи соли 1923 ба ифтихори дарёфти лақаби «Сэр» ҷаноби Шайх Муҳаммад Иқбол, аз тарафи давлат зиёфате дар боғи Шоҳдара барпо шуд. Даъватномаҳо барои аъзои шӯрои низомӣ, губернатори Панҷоб – Сэр Ҷон Милорд, Миён Фазл Ҳусайн – вазири омӯзиш ва парвариш ва Лал Ҳаркашн Лал – вазири кор ва санъат ирсол шуд. Дар зимн Сэр Зулфиқор Алихон, Навоб Сэр Фатҳ Алихон Қизилбош, Чаудҳрӣ Шаҳобиддин, Миён Аҳмад Ёрхон Давлатона ва теъдоди зиёде аз тарафдорони давлат дар ин маҷлис даъват шуда буданд. Ин ҷашн дар муҳавватаи бузурги мақбараи Шоҳаншоҳ Ҷаҳонгир баргузор шуд. Мизбони ин ҷашн губернатори Панҷоб Сэр Эдвард Маклеган буд. Канори Дарвозаи мақбара пулис истода буд. Ашхосе, ки дар ин ҷашн даъват доштанд, вақте касе ононро медид, меёфт, ки ин ҷашн ба муносибати қадрдонӣ аз як шоир барпо шудааст. Илова бар хонумҳои аврупоӣ, хонумҳои ҳиндӣ низ дар ин ҷашн ширкат карда буданд. То он ҷо, ки марбут ба даъватномаҳо мешуд, мизбони бузург Сэр Зулфиқор Алихон буд. Лекин Миён Фазл Ҳусайн тамоми талоши худро ба кор бурд, то ин ҷаласа ба беҳтарин ваҷҳе баргузор шавад. Зеро тақрибан аз ҳама донишгоҳҳо ва мадориси Лоҳур устодон, муаллимин ва шояд теъдоди маъдуди донишҷӯ низ дар

* Дар ҳоли ҳозир шоҳроҳи Қоиди Аъзам номида мешавад. Исми қаблии он “Моли Рӯд” буд, ки мардум ба он “Хиёбони Сард” ё “Хунук” низ мегуфтанд.

** Нуриддин Ҷаҳонгир – (даврони ҳукумат 1014-1037 ҳичрӣ) номаш Салим буд ва дар мавқеи тоҷгузорӣ лақаби Нуриддин Муҳаммад Ҷаҳонгирро ихтиёр кард. Ҳамсараш Нурҷаҳон ном дошт. Дар авохири даврони подшоҳии Ҷаҳонгир бештар умури мамлакатӣ тавассути ӯ идора мешуд, зеро Ҷаҳонгир бемор шуда буд.

ин ҷашн ширкат карда буданд. Масъалаи дигаре, ки шояд аз назари ширкаткунандагон пӯшида намонд, камии ширкаткунандагони ҳинду буд. Ва ин масъала, ин мавзӯъро ба равшанӣ собит мекард, ки кашиши арбобпарастӣ дар наздик кардани ҳиндуҳо ва мусалмонон ҳаргиз наметавонад бо кашиши наслпарастӣ муқобила кунад. Ҳангоми сарфи шом канори курсии Сэр Эдвард Маклеган ва Сэр Ҷон Минорд чанд писари донишҷӯ дар ҳоли хондани шеъри «Ҳиндустон моли мо» аз Иқбол буданд. Шеъре, ки ба сабаби мавзӯаш дар ин ҷашн бисёр бемуносибат ҷилва мекард. Дар ин ҷашн Сэр Зулфиқор Алихон тайи суханронӣ зимни зикри хайре аз доктор Тагор, гуфт: «Пас аз эътои ҷоизаи Нобел ба доктор Тагор ба ӯ лақаби «Сэр» доданд. Лекин Сэр Зулфиқор Алихон ба худ ин қадар ҳам заҳмат надод, изофа кунад, ки доктор Тагор ин лақабро баъдҳо пас дод.* Сэр Муҳаммад Иқбол дар посух зимни суханронӣ зикре аз таваҷҷӯҳи кишварҳои ғарбӣ ба улуми осиёӣ, хусусан, кишварҳои ғарбие, ки дар иртибот бо улуми форсӣ ва арабӣ ҳастанд, ба миён овард. Ҳангоме ки Сэр Муҳаммад Иқбол дар суханрониаш ба ин ҷо расид, ки давлат бо додани ин лақаб ба ман адибони урду ва форсиро эҳтиром гузоштааст, шояд фаромӯш карда буд, ки ин рӯзҳо мардум ба лақабҳое, ки ба баъзеҳо эъто мешавад, бо диди дигаре менигаранд. Назари хуше нисбат ба онҳо надоранд ва бо нафрат ба онҳо нигоҳ мекунанд. Гарчи дар зоҳир гуфта мешавад, ки Сэр Муҳаммад Иқбол ба унвони як шоири баландпояи урду ба ин лақаб муфтахар шудааст. Байни ҳозирин дар ҷаласа теъдоди ками аврупоӣ ҳам ба чашм мехӯрданд. Лекин Сэр Зулфиқор Алихон ва Муҳаммад Иқбол ба забони англисӣ суханронӣ карданд. Масъалаи қобили таваҷҷӯҳи дигар низ ин буд, ки губернатор, ки худ садри ин маҷлиси даъват буд, нутқе эрод накард. Дар поёни ҷаласа аксе аз ҳозирин гирифта шуд. Дар ин акс, илова бар Сэр Муҳаммад Иқбол, Сэр Эдвард Маклаган, Сэр Ҷон Минорд, Сэр Зулфиқор Алихон, Раҷа Нариндра Натҳ ва Девон Кишан Кишвар низ буданд. Акс низ нишон намедиҳад, ки Сэр Муҳаммад Иқбол фақат ба хотири ҳадамоте, ки дар заминаи адабиёт анҷом дода, ин лақабро гирифтааст. Дар зимн маълум нашуд, ки ба чӣ далел Миён Фазл Ҳусайн, Сардор Сандр Сингҳ Муҷтаҳия – узви шӯрои низомии ҳукумати Панҷоб ва Кишан Лал ҳозир ба гирифтани акс нашуданд.

Ин як ҳақиқат аст, ки дар назари Иқбол лақабҳо ва мартабаҳои дунявӣ аҳаммияте надоштанд. Ба ҳамин ҷиҳат, пас аз гирифтани лақаби «Сэр», ҳамон тавре ки дар навиштаҳояш мавҷуд аст, ба ҷойи он ки аз гуфтани ҳарфи ҳақ шона холӣ кунад, ба сароҳат изҳори назар мекард. Ҳатто пас аз гирифтани ин лақаб ин мавзӯъро бештар мавриди таваҷҷӯҳ қарор дод. Лекин дар чунин авзое, ки мардум аз алқоби давлатӣ нафрат доштанд, чаро Иқбол ин лақабро пазируфт? Ҷавоби ин суол ин аст: Иқбол дар робита бо миллат ақаллият буд ва дар авзои сиёсии нимҷазира равоншиносии миллате, ки дар ақаллият буданд, бо миллате, ки дар аксарият буданд, мутафовут буд. Яъне дар муқобили ҳукумати Инглистон ва аксарияти ҳиндуҳо, равияи мусалмонон, ки дар ақаллият буданд, асосан ҷанбаи тадофеӣ дошт. Далели он, ки Иқбол ин лақабро қабул кард, ҳамин маслиҳати мудофеона буд.

Дар соли 1923 милодӣ дар нимҷазира шӯълаи ихтилофот ва кашмакаши ҳиндувону мусалмонон боло гирифт. Дар ин даврон ҳар сол бемориҳои тоун, вабову обика ва исҳолу истифроғ дар манотиқи мухталифи нимҷазира шуюъ меёфт (паҳн мегашт). Дар натиҷа садҳо ҳазор нафар кушта мешуданд. Ҳамчунин, гоҳ-гоҳе барҳӯрдҳое байни ҳиндувон ва мусалмонон пеш меомад ва афроди бешумореро қурбонӣ мекард. Ин ду гурӯҳ бад-ин ҷиҳат бо якдигар барҳӯрд пайдо мекарданд, ки ба ду мазҳаби мутафовут вобаста буданд. Илова бар он, рақобатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва, гоҳе аз авқот, бартарии сиёсӣ бавуҷудоварандаи ин ихтилофот буд, ки дар миёни онон фазои адами эътимод нисбат ба якдигар ва беэътиноӣ ба ҳам эҷод мешуд. Умуман, ихтилофоти ин ду даста мунҷар ба

* Ба иллати наҳзати «Тарки муволот».

бархӯрдҳое мешуд, ки муддати каме пас аз марги Аврангзеби Оламгир дар нимҷазира ба таври ошкор дида шуданд. Бархӯрдҳои ҳиндувону мусалмонон ҳар кадом ҷудогона таърихе хос доранд. Ислом дар қарни ҳаштуми милодӣ ба Ҳиндустон ворид шуд. Аввалин бор Берунӣ* (973-1048 милодӣ) масоили мавриди ихтилофи мобайни ҳиндувон ва мусалмонон, аз он ҷумла, масоили мазҳабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар китоби машҳури хеш таҳти унвони «Ал-Ҳинд» ба риштаи таҳрир даровард. Берунӣ ба ҳамроҳи Султон Маҳмуд дар авохири қарни даҳуми милодӣ ба Ҳиндустон омада буд. Дар ин сафар ӯ фурсат ёфт, то одату хусусияти ин ду миллатро аз наздик мушоҳида намояд. Вай дар китобаш зимни муқоисаи одату хусусиёти мусалмонон ва ҳиндувон чунин менависад:

«Ҳиндуҳо ба мо (яъне мусалмонон) аз ҳар назар мутафовут ҳастанд. Бештари масоили онон, ки ба зоҳир мушкил ва печида менамояд, бениҳоят осон аст. Дар сурате ки мо бо ҳам иртибот доштем, метавонистем ба роҳатӣ ба тамоми он масоил пай бубарем... Лекин эҳсос мешавад, гӯё махсусан, ҳиндуҳо одату ривоёти хешро бар хилофи ривоёти мусалмонон шакл додаанд. Ривоёти мо бо ривоёти ҳиндуҳо ба ҳеҷ вачҳ бо ҳам шабоҳат надорад, балки комилан мутазоданд. Агар гоҳе иттифоқан яке аз ривоёти он мушобеҳ бо ривоёти мо бошад, ба таври қатъӣ маънӣ ва мафҳуми он мутафовут хоҳад буд».

Сипас, зимни баёни далоили ҷудоии ҳиндувон ва мусалмонон ва ин ки чаро онон бо якдигар равобити ҳасана надоранд, чунин навишт:

«Ашхосе, ки ҳадафи таассуби ҳиндувон қарор мегиранд, касоне ҳастанд, ки аз миёни онон нестанд (яъне мусалмон ҳастанд). Онон мусалмононро нопок медонанд ва ҳеҷ робитае ба онон надоранд. На бо онон издивоҷ мекунанд ва на робитаи дигаре бо онон барқарор менамоянд. На дилашон мехоҳад бо онон рафтуомаде дошта бошанд, на муошират е. Зеро дар ин сурат тасаввур мекунанд, ки нопок мешаванд. Аз назари онон, ҳар шайъе, ки об ва ё оташи мусалмонон онро ламс карда бошад, нопок аст. Ин як ҳақиқат аст, ки бинои ҳеҷ хонае бидуни ин ду унсури ҳаётӣ мумкин нест. Онон иҷоза надоранд шахси ғайри ҳиндуро ба манзили хеш даъват намоянд, агарчи он шахси ғайриҳинд бисёр дилаш бихоҳад, ки ба манзили онҳо даъват шавад ва ё ҳатто мазҳабашонро қабул намояд. Бо ин тафосул робитаи онон бо мусалмонон ба ҳар наҳве аз анҳо номумкин ба назар мерасад ва ба ҳамин далел аст, ки байни мо ва онон дарёи ғайри қобили убур вуҷуд дорад».

Чанд қарн пеш аз омадани муғулҳо, бо назардошти имтиёзоти ҳиндувон ва мусалмонон нисбат ба ҳам, дар Ҳиндустон чеҳраи ҳуккоми мусалмон ба сӯйи Ховари Миёна мутамоил буд. Салотини мусалмони Ҳинд гоҳе авқот бо изҳори вобастагии мазҳабӣ ва фарҳангӣ ба сӯйи хилофати Бағдод ва гоҳе низ ба сӯйи хилофати Қоҳира пояҳои ҳукумати хешро мустаҳкам мекарданд. Ба ҳар ҳол, аввалин бор дар қарни шонздаҳуми милодӣ Акбаршоҳ** кӯшиш кард, то ҳиндувон ва мусалмононро аз тариқи иршод аз роҳи дини илоҳӣ дар ҳам идғом намояд. Дар чунин давроне найл ба ин мақсуд фақат аз тариқи маслаки дарвешӣ имконпазир буд. Зеро дар он даврон

---

* Муҳаммад бинни Аҳмад Хоразмии Берунӣ (362-440 ҳиҷрӣ) аз донишмандон ва риёзидонони машҳури исломӣ аст. Дар ҳудуди сад китоб дар тиббу риёзӣ ва нуҷум нигошта ва бештар осори ӯ ба забони лотинӣ тарҷума шудааст. Вай китоби маъруфи худ "Осор-ул-боқия ин-ал-қурун-ал-холия"-ро ба номи Шамсулмаолии Қобус бинни Вашмгир нигошт. Вақте ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба Гургон даст ёфт, Абурайҳонро бо худ ба Ғазнӣ бурд. Абурайҳон аз зиндагӣ дар дарбори Маҳмуд ва авлоди ӯ истифодаи бузурге кард ва дар сафарҳои ҷангии Султон Маҳмуд ба Ҳиндустон ӯ тавонист бо фарҳанг ва донишмандони ин сарзамин ошно шавад. Натиҷаи он китоби боарзиши «Таҳқиқ мо ал-Ҳинд» ва тарҷумаи чандин китоб аз санскрит ба арабӣ мебошад. Аз осори муҳимми вай метавон "Ат-тафҳим ли авоил саноата-т-танҷим", "Қонуни Масъудӣ" ва ғайраро ном бурд. Ӯ дар Ғазна вафот кард.

** Ҷалолиддин Муҳаммад Акбар (даврони салтанат- 963-1014 ҳиҷрӣ) дар сенздаҳсолагӣ ба тахти подшоҳӣ нишаст. Дар даврони ибтидоии ҳукуматаш Байрамхон – устоди вай ихтиёротро дар даст гирифт. Аммо ҳангоме ки Акбар ба синни рушд расид, худ идораи ҳукуматро ӯҳдадор гардид. Акбар бо ҳиндуҳо ва пайравони адёни мухталиф рафтори хубе дошт.

туруқи тасаввуфи вуҷудӣ дар миёни даровиш бисёр роиҷ буд. Бад-ин сабаб, Акбар дини илоҳиро ба сурати силсилаи як суфӣ ироа дод. Сайид Абулҳасан Алии Надавӣ дар мавриди хусусиёти ин аҳд чунин менависад:[8]

«Дар он замон чӣ наҳзатҳое вуҷуд доштанд, чӣ лаҷоми гусехтагии динӣ ва зеҳнӣ дар Ҳиндустон ва кишварҳои ҳамсояи он дида мешавад. Гурӯҳҳои илмӣ ва ақлӣ алайҳи ислом ва шариати исломӣ чӣ мухолифатҳое нишон медоданд. Омодаи ҳар навъ дасисае буданд. Дар таърихи ислом, дар авоили поёни ҳазораи аввал, дар дили ашхосе, ки сарнавишти хешро меозмуданд, чӣ умедҳое ба вуҷуд омада буд. Ва чӣ шакку шубҳае дар ҳолоту аҳволи тардшудагон ва шаккокин ёфт мешуд. Аз як сӯ, фалсафа ва улуми ақлӣ, аз сӯйи дигар, ишроқ ва ботингароӣ фитнае барпо карда буд, то аз азамату мақоми набавӣ бикоҳад. Ва ақлу риёзат ва мубориза бо нафсро маърифати илоҳӣ ва вусули илаллоҳу наҷот ва тараққиву дараҷот қарор дода буданд. Ақидаи пучи ваҳдати вуҷудӣ, ақидае, ки даровиш доранд, мабно бар он, ки тамоми мавҷудот вуҷуди Худованд ҳастанд, боиси чӣ бебандуборӣ ва беқайдӣ, балки илҳоду куфр шуда буд».

Ба ҳар ҳол, кӯшиши Акбаршоҳ ноком монд. Зеро ки ҳарду гурӯҳ, чи мусалмон ва чи ҳинду, бо ин идғом мухолиф буданд. Нависандаи «Мунтахаб-ут-таворих» Мулло Бадоюнӣ* менависад:

«Ҳангоме ки Акбаршоҳ Ман Сингҳро даъват кард, то ба дини илоҳӣ** имон биёварад, ӯ дар ҷавоб гуфт : «Ман нону намаки Шуморо хӯрдаам, ман ғуломи Шумо ҳастам ва ба фитрати Шумо имон дорам. Шумо подшоҳи ман ҳастед ва ман ҳатто ҳозирам ҷонамро барои Шумо фидо кунам. Лекин агар аз ман бихоҳед, ки дини илоҳиро бипазирам, миёни ду роҳе қарор хоҳам гирифт. Зеро дар ин кишвар, дар ҳақиқат, ду навъ мазҳаб вуҷуд дорад – мазҳаби ҳинду ва дини ислом. Ман ҳозирам дар иҷрои ҳукми Шумо ба дини ислом имон биёварам, вале аз Шумо хоҳиш мекунам, аз ман нахоҳед, ки дини илоҳиро қабул кунам».[9]

Ба сабаби сиёсати озоди мазҳабии Акбар, дар Ҳиндустон наҳзати Бҳактӣ*** оғоз шуд ва садҳо ҳазор нафар аз мусалмонони табақаи пойин ба мазҳаби ҳинду дохил шуданд. Ба ҳамин сурат, Акбар ба ҷӯгиҳо**** ва синёсиюни ҳиндуҳо***** иҷозаи ҳамли аслиҳа дод. Бад-ин васила бартарии низомии ҳиндувон бунёнгузорӣ шуд.[10] Ба қавли Мавлоно Шиблӣ, ҳиндувон аз ин сиёсат сӯйистифода карданд ва бо зӯр талош мекарданд, ки исломиёнро ба мазҳаби ҳиндувон ҷазб намоянд. Занони мусалмонро мерабуданд ва бо онҳо издивоҷ мекарданд. Ба кӯдакони мусалмон таълими мазҳаби

---

* Мирзо Абдулқодир Бадоюнӣ (1540-1597 милодӣ) муаррихи маъруфи давраи Акбаршоҳ аст. Китоби таърихи ӯ бо номи “Мунтахаб-ут-таворих” дар аҳволи салотини Ҳинд то Акбаршоҳ мебошад. Вай тамоилоти мазҳабии Акбарро аслан дӯст надошт. Ӯ тазкирае аз шуарову удабо ва уламои он давра низ дорад.

** Дини илоҳӣ дине буд, ки Акбаршоҳ марсум карда буд. Вай дар давраи салтанати хеш мехост, ки байни ҳама мазоҳиб ягонагии комил ба вуҷуд биёяд. Дар соли 1561 милодӣ уламову фузало ва корпардозони давлатиро дар дарбори хеш ҷамъ карду гуфт: Шумоҳо, ки аз назари сиёсӣ таҳти тасаллути як подшоҳ ҳастед, бояд аз назари мазҳабӣ ҳам якнавохт шавед. Ин мазҳаб дорои авсофи тамоми мазоҳиб хоҳад буд. Нуктаи асосӣ дар ин мазҳаб вафодорӣ ва эътиқоди комил ба подшоҳ буд.

*** Дар қарни шонздаҳуми милодӣ ин мазҳаб ба авҷи худ расид. Ислом, вақте ки дар нимҷазира нуфуз ёфт, ҳиндувонро ҳам таҳти таъсир қарор дод. Баъзе аз мубаллиғини ҳинду дар мазҳаби худ ба ҷиҳати ин таъсирот ислоҳоте намуданд. Аввалин мубаллиғи ин наҳзат Рам Навақ буд. Баъзе аз онҳо мегуфтанд, ки байни мазҳаби ҳинду ва ислом ҳеҷ фарқ нест. Бисёре аз ҳиндувон таҳти таъсири ин наҳзат қарор гирифтанд. Баъзе аз ақоиду русуми ҳиндувон ва бархе аз одобу сунани мусалмонон дар ҳам идғом шуд. Китобҳои ҳиндувон, ки ба санскрит буд, ба форсӣ тарҷума шуд ва ҳамчунин бисёре аз китобҳои форсӣ ва арабӣ низ ба ҳиндӣ баргардонда шудаанд.

**** “Ҷуг” дар ҳиндӣ ба маънои “тарки дунё кардан” ва “ҷугӣ” (ҷӯгӣ) касе аст, ки торики дунё мешавад ва ризқи хешро аз роҳи такаддӣ (гадоӣ) ба даст меоварад. Либоси онҳо ғолибан баланду лаългун аст.

***** Дарвеши ҳиндуро “синёс” мегӯянд ва синёсиюн касоне ҳастанд, ки дар ғорҳо зиндагӣ мекунанд. Суфиёни торики дунёро “синёсиюн” мегӯянд.

ҳинду медоданд. Масоҷидро ба маобид табдил медоданд. Ин вазъ то замони Ҷаҳонгир ва Шоҳҷаҳон* низ идома дошт.[11]

Дар робита бо поён бахшидан ба бидъатҳои ривоҷёфта тавассути Акбар, Шайх Аҳмад Сарҳиндӣ Муҷаддад Алифи Сонӣ ҳадамоти муҳиме анҷом дод. Эшон дар мухолифат бо маслаки фитрӣ чизҳои бисёре нигошт ва аз тариқи ваҳдати шуҳуд собит кард, ки асоси мазҳаби ислом бар шариат устувор аст. Покӣ ва садоқати ин мазҳаб ваҳдати миллии мусалмонони нимҷазираро мустаҳкам намуд.

Дар таърихи сиёсии мусалмонони ҳиндмақом ва мартабаи баланде, ки шайх Аҳмад Сарҳиндӣ ба он ноил омада, то ҳол дарк нашудааст. Иқбол мӯътақид буд, ки вай дар Ҳиндустон бонӣ ва нигаҳдорандаи маънавияти насли мусалмон ҳаст ва башиддат таҳти таъсири навиштаҳои эшон қарор гирифт. Ашъори «Асрор ва румуз»-и Иқбол ва навиштаҳои шайх Аҳмад Сарҳиндӣ, бахусус, мактуботи имом Раббонӣ то ҳадде аст, ки ниёз ба таваҷҷӯҳ ва фикри фаровон дорад.

Ҳақиқат он аст, ки дар нимҷазира шайх Аҳмад Сарҳиндӣ бо назардошти авзоъву аҳвол ба хотири тақвият ва ҳифзи ислом таҷдиде таърихсоз анҷом дод. Ба сабаби густариш ва равнақи тасаввуроти ғарбӣ, барои мисол, қавмияти маҳаллӣ ва ватаният, сиёсати дунявӣ, моддагароӣ ва иҷтимоӣ ва ғайра, дар даврони Муҳаммад Иқбол низ як чунин авзое ба вуҷуд омада буд, ки эҳёи ислом зарур ва лозим буд.

Дуввумин кӯшишро барои тафоҳум миёни ҳиндувон ва мусалмонон Доро Шукӯҳ намуд. Лекин Аврангзеби Оламгир ӯро ноком гардонд. Дар даврони заволи муғулҳо ва шукуфоии англисҳо, бахусус, пас аз балвои соли 1857, ихтилофоти ҳиндуҳо ва мусалмонон рӯз ба рӯз афзоиш ёфт. Дар соли 1809 милодӣ дар Банорас (Уттар Прадеш) шӯриш даргирифт. Дар натиҷа теъдоди зиёде кушта шуданд. Аз соли 1885 то 1887 дар бештар манотиқи Уттар Прадеш ва Деҳлӣ бархӯрд ва даргирӣ дида мешуд. Дар соли 1893 шаҳрҳои Патна, Банорас (Гурагҳапур) ва Бамбай олудаи ин ҷангҳои хонагӣ шуданд. Дар солҳои 1911-1912 ва 1915-1918 милодӣ ҷангҳои дохилӣ байни шаҳрҳои Мунгаҳир, Патна, Шоҳобод, Оро ва Карторпур (Биҳор ва Уттар Прадеш) даргирифт.[12] Дар соли 1922-1923 милодӣ музофоти Панҷоб, Уттар Прадеш ва Синд даргири бархӯрдҳои дохилӣ шуданд. Дар ин айём Иқбол дар номае хитоб ба Маҳараҷа Кишан Прасад дар таърихи 19 марти 1923 чунин навишт:[13]

«Афсӯс, ки дар Панҷоб рақобат ва адовати ҳиндувон ва мусалмонон ба авҷи худ расидааст. Агар ин низоъ дар наҳве, ки имрӯз ҷараён дорад, идома ёбад, дар сӣ соли оянда зиндагӣ кардан барои ҳарду миллат сахт хоҳад буд».

Дар ин замон дар номае низ хитоб ба Сайид Муҳаммад Сайидиддин Ҷаъфарӣ аз 14 ноябри 1923 нигошт:[14]

«Дар назари ман ислом яке аз авомили поккунандаи имтиёзот, даступогири наслеву қавме ва нажоде мебошад, ки барои фаротар рафтани башар аз марзҳои ҷуғрофӣ ва мароҳили аввалияи иртиқои инсонӣ беҳтарин василаи амалӣ аст. Бад-ин ҷиҳат, аз дигар мазоҳиб, ҳамонанди масеҳият, буддоӣ ва ғайра муваффақтар будааст. Зеро ки дар ин айём мавҷи қавмияти миллӣ ва наслӣ дар Аврупову Осиё низ сарозер аст ва ба назари ман барои инсонҳо як хатари бузург аст. Бад-ин сабаб, бо ҳифзи манофеи инсон, дар ҳоли ҳозир, пофишорӣ бар асли ҳақоиқи исломи ростин ва пешниҳоди он лозиму зарур ба назар мерасад. Ба ин далел, ман ҳамеша нуқтаи назарҳои исломии асилро мавриди таваҷҷӯҳ қарор медиҳам. Дар авоил ман низ ба миллигароӣ эътиқод доштам ва шояд қабл аз ҳар кас хоби насли муттаҳиди Ҳиндустонро ман дида бошам. Аммо таҷрибаву равшанфикрӣ ва биниши нуқтаи назарҳо маро тағйир дод. Вале акнун дар назари ман миллигароӣ як низоми оразӣ

* Шаҳобиддин Муҳаммадшоҳ Ҷаҳон (даврони салтанат- 1037-1067 ҳиҷрӣ). Хуррам-писари Ҷаҳонгир бо алқоби Абулмузаффар, Шаҳобиддин, Муҳаммадсоҳиб, Иқрони Сонии Шоҳҷаҳон, Подшоҳи Ғозӣ бар тахти салтанат нишаст. Аввалин иқдоми вай барқарории қавонини шариати исломӣ буд, ки аз замони Акбаршоҳ мулғо гардида буд. Вай тақвими ҳиҷриро роиҷ намуд. Дар даврони ин подшоҳ биноҳои бисёр олӣ сохта шуд. Лизо ӯро “Подшоҳи муҳандис” номиданд.

аст, ки онро ба сурати як зиштии иҷборӣ мепазирем. Лекин ҳоло Панисломизмро наҳзати миллӣ ва ё навъе сиёсат тасаввур мекунем. Ба назарам, ин василае аст барои ҷамъ кардани ақвоми мухталиф дар як марказият, бахусус, ба фарзи он ки мардум бо ҷамъ шудан дар як марказ ва доштани як навъ тарзи фикр битавонад аз таассуботи миллӣ, наслӣ ва маслакӣ наҷот ёбанд. Лизо ислом қадаме аст ба сӯйи иттиҳоди инсонҳо. Ин як низоми иҷтимоӣ аст, ки бар асоси мусовот ва ҳуррият истодааст. Лизо ҳар чиз, ки дар робита бо ислом менависам, ғаразам хидмат ба банӣ навъи башар аст* ва дигар ҳеҷ. Аз назари ман ислом танҳо омиле аст, ки аз тариқи он метавон ба аҳдофи инсондӯстӣ даст ёфт. Авомили дигар фалсафаи маҳз ҳастанд, ки дар дида ҳушоянд ҳастанд, вале ғайри қобили анҷом мебошанд. Ман ҳайратзада шудаам аз ин ки иттилоъ ёфтам, онҳо фикр мекунанд фақат навиштани ҳақоиқи исломӣ ва равшан сохтани мардуми Ҳиндустон, иноду душманиро афзоиш медиҳад. Дар ин масъала ман бо Шумо ҳамфикр ҳастам, ки мусалмонон бояд равиши муҳаббатомез дар пеш гиранд. Ҳадисе аз Паёмбар(с) аст, ки: «Мусалмонон барои ҷаҳон саропо шафқат ҳастанд».** Барои расидан ба ин инқилоби ахлоқӣ лозим аст, ки исломе ба маънои воқеии хеш ироа дода шавад. Равиши шахсии ман ин аст, ки тамоми наҳзатҳои мазҳабии ҷаҳонро бо нигоҳи эҳтиром ва адаб менигарам».

Дар соли 1924 милодӣ дар Деҳлӣ, Нагпур, Лоҳур, Коҳат, Лакҳнав, Муродобод, Бҳагалпур, Гулбарга, Канакниёра, Шоҳҷаҳонпур ва Оллоҳобод бархӯрдҳо ва ҷангҳои хонагӣ оғоз шуд. Ба сабаби ин бархӯрдҳо лозим гардид, ки Конфронси ҳамзистӣ ташкил гардад. Ҷаласоти ин конфронс пас аз соли 1924 милодӣ ҳар сол ташкил мешуд. Вале ин конфронс барои мутаваққиф намудани бархӯрдҳо ва ҷангҳои дохилӣ коре аз пеш набурд. Дар соли 1925 милодӣ дар манотиқи мухталифи Деҳлӣ, Оллоҳобод, музофотҳои Уттар Прадеш, Марказӣ, Биҳор, Гуҷарот, Бамбай ва Калкутта ҷанги хонагӣ оғоз шуд.

Дар соли 1926 ҷангҳои хонагӣ дар Бангола, Панҷоб ва Уттар Прадеш ба амал омаданд. Дар соли 1927 милодӣ манотиқи Уттар Прадеш, Музофоти марказӣ, Бамбай, Биҳор, Вариса, Деҳлӣ ва Банголаву Панҷоб таҳти таъсири ин даргириҳо қарор гирифтанд. Ба ҳамин сурат, аз соли 1929 то 1932 милодӣ Бамбай, Уттар Прадеш, Биҳор ва Панҷоб даргири ҷангҳои дохилӣ шуданд. Дар ҳамин айём авзоъ дар Кашмир вахим шуд. Мусалмонони кашмирӣ агар говеро мекуштанд, тавассути ҳиндуҳо барои онон маҷозоти сангине медиданд. Ба хотири ин масъала ва ба хотири он ки эҳтиром ба айёми рӯзаи ҳиндуҳо иҷборӣ буд ва, билохира, ба ин далоил, ки онҳоро аз корҳои идорӣ ихроҷ мекарданд, тазоҳуроти хешро оғоз намуданд. Ба ҳимоят аз онон мусалмонони Панҷоб ва музофоти Сарҳад ба по хостанд. Теъдоди касире аз онҳо бо дар даст доштани парчами маҷлиси Аҳрор ба иёлати Кашмир ворид шуданд. Билохира, ҳукумати англиси нимҷазира маҷбур шуд барои ҷилавгирӣ аз вуруди онҳо ба иёлат ва барои кӯмак ба маҳараҷаи Кашмир аз артиш кӯмак бигирад. Аз тарафи дигар, роҳбарони ҳинду маҳараҷаи Кашмирро водоштанд сангари хешро ҳифз кунад, то ҳангоме ки онон дар иёлати мусалмоннишин битавонанд наҳзате интиқомҷӯёна оғоз намоянд.[16]

---

* Саъдии Шерозӣ гӯяд:

Банӣ одам аъзои якдигаранд, Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд. Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ва Иқбол мегӯяд:

Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ҳамон нахлро шоху баргу баранд.

** Ани-н-Нӯъмон Ибнии Башир қола: Қола расул-л-Лоҳи салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «Таро-л-мӯъминина фӣ тароҳумиҳим ва таводдудиҳим ва таъотуфиҳим ка масали-л-ҷасади изо-штако узван тадоъо лаҳу соиру-л-ҷасади би-с-саҳри в-ал-ҳамо». Анҳу қола: Қола расулу-л-Лоҳи салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам: «ал-мӯъминуна ка рачулин воҳидин, ини-штако айнаҳу, иштако куллаҳу ва ини-штако раъсаҳу, иштако куллаҳу.

Барои ҷилавгирӣ аз ин бархӯрдҳо, роҳбарони ақвоми мухталиф бо эҷоди амният ва иттиҳод, конфронсҳое ташкил доданд, ки таҳти ин конфронсҳо гурӯҳҳои мухталиф низ ба вуҷуд омаданд. Вале натиҷае оидашон нагардид. Дар Лоҳур маҷлисе ба номи Маҷлиси миллии озод (National Liberal Lague) бо ширкати ҳиндувон ва мусалмонон ташкил ёфт. Иқбол дар ин маҷлис ширкат кард, лекин пас аз муддате истеъфо дод. Сипас, Чинтаманӣ тасмим гирифт, барои ноил шудан ба ин мақсуд конфронси миллӣ (натсионализм) дар Бамбай мунъақид намояд ва ба хотири сабти он аз Иқбол иҷоза гирифт. Иқбол низ мувофиқат кард. Ба ҳамин сабаб, аз Иқбол хостанд, ки чигунагии равиши хешро дар мавриди ҷудоӣ аз Маҷлиси миллии озод ва пайвастан ба конфронси Чинтаманӣ баён намояд. Иқбол дар ҷавоб баёнияе эрод намуд, ки дар «Заминдор» мунташир гардид:[17]

«Инсонҳои содиқ ҳаргиз дар мавриди авзои шармоваре, ки дар натиҷаи даргирии ҳиндувон ва мусалмонон дар Панҷоб ба вуҷуд омадааст ва фазои музофотро олуда намуда, назари мусбат нахоҳанд дошт. Аз самими қалб орзу дорам, ки ҳиндувон ва мусалмонон ба ихтилофоти хеш поён диҳанд ва дар Ҳиндустон ҳамчун бародар зиндагӣ кунанд ва бар сари ҳар мавзӯи кӯчаке бо якдигар даргир нашаванд. Назари баъзе аз дӯстони ман ин аст, ки барои беҳтар сохтани равобити ақвоми мухталиф дар Ҳиндустон ҳама бояд бо ҳам муттаҳид гашта ва кӯшиш намоянд. Ман ба онҳо гуфтам, ки аз назари ман, дар ин замон ҳеҷ барномаи сиёсӣ вуҷуд надорад. Балки аз назари ахлоқӣ вазифаи хеш медонам, ки дар ин маҷлис ширкат намоям. Пас аз чанде мутаваҷҷеҳ шудам, ки гавҳари мақсуд дар ин ҷо низ ба чашм намехӯрад ва барои найл ба ин аҳдоф имконоти бисёр каме дар ихтиёр дорем. Бар ҳамин асос ман аз ин маҷлис истеъфо кардам. Сипас, чанд рӯз баъд телеграммаи оқои Чинтаманӣ ба дастам расид. Дар он аз ман хоста шуда буд, ки иҷоза диҳам номамро дар феҳрасти даъваткунандагони конфронси натсионалистҳо дарҷ намоянд. Ман қабул кардам, ки расман даъваткунандаи ҷаласа шавам, ба онҳо иҷозат додам, ки аз тарафи ман имзо кунанд. Назари ман аз ин кор мухолифат ё мувофиқат бо гурӯҳе набуд ва на дар телеграммаи оқои Чинтаманӣ чунин чизе навишта шуда буд. Ҳоло равшан шудааст, ки мақсуд аз ин ҷаласа, махсусан, мухолифат бо гурӯҳ ва ё ҳизби сварачӣ будааст. Дар ин ҷо мехоҳам эълом намоям, ки ман то кунун аз тамоми аҳзоби сиёсӣ канорагирӣ намудаам. Албатта, орзуям ин аст, ки равобити тамоми дастаҷот ва аҳзоби Ҳиндустон бо якдигар хуб ва ҳасана бошад. Зеро, ки аъзои кунуни кишвар боиси нанги он аст ва ин масъала барои зиндагии иҷтимоӣ ва ахлоқии милали мухталиф бениҳоят зиёнбахш аст. Ман ҳеҷ робитае бо ҳизб ё гурӯҳи сиёсӣ надорам. Албатта, ҳамеша дар беҳтарсозии равобити мардуми Ҳиндустон кӯшиш хоҳам кард».

Бад-ин тартиб возеҳ аст, ки Иқбол бо назардошти ақидаи хеш орзу дорад, ки дар миёни мардуми мусалмон ва ҳинду сулҳу тафоҳум ва амният ба вуҷуд ояд. Барои ҳусул ба ин насбулайн ҳатто ҳозир аст бо дигарон низ ҳамкорӣ намояд. Лекин ӯ борҳо ин масъаларо таҷриба кардааст, ки дар робита бо талош ҷиҳати беҳтар сохтани робита байни ҳиндуҳо ва мусалмонон ҳангоме, ки роҳбари сиёсӣ пешниҳодҳои худ ё гурӯҳашро эълом медорад, мебинад, ки ҳеҷ кадом барои доштани сулҳ ва амният ба маънои воқеии калима кушо набудаанд. Бад-ин сабаб, тамоми кӯшишҳое, ки аз ин қабил будаанд, бо шикаст рӯ ба рӯ шудаанд.

Далоили даргириҳо ва бархӯрдҳои ҳидувон ва мусалмонон чист? Аз назари мазҳабӣ, масалан, куштани гов тавассути мусалмонон боиси туғёни ҳиндувон мешавад. Аз тарафи дигар, агар иддае ҳиндуҳо ба вақти намози мусалмонон дар муқобили масҷид соз бизананд, боиси барафрӯхтани мусалмонон мешавад ва ба ҳамин тартиб, агар рӯзе яке аз маросими ҳиндуҳо ва мусалмонон ҳамзамон бошад ва дар он рӯз яке аз он ду фирқа хушҳол ва дигаре мағмум, ҳатман даргирӣ пеш меояд. Илова бар ин, агар рӯзе дасти мусалмонон ба яке аз чизҳои ҳиндувон, ба монанди

бут, дарахти пипл,* дарё, ҳавз ва ё чоҳи онҳо бихӯрад ва ё ба ҳар наҳве аз анҳо ба онҳо беэҳтиромӣ шавад, мунҷар ба даргирӣ мегардад. Ба ҳамин сурат, агар мусалмонон дар маконе иҷтимоъ карда бошанд ва хуке дар он маҳал раҳо шавад ва ё дуди танбоку ба машоми як шахси сикҳ бирасад, ё агар ҳар навъ гӯшт, хун, моҳӣ, тухми мурғ, пиёз ва ғайра тавассути ҳинду ламс шавад, ки ӯ ин чизҳоро наҷас тасаввур мекунад, имкони даргирӣ зиёд аст. Аз далоили дигаре, ки мунҷар ба бархӯрд мешавад, метавон таблиғот алайҳи якдигар, нашри китобҳое, ки дар он муассисини мазоҳиби мухталиф кӯчак шумурда мешаванд, сӯзондани китоби мазҳабии як қавм, ба тасарруф даровардани макони муқаддас ё ибодатгоҳи як қавм аз тарафи қавми дигарро ном бурд. Баъзе авқот масъалаи шахсии бисёр кӯчаке ба сурати даргирии азиме байни ду гурӯҳ бармеояд ё агар воқеаи ғайримаъмулие рух диҳад, масалан, аспи тундраве аз бозор убур намояд, фазои беэътимоде дар бозор ба вуҷуд меояд. Шоеаҳое бар сари забонҳо меафтад ва мардум фавран мағозаҳоро баста ва корҳоро мехобонанд ва бозор таътил мешавад. Ва задухӯрди байни мардум шурӯъ мегардад.[19]

Аз назари иқтисодӣ ҳар вақт, ки рақобати ҳинду ва мусалмон ба ҳадди адоват мерасад, даргириҳое дида мешавад. Ба қавли Ҷ.Т.Гаретт:** «Агар бихоҳем рӯйи нақша манотиқеро, ки дар робита бо ин даргирӣ ҳастанд, баррасӣ намоем, возеҳ хоҳад шуд, ки дар ин манотиқ ҳарду қавм ба ду гурӯҳи иқтисодӣ тақсим мешаванд. Ба таври мисол, аксар ҳиндуҳо дар шимолу ғарби нимҷазира тоҷири рибохӯр ҳастанд. Вале бештари мусалмонон ба кори зироат иштиғол доранд. Ба ҳамин тартиб, дар минтақаи шимолу шарқ аксари ҳиндуҳо заминдор ҳастанд, дар ҳоле, ки мусалмонон зореи ин заминҳо мебошанд. Дар шаҳрҳо бештар туҷҷор ва моликонро ҳиндувон ташкил медиҳанд. Аммо мусалмонон коргарон, заҳматкашон ва ғайраро ташкил медиҳанд:[20]

Аз соли 1858 милодӣ ба баъд рақобати иқтисодии ҳарду гурӯҳ сурати адоват ба худ гирифт. Дар натиҷа санъату ҳирфаҳо, корҳои идорӣ ва ғайра таҳти таъсири ин рақобатҳо қарор гирифтанд.[21]

Аз назари иҷтимоӣ, ҳиндуҳо мусалмононро нопок медонанд ва то ҳудуди бисёр каме бо онҳо робита барқарор мекунанд ва ё бо онон мулоқот менамоянд. Афроди ҳарду гурӯҳ наметавонанд бо ҳам ғизо бихӯранд, на чизе бо ҳам бинӯшанд ва ё бо якдигар издивоҷ намоянд. Онҳо анвои мухталифи либосҳоро мепӯшанд, номи кӯдакони худро шабеҳи якдигар намегузоранд, одобу русуми онҳо ҷудогона аст. Ҳатто дар як шаҳр дар манотиқи мухталиф зиндагӣ мекунанд. Ва ба ҳамин сурат ҳам аз ҳам ҷудо ҳастанд. Бо вуҷуди ин ихтилофот, агар онҳо кӯшиш кунанд, ки муҳити дӯстонае бо якдигар дошта бошанд, боз ҳам аз назари фитриву асосӣ онон вобаста ба гурӯҳҳои иҷтимоии мутахосим хоҳанд буд.

Аз назари фарҳангӣ ихтилофоти ду миллат баъзан мунҷар ба даргириҳое мешавад. Ин ихтилофотро маъмулан ривоёти таърихӣ бештар бармеангезонанд. Барои мисол, эҳтиром гузоштан ба як шахсияти таърихӣ тавассути як қавм, ки қавми дигар назари мусбате ба ӯ надошта бошанд. Ё бозсозии асари таърихӣ ва ё иморате мунҳадамшуда, ки боиси фахр барои гурӯҳе гашта ва гурӯҳи дигар назари манфӣ нисбат ба ин мавзӯъ дошта бошад ва ё ҳарду гурӯҳ дар як замон иддао кунанд, ки барои мисол, фалон ибодатгоҳ аз назари таърихӣ мутааллиқ ба онҳост ва ё қавме дигар бихоҳад забон ё фарҳанги хешро бар гурӯҳи дигар таҳмил намояд ва амсоли инҳо.

Ба ҳамин сурат, ихтилофоти сиёсӣ низ баъзе аз авқот мунҷар ба даргириҳое мешаванд. Барои мисол: соли 1893 кашмакаши байни ҳиндувон ва мусалмонон дар

* Piple – дарахте, ки дар нимҷазираи Ҳиндустон зиёд аст ва чӯби он маҳкам мебошад.

** G.T.Garett – шахсест, ки муддате раиси донишкадаи давлатии Лоҳур буд ва таърихи садсолаи ин донишкадаро нигоштааст.

Бамбай, соли 1905 бархурд ба хотири мавзӯи тақсими Бангола, соли 1909 эътирози ҳиндувон алайҳи интихоботи ҷудогонаи мусулмонон таҳти шӯрои Ҳиндустон (Indian Councils Acts), даргириҳое дар соли 1917 дар шаҳри Шоҳобод ва Ара, соли 1918 кашмакаши дохилии Картолпур, соли 1924 бархӯрдҳое ба хотири ҷунбишҳои мухталиф аз тарафи ҳиндувон, монанди наҳзати Сингҳатан Вашҳадӣ, аз тарафи дигар, таблиғу танзими мусалмонон соли 1931 Танноз Отӣ дар Канпур ва Кашмир ба вуҷуд омаданд.

Мавлоно Муҳаммад Алӣ бархӯрдҳои миёни ҳиндувон ва мусалмононро чунин тачзия ва таҳлил менамояд:[22]

«Ҳиндуҳои мутаассиб бо шиори «Ватан Сварач» ороста шуда ва ба по хостаанд. То вақте ки мусалмонон хусусиёти фардии хешро тарк накарда ва қавмияти ҳиндуҳоро напазируфтаанд, онҳо (ҳиндуҳо) ба мусалмонон паноҳ намедиҳанд... Чашми мусалмонони кӯҳнапараст ва иртиҷоӣ, ки ба тозагӣ аз гузаштаи хеш наҷот ёфта буданд, ба як чунин ҳиндуизме, ки хоби ҳукумат бар Ҳиндро дар оянда медид ва ба худоёни хеш ҷомаи ҷумҳурият пӯшонда ва онҳоро ба бозӣ гирифта бошад, равшан шуд. Мусалмонон эҳсос намуданд, ки нақшаи ҷанг тағйир кардааст. Силоҳҳо (ватаният, қавмият, ҷумҳурӣ) ҳама ҷадид ҳастанд ва тариқи истифода аз онҳо низ тоза аст. Ба ҳамин далел, онҳо аз тарс ба худ фурӯ рафтанд ва ба ҳубби мазҳаби ватанӣ паноҳ ҷустанд. Ҳубби ватании ҳиндуҳои мутаассиб ба ҳубби ватании мусалмонон мечарбад. Онон дар либоси қаҳрамони Ҳиндустон синаро сипар карда, ба пеш мераванд. Аммо мусалмононе, ки аз онҳо камҷунбуҷӯштаранд, ҳуқуқи ҳаққаи хешро. ки ҳамон зинда мондан аст, низ ба таври тасодуфӣ ҳифз менамоянд. Ҳинду мусалмонро қобили таваҷҷӯҳ низ намедонад ва аҳаммияте барои ӯ қоил нест. Мусалмон ҳам дар ҷавоби ӯ чунин мепиндорад, ки тамоми орзуҳои миллӣ агар суроб набошад, ҳатман фиребанда аст, вале бо тамоми ҳарфҳо, бо талоши фаровон, ин эҳтимолро зинда нигоҳ медорад, ки тамоми хостаҳои мо муштараканд. Дар бораи иттиҳоди миллӣ рӯзномаҳои ҳиндӣ истилоҳоти гумроҳкунандае ба кор мебаранд. Мисли он ки ҳеҷ навъ ахлоқе дар эҳсосот, нуқтаи назарҳо, тасаввуротҳо ва ғайраи онҳо вуҷуд надорад».

Мавлоно Муҳаммад Алӣ аввалин роҳбари сиёсӣ буд, ки дар соли 1923 эълом дошт, азамати сарзамини Ҳиндустон як иштибоҳи ҷуғрофиёӣ аст, ки илова бар ихтилофоти фаровон ҳеҷ гуна иттиҳоде низ ба чашм намехӯрад ва иллати ин ҷудоии ҳиндуҳо аз мусалмонон фақат мазҳаб аст. Лизо масоили Ҳиндустон байналмилалӣ мебошад.

Ба ҳангоми озодии бародарон Алӣ аз зиндон, авзои сиёсии Ҳиндустон тағйир ёфта буд ва ба сабаби нокомии наҳзати «Тарки муволот» виқори Конгресс аз байн рафта буд ва дар майдони сиёсат гурӯҳи сварач ва ҳинду мҳасибҳа аз дигар аҳзобу гӯрӯҳҳо сабқат гирифта буданд. Ба пешвоии Пандит Мотӣ Лал Неҳру ва С.Р.Дас (C.R.Das), гурӯҳи сварач тасмим гирифта буд, ки бар тибқи хостаи Гандӣ ва ҳомиёнаш ба ҷойи он ки фаъолият дар наҳзати «Тарки муволот»-ро идома диҳанд, дар иҷлоси ҳайати муқанана (Legislative Assembly – мачлиси қонунсоз) тартиб аз анҷоми дастурҳои ҷадид ҷилавгирӣ шавад. Пас аз поёни масъалаи хилофат дар Туркия, тамоми таваҷҷӯҳи роҳбарони мусалмон ба масоили сиёсии Ҳиндустон маътуф шуд.

Иқбол дар ҷаласаи Анҷумани ҳимояти ислом, ки дар таърихи 30 марти 1923 мунъақид шуда буд, шеъри маъруфи хешро таҳти унвони «Тулӯи Ислом» суруд. Ин шеър ба муносибати пирӯзии туркҳои муҷоҳид дар мубориза барои озодӣ суруда шуда буд, ҳангоме ки онон юнониёнро аз Измир берун ронданд ва зимни ба даст овардани Константинопол шамшери мавҷудияти хешро аз миён берун кашиданд. Бар ин асос, мазмуни ин шеър аз ибтидо умедбахш буд ва барои мусалмонон паёми ояндае равшан ва дурахшон ба ҳамроҳ дод. Абулмаҷид Солик менависад:[23]

«Ҳақиқат ин аст, ки шеъри «Хизри роҳ» ва «Тулӯи ислом» дар ин айём роҳнамои бузурге барои мусалмонон будааст ва эҳсосот ва афкори онҳоро пас аз гузаштан аз як марҳалаи тӯфонӣ, ба сироти мустақим ва роҳи рост ҳидоят кардааст».

Китоби «Паёми машриқ» аввалин бор дар моҳи майи соли 1923 мунташир шуд. Чанд сол пеш аз мунташир шудани ин китоб Иқбол хитоб ба Саид Сулаймон Надавӣ чунин навишт:[24]

«Дар ҳоли ҳозир машғули посухгӯӣ ба девони як шоири ғарбӣ ҳастам, ки тақрибан ба авосити он расидаам... Ман ҳаргиз дар шоирӣ адабиётро ба хотири адабиёт дар назар нагирифтаам ва диққате низ дар зарофат ва фанни шеъргӯӣ намекунам. Фақат мақсуди ман ин аст, ки дар афкори шунаванда инқилобе ба вуҷуд оаварам. Бо назардошти ин масъала ҳар фикреро, ки муфид бидонам, кӯшиш менамоям, ки онро баён кунам. Ҷойи ҳеҷ тааҷҷубе нахоҳад буд, агар наслҳои оянда маро шоир* тасаввур накунанд. Ба ин далел, ки ба ҳунар аҳаммият дода мешавад ва риояти ин масъала дар ҳоли ҳозир барои ман мақдур нест. Ду шоири бузурги Олмон вакили додгустарӣ буданд: Гёте ва Уҳланд.** Гёте пас аз чанд рӯзи тамрин мураббии омӯзиши иёлати Ваймар*** шуд. Бад-ин ҷиҳат ӯ фурсати кофӣ ёфт, то ба зарофатҳои фунуни шеърӣ таваҷҷӯҳи бештаре мабзул дорад. Уҳланд тамоми умр дар маҳоким ширкат мекард, ки дар натиҷа муваффақ нашуд шеърҳои зиёде бисарояд ва истеъдоде, ки дар даруни ӯ вуҷуд дошт, натавонист ба таври комил шукуфо гардад».

Дар даврони сурудани «Паёми Машриқ», Иқбол бо Гиромӣ низ машварат мекард. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн онро барои чоп омода сохт. Чанд моҳ қабл аз чопи ин китоб Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн дар мақолае китоби мазкурро мавриди нақду баррасӣ қарор дод, ки аввалин бор ин нақд дар «Ҳазор достон» ва сипас дар «Заминдор» мунташир шуд.

«Паёми Машриқ» ба номи амир Амонуллохон – фармонравои Афғонистон мансуб гардид, зеро ки ба қавли Иқбол:

«Дар ҷаҳони кунунӣ ва, бахусус, барои кишварҳои шарқӣ, ҳар кӯшише, ки ҷиҳати боло бурдани сатҳи фикрии мардум ва таҷдиди сирати инсонии онҳо бишавад, қобили эҳтиром аст. Бад-ин минвол, ин чанд сафҳаро ба номи фармонравои Афғонистон номгузорӣ мекунам. Зеро ба назари ман ӯ аз лиҳози фитрӣ ва зеҳнӣ огоҳ ба назар мерасад. Ва махсусан нисбат ба омӯзиши афғонҳо таваҷҷӯҳи хосе мабзул медорад».

Дар бораи ҳадаф аз навиштани китоб, Иқбол менигорад:[27]

«Китоби «Паёми Машриқ» ба таҳрики «Девони шарқӣ-ғарбӣ»-и Гёте – файласуфи олмонӣ навишта шудааст... Лозим намедонам роҷеъ ба «Паёми Машриқ», ки сад сол пас аз «Девони шарқӣ-ғарбӣ» навишта шудааст, чизе бигӯям. Хонандагон худ метавонанд қиёс кунанд, ки ҳадаф аз навиштани ин китоб ин аст, ки ҳақоиқи миллӣ, мазҳабӣ ва ахлоқӣ, ки муртабит бо тарбияти ботинии афрод ва миллатҳо аст, равшан гардад. Дар сад сол қабл авзои Олмон ва Шарқ каму беш бо ин замон дар Машриқ шабоҳат доштааст, аммо ҳақиқат ин аст, ки мо наметавонем аҳаммияти ҳаяҷоноти ботинии миллатҳои ҷаҳонро қиёс кунем. Он ба ин далел аст, ки мо худ таҳти таъсири ин ҳаяҷонот ҳастем. Ин гоме аст барои як инқилоби азими маънавӣ ва фарҳангӣ. Ҷанги ҷаҳонии Аврупо монанди як қиёмат буд, ки тақрибан тамоми абъоди низоми ҷаҳонро ба нобудӣ кашид. Ҳоло дар аъмоқи зиндагии фитрӣ аз

---

* Нағма куҷову ман куҷо? Сози сухан баҳонаест,
Сӯйи қатор мекашам ноқаи безимомро.
Вақти бараҳна гуфтан аст, ман ба киноя гуфтаам,
Худ ту бигӯ, куҷо барам ҳамнафасони хомро.

(Забури Аҷам).

** Uhland – шоири олмонӣ (1787-1862 милодӣ).

*** Сабо, ба гулшани Ваймар саломи мо бирасон,
Ки чашм нукта дар хоки он диёр афрӯхт.

хокистари тамаддун ва фарҳанг мехоҳад инсони ҷадиде бисозад ва барои зиндагии ӯ дар ҳоли сохтани дунёе ҷадид мебошад. Як намунаи заиф аз ин фикр дар навиштаҳои Эйнштейн (Einstien) ва Берксон мавҷуд аст... Шарқ, бахусус, шарқи исломӣ пас аз қарнҳо аз хоби ғафлат бедор шудааст. Аммо миллатҳои шарқ бояд инро эҳсос кунанд, ки зиндагӣ қодир нест худ ба худ инқилобе дар атроф ва ҷавониби хеш ба вуҷуд оварад, магар он ки қабл аз ҳар чиз дар аъмоқ ва даруни он инқилобе ба вуҷуд ояд. Ҳеҷ ҷавони тозае наметавонад вуҷуди хоричӣ дошта бошад, магар он ки вуҷуди он, қабл аз ҳар чиз, муташаккил аз замири инсонҳо шавад».

Дар бахши нақши фарҳанг (яъне дар дунёи фарҳанг чӣ мегузарад), Иқбол дар робита бо даргирии сармоя ва меҳнат чанд шеър суруд, ки таҳти ановини Паём, Сӯҳбати рафтагон ба олами боло, Муҳовараи байни файласуфи фаронсавӣ Аугуст Кант* ва марди муздур Муссолинӣ ва Қайсар Вилгелм,** Қисматнамои сармоядор ва муздур, Навои муздур (садои коргар) мебошанд. Ба хотири ин шеърҳои Иқбол ва шеъри Хизри роҳ, тане чанд аз тарафдорони мароми иштирокӣ (сотсиалистӣ) дар Панҷоб кӯшиш карданд, ки шоеъ намоянд Иқбол мубаллиғи мароми иштирокӣ аст. Дар ин замон бо ҳадафи анҷом додани таблиғот ба нафъи иштирокият маҷаллае низ таҳти унвони «Инқилоб» мунташир сохтанд. То муддатҳо Шамсиддин Ҳасан сардабирии ин маҷалларо ба ӯҳда дошт. Лекин маҷалла ба хотири варшикастагии молӣ баста шуд. Шамсиддин Ҳасан худ як иштирокии фаъол буд. Вай дар матлабе, ки дар «Заминдор» ба таърихи 23 июни 1923 мунташир шуд, чунин навишт:[28]

Низоми ҳукумати болшевик, ҳамонанди фалсафаи сиёсати Карл Маркс аст ва фалсафаи Карл Марксро, умуман, сотсиализм ё коммунизм меноманд. Дар ин сурат агар шахсе каме фаҳмида бошад ва ба шеърҳои «Хизри роҳ», «Паёми Машриқ»-и Муҳаммад Иқбол таваҷҷӯҳ кунад, ба ин натиҷа хоҳад расид, ки Аллома Иқбол натанҳо як иштирокӣ аст, балки мубаллиғи иштирокият низ мебошад. Дар қисмате аз «Паёми Машриқ», илова бар чанд шеъри кӯтоҳ, бо ановини «Номаи сармоядор ба муздур» ва «Садои коргар» низ ашъоре сурудааст. Ғазале, ки дар сафҳаи 156 ин китоб оварда шуда, низ мебоист мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирад:

Тиру синону ханҷару шамшерам орзуст,
Бо ман маё, ки маслаки шабгирам орзуст.

Оё бо вуҷуди чунин ашъоре касе метавонад дар мавриди мароми иштирокии Иқбол шак кунад?»

Иқбол ин мақола ва ё рӯзномаро надида буд. Ба эшон шахсе иттилоъ дод, ки шоеъ шудааст, ки ӯ афкори болшевикӣ дорад. Лизо Иқбол бедаранг дар такзиби ин матлаб ба таърихи 24 июни 1923 тайи номае, ки дар «Заминдор» мунташир шуд, чунин навишт:[29]

«Шахсе... шоеъ намуда, ки афкори ман болшевикӣ аст. Ба далели он ки доштани афкори коммунистӣ аз назари ман бо ислом мағоир аст, вазифаи худ медонам, ки ин шоеаро такзиб намоям. Ман мусалмон ҳастам. Ман мӯътақид ҳастам ва ин эътиқод далоили мустадил дорад, ки беҳтарин дармони амрози иқтисодии ҷамоати инсониро Қуръони Карим пешниҳод намудааст. Дар ин масъала шакке нест, ки агар нерӯи сармоядорӣ аз ҳадди худ таҷовуз кунад, барои ҷаҳон зиёновар хоҳад буд. Барои он ки битавонем ҷаҳонро аз осори зиёнбахши сармоядорӣ дур нигоҳ дорем, роҳаш ин

---

* Банӣ одам аъзои якдигаранд,
Ҳамон нахлро шоху баргу баранд.
Яке корфармо, яке корсоз,
Наёяд зи Маҳмуд кори Аёз.

Димоғ ар хирадзост, аз фитрат аст,
Агар по заминзост, аз фитрат аст.
Набинӣ, ки аз қисмати кори зист,
Саропо чаман мешавад хори зист.

** Басе гузашт, ки дар ин сарои куҳан
Мисоли дона таҳи санги осиё будаст.
Фиреби зориву афсуни қайсарӣ хӯрдаст.
Асири ҳалқаи доми калисиё будаст.

Ғуломи гурсна дидӣ, бардарид охар
Қамиси хоҷа, ки рангин ба хуни мо будаст.
Шарори оташи ҷумҳур кӯҳна сомон сӯхт,
Ридои пири калисо қабои султон сӯхт.

нест, ки аз низоми иқтисодӣ ин нерӯро хориҷ намоем. Айнан чизе, ки низоми болшевик пешниҳод мекунад. Барои ин ки битавонем ин нерӯро то ҳадди муайян ва муносибате дар низоми кишвар дошта бошем, Қуръони Карим қонуни мерос, ҳурмати рибо ва низоми зукуҳро пешниҳод кардааст. Ва бо назардошти фитрати инсон ҳамин роҳ қобили қабул ва амале мебошад.

Болшевизми шӯравӣ алайҳи сармоядории беравия ва бенатиҷаи Аврупо аст. Ҳақиқат ин аст, ки сармоядории ғарбу болшевизми шӯравӣ ҳарду дар натиҷаи ифроту тафритҳо ҳастанд ва роҳи миёнаву мустадил ҳамон аст, ки Қуръони Карим нишон додааст ва ман дар боло онро зикр кардаам. Мақсуди шаръи ҳуққаи исломӣ ин аст, ки бар асоси сармоядорӣ, як гурӯҳ аз мардум қодир набошанд гурӯҳи дигареро поймол намоянд ва барои найл ба ин ҳадаф аз назари ман ҳамон роҳе амалӣ ва осон аст, ки ислом ба мо нишон додааст. Ислом нерӯи сармояро аз низоми иқтисодӣ хориҷ намекунад, балки бо диди амиқ бар фитрати инсонӣ онро ҷорӣ месозад ва барои мо як чунин низоми иқтисодиро пешниҳод мекунад, ки бо ба кор бастани он ин нерӯ ҳаргиз муваффақ нахоҳад шуд, ки аз ин ҳадди худ по фаротар бигузорад. Афсӯс, ки мусалмонон абъоди иқтисодии исломро мавриди мутолиа қарор надодаанд, вагарна онҳо медонистанд, ки аз ин назар ислом чӣ неъмати бузурге аст. Назари ман ин аст, ки ояти «Фо субҳатум би неъмата ахвонан...*[*] ба ҳамин неъмат ишора шудааст. Зеро афроди ҳеҷ миллате наметавонанд ба маънои воқеӣ бо якдигар бародар бошанд, магар ин ки аз назари ҳар ҷанбае бо ҳам мусовӣ бошанд. Расидан ба як чунин мусовотӣ, бидуни доштани як низоми иҷтимоии дуруст, мумкин нест. Низоме, ки аз нерӯи сармоядорӣ то ҳудуди муносиб истифода кунад. Аврупо ин масъаларо нодида гирифт ва дар натиҷа имрӯз бо масоибу мушкилоти фаровоне рӯ ба рӯ шудааст. Орзуи қалбии ман ин аст, ки тамоми миллатҳо дар кишварҳои хеш қавонине вазъ намоянд, ки ҳадафи он нигоҳ доштани сармоядорӣ дар ҳадде бошад, то бад-ин васила битавонанд ба мусоворти ҳақиқӣ даст ёбанд. Ман мутмаин ҳастам, ки миллати шӯравӣ худ низ бо касби таҷриба мутаваҷҷеҳ хоҳад шуд, ки низоми мавҷуд нуқс дорад ва усул ва пояи он ё аслан исломӣ бошад ё ба он шабоҳат дошта бошад. Дар ҳоли ҳозир насбулайни шӯравиҳо ҳар чӣ қадар писандида бошад, вале ҳеҷ мусалмоне бо равиш ва амалкарди онҳо ҳамгом нахоҳад шуд. Барои мусалмонони Ҳиндустон ва дигар мамолик, ки бо хондани иқтисоди сиёсии Аврупо таҳти таъсири афкори ғарбӣ қарор мегиранд, лозим аст, ки дар ин замон ба таълимоти иқтисодии Қуръон таваҷҷӯҳ намоянд. Яқин дорам, ки ҳалли тамоми мушкилоти мавҷударо тавассути ин китоби осмонӣ дар хоҳанд ёфт. Ба хусус, аъзои мусалмони иттиҳодияи коргарони Лоҳур бояд ба ин масъала таваҷҷӯҳ кунанд. Ман бо мақосиди онҳо аз самими қалб ҳамроҳам. Лекин, умедворам равишу амалкардеро, ки интихоб мекунанд бо таълимоти Қуръон мунофот надошта бошад».

Ин номаи Иқбол аввалин навиштаи ӯ дар «Заминдор» аст, ки бо мутолиаи он метавон ба назари иқтисодии ӯ беҳтар пай бурд. Баъдҳо Иқбол дар «Ҷовиднома» ва ё дигар навиштаҳо ва суханрониҳояш назариёти хешро баён намуд, ки дар ҷойи муносибе аз онҳо ёд хоҳад шуд. Пас аз ин баёния аносири коммунист ва сотсиалист аз Иқбол буриданд ва вайро як мусалмони муртаҷеъ дониста, тасмим гирифтанд дар назди мардум ӯро бад ҷилва диҳанд.

Замоне, ки таҳти ислоҳоти дастури ҷадид (қавонини асоси ҷадид), дар соли 1923 барои таъйини давлати вақт интихобот анҷом гардид, аз тариқи рӯзномаҳо ва тавассути ҳайатҳое, ки аз тарафи мардум назди ӯ омаданд ва, билохира, аз ҷониби дӯстонаш аз ӯ хоста шуд, ки номзади шӯрои намояндагии Лоҳур бишавад. Ба далели ин дар интихоботи мазбур дӯсташ, ки Миён Абдулазиз – вакили додгоҳӣ, номзади

[*] Сураи Оли Имрон, ояти 98: Ҳамагӣ ба риштаи дини Худо чанг зада, ба роҳҳои мутафарриқ наравед ва ба ёд ored, ин неъмати бузурги Худоро, ки шумо бо ҳам душман будед, Худо дар дилҳои шумо улфат ва меҳрубонӣ андохт, ба лутфи Худованд ҳама бародари динии якдигар шудед.

курсии номбурда шуда буд. Иқбол ба рақобат бо ӯ напардохт ва ин дархости дӯстон ва дигаронро рад кард ва хитоб ба Муҳаммад Ниёзиддин чунин навишт:[30]

«Ман дар раъйгирӣ ширкат нахоҳам кард. Мардуми Лоҳур мехоҳанд маро маҷбур ба ин кор кунанд. То кунун пайёмҳои фаровоне дарёфт доштаам. Ман намехоҳам, ки бо Миён Абдулазиз рақобат кунам. Зеро, ки дӯстии деринае бо эшон дорам. Агарчӣ пас аз раъйгирӣ мутмаинан ман интихоб хоҳам шуд, вале боз ҳам аз назари ман як чунин амале аз мурувват дур аст, ки ба хотири истифодаи дунявӣ, равобити дӯстии деринаро нодида бигирам».

Дар 23 октябри 1923 Лорд Ридинг – ноибуссалтанаи Ҳинд ҷиҳати ифтитоҳи додгоҳи олии Панҷоб ба Лоҳур сафар кард. Ба ҳангоми мусофирати ӯ дар маҳалли додгоҳи олӣ иҷтимои бузурге аз қуззот, вукало ва ҳукком ташкил шуд. Сэр Шодӣ – қозиюлқузот баёнияи хушомад (истиқбол)-ро қироат намуд. Ноибуссалтана ҳангоми посух аз Иқбол ҳам бениҳоят таъриф намуд, ки ба қавли Иқбол ҳама мутааҷҷиб шуданд. Зеро касе интизори чунин суханонеро надошт.[31]

19 майи 1924 Иқбол ба раёсати Анҷумани ҳимояти ислом интихоб шуд. Вале дар 28 июн истеъфо кард. Зеро намояндагони шӯрои марказӣ байни худ ихтилоф доштанд ва авзои умумии анҷуман бар уфуқи мурод набуд. Баъзе аз намояндагон ба хотири ағрози шахсӣ дар ин анҷуман ширкат карда буданд. Аз назари онҳо анҷуман роҳе барои расидан ба ин хостҳо буд.[32]

Дар моҳи сентябри 1924 «Бонги даро» мунташир шуд. Дархости деринаи дӯстони Иқбол ин буд, ки ӯ китобашро ба забони урду мунташир созад. Аммо аз назари Иқбол тамоми ашъоре, ки ба забони урду суруда буд, ниёз ба мурури муҷаддад дошт. Бо назардошти ин ки ӯ ба ҳеҷ вақҳ вақти холӣ надошт, ин кор барояш мушкил менамуд. Дар ин зимн хитоб ба Сайид Сулаймон Надавӣ навишт: «Яке аз илали он, ки маҷмӯа то кунун мураттаб нашудааст, ин аст, ки дар назар дорам бори дигар мурурe (нигоҳе) бар ашъорам дошта бошам, ки барои ин кор фурсате намеёбам».

Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн исрор дошт, ки Иқбол мурури хешро ба навиштаҳои урдуяш ҳарчи зудтар ба анҷом бирасонад, то шахси дигаре пайдо нашавад ва бо мураттаб кардани ин маҷмӯа, онро мунташир намояд. Иқбол ҳанӯз дар ҳоли мураттаб намудани «Бонги даро» буд, ки Муҳаммад Абдурразоқ бидуни касби иҷоза аз ӯ матолиби маҷмӯаро аз рӯзномаҳо ва маҷаллоти гуногун ҷамъоварӣ намуда, ба унвони куллиёти Иқбол дар Ҳайдарободи Дакан мунташир сохт. Назар ба ин, ки Иқбол ҳангоми мурури ашъораш ислоҳоте дар онҳо ба вуҷуд оварда буд, ё ҳатто баъзе аз онҳоро ноқис дида, ҳазф карда буд, бо маҳфуз доштани ашъораш камолотеро интихоб мекард, аз ин ҷасорат бисёр нороҳат шуд. Ба ҳар ҳол, бо миёнҷигарии Сэр Акбар Ҳайдарӣ ба ин натиҷа расиданд, ки он шахс як ҳазор рупия ба Иқбол барои ин кор бидиҳад ва ҳаққи фурӯши китобро назди раёсати Ҳайдаробод маҳфуз бидорад. Ба ҳамин сурат, дӯсти Иқбол – Мавлавӣ Аҳмадиддин, вакили даовӣ низ дар соли 1924 китобе таҳти унвони «Иқбол» навишт, ки бо истифода аз маҷмӯаи навиштаҳои худаш мунташир шуд. Аммо ҳангоме ки мутаваҷҷеҳ шуд, Иқбол худ дар ҳоли танзими чунин маҷмӯае ба забони урду мебошад, беандоза пушаймон ва нороҳат шуд. Дар натиҷа китоби мазбурро ба оташ кашид.[34] Дар танзими китоби «Бонги даро» Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ба Иқбол кӯмак кард.

Сэр Абдулқодир дар дебоча менависад: Ба маҳзи ин ки китоби «Бонги даро» мунташир шуд, маҳбубияти он ба ҳадде расид, ки онро ба рӯи даст мебурданд».

Ҳомиёни ҳизби сварач бо ширкат дар интихобот ба маҷлиси қонунгузорӣ ва шӯроҳои минтақаӣ рахна намуданд ва дар роҳи амалӣ сохтани дастурҳои ҷадид, бахусус, дар мавриди Бангола мушкилоте эҷод карданд. Сабаби пирӯзии сварачиҳо дар Бангола ҳамкории мусалмонон буд, ки С.Р.Дас роҳе ёфт, то бо мусалмонон қарордод бубандад. Сварачиҳо ба роҳбарии Пандит Мотӣ Лал Неҳру, мусалмононро водор намуданд, ки бо усули интихоботи муштарак мувофиқат кунанд. Дар иваз дар

манотиқи Панҷоб ва Бангола фурсат дода шавад аксарияти онҳо ба рӯйи кор биёянд. Ба ҳар ҳол, бар хилофи аҳзоби дигари ҳиндуҳо, ҳизби Ҳинду маҳасбаҳа ҳамеша бо ҷудо будан бо мусалмонон мувофиқ будааст. Ин гурӯҳ дар соли 1924 бар Конгресс тасаллут ёфт. Зеро ки аз назари он Конгресс дигар қодир набуд аз манофеи онҳо муҳофизат кунад.

Ҳизби Ҳинду маҳасбаҳа бо қарордоди С.Р.Дас ва мусалмонони Банголӣ мухолифат кард. Билохира, ҳизби Ҳинду маҳасбаҳа ба раҳбарии Пандит Мадан Моҳан Молавия ва Лаҷпатрай дар интихоботи шӯроҳо, Конгрессро шикаст дода, дар сиёсати Ҳиндустон мақоми муҳимеро касб кард.

Дар Панҷоб бештар раҳбарони сиёсии ҳинду вобаста ба ҳизби Ҳинду маҳасбаҳа буданд. Дар ҳамин даврон, Ҳинду маҳасбаҳа таҳти таъсири Пандит Мадан Моҳан Молавия наҳзати сингҳтанро* оғоз кард, ки ҳадафи он тақвияти нерӯи низомӣ дар ҳиндуҳо буд. Ба ҳамроҳи он наҳзати шадаҳӣ** оғоз шуд, ки аз тариқи он қарор бар ин шуд, ки мусалмонони фақири ақибмондаро аз лиҳози иқтисодӣ ба гурӯҳи ҳиндуҳо дохил намоянд. Ба гуфтаи Лал Ҳардиял, барномаи ҷадиди ҳинду маҳасбаҳа ба шарҳи зер буд:[35]

«Дар Панҷоб ва Ҳиндустон инҳисори миллати ҳинду бар ҳусули ин чаҳор ҳадаф бунён гузошта шудааст. Аввал, ҳиндусингҳтан (яъне ҳинду аксарият), дуввум ҳиндурач (салтанати ҳиндуҳо), севвум ҳинду кардани тамоми мусалмонон дар саросари Ҳиндустон (шадаҳӣ) ва чаҳорум пирӯзӣ бар манотиқи марзӣ ва Афғонистон ва баргардондани мусалмонони он ҷо ба фирқаи ҳиндуизм.

Созмоне, ки қавми ҳинду ба ин чаҳор ҳадаф нарасад, саломатии писарон ва духтарон дар хатар хоҳад буд ва ҳифзи насли ҳинду номумкин хоҳад шуд. Таърихи ҳиндувон мухтасоти бахусусе дорад ва дар як ҷиҳати хосе аст. Лекин мусалмонон ва исавиён аз ҳитаи фарҳангии ҳиндувон дур ҳастанд. Зеро ки дин ва кеши онҳо барои ҳиндувон ғариб аст ва робитаи онҳо бо форсиву арабӣ ва идороти Аврупоист... Лизо, ҳамон тавр ки агар шайъе дар чашми инсон дохил шавад, бояд онро аз чашм берун овард. Ба ҳамин тартиб, ворид кардани мусалмонон ва исавиён ба кеши ҳиндувон лозим аст... Агар ҳиндуҳо ба маънои воқеӣ мехоҳанд аз худ муҳофизат кунанд, бояд Афғонистон ва манотиқи марзии кишварро ишғол намуда ва қабоили кӯҳистонии он ҷоро ба фирқаи ҳинду ворид намоянд.

Сипас ҳинду маҳасбаҳа ҷаласае дар Калкутта ташкил доданд, ки дар он ҷаласа ин мавзӯъ ба тасвиб расид, ки тамоми фирқаҳои ҳинду бояд бо ҳам муттаҳид шаванд ва забони ҳиндӣ-забони тамоми кишвар шавад.[36] Мусалмонон наҳзати ҳинду маҳасбаҳа, сингҳтан ва шадаҳӣ (баргардонидани мусалмонон ба кеши ҳинду)-ро бо нигоҳи тардиду шак менигаристанд. Бад-ин сабаб, доктор Качлу ва Мирғулом Биҳик Найранг дар радди ин иқдомот даст ба таблиғоте заданд. Аз назари иқтисодӣ, ҳадаф аз таблиғот ошнохозии мусалмонон бо таълимоти исломӣ буд. Мақсуд аз он муқобила кардан бо сингҳтан ва ҷилавгирии мусалмонони фақир аз ҳинду шудан буд.[37]

Дар тайи чанд соли гузашта конфронси хилофат аҳаммияти анҷумани мусалмонон (Муслим Лиг)-ро аз байн бурда буд. Билохира, дар соли 1924 ба ҳиммату кӯшиши Муҳаммад Алии Ҷиноҳ Муслим Лиг эҳё шуд ва ҷаласоти он ба раёсати Ризоалӣ дар Бамбай ташкил шуд. Дар ин иҷлос рафтор ва амали ҳинду маҳасбаҳа

---

* Ҳиндуҳо тасаввур мекарданд, ки пас аз рафтани англисҳо аз нимҷазира онҳо мутмаинан ба мусалмонон даргир хоҳанд шуд. Бад-ин манзур мехостанд, ки ҷавонони худро аз лиҳози нерӯи ҷисмӣ ва низомӣ қавӣ созанд ва ташкилоте, ки дар ин маврид тартиб доданд, ба наҳзати сингҳтан маъруф шуд.

** Ҷунбише аз тарафи ҳиндуҳо буд, ки мехостанд мусалмонони нимҷазираро ба мазҳаби ҳинду баргардонанд, зеро онҳо тасаввур менамуданд, ки ин мусалмонон қаблан ҳинду будаанд ва баъдҳо таҳти тахсири маънавии мутасаввифини мусалмони ин минтақа мусалмон шудаанд ва "ашда", яъне бад шудаанд. Ва акнун бо баргаштан ба дини собиқи худ "шадаҳ", яъне хуб мешаванд.

мавриди интиқод ва мазаммат қарор гирифт ва онро муттаҳам карданд, ки тухми нафрат байни ҳиндувон ва мусалмонон мекорад.

Шарти тарафдорони сварач мабно ба ин буд, ки мусалмонон бо интихоботи муштарак мувофиқат кунанд. Дар иваз ба онҳо фурсат диҳанд, ки дар Панҷоб ва Бангола аксарияти онҳо ба рӯи кор биёянд. Ба ин далел, барои мусалмонон қобили қабул набуд, ки ихтиёроти ҳизби сварач дар дасти раҳбарони ҳинду маҳасбаҳа бошад. Ва агар мусалмонон усули интихоботи ҷудогонаро тарк мекарданд, бими он мерафт, ки ба сабаби ақибмондагии иқтисодӣ, ҳиндуҳо мусалмононеро интихоб кунанд, ки аз онҳо ҳимоят менамоянд ва намояндае, ки ҳозир ба анҷоми чунин амале намешуд, иҷозаи интихоб шудан намеёфт. Дар як чунин авзое, агар дар Панҷобу Бангола инҳо бо аксарият рӯйи кор меомаданд, маҷбур буданд ҳар чӣ ҳиндуҳо мехоҳанд, анҷом диҳанд.

Ҳарду ҳамсари Иқбол ба номҳои Сардорбегим ва Мухторбегим аз соли 1913 то 1923 соҳиби фарзанд нашуданд. Лекин иттифоқан дар авоили соли 1924 ҳарду тақрибан дар як замон ҳомила шуданд. Ҳарду бо ҳам дӯст буданд. Ба ҳамин ҷиҳат тасмим гирифтанд, ҳангоме ки таваллуд кунанд, фарзандонашонро таъвиз намоянд ва кӯдаки якеро дигаре парвариш диҳад. Вақте, ки Иқбол мутаваҷҷеҳ шуд, ҳарду ҳамсараш наздик ба модар шудан ҳастанд, дар тобистони соли 1924 ба Сарҳинд рафт ва бар мазори Шайх Аҳмад Сарҳиндӣ Муҷаддади Алифи Сонӣ ҳозир гардид ва даст ба дуо бардошт, ки агар худованди таоло ба ӯ писаре ато кунад, ба Иқбол ҳам тавфиқ бидиҳад, ҳамчун Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ Муҷаддади Алифи Сонӣ ба ислом хизмат кунад ва барои эҳёи ислом кушо бошад.

Иқбол аксар авқот ба мазори даровише, ки ба онҳо иродат дошт, саре мезад. Ҳар вақт таърифе аз олим ё шайхе мешунид, назди онҳо мерафт, то аз файзи ҳузурашон мустафид гардад. Аз чанд номаи вай ба унвони Маҳараҷа Кишан Прасад возеҳ аст, ки бо шунидани хабаре роҷеъ ба бузургон назди онҳо мерафт ва аз мактабашон истифода менамудааст. Бад-ин сурат, рӯзе шунид, ки шахсе муттақӣ (тақводор) ва парҳезкор бо номи Миён Шермуҳаммад дар чандфарсангии Лоҳур дар минтақае ба номи Шарқпур зиндагӣ мекунад. Лизо Иқбол худро ба он ҷо расонид. Ҷаноби Шермуҳаммад ҳамеша таъкид менамуд, ки бояд барои шариат эҳтиром қоил шуд. Ба ҳар кас, ки барои мулоқоти ӯ мерафт, мегуфт, ки бояд риш гузорад. Ҳангоме ки Иқбол ба дидори ӯ рафт, ӯ дар масҷид буд. Аз Иқбол суол кард, ки чӣ гуна ба он ҷо омадааст? Иқбол ҷавоб дод: Барои ман дуо кунед. Гуфт: Шумо риши худро метарошед, бад-ин сабаб ман барои Шумо дуо нахоҳам кард. Иқбол бо шунидани ин ҳарф аз ҷо баланд шуд ва аз масҷид хориҷ гардид. Ва ба тарафи истгоҳи дурушкаҳо (фойтунҳо) рафт. Мардуме, ки назди Миён Шермуҳаммад буданд, як мартаба ӯро огоҳ карданд, ки ин шахс Иқбол буд. Бо шунидани ин хабар Миён Шермуҳаммад ҳоли аҷибе пайдо кард. Абдулмаҷид Солик менависад:

«Аз масҷид пойи бараҳна давон-давон ба истгоҳи дурушкаҳо рафт. Аллома дар ҳоли савор шудан ба дурушка буд, ки ӯ ногаҳон ба Иқбол расид ва аз вай беандоза маъзаратхоҳӣ карду гуфт: «Ман ба тамоми мардум таъкид мекунам, ки риш бигузоранд. Вале аз назари ман, Шумо набояд чунин аксуламале нишон медодед. Он ҳам касе мисли Шумо, ки тавонистааст дар қулуби ҳазор нафар нури имону амалро равшан созад». Сипас барои Аллома дуо кард ва Иқбол хушҳол ва мутмаин ба Лоҳур бозгашт».

Ба ҳар ҳол, аз дидори Иқбол бо табақаи шуюх ва аҳли дил равшан аст, ки ӯ дар интизори касе буд, ки бояд назари вайро аз ҳайси маънавӣ комил созад.

Ҳамон тавр, ки Хоҷа Боқибулло*, шайх Аҳмад Сарҳиндиро ба хилват бурда аз ӯ хост, ки аз самими қалб зикри Худо кунад, ҳамон мавқеъ бо файзи маънавии Хоҷа Боқибулло, Шайх Аҳмад зикри хешро шурӯъ кард ва ба ӯ эҳсосе даст дод, ки баёни он мушкил аст. Аз тариқи ин зикри қалбии ӯ муваффақ шуд, ки ба сари манзили мақсад бирасад. Зимнан, аз тариқи роҳе ҷадид тавонист умури эҳёи динро ба такомул бирасонад. Ӯ муваффақ шуд роҳеро, ки даровиш аз тариқи он ба такомул мерасанд, тобеи шариат намояд.[40] Лекин ба Иқбол аз ҷустуҷӯйи хеш комёбӣ ҳосил нагардид.

Дар бомдоди рӯзи 5 октябри 1924 нависанда (Ҷовид Иқбол) дар Сиёлкут аз батни Сардорбегим ба дунё омад. Шайх Нурмуҳаммад дар гӯши ӯ азон гуфт ва ба ёдбуди номи писари бузургаш барои кӯдаки тоза ба дунёомада номи Қамарулисломро пешниҳод кард. Вале Иқбол ин номро написандид ва номе, ки худ қаблан интихоб карда буд, яъне, «Ҷовид»-ро ба ӯ ниҳод. Лизо номи нависанда «Ҷовид» гузошта шуд.[41] Ҳамин айём Мухторбегим барои вазъи ҳамл ба манзили падараш дар Лудҳияна рафта буд. Иқбол дар Лоҳур буд ва Эъҷоз Аҳмад барои анҷоми коре назди ӯ омада буд. Интизор мерафт, ки дар авохири октябр аз Лудҳияна низ хабари хуш биёваранд. Вале дар Лудҳияна Мухторбегим дар ҳолати хубе набуд ва мубтало ба бемории риявӣ (шуш) шуда буд. Хабари бемории ӯ ба Лоҳур расид. Иқбол беандоза ғамгин шуд. Дар 19 октябри 1924 Иқбол ба ҳамроҳи Эъҷоз Аҳмад ба Ладаҳёна сафар кард. Мутаассифона дар 21 октябри 1924 Мухторбегим вафот намуд. Фақир Сайид Ваҳидиддин аз қавли Эъҷоз Аҳмад чунин менигорад:[42]

«Бемории рия Мухторбегимро башиддат заиф карда буд. Дигар қодир набуд, дарди вазъи ҳамлро таҳаммул намояд. Ва вазъи бисёр вахим пайдо кард, ки умеде ба ӯ набуд. Билохира, амак (Иқбол) ба пизишкон гуфтанд, ки то ҷое ки имкон дорад, саъй кунанд ҷони Мухторбегимро наҷот диҳанд ва ба фикри бача набошанд. Аммо талоши пизишкон бесамар монд ва ин хонуми хуб ҷони хешро аз даст дод. Расо понздаҳ дақиқа пеш аз маргаш бо Иқбол мулоқот дошт. Ҳангоме, ки Иқбол аз ӯ ҳолашро пурсид, посух дод: «Хубам». Дар ҳоле, ки дар он мавқеъ аслан ҳолаш хуб набуд ва худ медонист, ки ба охири роҳ расидааст ва ба зудӣ ҷон ба ҷонофарин таслим хоҳад кард. Ин марги ногаҳонӣ асари амиқе ба қалби Иқбол боқӣ гузошт. Дигар намешуд ҳолати изтиробу нороҳатии ӯро таҳаммул кард. Як рӯз пас аз фавти Мухторбегим номае бад-ин мазмун хитоб ба падараш навишт: «Дирӯз барои Шумо телеграмма ирсол доштам. Инсон наметавонад бо кори Худо муқобила кунад. Марги он марҳума бисёр дардовар буд. Худованд ӯро раҳмат кунад. Беҳтарин пизишконро бар болини ӯ ҳозир кардам. Вале он марҳума дигар вақташ дар ин дунё тамом шуда буд. Ба ҳангоми дард ба ҳадде вазъаш риққатбор буд, ки бароям мушкил буд ба рӯяш назар андозам ва қалби ман ба шиддат меозурд». Сипас идома дод: «Барои ба дунё овардани як шахси маъмулӣ, ки мумкин аст дар ин дори фонӣ панҷоҳ ё шаст сол бештар умр бикунад, табиат то чӣ ҳад як зани заиф ва ранҷурро ранҷ медиҳад. Дар васиятномаи Мухторбегим ин навишта ба чашм мехӯрад, ки аз Сардорбегим дархост намуда буд, пас аз маргаш номаи ҳамдардӣ ва тасаллият барои духтархолаҳояш бифиристад ва ба онҳо бигӯяд, то охири умр барои онҳо хоҳарӣ хоҳад кард. Сардорбегим натанҳо ин номаро фиристод, балки то охири умр ба аҳди хеш вафодор буд. Пас аз итмоми маросими кафану дафн вай ба ҳамроҳи Иқбол ба Лоҳур бозгашт. Бародарони он марҳума тамоми чизу чора ва тиллову ҷавоҳироти ӯро ба Иқбол бозгардониданд. Ҳарчанд ки Иқбол ақида дошт аз назари шаръӣ бештар қисмати ин тиллоҳо ба вурроси ӯ, яъне хоҳарон ва бародаронаш мерасанд. Вале инро онҳо напазируфтанд. Ба ҳангоми расидан ба Лоҳур бо зикри ин масъала номае хитоб ба падараш навишт: «Инак тасмим дорам, ин тиллоҳо ва чизу чораро ба унвони ёдбуди

* Саид Разиддин Хоҷа Боқибулло орифи шаҳири силсилаи нақшбандия мебошад. Дар соли 971 ҳичрӣ дар Кобул таваллуд ёфт ва дар соли 1012 вафот намуд. Мазораш дар Деҳлӣ аст. Тариқаи нақшбандӣ тавассути вай ба нимқазира ворид гардид.

ӯ масрафи амри хайре намоям. Каме пул низ худ ба онҳо изофа хоҳам кард ва агар Худо бихоҳад ва тавфиқе даст диҳад, ба наҳви аҳсан ин кор анҷом хоҳад шуд». Иқбол то муддатҳо нороҳат ва парешон буд. Санги қабри он марҳумаро омода сохт ва аз Лоҳур ба Лудҳияна фиристод. Рӯи он санг ашъоре ба шарҳи зер ҳак шуда буд:

Эй дареғо! Зи марги ҳамсафаре
Дили ман дар фироқи ӯ ҳама дард.
Ҳотиф аз ғайб дод таскинам
Сухани поки Мустафо овард.
Баҳри соли раҳили ӯ фармуд
Ба шаҳодат расиду манзил кард.

Ин шеърро ду ё се рӯз пас аз вафоти он марҳума, ҳангоме, ки ҳанӯз дар Лудҳияна буд, суруд. Қоғазе, ки рӯйи он ин ашъор навишта шуда буд, ба ман таҳвил доданд. То ҳангоме, ки ба ҳамроҳи нависанда (Ҷовид) ба Лоҳур бозгашт, наметавонист ҷойи холии Мухторбегимро бубинад. Ҳар рӯз дар хона менишаст ва мегирист. Иқбол борҳо ба ӯ мегуфт: «Бояд сабр дошта бошед». Вале ҳар бор Сардорбегим ба Иқбол ҷавоб медод, ки пас аз ёздаҳ соли дӯстӣ ва ҳамнишинӣ бо Мухторбегим инак фаромӯш кардани ӯ барояш осон нест ва башиддат камбуди ӯро ҳис мекард. Вай аз Иқбол дархост кард, ки яке аз духтархолаҳои Мухторбегимро ба ақди хеш даровард, то Сардорбегим бо ӯ ҳамнишин гардад. Иқбол ибтидо фикр мекард, ки ӯ шӯхӣ мекунад. Вале Сардорбегим борҳо исрор кард, барои ин ки равобити ду хонавода қатъ нашавад, дар бораи ин мавзӯъ Иқбол бо бародари марҳума сӯҳбат кунад. Билохира, рӯзе Иқбол ба ҳамроҳи Мирзо Иҷлолиддин ба манзури мулоқот бо навоб Сэр Зулфиқор Алӣ ба Деҳлӣ рафтанд. Иқбол сухани Сардорбегим ва пешниҳоди ӯро барои он ду бозгӯ кард. Навоб Сэр Зулфиқор Алихон назар дод, ки беҳтар аст Мирзо Иҷлолиддин дар ин маврид сӯҳбат кунад. Лизо Иқбол ва Мирзо Иҷлолиддин ба ҳангоми бозгашт аз Деҳлӣ миёни роҳ дар Лудҳияна пиёда шуданд. Мирзо Иҷлолиддин дар ин маврид бо бародари Мухторбегим, яъне Лал Ғулом Муҳаммад сӯҳбат кард. Вале ӯ матлаби сӯҳбатро иваз карду бад-ин тартиб Сардорбегим ба хостааш нарасид.[44]

Дар 30 октябри 1924 Иқбол дар ҷаласаи Анҷумани ҳимояти ислом ғазали «На ман салиқаи Калимро дорам ва на ту салиқаи Халилро»-ро то охир хонд. Ин ҷаласа дар мадрасаи олии исломия дар Бҳатай Дарвоза ташкил шуд ва ба қавли Абдулмаҷид Солик, ҷаласоти анҷуман ба далели вазъи мавҷуд, танҳо ба хотири ин ки гуфта шавад коре анҷом шудааст, ташкил мешуд.[45]

Дар саввуми ноябри 1924 ба ҳимоя аз Султон Ибни Сауд* баёнияе дар «Заминдор» аз Иқбол интишор ёфт. Асли мавзӯъ ин буд, ки аз назари баъзе аз уламои Ҳиндустон, низоми ҳукумати Ҳиҷоз боистӣ ба халифаи собиқи Туркияи усмонӣ Абдулмаҷидхон супурда шавад. Дар ин робита гузоришгари рӯзномаи англисизабон «Муслим аутлук» (Muslim Outlook) барои назархоҳӣ назди Иқбол омад. Ҳини мулоқот Иқбол дар мавриди пешниҳоди супурдани масъулият ва ҳифозати ҳарами муқаддас ба халифаи собиқи усмонӣ – Абдулмуҳаммадхон чунин гуфт:[46]

«Ин як пешниҳоди номуносиб аст ва агар дар ин авзои ошуфта бештар ба ин масъала таъкид шавад, бими он меравад, ки дар масоили ҷаҳони ислом хадшаҳое (зарар) ворид ва пасту баландиҳое эҷод шавад. Ибни Сауд намояндаи умумиваҳобиҳо аст ва Халифаи муслимини собиқ пешвои динии аҳли тасаннуни ҷаҳони ислом будаанд. Ҳиҷоз дар ҳоли ҳозир амалан дар тасарруфи ваҳобиҳо аст ва агар дар ин авзоъву аҳвол кӯшиш шавад, ки Халифаи муслимини собиқ ҳоким бар Ҳиҷоз шавад, бими он меравад, ки даргирии шадиде байни ду фирқа аз мусалмонон

* Эй Фавод, эй Файсал, эй Ибнии Сауд,
То куҷо бар хеш печидан чу дуд?
Зинда кун дар сина он сӯзе, ки рафт,
Ҳар куҷо бозовар он рӯзе, ки рафт.

падид ояд...Вале ман ин барномарезиро ба ҳеҷ ваҷҳ муносиб намедонам. Аз назари ман ироа додани чунин пешниҳоде аслан иштибоҳ аст. Ман аз авзои кунунии Ҳиҷоз ба хубӣ итминон дорам ва ба Ибни Сауд низ бидуни ҳеҷ тардиде эътимоди кофӣ дорам. Аз назари ман, Султон Наҷд шахсе равшанфикр аст. Ашхосе, ки бо султони мавсуф мулоқот кардаанд ва Наҷдро дидаанд, низ бо ман ҳамфикр ҳастанд. Дар ин давра ҷаҳони ислом дар ҳоли тағйир аст. Вале Ибни Сауд ба далели он ки худ хостори ташкили маҷлиси шӯро ба намояндагии намояндагони ҷаҳони ислом аст интизор меравад, ки ҳар чӣ маҷлиси шӯрои мусалмонони ҷаҳон (муатмар) тасвиб кунад, ӯ низ пойбанди тасмими ин маҷлис хоҳад буд. Имкон дорад ба роҳбарии Ибни Сауд дар аъроб наҳзати миллӣ рушд кунад ва осори он низ ба чашм мехӯрад. Мо бояд ин эҳсосро аз таҳи дил хайра мақдам бигӯем. Агарчӣ бими он меравад, ки дар аъмоқи он танҳоӣ рушд кунад. Лекин мо бояд то муддате таҳаммул кунем. Арабҳо фитратан ҷумҳурихоҳ ҳастанд ва ҳеҷ ҳукумати диктаторӣ қодир нест муддати зиёде дар сарзамини аъроб рӯйи кор бошад».

Иқбол пешниҳод кард, ки халифаи собиқ барои ҳадафи таблиғи ислом маҷлисе таъсис кунад, ки дар сатҳи байналмилалӣ бошад ва кӯмаки молии кишварҳои мухталифи ҷаҳони исломро дарёфт намояд ва зери назари ин маҷлис, мактабе байналмилалӣ ҷиҳати мубаллиғон ба вуҷуд ояд, ки аз тариқи он битавонанд машъали мубаллиғони исломро дар даст гирифта, ба ақсои нуқоти ҷаҳон бубаранд.

Дар соли 1925 ҷаласаи Муслим Лиг дар Алигарҳ ба раёсати Абдураҳим ташкил шуд. Дар ин ҷаласа Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ, Мавлоно Муҳаммад Алӣ, Мавлоно Шавкат Алӣ, Ҳасрат Моҳонӣ, Сэр Сайидалӣ Эмом, Сэр Муҳаммад Шафеъ ва ғайра ширкат карданд. Абдураҳим дар нутқе хитоб ба ҳозирин гуфт: «Баъзе аз раҳбарони сиёсии ҳиндуҳо баён мекунанд, ки мусалмононро ҳамон тавр аз Ҳиндустон берун хоҳанд кард, ки мардуми Испания муруҳоро* берун ронданд. Вай бо интиқод аз амалкарди ҳизби сварач эълом кард, ки мусалмонон ҳозир нестанд ҳеҷ навъ қарордоде бо онҳо мунъақид созанд. Дар ин иҷлос масъалаи интихоботи ҷудогона ба тасвиб расид ва хоста шуд, ки дар оянда ба ҳангоми тақсими ҳар кадом аз манотиқи Панҷоб, Бангола, Синд ва Сарҳад масъалаи аксарияти мусалмонон ҳамчунин барқарор бошад ва як Комиссияи олӣ ташкил шавад, ки мурure бар ислоҳоти дастурии тасвибшуда дар соли 1919 дошта бошад.[47]

Чанд сол пас аз ин воқеа, намояндагони мусалмон дар ҳайати муқанана пешниҳоде ироа доданд, ки дар он хоста шуда буд, дастурҳои ҷадид дар Сарҳад ба кор гирифта шаванд. Ҳиндуҳо бо роҳбарии Пандит Мадан Моҳан Молавия бо ин пешниҳод мухолифат карданд. Дар натиҷа ҳомиёни мусалмони ҳизби сварач аз ин ҳизб буриданд.[48]

Дар соли 1925 масъалаи интихоби як қозии мусалмон ҷиҳати додгоҳи олии Панҷоб унвон шуд. Сэр Шодӣ Лал қозиюлқузот буд. Тамоми рӯзномаҳо, анҷуманҳо, вукало ва афроди таҳсилкарда хостанд, ки Иқбол қозии додгоҳи олӣ бишавад. Зеро ки ӯ истеъдод ва қобилияти ин корро дошт ва зимнан равшанфикр ҳам буд. Сэр Шодӣ Лал дар мавриди Иқбол бо лаҳне интиқодомез гуфт: «Мо Иқболро ба унвони шоир мешиносем, на як ҳуқуқдон». Бинобар ин Иқбол муваффақ нашуд ин вазифаро ишғол кунад. Ва барои пур кардани вазифаи холӣ ба дархости Сэр Шодӣ Лал Сайид оқо Ҳайдар аз Уттар Прадеш интихоб шуд.[50]

Сэр Шодӣ Лал як ҳиндуи мутаассиб буд ва таассуби ӯ дар муқобили мусалмонони саросари Панҷоб забонзади хосу ом буд. Ӯ дар соли 1913 узви илалбадал (Additional Judje)-и додгоҳи олӣ шуд. Дар соли 1917 қозии расмӣ ва собит шуд ва дар соли 1920, ҳангоме, ки масъалаи таъйини қозиюлқузот ҷиҳати додгоҳи олӣ пеш омад, Сэр Муҳаммад Шафеъ, ки аз хонаводаи маъруфи Лоҳур буд, махсусан барои муаррифии ӯ назди ноибуссалтана рафт. Дар робита бо ноибуссалтана

* Moors - мусалмононе, ки дар Испания буданд.

матолиби дарҷшуда дар ёддоштҳои Сэр Муҳаммад Шафеъ, ки мунташир нашудаанд, қобили таваҷҷӯҳ ва баррасӣ ҳастанд.[51]

Барои мисол, дар ёддоштҳои ӯ, муваррихи 30 июли соли 1920 чунин омадааст:

«Рӯзе Раҷа Наринднот барои сарфи чой ба манзили мо омад ва дар ин дидор аз рафтори ҳукумати Панҷоб нисбат ба ҳиндуҳо шикваву шикоят кард. Онон ба I.C.S (Indian Civil Servise), идораи полиси императорӣ (Imperial Police Servise) ва шӯрои ниёбат (Regency Concil)-и салтанати минтақаи Баҳовалпур эътироз намуданд, вале ин эътироз аз тарафи онҳо нодида гирифта шуд. Ман ба унвони узви шӯрои ноибуссалтана боястӣ икдоме бикунам. Эшон таъкид дошт, ки агар Шодӣ Лал ба унвони қозиюлқузот интихоб шавад, интихоби бисёр мувофиқе хоҳад буд. Ман ба эшон қавли кӯмак додам».

Дар ёддоштҳои муваррихи 19 феврали 1920 дар бораи мулоқотҳои ҳафтагӣ бо ноибуссалтана мехонем:

«Ҷаноби ноибуссалтана инро низ ба ман гуфт, ки номае ба муовини иёлат (Secrotary of State – вазорати кишвар) навиштааст, ки тайи он нигошта: Агар шахсеро барои додгоҳ наёфта, ӯ Шодӣ Лалро ҷиҳати вазифаи қозиюлқузот муаррифӣ менамояд. Ман хушҳолии хешро эълом намудам ва ба эшон итминон додам, ки интихоби Шодӣ Лал ба нафъи Панҷоб аст».

Дар ёддоштҳои 22 апрели 1920 чунин навиштааст: «Ман ба ноибуссалтана гуфтам, ки ахиран сафаре ба Лоҳур ва Амритсар доштаам. Агарчӣ ҳанӯз ҳам авзои он ҷо ба ҳолати аввал боз нагашта ва даргириҳое ҳам мушоҳида мешаванд, лекин яқин дорам интихоби Шодӣ Лал ба унвони қозиюлқузот назари мусбати таҳвилкардаҳо ва гурӯҳҳои мазҳабиро ҷалб хоҳад кард».

Лизо ба ҳимояти Сэр Муҳаммад Шафеъ дар соли 1921 Сэр Шодӣ Лал ба унвони қозиюлқузоти Панҷоб интихоб шуд. Ба маҳзи интихоб шудан ба унвони қозиюлқузот бо хонаводаи Сэр Муҳаммад Шафеъ аз дари носозгорӣ даромад ва аз роҳе, ки мумкин буд, барои онон мушкилот эҷод кард ва ба ҳар навъе, ки мешуд ононро кӯчаку хору хафиф нишон медод. Албатта, Сэр Шодӣ Лал ба сабаби таассубе, ки дошт, бо ҳар мусалмони бошахсият мухолиф буд. Яке аз далоили душмании ӯ бо Иқбол ҳамин буд, ки Иқбол бо хонаводаи Сэр Муҳаммад Шафеъ робитаи дӯстона дошт. Мирзо Иҷлолиддин менависад:

«Ман ба Карочӣ рафта будам. Шодӣ Лал ба мулоқоти ман омад ва гуфт, ки Муҳаммад Шафеъ ба Иқбол муҳаббат надорад. Ӯ мегӯяд, ки Иқбол шаробхор аст ва рафтораш ҳам хушоянд нест. Ин ҳарфҳо барои ояндаи Иқбол бад аст. Ҷаноби доктор агар бо ман ҳамкорӣ кунанд, бисёр хуб аст. Ҳангоме, ки ба Лоҳур бозгаштам, ҳар чӣ ӯ гуфта буд, ба ҷаноби доктор ба миён гузоштам. Эшон гуфтанд, ки ҷаноби Мирзо Шодӣ Лал дар фикри худаш аст ва нафъи хешро дар назар дорад. Мо чӣ маразе дорем, ки дар ин кашмакаш дахолат кунем. Мо бо ӯ ҳамроҳӣ ва ҳамкорӣ нахоҳем кард».

Гӯё Иқбол усули насли мусалмонро аз назари ақидатӣ ба кор мебаст. Лекин дар зиндагии шахсии хеш ҳаргиз ба ихтилофоти мазҳабӣ аҳаммияте надод. Ӯ пайвандҳои дӯстии амиқе бо баъзе аз ҳиндуҳо ва сикҳ ҳо дошт ва баъзе аз ҳиндуҳое, ки тарафдори ӯ буданд, аз ӯ барои ислоҳи шеърҳояшон кӯмак мегирифтанд. Сэр Тиҷ Баҳо дар Сипарв чанд моҳ пас аз вафоти Иқбол номае хитоб ба Мавлоно Абдулҳақ – падари забони урду навишт, ки дар он чунин омадааст:

«Аз назари ман ашхосе, ки мегӯянд Иқбол фақат як шоири исломӣ будааст, дар ҳаққи ӯ беинсофӣ раво доштаанд. Ин сухан мусовӣ аст бо маҳдуд кардани доираи кори ӯ. Ин дуруст аст, ки ӯ чизҳои бисёре дар мавриди фалсафаи исломӣ бо азамати исломӣ ва мазҳаби ислом навиштааст, аммо то ба имрӯз шахсе набуда, ки бо гуфтани

ин ки Милтон (Milton) шоири масеҳӣ буда ва ё Калидаса* шоири мазҳаби ҳинду буда, доираи амал ва асари онҳоро маҳдуд кунад. Ва пайравони мазоҳиби дигар ба ин иллат аз қадрдонии ӯ бикоҳанд. Агар ӯ амалкардҳои азими таърихи исломиро баён мекунад (барои мисол шеъре, ки дар боли Ҷабраил дар мавриди Испания навишта шудааст), оё он фақат бар дилҳои мусалмонон асар мегузорад?... Шоирӣ ва фикр як сӯ ва забони ашъор сӯйи дигар. Баҳсе, ки ин рӯзҳо бар сари масъалаи забон ҷорӣ аст, фикри маро ба худ ҷалб карда ва аксар авқот ба ин баҳс тавоҷҷӯҳ мекунам. Ва ба фикр фурӯ меравам, ки бо забоне, ки ин дардҳо, ин қудрату вусъат дар ашъор баён мешавад, чаро бояд ин забонро аз даст бидиҳем? Лекин замона тағйир кардааст ва ранг иваз намуда. Хулоса ин ки вазъ бисёр дигаргун аст ва Худо медонад, ки аз куҷо ба куҷо бирасем».

Ба ҳар ҳол, баҳс дар бораи мусалмонони маъмулӣ ба канор, шахсияте ҳамчун Иқбол, бо вуҷуди салоҳиятҳояш низ дар маърази таассуби ҳиндуӣ ҳамчун Шодӣ Лал қарор гирифт.

Дар ин робита навиштае, ки аз сари нависанда гузашт, ёддоштҳое буд, ки адиби нобино ба номи Вид Меҳта дар бораи хонаводааш ба англисӣ ба риштаи таҳрир дароварда буд. Ин ёддоштҳо дар маҷаллаи амрикоии «Ню Юркер» ба чоп расиданд. Падари Вид Меҳта – Бобуҷӣ бо Сэр Шодӣ Лал дӯстии дерина дошт. Вид Меҳта менависад:[53]

«Бобуҷӣ ва Сэр Шодӣ Лал ба маҳзи мулоқот бо якдигар дар бораи сиёсати маҳаллӣ бо ҳам баҳс мекарданд. Як рӯз аср Сэр Шодӣ Лал ба Бобуҷӣ гуфт: «Ба ман табрик бигӯ бародар, имрӯз ман ду мусалмони панҷобиро аз байн бурдам. Оё медонед, ки дар додгоҳи олӣ вазифаи як қозии мусалмон холӣ буд. Ба ҳар ҳол, олиҷаноб фармондор маро назди худ хонд ва назарамро роҷеъ ба Муҳаммад Иқбол ва Хон Баҳодур Шоҳнавоз (яъне Миён Шоҳнавоз – домоди Сэр Муҳаммад Шафеъ) пурсид. Зеро эшон барои пур кардани ҷойи холии як қозии мусалмон рӯйи ин ду шахс мутолиа мекард. Ман ҷавоб додам, ки чӣ касе мумкин аст Иқболро нашиносад. Ӯ бузургтарин шоири урдуи мост. Ба ҳамин сурат ҳар шахсе, ки бо давлат робита дошта бошад, бо Шоҳнавоз ва кори ӯ, ки узвияти ҳайати муқананаро ӯҳдадор аст, ошноӣ дорад. Аз ин ду нафар ҳар кадом барои ин курсӣ интихоб шаванд, муносиб ҳастанд. Вале олиҷаноб Шумо чаро бо онҳо мусоҳиба намекунед? Пас аз мусоҳиба мо метавонем тасмим бигирем, ки кадом барои ин шуғл муносибтар ҳастанд. Сипас, назди Иқбол рафтам ва ба ӯ иттилоъ додам, ки фармондор хаёл дорад дар мавриди кори қазоват дар додгоҳ бо ӯ мусоҳиба кунад ва бузургтарин рақиби ӯ Шоҳнавоз аст. Ман дасташро гирифтаму бо ҳолате розгуна ба ӯ гуфтам: –Иқбол, ҳангоме, ки бо фармондор мулоқот кардӣ, ба ӯ бигӯ, ки Шоҳнавоз чӣ ҷур одаме аст. Яъне, бигӯ, ки ӯ бо тавоиф ва хонҳо нишасту бархост дорад. Пас аз Иқбол, ба назди Шоҳнавоз рафтам ва ҳамин ҳарфҳоро ба ӯ задам ва ба ӯ гуфтам, ки ҳатман вақте назди фармондор рафтӣ, бигӯ, ки Иқбол бо занони бадкора нишасту бархост мекунад ва барои онон шеър низ месарояд. Ҳангоме, ки мусоҳибаи онҳо тамом шуд, ин ду бо ҳам даргир шуданд. Фармондор баъдан ба ман гуфт: –Чӣ хуб шуд, ки онҳоро интихоб накардам. Ҳарду одамҳои берабте ҳастанд. Лизо имрӯз ман ба фармондор шахси мусалмонеро ҷиҳати курсии қазоват муаррифӣ кардам, ки аз Оллоҳобод аст ва бисёр низ фармонбардор мебошад. Бобуҷӣ рӯйи замин ҷобаҷо шуду гуфт: –Шодӣ Лал, ту муртакиби иштибоҳи бузурге шудай. Иқбол ва Шоҳнавоз ҳарду шахсиятҳои барҷаста ва қобилу машҳуре ҳастанд. Агар Шумо яке аз он дуро интихоб мекардед, то умр доштанд, худашонро мадюни Шумо медонистанд ва бад-ин васила як шахсияти маъруфи панҷобӣ аз дӯстдорони Шумо мешуд. Сэр Шодӣ Лал ҷавоб дод:

* Калидаса – муаллифи аввалин намоишномаи маъруф дар забони санскрит таҳти унвони “Шикантило”, ки онро баъдҳо Козим Алӣ Ҷавон ба урду баргардонд. Калидаса муосири Раҷа Викрмадитя мебошад.

–Дӯстдори ман қозии Оллоҳобод аст. Дигар ман аз Худо чӣ мехоҳам? Бобучӣ гуфт: –Вале Шумо ду мусалмони қудратманди панҷобиро барои ҳама умр ба худ душман кардед. Сэр Шодӣ Лал бо лаҳне таҳқиромез гуфт: –Бигузоред Иқбол ва Шоҳнавоз гардани якдигарро бизананд. Мусалмонони панҷобӣ мустаҳақи ҳамин низ ҳастанд».

Агар ёддоштҳои Вид Меҳта дуруст бошад ва агар ин гуфтугӯ воқеан байни Сэр Шодӣ Лал ва падараш иттифоқ афтода бошад, равшан мешавад, ки бо вуҷуди он ки ӯ як вакили маъруф ва қозиюлқузоти додгоҳи олӣ буда, шахси дурӯғгӯ ва ҳилагару зиштхисол низ будааст. Дар ҳақиқат, Иқбол ва Шоҳнавоз бо ҳам дӯсти самимӣ буданд ва то охирин нафас ин дӯстӣ идома дошт. Илова бар ин, он ду Сэр Шодӣ Лалро мешинохтанд. Бинобар ин, барои Сэр Шодӣ Лал имкон надошт он дуро ба ҷони якдигар биандозад ва водорашон кунад бо ҳам ихтилоф пайдо кунанд ва ё назди фармондор бираванд ва ҳар кадом ба таври ҷудогона аз дигаре бад бигӯяд.

Маъмулан гуфта мешавад, ки даврони англисҳо беҳтар буд ва пас аз ба даст овардани истиқлол меъёри санҷиш, ки англисҳо дар бораи додгустарӣ барқарор карда буданд, дар бораи интихоби қуззот, баъд аз истиқлол ин меъёрро риоят накарданд. Дар интихоби онҳо эҳтиёти лозим ба амал намеомад. Лизо додгустарии мазкур бо шикаст рӯбарӯ шуд. Лекин ин масъала дуруст нест. Дар ҳамон даврони ҳукумати англисҳо ашхоси маккор ва ҳилагар ҳамчун Сэр Шодӣ Лал муддати сенздаҳ сол дар додгоҳи олии Панҷоб ба унвони қозӣ мондагор шуданд ва ҳеҷ кас натавонист зарареба ӯ бирасонад. Ба ҳамин сурат, дар интихоби нодурусти қуззот баъзе мисолҳои дигар ҳам ёфт мешавад. Ҳангоме, ки дар соли 1934 Сэр Шодӣ Лал бознишаста шуд, рӯзномаи «Ҳинду Малоп» дар Лоҳур хабари дурӯғе мунташир сохт, мабно бар ин ки Иқбол хаёл дорад алайҳи Сэр Шодӣ Лал тазоҳурот ба роҳ биандозад. Дар ин масъала Мавлоно Зафар Алихон низ бо рӯзнома ҳамсадо буд. Вале ин дурӯғ бармало шуд ва ин хабари ифтироомез (тӯҳматомез)-ро натанҳо рӯзномаҳои Панҷоб, балки рӯзномаҳои мухталифи мусалмонони тамоми Ҳиндустон низ мавриди нақду баррасӣ қарор доданд. Рӯзномаи «Хилофати Бомбай» дар мавриди давраи қозиюлқузоти и Сэр Шодӣ Лал чунин навишт:[55]

«Сэр Шодӣ Лал қозиюлқузоти кулли додгоҳи олии Панҷоб пас аз анҷоми муддати хидматаш ба Инглистон меравад. Аз тарафи гурӯҳҳои мухталифи мардуми Лоҳур барои эшон тақдирномаҳои фаровоне ирсол мешавад. Бештари ин гурӯҳҳо ҳинду ва сикҳ ҳастанд. Албатта возеҳ аст, ки мусалмонон аз қазовати эшон норозӣ мебошанд. Инҳо ин эҳсосро, ки бисёр низ бачост, доранд, ки ӯ дар даврони хидматаш ҳуқуқи мусалмононро нодида гирифтааст ва ҳаргиз иҷоза намедод, ки дар додгоҳи олӣ мусалмонон намояндае дошта бошанд. Ба ҳамин ҷиҳат ҳеҷ ҷойи гила ва шикояте нест, агар мусалмонон вайро бо ризову рағбат бадрақа накунанд. Рӯзномаи «Малоп» бо лаҳни омиёна эъломияе мунташир сохт, ки Сэр Иқбол мехоҳад тазоҳуроте алайҳи Сэр Шодӣ Лал барпо кунад. Дар ин нақша шахсе ҳамчун Зафар Алихон низ ширкат дошт. Аммо ин нақша бармало шуд. Рӯзномаи «Малоп» бояд бидонад, ки тарзи гуфтори ӯ дар мавриди зуамо (раҳбарон)-и мусалмон бисёр нохушоянд будааст. Ин рӯзнома бояд дар ин тарзи амали худ ислоҳоте ба вуҷуд оварад. Сэр Шодӣ Лал як шахсияти муаззами мамлакатӣ набуд, ки алайҳи ӯ нақшае кашида шавад ва на ин ки ӯ назди мусалмонон арзише дорад, ки бихоҳанд барои ӯ нақшае тарҳ кунанд. Лекин бидуни ҳеҷ шакку шубҳае мусалмонон аз Сэр Шодӣ Лал норозӣ ҳастанд ва аз ӯ шикоят доранд. Онҳо он қадар буздил нестанд, ки алайҳи ӯ тавтеа роҳ биандозанд. Онон ҳар шикояте, ки доранд, ба сурати мундариҷ дар эъломияе баён мекунанд. Борҳо аз ин эъломияҳо дар расонаҳои гурӯҳӣ ва аз тариқи рӯзнома мунташир шудаанд. Сэр Шодӣ Лал ҳамчун Сэр Эдвайер аз ихтиёроти салтанатӣ бархурдор нест,ки мардум тарс дошта бошанд аз ин ки алайҳи ӯ чизе бигӯянд. Ӯ як корманди давлат буд ва ҳар шахсе ин ҳақро дорад, ки то ҳадди мушаххасе аз ӯ шикоят ва интиқод кунад. Мемонад масъалаи маҳрум шудани Иқбол аз қазовати додгоҳи олӣ, ки ҳама аз он огоҳ ҳастанд. Агар Иқбол дар додгоҳи олӣ ба унвони қозӣ интихоб

шавад, ин ифтихоре барои додгоҳ хоҳад шуд ва ба шахсияти Иқбол чизе нахоҳад афзуд. Агар Сэр Шодӣ Лал қозиюлқузоти додгоҳи олии Панҷоб бошад ва ё фармондори Панҷоб, боз ҳам бо тамоми ин ҳарфҳо ба азамати Иқбол нахоҳад расид. Ҳаргиз намешавад ӯро бо Иқбол муқоиса кард. Мақомеро, ки имрӯз Иқбол дорост, Сэр Шодӣ Лал ҳаргиз муваффақ нахоҳад шуд ба он мақоми воло даст ёбад».[56]

Дар ин замон Иқбол натанҳо мавриди ҳамлаи таассуботи ҳиндуҳо шуд, балки ба уламое, ки аз муддатҳо қабл интизори фурсате буданд, то мухолифати хешро бо ӯ бармало кунанд, фурсат даст дод, то алайҳи ӯ фатво содир намоянд. Ин воқеа замоне ба вуқӯъ пайваст, ки байни мувофиқон ва мухолифони Ибни Сауд даргирӣ пеш омада буд ва мусалмонони Ҳиндустон ба ду гурӯҳ – тарафдори ваҳҳобиҳо ва сунниҳо тақсим шуда буданд. Иқбол ба ҳимоят аз Султон Ибни Сауд баёнияе эрод кард ва тайи он баёния аз душманиву адовати уламо интиқод намуд. Дар ин замон шахсе бо номи Муҳаммад Сиддиқ Сиҳорнапурӣ истафтое танзим кард (фатво дод) ва барои Мавлоно Абумуҳаммад Сайид Дидори Алишоҳ – хатиби масҷиди Вазирхон фиристод. Ин шахс, ба қавли Абдулмаҷид Солик, барои ҳаяҷоне, ки дар кофар ҷилва додани дигарон дошт, машҳур буд. Ба тавре ки чандин аз зуамои мусалмононро кофар хонда буд. Дар навиштаи ӯ чунин таҳрир шуда буд:[57]

«Дар мавриди ин масъала уламои дин ва ҳомиёни шаръ чӣ мегӯянд? Шахсе дар қолаби шеър ба офтоб сифоти худоӣ медиҳад ва аз он мурод мехоҳад ва ба охират имон надорад ва паёмбаре ҳамчун Ҳазрати Мӯсо (а)-ро истеҳзо мекунад. Шахсе, ки аз уламои киром ва пирони узом (бузург) бо ановини ношоист ёд мекунад ва барои онҳо шеърҳои мухталиф месарояд. Аз яке аз бузургони ҳинду, ки ӯро Утари* худовандӣ намоянд, бо каламоти имом ва чароғи ҳидоят ном мебарад ва дар таъриф аз ӯ чарби забонӣ меканад. Оё як чунин инсоне кофар аст ё мусалмон? Оё бо ӯ нишасту бархост ва ба ҳар сурат доду ситад ва ғайра ҷойиз аст? Ва касоне, ки қатъи робита бо чунин шахсе накунанд, чӣ ҳукме барои онҳо содир хоҳад шуд? Баён кунед ва аҷр ёбед. Ин ашъор ба шарҳи зер мебошад:

1. ОФТОБ

Эй офтоб ба мо нури шуур бидеҳ,
Ба чашмонамон таҷаллии нури хирад деҳ.
Ту мизони маҳфили вуҷуд ҳастӣ,
Ту Яздони сокинони нишеб, фароз ҳастӣ.
Ту парвардигори зиндагии ҳар чизе
Ту тоҷдори касоне ҳастӣ, ки аз нур зода шудаанд.
Ту на ибтидо дориву на интиҳо,
Нури ту аз ҳар қайду банде озод аст.

2. Аз куҷо омадан ва ба куҷо рафтан имтиёзи уқбои ҳама фиреб аст.
Мо дар ҳар шайъе таҷаллӣ дорем, мо ҳеҷ ватане надорем.
3.Ту эй калим, дар ин хусусияте надорӣ.
Шаҷру ҳаҷр низ бо Худо муҳаббат мекунанд.
4.Ин муршидони худбин дар ғазаби Худо ҳастанд ва Худо миллати туро наҷот диҳад.
Бо хароб кардани мусалмонони ту, ӯ барои худ иззату эҳтиром касб мекунад.
5.Дар таърифи Рам – Худои ҳиндувон мегӯяд:
Дар ин сарзамин ҳазорон фариштахӯ вуҷуд доштаанд,
Номи Ҳинд аз нафаси инҳо машҳур шудааст.
Ҳиндустон ба вуҷуди «Рам» ифтихор мекунад.

* Худое, ки ба сурати инсон рӯйи замин зоҳир мешавад ва дигаронро ислоҳ мекунад.

Касоне, ки аҳли назар ҳастанд, ӯро имоми Ҳинд медонанд.
Эъҷози ин чароғи ҳидоят ин аст,
Ки шоми Ҳинд равшантар аз саҳар аст.
Ӯ шамшербозу марди шуҷое буд,
Ӯ шахсе мунҳасир ба фард дар покизагву муҳаббат буд.

Фатводиҳанда: Пирзода Муҳаммад Сиддиқ Саҳор Напурӣ.

ФАТВО

Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим.

Исми Парвардигор ва Яздон урфан махсуси зоти бори таоло аст. Ва Утор назди ҳиндувон зоида шудани Худост. Дар ин сурат офтобро Яздон ва Парвардигор хондан як куфри возеҳу равшан аст. Ин ки ақида доранд, Худо як чизе мутаваллидшуда, низ тавҳин ва куфр аст. Ин иҳонат ба бузургони дин аст, ки дар ин шеър аз Мӯсо (а) чунин ёд шудааст. Лизо то ҳангоме, ки сарояндаи ин ашъор тавба накунад, тамоми мусалмонон бояд бо ӯ дигар нишасту бархост ва дидор нанамоянд. Дар ғайри ин сурат сахт гунаҳкор хоҳанд буд.

Абумуҳаммад Дидор Алӣ, хатиби масҷиди Вазирхон.

Пас аз ин фатво, мардум аз ҳар сӯй Мавлавӣ Дидор Алиро сарзаниш карданд. Лекин ин интиқоми гурӯҳе аз уламо аз шахсе буд, ки ҷуръат ва шаҳомат ба харҷ дод, то ба мусалмонон дарси «худӣ» бидиҳад ва аз онҳо миллате муттафиқу муттаҳид бисозад.

Поёни ҷилди дуввум

ФАСЛИ ПОНЗДАҲУМ

Кашмакаши амалӣ дар майдони сиёсат

Иқбол, агарчи аз назари фикрӣ ба масоили сиёсӣ гироиши амиқе дошт, вале то соли 1926 амалан дар умури сиёсӣ ширкат накард. Тибқи навиштаҳояш, шояд аввалин касе бошад, ки хоби як қавми муттақҳидро дар Ҳиндустон дидааст.[1]

Ба назар мерасад, ки замоне ӯ ҳомии иттиҳоди ҳиндуву мусалмон будааст, зеро эҳсос мекард, ки ба хотири аҳдофи сиёсӣ байни ин ду қавм иттиҳод лозим аст. Вай дар Конгресс ширкат накард, зеро нимҷазираро ватани миллатҳои мухталиф тасаввур менамуд. Фикри ваҳдати исломӣ низ дар шеърҳои ӯ аз соли 1900 ба мушоҳида мерасад.

Дар даврони иқоматаш дар Инглистон, ӯ як давраи инқилоби фикрӣ ва рӯҳиро аз сар гузаронд, ки дар натиҷа ба таври куллӣ ба тарафи ислом кашида шуд. Иртиботаш бо Анҷумани «Панисломизм» ва ё Кумитаи англисии «Муслим Лиг» дар Лондон бисёр сатҳӣ ва зоҳирӣ буд. Пас аз бозгашт ба Лоҳур, робитаи ӯ бо шохаи музофотии «Муслим Лиг» сирф ҷанбаи фикрӣ дошт.

Сэр Фазл Ҳусайн аз тарафи музофоти Панҷоб қарордоди миёни «Муслим Лиг» ва Конгрессро имзо карда буд, ки он «Мисоқи Лакҳнав» номида мешуд. Иқбол бо ин қарордод мувофиқ набуд. Ӯ дар конфронсҳои ҷунбиши «Хилофат» ва наҳзати адами ҳамкорӣ низ иштирок намекард. Бар асари ихтилофоти назаре, ки байни ӯ ва роҳбарони ин наҳзат буд, Иқбол як давраи танҳоиву гӯшанишиниро аз сар гузаронд.

Иқбол ширкати мусалмононро амалан дар сиёсати нимҷазира кори беҳудаву шӯру шавқи зудгузар ва ё василае барои расидан ба ҷоҳу ҷалолу вазифае медонист ва усулан онро намеписандид. Назари шахсии вай дар мавриди ширкати амалӣ дар сиёсат ин буд:

Тарҷумаи шеър:

Агар ҳавас низ бошад, ҳиммати ҳаракату фаъолият надорам,
Расидан ба ҷоҳу мақом ба талош вобастагӣ дорад.
Ҳазорон шукр, ки рӯҳи ман бисёр ҳассос аст,
Ҳазорон шукр, ки андешаҳоям фитна намесозад.
Аз сухани ман киштзорҳои дилҳо сарсабз аст,
Ҷое ки ҳастам, монанди абре мебошам, ки дарё месозад.
Ин афкори сиёсӣ мубораки худатон бошад,
Аз файзи ишқ нохуни ман синахарош аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин заминаи сиёсии ӯ саволе ба миён меояд, ки чаро Иқбол дар соли 1926 тасмим гирифт, ки дар кори сиёсат амалан ширкат кунад?

Масъала чунин буд: Ӯ дар даврони иқоматаш дар Инглистон, ҳангоме ки усули интихоби ҷудогона барои мусалмонони нимҷазира ба расмият шинохта шуд, ба ин натиҷа расид, ки хатти машйи сиёсӣ ва мактаби фикрии Сайид Аҳмадхон дуруст аст. Бинобар ин аз назари фикриву қалбӣ ба ӯ гироиш пайдо кард. Мантиқу истидлоли фикри сиёсии Сэр Сайид ин буд, ки чун дар нимҷазира мусалмонон дар ақаллият ҳастанд, бинобар ин аз тарси ҷавру зулми аксарият, яъне ҳиндуҳо, ҳолати дифоӣ пайдо намудаанд. Ваҳдати қавмӣ тавассути ҳукумати ҷумҳурӣ фақат дар сурате метавонист бунён гузошта шавад, ки ҳиндуҳову мусалмонон дар давлати марказӣ саҳме дошта бошанд. Вале ба сабаби масоили ақидатӣ, ҳиндуҳо ҳаргиз ҳозир

набуданд, ки чунин вазъро қабул намоянд. Бинобар ин, фикри эҷоди як қавми муттаҳид дар нимҷазира хаёли хому беҳуда буд.[2]

Ин фикр баъди чанде дар назди Иқбол ба шакли ақидаи маҳкаму мустадал (асоснок) даромад. Вай соли 1909 дарёфт, ки дар нимҷазира ҳиндуҳо ва мусалмонон бояд ба таври ҷудогона шахсияти миллии хешро ҳифз намоянд.[3]

Бо таваҷҷӯҳ ба ин ақидаву эътиқод, Иқбол аз тариқи нигориши матолибу ашъор усули ваҳдати исломиро ташреҳ дод. Дар даврони наҳзати адами ҳамкорӣ ӯ эҳсос кард, ки бар ҳама кишварҳои ҷаҳон рӯҳи қавмияти минтақавӣ ва ҷуғрофиёӣ тасаллут ёфтааст. Ва бештар раҳбарони сиёсии мусалмонон дар нимҷазира ё дар сароби иттиҳоди ҳиндуҳову мусалмонон афтодаанд, ё ҷалби назару хушнудии давлати Инглистонро барои расидан ба аҳдофи хеш лозим медонанд. Дар ин марҳала Иқбол бо роҳбарони мусалмонон қатъи робита намуд. Дар ҳар сурат, Иқбол ба музофоти Панҷоб тааллуқ дошт ва мусалмонон дар он аксариятро ташкил медоданд. Бинобар ин, ба таври табиӣ ӯ дар сиёсат равиши таҳоҷумӣ (ҳуҷум)-ро ихтиёр кард, на равиши мудофиавиро.

Саранҷом, ба ин далел тасмим гирифт, ки дар сиёсат ширкат кунад. Ӯ ба хубӣ собит карда буд, ки мусалмонон барои даст ёфтан ба хостаҳои худ дар сатҳи миллӣ, мусалламан, бояд муттаҳид шаванд, то битавонанд дар муқобили аксарияти ҳинду ва давлати Инглистон қарор бигиранд. Агарчи дар қонуне, ки бар асоси ислоҳоти Морлей-Монто («John Morley-Lord Monto» Reforms) соли 1909 ба тасвиб расид, масъалаи интихоботи ҷудогона барои мусалмонон низ ба расмият шинохта шуда буд, вале дар шӯроҳои бахш теъдоди намояндагони мунтахаб маҳдуд буданд. Баъд аз он низ, ба сабаби ҳаводиси гуногун, авзои сиёсии нимҷазира рӯз ба рӯз бадтар мешуд. Лағви тақсими Бангола, ҷанги Либияю Балкан, ҳодисаи Конпур, ширкати Туркия дар ҷанги ҷаҳонии аввал, лоиҳаи Ровлет ва ғайра аз он ҷумла буданд.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин авзои ошуфта, бар асоси гузориши Монтагу Ҷеймс Форд ба сурати ислоҳоти дастурӣ, соли 1919 лоиҳае тасдиқ гардид, ки тибқи он теъдоди курсиҳои намояндагони музофотҳо афзоиш ёфт. Тибқи дастури ҷадид дар аввалин интихоботи минтақавӣ соли 1923 аз Иқбол хоста шуд, ки худро номзади узвият дар Шӯро намояд, вале аз сабаби он ки дӯсташ – Абдулазиз худро номзади ин мақом карда буд, ба муқобила бо вай напардохт. То соли 1926 шикофи амиқе дар равобити ҳиндуҳо ва мусалмонон ба вуҷуд омад. Пас аз итмоми наҳзати адами ҳамкорӣ Конгресс ва конфронси «Хилофат» низ аҳаммияти худро аз даст доданд.

Майдони сиёсат амалан дар дасти «Ҳинду Маҳасбаҳа» ва ҳизби «Сварач» буд, ки ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир набуданд таваҷҷӯҳе ба хостаҳои мусалмонон намоянд. Муслим Лиг ҳамеша хостаҳои мусалмононро ёдоварӣ мекард, вале дар фазои таассуби фирқаӣ ва ихтилофоти амиқу тӯлонӣ ҳеҷ навъ тафоҳуме байни мусалмонону ҳиндуҳо ба чашм намехӯрд ва имкони ҳеҷ навъ созише набуд.

Нақшаи сиёсии музофоти Панҷоб низ қобили таваҷҷӯҳ буд. Дар шаҳрҳо афроди босавод ва мардуми табақаи мутавассит зиндагӣ мекарданд, аммо бештари аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекард, аз ин рӯ, тафовути байни шаҳриҳову деҳотиҳо аҳаммият пайдо кард. Илова бар он, тамоми музофот байни ақвоми мухталиф, мисли ҷатҳо, раҷпутҳо, патанҳо, ағванҳо, кагҳарҳо, гуҷарҳо, муғулҳо ва ғайра тақсим шуда буд. Дар шаҳрҳо низ чунин вазъ ҳукмфармо буд. Дар шаҳри Лоҳур ороинҳо, кашмириҳо, какизаӣ ва ғайра гурӯҳҳои ҷудогона ташкил дода буданд ва ҳеҷ кас бидуни ҳимояти гурӯҳаш қодир набуд, ки дар миёни мардум тарафдор пайдо кунад. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки Иқбол дар рӯзҳои аввали иқоматаш дар Лоҳур бо Анҷумани мусалмонони кашмирӣ вобастагӣ дошт ва барои беҳбуду сару сомон додан ба гурӯҳи кашмириҳо дар ҷаласоти анҷуман шадидан иштирок мекард. Вале ҳангоме ки дар соли 1918 ӯ исбот намуд, ки мусалмонон аз аҳдофи аслии худ дур шуда, дар доми фиреби ақвоми мухталиф афтодаанд, ки он метавонад сиёсати миллиро таҳти таъсир қарор диҳад, аз ин анҷуману ҷаласотҳо канорагирӣ кард.[4]

Ба ҳар ҳол, дар он замон дар Панҷоб ҳеҷ анҷумани сиёсие вуҷуд надошт, ки мусалмононро аз банди таассуботи қабилавию фирқаӣ бираҳонад ва ононро дар сатҳи миллӣ муназзам созад.

Ба назари Ошиқ Ҳусайн Батолуй, Майкл Эдвайер аввалин касе буд, ки бо зарангии хосе мусалмонони рустоҳои Панҷобро дар муқобили шаҳриҳо басиҷ (сафарбар) кард ва дар ин музофот ба ваҳдати мусалмонон шадидан зиён расонд. Саранҷом, ин тақсими зоҳириву сохтагӣ дар умури сиёсии мусалмонон дар соли 1923 боиси ба вуҷуд омадани ҳизби Иттиҳод* шуд. Бунёнгузори ин ҳизб Сэр Фазл Ҳусайн буд. Таҳти таъсири Сэр Фазл Ҳусайн дар шӯрои муқаннана (қонунгузорӣ)-и Панҷоб (Punjab Legislative Council), ҳизби Иттиҳод муваффақияти бештаре ба даст овард. Пас аз густариши ин ҳизб таассуроти қавмию ақидавии байни мусалмонон низ бештар гардид ва миёни мусалмонони шаҳриву рустоӣ девори азиме гузошта шуд.[5]

Дар ибтидои соли 1926 Иқбол тибқи маъмул бо кори ваколат машғул буд. Акнун ӯ бо автомобил ба кор рафтуо мекард ва ронандаи ӯ шахсе бо номи Фирӯз буд. Дар ин замон ӯ машғули таҳияи китоби «Забури Аҷам» буд ва барои донишгоҳҳо низ саволоти имтиҳонӣ таҳия мекард. Дар меҳмониҳои дӯстона ширкат мекард ва роҷеъ ба авзои сиёсии ҷаҳону кишвар ва масоили фалсафию адабӣ баҳсу гуфтугӯ мекард.

Дар ин сол бо супориши Иқбол, Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн дар дабирхонаи музофоти Панҷоб (Punjab Civil Secretary) машғули кор шуд. Ӯ аввал дар шӯъбаи интишорот ва баъд дар шӯъбаи дохилӣ (Home Department) кор кард. Иқбол аз ибтидо ба Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн эътимоду эътиқоди хосе дошт ва ӯро як мусалмони воқеӣ ҳисоб мекард. Боре Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн хост, ки аз кори худ истеъфо диҳад, вале бо исрори Иқбол ин корро накард.

Дар ин давра Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ба навиштани ёддоштҳои худ дар бораи мулоқотҳояш бо Иқбол шурӯъ кард. Дар навиштаҳои Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн бисёр матолиби қобили таваҷҷӯҳе мавҷуд аст. Масалан, дар ҷое ӯ менависад: «Як бор хонуме ошиқи Иқбол шуд ва шурӯъ ба номанигорӣ ба вай карду дархости издивоҷ намуд. Иқбол посухе ба вай надод. Бад-ин сабаб, он хонум шахсеро барои ҷалби назар ба назди ӯ фиристод. Ҳангоме ки робит (миёнарав) пеши Иқбол омад, Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн низ дар он ҷо буд. Дар он замон тамоми дӯстони Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн фикр мекарданд, ки ӯ издивоҷ кардааст, ё не? Соҳиби фарзанд аст, ё не? Иқбол ба он мард таоруф кард, ки биншинад ва сипас, далели омадани ӯро пурсид. Дар ин ҳангом Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн каме дуртар аз онҳо дар ҷустуҷӯи китобе буд. Он мард гуфт, ки ман мехоҳам бо доктор Иқбол мулоқот намоям, кадоме аз шумо Иқбол ҳастед? Иқбол худро муаррифӣ кард. Сипас, он шахс бо лаҳни розгуна изҳор кард, ки аз тарафи фалонӣ барои хостгорӣ омадааст. Иқбол маъзарат хосту ҷавоб дод, ки ман издивоҷ кардаам ва хаёли издивоҷи муҷаддад надорам. Робит вақте ки ҷавоби рад шунид, манзилро тарк кард. Иқбол тафсилоти сӯҳбати худро бо он мард ба Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн гуфт. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн гилаомез гуфт: «Хуб, Шумо ба ман ишора мекардед, ки доктор Иқбол ӯст. Агар Шумо намехоҳед издивоҷ кунед, ақаллан ба фикри ман мебудед!»

Муддате пас аз таваллуди нависанда (Ҷовид) Иқбол тамоми кабӯтарҳои худро ба дӯстонаш тақсим карда дод. Ӯ намехост, ки вақте нависанда (Ҷовид) ба воя мерасад, ба ин кор шуғл пайдо кунад. Авзоъву аҳволи хона хуб набуд, аммо муҳити он ором буд. Сардорбегим хӯроки хонаводаро худаш мепухт ва ба ӯ як хонуми кашмирӣ бо номи Раҳматбӣ кӯмак мекард, ки ҳама ӯро «модарбузург» (бибӣ, модаркалон) мегуфтанд. Раҳматбӣ соли 1913 ҳамроҳи Сардорбегим ба манзили Иқбол омад ва тамоми умр дар хидмати хонавода буд. Чанд моҳ қабл аз вафоташ

* Ин ҳизб аз тарафи онҳое ташкил шуд, ки ба онҳо аз тарафи ҳизби «Иттиҳод» (Unionist Party)-и давлати Инглистон замин дода мешуд.

дар синни 70-солагӣ ба манзили духтараш рафт ва дар ҳамон ҷо соли 1945 вафот кард.

Дар соли 1926 қарор буд, ки интихоботи шӯрои минтақавии Панҷоб сурат гирад. Дӯстони Иқбол бори дигар аз ӯ хоҳиш карданд, ки аз тарафи мусалмонон дар интихобот ширкат кунад. Танҳо вақте ки Абдулазиз Вакил ба ӯ итминон дод, ки натанҳо дар интихобот бо Иқбол муқобилат намекунад, балки ӯро дастгирӣ хоҳад кард, ӯ дар апрели соли 1926 дар бораи омодагии худ ба интихобот эълон кард. Вай зимни ташаккур аз Абдулазиз Вакил гуфт:[6]

«Мусалмонон ба хубӣ медонанд, ки то кунун ман аз ин гуна шуғлҳо гурезон будам. Ва агар ашхоси дигаре ҳозир бошанд, ки ин масъулиятро ба дӯши худ гиранд, ман барои худ кори дигаре пайдо мекардам. Вале акнун, дидани масоибу мушкилоти миллат маро водор месозад, ки доираи фаъолиятҳои хешро васеътар гардонам. Шояд вуҷуди ноқобили ман барои ин миллат муфидтар бошад. Миллате, ки барои хидмат ба он, рӯзҳову шабҳо, тамоми зиндагиямро сарф кардаам».

Агарчи рӯзномаҳои мусалмонии Лоҳур борҳо навишта буданд, ки бояд Иқбол бидуни доштани рақиби интихоботӣ ба унвони узви шӯро интихоб шавад, вале Иқбол ду рақиби интихоботӣ пайдо кард. Яке аз онҳо шаҳрдор (ҳоким, мир)-и Лоҳур буд. Ба ҳар ҳол, Малик Муҳаммад Ҳусайн- раиси шаҳри Лоҳур тасмим гирифт, ки ба нафъи Иқбол аз интихобот даст кашад. Иқбол зимни ташаккур аз вай гуфт:[7]

«Ман ин рафторро қобили ситоиш медонам, ки ҳозир нестед тафриқаи байни мусалмононро бубинед ва ба хотири иттиҳоди муслимин ҳозиред то ин ҳад аз худ исор нишон диҳед. Худованд ба ҳамаи мусалмонон тавфиқ диҳад, ки чунин исорро дошта бошанд».

Вале Малик Муҳаммаддин ба рақобати хеш бо Иқбол идома дод. Аз ин рӯ, Иқбол маҷбур шуд, ки ба майдони ҷанги интихоботӣ дохил шавад. Дар Лоҳур ба тарафдории вай тақрибан 20 ҷаласа доир гашт, ки дар баъзе аз онҳо Иқбол суханронӣ кард. Аз ҳар маҳаллае гурӯҳе аз мардум ба ҳимояти ӯ раҳпаймоӣ карданд. Бисёре аз онҳо эъломия низ мунташир карданд. Дар ҳақиқат, Иқбол дар кори таблиғотии худ барои интихобот пули каме харҷ кард.[8] Малик Муҳаммаддин аз ҳар ҷиҳат дар маъракаи интихоботӣ ба Иқбол ҳамла мекард. Яке аз эътирозоти ӯ ба Иқбол он буд, ки мегуфт, Иқбол ақоиди ваҳҳобӣ дорад. Лекин Муҳаммаддин аҳли тасаннун буд. Ин масъала аз он сабаб ба рӯ баромад, ки баъд аз он ки Иқбол дар «Асрори худӣ» Ҳофизро танқид кард, баъзе аз машоих ӯро душмани тасаввуф хонданд ва гурӯҳе аз уламо ӯро ба кофирӣ фатво дода буданд.

Далели дуввум ин буд, ки Иқбол бо бародарии кашмирӣ (анҷумани кашмириён) робита дорад. Ба сабаби он ки Малик Муҳаммаддин ба қавми ороин* тааллуқ дорад, аз ин рӯ, ороиниҳо бояд барои ҳифозати манофеи хеш аз миёни худашон намоянда интихоб кунанд. Севвумин роҳи муборизаи Малик Муҳаммаддин бадном кардани Иқбол аз рӯйи эъломияҳо буд. 14 ин гуна эъломия ба сурати саволоте рӯйи деворҳо овехта шуданд. Иқбол ба ин эъломияҳо посухе надод. Дар гирдиҳамоиҳое, ки ба тарафдории Иқбол доир мегашт, аз мардум тақозо мекарданд, ки иттиҳоди исломиро ҳифз намоянд, ба қайду бандҳои ғайриисломӣ бародарона поён диҳанд ва аз ихтилофи ақида эҳтироз (дурӣ) ҷӯянд. Дар ҳеҷ ҷаласае алайҳи касе сухане ба миён наоварданд.[9]

Мудири рӯзномаи «Заминдор» дар ҳимояти Иқбол дар як мақолаи таҳлилии худ роҷеъ ба барномаи Малик Муҳаммаддин чунин навишт:[10]

«Оё ин далели бадбахтиву номуродии мусалмонон нест, ки иҷоза намедиҳанд, чунин як шахсияти мӯҳтараме (Иқбол) барои ишғоли чунин вазифаи кӯчаке, мисли узви шӯрои Панҷоб бидуни доштани рақиби интихоботӣ интихоб шавад? Вақте ки

* Шояд ин калима «Аррой» бошад, ки ҷамъи он «Арроиён» аст ва ин калима дар забони урду тағйири шакл карда, ба сурати «ороин» гуфта мешавад.

ҳолу рӯзи мусалмонон ин аст, пас то чи ҳад метавонем ба онҳо ҳақ бидиҳем, ки шикоят кунанд? Хидматгузоре, ки мухлиси миллат бошад ва дар айни замон раҳбари ҳақиқӣ низ бошад, вуҷуд надорад ва дар ҳақиқат, дар байни мусалмонон «қаҳт-ул-риҷол» (қаҳтии сиёсатмадорон) аст.

Миён Абдулазиз Вакил ва Малик Муҳаммад Ҳусайн – раиси Лоҳур бо канорагирии худ аз интихобот ба манфиати Иқбол, собит намуданд, ки бисёр андешаманду огоҳона хостаҳои миллатро дар назар гирифтаанд. Бинобар ин мусалмонон аз самими қалб аз онҳо сипосгузорӣ карданд. Инак, дар муқобили Иқбол як вакиле бо номи Малик Муҳаммаддин, ки чандон иштиҳоре (шӯҳрате) надорад, қарор гирифтааст, ки ҳатто номи ӯро бисёре аз мусалмонон намешиносанд».

Дар эъломияҳое, ки Малик Муҳаммаддин интишор сохт, ҳама ҷо аз ин масъала сухан ба миён овард, ки ман суннӣ ҳастам ва бузургони динро зиёрат кардаам ва ҳадафам танҳо ин аст, ки раъй (овоз)-и аҳли суннатро ба даст орам.

Саволе ба миён меояд, ки оё барои узвияти шӯро меъёрҳои аҳли тасаннун ва ғайра дар оянда мӯътабар шинохта хоҳанд шуд? Шахсе, ки фақат номзади як мақом аст ва то ин ҳад фирқапараст мебошад, чи гуна метавонад пас аз пазириш дар шӯро намояндаи мусалмонон номида шавад? Оё ин ба ин маънист, ки шиаҳову аҳли ҳадис курсиҳои ҷудогонае барои худ бихоҳанд?

Аз як тараф, Аллома Иқбол мегӯяд, ки мехоҳам намояндаи тамоми мусалмонон бошам ва ҳадафи ман ин аст, ки бутҳои фирқаиро бишканам. Аз тарафи дигар, шахсе ҳанафиятро* унвон мекунад ва фикр намекунад, ки мусалмонон ниёз ба фирқа надоранд, балки ваҳдатро мехоҳанд.

Иқбол роҷеъ ба ихтилофҳои миёни мусалмонон дар яке аз суханрониҳояш гуфта буд:

«Агар касе мехоҳад, ки танҳо барои кашмирӣ буданам ба ман овоз диҳад, хоҳиш мекунам, ба ман овоз надиҳад. Фақат ба номи ислом аз шумо мехоҳам ва ман фақат ба овози мусалмон ниёз дорам.»..

Ҳиндуҳо бо вуҷуди ихтилофоти шадиди дохилӣ, ки бо якдигар доранд, ҳангоми интихобот ба ин ихтилофот хотима медиҳанд ва як нафарро бидуни рақиб ба мақом пешниҳод мекунанд.Иттиҳоди миллӣ ин ҳолатро талаб мекунад, ки ҳеҷ кас дар муқобили бузургони кишвар дар мубориза дохил нашавад. Ин мусалмонон ҳастанд, ки бо вуҷуди доштани шахсияти ҷалилулқадр ва азимушшон, монанди Иқбол, наметавонанд ваҳдат дошта бошанд.

Дар ҷаласоту гирдиҳамоиҳое, ки ба тарафдории Иқбол баргузор мегашт, мардум маъмулан ин шеъри Иқболро месуруданд:

Зоҳиран шумо сайид ҳастед, мирзо ҳастед, афғон ҳастед.

Шумо ҳама чиз ҳастед. Ба ман бигӯед, оё мусалмон ҳам ҳастед?

Бисёр гурӯҳҳои сиёсӣ, аз ҷумла, Анҷумани исломии Миён Мир,** Аҳли ҳадис низ Иқболро тарафдорӣ карданд. Маҷлиси «Хилофат» Иқболро беҳтарин номзад қаламдод намуд ва ба ӯ ёрӣ дод. Иқбол бо усули маҷлис розӣ шуд ва маншур (барнома)-и онро, ки ба тариқи зайл буд, имзо намуд:

Тарҷеҳ додани манофеи миллӣ бар хостаҳои шахсӣ ва хушнудии давлат;

Илова бар ҳифозати ҳуқуқи мусалмонон, дар назар гирифтани аҳдофи озодии комили Ҳиндустон ва то вақте ки маҷлиси «Хилофат» ин аҳдофро мадди назар қарор диҳад, бо он дар Шӯро ва ё хориҷ аз он мухолифат накардан;

---

* Яке аз макотиби фиқҳи исломӣ, ки пайравони онро аҳноф меноманд ва пешвову имоми ин мактаб Имом Абуҳанифа Нӯъмон бинни Собит мебошад.

** Ҳазрати Миён Мир аз мутасаввифини маъруфи давраи Шоҳиҷаҳон буд. Вай дар шаҳри қадими Синд соли 957 ҳиҷрӣ ба дунё омад. Номи аслии ӯ Мир Муҳаммад буд. Ҷаҳонгир подшоҳ ва писари ӯ - Шоҳиҷаҳон ҷузви муридони ӯ буданд. Ӯ дар қалбу зеҳни мардуми Панҷоб таъсиру нуфузи бисёр дошт. Ӯ дар соли 1030 ҳиҷрӣ дар Лоҳур даргузашт.

Бо таваҷҷӯҳ ба ҳифозати манофеи умумии ислом, то вақте ки авзои Ҳиндустон тағйир накунад, талош барои идомаи ниёбати фирқаҳои мусалмон идома дода шавад;

Дар Шӯро ҷонибдорӣ кардани гурӯҳе, ки ба усули мазкур алоқаманд бошад.

Ду рӯзномаи кашмирӣ бо номҳои «Сиёсат» ва «Наштар» бо хитобҳои «каззоб» (дурӯғгӯ), «ваҳҳобӣ», «наҷдӣ» (мутакаббир), «душмани ислом» ва ғайра ба Иқбол мухолифат мекарданд, вале бақия рӯзномаҳои исломии Лоҳур ӯро дастгирӣ мекарданд.[11]

Роҳпаймоиҳои зиёде низ барпо шуданд, ки дар онҳо худи Иқбол низ иштирок мекард. Тарафдорони Иқбол бо плакатҳои гуногун шеъру суруд мехонданд ва шиор мегуфтанд. Дар роҳ аз ҳар тараф борони гул меборид. Онҳо аз бозорҳо мегаштанд ва дар яке аз дарвозаҳои Лоҳур* роҳпаймоиро ба поён мерасонданд. Он ҷо Иқбол суханронӣ мекард ва шеър мехонд.[12]

Баъзе аз суханрониҳои Иқбол то ба имрӯз маҳфуз аст. Масалан, дар яке аз онҳо, 11 октябри соли 1926 ӯ гуфта буд:[13]

«...Аҷаб даврае бар сари мусалмонони Ҳинд омадааст. Қарор аст, ки соли 1929 ба ин ҷо як комиссияи салтанатӣ биёяд ва таҳқиқ кунад, ки оё ин кишвар ба ислоҳоту тасҳилот (кӯмаку дастгирӣ) ҳақ дорад ё не? Лозим аст, ки мусалмонон низ дар ин замина бо таваҷҷӯҳи комил амал намоянд, то битавонанд ҳуқуқи худро дарёфт намоянд. Яке аз бузургтарин шароите, ки бояд як узв ё як намоянда доро бошад, ин аст, ки ҳангоми дар миён будани манофеи шахсиву манофеи миллӣ, манофеи шахсиро фидои манофеи миллӣ намояд. Ман ба шумо итминон медиҳам, ки фақат чунин рафтор хоҳам намуд».

23 ноябр дар Лоҳур ва 24 ноябр дар камп (лагер)-и Лоҳур интихобот баргузор гардид. Тарафдорони Малик Муҳаммаддин кӯшиш карданд, ки овозҳои қалбакӣ диҳанд, вале ин амали онҳо фош шуд ва тақрибан даҳ нафар дастгир шуданд. Дар маркази интихоботии Мавҷӣ Дарвоза тарфдорони ду ҷониб бо ҳам даст ба гиребон шуданд ва шахсе яке аз мухолифини худро бо корд захмӣ кард. 24 ноябр дар кампи Лоҳур ҳангоми овоздиҳии қалбакӣ чор нафар аз тарафдорони Малик Муҳаммаддин дастгир шуданд, ки дар байни онҳо бародари хурдии ӯ низ буд. Мухолифини Иқбол фойтуни яке аз тарафдорони ӯро дуздиданд, ки баъди чанд рӯз онро аз дасти тарафдорони Малик Муҳаммаддин пайдо намуданд.

6 декабри соли 1926 натиҷаи интихобот ба Шӯро дар тамоми музофот эълон гардид. Дар он замон миқдори овоздиҳандагон 12 ҳазорро ташкил медод, вале дар интихобот 8500 нафар иштирок карданд. Ба тарафдории Иқбол 5675 нафар ва ба тарафдории Малик Муҳаммаддин 2698 нафар овоз дода буданд. Ҳамин тариқ, Иқбол бо аксарияти овоз пирӯз шуд.

3 январи соли 1927 ҷаласаи ифтитоҳии Шӯрои қонунгузории Панҷоб ташкил шуд. Дар ин ҷаласа аъзои шӯро яке паси дигаре савганд ёд карданд. Дар баъзе рӯзномаҳо чунин хабарҳо чоп шуд, ки гурӯҳе аз намояндагон, ки дар байни мардум маҳбубияти хос доранд, гурӯҳи ҷудогонае бо номи «Гурӯҳи озод» ташкил медиҳанд ва Иқбол роҳбари он хоҳад буд. Интизор мерафт, ки ин дастаи озод бо ҳеҷ ҳизбу ҷамъияте мухолифат накунад, балки тартибе диҳад, ки ҳуқуқи ҳамаи табақоти музофот ҳифз гардад ва аз назари он фарқе байни коргару кишоварз, пулдору бепул, заминдору безамин, деҳотиву шаҳрӣ ва ғайра вуҷуд надошта бошад. Вале чунин гурӯҳе ташкил нашуд. Азбаски Сэр Фазл Ҳусайн дар Шӯро таъсири зиёде дошт, ҳизби «Иттиҳод» дар Шӯро аксариятро доро буд. Иқбол фикр кард, ки агар дар ин

* Лоҳур дар қадим дорои 13 дарвоза будааст, ки номи онҳо ба тариқи зайл аст: Мавҷӣ Дарвоза, Шоҳ Олимӣ Дарвоза, Луҳорӣ Дарвоза, Мӯрӣ Дарвоза, Бҳатай Дарвоза, Таксолӣ Дарвоза, Рӯшноӣ Дарвоза, Мастӣ (Масҷидӣ) Дарвоза, Кашмирӣ Дарвоза, Шеронволо (Хизрӣ) Дарвоза, Лакӣ (Закӣ) Дарвоза, Деҳлӣ Дарвоза ва Акбарӣ Дарвоза.

ҳизб ширкат дошта бошад, шояд тавассути он метавонад хадамоти бештаре анҷом диҳад. Вале пас аз каме ширкат дар ин ҳизб ва дидани амалу фаъолияти он, Иқбол ҳам аз ҳизбу ҳам аз Сэр Фазл Ҳусайн канорагирӣ кард.

Азим Ҳусайн дар зиндагиномаи падараш – Сэр Фазл Ҳусайн гилаомез менависад:[14]

«Интиқодҳое, ки ба Сэр Фазл Ҳусайн ворид мешуд, масъули онҳо Иқбол буд. Зикри аъмоли сиёсии Иқбол ба таври хусусӣ ин ҷо бемаврид аст... Ин ҳақиқат дорад, ки Сэр Фазл Ҳусайн борҳо кӯшиш кардааст ба Иқбол кӯмак кунад. Аз ҷумла, соли 1927, вақте ки дар робита бо ислоҳоти сиёсии оянда, ҳайате барои ҳимояи манфиатҳои мусалмонон бояд ба Инглистон мерафт, пешниҳод кард, ки Иқбол сарвари ин гурӯҳ бошад. Бад-ин манзур маблағи 3000 рупия низ ҷамъоварӣ шуд. Ин кор боис мешуд, ки зиндагии сиёсии Иқбол дар зинаҳои аввал пурқувват шавад. Вале Иқбол аз рафтан даст кашид, зеро ки харҷи чанд ҳазор рупияро раво надид. Ба ҷойи ӯ Чаудҳрӣ Зуфаруллохон омода шуд, ки ба ин сафар биравад. Вай барои худ ояндаи равшанеро интихоб кард. Бори дигар, Сэр Фазл Ҳусайн хост кӯмаки дигаре кунад. Ҳангоме ки маъмурияти Чаудҳрӣ Шаҳобиддин ба унвони раиси шӯро ба поён расид, ӯ Иқболро аз тарафи ҳизби «Иттиҳод» ба ин вазифа пешниҳод кард. Вале Иқбол ба сиёсати ҳизб ва аъзои он эътироз намуд ва дар рӯзномаҳо назари онҳоро танқид намуд. Дар натиҷа ақидаи аъзои ҳизб нисбат ба Иқбол дигаргун шуд ва Чаудҳрӣ Шаҳобиддин бори дигар раиси шӯро интихоб гардид».

Шояд гилаву шикояти Азим Ҳусайн дуруст бошад, вале ояндаи сиёсие, ки Сэр Фазл Ҳусайн барои Иқбол пешниҳод мекард, ҳадди аксар метавонист ӯро як Сэр Фазл Ҳусайн ё Сэр Зуфаруллохони дигар созад. Дар ин сурат Иқбол ҳамчун Иқбол боқӣ наmemонд. Ба ҳамин далел, Иқбол аз рӯйи меъёрҳои Сэр Фазл Ҳусайн амал накард. Ошиқ Ҳусайн Батолуй менависад:[15]

«Иқбол тайи солҳои 1927-1930 узви Шӯрои минтақаи Панҷоб буд. Дар муддати ин се сол ӯ фаъолияти ҳизби «Иттиҳод»-ро мавриди баррасиву таваҷҷӯҳ қарор дод. Масъалаи рустоӣ ва шаҳриро дар Шӯро ҳамин ҳизб ба вуҷуд оварда буд ва сипас даргирӣ бар сари ин масъала тамоми музофотро фаро гирифт.

Тамоми ин рӯйдодҳо аз Иқбол пӯшида намонд. Баъзеҳо эътироз мекунанд, ки чунин як мутафаккири баландпоя, файласуф ва шоире монанди Иқбол набояд ба Шӯро мерафт. Шояд ин эътироз дуруст бошад, вале назари ман ин аст, ки агар Иқбол худ дар Шӯро ширкат намекард ва аз наздик тарзи кори ҳизбро мулоҳиза наменамуд, шояд он коре, ки Худованд барои ӯ дар сарнавишташ қалам зада буд, дар ду соли охири умраш анҷом намедод».

Ҳамин тавр Иқбол дар тамоми муддате, ки узви Шӯро буд, ҳамчун як узви одӣ боқӣ монд. Ӯро дар Шӯро ҳеҷ як гурӯҳе дастгирӣ намекард. Албатта, азбаски вай дар сиёсат амалан қадам бардошта буд, дар ҳамон сол ба вазифаи дабири ҳизби Муслим Лиги музофоти Панҷоб интихоб гардид ва имкон пайдо кард, ки дар корҳои сиёсӣ ва миллии мусалмонони Ҳинд ширкат кунад. Ин муҳимтарин аломати зиндагии сиёсиаш буд.

Январи 1927 Иқбол узви кумитаҳои молӣ ва омӯзишӣ интихоб гардид.[16] 13 феврали ҳамон сол вай барои лоиҳаи ду пешниҳод дар ҷаласаи ояндаи Шӯро тазаккуроте дод.

Аввал ин ки бо назардошти бекорӣ ва бешуғлӣ дар миёни табақаи таҳсилкардаи ҷомеа, бояд ба ин ашхос замин бидиҳанд, то ки дар он кор кунанд. Дуввум ба сабаби он ки давлати Ҳинд музофоти Панҷобро аз молиёт (андоз)-и солона муоф (озод) кардааст, бинобар ин барои костани молиётҳо ҷаласае ба манзури анҷоми таҳқиқот ташкил шавад, ки ин коҳиш барои тамоми молиётдиҳандагон ба таври баробар ва одилона дода шуда бошад.[17]

4 марти 1927 дар толори ҳабибияи Донишкадаи исломӣ ҷаласае ташкил шуд, ки Иқбол раиси он буд. Дар ин ҷаласа Мирзо Башириддин Маҳмуд дар бораи дин ва

илм суханронӣ намуд. Иқбол бо таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъ дар поёни ҷаласа чунин гуфт:[18]

«Дин, фалсафа, физика ва дигар улуму фунун, гарчи роҳҳои ҷудогонае доранд, вале ҳама ба як сарманзили мақсуд мерасанд. Ин фикр, ки дину илм аз ҳам тафовут доранд, фикри исломӣ нест, зеро бозкунандаи даричаи улуму фунун мусалмонон ҳастанд. Дар ҳар сафҳа аз Қуръони Карим инсон ташвиқ шудааст, ки аз тариқи мушоҳидоту таҷрубиёти худ илм биёмӯзад ва охирин назария ин аст, ки қувои фитриро тасхир намояд. Қуръони Карим ба инсон ёд додааст, ки агар одамӣ ба нерӯҳои фитрӣ даст ёбад, қодир хоҳад хоҳад шуд, ки аз ситораҳо фаротар равад (Ояти 23, Сураи «Арраҳмон»).

Дар моҳи марти 1927, зимни баррасии буҷаи музофот, Иқбол чунин ду пешниҳод дод:

Азбаски вазъи молии музофот хуб аст ва пули кофӣ барои корҳои мухталиф вуҷуд дорад, қисмате аз буҷаро ба беҳдошти рустоҳо ва кӯмаки пизишкӣ ба занони он ҷо ҷудо кунанд;

Андоз аз замин кам карда шавад. Тартиби ба ҷойи андоз аз замин гирифтани маҳсулоти кишоварзӣ беинсофӣ буда, он бояд таҷдиди назар шавад ва ҳангоми баррасии он бояд миқдори солонаи маҳсулот ба назар гирифта шавад.

Ҳамчун узви кумитаи омӯзишӣ моҳи марти 1927 ӯ пешниҳод кард, ки дар барномаи таълими ибтидоӣ дарси алгебра низ ҷорӣ карда шавад.

Соли 1927 Сарай Навос Оингарро ба раёсати Конгресс интихоб карданд. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ раиси Муслим Лиг буд. Ҳарду узви маҷлиси марказӣ буданд ва, аз ин рӯ, дар мавриди авзои сиёсии Ҳинд баҳсу табодули назар мекарданд. Сарай Навос Оингар хостори он буд, ки тадбире андешида шавад, то ки ҳуқуқи мусалмонон ҳифз гардад ва шикояти ҳиндувон низ, ки мегуфтанд, интихоботи ҷудогона решаву асоси даогириҳост, рафъ гардад. Барои баррасии ин масъала Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ 20 марти 1927 баъзе аз раҳбарони Муслим Лигро барои ташкили ҷаласае ба Деҳлӣ даъват кард. Сэр Муҳаммад Шафеъ ба унвони раиси Муслим Лиги музофоти Панҷоб дар ин ҷаласа ширкат кард. Илова бар эшон, Мавлоно Муҳаммад Алӣ, доктор Ансорӣ, Сэр Муҳаммад Яъқуб ва чанд нафари дигар низ дар ин ҷаласа ширкат карданд. Дар ҷаласа қатъномаи зерин ба тасвиб расид, ки баъдтар «Пешниҳодоти Деҳлӣ» номида шуд:[19]

- Синдро аз Бомбай ҷудо намуда, онро як музофоти ҷудогона кунанд;
- Дастури ислоҳоти ҷадид дар Сарҳад ва Балуҷистон ба иттилои мардум расонда шавад;
- Дар шӯроҳои Панҷобу Бангола мусалмонон мисли гузашта аксарият дошта бошанд;
- Дар Маҷлиси марказӣ теъдоди намояндагони мусалмон баробари сеяки ҳамаи намояндагон бошад;
- Агар пешниҳодҳои қобили қабул бошанд, мусалмонон бо ҳифзи курсӣ, равиши интихоботи омехтаро хоҳанд пазируфт;
- Дар музофотҳое, ки мусалмонон дар ақаллият ҳастанд ва ҳиндуҳо аксариятро ташкил медиҳанд ва ҳамчунин дар музофотҳое, ки ҳиндуҳо дар ақаллият ҳастанд ва мусалмонон аксариятро ташкил медиҳанд, мисли Синду Сарҳаду Балуҷистон, тасҳилоте фароҳам гардад;
- Ин пешниҳодҳо ғайри қобили тағйир буда, бояд тамоми маводи он якҷо қабул гардад.
- Дар сурати қабул шудани чанд пешниҳод ва рад кардани бақияи он мусалмонон аз талаботи худ дар мавриди интихоботи ҷудогона даст нахоҳанд кашид.

Дар робита бо ташреҳи ин пешниҳодот Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ дар баёнияи худ, ки дар 29 марти 1927 дар рӯзномаҳо мунташир шуд, гуфт:[20]

«То он ҷо ки ба барномаи интихобот вобаста аст, он худ аз худ ҳадафи аслӣ нест. Интихобот агар ҷудогона бошад, чӣ хоҳад шуд? Ва агар омехта бошад, чӣ мешавад? Ҳадафи аслӣ ин аст, ки мусалмонон комилан мутмаин шаванд, ки ҳуқуқу зиндагии миллии онон маҳфуз хоҳад монд. Онҳо бояд итиминон дошта бошанд, ки гурӯҳе, ки аксариятро ташкил медиҳанд. ҳуқуқи онҳоро поймол насозанд ва то вақте ки дар Ҳиндустон як давлати миллии масъул сари кор наёмадааст, аз ҷавру истибдоди аксарият дар амон хоҳанд буд. Нуктаи асосии тамоми ин моҷаро ҳамин аст, ки гурӯҳҳои ақаллият аз ҳифзи ҳуқуқҳои худ бархурдор бошанд. Зимни танзими пешниҳодоти фавқ ҳамин фикр мадди назар буд».

Фалсафаи сиёсии «Пешниҳодоти Деҳлӣ» ин буд, ки дар музофотҳое, ки мусалмонон дар ақаллият буданд, ҳуқуқи онҳо ҳифз шавад ва дар музофотҳое, ки ҳиндуҳо дар ақаллият буданд, ҳуқуқи ҳиндувон ҳифз шавад. Бад-ин тартиб, навъе тафоҳуму итминони вуҷуди мусовӣ дар миёни ҳарду гурӯҳ эҷод шавад, то онҳо натавонанд ба якдигар зиён расонанд. Аз тариқи «Пешниҳодоти Деҳлӣ» раҳбарони Муслим Лиг хостори ба вуҷуд овардани панҷ музофоти аксариятии мусалмонон буданд, то дар муқобили ҳафт музофоте, ки ҳиндуҳо аксариятро ташкил медоданд, каме баробарӣ ба вуҷуд ояд.

Ба ҳар ҳол, вақте ки Сэр Муҳаммад Шафеъ ба Лоҳур бозгашт, раҳбарони мусалмоне, ки дар ҷаласа ширкат надоштанд ва Иқбол ҳам дар байни онҳо буд, дар масъалаи даст кашидан аз интихоботи ҷудогона бо ӯ мухолифат карданд. Нуқтаи назари онҳо ин буд, ки дар Панҷобу Синду Бангола ҳиндуҳо бартарии иқтисодӣ доранд, аз ин рӯ, ҳаргиз нахоҳанд гузошт, ки намояндагони мусалмоне, ки битавонанд ҳуқуқи қавми худро ҳифз намоянд, интихоб гарданд.

Дар моҳи майи соли 1927 ҷаласаи умумии Конгресс ва Кумитаи Конгресс дар Бомбай «Пешниҳодоти Деҳлӣ»-ро қабул кард. Баъд дар Мадрас низ ин пешниҳодот пазируфта шуд. Вале маҷлиси «Ҳинду Маҳасбаҳа» бо «Пешниҳодоти Деҳлӣ» шадидан мухолифат кард. Аз нуқтаи назари онҳо, дар сурати дар Панҷобу Бангола ба расмият шинохтани аксарияти ҳиндувон, бо аксарияти мусалмонон аз Бомбай ҷудо шудани Синд ба шакли музофоти алоҳида, ҳамчунин дар Сарҳаду Балуҷистон ҷорӣ шудани қонуни асосӣ, мумкин буд, ки дар шимолу шарқи Ҳиндустон чор музофоти мусалмоннишин бо ҳам муттаҳид шаванд, ки барои онҳо қобили қабул нест.[21]

Дар аввали моҳи майи 1927 Муслим Лиги музофоти Панҷоб дар Лоҳур ҷаласае ташкил дод. Сэр Муҳаммад Шафеъ роҷеъ ба мухолифати «Ҳинду Маҳасбаҳа» бо «Пешниҳодоти Деҳлӣ» гузориши муфассал дод. Дар ин ҷаласа Иқбол барои таъйиди ақидаи худ роҷеъ ба интихоботи ҷудогона чунин изҳор кард:[22]

«Ман ҳақ дорам бигӯям, ки аввалин шахсе дар Ҳиндустон ҳастам, ки эҳсос кардам, иттиҳоди ҳиндуву мусалмонон амри зарурист. Ва ҳамеша орзу доштам, ки бо иттиҳоди хеш мустақил шавем. Вале имрӯз авзоъ барои интихоботи муштарак муносиб нест. Мусалмонон аз назари теъдод камтар, аз назари иқтисодӣ поинтар ва аз назари омӯзишӣ ақибмонда ҳастанд, вале одамҳои содае мебошанд... Онҳо бояд танҳо ба худ мутттако шаванд».

Бояд ёдовар шуд, ки Иқбол танҳо бо он қисмате аз «Пешниҳодоти Деҳлӣ» мухолиф буд, ки роҷеъ ба даст кашидани мусалмонон аз интихоботи ҷудогона буд. Ба ақидаи ӯ, натиҷаи чунин интихобот дар ҳар сурат ба фоидаи ҳиндуҳо хоҳад буд.

Дар Панҷоб бар асари бархӯрдҳои фирқаӣ вазъият хеле пуршиддат буд. 3 майи соли 1927 дар бозори ҷаъбасозон задухӯрде байни ҳиндуҳову сикҳҳо,* аз як тараф ва

* Оини «сикҳ» яке аз мазоҳиби мӯътабари Ҳиндустон аст ва дар навоҳии ғарбиву Панҷоб пайравони зиёде дорад. Дар соли 1469 дар Панҷоб, дар як хонаводаи ҳинду тифле ба дунё омад, ки Нанак номида шуд. Раҳбари аслии сикҳҳо Гуру Нанак мебошад. «Гуру» ба маънии «муаллим» ва «раҳбар» аст. Нанак дарвеши покдиле буд, ки орзу дошт байни дини ислому кеши ҳинду мусолимат ба вуҷуд оварад. Калимаи «сикҳ» дар Панҷобӣ ба маънои шогирд аст ва пайравони Гуру Нанак аз он сабаб сикҳ

мусалмонон, аз тарафи дигар, ба вуқӯъ пайваст. Сабаби он чунин буд, ки мусалмоне ба як духтари сикҳ ҳамла кардааст. Анбӯҳи мардуми асабонӣ бо ханҷару корд ба мусалмонон ҳамла карданд. Дар натиҷаи ин ҳодиса, мағозаҳо баста шуданд, дар тамоми шаҳр даргириҳо оғоз гардид. Иқбол зуд бо бештари роҳбарони Лоҳур мулоқот кард ва аз мусалмонон хоҳиш кард, ки сабур бошанд, ба мазлумин кӯмак кард ва кӯшиш намуд, ки байни онҳо сулҳ барқарор гардад.

13 майи 1927 бузургони ҳинду, мусалмон ва сикҳи шаҳр эъломияи муштараке содир карданд ва рӯзномаҳои кишварро сабаби бархӯрдҳои фирқаӣ номиданд. Аз ин рӯ, ба ақидаи онҳо, давлат бояд онҳоро таҳти назорати қонунӣ қарор диҳад. Иқбол дар мусоҳибае бо хабарнигори «Муслим Аутлук» (Muslim Outlook) 23 майи 1927 чунин гуфт:

«Агар рӯзномаҳо аз дарҷи хабарҳои нифоқангез бипарҳезанд ва афроди беҳтареро ҷиҳати таҳияи гузориш аз суханрониҳо ва ҳодисоти кишвар интихоб намоянд ва аз муболиға кардани масоили кӯчак ва ранги фирқаӣ додан ба онҳо канорачӯӣ кунанд, арзиши маънавии онҳо бештар хоҳад шуд». Вай изофа кард:[23]

«Мо бояд аз ҷанҷолҳои шаҳри Лоҳур дарс бигирем. Фақат ин ҳақиқат, ки мо барои дифоъ аз худ дар муқобили ҳамдигар ниёз ба ҷалби назари Англистон дорем, ин мавзӯъро равшан месозад, ки мо кучо ҳастем. Муҳим ин аст, ки ин ҳақиқат маро водор сохт, то бори дигар афкору ақоиди сиёсии худро баррасӣ намоям. Мусалмонони Панҷоб, бахусус рустонишинҳо, ки барои миллат монанди сутун ҳастанд, дар ҷаҳл(нодонӣ)-и умумӣ зиндагӣ мекунанд. Ҳеҷ навъ бедории иқтисодӣ ва ё сиёсӣ дар онҳо пайдо нашудааст. Нерӯи миллатро фирқабандиҳову ҷудоиандозиҳо заиф кардааст. Дар натиҷа, мо ба таври куллӣ ғайримунтазам ҳастем. Акнун ба ин натиҷа расидаем, ки аввалин вазифаи мусалмонони ин музофот ин аст, ки ба назми дохиливу ислоҳи худ таваҷҷӯҳ кунанд».

Моҳи июни 1927 «Забури Аҷам» мунташир шуд. Агарчи Иқбол онро дар моҳҳои аввали ҳамин сол ба итмом расонида буд, вале ба сабаби серкориаш онро натавонист зудтар чоп кунад.

19 июли 1927 Сардор Аял Сингҳ дар Шӯро лоиҳае пешниҳод кард, ки тибқи он барои ишғоли вазифаҳои расмӣ озмуни илмӣ анҷом шавад ва бидуни таваҷҷӯҳ ба мазҳаби афрод номзадҳоеро, ки аз ҷиҳати илму фарҳанг болотаранд, интихоб намоянд. Ин пешниҳод аз он сабаб ироа шуд, ки мусалмонон аз назари омӯзишӣ ақибмонда буданд ва дар озмун имкони пирӯзии онҳо бисёр кам буд. Дар мавқеи баҳс, дар бораи ин пешниҳод намояндае, ки ғайримусалмон буд, гуфт: «Ин чиз ба рушди қавми муттаҳид кӯмак хоҳад кард».

Иқбол роҷеъ ба ин мавзӯъ исрор дошт:[24]

«Мутаассифона дӯсти ман Пандит Нанак Чанд ин ҷо ҳузур надоранд. Эшон ба ман гуфта буданд, ки ҳукумат ба табъизи ранг хотима додааст. Аз ин рӯ вазифаҳое, ки қаблан англисҳо ишғол карда буданд, акнун ба ҳиндуҳо ва мусалмонон хоҳад расид. Вале ман ба давлати худ итминон медиҳам, ки ҳукумат иштибоҳи бузурге мекунад. Агар масъулини англисӣ зиёд бошанд, ман ба онҳо хайра мақдам мегӯям (садоҳо: «На! На!»). Ман комилан ба масъулияти худ воқифам, ки чунин масоилро ба забон меоварам ва маънавияти садои «На! На!»-ро низ ба хубӣ мутаваҷҷеҳ мешавам. Садои қавмияти муттаҳид аз кор афтодааст ва шояд то муддатҳои тӯлонӣ ба ҳамин сурат боқӣ монад. Ин калима аз 50 сол пеш то кунун рӯйи забонҳои мардуми ин кишвар ҷорист. Вале он мисли садои мурғи курк аст, ки дигар наметавонад тухм гузорад.

... Ман намедонам, доштани як қавми муттаҳид хуб аст ё не? Онро метавон рад кард. Ба ҳар ҳол, фарз кардем, ки муттаҳид шудану ташкили як уммати муташаккил

номида мешаванд, ки онон зиндагиро мактабе барои омӯзиши чизҳои хуб ва худро шогирдони ин мактаб медонанд.

кори хубе бошад. Дар он сурат, ба ақидаи ман, қабл аз ҳама бояд аз исрофу фоидаи миёнаравӣ дар масоили иқтисодӣ огоҳ намуд ва аз онҳо дархост намуд, ки ба исрофкорӣ роҳ надиҳанд, кӯшиш кунанд, ки даромаде дошта бошанд. Ба ҳамдигар эътимод кунанд, эътимоди ҳамаҷониба байни фирқаҳои мухталиф вуҷуд дошта бошад, Дар ин мавқеъ авзоъ чунин аст, ки фирқаҳо ба якдигар эътимод надоранд. Ҳангоме ки мо ба ҳам мерасем, шурӯъ ба сӯҳбат дар мавзӯи қавмият мекунем ва аз инсонияту ҳама инсонҳо сухан ба миён намеоварем. Чанд рӯз қабл яке аз дӯстонам сӯҳбати ду ашрофзодаи ҳиндуро шунидааст. Яке аз онҳо пурсидааст, ки акнун сиёсати мо чӣ гуна бояд бошад? Дуввумӣ ҷавоб додааст, ки бояд зоҳиран рӯйи лабҳоямон калимаҳои «қавми муттаҳид» нақш бандад, вале ботинан фикрамон бояд ба ҳуқуқи фирқаи худ бошад».

4 декабри 1927 ҷаласае дар мавзӯи ислоҳу беҳбуди вазъи мусалмонон ташкил шуд, ки дар он беш аз 10000 ширкат карданд. Иқбол ба ҳайси раиси ин ҷаласа мусалмононро даъват намуд, ки тиҷорату саноатро тавсеа диҳанд ва ширкатҳои туҷҷорӣ таъсис диҳанд.[25]

8 ноябри 1927 ҳукумати Инглистон дар бораи ташкили Комиссияи Саймон (Simon Comission) эълон намуд. Ин комиссия бо роҳбарии Ҷон Саймон ташкил шуда аз 7 нафар иборат буд. Ҳамаи аъзои он англисҳо буданд. Ин комиссия бояд пас аз ҷамъоварии пешниҳодоти гуногун назароти худро роҷеъ ба қонуни асосии ояндаи Ҳиндустон ба ҳукумати Инглистон пешниҳод мекард. Азбаски дар ин комиссия ягон ҳиндустонӣ набуд, аксарияти раҳбарони сиёсии Ҳинд эътироз карданд. Вале ақидаи Иқбол дигар буд. Ӯ гуфт: «Бидуни шак, напазируфтани мардуми Ҳиндустон дар ин комисиия маънои ҳамла ба шахсияти Ҳиндустонро дорад, вале далели ин бетаваҷҷӯҳӣ, беэътимодӣ ва бадгумониест, ки фирқаҳои мухталиф дар Ҳиндустон дар муносибати байниҳамӣ доранд».[26]

Конгресс дар бораи қатъи робита бо Комиссияи Саймон эълон намуд. Вале дар миёни раҳбарони мусалмон дар ин маврид ихтилофи назар буд. Гурӯҳе тарафдори қатъи робита бо он буданд. Вале Сэр Муҳаммад Шафеъ, Иқбол ва Мавлоно Ҳасрат* тарафдори ҳамкорӣ бо он буданд. Мавлоно Муҳаммад Алӣ ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ аз тарафдорони қатъи робита буданд. Ба сабаби нуфузе, ки Мавлоно Муҳаммад Алӣ дар Конфронси «Хилофат» дошт, ин конфронс қатъи робитаи худро эълон намуд. Ба далели ин ки Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ раиси Муслим Лиг буд, гумон мерафт, ки Муслим Лиг низ қатъи робита кунад. Дар он замон раиси Муслим Лиги Панҷоб Муҳаммад Шафеъ ва дабири он Муҳаммад Иқбол буд. 13 ноябри соли 1927 ҷаласае дар маҳалли иқомати Сэр Муҳаммад Шафеъ доир гардид, ки дар он тафоҳумномае ба тасвиб расид. Тибқи он қатъи робита бо комиссия барои манофеи мусалмонон зарароват арзёбӣ гардид ва ҳамкорӣ бо он пешниҳод гардид. Иқбол дар рӯзномаҳо вобаста ба ин масъала баёноте ба табъ расонд ва сабабҳои асосии ҳамкорӣ бо комиссияро шарҳ дод. Вале Мавлоно Муҳаммад Алӣ ба ин баёния эътироз намуд ва Муҳаммад Шафеъву Иқболро сахт танқид кард. Билохира, декабри соли 1927 Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ якҷоя бо чанд тан аз роҳбарон баёнияи эътирозие ба ташкили чунин комиссия содир намуд ва аз мусалмонон даъват намуд, ки бо он ҳамкорӣ накунанд. Иқбол дар ҷавоби он 8 декабр бо чанд тан аз роҳбарони мусалмон баёнияи муштараке содир намуд, ки дар он гуфта мешавад:[26]

«Чанд рӯз аз судури эъломияи ҷаноби Ҷиноҳ ва чанд тани дигар мегузарад, ки нишонгари беэҳсосии таассуфовари онҳо аз авзои кунунии кишвар аст. Дар ин эъломия ин ҳақиқати бузургро нодида гирифтаанд, ки комиссияи салтанатӣ ба

* Сайид Фазлулҳасан Ҳасрат шоир ва раҳбари маъруфи сиёсии Ҳиндустон (1878-1951) буд. Ӯ пас аз хатми таҳсилот узви Конгресси Ҳиндустон шуд ва дар ҷунбиши «Хилофат» нақши муҳим дошт. Давлати Инглистон ӯро чандин бор зиндонӣ намуд. Муддате узви Муслим Лиг буд. Аз ӯ навиштае чанд боқӣ мондааст, ки «Шарҳи девони Ғолиб», «Нукоти сухан» ва «Девони Ҳасрат» аз ҷумлаи онҳост. Ӯ дар Лакҳнав вафот кард ва дар ҳамон ҷо мадфун гардид.

хотири авзои вахим (пуршиддат)-и ҳозира ба вуҷуд омадааст... Мо оҷизона ба ҳамватанони хеш, умуман ва бародарони мусалмон, махсусан, мегӯем, ки натиҷаи интихоби равиши таҳрим (рад кардан) чизе ба ҷуз надомату пушаймонӣ ба бор нахоҳад овард. Моро лозим аст, аз ҳуқуқе, ки ҳиндуҳо аз додани он ба мо саркашӣ мекунанд, ҳифозат намоем...

Мусалмононе, ки эъломияи Ҷиноҳро имзо кардаанд, асосан аз музофотҳое мебошанд, ки дар он мусалмонон ҳатто ба андозаи намак дар орд низ нестанд.* Равиши онҳо наметавонад барои мусалмонони Панҷобу Бангола қобили қабул бошад... Ҳиндуҳо бояд ба хубӣ дарёфта бошанд, ки мо наметавонем ба ихтилофоти дохилӣ сареан хотима диҳем. Гурӯҳи аксарияти кишвар (ҳиндуҳо) бояд бо канор биёянд ва дар дили мусалмонон нисбат ба худ эътимод эҷод намоянд. Мусалмонон фақат бо амал метавонанд муваффақ шаванд... Мавқеияти ҳассоси қунунӣ тақозо намекунад, ки бигзорем, то эҳсосотамон бар ақлу мантиқ ғалаба кунад».

Ихтилофоти раҳбарони мусалмон дар мавриди муносибат бо Комиссияи Саймон шиддат мегирифт. Ин дуввумин бор буд, ки Муслим Лиги Панҷоб бо раёсати Сэр Муҳаммад Шафеъ ва дабирии Иқбол бо раиси Муслим Лиги кулли Ҳинд, яъне Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ мухолифат мекард. Роҷеъ ба тафсири сиёсати Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ, Иқбол дар баёнияи муштарак бо ҳамроҳии Сэр Зулфиқор Алихон 19 декабри соли 1927 чунин изҳор дошт:[27]

«Мо қаблан низ гуфтаем, ки ақвоми мухталиф даргири саҳнаҳои даҳшатнок барои куштори якдигар ҳастанд, ки дар натиҷа обрӯи Ҳиндустон ба куллӣ аз байн рафтааст.

Мо наметавонем ин масъаларо нодида бигирем, ки аз назари сарват, нуфуз, раҳбарии сиёсӣ ва теъдод қобили муқоиса бо ҳиндуҳо нестем. Ба ҳамин ҷиҳат, то вақте ки мо аз ҳиндуҳо ва давлтати Инглистон ҳуқуқи худро талаб накунем, марги сиёсии мо амри мусаллам аст...

Оқои Ҷиноҳ ва дӯстонашон моро мавриди таъну лаън қарор медиҳанд, вале мо ин масъаларо ба оянда вогузор мекунем, то дар бораи истиқлоле, ки бар асоси манофеи фирқаӣ бар он таъкид дорем, қазоват намоянд».

Ихтилофоти Муслим Лиги Ҷиноҳ ва Муслим Лиги Шафеъ пас аз интишори «Чаҳордаҳ модда»-и Муҳаммад Алии Ҷиноҳ ба поён расид. Дар он чаҳор хостаи Муслим Лиги Шафеъ низ изофа шуд, ки ба шарҳи зер мебошад:

- Музофотҳо ба худмухтории комил ва мусовӣ даст хоҳанд ёфт, яъне тамоми музофотҳо ихтиёроти баробар хоҳанд дошт;
- Тағйироте дар марзҳои музофотҳо анҷом нахоҳад шуд, ки ба аксарияти мусалмонони Панҷобу Бангола таъсири манфӣ гузорад;
- Тамоми ақвом озодии фикр, изҳори ақида, ибодоту русум, таълиму таблиғ дар иҷтимоъ ва ғайраро хоҳанд дошт;
- Дар корҳои ҳукумат ва дигар музфотҳои худмухтор аз мусалмонон низ, монанди ҳиндуҳо, бо назардошти салоҳиятҳои онҳо истифода хоҳад шуд.

«Чаҳордаҳ модда» ба унвони хостаҳои муштараки тамоми аҳзоби сиёсии мусалмонон шинохта шуд. Вале дар гузашта, тақсими Лиг ба ду қисмат ва ё ҳузури аносири мусалмони миллигаро дар Маҷлиси Ҷиноҳ ба таври куллӣ мавқеияти Маҷлиси исломиро заиф карда буд. Бад-ин ҷиҳат, муносиб диданд, ки дар баробари Маҷлиси исломӣ, Конфронси аҳзоби исломӣ низ ба унвони як рукни фаъоли сиёсии мусалмонони Ҳинд ба кори худ идома диҳад.

Дар соли 1929 дар Маҷлиси марказӣ пешниҳоди Сарда (Sarda Bill)** ироа шуд, ки ҳадафи он мамнӯъияти издивоҷи духтарони камтар аз чордаҳсола ва писарони

---

* Зарбулмасали урду ба маънои «хеле кам будан» аст.

** Ҳиндуе, ки дар авоили қарни ХХ-ум барои ислоҳи одоту русуми ҳиндувон пешниҳодоте ба Маҷлиси қонунгузори Ҳиндустон ироа намуд, ки аз он ҷумла, манъ кардани издивоҷ дар синни поин буд. Дар

камтар аз ҳаждаҳсола буд. Уламо ба ин лоиҳа эътироз карданд, вале назари Иқбол дар ин масъала мутобиқ бо шаръи ислом буд. Вай 29 сентябри 1929 зимни тафсире бар ин қонун гуфт:[28]

«...Ислом ба волидайн иҷозат медиҳад фарзандонашонро, ки хурдсол ҳастанд, издивоҷ кунанд. Вале барои мутаваққиф кардани бемориҳои вобаста ба бордории духтарони камсин пешниҳод кардааст, ки то вақте духтар ба синни қонунӣ нарасад, ӯро ба хонаи шавҳараш нафиристанд. Ба ҳамин ҷиҳат, ӯ бар ин ақида буд, ки бояд қонуне танзим гардад, ки волидайни духтарони ноболиғ, ки фарзандонашонро пештар аз синни балоғат мефиристанд, аз рӯйи қонун ҷазо гиранд».

21 ноябри 1929 Лорд Эрвин – ноибуссалтана эълон кард, ки ба манзури баррасии қонуни ояндаи Ҳиндустон, ҳукумати Инглистон Конфронсе ташкил хоҳад дод, ки дар он намояндагони мухталифи Ҳинд иштирок хоҳанд кард. Конгресс ба ин эъломия таваҷҷӯҳе накард, зеро он худро ба адами ҳамкорӣ омода мекард. Вале Иқбол ва чанд тан аз дӯстони сиёсии ӯ онро хуш пазируфтанд. Ӯ дар баёнияи худ 3 ноябри 1929 гуфт:

«Мавқеияти ин Конфронс ба ду шарт вобастагӣ дорад: Аввал ин ки бояд ихтилофоти ҳиндуҳо ва мусалмонон қабл аз шурӯи ин иҷтимои таърихӣ ҳал шавад. Дуввум ин ки намояндагоне, ки дар ин Конфронс ширкат хоҳанд кард, намояндагони ҳақиқии тамоми ақвом бошанд».

Иқбол бисёр дилаш мехост, ки қабл аз ширкат дар Конфронси Мизи гирд ҳамаи мусалмонони нимҷазира муттаҳид гарданд. Баъд ҳам, агар мумкин гардад, байни мусалмонону ҳиндуҳо иттиҳод эҷод гардад. Танҳо дар он сурат Конфронс метавонист натиҷаи дилхоҳ диҳад. Дар робита бо ин ӯ дар ҷаласае чунин гуфт:

«Ба хотири Худо, коре барои ҳифозат аз ҳуқуқи худ анҷом диҳед. Тамоми пойгоҳҳои мутафаррикро бисӯзонед ва як ҷойгоҳи муттаҳид эҷод кунед. Қабл аз ширкат дар Мизи гирди оянда, Конфронсе ташкил диҳед. Фақат ба хотири итмоми ҳуҷҷат, фурсати дигаре ба ҳиндуҳо бидиҳед, то ки агар тафоҳум бо онҳо мумкин бошад, таҳаққуқпазир гардад, ҳарчанд ки ман мутмаин нестам. Инглистон муттаҳид аст ва Ҳиндустони муттаҳид бояд ба муқобила бо ӯ бипардозад».

13 январи соли 1930 Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ хост, ки Шӯрои Лиг ҷаласае ташкил диҳад, то бад-ин тартиб сиёсати Лигро дар Конфронс муайян намоянд ва намояндагони ширкаткунанда таҳти ин сиёсат муттаҳид шаванд ва хостаҳои мусалмононро ироа диҳанд. Шӯрои Лиг тасмим гирифт ҷаласаи умумии Лигро дар Лакҳнав дар 17 августи 1930 ташкил диҳад. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ Иқболро ба раёсати ин маҷлис пешниҳод кард. Сипас, Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ бо Иқбол тамос гирифт ва ӯ низ раёсати ҷаласаро пазируфт. Вале маҷбур шуданд, ки ҷаласаро мавқуф гузоранд, зеро Сэр Фазл Ҳусайн мехост, намояндагонро барои иштирок дар Мизи гирд худаш интихоб кунад ва ба онҳо сиёсати худашро танзим кунад. Аъзои Шӯро ба мавқуф гузоштани ҷаласа розӣ набуданд, зеро онҳо ба Сэр Фазл Ҳусайн шак доштанд, ки ҳадафи ӯ ин аст, ки имконияти ширкати Иқболро дар ин Конфронс аз байн баранд. Агар Иқбол раёсати ҷаласаро ба ӯҳда гирад, онҳо маҷбур мешуданд, ки ӯ ба ҳайси раиси Маҷлиси исломӣ дар Мизи гирд иштирок кунад. Ба ҳар ҳол, Иқбол ин пешниҳодро пазируфт. Баъдҳо, кӯшиш шуд, ки ҷаласа як-ду ҳафта пеш аз оғози Мизи гирд дар Лакҳнав доир гардад. Вале он амалӣ нашуд. Сипас, Банорас ва баъдтар Иҷмир барои ташкили ҷаласа пешниҳод шуд. Ниҳоят, тасмим гирифтанд, ки он 29 декабр дар Оллоҳобод доир гардад.[30]

17 августи соли 1930 шайх Нур Муҳаммад дар Сиёлкут даргузашт. Иқбол барои дафни ӯ ба Сиёлкут рафт ва пас аз баргузории маросим ба Лоҳур баргашт. Шайх Нур Муҳаммад фитратан бисёр диндор, бурдбор, бахшанда, сода ва некнафсу сулҳҷӯ буд.

Ҳинд марсум буд, ки духтарони кӯчаки худро ба ақди пирмардон медаровардand. Ин расм низ аз байн рафт.

Ато Муҳаммад ва Иқбол танҳо чанд чизро аз ӯ ба ирс гирифта буданд, вагарна дар баробари падар ҳарду писар аз назари хулқу хӯй аз замин то осмон фарқ доштанд. Барои санги мазори шайх Нур Муҳаммад Иқбол ин қитъаи таърихиро навиштааст:

Падару муршиди Иқбол аз ин олам бирафт,
Мо ҳама роҳравон, манзили мо мулки абад.
Ҳотиф аз ҳазрати Ҳақ хост ду таърихи раҳил
Омад овоз: «Асари раҳмат»-у «Оғӯши лаҳад».
(1349 ҳиҷрӣ)

13 ноябри соли 1930 аввалин Мизи гирд доир гардид ва 19 январи соли 1931 ба итмом расид. Ба Иқбол ҳаққи ширкат дар он дода нашуд. Бар асари набудани сиёсати ягона дар байни намояндагон, Конфронс ба натиҷае нарасид. Ба ҳар ҳол, сарвазири Инглистон дар бораи ташкили дуввумин Конфронси Мизи гирд хабар дод ва роҳро барои ширкаткунандагон ҳамвор сохт. Мавлоно Муҳаммад Алӣ 4 январи соли 1931 дар Лондон вафот кард. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ бар асари тавтеаҳои ҳукумати Инглистон, ҳиндуҳо ва ё намояндагони мусалмони тарафдори ҳиндуҳо ва инглисҳо ба андозае безор шуда буд, ки аз сиёсат канорачӯӣ кард ва дар Лондон ба кори ваколат пардохт. Танҳо се сол баъд, дар декабри соли 1933 ба Ҳиндустон бозгашт ва соли 1934 тавассути ӯ бори дигар Муслим Лиг эҳё шуд.

ФАСЛИ ШОНЗДАҲУМ

Сафари Иқбол ба ҷануби Ҳинд

Сафари Иқбол ба ҷануби Ҳинд комилан ҷанбаи илмӣ дошт. Дар зиндагии Иқбол наметавон ин сафарро беаҳаммият шумурд, зеро вай дар даврони ин сафар бо суханрониҳои хеш суннатҳои қадимии исломиро ба шакли як фикри ҷадид ироа дод.

Сафари ӯ аз аввалҳои январи соли 1929 оғоз шуд. Ҳамроҳони вай дар ин сафар Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳасан, Абдулло Чиғатоӣ ва Алӣ Бахш буданд. Хушбахтона, Абдулло Чиғатоӣ рӯйдодҳои ин сафарро ба риштаи таҳрир медароварда ва барои рӯзномаи «Инқилоб» мефиристод. Ба ҳамин ҷиҳат, баъзе аз рӯйдодҳои ин сафар маҳфуз мондааст.[1]

2 январ Иқбол ба ҷониби Деҳлӣ раҳсипор шуд ва зӯҳри 3 январ ба Коламбо (Бомбай) расид. Сайид Ҳошим Исмоил – писари Сайид Исмоил дар истгоҳ ба истиқболи онҳо омад, зеро пешакӣ маслиҳат шуда буд, ки Иқбол дар манзили онҳо иқомат хоҳад кард. Ҳамсари Ҳошим Исмоил духтари яке аз машҳуртарин туҷҷори Бомбай – Ҳоҷӣ Юсуф Субҳонӣ буд. Ӯ бонуи таҳсилкардае буд, ки таҳсилоташро дар Олмон ба итмом расонда буд.

Вақте Иқбол хӯрокашро хӯрда шуд, ҳамсари Ҳошим Исмоил китоби шеъри Гётеро бо номи «Фауст» ба назди ӯ оварда ва аз вай хоҳиш кард, ки бо хатти худаш шеъре рӯйи он бинависад. Иқбол ин шеърро навишт:

Калому фалсафа аз авҷи дил фурӯштам,
Замири хеш кушодам ба наштари таҳқиқ.

Сипас гуфт: «Ин ҳамон натиҷаест, ки мебоист Фауст ба он бирасад, аммо нарасид».

Соати панҷи баъд аз зӯҳр Ҳошим Исмоил ба ифтихори Иқбол як зиёфат орост, ки дар он шахсиятҳои бузурги Бомбай ширкат намуданд. Сости 8 шаб Иқбол бино ба даъвати Федератсияи исломии Бомбай барои сарфи шом (хӯроки шом) ба он ҷо рафт ва соати 10 шаб бо поезд ба Мадрас раҳсипор шуд.

5 январи соли 1929 Иқбол ба Мадрас расид. Дар истгоҳ гурӯҳе аз мардум ба истиқболи ӯ омада буданд. Онҳо бештар мусалмононе буданд, ки кулоҳи туркӣ ба сар доштанд. Аксари уламо, фузало, умаро ва руасои Мадрас низ омада буданд. Иқбол ҳамроҳи Сайид Ҷамол Муҳаммад, ки ба истиқболи ӯ вориди поезд шуда буд, бо автомобил ба иҳқоматгоҳи худ – меҳмонхонаи «Босото» рафт. Ин меҳмонхона ба Сайид Ҷамол Муҳаммад тааллуқ дошт.

Соати 4 баъд аз зӯҳр Иқболро ба мадрасаи Ҷамолия даъват карданд. Дар ин мадраса кӯдакони ятиму фақир нигаҳбонӣ мешуданд. Ин мадрасаро падари Сайид Ҷамол Муҳаммад вақф карда буд. Мадраса хобгоҳ низ дошт, ки дар он донишҷӯён ба таври ройгон шабонарӯзӣ зиндагӣ мекарданд. Аз тарафи Сайид Ҷамол Муҳаммад ба онҳо хӯрок низ дода мешуд. Ба донишҷӯён дар ҳудуди 7 рупия дар моҳ дода мешуд, то битавонанд шаҳрияи* худро бипардозанд.

Иқбол соати 5 баъд аз зӯҳр дар толори «Кукҳалӣ» аввалин суханронии худро таҳти унвони «Ислом ва афкори ҳозир» эрод кард. Доктор Супраин – сарвазири

* Пуле, ки ҳар моҳ барои таҳсил пардохта мешавад (А.Б.).

Мадрас вазифаи раиси ҷаласаро анҷом дод. Ӯ пас аз ба поён расидани суханронии Иқбол гуфт:[2]

«Барои ман басе мубоҳот аст, ки бо вуҷуди ин ки ҳинду ҳастам, ба раёсати ҷаласаи суханронӣ дар мавриди фалсафаи исломӣ интихоб шудаам. Ман аз он хушҳолам, ки мебинам, мусалмонони ин музофот нуқтаи назари саҳеҳе доранд. Ислом ба Шарқ, ҳатто ба тамоми ҷаҳон дарси ухувват ва бародарӣ омӯхтааст. Мо, ҳиндувон, бо имтиёзоти қавмӣ ва системаи табақотии худ гирифторем. Мо бояд аз таҳзибу фарҳанги исломӣ дарси ухуввату бародарӣ бигирем.

Ман ин ҷо ба унвони як ғайрибараҳман сӯҳбат намекунам ва на аз ин нуктаи назар хилофи системаи табақотиии ҳиндувон ҳарфе мезанам. Барои ин ки битавонем ҳиндуҳову мусалмонон ва тамоми ақвоми нимҷазираро муттаҳид бисозем, бояд ухуввати исломиро далели роҳи худ бисозем».

Шаб, ҳангоми бозгашт, Сайид Ҷамол Муҳаммад аз Абдулло Чиғатоӣ мақолаи Иқболро барои мутолиа гирифт ва субҳи рӯзи дигар бозгардонд. Ӯ дар мавриди мақола аз Иқбол чанд суол кард ва ҷавобҳои мантиқиву баҷо гирифт. Сайид Ҷамол Муҳаммад фақат як тоҷири байналмилалӣ ва барои мусалмонони Ҳиндустон ношинохта набуд, балки олими фозилу баландмартаба низ буд. Иқбол бо тамҷид аз дониши ӯ гуфт:

«Худоё, ин инсон солона даҳ миллион рупия тиҷорат мекунад, пироҳану шалвори сода мепӯшад ва дар бораи ҳақиқати рӯҳу модда ба забони урдуву англисӣ баҳс мекунад. Ӯ дар ин фикр аст, ки таълимоти қадиму ҷадиди мусалмононро бо ҳам иртибот диҳад ва ислом дар шаъни аслии хеш дар дунё зоҳир шавад. Мусалмонон ниёз ба чунин афрод доранд ва то вақте ки ин навъ ашхосро наёбем, расидан ба аҳдоф малол аст».

Иқбол то 8 январи соли 1929 дар Мадрас монд. Ин 4 рӯз барои ӯ бисёр рӯзҳои серкорӣ буд. Рӯзи 6 январ дуввумин мақолаи худро бо номи «Таҷрибиёти диниву таҷаллиёт ва кашфу илҳомоти фалсафӣ» эрод кард. Субҳи ҳамон рӯз мусоҳибае низ бо намояндаи рӯзномаи «Сваражия» дошт, ки тайи он гуфт:

«Динро муқаддамтар аз савороҷ* медонад. Ҳукумате, ки бо дин робита надошта бошад, ӯ ҳеҷ тамоиле ба он надорад. Вале бо ин васф мардуми Осиё, равиши моддапарастона (материалистона)-и Аврупоро наметавонистанд аз назар дур бидоранд. Бад-ин ҷиҳат, барои онҳо муҳимтарин масъала ин аст, ки роҳе биёбанд, то умури модӣ ва маънавиро якҷо ҷамъ кунанд».

Дар посух ба саволе марбут ба панисломизм чунин гуфт:

«Дар мавриди ин калима иштибоҳоти бисёре байни Аврупо ва Осиё ба вуҷуд омадааст. Аввалин бор ин истилоҳро як рӯзноманигори фаронсавӣ истифода кард ва ҳадафи ӯ огоҳ намудани Аврупо аз иттиҳоди мусалмонон буд. Бад-ин сабаб, ин калима низ монанди ҳуҷуми нажоди зард буд, ки барои ноил шудан ба ин мақсуд ба вуҷуд оварда шуда буд. То он ҷое ки ба маънои он иртибот ҳосил мешавад, ҳеҷ ҳаракате аз панисломизм ба чашм намехӯрад. Профессор Браун – устоди донишгоҳи Кембриҷ низ ин фикрро беасос ба исбот расонида буд. Агар ин калима маънӣ дошта бошад, ҳамин бас, ки бигӯем таърифи дигаре барои «Куллу муслимин ихватун»** – ухуввати исломӣ аст. Калимаи панисломизм дар китоби луғат мавҷуд нест, зеро ки ислом номи он таҷрибаест, ки қадам аз насл, ранг, забон ва тобеият фаротар ниҳодааст ва дар ҷиҳати якҷо намудани инсонҳо ба кор гирифта шудааст».

7 январ Иқбол мақолаи севвуми худро эрод кард. Ҳамон рӯз Анҷумани занони мусалмони Мадрас ӯро ба ҷаласаи худ даъват кард. Раиси ин ҷаласа хонуми Абдуссалом буд, ки ҳамсараш раиси почтаи марказии он ҷо буд. Ба Иқбол тақдирномае тақдим карданд. Бино ба гуфтаи Абдулло Чиғатоӣ, тамоми хонумҳо

* «Сва» ба майнии «худ» ва «раҷ» ба маънии «ҳукумат» аст.

** Ояти 10, сураи «Ҳуҷурот»: «Иннамо-л-мӯъминуна ихватун».

дар паси парда буданду Иқбол он тарафи парда нишаста буд. Дар сипоснома аз хадамоти динӣ, илмӣ ва адабии Иқбол чанд ҷумлаи зер навишта шуда буд.[3]

«Аз Шумо истидъо дорем, каме аз вақти гаронбаҳои худро барои мо, ки асирони қафас ҳастем, вақф кунед ва барои озодии шаръии табақаи занони мусалмон нағмасароӣ кунед. Вазъи мо – асирони қафас ногуфта равшан аст. Ба ҳамин ҷиҳат, барои ҷилавгирӣ аз ин масъала шеъре ҳаяҷонангез бисароед, то эҳсосоти хуфта бедор шаванд. Мо мадюни Мавлоно Ҳолӣ ҳастем, зеро ки дар солҳаи аввали қарни XIX шеъри эшон дар бораи занҳо мақоми ононро бисёр боло бурд. Он ашъор таҳти унвони «Чап ке дод» ба иззати мо афзуд. Ашъори Ҳолӣ дар хонаводаҳои исломӣ шӯълаи озодии занонро ба вуҷуд овард, вале боз ҳам хонаводаҳое ҳастанд, ки ҳатто номи озодӣ ба гӯшашон нарасидааст, дар сурате ки дар ҷаҳон таваққӯот (умеду омол)-и зану мард яксон мебошад. Ва ислом низ таълими мусовот додааст (ояти 35, сураи «Аҳзоб»). Мутаассифона, мулоҳиза мекунем, ки аз тарафи мардон ҳуқуқи занон поймол мешавад. Мо аз Шумо тақозо мекунем, ки мавзӯъро равшан ва далоили ин корро баён кунед. Мо намехоҳем бигӯем, ки бародарони мо, ки зодаи модарон ҳастанд, бисёр золиму саффок (хунхор) ҳастанд, балки аз ин масъала ранҷ мебарем, ки решаи беинсофӣ ва поймол кардани ҳуқуқи зан аз манозили волидайни худи онҳо оғоз мешавад. Падару модар дар робита бо ҳарду – писару духтар роҳи ифроту тафрит (азҳадгузаштагӣ)-ро пеш гирифтаанд ва ин фарқро бо мо парвариш медиҳанд. Дар баробари писар, духтарро илова ба маҳрум кардан аз хӯрду хӯрок, дар мавриди тақсими амлок низ маҳрум мекунанд. Агар аз бадшиносӣ духтаре бева шавад, падару модари ситамкор ба номи дифоъ аз шарафи хонаводагӣ, ӯро аз издивоҷи нав маҳрум менамоянд ва ӯро мӯҳтоҷи бародарону амакҳо намуда, дар ҳақиқат, зинда ба гӯрашон мекунанд. Дар ҳоли ҳозир, ҳама ҷо садои озодии занон баланд аст. Асари бачову амиқи таълимоти ҷадид возеҳу равшан аст, ки занони мусалмон ба ҳуқуқи шаръиву ҷойизи худ, ки озодиву мусовот аст, даст ёбанд.

Рӯҳи зиндаву содиқи ислом дар ҳиҷоби исломист ва ҷинси латиф зинда дар оташ месӯзад ва хокистар мешавад, то исори худро ба исбот расонад. Дар хотима, аз ин ки вақти Шуморо гирифтем, узр мехоҳем. Бо умеди ин ки дар ояндаи наздик барои беҳбудиву озодии табақаи занон назме бисароед ва бо ин амал барои ҳамеша занонро аз худ мамнуну муташаккир намоед».

Ҷавоби Иқбол, ки хушбахтона, маҳфуз мондааст, чунин буд:[4]

«Ақидаи ман ин аст, ки занон қодир ҳастанд кайфиятҳо (хислату хусусиятҳо)-ро беҳтар ҳифз кунанд... Гарчи дар даврони таназзулу инҳитот ҳуқуқи занон поймол шуд ва мардон аз ҳифзи ҳуқуқи занони мусалмон ғафлат намуданд, вале занҳо бо вуҷуди ин ҳама зулм, ба анҷоми вазифаи худ идома доданд. Ҳеҷ шахсе вуҷуд надорад, ки асароти тарбияти модари хешро дар худ наёбад ва ё муҳаббати хоҳаронаш бар дили вай ҷой надошта бошад. Он шавҳарони хушбахте, ки зани хубу порсо доштаанд, хеле хуб медонанд, ки вуҷуди зан барои иртиқоъ (болоравӣ)-и мард то чӣ ҳад муассир аст. Лозим нест як бори дигар бигӯям, ки дар ислом зану мард мусовӣ ҳастанд. Ман ин масоилро аз оятҳои Қуръони Карим дарёфтаам. Баъзеҳо бар ин ақида ҳастанд, ки мардҳо аз занон бартаранд. Ояте, ки ба шарҳи зер мебошад, мӯҷиби шак аст: «Ар-ричолу қаввомуна ало-н-нисои»*. Аз назари муҳовараи арабӣ, ин тафсир дуруст нест, ки мард аз зан болотар аст, аз нуқтаи назари дастурии забони арабӣ, сифати тафсилӣ калимаи қоим ва қавом мебошад, ки маънои муҳофизатро медиҳад, яъне мардон муҳофизи занонанд. Тавре ки дар ҷойи дигар низ Қуръони Карим мефармояд (ояти 183, сураи «Бақара»), ҳамон тавре ки либос барои маҳфуз нигоҳ доштани бадан аст, мард низ муҳофизи зан аст. Ва дигар ҳеҷ фарқе байни зану мард нест. Дар қуруни гузашта занҳо дӯш ба дӯши мардон ба ҷиҳод мепардохтанд.

* Ояти 34, сураи «Нисо»: Мардон коргузорони занонанд ба хотири бартариҳое, ки Худованд барои баъзе насиб, ба баъзеи дигар қарор додаст.

Дар замони хулафои Аббосӣ, замоне хоҳари халифа ба унвони қозиюлқузот машғули кор буд ва худ метавонист фатво содир кунад. Ҳоло тақозои ҷомеа ин аст, ки занҳо ҳаққи овоз додан дар интихоботро дошта бошанд.

Зан нисбат ба мард ва мард нисбат ба зан вазоифи ҷудогонае доранд. Вале ин ба он маънӣ нест, ки зан поинтару мард болотар бошад. Ихтилоф бар асоси далоили дигаре аст. Хулоса ин, ки то он ҷое ки ба мусовот марбут аст, дар ислом фарқе миёни зану мард вуҷуд надорад. Ихтилофи байни онҳо ба далели ниёзҳои иҷтимоӣ аст. Қабл аз ҳар чиз ба ин масъала таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки модар ҳақ дорад, виросат (ворисият)-и фарзанди худро ба ӯҳда бигирад. Ислом инро низ эълом намудааст, ки зан метавонад ба таври ҷудогона молики ҳама чиз бошад.

Дар бисёре аз кишварҳои Аврупо занон ҳаққи моликият надоранд. Як модари англис ҳоло ҳам ҳаққи вилоят (соҳибият)-и авлоди хешро надорад, дар сурате ки ин ҳақ дар ислом ҳамеша вуҷуд доштааст. Дар тамоми ин умур миллатҳои аврупоӣ аз ислом пайравӣ мекунанд... Дар Аврупо талоқ гирифтан мушкил буд, дар байни мусалмонон ин ишкол ҳаргиз вуҷуд надошт. Ин эътироз низ вуҷуд дорад, ки мегӯянд: «Зан дар ислом монанди мард ҳаққи талоқ надорад». Шояд надонед, ки уламои мо ин масъаларо тавзеҳ додаанд: ҳангоми ақд зан метавонад бигӯяд, ки ҳаққе, ки ислом дар мавриди талоқ ба мард додааааст, ҳамонро ба ман ё ба яке аз ақвоми наздики ман бидиҳед, то ба ақд мувофиқат кунам. Шумо дар сипосномае, ки ба ман додаед, худро «асирони қафас» номидаед. Бо хондани ин калима ба ёди наҳзати он даста аз занони ғарбӣ афтодам, ки дар Туркия ё дар Аврупо аз калимаи «Озодӣ аз султаи мардон» (Ennancipation) таъбир мекунанд. Бояд бубинем, ҳарфҳое, ки бо қуюд (монеаҳо, маҳдудиятҳо)-и лафзӣ таъбир мешаванд, дар асл қуюд ҳастанд ё не? Дар мавриди ҳиҷоб аҳкоми исломӣ равшан аст (оятҳои 30 ва 31, сураи «Нур»). Дастур ин аст, ки чашмҳоро ба зер афканем, зеро ки дар зиндагии инсон замоне пеш меояд, ки зан маҷбур мешавад дар муқобили як марди номаҳрам қарор бигирад. Ин дастур махсуси ин мавқеият аст. Дар мавқеъҳои дигар аҳкоми дигаре ҳаст. Дар робита бо масъалаи ҳиҷоб дастури умумӣ ин аст, ки зан зинати хешро зоҳир накунад. Ислом дастури тааддуди завоҷот (бисёрзанӣ)-ро надодааст, балки фақат иҷоза додааст (ояти 3, сураи «Нисо»). Ин дуруст аст, ки мардони мусалмон аз ин иҷоза сӯйиистифода мекунанд. Тақсири усул ва қавонин дар ин робита чист? Ҳангоме ки ба далели ҷанг теъдоди мардон коста мешавад, барои ҳифзи ояндагон лозим мешавад, ки мардон беш аз як ҳамсар ихтиёр кунанд. Қуръони Карим низ бо таваҷҷӯҳ ба ин масолеҳи иҷтимоӣ ин иҷозаро додааст. Ба ҳамин чиҳат, дар фиқҳ байни «фарз»-у «иҷоза» фарқ гузошта шудааст. Иҷозаро метавон тарк кард, вале фарзро ҳаргиз наметавонем тарк кунем. Агар ҳангоми маросими ақд зан аз мард бихоҳад, ки иҷозаи тааддуди завоҷотро, ки Қуръон ба ӯ додааст,аз ҳаққи худ кам кунад, ҳаққи ин корро дорад. Дар ин робита гилае низ ба падарони духтарон баён мекунам. Он ин аст, ки онҳо ба ҳангоми маросими ақд ҳуқуқи занҳоро ба назар намегиранд. Шикояти дигари ман аз худи занҳо аст. Ногуфта намонад, ки чаро дар мавқеи лозим занҳо аз мардҳо ҳаққи худро аз роҳи қонун талаб намекунанд? Чаро аз бародарони худ саҳми моликияти худро талаб намекунанд? Мутаассифона, дар Ҳиндустон қавонини исломӣ иҷро намешавад, то ин навъ масоил бо кӯмаки шаръи исломӣ ҳал шавад. Аз 500-600 сол пеш шаръи ислом рокид (шахшуда) мондааст. Касоне, ки тобеи қавонини Инглистон ҳастанд, қодир ба дарки шаръи исломӣ намебошанд.

Китобҳои фиқҳи машҳуре вуҷуд дорад, ки дар ҳудуди 500-600 сол пеш навишта шудаанд. Фатвоҳое, ки дар он замон содир шудаанд, бо авзои он замон низ созгор будааст. Авзоъ имрӯз тағйир ёфтааст. Ҳоло бояд бо таваҷҷӯҳ ба ин авзоъ диққати бештаре ба масоили шаръӣ дошта бошем... Агар занҳо омода шаванд, то ҳатталимкон аз ҳуқуқи худ дифоъ кунанд ва ҳаққеро, ки шаръи ислом барои онҳо қарор додааст, аз мардон бигиранд, ростӣ, зиндагии мардҳо талх хоҳад шуд. Хонумҳо метавонанд бобати тағзияи фарзандон бо шири худ ҳуқуқ дарёфт кунанд.

Ҳатто бобати пухтупаз низ метавонанд тибқи қонун дастмузд талаб кунанд. Шумо ба мардҳо мегӯед «хато кардаанд», дар сурате ки оё худи шумо орӣ аз ҳар навъ хатоӣ ҳастед? Шумо бояд бо қотеият барои гирифтани ҳуқуқи худ кӯшиш кунед... Он ҳаққеро, ки зан бо инсофу ақл метавонад ҳар вақт, ки хоҳад, талаб кунад, Қуръон ба ӯ додааст. Озодиро бо бебанду борӣ омехта накунед, башарият ҳаргиз ба бебанду борӣ иҷоза намедиҳад ва инсони боақл ҳаргиз онро намехоҳад. Мо бояд ин андешаро дар миёни умуми мусалмонони кишвар ба вуҷуд биёварем, то вақте ҳуқуқи зан дар зиндагии ояндаи ӯ таъйин нашудааст, сиғаи ақд низ ҷорӣ нашавад. Ин ҳаракат бояд бо шиддати тамом оғоз шавад. Ҳамон тавре ки гуфтам, занони мусалмон метавонанд аз беҳтарин суннатҳои қавми мусалмонро ҳифозат кунанд, ба шарте ки роҳи оқилонаву дурусти ислоҳро ихтиёр кунанд, на ин ки аз занони Туркияву дигар кишварҳои Аврупо тақлид кунанд... Шумо набояд ба дунболи калимаи «озодӣ» биравед, балки бояд рӯйи мафҳуми саҳеҳи ин калима хуб фикр кунед. Мо комилан озодии аврупоиро дидаем, таҳзиби аврупоиро мо зоҳиран мебинем. Вале агар бихоҳем онро ботинан мавриди баррасӣ қарор бидиҳем, мӯ ба танамон рост хоҳад шуд... Мо бояд кӯшиш кунем, ки аз қайди русуми ҳаққушона раҳо шавем».

Пас аз ба итмом расидани баёноти эшон, хонумҳо аз ӯ хостанд, то барои онҳо яке аз шеърҳояшро хонад. Вале Иқбол узр хосту гуфт, ки шеъре аз ёд намедонад ва китоби шеърҳояшро низ бо худ нагирифтааст. Бо гуфтани ин сухан чанд нусха аз китоби «Бонги даро» аз пушти парда берун афтод. Иқбол маҷбур шуд шеъри «Фотима бинти Абдулло»-ро аз он хонад.

Иқбол дар даврони иқоматаш дар Мадрас аз мадрасаи Ҷамолия, Анҷумани тараққии урду, китобхонаҳо, Анҷумани забони урду, Донишкадаи давлатии Муҳаммадӣ, Анҷумани Ҳилоли Аҳмар ва ғайра сипосномаҳо дарёфт намуд ва дар он ҷойҳо суханронӣ намуд.

8 январи соли 1929 Сайид Ҷалол Муҳаммад ба меҳмонхонаи «Босото» омад ва ба унвони махориҷи сафар ва ҳаққулзаҳмати суханрониҳо ба Иқбол ба иловаи як чек, шоли пашмии кашмирии нафисе низ ҳадя намуд. Ҳамин тариқ, ба Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ва Алӣ Бахш низ як шоли кашмирии пашмин ҳадя карданд. 9 январ Иқбол аз Мадрас ба Бангалур омад. Ӯро дар истгоҳи роҳи оҳани Бангалур хуш истиқбол карданд. Дар байни истиқболкунандагон Сэр Мирзо Исмоил – сарвазири иёлати Майсур, Ҳоҷӣ Сайт* Абдулғафур, Маҳмудхон Маҳмуди Бангалурӣ ва бисёр дигарон буданд.[5]

Ҳоҷӣ Сэр Исмоил Сетҳ барои истиқболи Иқбол ба истгоҳи роҳи оҳани Мадрас омада буд, то аз ӯ хоҳиш кунад, ки ҳангоми сафар ба Бангалур дар манзили ӯ иқомат гузинад. Ҳамин тариқ Иқбол ба манзили ӯ рафт.

Ҳоҷӣ Сэр Исмоил Сетҳ яке аз руасои бузурги Бангалур буд. Вай бунёнгузори бемористони занон буд, дар таъмири бисёре аз масоҷид саҳм гирифта буд ва дар Бангалур шӯҳрати фаровон дошт. Вай як тоҷири байналмилалӣ ба шумор мерафт ва бештар кору бораш бо англисҳо буд.

Соати 10-и субҳ дар китобхонаи Муслими Бангалур воқеъ дар хиёбони Гандӣ аз тарафи Донишгоҳи исломии Бангалур ҷаласае барпо гардид, ки дар он Иқбол суханронӣ намуд. Ӯ бештар ба мавзӯи таълими донишӯён сӯҳбат намуд.

Асри ҳамон рӯз дар саҳни Донишкадаи улум ва ҳунарҳои зебо ҷаласаи дигар барпо гардид, ки дар он донишҷӯёни зиёди мусалмону ҳинду ширкат намуданд. Дар ҳамин ҷо ба Иқбол хабар доданд, ки рӯзи дигар ҳангоми зӯҳр, автомобили махсуси маҳарачаи Майсур барои бурдани ӯ хоҳад омад.

10 январ Иқбол ба Майсур рафт. 11 январ онҳо ба зиёрати мазори Типу Султон рафтанд. Дар Гунбади Султонӣ се мазор вуҷуд дорад, ки дар онҳо падару модари Типу ва худи ӯ хобидаанд. Дар миёни қабрҳо ва чор девори атрофи онҳо ашъоре ба

* Калимаи ҳиндӣ ба маънои шахси сарватманд аст.

забони форсӣ дар хусуси шуҳадо ҳаккокӣ шудааст. Султон Типу соли 1213 ҳиҷрӣ (1799 милодӣ) шаҳид шудааст. Таърихи шаҳодати ӯро аз қитъаи шеъре бо номи «Шамшери гумшуда» метавон ёфт. Пас аз зиёрат шахсе аз ҳамроҳон аз Иқбол пурсид, ки оё зиёрати мазори Типу ба ӯ илҳом бахшид ё не? Иқбол посух дод, ки дар канори мазори эшон ҳатто як лаҳза аз вақти ман беҳуда нагузашт. Сипас гуфт: Ин паём ба ман илҳом бахшид:

Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,
Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист.

Ин шеър ишорае ба як воқеае буд, ки чанде қабл аз шаҳид шудани Султон Типу рӯй дода буд. Он рӯз як машире ба Султон гуфт, ки бо англисҳо сулҳ кун. Султон ҷавоб дод, ки як рӯзи зиндагии шер беҳтар аз сад соли зиндагии шағол аст.[6] Иқбол дар миёни роҳ чор байти дигар аз шеърро низ танзим кард, ки бар асоси эҳсосоти дарунии ӯ буд. Ва ин абёт дар ҳеҷ кадом аз маҷмӯаи ашъораш шомил нашуд:[7]

Оташе дар дил дигар бар кардаам,
Достоне аз Дакан овардаам.
Дар канорам ханҷари ойинафом,
Мекашам ӯро батадриҷ аз ниём.
Нуктае гӯям зи Султони шаҳид
З-он ки тарсам, талх гардад рӯзи ид.
Пештар* рафтам, ки бӯсам хоки ӯ –
То шунидам аз мазори поки ӯ:
Дар ҷаҳон натвон агар мардона зист,
Ҳамчу мардон ҷон супурдан зиндагист!

Пас аз он Иқбол ва ҳамроҳонаш ба дидани ҷойҳои ҷолиби шаҳр, аз қабили Қалъаи Срирангапатнам, Давлатбоғ, масҷиде, ки Султон Типу дар он ҷо ба шаҳодат расида буд ва садди Ковирӣ (обанбор), ки хишти аввали онро Султон Типу гузошта буд, рафтанд.

12 январ Иқбол барои боздид ба Донишгоҳи Майсур рафт ва худи ҳамон рӯз ба Бангалур баргашт. Субҳи рӯзи дигар ба Ҳайдаробод рафт. Донишгоҳи Усмония ӯро барои суханронӣ он ҷо даъват карда буд. 13 январ, вақте ки поезд ба истгоҳи Ҳайдаробод расид, анбӯҳи мардуми дар истгоҳ ҷамъшуда суруди «Чину Араб моли мо, Ҳиндустон моли мост» («Чину Араб ҳамара, Ҳиндустан ҳамара»)-ро тараннум мекарданд. Иқбол аз 14 то 18 январ дар он ҷо монд. 15 январ дар толори Боғи умумӣ аввалин суханронии худро эрод кард. Раёсати ҷаласаро Маҳараҷа Кишан Прасад** ба ӯҳда дошт. Устодону донишҷӯёни Донишгоҳи Усмония дар ҷаласа ширкат доштанд. Шоми он рӯз дар манзили Маҳараҷа Кишан Прасад маҷлиси мушоира барпо гардид, ки дар он шоирони номдори урдуву форсизабон, аз ҷумла, Ҳайдарёр Ҷанг Таботабоӣ, Навоб Зиё Ёр Ҷанг Баҳодур, Навоб Азиз Ёр Ҷанг Баҳодур, Мавлавӣ Масъуд Алии Маҳвӣ, Ҷӯш Малеҳободӣ ва дигарон ширкат намуданд. Иқбол бидуни ин ки касеро таҳсин кунад, ором нишаста буд. Фақат вақте ки Мавлавӣ Масъуд Алии Маҳвӣ байти

Нигоҳ кардани дуздидаам ба базм бидид,
Миёни чидани гул боғбон гирифт маро.

-ро хонд, ӯ хоҳиш кард, ки ин шеърро як бори дигар бихонад. Вале равшан нашуд, ки ин хоҳиш аз нуқтаи назари интиқод буд, ё аз назари таҳсин.

Иқбол қаблан эълон карда буд, ки шеър намехонад, вале бо исрори меҳмонон ва Маҳараҷа Кишан Прасад ин шеърро ба форсӣ хонд:

---

* Дар матни китоб «бештар» омадааст. Ба назари мо «пештар» дар ин маврид саҳеҳтар аст (А.Б.).

** Маҳараҷа Кишан Прасад муддати зиёде сарвазири Ҳайдаробод буд. Ӯ дар шеъру шоирӣ табаҳҳур дошт ва якчанд забонро медонист. Девони ашъори урду ва форсии ӯ ба табъ расидааст.

Зиндагӣ анҷуманорову нигаҳдори худ аст,
Эй, ки дар қофилаӣ, бо ҳама шав, бо ҳама рав.
Он нигине, ки ту бо аҳриманон сохтаӣ,
Ҳам ба Ҷабраил амин, ҳам натавон дод гарав.

18 январи соли 1929 Иқбол бо низом (ҳоким)-и Дакан мулоқот намуд ва ӯро ба унвони раиси ҷаласаи солонаи Анҷумани ҳимояти ислом, ки қарор буд, соли оянда баргузор гардад, ба Панҷоб даъват намуд. Низоми Дакан ин даъватро пазируфт, вале баъд ба иллати баъзе мушкилот натавонист ба Панҷоб биёяд.

19 январ Иқбол аз Ҳайдаробод ба Лоҳур баргашт ва бо ҳамин сафари илмии ӯ ба ҷануби Ҳинд поён ёфт.

ФАСЛИ ҲАБДАҲУМ

Тасаввури ташкили кишвари исломӣ

Ихтилофи байни ҳиндуҳо ва мусалмонон, ки баъдҳо ба масъалаи фирқаӣ ё думиллиятӣ маъруф шуд, ҳамроҳ бо ба вуҷуд омадани ислом дар нимҷазираи Ҳинд, дар қарни ҳаштуми милодӣ намоён гардид. Аввалин шоҳиди таърихиро Берунӣ нӯҳсад сол пеш дар таълифи худ «Китоб-ул-Ҳинд» ироа дод. Дар ин китоб пас аз баҳси муфассале дар бораи кашмакашиҳои ҳиндуҳо ва мусалмонон ба ин натиҷа расид, ки дарёе байни ҳиндувон ва мусалмонон вуҷуд дорад, ки ғайри қобили убур (гузаштан) аст.[1] Мурурe бар таърих равшан месозад, ки аввалин бор дар Ҳиндустон Шоҳаншоҳ Акбар дар қарни XVI милодӣ ҷиҳати ҳалли масоили фирқаӣ ва эҷоди ваҳдат байни ду қавм иқдомоте анҷом додааст. Вале ин кӯшиш бад-ин сабаб шикаст хӯрд, ки ҳиндуҳо ва мусалмонон ҳарду бо ин идғом (муттаҳидшавӣ) мухолифат карданд. Аз миёни мусалмонон Шайх Аҳмад Алифи Сонӣ шадидан бо ин амал мухолиф буд ва аз миёни ҳиндуҳо низ Рачамон Сингҳ* сареҳан ба Шоҳаншоҳ Акбар гуфт: «Дар Ҳиндустон фақат ду мазҳаб вуҷуд дорад: мазҳаби ҳинду ва мазҳаби ислом. Ва тавфиқ (мувофиқат)-и онҳо ба ҳеҷ вачҳ мумкин ва муяссар нест». Дар қарни XVII милодӣ бар асоси навиштаҳои Шоҳаншоҳ Акбар дуввумин иқдом барои ба вуҷуд овардани иттиҳоди байни ақвом тавассути Дорошукӯҳ анҷом шуд, ки Шоҳаншоҳ Аврангзеби Оламгир ӯро шикаст дод. Лизо бар асоси ҳамин шуҳуди таърихӣ, Иқбол Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ ва Аврангзеби Оламгирро дар Ҳиндустон бониёни қавми мусалмон ба шумор меовард. Эҳёи ҷадиди ислом дар нимҷазираи Ҳинд аз қарни XVIII милодӣ оғоз мешавад. Ҳангоме ки пас аз ҷанги назди Плесси (1852) ва, бахусус, шаҳодати Султон Типу (1799) фуқаҳои мусалмон фатво доданд, ки Ҳиндустон дигар дор-ул-ислом нест, балки ба сурати дор-ул-ҳарб (хонаи ҷанг) даромадааст. Ба ҳамин ҷиҳат, вазифаи мусалмонон аст, ки ҷиҳод кунанд ва қудрати сиёсии аздастрафтаро дубора ба даст оваранд ва ё Ҳиндустонро тарк намуда ба кишварҳои мусалмон ҳиҷрат намоянд. Бар асоси ҳамин фатвоҳо афроди баргузидае, ҳамчун шаҳид Сайид Аҳмади Барилуй, шаҳид шоҳ Исмоил, Мавлавӣ Шариатуллоҳ, Давдумиён, шаҳид Мирнисор Алӣ ва шаҳид Ғулом Маъсум наҳзатро шурӯъ намуданд ва ҳаракати танзими ҷиҳод ва ислоҳи ҷомеаро оғоз карданд. Шаҳид Сайид Аҳмади Барилуй ва шаҳид шоҳ Исмоил минтақаи шимолу ғарби Сарҳадро маркази ҷиҳод сохтанд ва барои озодии манотиқи мусалмоннишини Панҷобу Кашмир алайҳи сикҳҳо эъломи ҷиҳод доданд. Дар он замон ҳукмронони аксарияти манотиқи мусалмонниишини Сарҳад, Синду Балуҷистон мусалмонон буданд, ки аз шаҳид Сайид Аҳмади Барилуй ҳимоят мекарданд. Ҳадафи ӯ (шаҳид Сайид Аҳмади Барилуй) ба вуҷуд овардани иёлати исломӣ дар аксар манотиқи мусалмоннишини шимолу ғарб буд ва ба ҳамин сабаб ӯ мехост, ки Панҷобу Кашмирро аз султаи сикҳҳо озод кунад. Бад-ин тартиб, дар манотиқи мусалмоннишини шарқи Бангола шаҳид Мирнисори Алӣ ва шаҳид Ғулом Маъсум ҷиҳати поён додан ба истисмори заминдорони бузурги ҳинду ташкилоти низомӣ ба вуҷуд оварданд, ки бештари афроди онро кишоварзони мусалмон ташкил медоданд. Ҳадафи онҳо аз эъломи ҷиҳод ба вуҷуд овардани кишваре бар асоси ислом дар шарқи Бангола буд. Вале

* Ӯ бародарзани Акбаршоҳ буд.

саъйи мусалмонон дар ба вуҷуд овардани иёлати мусалмоннишин дар манотиқи шимолу ғарб ва шарқи нимҷазираи Ҳинд бад-ин ҷиҳат бо шикаст мувоҷеҳ шуд, ки наметавонистанд бидуни доштани аслиҳаи нав бо англисҳо бо равиши ҷангҳои қадимӣ муборизаву муқобила намоянд. Пас аз мутолеаву баррасии таърихи эҳёи ҷадиди ислом ба хубӣ возеҳ мегардад, ки қабл аз ҳама, дар ниҷазираи Ҳинд байни мусалмонон, ки таҳти таъсири эҳсоси амиқи исломӣ буданд, шавқи расидан ба озодӣ пайдо шуд ва онҳо дар қарни XIX милодӣ барои ба вуҷуд овардани иёлати исломӣ дар манотиқи шимолу ғарб ва шарқ амалан ба по хостанд. Ба назар мерасид, ки ин ҳаракат бо шикаст рӯ ба рӯ хоҳад шуд, вале ҳаракат (эҳёи ислом) поён наёфт. Афкори ҷадиди Ғарб дар нимҷазираи Ҳинд таҳти султаи Инглистон нуфуз ёфт. Ва Сэр Сайид Аҳмадхон бо назардошти асабият (таассуб)-и исломӣ дар робита бо фурӯғ бахшидан ба таълимоти ҷадид дар мусалмонон қадамоти арзандае анҷом дод. Вале дар чунин давроне таҳти таъсири афкори ғарбӣ дар аксари ҳиндуҳо бедории сиёсӣ ба вуҷуд омад ва онҳо ҷиҳати ба вуҷуд овардани низоми ҷумҳуриявӣ тазоҳуроте карданд. Дар байни мусалмонони ин давра Сэр Сайид аввалин шахсе буд, ки эҳсос кард бо таъсиси низоми ҷумҳурии ғарбӣ дар нимҷазираи Ҳинд, ҳифозат аз ҳуқуқи мусалмонон ғайримумкин хоҳад буд. Лизо ӯ мусалмононро аз ширкат дар Конгресс боздошт. Билохира, бо кӯшишҳои пайравонаш, яъне Мӯҳсинулмулк ва Виқорулмулк дар авоили қарни XX милодӣ усули интихоботи ҷудогона барои мусалмонон ба тасвиб расид.

Ҳамон тавре ки қаблан гуфта шуд, дар мавриди ҳифозати ҳуқуқи мусалмонони Ҳинд гуфтаҳои Сэр Сайид аз соли 1908 ба сурати як назария мавриди қабул даромад ва бо назардошти ҳамин тарзи фикр вай аз тариқи ашъор ва навиштаҳояш нафақат зеҳни миллати мусалмонони Ҳиндро равшан кард, балки ба хотири барқарор нигаҳ доштани ташаххуси нерӯманди ҷудогонаи мусалмонон, асоси фикриву назарии мустаҳкамеро фароҳам намуд.

Иқбол аз соли 1928 то 1930 бар асоси ҳамин афкор дар тамоми барномаҳои сиёсии мусалмонон дар Ҳиндустон амалан ширкат кард ва билохира, дар нимҷазираи Ҳинд тасвире аз кишвари исломиро ироа намуд. Масоили фирқаии нимҷазираи Ҳинд, бо вуҷуди аксарияти мусалмонон дар манотиқи шимолии шарқу ғарб мисли рӯзи равшан ҳақиқӣ буд. Ба ҳамин ҷиҳат, қабл аз Иқбол низ баъзе аз шахсиятҳо хаёл доштанд масоили фирқаиро ҳал кунанд ва ба ин манзур ҳатто фикри тақсими Ҳиндустонро низ карда буданд ва пешниҳодоте низ дар ин маврид ироа намуда буданд. Шарифиддин Пирзода дар китоби худ ба забони англисӣ таҳти унвони «Иртифои Покистон» илова бар Сэр Сайид Ҳолӣ ва Абдулҳаким Шарар (ҳарду аз пайравони Сэр Сайид буданд), ҳудуди нуздаҳ шахсияти дигарро низ муаррифӣ кард, ки дар ин марҳала баррасии афкори онҳо белутф нахоҳад шуд.

Тибқи таҳқиқи Шарифиддин Пирзода дар соли 1859 милодӣ Ҷон Брайт (John Bright) дар парлумони Британиё зимни суханоне гуфт: «Дар Ҳиндустон ҳудуди 20 қавм вуҷуд дорад, ки ба бист забони мухталиф такаллум мекунанд. Бад-ин сабаб, қабл аз берун рафтани Инглистон бояд дар он панҷ ё шаш кишвари озод ба вуҷуд меомад».

Дар соли 1881 милодӣ Сайид Ҷамолиддини Афғонӣ хоби як ҷумҳурии муттаҳиди исломиро дид, ки шомили манотиқи мусалмоннишини Шӯравӣ дар Осиёи Миёна, шимолу ғарби Ҳиндустон ва Афғонистон низ мешуд.

Дар соли 1883 милодӣ Вилфрид Блант* пешниҳод кард, ки дар шимоли Ҳиндустон давлати исломӣ ва дар ҷануби Ҳиндустон давлати ҳинду ба вуҷуд биёяд, вале дар ҳарду минтақа артиши Инглистон мустақар бошад.

* Wilfrid Blunt - шоир ва нависандаи маъруфи англис, ки барои истиқлол ва озодии мустаъмароти Инглистон мақолоти зиёде навишт ва суханрониҳои шаҳидуллаҳнӣ эрод кард. Вай ба хотири ин навъ фаъолиятҳо аз тарафи давлати Инглистон дастгир шуд.

Дар соли 1905 Лорд Карзон (ноибуссалтана) дастури тақсими Банголаро содир кард, то бад-ин васила мусалмонони ақибмондаи шарқи Бангола тараққӣ кунанд. Вале ба сабаби он ки мусалмонони банголӣ аз назари сиёсӣ мунтазам набуданд, лизо ба хотири тазоҳуроти ҳиндуҳои банголӣ маҷбур ба фасх (бекор кардан)-и он дастур шуданд.

Дар соли 1911 милодӣ Сайид Амиралӣ номае ба Сэр Муҳаммад Шафеъ бад-ин минвол навишт: «Дар Ҳиндустон ҳиндуҳо ва мусалмонон ду қавми ҷудо аз ҳам ҳастанд, ба ҳамин ҷиҳат дар ин ҷо қонуни асосӣ бояд тавре бошад, ки зомини ҳифозати ҳарду гурӯҳ буда ва ҷудоии онҳоро ба расмият бишносад».

Дар соли 1913 милодӣ Вилоят Алӣ Бамбуқ дар сутуни факкоҳии рӯзномаи «Комрид» (Comrade) навишт: «Бояд ҳиндуҳо ва мусалмонҳоро аз якдигар ҷудо нигоҳ дошт, то шимоли Ҳиндустонро битавон ба мусалмонон дод ва ҷануби Ҳиндустонро ба ҳиндуҳо».

Дар соли 1917 доктор Абдулҷаббор Хайрӣ ва профессор Абдусаттор Хайрӣ дар суханони худ дар конфронси байналмиллалии сотсиалистҳо, ки дар Стокголм баргузор шуд, гуфтанд: «Ба тамоми шаҳрҳои Ҳиндустон бояд ҳаққи худмухторӣ дод, то мусалмонон ва ҳиндуҳо дар аксари шаҳрҳо федератсияи ҷудогона таъсис кунанд».

Дар соли 1920 Муҳаммад Абдулқодир Билгиромӣ дар рӯзномаи «Зулқарнайни Бадоюн» ба номи Мҳатма Гандӣ номае мунташир сохт, ки дар он пешниҳод шуда буд, Ҳиндустонро байни мусалмонон ва ҳиндуҳо тақсим кунанд ва дар ин нома зикри таносуби ҷамъияти ҳиндуҳо ва мусалмонон дар шаҳрҳои мухталифи музофотҳо низ ба миён омада буд.

Дар соли 1921 Нодир Алӣ, ки маддоҳи англисҳо буд ва алайҳи ҳаракати хилофат иқдомоте анҷом медод, ба давлати Инглистон ҳушдор дод: «Агар бихоҳем масоил ва ихтилофоти ҳиндуҳо ва мусалмононро ҳал кунем, лозим аст Ҳиндустонро тақсим кунем».

Дар соли 1923 Сардор Гулмуҳаммадхон – раиси Анҷумани исломии «Дайзаи Исмоилхон» дар муқобили Сарднис – раиси Кумитаи Шимолу Ғарбии Сарҳад зимни шаҳодат додан гуфта буд, ки аз Пешовар то Аграро* ба мусалмонон ва аз Агра то Роскамориро ба ҳиндуҳо бидиҳанд. Ва ҳарду қавм дар миёни якдигар ҷамъиятҳои худро мубодила кунанд.

Дар соли 1924 Мавлоно Ҳасрат Моҳанӣ пешниҳоде дод мабно бар ин ки шаҳрҳои мусалмоннишини шимолу ғарбро дар ҳам идғом кунанд ва онҳоро ба сурати музофоте дароваранд ва онҳо дар системаи федератсионии Ҳиндустон дорои ваҳдат бошанд. Ин пешниҳодотро кумитаи Неҳру рад кард.

Дар соли 1924 Лал Рачпатрай изҳор кард: «Бо дар назар гирифтани афроди мусалмон ва ҳинду Панҷобу Банголаро тақсим кунанд. Манотиқи ғарби Панҷоб, Сарҳад, Синд ва шарқи Банголаву Балуҷистонро ба мусалмонон бидиҳанд ва дар бақияи шаҳрҳои Ҳиндустон давлати ҳинду таъсис кунанд». Вале баъдҳо Лал Рачпатрай ин ҳарфи хешро инкор намуд ва гуфт, ки чунин чизеро баён накардааст.

Дар соли 1924 Сталин (роҳбари Шӯравӣ) гуфта буд: «Ҳиндустон зоҳиран як кишвари муттаҳид ба назар мерасад. Вале ҳангоме ки дар он ҷо инқилобе бипайвандад, қудратҳои аҷнабӣ зоҳир хоҳанд шуд».

Дар соли 1924 Мавлоно Муҳаммадалӣ дар як суханронӣ гуфт: «Мусалмонон дар ақаллият нестанд, балки як қавм ҳастанд ва масъалаи Ҳиндустон як масъалаи ҷаҳонӣ мебошад. Лизо бояд барои мусалмонон аз Константиния то Деҳлӣ як камарбанди исломӣ сохт».

---

* Шаҳри маъруф ва қадимии Ҳиндустон, ки Заҳириддин Бобур (932- 937 ҳичрӣ)- муассиси силсилаи темуриёни Ҳинд онро пойтахти худ намуд. Темуриён дар ин шаҳр қалъаи бисёр маҳкаме бино ниҳоданд. Ҳамчунин Шоҳҷаҳон (1037- 1038 ҳичрӣ)- подшоҳи ин силсила ба ёди маликаи маҳбубаш - Мумтозмаҳал бинои бисёр зебое дар он ҷо эҷод кард, ки Тоҷ-Маҳал номида шуд ва яке аз зеботарин диданиҳои ҷаҳон аст.

Дар соли 1925 як кафбин ва ояндагар пешбинӣ карда буд, ки англисҳо саранҷом аз Ҳиндустон дур хоҳанд шуд ва Ҳинд байни мусалмонон ва буддоиҳо ба таври мусовӣ тақсим мегардад.

Дар соли 1928 Муртазо Аҳмадхон дар рӯзномаи «Инқилоб» як сармақола ба чоп расонд, ки дар он пешниҳод шуда буд: «Ватани исломӣ, ки шомили манотиқи мусалмоннишини музофотҳои шимолу ғарб бошад, ба вуҷуд ояд».

Дар соли 1929 Даранӣ дар китоби худ навишт: «Ҳиндуҳо ва мусалмонон ду қавми мухталиф ҳастанд. Бад-ин тартиб мусалмонон ё бояд худкушӣ кунанд ва ё кеши ҳиндуро бипазиранд ва ё ҳуқуқи худро аз давлати Ҳиндустон ахз намоянд».[3]

Шарифиддин Пирзода тамоми ин шахсиятҳоро дар ташкили кишвари исломии Покистон саҳим дониста ва онҳоро ҷузви бавуҷудоварандагон ба шумор меоварад».[4] Пас аз мутолеаи китоби ӯ ба назар мерасад, ки Иқбол низ, монанди баъзе аз ин афрод, назари тақсими Ҳиндустон ва ё ба вуҷуд овардани кишвари исломии ҷудогонаро ироа дода буд. Вале дар ин марҳала лозим аст ин мавзӯъ ёдовар гардад: қабл аз он ки Иқбол пешниҳоди кишвари исломиро ироа диҳад, барои он асос фикре фароҳам карда буд. Ва то вақте зинда буд, барои ба даст овардани он саъю кӯшиши бисёр намуд. Вале афроди дигаре, монанди Ҷон Брайт, Волфорд Блант, Лорд Карзон, Лал Рачпатрай, Сталин ва ғайра дар ин робита чӣ хадамоте анҷом додаанд, ки лозим аст, мусалмонон онҳоро нодида нагиранд? Равшан аст, баъзе аз афрод чиҳати ҳалли масоили фирқаӣ пешниҳодоте дар мавриди тақсими Ҳиндустон додаанд, вале дуруст нест онҳоро дар ташкили Покистон саҳим бидонем ва ё ҷузви бунёнгузорони Покистон ба шумор оварем.

Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ дар китоби худ ба забони англисӣ таҳти унвони «Кӯшиш барои Покистон» номи ашхосеро, ки қабл аз Иқбол дар нимҷазираи Ҳинд тасвире аз кишвари исломиро ироа карда буданд, ба шарҳи зер баён кардааст: Ҷалолуддини Асадободӣ, Чаудҳрӣ Раҳматалӣ, доктор Абдулҷаббор Хайрӣ, профессор Абдуссаттор Хайрӣ, Муҳаммад Абдулқодири Билгиромӣ, Ловат Фрейзер (Lovat Fraser), Санаркар,* Лал Рачпатрай, Сардор Гулхон, Мавлоно Муҳаммадалӣ ва Оқохон.

Вале вай байни тамоми онҳо ва Иқбол ин фаркро мегузорад, ки Иқбол ба унвони як шахсияти муҳим ва мардумӣ назарияи эҷоди кишвареро аз сакуи Муслим Лиг ироа кард.[5]

Гӯё Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ ҳам фикр мекунад, тасаввури як кишвари мусалмон, ки Иқбол ироа карда буд, як ренасонс (эҳё)-и фикрӣ буд, ки барои он фароҳам сохта буд ва дар тайи зиндагии худ ба хотири ин ҳадаф кӯшиш намуд. Қурайшӣ ҳам ин фикри Иқболро дар радифи дигарон қарор медиҳад.

Ҳарду нависанда дар ин маврид, яъне Шарифиддин Пирзода ва Иштиёқ Ҳусайни Қурайшӣ дар китобҳои худ менигоранд: Ҷалолуддин Афғонӣ дар дар манотиқи мусалмоннишини Рус, Осиёи Миёна, Афғонистон ва шимолу ғарби Ҳиндустон фикри эҷоди як кишвари Ҷумҳуриро дар манотиқе, ки аксариятро мусалмонон ташкил медиҳанд, дар сар мепардозад. Дар ин зимн, Шарифиддин Пирзода бар китобе, ки Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ навиштааст, такя кардааст. Номбурда бар ҷилди аввали «Таърихи ҳаракатҳои озодибахш» (англисӣ, саҳ. 48-49) истинод кардааст. Вале нависандаи «Таърихи ҳаракатҳои озодибахш», ҷилди аввал, барои таъйиди ин ривоят маъхазу мадраке ироа намедиҳад. Ҷилдҳои «Ҳаракатҳои озодибахш» ба ин далел нотамом монд, зеро ин китобҳо аз назари таҳқиқӣ ғайри қобили эътимод шинохта шуда буданд.

---

* Vinayak Damodar Sanarkar – (1883-1966 милодӣ) ба Вирсоверкар, яъне Соверкари далер маъруф буд. Яке аз қаҳрамонони бузурги Ҳинд аст, ки барои раҳоӣ аз чанголи истеъмори англис бисёр талош кард. Таълифоти бисёре дорад, ки муҳимтарини он «Ҷанги озодӣ» мебошад.

Бешак, Ҷалолуддини Афғонӣ ба раҳбарии султони Туркия бар асоси демократӣ ба сурати як федератсияи қонунӣ даъваткунандаи Иттиҳоди кишварҳои исломӣ буд. Ва барои уммати мусалмон зимни зикри хадамоти вай Иқбол ӯро муҷаддад (эҳёкунандаи усули исломӣ)-и асри ҳозир мепиндошт,[6] вале назариёти вай дар мавриди мусалмонони Ҳиндустон ҳамон буд, ки дар назароти Мавлоно Шиблӣ буд. Яъне, ин ки бо ҳиндуҳо бар асоси мақосиди муштарак ҳамкорӣ шавад ва дар наҳзате, ки ба нафъи ҳукумати Туркия барпо мешавад, ширкат кунанд. Вай дар даврони иқомати худ дар Ҳиндустон ҳеҷ вобастагӣ бо Сэр Сайид Аҳмадхон ва ҳамфикрону пайравони ӯ пайдо накард, балки дар радди назариёти Сэр Сайид «Радди натиҷа»-ро навишта, дар рӯзномаи худ низ алайҳи ӯ ҳамеша чизҳое менавишт. Дар мақолае дар ҳамин рӯзнома Ҷалолуддини Афғонӣ навишт: «Сэр Сайид ва ҳомиёнаш либоси динро ба дур афкандааанду байни мусалмон куфру илҳодро тавсеа медиҳанд. Ин моддапарастон (Сэр Сайид ва ҳомиёнаш) аз коммунистҳои Аврупо ҳам ҷилавзадаанд. Зеро ки дар кишварҳои ғарбӣ ҳар кас, ки аз мазҳаби худ даст мебардорад, дӯстдори ватан боқӣ мемонад ва алайҳи ҳамлакунандагони хориҷӣ барои дифоъ аз ватани худ ҳатто ҳозир аст ҷонашро низ аз даст бидиҳад. Вале ин афрод фоқиди ин эҳсос ҳам ҳастанд.[8]

Лизо ба назари нависанда (Ҷовид) ҷумҳурии исломии ироашуда тавассути Ҷалолуддин Афғонӣ, ривояте аст, ки то кунун касе онро таъйид накардааст. Ба ҳар ҳол, Шарифиддин Пирзода зимни таъйиди навиштаҳои Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ ва ё нависандаи «Таърихи ҳаракатҳои озодибахш», баъзе дигар аз нависандагон низ ба ин ривояти машкук эрод гирифтаанд.

Китоби дигаре таҳти унвони «Шоҳроҳи Покистон», ки унвони он низ номуносиб нест, китоби англисии Чаудҳрӣ Холиқуззамон аст. Дар ин китоб номи Сэр Теодор Морис ва дигарон ба унвони «Муваҷҷидони тасаввури кишвари мусалмон» изофа шудааст. Вале дар мавриди Иқбол дар як маврид иштибоҳе рух додааст. Нависанда мегӯяд: «Дар аввалин конфронси Мизи гирд, ки дар соли 1930 дар Лондон баргузор шуд, Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар Лондон бо бисёре аз роҳбарони мусалмон дидор кард ва ба онҳо нақшаи тақсими Ҳинди худро тавзеҳ дод, ки аввалин бор номи онро Покистон ниҳода буд. Билохира, дар декабри 1930 Иқбол худ дар мақоми раиси ҷаласаи Муслим Лиги Ҳинд дар Оллоҳобод инро ироа дод. Аз навиштаҳои Чаудҳрӣ Холиқуззамон чунин бармеояд, ки Иқбол таҳти таъсири Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар иҷлоси Оллоҳободии Муслим Лиг фикри таъсиси кишвари исломиро ироа дод.[9] Чаудҳрӣ Холиқуззамон дар аввалин конфронси Мизи гирд ширкат накард. Вай зимнан дар он ҳангом дар Лондон набуд. Лизо ӯ шоҳиди айнии ҷаласа нест, вале мумкин аст, ки ин сухани иштибоҳро ӯ ба тасаввури худ навишта бошад ва натиҷагирии ӯ бемаврид бошад.

Мавзӯъ ин аст, ки то кунун дар мавриди кишвари исломӣ дар нимҷазираи Ҳинд ва ё ҳаракати Покистон аз нуқтаи назари исломӣ ё фикрӣ китоби мустанаде ба риштаи таҳрир дарнаёмадааст. Мусалмонон ё ғайримусалмонон дар тамоми навиштаҳоое, ки дар мавриди ин мавзӯъ ба забонҳои англисӣ ва урду ба риштаи таҳрир даровардаанд, фақат бӯъди куллии ин ҳаракатро равшан кардаанд. Яъне, исломро ба унвони як унсури миллатсоз қабул кардаанд ва на бештар.

Бо мутолеаи тамоми ин манобеъ ба ин натиҷа мерасем, ки назарияи думиллиятӣ (баъзе аз англисҳо ва ё ҳиндуҳо ба он эътироф кардаанд), ки дар ҷанги сиёсии байни мусалмонону ҳиндуҳо ва англисҳо аслиҳае нерӯманд буд, бо шиддати тамом аз он истифода шуд. Гӯё раҳбарони наҳзат бо истифодаи муқаррар аз ин ҳарба равшан сохтанд, ки мусалмонон қавме ҷудо ҳастанд ва наметавонанд бо ҳиндуҳо зиндагӣ кунанд. Ба иборати дигар, барои ба вуҷуд овардани кишвари исломӣ ҳадафи наҳзат найл (ноил шудан) ба як ватани озодқавме буд. Ҳамон тавре, ки он ватан ба даст омад. Ҳамроҳ бо назарияи дуқавмӣ, ҳадафи ниҳоии наҳзат низ хотима ёфт. Агар аз ин зовия бингарем, Ҷон Брайт, Блант, Теодор Морис, Лорд Карзон, Ловат Фрейзер,

Санаркар, Лал Рағпатрай ва Сталинро метавон ҷузъи халлоқони кишвари исломии Покистон ба шумор овард.

То он ҷо ки ба масъалаи Иқбол марбут мешавад, роҳи ҳалли осон ҳамин буд, ки акси Иқболро низ шона ба шонаи дигарон дар музейи Ҳинд насб кунанд. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки баъзе аз роҳбарони наҳзати Покистон мехостанд Иқболро аз фикри роҳбарии исломӣ дур нигоҳ доранд. Мисоли ин қадрношиносиро метавон аз навиштаи Мирзо Абулҳусайни Исфаҳонӣ* – дӯсти наздики Қоиди Аъзам ва раҳбари номвари Муслим Лиг ва ё наҳзати Покистон – Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ донист.

Ба назар мерасад, ки ӯ таҳти таъсири ҳақоиқи дарҷшуда дар китобҳои Шарифиддин Пирзода, Иштиёқ Ҳусайни Қурайшӣ ё Чаудҳрӣ Холиқуззамон қарор гирифта бошад. Дар навиштаи худ пас аз шумориши ановини зер ба унвони халққунандагони фикри кишвари исломӣ, яъне Ҷамолиддин Афғонӣ, бародарон Хайрӣ, Муҳаммад Абдулқодири Сардоргулхон, Чаудҳрӣ Раҳматалӣ мегӯяд:

«Бешак, намешавад ин мавзӯъро инкор кард, ки фикр, ашъор ва навиштаҳои доктор Иқбол ба ҳамин самт ишора мекунанд (яъне ба тарафи ниёз ва зарурати кишвари исломӣ). Вале агар бигӯем, ки ӯ холиқи тасаввури кишвари исломӣ буда, ба ин маънӣ аст, ки таърихро насх карда бошем».

Мавзӯи ҷолиби дигар ин аст, ки Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру, доктор Рағендра Прасад ва доктор Амбидгар низ дар мавриди Иқбол ҳамин назарро доштаанд. Албатта, дар оянда дар мавриди он баҳс хоҳад шуд. Онҳо дар китобҳои худ менависанд, ки Иқбол робитае бо наҳзати ташкили Покистон надоштааст. Чаро онҳо инчунин навиштаанд? Шояд роҳбарони ҳинду аз ин масъала нигарон буданд, ки агар вобастагии Иқбол бо наҳзати Покистон собит шавад, асоси ҷамъият ва ҳадафи наҳзат мушаххас хоҳад шуд. Вале адами робитаи Иқбол бо наҳзат, ин наҳзатро аз асоси фикрии пойдор маҳрум хоҳад сохт ва мумкин аст, ки дар оянда ҳамин сабаби фанои ӯ шавад. Ба ҳар ҳол, Покистон ба сурати як кишвари исломии миллӣ ба вуҷуд омад. Вале муваффақ нашуд як кишвари исломӣ шавад. Лизо ба ҷойи қаробати исломӣ таассуби минтақавӣ нерӯ гирифт ва фикри Иқбол шикори ин таассуб шуд.

Тарҷумаи шеър:

Аҳли мадраса садои туро буриданд (дар гулӯ хафа карданд),
Ҳоло аз куҷо садои «ло илоҳа иллалоҳ» биёяд?

Муҳаммад Аҳмадхон дар мавриди тасаввууре аз Покистон менависад:[10]

«Дуруст нест саъю кӯшиш кунем тасаввуре аз Покистонро ба ашхос мансуб кунем ва яке аз онҳоро аввалин волии фикру мавҷуди Покистон қарор диҳем. Баъзе аз онон, чун Сэр Сайид ва Теодор Морис фақат назарияи дуқавмиро ироа доданд ва онро баён намуданд. Бархеҳо, монанди Блант, Сэр Бамбуқ, бародарон Хайрӣ, Сардоргулхон, Мавлоно Ҳасрат Моҳанӣ, Рағпатрай, Муртазо Аҳмадхон назар доданд, ки манотиқ ва музофотҳои мусалмоннишин ба вуҷуд биёянд. Гурӯҳе, ҳамчун Абдулқодир ва Нодиралӣ пешниҳоди мубҳаме аз тақсими Ҳиндро ироа доданд. Дуруст аст, ки тамоми ин пешниҳодот қабл аз соли 1930 (яъне қабл аз ироаи пешниҳоди Аллома Иқбол дар мавриди эҷоди Покистон) ироа шудааст, вале дар ҳеҷ кадом аз ин пешниҳодот зикр нашудааст, ки федератсияи ҷудогонаи музофотҳои исломӣ эҷод шавад ва ё як кишвари исломии озод ва муқтадир ба вуҷуд ояд.

Дар ҳимоят аз ин суханон фақат мешавад гуфт, ҳангоме ки мо ин пешниҳодотро мутолеа мекунем, дар фикрамон тасаввуре мубҳам аз Покистон ба вуҷуд меояд, вале

* Мирзо Абдулҳусайни Исфаҳонӣ (1902-1981 милодӣ) – яке аз наздикони мӯътамаддини Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ буд. Вай дар вазифаҳои ҳассосе хадамоти шоёне барои истиқлоли Покистон анҷом дод. Муддате узви Маҷлиси қонунсоз буд ва замоне ба сифати сафири Покистон дар Афғонистон анҷоми вазифа намуд.

бо вуҷуди ин, тамоми афкору аъмол ва кӯшишҳои сиёсии Иқбол, ҳангоме ки хутбаи ӯро дар Муслим Лиг ва ду номаи ӯро хитоб ба Қоиди Аъзам (муаррихи 28 майи 1930 ва 21 июни 1937) менигарем, дар муқобили чашмонамон тасвири возеҳ, софу равшан ва ҷомеъ аз Покистон ҳувайдо мегардад. Ҳақиқат ин аст, ки дар пешниҳодоти мазкур фақат як ваҷҳи иштирок вуҷуд дорад ва он ваҷҳи иштирок ин аст, ки дар тамоми онҳо як эҳсос ва як фикр дида мешавад. Фикри ҷудоии мусалмонон аз ҳиндуҳо ва эҳсоси мағоир будани мусалмонон аз ҳиндуҳо. Вале тасаввури Покистон номи як эҳсоси мубҳам ва ё таъсири сарсарӣ нест... Корномаи Иқбол нишон медиҳад, ки вай аз тариқи нағмасароӣ ин афкорро аз замири мағфулаи мусалмонон бадар овард ва ба шуури онҳо рабт дод. Сипас, бо савти сармадии хеш он шуурро пухта кард ва бо басирати сиёсии худ таҷассуми илмӣ ва ташкили онро ироа намуд. Ва ин фазилат хоси ӯст.

Иқбол рӯзи 29 декабри 1930 ба Оллоҳобод расид. Дар истгоҳ мизбони ӯ Навоб Сэр Муҳаммад Юсуф ва чанд тани дигар аз роҳбарони Муслим Лиг ҳозир буданд. Гурӯҳи зиёде аз мардум барои дидани эшон ба истгоҳ гирд омада буданд ва аз вай истиқболи гарме ба амал оварданд. Сайид Шамсулҳасан менависад:

«Далели аслии чунин истиқболе аз Иқбол ин буд, ки ӯ нафақат бо Муслим Лиг робита дошт, балки як шахсияти истисноӣ буд. Дар миёни анбӯҳи мардум аз истгоҳ Иқболро ба манзили Навоб Сэр Муҳаммад Юсуф бурданд».

Ҷаласаи Муслим Лиг дар муқобили бемористони Колиюн (номи ҷадиди бемористони Лаъл Неҳру) муқобили маҳаллаи мусалмонон – Дувоздаҳманзил, воқеъ дар «Ёқути ганҷ» ташкил шуд. Он вақт молики ин сохтмон як тоҷири тамбоку бо номи Шайх Раҳимбахш буд. Хонаводаи Шайх Раҳимбахш маъруф ба хонаводаи танбокудорон буданд. Дарҳои чаҳор тарафи сохтмон ба айвон боз мешуд, ба ҳамин ҷиҳат онро Дувоздаҳманзил меномиданд.[12] Фақат чанд тан аз намояндагон дар ҷаласаи Лиг ширкат карданд, ки ба сахтӣ маҷлис ба ҳадди нисоби худ (кворум) расид. Сайид Ҳусайн Эмом, Мавлавӣ Абдулқодир Қусурӣ, Сэр Муҳаммад Яъқуб, Мавлоно Абдулмаҷиди Бадоюнӣ, Сайид Ҳабиб ва Сайид Зокиралӣ дар ҷаласа ширкат доштанд.[13] Ба гуфтаи муфтӣ Фахрулислом Вакил, ки дар ин ҷаласа ҳузур дошт, теъдоди ҳозирин дар ҷаласа ба чаҳорсад ё панҷсад нафар мерасид ва ё ҳатто камтар. Дар байни ҳозирин теъдоди донишҷӯ ба чашм мехӯрд, ки дар ин ҷаласа ба унвони мустамеи озод ширкат карда буданд. Иқбол ба ҳамроҳи писари Навоб Сэр Муҳаммад Юсуф бо автомобил ба маҳалли ҷаласа расид.[14]

Ҷаласа бо оромиши комил кори худро оғоз кард. Пас аз тиловати оёте аз Камолуллоҳи Маҷид, Иқбол суханронии худро ба забони англисӣ эрод намуд. Фақат теъдоди каме аз ҳозирин мафҳуми аслии суханронии Иқболро дарёфтанд, бақияи афрод онро дарк накарданд.

Ба гуфтаи Алберт Камю (файласуф – Albert Camio) – мутафаккири фаронсавӣ, афкори бузург монанди парандагони маъсум ором ва оҳиста меоянд, вале агар мо тамоми саъйи худро анҷом диҳем, шояд дар он шӯру ҳаёҳуйи миллатҳо муваффақ шавем, ки садои оҳиста бол задани онҳоро бишнавем ва гӯё ва дар зиндагӣ бо он шӯру ғавғои оддиаш паёми ороми умед ба гӯш мерасад. Дар бораи масоиле, ки Иқбол ба онҳо дар баёноташ ишора карда буд, таваҷҷӯҳ нашуд. Ва аз пешниҳодоте, ки ӯ дар суханронӣ ироа дода буд, ҳимоят нагардид. Рӯзномаҳои расмӣ низ ниёзе надиданд, ки ин мақоларо мунташир созанд. Ҳеҷ кас фикр накард, ки аксуламали ин суханронӣ чӣ хоҳад буд ва чӣ гуна ҳазорҳо нафар таҳти таъсири он қарор хоҳанд гирифт ва ҷони худро дар роҳи он қурбонӣ хоҳанд кард, то кишвари ҷадид бо миллионҳо инсон ба вуҷуд ояд.

Иқбол муддати ду рӯз дар Оллоҳобод иқомат кард. Гоҳе бо Зуҳур Аҳмад Вакил дар бозорҳо қадам мезаданд ва мағозадорону пешаварон бо хушрӯӣ бо онҳо рӯ ба рӯ мешуданд. Муфтӣ Фахрулислом ӯро ба қабристони қадимии Пуранакаладанда бурд. Дар он ҷо бар мазори Акбари Оллоҳободӣ фотеҳа хонданд. Қарор буд рӯзи 31

декабри 1930 ба Лоҳур бозгардад. Иқбол ба истгоҳ рафт, вале қатор (поезд)-и Панҷоб таъхир дошт. Тибқи гуфтаи Риёз Оллоҳободӣ дар сакуи истгоҳ чанд нафар монанди Иқбол истода буданд. Риёз Оллоҳободӣ ҷилав омад ва салом кард. Пас аз муаррифии худ гуфт: «Ҷаноб, ман як донишҷӯи одӣ ҳастам. Дар дабистон муаллим мебошам ва ба шогирдон дарс медиҳам. Яке аз ашъори Шуморо мутаваҷҷеҳ намешавам, лутфан маънии онро бароям баён кунед». Иқбол дар мунтаҳои меҳрубонӣ дасти ӯро гирифт, ба утоқи интизор бурд, нишонд. Сипас пурсид, ки он шеър кадом аст. Риёзи Оллоҳободӣ гуфт:

«Садҳо ҳазор ситора дучори марг мешаванд,
то як хуршед ба вуҷуд биёяд,
Хоби фано вуҷуди зиндагӣ шароб аст».

Иқбол зимни баёни маънии он гуфт: «Манзур он аст, ки миллатҳо фанонопазир мебошанд ва шакли наслҳои оянда қоиммақоми худро ироа медиҳанд ва авзои онҳо аз қабл беҳтар мешаванд. Ҳамон тавр, ки ситораҳо фанонопазир ҳастанд ва қоиммақоми худро ба номи хуршед ироа медиҳанд, ки дурахшандатар аз ситораҳо аст». Дар ин вақт поезди Панҷоб расид ва Иқбол ба роҳ афтод.[15]

Дар гуфторе, ки дар Оллоҳобод баён намуд, назари ғояи хешро дар мавриди ташкили кишвари исломӣ дар шимолу ғарби Ҳиндустон ироа дод. Вале зикре аз музофоти мусалмоннишини Бангола ба миён наёвард. Бад-ин далел, ки назарияи кишвари исломӣ ба унвони як насбулъайн ироа шуда буд ва дар робита бо эҷоди кишвари исломӣ дар шимолу ғарби Ҳинд низ барои аксарияти мусалмонони он ҷо калимаи «ҳадди ақал» истифода шуда буд. Аз ин масъала равшан аст, ки Бангола низ мадди назари Иқбол будааст. Вале ӯ ба вузӯҳ аз он номе ба миён наёвард. Зеро агар барои мусалмонони шимолу ғарби Ҳиндустон бар асоси аксарият эҷоди кишвари исломӣ қобили қабул буд ва пас ба таври мантиқӣ мешуд ин қавонинро ба шарқи Ҳинд низ таълим дод. То он ҷое ки ба музофотҳои ақаллиятнишини мусалмон марбут мешавад, лозим набуд, ки эшон дар гуфторашон аз ин мақом зикре ба амал наёваранд, зеро дар он ҷо ҳиндуҳо эътирозе надоштанд, ки ба мусалмонон чунин шансе бидиҳанд, балки дар натиҷаи эҷоди кишвари исломӣ дар шимол ва ҷануб ба сабаби тавозуни нерӯ, мавқеияти онҳо мустаҳкамтар мешуд.

Яке аз далоиле, ки пешниҳоди ироашуда дар суханронӣ таъйид нашуд, ин буд: раиси Муслим Лиг Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба манзури ширкат дар конфронси Мизи гирд ба Лондон рафта буд. Вале он чанд далели муҳиме дошт. Дар он марҳала аз тарафи мусалмонон Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ҷиҳати эҷоди тафоҳум бо ҳиндуҳо «14 модда» ироа карда буд ва дар Конфронс дар муқобили намояндагони давлати Инглистон низ ҳамин дархостҳоро ироа дод. Ба назар мерасид, ки «14 модда»-и ироашуда таҳти баррасӣ буданд ва ҳанӯз тасмиме мабно бар қабул ё радди онҳо гирифта нашуда буд. Дар ин авзоъ ва аҳвол муносиб ва баҷо набуд пешниҳоди ироашудаи Иқбол таъйид шавад. Илова бар он, бо вуҷуди ин ки Иқбол солҳо бо Муслим Лиг вобастагӣ дошт ва қаблан дабири Муслим Лиги музофоти Панҷоб буд ва инак низ ба номи раиси мунтахаби Муслим Лиг раёсати ҷаласаро ба ӯҳда дошт, вале ӯ дар ибтидои суханонаш гуфт, ки назарияи ироашуда тавассути вай ба номи раҳбари як ҳизби сиёсӣ ва ё пайраву хоҳони раҳбари сиёсӣ набудааст, балки ин назари шахсии худи ӯ аст, ки ироа медиҳад.Ба иборати дигар, пешниҳоди Иқболро мешавад ҷойгузини ин мавод намуд. Яъне, агар ҳар «14 модда» рад шавад, маҷбур мешавем, лоиҳаи Иқболро ихтиёр кунем. Иқбол дар поёни суханронӣ ишора бар ин амр карду гуфт: «Ман дар мавриди мусолиҳаи фирқавӣ умедворам, вале дилам намехоҳад, ки ин эҳсоси худро аз шумо пинҳон кунам, ки барои наҷот ёфтан аз бӯҳрони кунунии сиёсӣ, кишвари исломӣ бояд дар ояндаи наздик роҳи озодонаеро баргузинад ва дар чунин як мавқеияти ҳассосе ихтиёри роҳи озодонатар фақат барои

он ашхос мумкин аст, ки азме росих дошта бошанд ва тамоми ҳиммати худро бар ҳадафи махсусе мутамарказ кунанд».

Агарчи дар гуфтори хеш ҳадафи шохисе дар муқобили чашми мусалмонон қарор дод, вале лозим набуд, ки ҷиҳати таъйиди он филфавр қарордоде тартиб ва ё манзур шавад, зеро авзоъ мувофиқи мурод набуд.

Ба ҳар ҳол, бо вуҷуди эҳтиёти Иқбол, раҳбарони саркардаи давлати Инглистон, ки дар ин миён саргарми талош буданд, то битавонанд масъалаи печидаи қонуни асосии Ҳиндустонро ҳал кунанд, гуфтаҳои Иқболро написандиданд.

Рӯзномаи англисизабони Бомбай (Indian Daily Mail) аз қавли гузоришгари худ дар Лондон навишт: «Нахуствазири Инглистон Рамзей Макдоналд (James Ramsay Macdonald) аз суханронии Иқбол бисёр нороҳат шуд». Рӯзномаи англисии Оллоҳобод «Лидер» (Leader) аз қавли намояндаи худ дар Лондон навишт: «Ҳамлае, ки Иқбол ба афкор ва назарияҳои раҳбарони Ҳиндустон дар мавриди давлати федералӣ ва ҳимоят аз он кард, дар ради он гурӯҳҳои англисӣ-ҳиндӣ изҳори нороҳатии шадид мекунанд. Ба ҳамин сурат, ду рӯзномаи тарафдори ҳинду ба номҳои «Пионер» ва «Таймз оф Индиа» зимни баррасии пешниҳоди Иқбол дар пешгуфтори худ натиҷагирӣ намуд, ки афкори Иқбол муртаҷеона ва ғайри қобили амал аст.[18]

«Ҳинду Пресс» ба ҳангоми баррасии суханронии Иқбол, ба дашном додан оғоз кард. Рӯзномаи «Трибун Лоҳур» навишт, ки Иқболро ҷиҳати ширкат дар конфронси Мизи гирд даъват накарданд, ба ҳамин ҷиҳат ӯ мехоҳад интиқом бигирад. Аввал ба Оқохон телеграф зад ва эътироз кард, ки чаро интихоботи мухталифро қабул кард. Сипас, аз тариқи суханронӣ дар Оллоҳобод, тамоми имконоти тафоҳум ва мусолиҳаи ҳиндуҳо ва мусалмононро аз байн бурд.

«Партоб» мақолае ба унвони «Изҳори назар дар мавриди густохиҳои доктор Иқбол, мусалмони тарснок аз шимоли Ҳинд» мунташир сохт, ки дар он Иқболро девона, шурур, аҳмақ, тарснок, бадҷинс, кӯтоҳфикр, мутаассиб, қобили нафрат, ҳилагар ва нолоиқ хонд.

Бо ин ҳол, ба қавли Абдуссаломи Хуршед, дар миёни ҳиндуҳо лоақал шахсе буд, ки назари мусбат ба суханони ӯ дошта бошад. Вай номи аслии хешро фош насохт, вале бо исми мустаори «Ҳиндуи равшанфикр» дар рӯзномаи «Таймз оф Индиа» навишт: «Ба сабаби ташкили иёлати ҳиндунишин дар муқобили мусалмонон мавқеияти ҳиндуҳо мустаҳкамтар хоҳад шуд».

Агар тибқи пешниҳоди Иқбол Синд, Сарҳад ва Балуҷистонро ба Панҷоб илҳоқ кунанд ва иёлати исломии шимолу ғарб эҷод шавад, дар он ҳиндуҳо ақаллият хоҳанд дошт ва агар сикҳҳо бо онҳо муттаҳид шаванд, хоҳанд тавонист қудрати бузургеро ташкил диҳанд. Ба ҳамин ҷиҳат лозим нест, ки ҳиндуҳо дар ин маврид изҳори нигаронӣ кунанд.[19]

Рӯзномаи «Муслим» бо Иқбол ҳамсадо буд. Рӯзномаҳои «Муслим Аутлук», «Сиёсат» ва «Ҳамдам», «Лакҳнав» ва чандтои дигар, аз суханони Иқбол истиқбол карданд. Рӯзномаи «Инқилоб» аз дигар нашриёт дар ин роҳ пешқадамтар буд.[20] Ду шумораи рӯзномаи «Инқилоб» баёноти Иқболро дар Оллоҳобод ба забони урду мунташир кард. Ғулом Расули Меҳр тарҷумаи суханрониро анҷом дода буд.[21] Илова бар ин, рӯзномаи «Инқилоб» дар январи 1931 милодӣ, тақрибан 12 сармақолаи худро ба суханони Иқбол ихтисос дод. Дар як сармақола низ чунин тафсир шуд, ки пешниҳоди тақсими Ҳинд дар асл аз тарафи ҳиндуҳо дода шуда буд. Ҳангоме ки Лал Рачпатрай гуфта буд: «Мусалмонон бояд шимоли Ҳиндро ватани хеш бишносанд ва ҳиндуҳо низ он ҷоро раҳо карда, ба манотиқи ҷануби Ҳинди Миёна кӯч кунанд». Сипас, Брадер Парманент низ ҳамин назарро дод ва чанд рӯз қабл аз баёноти Иқбол дар Оллоҳобод профессор Ҷ.О. Баёнгар низ дар мавриди тақсими нимҷазираи Ҳинд ба се қисмат матолибе изҳор карда буд. Яъне, кишвари Ҳинд, Ҳинди мусалмонон ва Ҳинди ҳиндуҳо.

Пас, агар ҳиндуҳо дар мавриди тақсими Ҳинд чунин изҳори назар мекунанд, чаро ба Иқбол ин ҳақ дода намешавад, ки як чунин пешниҳоде ироа диҳад?[22] Иқбол назари Лал Рағпатрайро дар робита бо тақсими Ҳинд дар номае хитоб ба Сайидназир Ниёзӣ аз 14 январи 1931 зикр мекунад. Дар ин нома ӯ дар робита бо пешниҳоди худ мегӯяд:

«Як кишвари исломӣ пешниҳодшудаи насбулайн аст. Дар он ниёзе ба мубодилаи ҷамъиятҳо нест. Ин назарияи мубодилаи ҷамъиятро аз муддатҳо пеш Лал Рағпатрай изҳор карда буд. Дар ин иёлати исломӣ ё музофотҳои мутааддиди мусалмоннишин, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон тибқи ин тарҳ эҷод хоҳанд шуд, ҳуқуқи ҳиндуҳо, ки дар ақаллият ҳастанд, комилан маҳфуз хоҳанд монд».

«Инқилоб» сармақолаи дигаре низ бад-ин мазмун навишт: «Агар ҳиндуҳо метавонанд мусалмононро нодида бигиранд ва тухми аксариятро бикоранд ва барои расидан ба «Сварағ» саъй кунанд, пас мусалмонон низ ин ҳақро доранд, ки дар манотиқе, ки дар аксарият ҳастанд, эҷоди кишвари исломиро насбулайн (намуна)-и худ созанд».

Маҷмаи иттифоқи милал (Ассамблеяи Лигаи миллатҳо, созмоне, ки пеш аз Созмони Милали Муттаҳид вуҷуд дошт – А.Б.) ин ҳақро ба мусалмонон дода буд. Дар 80% манотиқе, ки мусалмонон дар он ҷо аксарият доранд, кишвари исломӣ ба вуҷуд омад. Зеро ин ҳақро доштанд, ки иродаи худро амалӣ созанд.

Дар муқаддимаи яке аз гуфторҳо чунин омада буд: агар тибқи пешниҳоди Иқбол ҳаққи озодии манотиқи аксарияти мусалмоннишини шимолу ғарби Ҳинд ба расмият шинохта шавад, дар тамоми нимҷазираи Ҳинд амният ва ороиш ҳукумфармо хоҳад шуд. Вале агар ҳаққи озодии онҳо ба расмият шинохта нашавад, ҳиндуҳо ва мусалмонон даргири як ҷанги хонагии беинтиҳо хоҳанд шуд.[24]

«Инқилоб» дар интиҳои як сармақолаи муфассал зимни таҳсини Иқбол навишт: «Худо он вуҷуди муборакро зинда нигаҳ дорад, ки дар Праяг (номи қадимии Оллоҳобод) барои аввалин бор роҳи ҳақиқии ҳидоятро ба миллате, ки дар муҳосираи иддаоҳои фиребкоронаи демократиявӣ ва миллигароӣ роҳ гум карда буданд, нишон дод ва нуреро сотеъ кард. Худо кунад, ки ин нур то ба сари манзили мақсуд расидани мусалмонони Ҳинд, рафиқи роҳи онон бошад.

Рӯзномаи «Ҳамдам»-и Лакҳнав дар ҳимоят аз пешниҳод гуфт: «Ин дархости Иқбол бениҳоят баҷост, ки дар Ҳиндустон ба мусалмонон фарзе дода шавад, то Ҳинди исломӣ таъсис кунанд ва ташкили он ба беҳтарин наҳв танҳо ба ин сурат мумкин аст, ки Панҷоб, Сарҳад, Синд, Балуҷистонро бо ҳам идғом намоянд ва асоси як кишвари исломиро бигзоранд. Ин беҳтарин роҳ барои ҳалли даргириҳои ҳиндуҳо ва мусалмонон мебошад ва арзиши онро дорад, ки мусалмонони Ҳиндустон бо ҳам муттаҳид шуда, барои расидан ба ин ҳадаф кӯшиш намоянд ва бо зоҳир кардани нерӯи амали худ ба он даст ёбанд».

«Муслим пресс» ҷавоби «Ҳинду пресс»-ро дар мавриди ахборе, ки алайҳи Иқбол мунташир сохта буд, гоҳу бегоҳ менавишт. Пас аз гузашти чанд рӯз аз ин баёнот дар Оллоҳобод хабари он ба Лондон ҳам расид. Рӯзномаҳои он ҷо қисматҳое аз ин суханрониро чоп карданд. Дар ин маврид нороҳатии Рамзей Макдоналд – нахуствазири Инглистон, тазаккур дода шуда буд. Дар аввалин конфронси Мизи гирд дар ҷаласаи кумитаи ақаллиятҳо доктор Мунҷӣ низ тайи суханроние дар бораи хутбаи Иқбол дар Оллоҳобод изҳори нороҳатӣ карда гуфт:[27]

«Намедонам дар ин мавқеи ҳассос, ёдоварии гузоришоте, ки дар гуфторҳои Сэр Муҳаммад Иқбол дар рӯзномаҳои дирӯз мунташир шудааст, муносиб мебошад ё не?... Эшон дар Ҳиндустон раиси Муслим Лиг мебошанд ва вақте ман ба суханронии эшон ишора мекунам, бароям сахт боиси нороҳатӣ мешавад, лекин назар ба ин ки ин хостаҳо мутаволиян (пай дар пай) ироа мешаванд, маҷбурам ба эшон муроҷиа намоям... Ман низ аз дӯстони мусалмонони худ тақозо мекунам, ҳассосият ба харҷ надиҳанд... Мо ҳама аҳли Ҳиндустон ҳастем. Дар миёни хун ва устухонҳои мову

шумо ҳеҷ тафовуте вуҷуд надорад. Мо ҳама фарзандони ҳамин миллат ҳастем ва ҳозирем барои ҳифзи дину тамаддун ва нажод, ҳар коре, ки аз дастамон барояд ва хостаи шумо бошад, анҷом диҳем. Ман аз Шумо мехоҳам ҳавсала ба харҷ диҳед ва бо ҷуръат амал кунед ва худро дар муттаҳид намудани ақвоми Ҳиндустон мустағриқ намоед, мутмаин ҳастам, агар Шумо дар даҳ соли оянда ин корро накунед, ҳаргиз ҳеҷ навъ шикояте нахоҳед дошт».

Ҷавоби ин суханонро Сэр Муҳаммад Шафеъ дар иҷлоси кумитаҳои фаръӣ, ки 1 январи соли 1931 мунъақид шуд, дод. Вай гуфт:[28]

«Доктор Мунҷӣ, махсусан ба он суханоне ишора карда буданд, ки мегӯяд: «Сэр Муҳаммад Иқбол зимни ба ӯҳда гирифтани раёсати иҷлоси солонаи Лиг се-чаҳор рӯз дар Оллоҳобод монд». Эй кош, доктор Мунҷӣ ба ин амр ишора намекард ва манро маҷбур намесохт дар мавриди масъалае сӯҳбат кунам, ки ҳеҷ омадагиашро надоштам. Ман ба кумита итминон медиҳам, ҳангоме ки дирӯз субҳ ба ин ҷо омадам, чунин нияте надоштам. Қабл аз ҳар чиз мавзӯъ ин аст, ки то матни комили суханронӣ дар муқобила набошад, наметавон дар бораи он натиҷагирӣ кунам. Агар Сэр Муҳаммад Иқбол гуфтааст: «Дар давлати марказии Ҳиндустон кишваре ҳинду эҷод хоҳад шуд, ё дар натиҷаи як чунин аксарияти ғайри мутағаййир ва пойдоре аз ҳашт музофоти давлатӣ дар шаш музофот, иёлати ҳинду эҷод мешавад, пас чаро набояд дар чаҳор музофот, ки мусалмонон дар аксарият ҳастанд, чаҳор иёлат эҷод шавад?». Ман чизи баде дар ин пешниҳод намебинам ва ба саҳми худ ҳозирам дар муқобили ин кумита ҳамин пешниҳодро ироа диҳам. Ҳар музофот як иёлат шавад. Агар Иқбол инро гуфтааст, ишколе дар он намебинам ва лозим набуд ба он эътироз шавад. Албатта, агар тибқи ислоҳоти роиҷи хориҷ аз кишвар мамолики муштаракулманофеи Инглистон мавзӯи эъҷоди кишвари иёлати исломии озодро ба миён овардааст, ман аз тарафи тамоми ҳайати исломӣ ин пешниҳодро рад мекунам. Ҷаноби Оқои нахуствазир! Ман ба хубӣ метавонам тасаввур кунам, ки косаи сабри як мусалмон лабрез шудааст, дар сурате ки дӯсти ман доктор Мунҷӣ дар қисматҳои мухталифи Ҳиндустон, бидуни ин ки фикр кунад, ҳарфҳои мутаззоде аз ин қабил мезанад».

Ба ҳар ҳол, ҳеҷ як аз раҳбарони сиёсии мусалмон лаҳ (ба тарафдорӣ) ва ё алайҳи суханронии Оллоҳобод забон накушод, балки ҳама сукут ихтиёр карданд. Сабаби аслии сукут ин буд, ки аввалин конфронси Мизи гирд дар Лондон бидуни ҳеҷ натиҷагарӣ ба поён расида буд. Ва таърихи дуввумин конфронси Мизи гирд эълон шуда буд. Пас, раҳбарони сиёсии мусалмон мунтазир буданд Қатъномае бар асоси «14 модда» байни ҳиндуҳо ва мусалмонон мунъақид шавад ва ё мунтазири оқибати «14 модда» буданд.

Ин силсила конфронсҳои Мизи гирд то соли 1933 боқӣ монд ва Иқбол низ дар онҳо ширкат кард. Ба ҳамин ҷиҳат лозим буд ба натоиҷи дилхоҳ бирасанд.

Иқбол низ пас аз эроди хутба дар Оллоҳобод, ба хотири дархости кишвари исломӣ бо саъйи худ дар ҷиҳати инъиқоди Конфронси исломии Ҳинди шимолӣ (Upper India) идома дод. Масалан, рӯзи 19 апрели 1931 дар номае хитоб ба Сайидназир Ниёзӣ навишт: «Конфронси исломии Ҳинди Шимолӣ, иншоллоҳ, мунъақид хоҳад шуд.

Дар соли 1932 низ Иқбол фикри инъиқоди конфронси исломиро дар сар мепарварид ва ба Сайидназир Ниёзӣ гуфта буд: «Мунтазир бошед, ба зудӣ огоҳ хоҳед шуд, ки ман чӣ мехоҳам бигӯям». Ба гуфтаи Сайидназир Ниёзӣ, Иқбол барои он ҷаласа машғули таҳияи суханрониҳо буд.

Ин суханронӣ, билохира, дар Конфронси аҳзоби исломӣ, ки дар 21 марти 1932 мунъақид шуд, эрод гардид. Вале Конфронси исломии Ҳинди шимолӣ ташкил нашуд. Дар ин зимн Сайидназир Ниёзӣ менависад:[29]

«Масъала ин аст: чаро ин конфронс ташкил нашуд? Албатта, бузургтарин далел ташкили конфронси Мизи гирд буд, ки худ Аллома низ дар он ширкат кард.

Ин дуруст нест, ки бигӯем дастҳое даркор буданд, ки конфронсро шикаст диҳанд. Зеро Аллома худро даргири масоили фардӣ ё иҷтимоӣ накарда буд.Ҳол, ҳарчи мехост бошад. Кори конфронси Мизи гирд ва натоиҷи ахзшуда аз онҳо ба ҳар сурат, ки мақдур буд, зарурат дошт... Сипас, дар соли 1933 ба ҳангоми бозгашт аз конфронси Мизи гирд бо таваҷҷӯҳ ба хастагии роҳ ва вазъи мизоҷаш, Иқбол тарҷеҳ дод дар чанд рӯз ин корро ба таъвиқ андозад. Мутаассифона, дар соли 1934 Аллома бемор шуд ва конфронси мазкур доир нагардид».

Ҳақиқат ин аст, ки Иқбол то охири лаҳазоти ҳаёт дар фикри ташкили конфронси исломӣ буд. Вай дар номае хитоб ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ аз 21 июни 1937 дар бораи он конфронс сӯҳбат карда буд. Ва сипас дар номае ба таърихи 11 августи 1937 ба Ҷиноҳ пешниҳод кард, ки мусалмонони шимолу ғарби Ҳиндустонро маркази фаъолиятҳои Муслим Лиг бисозанд.[30]

Лизо аксари роҳбарони сиёсии мусалмон дар бораи гуфтори Иқбол дар Оллоҳобод сукут ихтиёр карданд. Албатта, раҳбари мусалмонони Синд Ҳочӣ Сетҳ Абдуллоҳ Ҳорун бо Иқбол ҳамкорӣ кард ва дар робита бо суханони Иқбол дар мавриди инъиқоди конфронси исломии Ҳинди шимолӣ бо вай мукотиба кард. Суханронӣ мавриди таваҷҷӯҳи мусалмонони босавод ва донишҷӯён қарор гирифт.

Ва ба исрори маҷаллаи суфии «Мунди Баҳоуддин», тарҷумаи суханронии Иқболро ба забони урду Сайидназир Ниёзӣ анҷом дод. Зеро, ба назари онҳо, ин фикри тоза мабно бар эҷоди кишвари исломӣ дар нуқоти мухталифи Панҷоб, Сарҳад ва Синд ҷӯшу хурӯши аҷибе ба вуҷуд оварда буд. Тарҷумаи мақола зери назари маҷаллаи «Суфӣ» мунташир шуд. Ва ҳазорҳо нусхаҳои он маҷҷонан (бепул) байни мардум тақсим гардид.[32]

Баъзе аз навҷавонони мусалмон дар таъйиди суханронии Иқбол мақолаҳое дар рӯзнома мунташир карданд. Ба гуфтаи Абдуссалом Хуршед, яке аз вукалои Оллоҳобод бо номи Абдурраб ва яке аз хонҳои Лоҳур бо номи Ғулом Мустафохони Ноиб, дар ҳимоят аз Иқбол мақолоте ба риштаи таҳрир даровардаанд. Се донишҷӯи мусалмони Калкутта бо номҳои Роғиб Аҳсан, Фазл Расулхон Офаридӣ ва С.М.Салим дар баёнияи муштараке зимни таъйиди гуфтори Иқбол ин пешниҳодро ироа доданд, ки барои эҷоди кишвари исломӣ ва чопи китобҳои фарҳангӣ дар бораи масоили мусалмон, «Сандуқи наҳзати мусалмонон» гушуда шавад.[33]

То он ҷо ки ба мусалмонони тарафдори Конгресс марбут мешавад, онҳо хутбаи Оллоҳободро ба унвони як ғазали сиёсӣ таъбир карданд. Сайидназир Ниёзӣ менависад:

«Дар ибтидои соли 1931 буд, ки дар Курулбоғи Деҳлӣ ва шояд дар манзили марҳум Мавлоно Муҳаммад Алӣ, тақрибан пас аз фавти ӯ, чанд тан аз дӯстон гирди ҳам омада буданд. Дар байни ҳозирин ашхосе низ буданд, ки дар ҷунбиши хилофат ва наҳзати адами ҳамкорӣ ширкат карда буданд ва бо вуҷуди тағйири авзоъ бар маслаки хеш боқӣ монда буданд. Дар байни онҳо афроде, ки бо Конгресс ҳамфикр ва тарафдори сикҳҳо буданд, низ дида мешуданд. Дар ин гирдиҳамоӣ шахсе гуфт: «Оқоён, оё Шумо гуфтори Иқболро хондаед? Валлоҳ, чӣ шеъри хубе гуфта, охир эшон шоир ҳастанд, чӣ ғазали хубе сурудааст. Ҳама бо садои баланд хандиданд».

Қаблан зикр шуда буд, ки дар даврони ҷунбиши хилофат ва наҳзати адами ҳамкорӣ ҷамъе тарафдори Конгресс буданд ва баъзе аз уламо ва рӯҳонинамоҳо ба Иқбол тӯҳматҳое заданд ва кӯшиш намуданд ӯро бадном кунанд. Он гоҳ ба ҷамъи эшон душманони гуногуни Иқбол низ пайвастанд.

Дар соли 1926 дар вақти интихобот, ҳайати муқананаи Панҷоб – рақиби интихоботии Иқбол, зимни задани иттиҳомоти гуногун, вуҷуди эшонро разил хонд. Дар ин авзоъву аҳвол равшан аст, ки пас аз эроди хутбаи Оллоҳобод ба ҷамъи мухолифони ӯ, душманони сиёсии вай низ изофа шуданд. Рӯзномаҳои ҳиндумазоҳиб, коммунистҳо ва сотсиалистҳои тавсеаталаб, мусалмонони тарафдори Конгресс ва ҳосидини фаровон иттиҳомоте тоза алайҳи Иқбол ироа доданд. Ин иттиҳомот бисёр

буданд: намояндаи Инглистон, душмани ватан, ҳомии сармоядорон, мухолифи мустазъифин, фирқапарасти мутаассиб, муртаҷеи беамал (касоне, ки хостори бозгашт ба даврони гузаштаву қавонини он буданд), инсони маъюсу бекор ва ғайра.

Муҳаммад Аҳмадхон дар китоби маъруфи худ таҳти унвони «Корномаи сиёсии Иқбол» ин феҳрасти тавилро дар се мавзӯъ танзим кард ва дар додгоҳи ҳақу адолат ва дар фазои таҳқиқу талош бениҳоят аз Иқбол дифои муассире намуд.[35]

Нависанда (Ҷовид) қосир аст дифоъ аз ин масоилро роҷеъ ба Иқбол беҳтар аз Муҳаммад Аҳмадхон ироа диҳад. Ба ҳар ҳол, ба сабаби ин далоил, саъй хоҳад шуд, ки ба ин иттиҳомот посух дода шавад. То он ҷо ки ба тӯҳмати дӯстии ӯ бо англисҳо марбут мешавад, мухолифини гуногуни Иқбол далоили зерро баён доштаанд:

- Сурудани шеър дар мадҳ ва ё гуфтаҳои мақомоти англисӣ.
- Адами ширкат дар ҷунбиши хилофат ва наҳзати адами ҳамкорӣ.
- Пазируфтани лақаби Сэр (Sir).
- Ҳамкорӣ бо давлати Инглистон аз тариқи узвияти консулии Панҷоб.
- Пешниҳоди изофа кардани кормандони англисӣ ҷиҳати истеҳком бахшидан ба истеъмори Инглистон дар шӯро.
- Ҳамкорӣ бо комиссияи Саймон.
- Ҳамроҳӣ бо Сэр Муҳаммад Шафеъ – хидматгузори содиқи англисҳо.
- Ироаи пешниҳоди ташкили кишвари исломӣ дар хутбаи Оллоҳобод бо ишораи Инглистон.
- Интихоби Иқбол аз тарафи давлати Инглистон барои ширкат дар дуввумин ва севвумин конфронси Мизи гирди Лондон.
- Эҷоди рахна дар тафоҳум байни ҳиндуҳо ва мусалмонон ба ишораи Инглистон.

Аз як назар, посух ба ин иттиҳомот зимни баёни ҳолати Иқбол дар сафаҳоти қабл ва ё дар дуввумин ҷилди ҳамин китоб дода шудааст. То он ҷо ки марбут ба сурудани шеър дар мадҳ ё баёноти мақомоти Инглистон мешавад, Иқбол ашъори бисёре дар ҷоҳои мухталиф сурудааст, ки дар мавоқеъ, бахусус, табъан, ахлоқан ва маслиҳатан ба риштаи таҳрир даромадааст. Ва, албатта, вай онҳоро қобили ин надонист, ки дар маҷмӯи ашъораш изофа намояд. Ин масъала равшан аст, ки Иқбол тарзи фикри сиёсии Сэр Сайидро таъйид мекунад. Ӯ ҳаргиз қобил набуд аз гуфтани ҳарфи ҳақ бозмонад. Вале сиёсати мӯътаризона ва ҷанҷолангез хилофи фитрати ӯ буд. Бо дар назар гирифтани авзои ҳассоси мусалмонон дар муқобили аксарияти ҳиндуҳо ва давлати Инглистон ӯ аз мусалмонон низ ҳаминро интизор дошт, ки аз сиёсати таҳоҷумӣ гурезон бошанд. Аз мутолеаи таърихи ҷадиди мусалмонони Ҳинд равшан мешавад, ки ҳангоме ки онҳо алайҳи давлати Инглистон ба сурати аланӣ ба мубориза пардохтанд, ба ҷойи ин ки зарараш ба аксарияти Ҳинд бирасад, зарараш мутаваҷҷеҳи ақаллияти мусалмон шуд. Лизо сиёсати ҷанҷолӣ ё муборизаи аланӣ, алайҳи мусолеҳи Иқбол низ буд. Бо доштани якчунин фикре дар соли 1901 ба муносибати вафоти малика Виктория марсияе бо номи «Ашки хун» навишт ва Ғулом Расули Меҳр дар мавриди ин марсия мегӯяд:[36]

«Ба назар меояд, Иқбол ин назмро филбадоҳа сурудааст, лозим нест, ки дар бораи мазвзӯи назм ҳарфе зада шавад».

Дар соли 1901 дар афкори сиёсии кишвар меъёр ва сабке вуҷуд дошт, ки барои санҷиши он ба кор бурдани меъёрҳои имрӯзӣ ё ҳатто даҳ ё понздаҳ сол баъд ҳам номуносиб аст, мисли ин ки бихоҳем аз зиндагии донишмандоне чун Афлотун ва Бӯалӣ Сино даврони кӯдакиву туфулиятро ҷудо намоем, ки ин кор дуруст ва муносиб нест. Дар он замон афкор ва назариёти ақвом ва иҷтимооти кишвар он набуд, ки баъдҳо ихтиёр карданд.

Дар ин робита, бояд марсияи Хоҷа Алтоф Ҳусейни Ҳолии марҳумро низ мадди назар қарор диҳем, ки ба муносиибати вафоти малика Виктория ба риштаи таҳрир даровардааст ва дар маҷаллаи маорифи «Банипат» дар январи 1901 мунташир шуда

буд. Иқбол шеърии дигаре низ дар иҷлоси Анҷумани ҳимояти ислом, ки дар 1902 мунъақид шуда буд, суруд ва шеъри дигаре ба муносибати хайра мақдам ба Сэр Макворт Янг* – музофотдори Панҷоб ва Билл** – дабири таълимоти Панҷоб хонд. Зеро ки дар он даврон вуруди чунин ҳуккоме ба Анҷумани ҳимояти ислом холӣ аз баҳра набуд.[37]

Дар соли 1911 Иқбол ашъоре ба муносибати тоҷгузории Ҷорҷи V дар Деҳлӣ суруд, ки дар маҷаллаи «Замона»-и Канпур, шумораи махсуси дарбори шоҳӣ, дар декабри 1911 мунташир шуд.[38]

Дар соли 1914 аввалин ҷанги ҷаҳонӣ дар Аврупо оғоз шуд ва Туркияи Усмонӣ, ки маркази хилофати исломӣ буд, алайҳи Инглистон бо Олмон пайваст. Дар он замони пурошӯб, сарпечӣ аз дастуроти давлатии онвақта мусовӣ буд бо тасаллути бештари онҳо ва самарае ҳам надошт. Лизо Иқбол маслиҳатан гӯшагириро ихтиёр кард.

Дар соли 1918 милодӣ, яъне тақрибан дар авохири ҷанг Ноибуссалтанаи Ҳинд дар Деҳлӣ «Конфронси ҷанг» ташкил дод ва аз тариқи Навоб Сэр Зулфиқор Алихон аз Иқбол хост, ки ба ин муносибат шеъре бисарояд. Барои ӯ ҳеҷ роҳе вуҷуд надошт, ки ин масъаларо рад кунад. Лизо иҷборан шеъре бо номи «Посухи Панҷоб» навишт ва дар мушоираи Деҳлӣ онро хонд.[39]

Чанд моҳ баъд, ҳангоми поёни ҷанг, бо раёсати Майкл Эдвайер – музофотдори Панҷоб, дар рӯзи 15 декабри 1918 дар толори Бридлаи Лоҳур ҷаласае ба сурати ҷашни фатҳ инъиқод шуд. Дар ин ҷашн Иқбол ба ҳамроҳи Навоб Сэр Зулфиқор Алихон ширкат ва ба дархости музофотдори Панҷоб чанд байт шеъри урдуву форсӣ хонд. Ашъоре, ки ба забони урду хонд, иртиботе бо он ҷашн надошт ва онҳо дар «Бонги даро» ба сурати назми «Шуои офтоб» низ мунташир шуда буд.[40]

Лизо Иқбол ин панҷ шеърро таҳти таъсири англисҳо нанавишта буд, балки тибқи манофеи сиёсии хеш маслиҳатан онҳоро тағйир карда буд.

Иқбол дар ҷунбиши хилофат ва наҳзати адами ҳамкорӣ ширкат накард, зеро ки ӯ усулан дӯст надошт мусалмонон бо ҳиндуҳо муттаҳид шаванд ва дар наҳзати адами ҳамкорӣ ширкат намоянд.

Ӯ, зимнан, мухолифи олудагии мусалмонон дар сиёсати мутаарриз ё шӯришбарангез буд. Илова бар он, аз ин масъала шак дошт, ки раҳбарони ин наҳзатҳо ба зоҳир мусалмон, вале дар ботин мубаллиғи қавмияти муттаҳид буданд, на қамияти исломӣ. Илова бар Иқбол, шахсиятҳои дигар низ дар Ҳиндустон вуҷуд доштанд, ки дар ин ҷунбишҳо ширкат накарданд, балки бо онҳо ба мухолифат бархостанд. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ мухолифи ин наҳзатҳо буд. Фақат ба далели ҳамин таҳрикот буд, ки ӯ Конгрессро тарк кард. Ба ҳамин сурат низ Пандит Мадан Моҳан Малуя низ бо ин ҷунбишҳо мухолиф буд ва донишгоҳи ҳиндуии Банорасро аз асароти музирри онҳо маҳфуз дошт.

Ба хотири қадрдонӣ аз хадамоти илмӣ – адабии Иқбол, ба ӯ лақаби «сэр» доданд. Ба гуфтаи Сэр Монтагу Батлер (Sir Montagu Butler) бо дар назар гирифтани маснавиҳои форсии Иқбол ва, бахусус, тарҷумаи англисии «Асрори худӣ»-и вай дар соли 1922 ба давлати Ҳинд пешниҳод карда буд, ки ба Иқбол лақабе бидиҳанд. Сэр Монтагу Батлер пешниҳод карда буд, ки лақаби форсӣ ва қадимӣ бидиҳанд, вале давлати Ҳинд фикр кард, ки мабодо бо додани чунин лақабе аз русуми худ по фаротар ниҳад. Ба ҳамин ҷиҳат, тасмим гирифтанд, ки лақаби англисӣ ба вай ато кунанд.[41] Аз назари Иқбол, ин навъ алқоб ва ё эъҷози дунявӣ ҳеҷ арзише надошт. Ӯ хостори унвон буд. Ва на ин ки бо давлати Инглистон ба хотири он муомилае карда бошад. Ба ҳамин ҷиҳат, пас аз гирифтани лақаби «сэр», ҳамон тавре ки аз

---

* Sir William Mackworth Young (1840-1924) аз соли 1897 то 1902 музофотдори Панҷоб ва дар ин муддат Chancellor (раис)-и донишгоҳи Панҷоб ҳам буд.

** W. Bill дар замони музофотдории Вилям Макворт Янг мудири омӯзиши кулли Панҷоб буд.

навиштаҳои ӯ равшан аст, ба озодии баёни ӯ шадидан афзуда шуд ва ҳеҷ нерӯе дар ҷаҳон қодир набуд ӯро аз гуфтани ҳарфи ҳақ боздорад.

Иқбол бо ширкат дар интихобот ба узвияти шӯро даромад ва агар ирода мекард, қодир буд бо барқарории равобите бо Сэр Фазл Ҳусейн ва ё ҳизби иттиҳод, вазифаҳои болотареро низ эхроз намояд (ба даст орад). Вале ӯ ба шиддат аз сиёсати Сэр Фазл Ҳусейн ва ё ҳизби иттиҳод интиқод кард. Ва дар шӯро садои вай, садои як узви озод боқӣ монд. Агар фақат узви шӯро будан нишонгари ҳамкорӣ бо давлати Англистон аст, пас чаро ҳомиёни адами ҳамкорӣ ё нофармонӣ, яъне сварақҳо, дар шӯрои музофот ширкат карданд ё ба узвияти шӯро даромаданд ва Конгресс дар соли 1936 натанҳо дар интихобот ширкат кард, балки дар низоми ҳукумати Англистон вазоратхонаҳое низ ташкил дод?

Ин иттиҳом аз вақте ба Иқбол зада шуд, ки ӯ дар шӯро дар 19 январи 1927 суханронӣ намуд. Ва тайи гуфтори хеш бр Сардор Аҷил Сингҳ, ки гуфта буд «бояд вазифаҳо (вазифаҳо)-и расмии давлатиро бо имтиҳони аланӣ пур кунанд», ба муқобилат пардохт. Ин мухолифат ба ин сабаб буд, ки ҳадафи Сардор Аҷил Сингҳ маҳрум нигаҳ доштани мусалмонони ақибмонда аз назари таълим аз курсиҳои расмии давлатӣ дар либоси қавмияти муттаҳид буд.

Иқбол хостори чунин низоме буд, ки ба ҳамроҳи имтиҳони муқобила ғунҷойиши интихобот ва номзадиро низ дошта бошад, то табақаи ақибмондаи мусалмонон низ иҷозаи вуруд ба вазифаҳои интизомӣ дошта бошанд. Лизо вай пешниҳод кард, ба ҷойи ин ки масъулиятҳои давлатиро аз тариқи имтиҳони муқобила бипазиранд, беҳтар аст теъдоди кормандони англисиро биафзоянд.

Агар ҳадаф ин аст, коре кунем, ки қувои интизомӣ дар умури мусалмонон дахолат накунад, пас беҳтар аст дар корҳои давлатӣ ба ҷойи ин ки аз афроди ҳиндӣ истифода шавад, аз афроди англисӣ дар теъдоди зиёд истифода намоем, то мусалмонон мавриди таассуби коркунони ҳинду қарор нагиранд. Агар ҳадафи ӯ мустаҳкам намудани истеъмори Англистон аз тариқи афзудани теъдоди коркунони англисӣ буд, пас чаро дар шӯро пешниҳод кард, ки ҳуқуқ ва дастмузди ин афрод коста шавад? Охир коркунони англисӣ дастмуздҳои боло мегирифтанд ва музофот маҷбур буд, ки барои пардохти онҳо аз хазина бардошт кунад.

Далели аслии ҳамкории вай бо комиссияи Саймон низ ҳифзи манофеи мусалмонон буд. Ҳиндуҳо ҳозир набуданд хостаҳои мусалмононро қабул кунанд. Ба ҳамин ҷиҳат, дар фазои беэътимодӣ ва бедонишии фирқаӣ, танҳо аз тариқи ҳамкорӣ бо комиссия, мусалмонон қодир буданд афкор, умедҳо ва мақосиди хешро назди онҳо ироа диҳанд. Мавлоно Ҳасрат Моҳанӣ, касе, ки дар роҳи озодӣ қурбониҳои фаровоне дода буд, низ бо ҳамкорӣ бо комиссия мувофиқ буд.

Сэр Муҳаммад Шафеъро хидматгузори Англистон мепиндоштанд. Вале хидмате, ки ӯ ба мусалмонон аз тариқи боқӣ мондан бар ҳарфи хеш, мабно бар усули ҷудогонаи интихобот кард, то кунун ҳеҷ кас он андоза наметавонистааст пофишорӣ кунад. Лизо қазоват дар ин бора, ки сиёсати ӯ мабно бар хайрхоҳии англисҳо буд ё ҳимоят аз мусалмонон, дар оянда таърихнигорони Иқбол шарҳи зиндагии ӯро ба риштаи таҳрир дархоҳанд овард. Ва ин мавзӯъ собит хоҳад шуд. Ба ҳар ҳол, Иқбол то ҳадде бо онҳо ҳамкорӣ кард, ки манофеи мусалмонон иқтизо мекард. Вай ба хотири ин ки дар ёддошти омодакардаи комиссияи Саймон, зикре аз худмухтории музофот ба амал наомада буд, аз Сэр Муҳаммад Шафеъ ранҷида шуд ва аз Лиги Шафеъ истеъфо дод, то ҷое ки ёддоштро бознависӣ кард ва дар он худмухтории музофотро хостор шуд. Барои ҳифозат аз ҳуқуқ ва манофеи мусалмонон бо ҳар кас муборизa мекард, чӣ расад ба Сэр Муҳаммад Шафеъ! Ӯ ҳатто ҳозир буд бо Конгресс ё Мавлоно Муҳаммадалӣ ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ низ муборизa кунад.

Агар Иқбол бо назари англисҳо пешниҳоди эҷоди кишвари исломиро дар суханронии Оллоҳобод унвон карда буд, пас ба чӣ далел Рамзей Макдоналд аз ин

хутба нороҳат шуд? Чаро рӯзномаҳои тарафдори Инглистон дар Ҳиндустон суханони вайро таҳрим карданд?

Илова бар он, агар Иқбол робити Инглистон буд, пас чаро ӯро ҷиҳати ширкат дар аввалин конфронси Мизи гирд номзад накарданд? Таблиғоте, ки алайҳи хутбаи Оллоҳобод рӯзномаҳои Ҳинд анҷом доданд, мабно бар ин буд, ки Иқболро дар конфронси Мизи гирд ширкат надоданд ва ба ҳамин ҷиҳат ӯ мехост, ки аз онҳо интиқом бигирад. Шояд, пешниҳоди ба вуҷуд омадани кишвари мусалмононро дар хутбаи Оллоҳобод ба ин далел ироа карда буд, ки аз англисҳо интиқом бигирад. Агар чунин буд, пас ӯ чӣ гуна метавонист бо ишораи Инглистон пешниҳоди эҷоди кишвари исломиро бидиҳад?

Фақат давлати Инглистон метавонист намояндаеро ҷиҳати ширкат дар конфронси Мизи гирд интихобу номзад кунад. Мавлоно Муҳаммадалӣ, Маҳатма Гандӣ ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ низ бар асоси мувофиқати давлати Инглистон дар конфароси Мизи гирд ширкат карданд. Ҳамин тавр, Иқболро низ ҷиҳати ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд номзад намуданд. Вале равиши ӯ дар ин ду конфронс чӣ буд? Ба гуфтаи Азим Ҳусейн,[42] Иқбол дар дуввумин конфронси Мизи гирд бо Сэр Акбар Ҳайдарӣ ба мунозира пардохт, зеро ӯ мегуфт, ки чаро Ҳайдарободи Даканро музофоти ҷудогона намесозанд ва пас аз бозгашт, дар иҷлоси аланӣ шадидан ба давлати Инглистон интиқод кард. Дар натиҷа, давлати Инглистон ва, бахусус, вазири Ҳинд аз номзад кардани вай пушаймон шуданд ва бо бемайлии фаровон ӯро ҷиҳати ширкат дар севвумин конфронси Мизи гирд номзад карданд. Ҳанӯз севвумин конфронси Мизи гирд саргарми кори худ буд, ки вай бар асоси ихтилофи назарҳои зиёде, ки пеш омад, аз он истеъфо дод ва ба Ҳиндустон бозгашт ва бори дигар шадидан давлати Инглистонро мавриди интиқод қарор дод.

Дар ҳақиқат, Иқбол ҳаргиз бовар намекард, ки тафоҳуме байни ҳиндуҳо ва мусалмонон ба вуҷуд ояд, ки мавриди қабули ҳарду гурӯҳ бошад. Ба вуҷуди ин, аз ҳар роҳе, ки мумкин буд, барои ҳифзи манофеи мусалмонон, раҳбарони ононро ёриву ҳимоят мекард. Роҳбарони ҳинду пас аз тасвиби «14 модда»-и Ҷиноҳ, ки «Пешниҳодоти Деҳлӣ» номида шуд, онҳоро ҷузъи гузориши Неҳру қарор надоданд.

Ва билохира, дар гузориши Неҳру, ислоҳоте, ки Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба амал оварда буд, рад шуд. Ва ҳамин бало низ дар сари пешниҳодоти конфронси аҳзоби исломӣ ба «14 модда»-и Ҷиноҳ омад. Пас аз тасмими фирқаӣ (Communal Award) соли 1932 ҳар қадар, ки аз ин навъ кӯшишҳо роҳбарони исломӣ анҷом доданд, ба натиҷае нарасид. Зеро ки роҳбарони ҳинду ҳозир набуданд хостаҳои мусалмононро бипазиранд. Оё дар тамоми ин мавқеъиятҳо аз тарафи Иқбол ба ишораи Инглистон, рахна дар тафоҳум эҷод шуда, ки ҳатто дар сӯҳбатҳои аҳзоб низ ширкат намекард? Иқбол ҳаргиз бо нафаси тафоҳум мухолифат накард. Албатта, бо дар назар гирифтани манофеи мусалмонон ба тарзи кори ин ҳамзистии мусолиматомез мӯътариз буд. Доктор Рачендра Прасад дар китоби худ ба забони англисӣ таҳти унвони «Ояндаи Ҳиндустон» менависад:[43]

«Рӯзи 17 октябри 1932 раиси конфронси аҳзоби исломӣ, ки дар он рӯзҳо Иқбол буд, ин эъломияро мунташир сохт, ки дар миён овардани масъалаи интихоботи ҷудогона ва мухталиф бениҳоят бемавқеъ хоҳад буд ва мусалмонон низ ба ин амр розӣ нахоҳанд буд, ки аз ин тариқ сангарҳоро раҳо кунанд. Вале онҳо ба ин масъала розӣ ҳастанд, ки агар аз тарафи фирқае дар аксарият, ин навъ ҳаракат эҷод шавад, ба он дархостҳое, ки шомили масоили муҳим ва зарурӣ ҳастанд, таваҷҷӯҳ кунанд».

Агар Иқбол дӯсти Инглистон буд, метавонист бо гирифтани мақомоти муҳим зиндагии худро аз назари молӣ комёб созад. Аммо нигоҳи кӯтоҳе бар зиндагии вай нишон медиҳад, ки ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ ҳозир набуд барои англисҳо коре анҷом диҳад.

Пас аз бозгашт аз Инглистон, профессори фалсафа дар Донишгоҳи давлатии Лоҳур шуд. Вале пас аз гузашти чанде аз ин кор истеъфо дод. Халифа Абдулҳаким аз вай суол кард: «Чаро истеъфо додӣ?» Иқбол посух дод:[44]

«Ман чанд рӯз профессор будам ва ба ин натиҷа расидам, ки дар устодии донишгоҳҳои Ҳиндустон кори илмӣ анҷом дода намешавад. Албатта, одам маҷбур мешавад, ки нороҳатиҳои корро таҳаммул кунад. Барои мисол як бор ба хотири ҳозиру ғоиб кардани донишҷӯён маҷбур шудам бо мудири донишкада даргир шавам ва мудир низ бо ман тавре сӯҳбат кард, ки гӯё бо як корманди маъмулӣ сӯҳбат мекунад. Аз он рӯз ба баъд дилсард шудам ва бо худ аҳд кардам, то он ҷо ки мумкин аст, аз кори навкармаоб будан худдорӣ кунам».

Ба гуфтаи Алӣ Бахш, рӯзе, ки Иқбол истеъфо доду ба манзил бозгашт, Алӣ Бахш аз Иқбол суол кард, ки чаро аз кораш истеъфо дод. Иқбол посух дод:[45]

«Алӣ Бахш! Кор кардан барои англисҳо бисёр мушкил аст. Бузургтарин мушкил ин аст, ки ҳарфҳое дар дил дорам, ки мехоҳам ба мардум бигӯям, вале агар барои англисҳо кор кунам, қодир нахоҳам буд вузӯҳи онҳоро баён кунам. Акнун озод ҳастам, ҳарчи мехоҳам мегӯям ва ҳар коре, ки дилам хост анҷом медиҳам».

Назар ба як чунин озодандешӣ, шуғлеро, ки дар маркази таълимоти Ҳинд (Education Service) давлати Инглистон ба ӯ пешниҳод кард, рад намуд ва бад-ин минвол низ пешниҳоди устоди фалсафа дар Алигарҳ ва устодии Донишгоҳи давлатии Лоҳурро низ рад кард. Вай мегӯяд:[46]

«Музофотдори Панҷоб ҳозир буд супориши маро ба мӯътамадии умури кишварӣ (Secretary of State) бинамояд ва кори устодии Донишгоҳи давлатии Лоҳурро барои ман дуруст кунад, вале ман тасмим гирифтаам, ки бар хилофи хостаи худ аз ин қабил корҳо дурӣ ҷӯям».

Иқбол шояд фақат як бор ба як идораи англисӣ барои шуғл нома навишт, ки супориши ӯро бинамоянд. Ин номаро вай дар таърихи 17 октябри 1925 хитоб ба Сэр Ҷ.П. Томсон (Sir George Paget Thomson) навишт, ки ӯро ба хубӣ мешинохт. Томсон дар он рӯзҳо узви шӯрои кишварии Ҳинд буд ва ба ҳамин хотир равобити ӯ бо роҳбарон ва ҳукмдорони Ҳиндустон ҳар рӯз бештар мешуд.

Соли 1925 соле буд, ки Иқбол бо мушкилоти фаровоне рӯ ба рӯ шуд. Дар ин сол барои ӯ фатвои куфр содир карданд. Ва мавриди таассуби Сэр Шодӣ Лал қарор гирифт ва бад-ин тартиб нагузоштанд, ки қозии додгоҳи олӣ шавад. Дар натиҷа, рӯзномаи «Муслим» ба Сэр Шодӣ эътироз кард. Сэр Шодӣ Лал фикр мекард, ки Иқбол низ дар ҳамроҳи дигарон дар эътироз ба вай ширкат дорад. Лизо вай бештар кӯшид, то ба Иқбол зарар бирасонанд. Мухолифини Иқбол – мусалмонон ва ғайримусалмонон барои бадном кардани ӯ басиҷ (сафарбар) шуданд. Иқбол ба ҳадде аз онон мутанаффир шуда буд, ки тасмим гирифт Лоҳурро тарк кунад ва коре дар Кашмир биёбад. Ва бо ҳамин заминаи фикрӣ вай номае ба Томсон навишт. Ӯ менависад:[47]

«Ин номаро ба Шумо ба хотири коре менависам, ки аз назари шахсии худам бисёр муҳим аст ва умедворам, ки дар як чунин мавқеияте маро ёрӣ диҳед, зеро ки сахт ниёз ба кӯмаки Шумо дорам. Шумо ҳатман аз тасмими давлат роҷеъ ба ҷойи холӣ, ки дар додгоҳи олии Лоҳур буд, бохабар шудаед. Ин бадшонсии ман аст, ки мардум маро дар ин робита бехуду бечиҳат дахолат доданд. Бими он меравад, ки ҳар чи қадар ки рӯзномаи «Муслим» то кунун эътироз карда ва ё дар оянда хоҳад кард, зарари бештаре ба ман бирасад. Медонам, ки қозии додгоҳ (Сэр Шодӣ Лал) фикр мекунад, ман низ аз ҷумлаи касоне ҳастам, ки аз ин ҷанҷол тарафдорӣ мекунанд. Дар сурате ки ба назарам ҷараёне, ки саъй мешавад, маро олудаи он кунанд, ҳатто давродавр низ бо он робитае надорам. Ба ҳар ҳол, кор кардан бо ин авзоъву аҳвол ба унвони як вакил барои ман фавқуллода мушкил аст, бахусус ин ки дар гузашта низ аз роҳҳои мухталиф ба ман зарарҳои гуногуне расидааст. Илова бар ин, ба хотири баъзе аз масоил, ки салоҳ намедонам онҳоро дар нома шарҳ диҳам, аз ин муҳит он қадар мунзаҷир шудаам, ки дилам мехоҳад ҳама чизро раҳо кунам ва ба дуриҳо паноҳ бибарам. Ман мутмаинам, ки як ҳаракати қалами Шумо маро аз тамоми ин мушкилот наҷот хоҳад дод. Бад-ин сабаб бо имон ва файзу иноят саркор, хоҳони

ҳимоятатон ҳастам. Оё мумкин аст барои ман коре дар шӯрои шаҳри Кашмир даступо (пайдо) кунед? Шояд бидонед, Кашмир ватани бобову аҷдодии ман мебошад ва алоқаи бухусус ба ин ҳита дорам. Бисёр имкон дорад, ки Маҳараҷаи ҷадиди иёлат Ҳари Сингҳ фикри тағйироти бунёдӣ дар давлати хешро дошта бошад. Агар ин тавр аст, мутмаинам, ки дар ин робита барои иқдом беҳтарин мавқеият аст. Агар шумо метавонед андаке маро ёрӣ диҳед, ҳам аз назари модӣ ва ҳам аз назари маънавӣ барои ман неъмате бузург ба шумор хоҳад омад. Ва ҳамеша аз ин лутфу карами шумо сипосгузор хоҳам буд».

Хушбахтона, дар он замон хатти машйи ҳукумати Ҳинд бар ин минвол буд, ки барои истиҳдом дар иёлот, то он вақт супорише накунанд, ки ба таври хусусӣ ба онҳо гуфта нашавад. Лизо Томсон натавонист коре барои Иқбол анҷом диҳад. Фақат ин ҷавобро дод: «Агар барои таъйини коре давлати Ҳинд бо вай машварат намояд, ӯ дархости Иқболро мадди назар дорад». Лизо Иқбол маҷбур шуд дар Лоҳур бимонад. Зеро тақдир чунин буд, ки соли баъд, яъне 1926 дар интихоботи шӯрои музофот пирӯз гардад ва ё ин ки дар майдони сиёсати тамоми мусалмонони Ҳинд ба номи як шахсияти муҳим шинохта шавад.

Кори ваколат барои Иқбол даромади хубе надошт, ба ҳамроҳи ин кор суолоти имтиҳонии донишгоҳҳои мухталифро тамзим мекард ва аз ин роҳ то ҳадде муваффақ мешуд, ки махориҷи худро таъмин кунад. Баъзе аз авқот низ бо мунташир кардани китобҳое ба даромадаш афзуда мегашт. Ба хотири даромади кам ва номушаххасу боло будани сатҳи зиндагии дохилӣ, ҳамсараш ба ӯ борҳо гуфт, ки кори давлатӣ интихоб кунад, вале ӯ бо ханда ҳарфро иваз мекард. Вай иртиботе бо хонаводаҳои пулдор надошт. Агар бародари бузургаш ба ӯ кӯмак намекард, дарсашро низ наметавонист бихонад. Дар Ҳиндустон ба унвони фақиртарин ноиб (сэр) маъруф буд, гарчи баъзе аз дӯстон ба ӯ насиҳат мекарданд, ки барои эҳрози ваколат баъзе мақомоти онҳоро гоҳе авқот ба манзилаш даъват кунанд.

Мирзо Ҷалолуддин менависад:[48]

«Мо борҳо ба ҷаноби оқои доктор арз кардем, ки баъзе аз авқот мақомотро ба манзили хеш даъват кунад ва гуфтем, ки беҳтарин роҳ барои ром кардани англисҳо даъвати онҳо ба хӯрду хӯрок аст... Вале доктор ҳарфи моро гӯш накард ва ғолибан посух медод, ки дӯст надорад барои ин навъ корҳо пул харҷ кунад. Зеро ҷалби назари англисҳо аз доираи хостаи ӯ хориҷ буд».

Азим Ҳусейн дар зиндагиномаи падараш гилаомез менависад: «Сэр Фазл Ҳусейн борҳо кӯшиш кард, ки зиндагии Иқболро аз назари молӣ мураффаҳ созад, вале Иқбол аз ин мавқеиятҳо истифода накард». Ба нақл аз вай тафсири ин кӯшишҳо ба шарҳи зер мебошад:[49]

Дар соли 1924 Сэр Фазл Ҳусейн ба Сэр Малкум Ҳайлей* – музофотдори Панҷоб супориш кард, ки коре барои Иқбол ба унвони қозӣ дар додгоҳи олӣ дуруст кунанд. Вале ҳанӯз ин масъала зери баррасӣ буд, ки Иқбол бо интиқод аз давлат мувофиқати гурӯҳҳои давлатиро аз даст дод.

Дар соли 1927 муқаррар гардид ҳайате аз мусалмонон ба Инглистон бираванд, зеро қарор буд дар робита бо ислоҳоти қонуни оянда хостаҳои мусалмононро ба вазири Ҳинд ироа диҳанд. Сэр Фазл Ҳусейн аз Иқбол хост, ки дар раъси ин ҳайат ба Инглсистон азимат намояд, вале ӯ бо рафтан мувофиқат накард.

Иқбол пас аз бозгашт аз конфронси Мизи гирд дар солҳои 1931-1932 шадидан аз давлати Инглистон интиқод кард, бад-ин ҷиҳат алорағми кӯшишҳои фаровони Сэр Фазл Ҳусейн, давлати Ҳиндустон напазируфт, ки Иқбол ба узвияти кумитаи ташкили федералӣ (Federeal Structure Commitee) дарояд. Ҳамчунин мувофиқат накард, ки ӯро ба унвони узве аз ҳайати Ҳиндустон ба Маҷмаи милал (League of Nations –Лигаи Миллатҳо) бифиристад. Ва низ алорағми талошҳои Сэр Фазл Ҳусейн, ноибуссалтана

* Lord Malkom Hayley аз соли 1924 то 1928 музофотдори Панҷоб буд.

иҷоза надод, ки Иқбол ба узвияти Комиссияи хадамоти умумӣ (Public Service Commission) дарояд.

Дар соли 1933 Сэр Фазл Ҳусейн пешниҳод намуд, ки Иқболро ба унвони намояндаи давлати Ҳинд ба Африқои Ҷанубӣ бифиристанд. Вале Иқбол ин корро низ рад кард. Зеро ҳамсараш ҳиҷоб дошт ва наметавонист дар ҷашнҳое, ки зану мард дар як махфил буданд, ширкат намояд.[50]

Тамоми зиндагии Иқбол дар фақру ниёзи молӣ гузашт. Дар чанд соли охир умри кори ваколатро низ раҳо карда буд. Ҳамсараш вафот карда буд ва илова бар махориҷи манзил ҳазинаи ду кӯдаки ноболиғу таҳсили онҳоро низ бояд фароҳам мекард Сэр Фазл Ҳусейн ба Миён Амириддин навишт, ки «Шунидам Иқбол бемор аст ва дар мушкилоти молӣ ба сар мебарад. Хоҳишмандам маро аз вазъи саломат, авзои молӣ ва кори ваколати ӯ огоҳ созед». Миён Амириддин ба ӯ посух дод: «Иқбол кори ваколатро канор гузоштааст. Ӯ бемор асту вазъи молиаш низ хуб нест ва садои ӯ сареан аз байн меравад».

Азим Ҳусейн зимни тафсире бар зиндагии нокоми Иқбол мегӯяд:[51]

«Дар ҳақиқат, доктор Иқбол сиёсатдон набуд, балки ӯ файласуфе буд, натавонист бифаҳмад, ки сиёсат бозигарӣ ва созиш бо авзоъву мусолеҳ аст. Бад-ин сабаб, ӯ бо ин далоил ҳаргиз натавонист мақоми рафее касб кунад ё раҳбари сиёсӣ шавад ва ба ин далел пирӯз нашуд. Зеро ки вай фақат шоири мутафаккир буд ва муомилагар набуд».

Ин хулосаи назариёти Азим Ҳусейн дар бораи зиндагии нокоми Иқбол буд. Суоли Муҳаммад Аҳмадхон низ қобили таваҷҷӯҳ аст:[52] «Оё зиндагии ҳаводорони Инглистон ва ё иродатмандони англис ҳамин тавр будааст?» Вале бо вуҷуди инҳо, баъзе интиқодкунандагон ва мӯътаризин мегуфтанд, ки Иқбол ҳаводори Инглистон ва хидматгузору намояндаи империализм аст. Иқболи мутамоил ба давлати Инглистон ҳамин буд. Теъдоди афроде ки чунин тасаввуре доштанд, кам набуд. Олими баргузидаи мусалмонони Ҳиндустон Мавлоно Ҳусейн Аҳмадхон* дар тамоми муддати умраш дар бораи Иқбол иштибоҳ мекард ва мепиндошт, ки вай ба ҷодуи ҷодугарони Инглистон мубтало шудааст.[53] Вале назари Мавлоно Абуалаъло Мавдудӣ** дигар буд. Вай менависад:[54]

«Ӯ ба шиддат аз сиёсати Инглистон, чи аз назари фикрӣ ва чи аз назари амалӣ нафрат дошт. Ӯ ҳамеша аз дарбори Инглистон гурезон ва ба давлату тарафдорони он башиддат бадгумон буд ва вуҷуди онҳоро садде дар роҳи расидан ба аҳдофаш мепиндошт. Ва чашмандози сиёсии ӯ фақат озодии комил набуд, балки ӯ эҷоди дор-ул-исломро дар Ҳиндустони озод барои худ насбулайн қарор дода буд. Ва фақат бад-ин сабаб ӯ иҷборан дар умури сиёсӣ бо он даста афрод ҳамкорӣ мекард, ки зери сояи давлати Инглистон бо эҷоди ҳукумати ҳинду мухолифат мекарданд. Гӯё аз назари аҳдоф робитае байни ӯву он табақа вуҷуд надошт. Гӯё ба хотири ин салоҳдид равобити хешро бо он табақа идома дод. Зеро то вақте ки эҷоди дор-ул-ислом дар

*Мавлоно Ҳусейн Аҳмад Маданӣ (1878-1957 милодӣ) пас аз таҳсилот дар Девбанди Ҳинд ба Ҳиҷоз рафт ва дар дорулҳадиси Мадина машғули таҳсил шуд. Дар замони ҷанги ҷаҳонии аввал ба иттифоқи Шайх-ул-Ҳинд Мавлоно Маҳмуд Ҳасан, ки ӯ ҳам дар Ҳиҷоз буд, ба тарафдорӣ аз туркҳо бархост. Дар натиҷа, ба ҷазираи Малта табъид шуданд. Пас аз ҷанг ба Ҳинд бозгашт ва дар ҷунбиши хилофату наҳзати адами ҳамкорӣ ширкат намуд. Давлати англисӣ ӯро се сол зиндонӣ намуд. Пас аз раҳоӣ аз зиндон ба кори тадрис машғул шуд. Ӯ олими мутабаҳҳире буд, ки пас аз Мавлоно Маҳмуд Ҳасан мулаққаб ба Шайх-ул-Ҳинд шуд.

** Мавлоно Абуалаъло Мавдудӣ дар соли 1903 милодӣ дар Арангободи Ҳинд ба дунё омад. Пас аз таҳсилоти муқаддамотӣ ба Деҳлӣ рафт. Дар 18-солагӣ мудир-ул-ҷамъият (Ҷамъияти уламои Ҳинд) шуд. Вай бо нахустин китоби худ таҳти унвони «Ал-ҷиҳод фӣ-л-исломӣ» дар дунёи илму адаб муаррифӣ шуд. Дар соли 1932 нашрияе ба номи «Тарҷумон-ул-Қуръон»-ро мунташир намуд ва дар соли 1941 «Ҷамоати исломӣ»-ро таъсис кард. Таълифоти зиёде дар бораи масоили динӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба риштаи таҳрир даровардааст, ки муҳимтарини онҳо «Кашмакаши сиёсӣ» (2 ҷилд), «Тазминот» (2 ҷилд) ва ғайра мебошад.

ҷавонони мусалмон ба сурати оташе фирқаӣ шӯълавар нашудаву онҳо бо ҷон барои он кӯшиш накардаанд, лоақал имкон дошта бошад, инқилобро аз тағйири мавқеият боз дорад. Бар ин асос, вай аз тарафе кӯшид бо ашъораш нерӯе дар ҷавонон бидамад, ки ҳама аз он огоҳанд ва, аз тарафи дигар, дар умури сиёсӣ равишеро иттихоз кард, ки афроди бахусусе фақат аз ҳадафи ниҳонии он огоҳ буданд ва низ ба хотири баъзе аз маслиҳатҳои зоҳирӣ, вай таънаҳои мухолифини хешро ба ҷон мехарид».

Дуввумин иттиҳоме ки ба Иқбол ворид мекунанд, ин аст ки ӯ як фирқапарасти мутаассиб буд. Иттиҳомро ба ашъор ва андешаҳои сиёсии он ворид карданд. Сабаб он буд, ки Иқбол дар даврони иқоматаш дар Инглистон, ҳангоме ки аз он инқилоби рӯҳиву зеҳнӣ убур намуд, ба таври куллӣ ашъораш сурати исломӣ ба худ гирифт ва аз дур як фирқапарасти мутаассиб ба назар меомад. Гӯё бо қабули асабияти исломӣ дар қалбаш, таассуб дар мавриди ҳиндуҳо ҷой гирифт. Агарчи таассуб ва асабият робитае лағвӣ бо якдигар доранд, вале ҳарду истилоҳ дар мафҳуми хеш лозиму малзум нестанд. Иқбол дар номае дар мавриди фарқи байни таассуб ва асабият менависад:[55]

«Асабият чизе ва таассуб низ чизи дигар аст, решаи асабият ҳаётӣ аст ва решаи таассуб нафсонӣ, таассуб навъе беморӣ аст, ки муолиҷаи он фақат ба дасти рӯҳониён ва таълимоти эшон аст. Асабият хосаи зиндагӣ аст, ки парваришу тарбияти он лозим аст ва зарур дорад. Дар ислом ҳудуди асабияти фардӣ ва иҷтимоӣ муқаррар шудааст, ки ба он «шаръ» мегӯянд. Натанҳо аз назари ман, балки аз диди ҳар мусалмон мондан дар ин ҳудуд ба растагорӣ меанҷомад ва таҷовуз аз онҳо боиси нобудӣ хоҳад буд».

Дар қисмате аз хутбаи Оллоҳобод мегӯяд:[56]

«Фирқапарастӣ низ қисматҳои мухталиф доранд. Агар ҳар фирқае ба фирқаи дигар назари бадхоҳӣ дошта бошад, вуҷудаш бисёр поин ва паст аст. Ман беандоза ба русум, қавонин, масоили мазҳабӣ ва муоширатии фирқаҳои мухталиф эҳтиром мегзорам. Нафақат ин, балки тибқи таълимоти қуръонӣ, ба ҳангоми лузум вазифаи ман аст, ки ҳатто аз ибодатгоҳҳои онҳо низ ҳифозат кунам.

Бо вуҷуди ин, ман дӯстдори он фирқае ҳастам, ки сарчашмаи зиндагӣ ва аъмоли ман аст. Ва мактабе, ки ба ман дин, адаб, фикру тамаддуни хешро дод ва вуҷуди маро тавре ташкил дод, ки ҳастам. Бад-ин тартиб, бо бозсозии гузаштаи худ онро дар шуури ман унсури зиндаву фаъол сохт».

Аз ҷумлаи дӯстони Иқбол мусалмонон, ҳиндуҳо ва сикҳҳо буданд. Тамоми умр бо Маҳарачa Кишан Прасад равобити амиқе дошт, то ҷое ки вай ҳатто дар мавриди издивоҷи духтаронаш бо Иқбол машварат мекард. Иқбол дар номае хитоб ба Маҳарачa Кишан Прасад менависад:[57]

«Шинохтани рози хулусӣ (ихлосмандӣ), ки ман нисбат ба Шумо дорам, мушкил нест. Ин рози пинҳон дар қалбе мебошад, ки Худованд ба Шумо бахшидааст. Ман аз либоси иморати Шумо хушҳолам. Вале нигоҳи ман аз он низ фаротар меравад ва ба он чизе мерасад, ки ин либос ба он мулаббас (пӯшида) аст».

Ба ҳамин сурат низ ӯ равобити бисёр хубе дар тамоми умр бо Свами Рантиратҳ (Swami Ramtirath) дошт ва ба ҳангоми марги вай Иқбол шеъри бисёр дилпазире суруд. Пандит Шиянараян Шамим бо кӯмаки Иқбол шеърҳояшро ислоҳ мекард.

Ӯ ҳамеша таърифи Сэр Тач Баҳадар (Баҳодур) Сипарврo* мекард ва алоқаву муҳаббати махсусе ба хонаводаи Неҳру, махсусан ба Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру дошт. Нависанда (Ҷовид) худ шоҳиди айнии изҳори муҳаббати вай нисбат ба Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру буд. Шояд далелаш ин буд, ки ба хотири вусъати назар, фикри

* Доктор Сэр Тач Баҳадар Сипарв дар соли 1875 дар Ҳинд мутаваллид шуд. Дар соли 1910 дар ҷаласаи Конгресси солиёнаи Ҳинд ширкат кард. Муддате узви Шӯрои қонунгузори салтанатӣ буд. Ва аз соли 1920 то 1922 мушовири давлати англис шуд ва дар масоиле, ки Конгресси Ҳинд бо давлати англис дошт, ҳукми миёнҷиро ба ӯҳда гирифт. Ба адабиёти урду бисёр алоқаманд буд ва хадамоти шоёне дар ин замина анҷом дод.

озод ва мутаодил будани Иқбол, Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳруи навҷавон бо вай вобастагии хос пайдо карда буд. Ва ё мумкин аст, сабаби дигари муҳаббати вай ин бошад, ки хонавода ва худи Пандит монанди Иқбол бо Кашмир пайвастагӣ доштанд. Аз ҷумлаи сикҳҳо ӯ бо Сэр Ҷугандар Сингҳ ва Амров Сингҳ Шергул дӯст буд. Барои омӯзиши таълимоти ибтидоӣ нависанда (Ҷовид)-ро ба устоде ҳинду ба номи Тара Чанд* супурд, ки бисёр мавриди эътимоди Иқбол буд. Духтури муолиҷи ӯ дар чаҳору панҷ соли охири умраш як ҳинду ба номи доктор Ҷамъият Сингҳ буд. Вай қабл аз вафоти Иқбол, яъне то замоне, ки зинда буд, бидуни ҳеҷ чашмдоште ба хонаводаи ӯ хидмат мекард. Манзили Иқбол, ки дар хиёбони Миклуд воқеъ шуда буд, бисёр қадимӣ ва кӯҳна буд. Ва моҳона 130 рупия бобати он кироя медод. Шахсе ба ӯ гуфт: «Бо ин кироя, ки Шумо пардохт мекунед, манзили хубе иҷора кунед». Иқбол посух дод:[58]

«На. Дуруст аст, вале ман дилам намехоҳад аз ин ҷо биравам, мавзӯъ ин аст, ки вироси ин манзил ду бачаятим ҳастанд, агар ман аз ин ҷо биравам, онҳо бисёр нороҳат хоҳанд шуд. Шояд каси дигар ин кирояро ба онҳо надиҳад».

Ин ҳақиқат дорад, ки дар зиндагии дунявии Иқбол зиёнҳое тавассути Сэр Шодӣ Лали қозӣ ба ӯ расид, ки ҳиндуи мутаассиб буд. Вале бархе аз уламо ва ҳосидини мусалмон низ аз ин қабил зарару озорҳо ба ӯ фаровон расондаанд. То ҷое ки ба зиндагии шахсии Иқбол марбут мешавад, шавоҳиду мадорике дар даст нест, ки Иқбол бар асоси таассуб газанде ба ҳиндуе ва сикҳе ворид карда бошад.

Арз аз ин баҳс, бардоште аз равобити Иқбол бо ҳиндуҳо ва сикҳҳо буд. Ӯ бо ҳиндуҳо, чӣ аз назари миллӣ ва ё фирқаӣ, таассуб ё душманӣ надошт, балки аз тараққӣ ва муваффақияти онҳо хушҳол низ мешуд. Вай дар номае хитоб ба Сэр Франсис Янгҳазбенд (Sir Francis Younghusband) менависад:[59]

«Хоҳиш мекунам, фикр накунед нисбат ба ҳиндуҳо тааасссуб дорам. Ҳақиқат ин аст, ки дар солҳои ҷорӣ инҳо исор ва шуҷоате аз худ нишон додаанд, ки ман эҳтироми зиёде барои онҳо қоил ҳастам. Ва дар роҳҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо муваффақият қадам ниҳоданд».

Илова бар ин, вай алоқаи қалбӣ ба бониёни мазҳаби ҳинду ва сикҳ дошт. Дар таъриф аз Рам Чандраҷӣ** шеъре суруд, ки дар он ӯро эмоми ҳинду, чароғи ҳидоят ва фаришtаи сиришт номид. Ҳамчунин Гуру Нанакро пайғамбари тавҳид ва Ҳақ, тавҳидпараст ва нури Иброҳим хитоб кард. Ба Буддо низ ҳамин лақаби пайғамбарро дод. Иқбол мехост «Рамаян» ва «Гита»-ро ба урду тарҷума кунад. Аз мутолеаи дебочаи табъи аввали маснавии «Асрори худӣ» равшан мешавад, ки ӯ ҳаргиз душмани кеши ҳинду набудааст. Балки ӯ мутолеаи дақиқе дар бораи адабиёт ва илоҳиёти ҳинду дошт. Эҳтиром ва алоқаи хосе низ натанҳо ба Вишвамитра ё Бҳартриҳарӣ,*** балки ба шахсиятҳои бузурги дигар, монанди Шри Кришна**** ва Раманҷ дошт. Исломе, ки Иқбол ба он имон дошт, нишонае аз таассуб дар он набуд.

---

* Донишманду нависандаи маъруфи Ҳинд, таҳсилоти худро дар Оллоҳобод ва донишгоҳи Оксфорд ба поён расонд. Дар соли 1947 раиси Донишгоҳӣ Оллоҳобод шуд. Дар 1951 сафири Ҳинд дар Эрон буд. Дар заминаи сиёсату адаби форс ва урду, таъриху омӯзиш ва парвариш қареҳаи саршоре дошт. Аз таълифоти ӯ метавон «Таърихи мухтасари мардуми Ҳинд» ва «Нуфузи ислом дар тамаддуни Ҳинд»-ро ном бурд.

** Тибқи китоби мазҳабии ҳиндуҳо «Рамаяна» дар давронҳои бисёр қадим, шахсе ҳукмронӣ мекард, ки писари бузургаш ба номи Рам Чандраҷӣ бисёр далеру шуҷоъ буд. Вай дар тӯли зиндагии худ чаҳордаҳ сол дар ҷангалҳо зиндагӣ кард ва вақти бозгашт ба Ҳинд, мардум чароғонӣ карданд. Аз он замон ин расм мутадовил шуд, ки «Диволӣ» номида мешавад. Ҳиндуҳо Рам Чандраҷиро яке аз худоёни худ медонад.

*** Бҳартриҳарӣ – шоир ва ситорашиноси маъруфи ҳиндӣ, ки аллома Иқбол китоби «Боли Ҷабраил»-и худро бо шеъре аз ӯ шурӯъ кардааст. Яке аз маъруфтарин таълифоти ӯ китоби «Сарфу наҳв» мебошад.

**** Шри Кришна яке аз худоёни ҳинду маҳсуб мешавад. Маҷмӯаи гуфторҳои вай «Баҳагут Гито» номида мешавад. Шарҳи ҳоли ӯро дар «Мҳабҳарат» – китоби маъруфи ҳиндуҳо метавон ёфт.

Ҷаган Натҳа Озод дар мавриди ақидаи ӯ дар бораи ислом бисёр фозилона изҳори назар кардааст:[60]

«Файласуфи тарки амал... , ки Иқбол онро маслаки ғайриисломии мутаҳаррик номидааст, лозим нест, ки Шри Шанкар* калиди онро ироа карда бошад».

Ҳангоме ки Муҳиддин Ибни Арабии Андалусӣ бо ин фикр Қуръони Каримро тафсир мекунад, Иқбол онро низ ғайриисломӣ мехонад. Дар ин шинохт ҳиндуҳо ва мусалмонон гирифтори он куюде нестанд, ки мо дар асри ҳозиру дар ин даврони мутараққӣ барои худ ба вуҷуд овардаем. Дар ҳақиқат, калимаи ислом тавассути Иқбол ба маънии воқеӣ истифода шудааст, вале на ба он маънӣ, ки сиёсати имрӯзӣ онро мавриди истифода қарор медиҳад. Иқбол дар суханонаш аз ислом, муроди амният, саломатӣ ва кӯшишу сулҳ хостор аст. Шавоҳиди дигаре низ дида мешавад. Масалан, дар ҷое афкори Шри Шанкар, Шайх Акбар** ва Хоҷа Ҳофизро ғайри исломӣ хонд. Аммо афкори Шри Кришна ва Рамануҷаро натанҳо ғайриисломӣ нахонда, балки онҳоро таъйид кардааст. Ва барои бақои онҳо пофишорӣ намудааст. Ин гуфтаи Иқбол аст, ки:[61]

«Ислом ва мусалмонон барои ман истилоҳоти бахусусе ҳастанд ва агар мехоҳед ба афкори ман пай баред, бояд бо онҳо ба хубӣ ошноӣ дошта бошед ва маонии онҳоро хуб дарк кунед».

Тасаввури дин, аз назари Иқбол, монанди ҳиндувону юнониёни қадим ва мисриён қавме нест ва на монанди яҳудиён нажоде ва на монанди масеҳиён шахсе ва ё фарде мебошад. Тасаввури ислом аз назари вай, ба таври холис башарӣ аст. Ба иборати дигар, ӯ исломро яке аз усули ҳайати иҷтимоии башарӣ мепиндорад. Вале душманони вай барои ин ки собит намоянд, ки ӯ фирқапарасте мутаассиб аст, аз ҳеҷ коре фурӯгузор накарданд. Муҳаммад Аҳмадхон ба мисоле дар ин бора ишора мекунад:[62]

«Доктор Сачидананда дар китоби худ ба забони англисӣ ба номи «Иқбол аз назари шоирӣ ва паёми ӯ» менависад, ки шеъри «Ҳиндустон моли мо» аз ин назар аз эҳсосоти қавмпарасти холӣ аст, ки Иқбол дар ин шеър каламоти форсӣ истифода кардааст. Ва барои ҳиндувон махсусан асарбахш нест. Дар шеъри «Шаволаи ҷадид» вай бутпарастии бараҳманҳоро мавриди назар қарор додааст ва нисбат ба ҳиндуҳо таассуби хосе изҳор доштааст... Дар сурате, ки дар шеъри Иқбол, забони форсӣ, забони мазҳабӣ набуд ва дар шеъри «Шаволаи ҷадид» ӯ аз ҳарду, яъне, бути бараҳман ва маъбуди воиз безор ба назар мерасад. Дар ҳақиқат, шахсияти Иқбол абъоди бисёре дошт, вале муаммо набуд, дар сурате, ки дар Ҳиндустон онро муаммо сохтанд. Ҳиндуҳо ӯро мусалмоне қавмпараст ва мутаассиб пиндоштанд. Ва баъзе аз гурӯҳҳои мусалмон ӯро кофир хонданд. Шояд бар асоси ҳамин эҳсос, Иқбол маҷбур шуд, ки дар мавриди худ бигӯяд:

Тарҷумаи шеър:

Зоҳиди кӯтоҳфикр маро кофир пиндошт,
Кофир пиндошт, ки мусалмон ҳастам.

Ба ҳар ҳол, Иқбол таассубу гироиши шадиди исломӣ дошт ва ба дини худ дилбастагии амиқ. Ӯ ҳаргиз аз дигарон нафрат надошт. Ва орзу мекард, кош ҳиндуҳову мусалмонон метавонистанд бо эҳтиром ба қавмияти якдигар, дар роҳи тараққиву пешрафт гом ниҳанд. Дар номае хитоб ба Маҳараҷа Кишан Прасад, зимни изҳори назар дар бораи маснавии «Асрори худӣ» менависад:[63]

«Ман таваҷҷӯҳи фаровоне ба таърихи гузаштаи дониш ва огоҳии ҳиндуҳову мусалмонон ва авзои кунунии онҳо доштаам. Ва аз ин тариқ мутмаин ҳастам, ки пизишкони ҳарду миллат ҳанӯз натавонистаанд бемории маризи худро ташхис

* Shankar Acharia – касе, ки барои нашру ишоаи мазҳаби ҳиндувон бисёр талош кард ва бад-ин манзур дар Ҳинд чаҳор донишкада таъсис намуд. Вай бо мазҳаби Буддо шадидан мухолиф буд.

** Ҳамон Муҳиддин Ибни Арабӣ мебошад, ки ӯро Шайхулакбар ё Шайх Акбар ҳам меноманд.

диҳанд. Ақидаи ман ин аст, ки марази аслии онон заъфи зиндагӣ кардан аст. Ва ин заъф, натиҷаи фарҳанги хосе, ки аз бадшонсӣ (бетолеӣ)-и миллатҳои осиёӣ насиби онҳо шудааст... Авзои кунунӣ иқтизо мекунад, ки ин беморӣ мудово (табобат) шавад».

Иқбол тасаввури кишвари исломиро ба ин далел унвон накард, ки ҳиндувон тасаввур накунанд ӯ нисбат ба онҳо буғз ё адовате дорад. Вай бо таҷриба ва мушоҳидаи авзои сиёсии нимҷазираи Ҳинд чунин натиҷагирӣ кард, ки пайванди ҳеҷ навъ созише байни ду миллат ё ду фирқаи мазҳабӣ барои ташкили як кишвари муттаҳид мумкин нест. Агар байни ду бародар тафовуқ набошад, иҷборан ирси худро тақсим мекунанд. Ин аз хусусиёти зиндагии хонаводагӣ ва ё иҷтимоии инсон аст. Қабл аз тасаввури кишвари исломӣ, роҳбарони Маҳасбаҳа барои ин ки фикри ҳиндуҳоро нисбат ба мусалмонон хароб кунанд, шоеае пароканда буданд, ки агар шимолу ғарби нимҷазираи Ҳинд минтақаи аксарияти мусалмоннишин шавад, афроди он минтақа ё кишварҳои мусалмони ҳамсоя муттаҳид шуда, ба Ҳиндустон фишор хоҳанд овард ва мумкин аст монанди гузашта бори дигар Ҳиндустон мавриди таҳоҷум қарор гирад.

Вале Иқбол аз панҷоҳ сол пеш медонист, ки ин фикри роҳбарони ҳинду беасос аст ва агар Ҳиндустон дар хатар бошад, аз тарафи кишварҳои исломӣ нахоҳад буд, балки аз тарафи Осиёи Марказӣ ва Шӯравӣ хоҳад буд, ки аз даврони подшоҳӣ то кунун дар орзуи расидан ба обҳои гарми баҳрҳои ҷануб ба сар мебаранд. Бо дар назар гирифтани чунин як фалсафае, ба ҳангоми ироаи тасаввури кишвари исломӣ, Иқбол равшан сохт, ки аз нуқтаи назари Ҳиндустон, маънии он амният ва саломатӣ аст, ки дар натиҷаи тавозуни қудрат дар даруни кишвар ба вуҷуд хоҳад омад. То он ҷое ки ба ҳамлаи хориҷ аз кишвар иртибот пайдо мекунад, нерӯҳои дифоии муштараки ҳавоӣ ва дарёии ҳиндувону мусалмонон тавъаман метавонанд барои дифоъ аз нимҷазира дар марзҳо мустақар ва омода бошанд.

Агар Иқбол фирқапарасте мутаассиб ва ё душмани ҳиндуҳо буд, пас чӣ ниёзе дошт фикри дифои муштаракро барои ҳифзи нимҷазира унвон кунад?

Севвумин иттиҳоме, ки ба ӯ ворид карданд, ин буд: Иқбол инсоне бетаҳаррук ва маъюс аст. Ин иттиҳом ду ҷиҳат дорад:

Иқбол усулан шоир ва мутафаккир буд, бад-ин сабаб сиёсати ӯ низ бетаҳаррук буд.

Тасаввури кишвари исломӣ натиҷаи яъси фикрии Иқбол буд.

То он ҷо ки ба аввалин қисмати ин иттиҳом марбут мешавад, бояд гуфт, ки ӯ сиёсатмадоре буд, ки ҳатто ҳиндуҳо низ ӯро қабул доштанд.

Дар сиёсати амалӣ мо ду ҷанба дорем: равиши аввал он аст, ки сиёсатмадор дар ҷаласот суханрониҳои ҳаяҷонангез эрод кунад, дар тазоҳурот ва роҳнамоиҳо ширкат кунад, дар рӯзномаҳо баёнияҳое ба чоп бирасонад, сиёсати давлатро ба боди интиқод бигирад ва дар мухолифат бо он сӯҳбат кунад. Хостаҳои худро аз давлат тавассути адами ҳамкорӣ ва ташдиди ноороміҳо ва ҷоруҷанҷол бигирад. Калтак бихӯрад, дастгир шавад, муҷозот ва боздошт гардад, дар зиндон эътисоби ғизо (гуруснанишинӣ) кунад ва ғайра...

Равиши дуввум ин аст, ки сайёс (сиёсатмадор) дар ҷаласот суханрониҳое эрод кунад, дар рӯзномаҳо мақолоте ба чоп расонад, гоҳе давлатро мавриди интиқод ва гоҳе низ мавриди ситоиш қарор диҳад. Пул харҷ кунад, ҳизб бисозад, дар интихобот пирӯз шавад ва дар маҷлис курсиҳое ба даст оварад ва дар он ҷо бо аҳзоби сиёсӣ тавтеа бичинад, ё бо давлат алайҳи мардум созиш намояд ва дар натиҷа он мақоми муҳиме ба даст оварад.

Усулан, сиёсати Иқболро бо ҳеҷ як аз ин ду шакл наметавон татбиқ намуд. Илова бар он, гӯшанишинӣ мувофиқи мизоҷи Иқбол буд. Бад-ин сабаб мӯътаризин ва мухолифини ӯ вайро натанҳо бетаҳаррук хонданд, балки ба ин натиҷа низ расиданд, ки ӯ аз аввал сиёсатмадор набудааст.

Ҳеҷ кас гӯшанишинии Иқболро инкор намекунад.[64] Вақте аз Иқбол пурсиданд, ки «Чаро Шумо бисёр бо шӯр шеър мегӯед, вале амалан ҳаяҷоне дар Шумо дида намешавад?», вай посух дод: «Вақте шеър мегӯям, дар олами улво (осмонӣ) мебошам, албатта ман ба олами асфал (поёнӣ, заминӣ) тааллуқ дорам. Бинобар ин, миёни шеъри ман ва амали ман чӣ гуна мешавад татобуқ (мутобиқат) эҷод шавад?»

Ҳангоме Мавлоно Муҳаммад Алӣ ба таври танз ба ӯ гуфт: «Иқбол, мо бо хондани ашъори ту ба зиндон меравем, дар сурате, ки ту ҳамон тавр дар хона нишастаӣ ва қалён мекашӣ», вай дар посух гуфт: «Қаввол (гӯянда) мехонад ва шунаванда ба ваҷд омада, таъриф мекунад, мерақсаду аз ҳуш меравад, вале агар тамоми ин ҳолат ба қаввол даст диҳад, қавволӣ аз байн хоҳад рафт».[65] Хорич шудан аз манзил барояш азобе буд. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин ҳарфҳо, ба хотири ҳифзу ҳаросати ҳуқуқи мусалмонон ва тасбияти мавқеияти сиёсии онҳо дар сиёсат ширкат мекард. Яъне, Иқболи гӯшагиру мунзавӣ (қаландар) агар бар хилофи майли худ дар умури сиёсӣ ширкат мекард, фақат барои ҳифозат аз манофеи мусалмонон ва ё истеҳкоми сиёсии онҳо буд.

Аз соли 1926 милодӣ ӯ дар умури сиёсии мусалмонони нимҷазираи Ҳинд амалан дахолат накард. Баъд аз он низ, дар даврони бемориаш, ки муддати чаҳор сол ба тӯл анҷомид, бидуни таваҷҷӯҳ ба тӯҳматҳои ворида, дар бистари беморӣ ва ҳатто то охирин лаҳзаи умр, раҳбарони сиёсии мусалмононро ташвиқ мекард, ки пешниҳоди кишвари исломиро қабул кунанд. Ва ҳангоме ки шахсе мехост аз хадамоташ таъриф кунад, мултамисона мегуфт:[66]

«Ман барои ислом чӣ кардаам? Хидмати исломии ман фақат то ин андоза аст, ки гӯйӣ, шахсе аз фарти муҳаббат қӯдакеро, ки хуфтааст, бибӯсад».

Дар ин бора Сайид Назир Ниёзӣ менависад:[67]

«Ӯ маҷбур буд аз миллати худ таънаи бетаҳаррукиро бишнавад. Дар ҳоле, ки интиқодкунандагон аз ӯ ин нуктаро фаромӯш карда буданд, ки фикри ӯ низ худ навъе кор аст.* Ва агар маънии амал ин аст, ки шахсе барои насбулайни ҳаёти хеш бо вуҷуди тарғиботу таҳдидоти дунявӣ навъи хосе кирдору парвариш кунад, пас ҳазрати Аллома аз ҳеҷ соҳибамале ақибтар набуд».

Аз дуввумин ҷиҳати ин иттиҳом метавон натиҷа гирифт, ки назар ба ин ки Иқбол аз тафоҳум миёни ҳиндуҳо ва мусалмонон маъюс шуд, бад-ин ҷиҳат дар олами яъсу ноумедӣ фикри эҷоди кишвари исломиро унвон кард. Яъне, агар қарордоде қобили қабули тарафайн – ҳиндуҳо ва мусалмонон мунъақид мешуд, дигар ниёзе набуд, ки кишвари исломӣ ба вуҷуд ояд. Лизо тасаввури кишвари исломӣ асоси фикрӣ надошт, балки самараи яъсу ноумедии як шоир аст.

Ҳақиқат ин аст, ки бӯъди манфии ҳар ҳарферо метавон ба даст овард ва инҳисори он низ бастагӣ ба фикри мутаарризин дорад, ки бидонанд мӯътариз то чи ҳадде аз назари фикру зеҳн ақиб афтодааст.

Ашхосе, ки бо афкори Иқбол ба хубӣ ошно ҳастанд, медонанд, ки ӯ инсони бадбин набуд. Балки бисёр хушбин ҳам буд. Ва аз назари ӯ оянда ё сарнавишт шакли маънӣ надорад, балки фақат бастагӣ ба имконот дорад, ки ба вуқӯъ пайвандад. Ва ё баръакс. Иқбол бар ин ақида буд, ки музофотҳое, ки мусалмонон дар он ҷо аксарият доранд ва дар шимолу ғарби Ҳиндустон воқеъ мебошанд, дар ҳақиқат вобаста ба якдигаранд ва ин якҷо будан аз тарафи Худованд бемаслиҳат нест. Лизо вай қабл аз тасаввури кишвари исломӣ аз тариқи ашъору навиштаҳояш натанҳо кӯшиш мекард, ки миллати мусалмонро огоҳ созад, балки барои эҷоди кишваре асоси фикрӣ ва назарӣ низ тартиб дод. Ин силсилаи назариёт аз соли 1907 милодӣ то замони вафоташ идома дошт. Манзур ин буд, ки агар як кишвари мусалмон ба вуҷуд ояд,

---

* Гар дилам оинаи беҷавҳар аст, Рӯзи маҳшар хору расво кун маро,
В-ар ба ҳарфам ғайри Қуръон музмар аст. Бенасиб аз бӯсаи по кун маро.

асоси фикрӣ барои он қаблан пайрезӣ шуда бошад. Гӯё вай барои имкони ба вуҷуд омадани чунин кишваре, тақрибан 30 сол пеш, ин асосро фароҳам оварда буд. Оё ин амали пешбинии вай, ки муддати сӣ сол ё нисфи умри Иқбол густариш дошт, метавонист гуфт, ки натиҷаи яъсу ноумедӣ ва бадбинии ӯ мебошад? Ин баҳс як ҷиҳати дигар ҳам дорад: Мӯътаризини Иқбол, бавижа, рӯзномаҳои ҳинду ва «Панҷоб», ҳамеша ӯро муттаҳам мекарданд, ки фақат Иқбол мусалмони хавфнок ҳаст, ки дар ҳар мавқеият садди роҳи мусалмонон ва ҳиндуҳо будааст.

Агар ин иттиҳомро барои як лаҳза қабул кунем, ба чӣ натиҷае хоҳем расид, ҷуз ин ки ӯ ҳаргиз хостори тафоҳум байни мусалмонону ҳиндуҳо набуд. Насбулайни ӯ мухталиф буд ва ё аз ибтидо бо фикру амали хеш саъй мекард, ки мусалмононро ба тарафи кишвари исломӣ ҳидоят кунад. Пас, дар ҳарду сурат, далеле вуҷуд надорад, ки нишонгари ин амр бошад, ки аз нуқтаи назари Иқбол ироаи тасаввури кишвари исломӣ бӯъди яъс ва ё ноумедӣ бошад.

Ҳанӯз дар Ҳиндустон ва бархе аз қисматҳои Инглистон тафсир бар суханронии Оллоҳободи Иқбол идома дошт.

Дар чанд моҳи аввали соли 1931 мавзӯи баҳс бисёр гарм буд, вале то соли 1932 дигар сӯҳбат дар бораи суханронӣ одӣ шуда буд. Рӯзи 21 апрели 1938 Иқбол падруди ҳаёт гуфт. Тақрибан ду сол пас аз фавти ӯ, яъне дар 22 марти 1940 Муслим Лиг қарордоди Лоҳурро, ки ба номи Қатъномаи Покистон машҳур шуд, ба тасвиб расонд. Ва бори дигар суханони Иқбол дар Оллоҳобод бар сари забонҳо афтод. Он гоҳ гуфтори ӯ тавассути бисёре аз идорот мунташир шуд. Садҳо ҳазор нусха аз онро байни мардум тақсим карданд. Пас аз фавти Иқбол чанд суоли ҷадид дар ин баҳс матраҳ шуд, ки дар даврони ҳаёти вай низ матраҳ шуда буд. Вале баъзе аз ин суолҳо тоза буданд, ки ба шарҳи зер аст.

Оё Иқбол дар федератсияи Ҳиндустон пешниҳоди кишвари исломиро ироа дода буд ва ё ӯ мехост, ки Ҳиндустонро ба сурати як кишвари озоду муқтадир бубинад?

Иқбол пешниҳоди ташкили кишвари исломӣ ва худмухторро унвон кард, вале чаро баъдҳо ба он таваҷҷӯҳе нашуд ва аз он фикр мунсариф (сарфи назар) шуд?

Иқбол танҳо мавҷуди тасаввури кишвари мусалмон набуд, балки қабл аз ӯ ҳиндуҳо, мусалмонон, англисҳо ва дигар шахсиятҳо барои ҳалли масоили фирқаӣ аз ин пешниҳодот дода буданд ва Иқбол ҳам яке аз онҳо буд.

Ин суол пас аз ба вуҷуд омадани кишвари Покистон, бахусус дар Покистон матраҳ шуд. Зоҳиран, робитаи он бо таҳқиқоти илмӣ буд, вале ҳамон тавре ки равшан хоҳад шуд, зери ливои он баъзе аз маслиҳатҳои сиёсӣ низ вуҷуд дошт.

Муслим Лиг дар Қарордоди Покистон хоста буд, ки аз шимолу ғарб ва машриқи нимҷазира, манотиқи аксарият мусалмоннишин як кишвари озод ва муқтадири исломиро ташкил диҳанд, ки ин натиҷаи суханронии Иқбол дар даҳ соли охир аз сакуи Муслим Лиг буд, ки дар Оллоҳобод ироа дода шуда буд.

Аз миёни раҳбарони ҳинду Рачендра Прасад* зимни таҷзияву таҳлили суханронии Оллоҳобод дар китоби худ ба номи «Тақсими Ҳиндустон» менависад: «Иқбол дар федератсияи Ҳиндустон пешниҳоди ташкили кишвари исломиро дода буд». Ва ҳамин мавзӯъро О.Коупланд (Coupland) низ дар китоби худ бо номи «Умури сиёсии Ҳиндустон» (аз соли 1936 то 1942) навишт:[69]

«Раҳбарони ҳинду ва тарафдорони онҳо, яъне англисҳо, ба ин ҷиҳат ин сиёсатро ихтиёр карданд, то собит кунанд, ки Муслим Лиг қабл аз ҳар кас эҷоди кишвари исломиро дар манотиқи аксарияти мусалмоннишин дар федератсияи Ҳиндустон мутолиба карда буд. Ва ҳоло бидуни ҳеҷ далеле Покистони озод ва муқтадир хоста

* Рачендра Прасад дар декабри соли 1881 милодӣ дар музофоти Биҳор (Ҳинд) мутаваллид шуд. Пас аз поёни таҳсилот вакили додгустарӣ шуд. Дар 1920 бисёр таҳти таъсири Гандӣ қарор гирифт ва дар корҳои сиёсӣ ворид гардид. Чаҳор бор раиси Конгресси миллии Ҳинд шуд. Китобе ба номи «Тақсими Ҳиндустон» навишт, ки шадидан бо назарияи ташкили давлати Покистон мухолифат кард. Дар соли 1950 нахустин раиси ҷумҳурии Ҳинд шуд, дар соли 1960 вафот кард.

шуд. Гӯё хостаҳои Муслим Лиг бо ҳам тазод доштанд. Ва ё роҳбарони сиёсии мусалмонон ҳатто худ низ намедонистанд, ки чӣ мехоҳанд. Бад-ин сабаб, гоҳе дархости як чизро мекарданду гоҳе чизи дигар».

Раҳбарони ҳинду ва тарафдорони англисии онҳо низ саъй доштанд, шоеаи дигарро бар сари забонҳо биафкананд, ки Иқбол пешниҳоди таъсиси кишвари исломӣ дар нимқазираро дода буд, вале чун дид, ки ин масъала чандон аҳаммияте надорад, он пешниҳодро пас гирифт ё аз он мунсариф шуд. Ин шоеапароканӣ натиҷаи афкори профессори забони банголии донишгоҳи Оксфорд, рӯзноманигори рӯзномаи «Манчестер Гардиан» (Manchester Gaurdian) ва тарафдори парупоқурси Конгресси ҳинду, яъне Эдвард Томсон буд. Ӯ дар китоби худ ба забони англисӣ ба номи «Ҳиндустонро барои озодӣ ҳозир кунед», ки дар соли 1940 милодӣ дар Лондон мунташир шуд, чунин навишт:[70]

«Чанд сол аст, ки сару садои тақсими Ҳиндустон ба ду қисмат ва эҷоди кишвари исломӣ дар яке аз он ду қисмат баланд аст... Чӣ касе инро оғоз кард? Ин мавзӯъ бисёр ҷанҷолбарангез аст. Аксаран Сэр Муҳаммад Иқболро, ки як шоир аст, бонӣ ва оғозгари ин баҳс медонанд. Як бор дар рӯзномаи «Обсервер» (Observer) навишта буданд, ки ӯ аз лоиҳаи Покистон ҳимоят кардааст. Иқбол дӯсти ман буд ва фикри иштибоҳи маро ислоҳ кард. Аввал ӯ аз ин масъала изҳори нигаронӣ мекард, ки дар кишвари васеъ ва фақири Ҳинд, ба назар мерасид, ки мулукуттавоифӣ (феодалӣ, пароканда) бишавад, сипас вай гуфт, ки лоиҳаи Покистон барои давлати Инглистон боиси нобудӣ ва барои мазҳаби ҳинду мӯҷиби инҳидом ва барои мусалмонон низ ҳамчунин фано аст. Вай дар поён гуфт: «Вале ман раиси Муслим Лиг ҳастам, ба ҳамин ҷиҳат вазифадорам аз ин пешниҳод ҳимоят кунам».

Дар соли баъд, яъне 1942, аз ин нависанда китоби дигаре ба забони англисӣ мунташир шуд, ба номи «Тахайюлоти ахлоқӣ дар Ҳиндустони асри ҷадид», ки дар он навишт:[71]

«Иқбол файласуф, шоир ва сиёсатмадор буд. Вай чанд сол қабл аз маргаш, ҳангоме ки мутаваҷҷеҳ шуд, ки ба зудӣ аз ин дунё хоҳад рафт, дар номае бо дили шикаста ва пур аз ранҷу андӯҳ, хитоб ба ман навишт:

«Ба назар мерасад, ки кишвари васеъву мустазаъф ва ғайримуттаҳиди ман мехоҳад мулукуттавоифӣ шавад».

Бидуни дар назар гирифтани ин шоеа, ки ду то чаҳор сол пас аз фавти Иқбол бар сари забонҳо афтодааст, замоне ки ӯ дар қайди ҳаёт набуда, то аз худ дифоъ кунад, дар яке аз он навиштаҳо, Эдвард Томсон иддао мекунад, ки Иқбол дар мулоқоте, ки бо ӯ дошт, ин сӯҳбатро кардааст ва дар навиштаи дигаре ба номае ишора кардааст, ки дар китобаш мунташир насохтааст. Илова бар ин, бо ишора ба матолиби китоби аввалин, ӯ менависад, ки дар поён Иқбол ба вай гуфтааст: «Ман раиси Муслим Лиг ҳастам, бад-ин сабаб вазифадорам аз ин пешниҳод ҳимоят кунам».

Иқбол фақат як бор ба раёсати Муслим Лиг интихоб шуда буд. Он ҳам дар декабри соли 1930, замоне ки вай дар ҷаласаи Муслим Лиг, ки дар Оллоҳобод ташкил шуда буд, хутбаи худро эрод кард. То он вақт, ҳадафи Муслим Лиг Покистон набуд, балки мақсуд лоиҳаи «14 модда» буд. Ва пешниҳоде, ки Иқбол дар мавриди кишвари исломӣ дода буд, назари шахсии вай буд. Лизо чӣ тавр метавонем бигӯем, ки ӯ бар хилофи майли худ маҷбур буд, ки аз масъалаи эҷоди Покистон ҳимоят кунад?

Пас аз суханронии Оллоҳобод, ҳангоме ки Иқбол дар соли 1931 ҷиҳати ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд ба Лондон рафта буд, Оқои Эдвард Томсон дар Лондон ба таърихи 3 октябри 1931 дар мақолае таҳти унвони «Тавтеаи панисломизм дар саросари ҷаҳон» зимни баррасии пешниҳоди эҷоди кишвари исломӣ дар хутбаи Оллоҳобод тавассути Иқбол навишт:

«Ҳар кас, ки мегӯяд, бояд таваҷҷӯҳи бештаре ба ҳиндуҳо мабзул дошт, мӯҳри мухолифат бо мусалмононро ба ӯ мезананд. Лизо мехоҳам бигӯям, ман он ҷумҳуриятро ситоиш мекунам, ки дар муқоиса бо кеши ҳинду, Оқохон дар ислом мебинад. Ман фикр мекунам, ки ӯ метавонист по фаротар бигзорад ва ин масъаларо равшан созад, ки барои амалкарди таълимоти ухуввати исломии инсон бар масеҳият бартарӣ дорад. (Албатта агар ахлоқаш садди роҳ набуд). Ман мухолифи ин нестам, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон музофотҳои фирқаии мусалмонон эҷод шавад. Вале Сэр Муҳаммад Иқбол хоҳони он аст, ки конфронси иёлоти мусалмоннишин дар дохил ва ё хориҷи федератсияи Ҳиндустон ташкил шавад. Рӯйи нақша нигоҳ кунед ва бубинед, барои Ҳиндустон чӣ марзе боқӣ хоҳад монд, ки аз он дифоъ кунад?»

Дар посух ба ин мақола номае аз Иқбол таҳти унвони «Музофотҳои исломии шимолу ғарб» дар рӯзномаи «Лондон Таймз» ба таърихи 12 октябри 1931 мунташир шуд, ки дар он чунин навишта шуда буд:[73]

«Доктор Томсон дар мақолаи худ аз 3 октябри 1931 саъй кардааст, ки бо тафкики қисмате аз суханронии ман, ки дар ҷаласаи гузаштаи Муслим Лиги Ҳиндустон ба унвони раиси ҷаласа эрод карда будам, созиши панисломизмро дар ҷаҳон ба исбот бирасонад. Орзуи ман ин аст, ки Панҷоб, бахши шимолу ғарбии Сарҳад, Синд ва Балуҷистон як порча шуда, кишвари воҳиде бунён ниҳода шавад. Ин кишвари худмухтор дар салтанати Инглистон ба даст оварда шавад ё беруни он. Ба ҳар ҳол, ман чунин истинбот мекунам, ки дар шимолу ғарби Ҳинд ташкили як кишвари мусалмон, муттаҳиду мустақилро барои мусалмонон ва ё, ҳадди ақал, барои мусалмонони шимолу ғарби Ҳинд сарнавишт қалам задааст. Оё метавонам ба Томсон бигӯям, ки ман берун аз салтанати Инглистон хостаи як кишвари мусалмонро ироа накардаам, балки ин танҳо як ҳадс аст дар бораи ҳукмронии имкони нерӯҳои чирадаст дар ояндаи торик, ки сарнавишти нимҷазира дар ин замон мушаххас мешавад ва ҳеҷ мусалмони ҳиндустонӣ, ки оқил бошад, ба хотири як лоиҳа, сиёсати амалӣ, ҳаргиз фикри ташкили кишвари исломӣ ва ё кишварҳоеро дар хориҷ аз дували муштаракулманофеи Инглистон, дар шимолу ғарби Ҳинд дар сар намепарварад. Ман дар музофотҳое аз Ҳиндустон хостори тақсими ҷадид ҳастам, ки як фирқа дар он дар аксарияти муассир бошад, ки таъйиди онро гузориши Неҳру – Саймен низ намудааст. Ҳақиқат ин аст, ки пешниҳоди ман дар бораи музофотҳои мусалмоннишин, ин фикрро тақвият менамояд. Ташкилоти муназзаме аз музофотҳои мусалмоннишин дар марзи Ҳиндустон алайҳи инсонҳои гурусна, ҳамаи Осиёи боло, барои Ҳиндустон ва салтанати Инглистон, монанди девори баланд ва мустаҳкам хоҳад буд».

Лизо Иқбол дар даврони худ, ҳангоме ки доктор Томсон пешниҳоди ӯро созише барои эътилои ислом (панисломизм)-и тамоми ҷаҳон хонда буд, аз худ дифоъ карда буд. Ба ҳар ҳол, бо вуҷуди тамоми ин ҳарфҳо, Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру дар китоби худ бо номи «Ҳиндустонро дарёбед»,[74] Амбидкар дар китоби худ ба забони англисӣ бо номи «Афкоре дар мавриди Покистон»[75] ва ё дигар нависандагони ҳинду дар китобҳои мухталифи худ, зимни инҳисор бар диёнатдории илмии Томсон, мукаррараи шоеоте дар бораи Иқбол мунташир мекунанд. Маълум аст, тамоми ин китобҳо пас аз фавти Иқбол чопу мунташир шудааст – ҳангоме ки дасти ӯ аз дунё кӯтоҳ буд ва қудрати дифоъ аз худро надошт.

Дар байни мусалмонон Чаудҳрӣ Раҳматалӣ аз ин шоеа ҷиҳати найл ба аҳдофаш истифода кард. Гуфта мешавад, тарҳ ва номи Покистонро Чаудҳрӣ Раҳматалӣ пешниҳод кардааст. Ӯ дар Кембриҷ раҳбари наҳзати миллии Покистонро ба ӯҳда дошт ва дар китоби англисии худ бо номи «Покистон» ки дар соли 1947 мунташир шуда буд, [76] менависад: «Аввалин бор дар соли 1915 вай бар асоси «Базми Шиблӣ» дар робита бо изҳори назари сиёсии худ гуфта буд: «Шимоли Ҳиндустон исломӣ аст ва мо онро ҳамин тавр исломӣ низ нигоҳ медорем, нафақат ин, балки мо онро як кишвари исломӣ хоҳем хонд».[77]

Вай зимни тафсире дар хутбаи Оллоҳободи Иқбол мегӯяд: «Аз назари Иқбол тасаввури кишвари исломӣ, таъсиси як кишвари ҷудо ва озоду муқтадири исломӣ набуд, балки ӯ хаёл дошт, ки онро дар федератсияи Ҳиндустон ба унвони як иёлати бузург ва ё як кишвари муттаҳид муаррифӣ намояд».[78] Вале амалан собит шуд, ки гуфтаи ӯ бенатиҷа будааст. Сиёсатмадорони мусалмон бо он мухолифат карданд ва Иқбол низ аз ин пешниҳод мунсариф шуд.[79]

Дар ин марҳала лозим аст хутбаи Оллоҳободи Иқбол баррасӣ шавад, то бад-ин васила муталлеъ шавем, оё ӯ пешниҳод карда буд, ки кишвари исломӣ дар федератсияи Ҳиндустон эҷод шавад ё хостори ташкили як кишвари исломии озоду муқтадир буд?

Барои баррасии ин мавзӯъ, лозим аст назариёти рӯзномаҳо ва ғайраро, ки пас аз эроди суханронии Иқбол ироа шудаанд, мадди назар қарор диҳем. Илова бар инҳо, Иқбол тақрибан ҳашт сол пас аз эроди суханронӣ зинда монд ва дар тӯли ин ҳашт сол, таъбиреро, ки Иқбол дар мавриди суханронӣ ироа намуд, низ бояд мавриди таваҷҷӯҳ қарор диҳем. Ба таъбири худи Иқбол, ин ҳақиқат низ равшан мешавад, ки ӯ аз пешниҳоди худ мунсараф шуда буд ё не? Ва ё назариёти эшон бо гузаштан аз мароҳили иртиқоӣ, билохира, чӣ сурате ихтиёр кард?

Назариёте, ки бар асоси далоили маҳкам дар хутбаи Оллоҳобод унвон шуд, дар он замон ончунон афкори инқилобӣ буд, ки метавонист ҳомили натоиҷи дуррас бошад. Қабл аз баёноти эшон, чаҳор марҳалаи муҳим аз наҳзати сиёсии мусалмонон гузашта буд. Пешниҳоди Деҳлӣ мунтафӣ (бекор) шуда буд. Назариёти Мавлоно Ҳасрат Моҳанӣ мабно бар идғоми музофотҳои шимолу ғарбии аксарият мусалмоннишин дар федератсияи Ҳиндустон тавассути кумитаи Неҳру рад шуда буд. Дар гузориши Неҳру, ислоҳоти Ҷиноҳ низ ба ҳамин вазъ рӯ ба рӯ шуд, «14 модда» дар майдони сиёсат вуҷуд доштанд, вале бар асоси онҳо имкони тафоҳум байни ҳиндуҳо ва мусалмонон бисёр кам буд. Дар чунин авзоъ лозим буд мусалмонон барои худ лоиҳаи амалии сиёсии ҷудогонае таҳия намоянд, ки ниёз ба таъйини ҳадафи ҷадиде дошт.

Ба сабаби худхоҳии раҳбарони ҳинду дар маркази федератсияи Ҳиндустон, барои мусалмонон тамоиле боқӣ намонда буд, онҳо бештарин саъйро барои ба даст овардани худмухторӣ ҷиҳати музофотҳои аксарият мусалмоннишин менамуданд. Бо як чунин заминаи фикрӣ, Иқбол бар хутбаи Оллоҳобод хостаҳои мусалмононро ба номи «Чаҳордаҳ модда» ироа дод. Ва аз ин роҳ по фаротар ниҳод ва барои манотиқи аксарият мусалмоннишин, ки шомили Панҷобу музофоти Сарҳад, Синд, Балуҷистон мешуд, ба ҷойи калимаи «музофот» аз калимаи «иёлат» (State) истифода намуд. Сипас, изҳор кард, ки чунин як кишвари исломии муттаҳид метавонад дар даруни салтанати Инглистон ва ё беруни он худмухторӣ ҳосил кунад. Равшан аст, ки ҳангоми ироаи ин пешниҳод, Иқбол интизор дошт, дар оянда муҷаввизе (иҷозате) барои икшвари исломӣ дар маҳдудаи салтанати Инглистон ва ё дар федератсияи Ҳиндустон ба сурати тафоҳум байни ҳиндуҳову мусалмонон ба даст биоварад. Дар ин сурат, иёлати мусалмоннишин дар Ҳиндустон ба тавре ташкил мешуд, ки ин иёлат ҷузъи системаи федералии Ҳиндустон шавад ва худмухтории он аз байн наравад. Лизо Иқбол дар хутбаи Оллоҳобод пешниҳоди ташкили чунон кишвари исломии худмухтореро дода буд, ки бар асоси тавофуқ байни ҳиндуҳо ва мусалмонон, метавонист дар федератсияи Ҳиндустон таъсис шавад ва дар сурати адами вуҷуди чунин тафоҳуме метавонист ба сурати як кишвари озоди муқтадири исломии мустақиле ба вуҷуд ояд. Лизо ба ин натиҷа мерасем, ки дар ибтидо ҳадафи ӯ эҷоди як кишвари исломии худмухтор будааст. Агар ин кишвар аз назари минтақа ва ҷамъият номуназзам бошад, метавон аз он қисмати Амбала* ва баъзе дигар аз бахшҳое, ки дар он аксарият бо мусалмонон мебошад, ҷудо гардад ва ҳитаи онро кам карда,

* Шаҳре дар Ҳиндустон.

аксарияти мусалмононро пирӯз гардонад. Лозим набуд, ки ҷамъиятҳоро мубодила кунанд, зеро ки дар ҳудуди хеш ин кишвар қодир хоҳад буд аз ҳуқуқи ғайримусалмонон беҳтар муҳофизат намояд. Аз нуқтаи назари Ҳиндустон, эҷоди кишвари исломӣ метавонист боиси тавозуни қудрати он шавад, он гоҳ онҳо метавонистанд байни ҳиндуҳову мусалмонон эҳсоси амнияту саломатиро бештар равнақ диҳанд. Бад-ин тартиб, барои дифоъ аз кишвари исломии Ҳиндустон, ташкили артиши шомили ҳиндуҳову мусалмонони бетараф боиси ризояти он мешуд.

Ба ҳар ҳол, «Ҳинду Пресс» ва англисҳо зимни баррасии хутбаи Оллоҳобод ва пешниҳоди ироашуда дар он, мабно бар ташкили кишвари исломӣ, онро қобили эътироз, муртаҷеона ва ғайри қобили амал хонданд. Нахуствазири Инглистон ба он эътироз кард. Доктор Мунҷа дар кумитаи ақаллиятҳои аввалин конфронси Мизи гирд бо он мухолифат кард. Ва Эдвард Томсон онро созише барои эътилои ислом (панисломизм) дар ҷаҳон хонд.

Иқбол дар робита бо суханони худ, аввалин бор дар 11 январи 1931, дар номае хитоб ба Сайид Назир Ниёзӣ менависад: «Пешниҳоди ташкили кишвари исломӣ як ҳадаф буд. Дар он лозим нест ҷамъиятҳоро мубодила кунанд. Дар он кишвар ё иёлати исломӣ, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон ба вуҷуд хоҳад омад, комилан ҳуқуқи ҳиндуҳо, ки дар ақаллият ҳастанд, маҳфуз хоҳад монд». Сипас, дар дуввумин конфронси Мизи гирд дар Инглистон зимни посух ба эътирозоти Эдвард Томсон дар мақолае, ки дар «Лондон Таймз» дар 12 октябри 1931 чоп шуд, навишт: «Ман унвон накардаам, ки дар салтанати Инглистон ва ё хориҷ аз он кишвари исломӣ дуруст шавад. Рӯзи 21 марти соли 1932 дар суханронии худ ба номи раиси ҷаласаи конфронси аҳзоби исломӣ, ин тавр баён кардам. Дар хутбаи Оллоҳобод ман хилофи тасаввури федератсия ба тамоми Ҳиндустон эътироз кардам».[80]

Иқбол номаҳое аз раҳбарони анҷумани ҳиндуҳо, доктор Мунҷа ва намояндаи Пандит Мадан Малуя – С.В.Лолит, ки дар 27 майи 1932 навишта буд, аз Бомбай дарёфт кард.

Дар номаи С. В. Лолит чунин омадааст: «Мехоҳам арз кунам, ки ман назари мувофиқи доктор Мунҷаро дар робита бо идғоми чаҳор музофоти мусалмоннишини марзи шимолу ғарби Ҳиндустон, ба таври бисёр маҳрамона (махфӣ) гирифтаам. Мо бо ислоҳи иёлати исломӣ, ки тавассути Шумо унвон шуда, мувофиқ нестем, вале метавон онро музофоти мусалмон бихонем... Хоҳишмандам таваҷҷӯҳ дошта бошед, ки алҳол доктор Мунҷа аланан аз пешниҳоди Шумо ҳимоят нахоҳад кард. Ин марҳала баъдан хоҳад расид. Дар ҳоли ҳозир, эшон ба ман иҷоза додаанд, дар мавриди баъзе аз масоил бо Шумо ба таври маҳрамона сӯҳбат кунам. Бар асоси ихтиёре, ки бар ман дода шуда, зимни баррасии орои чанд тан аз раҳбарони гурӯҳҳои сиёсии ҳинду ва мусалмон, ба онҳо дар мавриди кӯшишҳои худ ба таври муфассал тавзеҳ хоҳам дод. Баъд иқдомоти лозимро анҷом хоҳам дод. Дар ин ҷо лозим медонам, ки Шуморо аз ин масъала муталлеъ (хабардор) гардонам, ки Мавлоно Шавкат Алӣ ба ман қавли ҳамкорӣ додааст ва ба ҳангоми вусули посухи Шумо, мабно бар ин ки дар ин авзои кунунӣ, назари Шумо ба як чунин лоиҳае чӣ хоҳад буд, ман саъй хоҳам кард бо бародар Пармананд, доктор Читрам ва дигар бузургон иртибот дошта бошам. Зеро ки ба гуфтаи доктор Мунҷа, қабл аз анҷоми ҳар як коре бояд аз ин дӯстон низ иҷоза гирифт ва ин кори бисёр зарурӣ аст. Гузориши ин баҳсҳоро ба оқои Н.С.Колкар низ додаем. Вале то кунун барои Пандит Малуя нафиристодаем. Шумо итминон дошта бошед, ки ҷаноби Пандит ба ҳар қимате ҳозир ба эҷоди тафоҳум ҳастанд».

Иқбол чӣ посухе ба С.В.Лолит дод, маълум нашуд. Вале мутмаинан ба Мавлоно Шавкат Алӣ гуфт, ки дар ин робита бо раҳбарони анҷумани ҳинду вориди гуфтугӯ шавад. Вай дар номае хитоб ба Мавлоно Муҳаммад Ирфонҳон дар таърихи 8 июни 1932 менависад:[82]

«Чанд рӯз аст, ки хидмати эшон (Мавлоно Шавкат Алӣ) номае ирсол доштаам мабно бар ин ки яке аз бузургони ҳинду бо номи оқои Лолит барои ман номае фиристодааст ва навиштааст: «Доктор Мунҷа бо барномаи Шумо, ки дар баёноти худ ба номи раиси Муслим Лиг ироа дода будед, мувофиқат дорад». Вай гуфта буд, ки хаёл дорад бо Пандит Малуя низ машварат кунад. Фикр мекунам, ба хотири эҷоди сулҳу тафоҳум байни ҳиндувону мусалмонон ӯ низ қабул хоҳад кард. Аммо ба назар мерасад, дар ҳоли ҳозир маслиҳат нест бо он аланан мувофиқат шавад. Ин номаи маҳрамона буд ва дар он инро навишта буд, ки бо Мавлоно Шавкат Алӣ низ гуфтугӯ кардааст, ӯ ҳам назари мусоид дорад. Шумо аз барномае, ки ба он ишора шуда, ҳатман муталлеъ ҳастед. Барномаи идғоми музофотҳои мусалмоннишини шимоли Ҳиндустон аст».

Бар асоси эҷоди кишвар ё музофоти исломии худмухтор, дар федератсияи Ҳиндустон ва дар робита бо эҷоди тафоҳум байни ҳиндуҳову мусалмонон, музокироти маҳрамона ва пинҳонӣ байни Мавлоно Шавкат Алӣ ва раҳбарони ҳиндуву мусалмон идома дошт.

Дар ҳамон даврон, Иқбол ҷиҳати ширкат дар севвумин конфронси Мизи гирд ба Инглистон рафт ва тайи суханоне дар конфронс, изҳор дошт: «Ҳиндустон давлати марказӣ надошта бошад ва музофотҳо ба таври иёлоти озод ва худмухтор бошанд, ки мустақиман равобити онҳо бо ноибуссалтанаи Ҳинд дар Лондон бошад».

Вай дар иҷлоси Анҷумани миллии Лондон дар 24 ноябри 1932 зимни баёноте равшан сохт:[83]

«Муддати чаҳор ё панҷ сол аст, ки ба номи раиси Муслим Лиги кулли Ҳиндустон барои ҳалли масъалаи фирқаӣ пешниҳоди кишвари исломӣ дар ғарби Ҳиндустонро додаам. Агарчи ин хоста ҷузъи амёл (майлҳо)-и мусалмонони Ҳиндустон набуд, вале назари шахсии ман ҳанӯз ин аст, ки танҳо роҳи ҳалли масоили фирқаӣ ҷуз ин нест ва ҳозирам он қадар сабр кунам, то таҷриба мантиқӣ будан ё набудани онро собит намояд».

Пандит Ҷавоҳирлаъл Нехру башиддат аз равиши намояндагони мусалмон, ки дар севвумин конфронси Мизи гирд ширкат карда буданд, интиқод кард.

Иқбол дар 4 декабри 1933 дар ҷавоб чунин гуфт: «Танҳо роҳи ҳалли масъалаи Ҳиндустон ин аст, ки кишварро бар асоси мазҳаб, таъриху тамаддуни он тақсим кунем».[84]

Дар ҳамин айём Чаудҳрӣ Раҳматалӣ ҷузваи англисии худро бо номи «Ҳоло ва дигар ҳеҷ вақт на»-ро дар Кембриҷ мунташир сохт. Дар он хоста шуда буд, як федератсияи ҷудогона, шомили музофотҳои аксарият мусалмоннишини шимолу ғарби Ҳиндустон ва Кашмир эҷод шавад. Ва номи ин кишвари исломиро «Покистон» бигзоранд. Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар Кембриҷ барои ба даст овардани Покистон наҳзати миллии Покистонро ҳам ташкил дод.

Ин ҷо лозим аст равшан шавад, ки байни тасаввури кишвари мусалмони Иқбол ва тарҳи Покистони Чаудҳрӣ Раҳматалӣ чӣ тафовуте ба чашм мехӯрад. Иқбол пешниҳоди ташкили кишвари мусалмонро дар сакуи Муслим Лиги кулли Ҳинд ироа карда буд. Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар мақоми як донишҷӯи мусалмон, пешниҳоди як кишвар, ки шомили музофотҳои аксарият мусалмоннишин ва Кашмир бошад, дода буд. Номи ин кишварро Покистон ниҳод ва як ҷузва ба забони англисӣ дар Инглистон мунташир сохт. Ташкили як кишвари мусалмони худмухтор, тибқи баёни Иқбол, дар натиҷаи тафоҳуми қобили қабул байни ҳиндуҳо ва мусалмонон дар федератсияи Ҳиндустон ё салтанати Инглистон ва ё дар ҳитаи дували муштаракулманофеи Инглистон мумкин буд. Ва ё эҷоди як кишвари озод ба таври ҷудогона, танҳо дар сурате имкон дошт, ки умеде ба тафоҳум байни мусалмонон ва ҳиндуҳо боқӣ набошад. Вале тарҳи Покистони Чаудҳрӣ Раҳматалӣ ҳадафаш ин буд, ки федератсияи ҷудогонае шомили Кашмиру музофотҳои мусалмоннишини шимолу ғарби Ҳиндустон ташкил шавад. Дар пешниҳоди эҷоди кишвари исломии Иқбол

мубодилаи ҷамъият лозим набуд. Вале дар тарҳи Покистони Чаудҳрӣ Раҳматалӣ табодули ҷамъият лозим буд.

Дар соли 1932 милодӣ тасмими фирқаӣ (Communal Award) эълом шуд ва дар музофоти Сарҳад, монанди дигар музофотҳо, ислоҳоти қонунӣ иҷро гардид. Сипас Синдро аз Бомбай ҷудо карда, барои он низ ислоҳоти қонунӣ эълом карданд. Вале ҳанӯз ҳам умед мерафт, пеш аз судури қонуни асосии ҷадид ё ҳангоми иҷрои он, навъе мусолиҳа байни мусалмонон ва ҳиндуҳо барқарор шавад. Дар ин робита кӯшишҳое то соли 1935 идома ёфт.

Дар тайи солҳои 1932-1933 Иқбол нӯҳ номае хитоб ба Эдвард Томсон навишт, ки ба тозагӣ мунташир шудааст.[85] Дар ин номаҳо вай робитаи худро бо умури сиёсӣ ва назарашро дар мавриди пешниҳоди эҷоди кишвари исломӣ баён кардааст.

Дар номаи муаррихи 20 июни 1933 чунин менависад:[86]

«Шумо мутамаин бошед, ман алоқае бо умури сиёсии холис надорам. Алоқаи ман ба ислом аст, ки ба унвони як низоми ахлоқӣ шинохта шудааст ва маро ба тарафи умури сиёсӣ савқ додааст. Ман эҳсос мекунам, билохира, миллигароии ҳинду ба самти илҳод кашида хоҳад шуд ва бино ба дониши ман, мусалмонон низ ба сабаби бебаҳра будан аз таълимоти исломӣ, дар селоби ин миллигароӣ, монанди хасу хошок барбод хоҳанд рафт.

Дар ин авзоъ, вазифаи ман буд, ки коре кунам ва маънии ҳақиқии усули исломиро ба насли ҷадид ироа диҳам. Хушҳол ҳастам, ки онҳо ба насоеҳи ман гӯш доданд ва англисҳо низ то ҳадде ин ҳақиқатро ба расмият шинохтаанд, ки мусалмонон миллате ҷудо ҳастанд ва бояд монанди гузаштагонашон мавқеияти бештаре ёбанд. Барои ман ин як ҳадя аст. Агарчи ҷиҳати дастёбӣ ба он маҷбур шудаам зарари сангине аз назари молӣ бубинам. Зеро ба далели дур будан аз Ҳиндустон ба муддати ду сол, таҷрибае, ки дар амри ваколат андӯхта будам, аз байн рафт. Эҳсос мекунам, ки бо кӯдакони худ беинсофӣ кардаам. Вале барои як мусалмон хидмат ба ислом муқаддамтар аз хидмат ба авлоди хеш мебошад. Дар оянда, ислом ва Инглистон ҳарду бо мусоиби фаровон рӯ ба рӯ хоҳанд шуд. Ҷойи басе таассуф аст, ки ислом раҳбаре надорад ва сиёсатмадорони Инглистон низ дар дарки матолиб бисёр кунд ҳастанд. Ба ҳар ҳол, хоҳед дид, ки дар умри сиёсӣ, алоқаи ман аз ҳудуде, ки барои хеш қоил шудаам, таҷовуз нахоҳад кард. Хаёл надорам дар оянда тибқи қонуни асосии ҷадид номзади ширкат дар интихоботи шӯро* ва ё маҷлис** шавам».

Дар номаи худ ба таърихи 4 марти 1934 милодӣ менависад:[87]

«Шумо маро ҳомии тарҳи Покистон хондаед. Покистон ҷузви тарҳу барномаи як кишвари исломӣ буд, ки дар шимолу ғарби Ҳиндустон, мусалмонон ба таври возеҳ дар он аксарият ҳастанд. Тибқи барнома, ин музофоти ҷадид ҷузви федератсияи Ҳиндустон дар оянда хоҳад буд. Вале тарҳи Покистон як федератсияи ҷудогонаи шомили музофотҳои исломиро хостор мебошад, ки робитаи он бо Инглистон ба сурати як кишвари озод (Dominion) хоҳад буд. Ин тарҳ дар Кембриҷ рехта шуд, назари тарроҳони ин барнома чунин аст, ки намояндагони мусалмони конфронси Мизи гирд, қавми мусалмонро қурбонии миллигароии Ҳинд ё ҳиндустонӣ сохтаанд».

Дар номаи худ ба таърихи 26 июли 1934 навишт:[88]

«Ман вазифа доштам ба номи раиси Конфронси исломӣ аз масъалаи ҷудоии Синд ҳимоят кунам, вале назари шахсии ман ҳамеша ин будааст, ки идғоми ҳар се музофоти шимолу ғарб дар якдигар барои ислом, Инглистону Ҳиндустон судманд хоҳад буд. Шумо медонед, ки ба ҷумҳурият ақидае надорам. Зеро дар ҷумҳурият, аз назари ман, қадаме мӯҳлик (қотилона) бардошта шудааст. Ва ҳоло мо бояд худро омодаи шикасти иқтисодӣ, адами истеҳкоми сиёсӣ, иғтишош (шӯриш)-и ҳиндуҳо ва мусалмонон намоем. Зеро бар асари барқарории ҷумҳурият дар ин кишвари васеъ ва

* Интихоботи музофот аст.

** Маҷлис барои ҳамаи кишвар аст.

номуназзаму фақир чӣ натоиҷеро мешавад ба даст овард?... Шумо мегӯед, авзои Ғарб дар мухотара аст. Ман инро ба хубӣ дарк мекунам. Вале кӯҳи оташфишони Ҳиндустон чанд сол аст, ки фаъол шуда, агарчи ин кӯҳи оташфишон ба касе зарар нарасондааст. Аммо ҳоло авзоъ тавре аст, ки ҳиндуҳои шаҳрӣ бо ҳам дар низоъ ҳастанд ва афроди фақири рустоҳо ҳатто намедонанд, ки дар кишвар чӣ мегузарад. Мусалмонон нисбатан бо ҳам бештар муттаҳид ҳастанд, аммо роҳбарони онҳо, мин ҳайсулмаҷмӯъ, аз табақаи мутавассити фикре ҳастанд, ки назаре ҷомеъ дар бораи равобити Шарқу Ғарб дар оянда надоранд... Агар ман бихоҳам дар ин конфронсҳои Мизи гирд, ки ширкат кардаам, таъсироти худро забт кунам, маҷбур хоҳам шуд, дар мавриди ҳамватанон ва ҳамдинони хеш ва ҳамватанони Шумо, ки баъзе аз онҳо, бо вуҷуди ин ки дорои басират будаанд, аммо фоқиди ҳавсала ва фикри мусбате буда ва бидуни мутолеа даст ба анҷоми корҳое мезананд ва ман маҷбур хоҳам шуд роҷеъ ба онҳо ҳарфҳоеро ба забон биёварам, ки бениҳоят нохушоянд ҳастанд.

Яқини комил дорам, ҳизбе, ки феълан дар Инглистон иқтидорро дар даст дорад, дар ҳалли масъалаи Ҳиндустон ноком будааст. Аммо ин андешаҳо, афкори як шоир аст ва ҳамон тавр, ки машҳур аст, шоирон ҳамеша дар рӯъё ба сар мебаранд. Яъне ба таври куллӣ беамал ҳастанд».

Бо таваҷҷӯҳ ба ин нома, ба хубӣ метавон аз ду китоби Эдвард Томсон, ки дар онҳо дар бораи Иқбол назар додааст, ба амонатдории илмӣ ва ахлоқии ӯ пай бурд.

Барои мисол, Иқбол ба ӯ менависад: «Барқарории ҳукумати ҷумҳурӣ дар кишвари васеъ, ғайримуназзам ва мустазаъфи Ҳиндустон мунҷар ба шикасти иқтисодӣ, адами истеҳкоми сиёсӣ, иғтишоши ҳиндуҳо хоҳад шуд». Вале ӯ аз забони Иқбол мегӯяд: «Дар кишвари васеъю номуназзам ва фақири ман ба назар мерасад, ки мулукуттавоифе дар ҳоли анҷом аст». Иқбол ба ӯ менависад: «Назари шахсии ман ҳамеша ин будааст, ки идғоми ҳар се музофоти шимолу ғарби Ҳиндустон дар якдигар барои ислом, Инглистон ва Ҳиндустон судманд хоҳад буд». Вале ӯ аз қавли Иқбол мегӯяд: «Лоиҳаи Покистон давлати Инглистон, ҳиндувон ва мусалмононро табоҳ хоҳад кард». Иқбол ба ӯ менависад: «Ин вазифаи ман буд, ки ба номи раиси Конфронси исломӣ, аз масъалаи ҷудоии Синд ҳимоят кунам». Ва ӯ аз қавли Иқбол мегӯяд: «Ман раиси анҷумани исломӣ ҳастам ва ба ҳамин далел вазифаи худ медонам, ки аз лоиҳаи Покистон ҳимоят кунам».

Ба ҳар ҳол, дар ин айём дар робита бо тавзеҳи назариёти худ мабно бар эҷоди роҳбарии исломӣ, номае ба Роҳиб Аҳсан низ навишт ва гуфт: «Пешниҳоди ман нисбат ба тарҳи Покистон чизи дигаре аст». Дар номае, ки дар 4 марти 1934 ба Роҳиб Аҳсан фиристод, чунин нигошт:[89]

«Пешниҳоди ман мабно бар эҷоди музофоти исломӣ дар федератсияи Ҳиндустон аст. Вале тарҳи Покистон хостори як федератсияи хориҷ аз федератсияи Ҳиндустон ва дар шимолу ғарби Ҳиндустон хостори як федератсияи ҷудогонаи музофотҳои мусалмоннишин мебошад, ки робитаи мустақим бо Инглистон хоҳад дошт».

Ҳиндуҳо на хостаҳои мусалмононро ба сурати «Чаҳордаҳ модда» ба расмият шинохтанд ва на дар федератсияи Ҳиндустон бар асоси кишвари исломӣ, ё иёлати исломии худмухтор. Аз талошҳои худ ҷиҳати ба даст овардани тафоҳуми байни ҳиндуҳо ва мусалмонон натоиҷи дилхоҳе оидашон шуд.

Дар 4 марти 1934 Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ пас аз бозгашт аз Инглистон, раиси Муслим Лиги Ҳиндустон шуд. Соли баъд, яъне 1935, ҳангоме ки қонуни ҷадид бо номи «Қонуни давлати Ҳиндустон» тадвин гашт, аҳзоби сиёсии ҳиндуҳо дар ин интихобот бо ҷунбу ҷӯши фаровоне ширкат карданд. Дар бештари музофотҳо вазоратҳое, ки таъсис шуд, афроди онро касоне ташкил медоданд, ки узви Конгресс буданд. Дар ин даврон, бар асоси рафторе, ки ҳукмронони ҳинду дар он музофотҳо дар авҷи қудрати сиёсӣ бо ақаллиятҳои мусалмон доштанд, равобити ҳиндуҳову

мусалмонон рӯз ба рӯз ба по вахомат ниҳод. Ва тамоми умедҳои тафоҳум нақш бар об шуд (барбод рафт).

Ҳоло чораи дигаре ҷузъ ин вуҷуд надошт, ки гурӯҳҳои сиёсии мусалмононро бозсозӣ кунанд, то онҳо барои расидан ба аҳдофашон барномаи сиёсии ҷудогонаеро тарҳрезӣ намоянд. Бо як чунин заминаи фикрӣ, эҳёи Муслим Лиг тавассути Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ муяссар шуд. Ва таҳти авзои мутағаййир низ Иқбол дар мавриди кишвари исломӣ назариёти хешро ироа дод. Вай дар барномае ба таърихи 28 майи 1937 хитоб ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ чунин навишт:[90]

«Судури қавонини исломӣ дар нимқазира (Ҳинд) то он вақт мумкин нест, ки як кишвари мусалмон ё иёлати мусалмоннишин ба вуҷуд наояд ва солиёни сол ин назари ман будааст... Оё ба ақидаи Шумо вақти он расидааст, ки ин дархостро ироа диҳем?»

Сипас, дар номаи худ ба таърихи 21 июли 1937 хитоб ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ менависад:[91]

«Дар Ҳиндустон Шумо танҳо мусалмоне ҳастед, ки уммати исломӣ барои гирифтани роҳнамоиҳои саҳеҳ ба Шумо руҷӯъ мекунанд. Танҳо роҳи наҷоти ислом аз султаи ғайримуслиму эҷоди амният дар Ҳиндустон ҳамон аст, ки дар боло зикр кардам. Яъне судури ислоҳот ва қавонини исломӣ дар федератсияи ҷудогонаи музофотҳои мусалмоннишин. Чӣ гуна метавонем мусалмонони шимолу ғарби Ҳиндустон ва ё хориҷ аз онро аз ҳаққи худмухторӣ маҳрум кунем?»

Лизо Иқбол аз пешниҳоди эҷоди кишвари исломии худмухтор ва ё як музофот дар федератсияи Ҳиндустон по фаротар ниҳод ва инак, сӯҳбат аз ташкили федератсияии ҷудогонае шомили музофотҳои аксарият мусалмоннишин дар шимолу ғарб ва шимолу шарқи Ҳиндустон мекунад, ки натанҳо таъсиси он ба сурати як кишвари озоди худмухтор имкон дорад, балки бо судури қавонини исломӣ ва ё мунтабиқ бо дастуроти шаръи ислом метавон онро ба маънии воқеӣ як кишвари исломӣ номид.

Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ бо дар назар гирифтани номаҳои Иқбол менависад:[92]

«Андешаҳои эшон бо афкори ман ҳамоҳанг буданд (ё ба иборати дигар, мо бо ҳам ҳамфикр будем). Тайи даврони мутолеаи қавонини ҳоким бар Ҳиндустон ба натоиҷе расидем, ки Иқбол ба онҳо расида буд. Рафта-рафта, ҳамин афкор ба сурати хостаи муштараки мусалмонони Ҳиндустон дар Қатъномаи Лоҳур, ки умуман, онро Қатъномаи Покистон меноманд, матраҳ шуд».

Дар ҷойи дигар Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ дар мавриди тасаввури кишвари исломии Иқбол менависад:[93]

«Вай илова бар ин ки шоиру мутафаккире бузург ва сиёсатмадори олим буд, аз тариқи донишу биниши амиқи худ низ дар заминаи ислому имоне, ки дошт, аз ҷумлаи шахсиятҳое буд, ки ба ташкили кишвари исломӣ дар манотиқи шимолу ғарб ва шимолу шарқи Ҳиндустон, ҷое, ки сарзаминҳои таърихии мусалмонон аст, фикр карда буд».

Ҳеҷ баҳсе дар ин гуфта нест, ки Чаудҳрӣ Раҳматалӣ пас аз хутбаи Оллоҳобод тарҳи Покистони худро ироа дод. Вале назари Иқбол дар мавриди ташкили кишвари исломӣ бо тарҳи Покистони Чаудҳрӣ Раҳматалӣ тафовут дошт.

Суолҳоеро метавонем дар мавриди Чаудҳрӣ Раҳматалӣ матраҳ кунем, ки посухи онҳо бояд тавассути касоне дода шавад, ки зиндагиномаи ӯро ба риштаи таҳрир дармеоваранд. Вале ӯ беш аз сад нома[94] ба унвони марҳум Хоҷа Абдурраҳим ирсол дошта, ки аз назари нависанда (Ҷовид) гузаштааст. Пас аз мутолеаи ин номаҳо, равшан мешавад, ки Чаудҳрӣ Раҳматалӣ зоҳиран ба Иқбол иродат доштааст. Вале дар асл, ӯро бо чашми дигар менигаранд. Шояд ба хотири ин масъала аз Иқбол дилгир буд, ки чаро тарҳи пешниҳоди ӯ (эҷоди кишвари исломӣ)-ро қабл аз ӯ дода ва, дар ҳақиқат, аз вай сабқат гирифтааст. Барои мисол, дар номаи муаррихи 12 октябри 1935 менависад:

«Ҳеҷ кас дар миёни мо нест, ки хадамоти Иқболро дар бораи ислом инкор кунад. Вале гуфтаи шахсиятҳое, монанди Рашид, ки ҷузъи ҳалқаи хоси Иқбол мебошанд ва наҳзати Покистонро натиҷаи фикри Иқбол мегӯянд, аз аҳаммият холӣ нест. Чунин ба назар мерасад, ки доктор Иқбол дар ҳалқаи хоси худ агар ин фикрро аз забони худ зоҳир намесозад, аз он тардид ҳам намекунад. Ва акнун пас аз се соли кӯшишу пушти сар гузоштани хатароти бешумор, ин наҳзат ба номи «Покистон» бар сари забонҳо афтодааст.

Ҳазрати Иқбол бароҳатӣ моро аз робита бо он маҳрум карда ва суди хубу бади онро ба худ ихтисос додааст. Шумо он ҷумалоти маро ҳатман ба ёд доред, ки гуфтам: мо то замоне, ки Шумо аз лақаби «сэр» даст барнадоред, Шуморо барои узвияти наҳзати Покистон қабул нахоҳем кард. Маълум мешавад, инак ба далели нороҳатии ҳанҷара (киноя аз ба ҳадаф нарасидани садо, бемории гулӯ) маъюс шудааст ва бо умедҳои дигар қатъи робита намуда, ба ҳамин далел ба тарафи мо дастдарозӣ кардаанд... Агар ман эшонро дар ин маврид гунаҳгор биёбам, маҷбур хоҳам шуд дар китоби худ хулосаи тамоми он гуфтугӯҳоеро биғунҷонам, ки дар ин робита нишонгари заъфҳои Иқбол хоҳад шуд. Ин масъаларо фақат назди худ нигаҳ доред ва нагзоред ба берун дарз пайдо кунад».

Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар бисёре аз номаҳояш алайҳи Иқбол сухан гуфтааст. Масалан, дар номае, муаррахи 3 феврали 1933, тазоди байни фикру амали Иқболро дарднок мехонад. Сипас, дар номае аз 11 апрели 1933 ба Хоҷа Абдурраҳим шикоят мекунад, ки «Масти хиёбони Миклуд» (яъне Иқбол) ҳатто як калима ҳам нагуфт».

Гӯё Иқбол он аҳаммияте, ки Чаудҳрӣ Раҳматалӣ интизорашро дошт, ба ӯ намедод.

Бо мутолеаи ин номаҳо ин масъала низ равшан мешавад, ки унвонкунандаи лафзи Покистон танҳо Чаудҳрӣ Раҳматалӣ набудааст, балки Хоҷа Абдурраҳим низ дар ин иқдом шарик будааст. Вай дар ин масъала дар номаи муаррахи аввали ноябри 1933 эътироф намудааст:

«Дар Кембриҷ ва Лондон, ҳар ҷо, ки дар бораи ислом сӯҳбату баҳс мешавад ва ё зикре аз ислом мебошад, бо тасаввуре ҳамроҳ аст, ки хоби онро ману шумо бо ҳам дар соли 1931 дар Кембриҷ дида будем».

Дастхате ба забони англисӣ аз марҳум Хоҷа Абдурраҳим дар мавриди ин нома дар даст аст, ки дар он чунин эътироф намуда, ки ҳар дуи мо ин фикрро ба вуҷуд овардем. Вале назар ба ин ки Хоҷа Абдурраҳим кори давлатӣ дошт, ба ҳамин ҷиҳат номи ӯ фош нашуд. Дар Кембриҷ илова бар Хоҷа Абдурраҳим, Чаудҳрӣ Раҳматалӣ ва чанд тани дигар аз донишҷӯён низ буданд. Ин ашхос бо ҳамкории якдигар барои наҳзати миллии Покистон фаъолият мекарданд. Вале ба назар мерасад, ки наҳзати миллии Покистон фақат бо Кембриҷ маҳдуд шудааст, вале номи он ҳаргиз дар Ҳинди исломӣ ба гӯш нарасид. Тақрибан ба ҳамин далел Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар номаи муаррахи 15 декабри 1933 хитоб ба Хоҷа Абдурраҳим менависад: «Дар оянда ин низом бар усули нозӣ (натсист Ҳитлер) хоҳад буд». Наҳзати миллии Покистони Чаудҳрӣ Раҳматалӣ хориҷ аз Ҳиндустон монд. Албатта, дар соли 1940, пас аз Қатъномаи Лоҳур Муслим Лиг ба раҳбарии Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ наҳзати Покистонро барпо намуд, ки билохира, мунтаҷ ба таъсиси Покистон шуд. Ба назар мерасад, чанд моҳ қабл аз ба вуҷуд омадани Покистон, Чаудҳрӣ Раҳматалӣ аз роҳбарии Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ нороҳат будааст. Ин дар марҳалае буд, ки Мусим Лиг, тарҳи пешниҳоде* аз тарафи ҳайати эъзомии Инглистонро пазируфт. К.К. Азиз дар дебочаи ҷилди аввали китоби худ ба забони англисӣ бо номи «Раҳматалӣ ва навиштаҳои комилаш» менависад: «Чаудҳрӣ Раҳматалӣ аз Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ асабонӣ шуда буд ва дар натиҷа, алайҳи ӯ ҷузваи мухтасаре интишор дод. Дар он тавре ба ӯ ҳамла кард, ки хондани он бисёр мушмаизкунанда (нафратангез) аст». Ин

* Тарҳе, ки аз тарафи давлати Инглистон ба мардуми Ҳиндустон ироа шуда буд.

ёддошт бо номи: «Ғаддоре бузург, миллатро чӣ гуна бояд ҳифз кард?» (англисӣ) ахиран аз тарафи «Китоб тиҷорат» (Book Trades)-и Лоҳур замимаи таълифи Чаудҳрӣ Раҳматалӣ дар Покистон ба англисӣ мунташир шудааст. Чаудҳрӣ Раҳматалӣ ба Покистон омад. Дар хиёбони Ҷили Лоҳур хонае низ иҷора кард, то дар он ҷо зиндагӣ кунад. Вале ҳеҷ кас вуруди ӯро хушомад нагуфт, балки пулис махфӣ ӯро таҳти назар дошт ва муроқиби ӯ буд. Лизо ӯ ба Кембриҷ бозгашт. Аз ин масоил равшан мешавад, ки Чаудҳрӣ Раҳматалӣ инсоне худхоҳ ва маъюс буд. Ӯ ба унвони бунёнгузори Покистон Наҳзати миллии Покистонро дар Кембриҷ идома дод, вале пас аз вуруд ба Ҳиндустон дар умури сиёсии мусалмонон ҳаргиз саҳим нашуд. Бо вуҷуди ин, ӯ тамоми умр дар ин фикр буд, ки Иқбол тасаввури эҷоди Покистонро аз ӯ дуздидааст. Ва ё ин ки иштибоҳан Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳро боиси пирӯзии наҳзати Покистон ва ё эҷоди Покистон медонанд.

Ин ҳақиқат дорад, ки пеш аз таъсиси Покистон, қабл аз Иқбол, ҷиҳати ҳалли масоили фирқаӣ, баъзе аз шахсиятҳои баргузидаи англисӣ, ҳинду ва мусалмон пешниҳоди ташкили кишвари исломӣ ва ё тақсими Ҳиндро дода буданд.

Пас аз тасвиби Қатъномаи Лоҳур ва, бахусус, пас аз ба вуҷуд омадани Покистон, бо таҳқиқоти анҷомшуда собит гардид, ки Иқбол низ яке аз он шахсиятҳое буда, ки тарҳи тақсими Ҳиндро унвон кардааст. Аммо маълум нест, чӣ маслиҳатҳои сиёсие дар паси пардаи ин пешниҳодот вуҷуд дошт.

Қаблан ин мавзӯъ тавзеҳ дода шуд, ки Иқбол саранҷом ба ин натиҷа расид, ки бояд дар музофотҳои мусалмоннишини шимолу ғарб ва шимолу шарқи Ҳиндустон чунон федератсияи ҷудогона, озод ва муқтадире эҷод шавад, ки дар он қавонини исломӣ иҷро гардад. Оё дар фикри тасаввури эҷоди раҳбарии озоду муқтадир ба сурати як кишвари исломӣ буд? Ба гуфтаи Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ, афкори вай ӯро ба ҳамон натоиҷе расонд, ки Иқбол худ ба онҳо даст ёфта буд. Рафта-рафта изҳори ин афкор ба унвони хостаи ҳамаи мусалмонони Ҳинд дар Қатъномаи Лоҳури Муслим Лиг ғунҷонда шуд. Лизо равшан аст, ки Иқбол моил буд, ин кишварро ба шакли кишвари исломӣ бубинад ва ҳамин эҳсосро низ Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ дошт, ки бо ӯ муттафиқ буд. Сипас, ба гуфтаи Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ тасаввури ҳамин кишвари исломӣ ба сурати ҳадафи аслии мусалмонони Ҳинд дар Қатъномаи Муслим Лиг ироа шуд. Як сол пас аз истиқлоли Покистон Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ падруди ҳаёт гуфт. Агарчи пас аз эшон дар даврони Лаёқат Алихон Асосномаи мақосид (Objectives Resolution) ба тасвиб расид, вале намояндагони маҷлис ва дигар роҳбарони сиёсӣ бо вуҷуди ин ки эълом шуда буд, Покистон як ҷумҳурии исломӣ аст, хаёл надоштанд, ки Покистонро як кишваре ба шумор биёваранд. Дар як чунин мавқеияте маслиҳат эҷоб мекард, ки таҳқиқ шавад. Иқбол низ монанди дигар шахсиятҳои ҳинду, англис ва мусалмон пешниҳоди тақсими Ҳиндро иброз намудааст. Ҳангоме ки Мирзо Абдулҳасани Исфаҳонӣ навишта буд: «Ин гуфта, ки Иқбол бунёнгузори кишвари исломӣ буд, масх кардани таърих аст», фикри эшон дар чӣ масъалае будааст? Натиҷа ин шуд, ки ба ҷойи эҷоди асабияти исломӣ дар кишвар таассуби минтақаӣ боло гирифт. Бо нокомии сиёсатмадорон, бюрократия* қудратро дар даст гирифт, ба сабаби бекифоятӣ ин навъ ҳукумат ба рӯйи кор омад.

Пас аз баргузории интихобот сиёсатмадороне, ки афкори ғайриисломӣ доштанд ва ё бо боло бурдани таассуби минтақаӣ хаёл доштанд бозори гарме намоянд, билохира, Покистонро ба ду қисмат тақсим карданд.

Иқбол ба сарсупурдагон дарси ваҳдати исломӣ дод ва бад-ин васила озодиро ба онҳо шиносонд ва ӯ муддаии он инқилобе дар нимҷазира буд, ки, билохира, мунтаҷ ба эҷоди кишвари исломии Покистон шуд.

* Bureacracy – як навъ ҳукумати диктаторӣ аст, ки иқтидор дар дасти афсарони махсуси давлат мебошад.

Ҳақиқат ин аст, ки истиқлоли Покистон дар ҷаҳони ислом, барои эҳёи дини ислом, нахустин инқилоби исломӣ буд, ки муттаассифона, комил нашуд. Дар натиҷаи боло гирифтани таассуби минтақаӣ дар Покистон, Иқболро, ки шоиру мутафаккири ин инқилоб буд, як шоири панҷобӣ хонданд ва ӯро дар қафаси Панҷоб маҳбус карданд. Иқбол шояд худ аз саранҷоми кораш огоҳ буд. Ба ҳамин ҷиҳат гуфта буд:

Тарҷумаи шеър:

Гуноҳи ту маҷлисороӣ аст, Иқбол,
Агарчӣ ту мисли замона кампайванд ҳастӣ,
Касоне, ки ба кӯкнор одат доштанд,
Ба онҳо навои ту завқу иштиёқи эҳсосоти баланде дод.
Барои фазоҳои обӣ ҷон мекананд,
Он паршикастаҳое, ки дар саҳни саро хурсанд буданд.
Сазои ту маҳрум шудан аз навои саҳар аст
Ва маҳрум шудан аз шавқ, суруру назар аст.

Иқбол ин дастмуздро аз Покистон гирифт. Албатта, Покистоне, ки натавонист тибқи меъёри ӯ як кишвари исломӣ бошад. Вале Иқбол ба Ҳиндустон низ вобаста буд. Зеро дар ҷаҳони ислом дар қарни ХХ пас аз як ҳазор сол, тавассути таҷдиди дин бараҳманзода** ё кофаре ҳиндӣ, ки ин паёми инқилобро дод, ба ҳамин сарзамин тааллуқ дошт. Акнун дар Ҳиндустон ӯро як қавмпарасти мусалмоне мутаассиб мехонанд, ки тавассути афкори хеш, мардумро тарғиб ба тақсими сарзамини Ҳиндустон намуд. Лизо дар Ҳиндустон ҳатто бурдани номи ӯ низ ҷурм шинохта мешуд.

Ба ҳар ҳол, дар соли 1977 милодӣ авзоъ тағйир ёфт. Пас аз эроди баёноте ба муносибати садумин солгарди таваллудаш дар Ҳиндустон силсилаи таҳқиқ дар заминаи Иқболшиносӣ даврони ҷадидеро оғоз намуд. Бад-ин тартиб, таҳти ҷазбаи таҷаддуди дин ё эҳёи ислом дар Покистон, кӯшишҳое анҷом шуд, то Иқболро аз банди Панҷоб бираҳонанд ва мақоми саҳеҳи ӯро ба вай мустарад доранд. Дар ҳамин замон дар Эрон низ фикри инқилоб густариш ёфт. Ба сабаби навиштаҳои доктор Шариатӣ ва дигар донишмандону уламо дар маврди Иқбол, ӯро бо эҳтиром дар зумраи мутафаккирони инқилоби исломӣ қарор доданд.

** Маро бингар, ки дар Ҳиндустон дигар намебинӣ, Бараҳманзодае рамзошнои Руму Табрез.

ФАСЛИ ҲАЖДАҲУМ

Конфронсҳои Мизи гирд

Аввалин конфронси Мизи гирд 19 январи соли 1931 дар Лондон ба кори худ поён дод. Сипас, аз тариқи эъломияи сарвазири Англистон роҳи ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд ҳамвор гардид. Таҳти назари аввалин конфронси Мизи гирд фақат ҳашт кумитаи ақаллиятҳо (Sub Committee) ташкил шуд. Вале дар мавриди ҳифзи ҳуқуқи ақаллият ҳеҷ тасмиме ба тасвиб нарасид. Дар тӯли конфронс дар бораи тарҳи ҳукумат дар оянда баҳс шуд, ки муҳимтарин нуктаҳои он ба тариқи зер аст:

Тарзи ҳукумат ба равиши федералӣ хоҳад буд. Дар ин федератсия, илова бар музофотҳои Ҳинди Англистон иёлати дигари нимҷазира низ ширкат хоҳанд кард. Ба ҳукуматҳои музофотиву марказӣ, ба ғайр аз дифоъ ва корҳои хориҷӣ, ихтиёроти том дода хоҳад шуд.

Дар моҳи марти соли 1931 давлати Англистон таҳти қарордоди «Гандӣ-Ирвин»* эълом кард, ки маҳбусони наҳзати адами ҳамкорӣ озод хоҳанд шуд ва Конгресс низ ба масъалаи адами ҳамкорӣ хотима дод. Моҳи баъд ба ҷойи Ирвин Виллингдон (Lord Willingdon) ноибуссалтана шуд. Саъю кӯшиш дар мавриди ба даст овардани тафоҳум байни ҳиндуҳову мусалмонон бори дигар бенатиҷа анҷом ёфт. Дар ин айём дар қисматҳои мухталифи Ҳинд даргириҳо байни мусалмонону ҳиндуҳо оғоз шуд. Шаҳрҳои Банорас, Агра, Мирзопур ва Канпур таҳти таъсири ин даргириҳо қарор гирифтанд. Дар Канпур мусалмононро даста-даста ба қатл расониданд, манозили онҳоро оташ заданд.

Ин ҳаводис таъсири амиқе ба Иқбол гузошт. Ӯ нафақат бори дигар аз иттиҳоди ҳиндуҳову мусалмонон маъюс гардид, балки ба ин фикр афтод, ки агар дар конфронси Мизи гирди оянда манофеи мусалмонон ба эътибор гирифта нашавад, пас мусалмонон ҳақ доранд ба тарафи коммунизм (Шӯравӣ) кашида шаванд. 30 январи соли 1931 ӯ ба Сэр Франсис Янг Ҳасбенд чунин навишт:[1]

«Агар Англистон дар конфронси Мизи гирди оянда бихоҳад аз ихтилофоти фирқаӣ сӯиистифода кунад, барои ҳарду кишвар зиён хоҳад дошт. Агар раҳбарии сиёсӣ ба ҳиндуҳо вогузор шавад, сварақҳои мусалмон ё англо-сварақҳо аз ҳамон ҳарбае алайҳи давлат истифода хоҳанд кард, ки Гандӣ бар зидди давлати Англистон истифода карда буд. Илова бар ин мумкин аст, ки тамоми мусалмонони Осиё ба домани коммунизми Шӯравӣ биафтанд... Ман фикр намекунам, ки русҳо мардумони ломазҳаб (бедин) бошанд, балки баръакс, онҳо эътиқодоти амиқи мазҳабӣ доранд. Кайфият (хислатҳо)-и манфии афкори русҳо тӯл нахоҳад кашид, зеро ки як низоми иқтисодӣ қодир нест, ки бар асоси ломазҳабӣ эҷод шавад. Ва ба маҳзи ин ки авзои ин кишвар каме беҳтар шавад, маҷбур мешаванд, ки дар мавриди ин низом асоси мусбат бино ниҳанд. Агар тасвири Худо дар болшевизм изофа шавад, то ҳадди зиёде ба ислом наздик хоҳанд шуд. Ба ҳамин хотир, ман аз ин масъала тааҷҷуб нахоҳам кард, агар дар оянда ислом ба Шӯравӣ роҳ ёбад ва ё Шӯравӣ бар ислом соя афканад. Ба назари банда, натиҷаи кор ин хоҳад шуд, ки мусалмонони Ҳиндустон мавқеияти ҷадиде таҳти ойини нав ба даст хоҳанд овард».

---

* Lord Irvin аз соли 1926 то 1931 фармонравои Ҳинд буд.

Дар ҳамин моҳҳо авзои Ҷамму ва Кашмир низ пуршиддат гардид, ки боиси даргириҳои мазҳабӣ шуд. Ҳукумати Кашмир назоратро аз даст дода буд ва аз давлати Инглистон хоҳиши кӯмак намуд. Дар шаҳрҳои гуногуни Панҷоб, аз ҷумла, дар Лоҳур гирдиҳамоиҳои бузурге ба ҳимоят аз мусалмонони Кашмир барпо гардид.

Иқбол дар маҷлисҳои гуногуне, ки дар робита бо ҳаводиси Кашмир баргузор гардиданд, суханрониҳое эрод намуд ва мусалмононро ба ҳушёриву иттиҳод даъват кард. Ӯ барои имдод ба мусалмонони Кашмир ба миқдори зиёд хайрия ҷамъоварӣ намуд ва ба давлати Кашмир фиристод. Дар натиҷа, баъзе рӯзномаҳои англисии ҳиндуҳо, аз ҷумла, «Трибюн» шоеае зидди Иқбол чоп намуда, ин иқдоми ӯро кӯшише барои ба даст овардани вазифаи давлатӣ дар ҳукумати Кашмир қаламдод намуданд.

Бо кӯшиши Иқбол Комиссияи Гленсӣ (Glancy Comission) эҷод шуд. Ин комиссия пас аз таҳқиқот дар гузориши худ навишт: «Кашмир ниёзи фаровоне ба ислоҳот дорад».[2]

Ба гуфтаи Азим Ҳусайн, соли 1931 ноибуссалтана Иқболро барои ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд бо пешниҳоди Сэр Фазл Ҳусайн номзад намуд.[3] 4 август Иқбол даъватномае гирифт, ки тибқи он бояд 26 сентябр ба Лондон мерафт. Қабл аз сафари худ, Иқбол номае ба Сардорбегим ба мазмуни зер навишт:

«Пас аз салом, хидмати модари Ҷовид арз кунам, ки ба далели ин ки ҷиҳати ширкат дар конфронси Мизи гирд озими сафар ҳастам ва умеде ба ин зиндагӣ нест, ин номаро ба Шумо менависам, ки аз авзоъ бохабар бошед, агарчи қаблан Шумо ҳама чизро медонед.

1. Ду-се сол аст, ки аз дарди куля (гурда) ранҷи бисёре мебарам ва умеде ба зиндагӣ надорам. Вале Худованди бузург аз фазлу карами худ ба ман саломатӣ ато фармуд. Пас аз ин беморӣ тағйироти бисёре дар афкори ман ба вуҷуд омад ва дар ин чанд рӯз ҳақиқати зиндагӣ ба ман зоҳир шуд. Пас аз ин ки ҳолам хуб шуд, маблағи 10 ҳазор рупия ба номи Ҷовид дар бонки миллии Панҷоб гузарондам. Чанд моҳ пеш 5 ҳазор рупия ба ин маблағ илова намудам. Илова бар ин, дар ҳамин бонк ба номи Мунира Бегим маблағи 5 ҳазор рупия ворез намудам. Куллан, дар бонки мазкур, 15 ҳазор рупия ба номи Ҷовид ва 5 ҳазор рупия ба номи Мунира Бегим мавҷуд аст. То вақте ки зинда ҳастам, қаййим (васӣ, сарпараст)-и онҳо мебошам ва пас аз маргам Шумо қаййими онҳо хоҳед буд. Расидҳо (ҳуҷҷатҳо)-и бонк назди Шумо аст.

2. Илова бар арқоми боло, маблағи 10 ҳазор рупия ба номи ману Шумо дар бонки таовунии марказӣ (Central Cooperative Bank)-и Лоҳур гузарондам. Вале номи ман фақат ба хотири он дарҷ гардидааст, ки агар барои Шумо замин ё асбобе харидорӣ намоям, барои гирифтани пул мушкилие ба миён наояд. Ҳақиқат ин аст, ки ин рупияҳо моли Шумост ва ман ба онҳо коре надорам. Илова бар ин, дар ҳамин бонк ҳазору панҷсад рупия ба номи ману Шумо ҳаст, ки аз фурӯши баъзе зеваролот (тилловорӣ)-и Шумо ба даст омадааст. Ин низ моли Шумост.

3. Маблағи 8 ҳазор рупия ба номи худам дар бонки таовуни марказии Лоҳур мавҷуд аст, ки каме аз онро бо худ мебарам.

4. Маблағе наздик ба ду ҳазор рупия назди муншӣ Зоҳириддин аст. Пули дигаре низ бояд ба дастам бирасад, ки он кас мефиристанд. Аз ин пул ман бояд андози даромадамро пардохт кунам ва барои дигар маҳориҷ истифода барам. Илова бар инҳо маҳориҷи манзил ҳаст, ки барои он низ каме пул назди Шумост.

5. «Ҷовиднома»-ро барои чоп додаам ва роҳнамоиҳое дар ин маврид ба муншӣ Зоҳириддин ва Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн намудаам. Ба далели ин ки китоб ба номи Ҷовид аст, соҳибаш ҳам худаш аст, тамоми даромади онро ба Ҷовид хоҳам дод.

6. Ман шифоҳан гуфтаам, ки маҳрия (қалин)-и Шумо 15 ҳазор рупия аст, зеро ки мавқеи акд маблағе муқаррар нашуда буд. Акнун бо майли худ онро дар ҳудуди 15 ҳазор рупия муқаррар мекунам ва дар ин нома низ менависам. Шумо мутмаин бошед, ки ин рупияҳо шаръан бидеҳӣ (қарз)-и ман аст, ки бояд ба Шумо адо кунам.

Шаръан Шумо ҳақ доред, ки тамоми васоили маро тасарруф кунед, то вақте ки рақами мазкур тавассути Шумо вусул нашавад.

7. Ба фазли Худованд ҳолам хуб аст. Аз Шумо таваққӯъ дорам, ки дар набуданам аз тарбияти бачаҳоямон ғофил нашавед ва тамоми вазоифи худро ба унвони модари онҳо анҷом диҳед.

Муҳаммад Иқбол, вакили Лоҳур, 2 августи 1931».

Қарор буд ин номаро ба ҳангоми фавти ногаҳонии Иқбол ба Сардорбегим бидиҳанд. Вале ба далели ин ки ин ҳолат пеш наомад, ин нома дар мадорики қадимии Амриддин боқӣ монд ва касе ба он таваҷҷӯҳе накард.

9 сентябр Иқбол аз Лоҳур ба Деҳлӣ рафт. Ҳангоми истиқбол ба ӯ сипосномаҳое зиёде доданд. Иқбол ба иллати камии вақт аз нахондани ҳамаи онҳо узр хост. Фақат Мавлоно Сайид Аҳмад – имоми масҷиди ҷомеи Деҳлӣ як сипосномаро, ки аз номи Конфронси исломии музофот буд, қироат намуд. Иқбол тайи ҷавоб ба он гуфт:[4]

«... Агар дар Лондон роҳи ҳалли қобили итминоне барои иттиҳоди фирқаӣ пайдо нашавад ва ҳукумати худмухтории вилоятӣ (Provincial Autonumy) ҳам дода нашавад ва ҳамчунин давлати марказӣ ҳам ба он таваҷҷӯҳи кофӣ накунад, мусалмонон маҷбур хоҳанд шуд ба хотири зиндагии иҷтимоии худ, зиндагии фардии худро қурбонӣ кунанд. Ман мутмаин ҳастам, агар хостаҳои мусалмонони аксарияти Панҷобу Бангола ва дигар манотиқ ба расмият шинохта нашавад, он қонуни асосиро, ки ба Ҳиндустон хоҳад дод, мусалмонон пора-пора хоҳанд кард.»..

10 сентябр Иқбол ба Бамбай расид ва дар меҳмонсарои «Хилофат» иқомат гузид. Дар як меҳмонӣ, ки ба ифтихори ӯ барпо гардид, аз ӯ хоҳиш карданд, ки паёме ба меҳмонон бибиҳад. Ӯ суханронии кӯтоҳе кард ва онро бо ин байт ба поён расонд:

Чунон бизӣ, ки агар марги мост марги давом,
Худо зи кардаи худ шармсортар гардад.

Худи ҳамон рӯз дар як меҳмонии дигар коғазе хост ва ин абётро ба рӯйи он навишта, ба Атия Файзӣ дод:

Тарсам, ки ту меронӣ заврақ ба сароб андар,
Зодӣ ба ҳиҷоб андар, мирӣ ба ҳиҷоб андар.
Бар кишту хиёбон печ, бар кӯҳу биёбон печ,
Баркӣ, ки ба худ печид, мирад ба саҳоб андар.
Ин савти диловезе аз захмаи мутриб нест,
Маҳҷури ҷинон ҳуре нолад ба рубоб андар.

Пас аз чанд дақиқаи дигар рӯйи коғаз ин байтро навишт:

Тарҷумаи шеър:

Дар ин олам чӣ чизҳое, ки раво нашуда,
Бигӯед, фармон чист? Девона шавам ё нашавам?

27 сентябр Иқбол ба Лондон расид. Ҷаласаи Мизи гирд дар маҳалли Сайнт Ҷеймз (Saint James Palace) ташкил мешуд.

Инак, Иқбол пас аз 23 сол бори дигар вориди Аврупо гардида буд. Ин сафар ёдҳои гузаштаро дар ӯ зинда кард. Ӯ ба дӯстони қадими худ – Има Вегай Наст, ки як вақтҳо дар Олмон устоди забони олмонии ӯ буд, мактубе ирсол дошт ва ҷавоб низ гирифт. Агарчи сафари Иқбол ба Лондон танҳо ҷиҳати ширкат дар конфронси Мизи гирд буд, вале ӯ дар ин сафар низ аз илму адаб дур набуд ва пас аз ҷаласоти конфронси Мизи гирд дар маҳфилҳои илмиву адабӣ ширкат мекард.

Иқбол ба сифати тарафдори интихоботи ҷудогона дар ҷаласаи кумитаҳои ақаллият ширкат мекард. Дар аввалин ҷаласаи ин кумита, 28 сентябри соли 1931 Маҳатма Гандӣ исрор намуд, ки раҳбари ҳизби натсионалисти исломӣ – доктор Ансориро ба конфронси Мизи гирд даъват намоянд ва агар ӯ аз хостаҳои мусалмонон ҳимоят накунад, Гандӣ ӯро тарафдорӣ хоҳад кард. Рӯзи аввал натиҷае надод. Сипас, пас аз ду рӯз. ҷаласаи дуввуми кумита барпо гашт ва боз ба муддати 8 рӯз ба таъхир гузошта шуд. Тайи ин рӯзҳо миёни мусалмонону ҳиндуҳо, сикҳҳо ва

дигар ақвом гуфтугӯҳои ғайрирасмӣ барои ба даст овардани сулҳ идома ёфтанд. 8 октябр дар ҷаласаи конфронс Маҳатма Гандӣ изҳор дошт, ки гуфтушунидҳо бенатиҷа анҷом ёфтанд ва конфронси Мизи гирд ба муддати номаълум мавқуф гузошта шавад. Сэр Муҳаммад Шафеъ дар ҷавоб гуфт, ки то вақте ки масоили фирқаӣ ҳал нашавад, ҳеҷ навъ қонунеро наметавон тасвиб намуд. Сарвазири Инглистон эълон намуд, ки ҷаласоти кумитаҳо идома хоҳад ёфт.

Дар масъалаи идомаи ширкат дар маҷлисҳои кумита дар байни намояндагони мусалмон ихтилофот ба миён омад. Иқбол бар ин ақида буд, ки мусалмонон дар оянда дар бораи қонуни асосӣ баҳсе надошта бошанд ва канорагирӣ кунанд. Сэр Муҳаммад Шафеъ ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ усулан бо Иқбол ҳамфикр буданд, вале ба сабаби он ки дар сурати радди иштирок иттиҳоми хатми конфронси Мизи гирд ба мусалмонон дода мешавад, тарафдори идомаи баҳс буданд. Касе бо Иқбол дар ин масъала ҳамфикр набуд. 16 ноябр Иқбол ба сарпарасти расмии ҳайат эълон намуд, ки хаёл дорад аз иштирок дар конфронси Мизи гирд канорачӯӣ кунад. Чанд рӯз баъд ба вазири корҳои хориҷӣ низ иттилоъ дод, ки мондани ӯ дар Лондон бефоида аст ва 21 ноябр боз хоҳад гашт.[5]

Вай ба таври ғайрирасмӣ бо ҳуккоми Инглистон дар мавриди мақоми мустақил (Dominion Status) додан ба Ҳайдаробод баҳсу талош намуд. Вале Сэр Акбар Ҳайдарӣ бо ӯ мухолифат кард. Дар охирин мароҳили конфронси Мизи гирд Иқбол бо дигар намояндагони мусалмон низ ихтилоф пайдо кард, зеро ӯ мухолифи ширкат дар баҳсҳое буд, ки бидуни дастёбӣ ба роҳи ҳалли фирқаӣ, дар мавриди масъулиятҳои марказ анҷом мешуд. Иқбол бисёр маъюс гардид ва ба таври куллӣ аз кори дуввумин конфронси Мизи гирд розӣ набуд.

Ҳангоми иқомати худ дар Лондон ва ширкат дар дуввумин конфронси Мизи гирд Иқбол мулоқотҳое бо собиқ нахуствазири Эрон – Зиёуддин Таботабоӣ, Сэр Зуфаруллохон, Сэр Денисон Рос, Ғозӣ Рауф ва дигарон дошт. Дар яке аз ин рӯзҳо Чаудҳрӣ Раҳматалӣ, Хоҷа Абдурраҳим ва дигар донишҷӯёни мусалмони Кембриҷ ба дидори вай омаданд. Ба қавли Хоҷа Абдурраҳим онҳо ба Иқбол гуфтанд: Номи кишвари мусалмоне, ки ӯ ҷиҳати ташкили он пешниҳод дода буд, «Покистон»* интихоб шудааст, ки аз аввали ҳарфҳои музофотҳои мусалмоннишин ва «тон»-и Балуҷистон гирифта шудааст.[6]

23 октябри соли 1931 Сайид Шамил ба мулоқоти Иқбол омад. Сайид Шамил дар Кавкази Шимолӣ алайҳи коммунистҳои рус барои озодии манотиқи худ мубориза карда буд. Вай дар бораи зулми шӯравиҳо дар ин манотиқ сӯҳбат кард. Ӯ пештар дар Полша иқомат дошт ва шадидан бо коммунистҳо мухолифат мекард. Иқбол гуфт, ки коммунизми Шӯравӣ барои поён додан ба империализми Аврупо метавонад унсури фаъоле бошад, аз ин рӯ, мусалмонон бояд роҳеро интихоб кунанд, ки бо он мухолифат нашавад. Вале Сайид Шамил бо ӯ розӣ нашуду гуфт, ки зоҳиран коммунизми Шӯравӣ аз империализми Аврупо беҳтар ба назар мерасад, вале дар ҳақиқат, он низ ба ҷойи худ навъе аз империализм аст. Иқбол гуфт, ки аз мухолифати мусалмонон бо коммунизми рус империализми Аврупо истифода хоҳад кард. Бад-ин сабаб, барои назорати мувозинати иқтисодии Аврупо ва дигар масоил, вуҷуди коммунизм зарурат дорад.

18 ноябр Иқбол ба Кембриҷ ба сафари якрӯза рафт. Ӯро Чаудҳрӣ Раҳматалӣ, Хоҷа Абдурраҳим ва дигарон истиқбол карданд. Худи ҳамон рӯз дар меҳмонхонаи Донишгоҳ ба ифтихори ӯ меҳмоние баргузор гардид, ки дар он профессор Николсон, профессор Левӣ (prof. Levy), профессор Сорлей (prof. Sorley), доктор Сулаймон аз Миср ва дигарон буданд. Иқбол зимни ташаккур аз мизбонон изҳори таассуф намуд,

* Калимаи «Покистон» аз ҳуруфи «п» барои Панҷоб, «алиф» барои афғон (иёлати шимолу шарқӣ), «к» барои Кашмир, «с» барои Синд ва ҷузъи «тон» барои Балуҷистон ба вуҷуд омад ва пояи қавлии номи «Покистон» аз ду калима - «пок» ва пасванди «истон» ба маънои «сарзамини пок» аст.

ки профессор Брау ва профессор Майк Тигрет дар он маҳфил ҳузур надоранд. Сипас гуфт:

«Ширкати ман дар конфронс бемаврид нест. Дар ин ҷо дар бораи ақвоми мухталифи Ҳиндустон тасмимгирӣ мешавад. Ман низ лозим донистам, ки дар ин кори муҳим ширкат кунам ва дӯстонамро ёрӣ диҳам. Ҳамон тавре ки ҳамагон медонанд, мо ба натиҷае нарасидем ва муваффақ нашудем бо ҳам муттаҳид шавем. Дилам мехоҳад насоеҳе ба ҷавононе, ки дар ҳоли ҳозир машғули таҳсил ҳастанд, бикунам. Кембриҷ он маркази илму фазилатест, ки дар ташаккули тамаддуну таҳзиби Аврупо бештарин нақшро ифо кардааст. Ман ба онҳо гӯшзад мекунам, ки аз илҳоду моддапарастӣ дурӣ ҷӯянд, зеро бузургтарин иштибоҳе, ки аврупоиҳо ба он роҳ доданд, ин буд, ки мазҳабу ҳукуматро аз ҳам ҷудо намуданд... Ҷанги ҷаҳонии 1914, дар ҳақиқат, натиҷаи ҳамон иштибоҳе буд, ки қаблан зикр кардам. Болшевизм натиҷаи табии ҷудоии дину давлат аст. Ман ба ҷавонон тавсия мекунам, аз моддагароӣ бипарҳезанд.»..

Қабл аз тарки Лондон, 6 ноябр Анҷумани адабии Иқбол дар меҳмонхонаи Валдорф зиёфати бузурге ба ифтихори Иқбол баргузор гардид. Дар ин зиёфат бештар аз 400 нафар иштирок доштанд. Дар байни онҳо тамоми ҳайати ширкаткунандагони конфронси Мизи гирд, иддаи зиёде аз донишҷӯёни ҳинду ва мусалмон, ҳамчунин донишҷӯёни хориҷӣ, ки дар Лондону Кембриҷ ва Оксфорд таҳсил мекарданд, ҳузур доштанд. Иқбол зимни ташаккур аз ширкаткунандагони зиёфат хитоб ба донишҷӯён чунин гуфт:

«Ман ба шумо ҳамон насиҳатеро мекунам, ки ба фарзанди худ (Ҷовид Иқбол) кардам, яъне:

Камхуру камхобу камгуфтор бош,
Гирди худ гарданда чун паргор бош.

Ва ҳамон ҳарферо низ, ки ба суфиён задам, ба шумо низ мегӯям:

Зи ман гӯ суфиёни босафоро,
Худоҷӯёни маъниошноро.
Ғуломи ҳиммати он худпарастам,
Ки бо нури худӣ бинад Худоро».

Пас аз он ки Шайх Нур Муҳаммад ва Абдулло Юсуф Алӣ дар мавриди фикру шоирии Иқбол суханронӣ карданд, зиёфат бо гуфтори Оқохон ба итмом расид.

21 ноябри 1931 Иқбол аз Лондон ба Париж ва сипас аз он ҷо ба Рим рафт. 25 ноябр Иқбол бо Ғулом Расул Меҳр барои дидори Амонуллохон – шоҳи собиқи Афғонистон ба манзили вай рафт. Дар сӯҳбати сесоатаи худ Амонуллохон дар бораи сабаби Афғонистонро тарк карданаш ва ояндаи ин кишвар сухан гуфт. 27 ноябр сӯҳбати онҳо дар маҳалли иқомати Иқбол идома ёфт. Ҳангоми хайрухуш Иқбол гуфт:

Пири мо гуфт, ҷаҳон бар равише маҳкам нест,
Аз хушу нохуши ӯ қатъи назар бояд кард.

Худи ҳамон рӯз Муссолинӣ Иқболро даъват кард. Дар бораи мулоқоти вай бо Муссолинӣ ривоятҳои мухталифе вуҷуд дорад., ки маълум нест, кадомашон ба ҳақиқат наздик аст. Ҳақиқат ин аст, ки Иқбол тайи мулоқот бо Муссолинӣ башиддат таҳти таъсири ӯ қарор гирифт. Вай дар номаи худ ба Ол Аҳмад Сарвар аз 12 марти соли 1937 менависад:[7]

«Шумо дар матолибе, ки ман дар бораи Муссолинӣ навиштаам, нуқсоне мебинед, ки дуруст аст. Вале агар дар ӯ ҳарду хусусиёти шайтону валӣ ҷамъ шуда бошад, чӣ коре аз дасти ман бармеояд ва агар Шумо бо Муссолинӣ мулоқот кунед, ин гуфтаи маро тасдиқ хоҳед кард, ки дар нигоҳаш як барандагии ғайри қобили баён мавҷуд аст».

Дар ҷойи дигар Иқбол мегӯяд, ки нигоҳи нофизи Муссолиниро метавон ба нигоҳи беморони равонӣ ва ҷиноятқорон ташбеҳ кард.

Ба ҳар ҳол ҳангоме ки Иқбол бо Муссолинӣ мулоқот кард, диктатори Италия дар авҷи қудрат буд ва ба унвони наҷотдиҳандаи миллати худ маъруф буд. Вале вақте ки дар соли 1935 Муссолинӣ ба Ҳабашистон ҳамла кард, Иқбол ӯро як гурги дарандаю ваҳшӣ номид. Иқбол дар зиндагии худ таҳти таъсири шахсиятҳои сиёсие қарор мегирифт, ки баъдҳо ба далоили мухталиф аз кори худ маъюс мешуд. Барои мисол, аз Амонуллохон интизор дошт, ки рӯҳи ҷадиде дар Афғонистон бидамонад, вале ӯ маҷбур шуд аз кишвари худ фирор кунад. Ба ҳамин сурат, аз Муҳаммад Нодиршоҳ интизор дошт, ки рӯҳи исломро дар Афғонистон тозагӣ бахшад, вале ӯ дар Кобул ба қатл расид. Иқбол тақти таъсири Мустафо Камол Отатурк ва Ризошоҳ Паҳлавӣ низ қарор гирифт, вале саранҷом аз онҳо низ ноумед шуд. Ва дар ноумедӣ гуфт:

Тарҷумаи шеър:

Аз навои ман гиребони лола шикофт,
Насими субҳ дар ҷустуҷӯи чаман аст, инак.
Дар Мустафову дар Ризошоҳ намуди он нест,
Рӯҳи Шарқ дар талоши бадан аст, инак.
Вуҷуди ман низ мустаҳақи танбеҳ шудан аст, аммо
Замона дар ҷустуҷӯи дору расан аст, инак.

Дар даврони иқомати Иқбол дар Италия дар баъзе рӯзномаҳои Рим мақолаҳои зиёде дар бораи Иқбол ва тарҷумаи итолиёии шеърҳои ситсилиягии ӯ ва ҳамчунин иқтибосоте аз суханрониҳои ӯ мунташир гардиданд. Ҳангоми бозгашт ба ватан Иқбол ҳамчунин дар Миср низ чанд рӯз иқомат намуд ва бо ҷойҳои тахрихиву фарҳангии ин кишвар ошно гардида, бо шахсиятҳои мӯътабари он сӯҳбатҳо анҷом дод.

Муфтии Аъзами Фаластин – Сайид Амин Алҳусайнӣ* вайро ҷиҳати ширкат дар конфронси исломӣ, ки қарор буд декабри 1931 дар Байтулмуқаддас (Иерусалим) ташкил шавад, даъват карда буд. Бинобар ин, Иқбол аз Миср ба ҷониби Байтулмуқаддас раҳсипор гардид ва 6 декабр ба он ҷо расид. Ӯро Муфтӣ Сайидамин Алҳусайнӣ, Мавлоно Шавкат Алӣ ва аҳли раёсати Конфронси исломӣ истиқбол намуданд.

Конфронс 6 декабр дар толори васеи Равзатулмаориф ба кори худ оғоз кард. Иқбол дар ҷаласоти он аз 7 то 14 декабр иштирок намуд. Дар ин даврон ӯ аз ҷойҳои ҷолибу таърихии Байтулмуқаддас дидор ба амал овард. 14 декабр, зимни худоҳофизӣ, ӯ аз ташкилкунандагони конфронс изҳори ташаккур намуд ва афсӯс хӯрд, ки наметавонад то охири кори конфронс он ҷо бимонад.

Иқбол ба масъалаи иттиҳоди арабҳо, мавқеи онҳо дар олами исломӣ ва вазъи кунунии онҳо эътибори махсус медод. Ӯ дар «Ҷовиднома» менависад:

Гуфт: «Эй рӯҳи Араб, бедор шав,
Чун ниёкон холиқи асрор шав.
Эй Фуод, эй Файсал, эй Сууд,
То куҷо бар хеш печидан чу дуд?
Зинда кун дар сина он сӯзе, ки рафт,
Дар ҷаҳон боз овар он рӯзе, ки рафт.
Хоки Батҳо, холиде дигар бизой,
Нағмаи тавҳидро дигар сарой.
Эй нахили дашти ту боландатар,
Барнахезад аз ту Форуқе дигар?

* Муфтӣ Сайид Амин Алҳусайнӣ соли 1896 таваллуд ёфт. Ҷоме-ул-азҳари Қоҳираро хатм намуд ва Муфтии Аъзами Фаластин гардид. Англисҳо соли 1937 ӯро дастгир намуданд, вале ӯ ба Лубнон фирор кард. Қабл аз ҷанги ҷаҳонии дуввум ба Ироқ рафт ва ба иллати ноумедиҳои сиёсӣ соли 1941 аз он ҷо ба Италия рафт. Соли 1946 дар хонаи худ дар Париж тавқиф гардид. Раёсати Конфаронси мусалмонони ҷаҳон, ки соли 1951 дар Карочӣ баргузор гардид, ба ӯҳдаи ӯ буд.

Эй ҷаҳони мӯъминоти мушкфом,
Аз ту меояд маро бӯйи давом.
Зиндагонӣ то куҷо бе завқи сайр?
То куҷо тақдири ту дар дасти ғайр?
Бар мақоми худ наёӣ то ба кай?
Устухонам дар яме нолад чу най.
Аз бало тарсӣ? Ҳадиси Мустафост:
«Мардро рӯзи бало рӯзи сафост».

Иқбол инчунин таҳти таъсири ҷӯшу хурӯши аъроби Фаластин қарор гирифт ва баъдтар чунин навишт:

Тарҷумаи шеър:

Аз он сӯзе, ки инак низ замона фориғ нест,
Медонам, ки он оташ дар вуҷуди туст.
Давои ту на дар Женев асту на дар Лондон,
Шоҳраги Фаранг дар мушти яҳудон аст.
Ман шунидам, ки миллатҳо дар ғуломӣ роҳи наҷот доранд,
Парваришу лаззати «худӣ» дар намуд аст.

Пас аз бозгашт ба ватан, Иқбол дар мавриди Мизи гирд ба суоли хабарнигори «Рӯзномаи шаҳрӣ ва низомӣ» (Civil and Military Gazette) чунин гуфт:

«Ман аз конфронс истеъфоъ накардам, балки фақат аз ҳайати исломӣ канорагирӣ кардам. Ва ин амали ман тибқи тасмимоти Конфронси исломии саросари Ҳиндустон анҷом шуд... Баҳсу баррасӣ дар бораи интихоботи ҷудогона барои мусалмонон ва масоили музофоти Сарҳаду Синд ба поён расидааст. Вазири аъзам ва Сэр Самуел Ҳувар дар маҷлиси авоми Инглистон дар ин маворид баёнияҳои равшане ироа додаанд ва инак масъалае, ки бояд ҳал шавад, масъалаи аксарияти қонунии мусалмонони Панҷобу Бангола аст».

Феврали соли 1932 китоби машҳури Иқбол – «Ҷовиднома» мунташир шуд. Фикри навиштани ин китоб ҳанӯз аз соли 1927 дар зеҳни Иқбол буд, вале навиштани онро соли 1929 оғоз кард.[8] Дар ин китоб дар мавриди масоили иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ, ахлоқӣ ва ислоҳӣ баҳс шудааст. Дар рӯйдодҳо аз ду шахсияти аврупоӣ – Китченер (Kitchener) ва Ниччеа истифода шуда, дигар шахсиятҳо ҳама осиёӣ мебошанд. Дар ин меъроҷнома Мавлои Рум рафиқи роҳи Иқбол буд.*

Дар соли 1932 Иқбол ба унвони раиси Конфронси мусалмонони Ҳинд интихоб шуд ва 21 марти ҳамон сол дар маҷлиси ифтитоҳии он, ки дар хориҷи Дарвозаи Деҳлии Лоҳур ташкил шуда буд, суханоне эрод намуд. Ин дуввумин мадраки сиёсии Иқбол аст, ки ҳеҷ марди муштоқи корҳои сиёсии нимҷазира наметавонад онро нодида гирад.[9] Дар ибтидо, зимни ташаккур аз ҳозирин гуфт:

«Ман аз шумо сипосгузорам, ки дар ин марҳалаи ҳассос ба ман эътимод кардаед. Вале яқинан наметавонам барои интихоби чунин фарде, ки як идеалист аст, ба шумо табрик бигӯям. Шояд фикр кардаед, ки дар ин марҳала ниёз ба фарде аст, ки басират дошта бошад, зеро агар басират набошад, миллатҳо нобуду табоҳ мешаванд». То он ҷо ки ба усули асосии сиёсати мо марбут аст, чизи ҷадиде ба шумо ироа намекунам. Дар ин маворид қаблан низ дар суханрониҳои Муслим Лиги кулли Ҳинд изҳори назар кардаам».

Дар хутба муфассалан аз амалкарди ду Мизи гирд сӯҳбат кард ва аз сиёсати давлати Инглистон интиқод намуд ва зимни тафсире бар равиши мухолифатомези Маҳатма Гандӣ ва ё Конгресс бо мусалмонон эълом дошт, ки алоқае ба ташкили маркази федералӣ надорад. Сипас, дар бораи сахтгириҳои давлати Инглистон дар музофотҳои Сарҳаду Кашмир ва эҷоди тафриқа дар мусалмонони он ҷо гуфт:

---

* Пири Румиро рафиқи роҳ соз,
То Худо бахшад туро сӯзу гудоз.

«Тамоми ин масоил заминаест барои он тӯфоне, ки мумкин аст натанҳо Ҳиндустон, балки тамоми Осиёро дар бар гирад. Ин натиҷаи ҳамон андешаҳои сиёсиест, ки инсонро монанди шайъ (чиз) медонанд, ки фақат қобили истисмор аст. Ба ӯ фурсати онро намедиҳанд, ки ба ҳайси як шахсияти воқеӣ аз тариқи нерӯҳои таҳзибӣ рушд кунад. Миллати Осиё яқинан алайҳи истисмори иқтисодии ғарбӣ, ки дар Шарқ роиҷ шудааст, ба по хоҳанд хост. Осиё аз фаҳмидани низоми сармоядории ҷадиди ғарби ва инҳисорталабӣ (сиёсати монополистӣ)-и ғайримунзабити он қосир (оҷиз) аст. Вале дине, ки шумо намояндаи он ҳастед, аҳаммияту арзиши як фардро ба расмият мешиносад ва онро таҳти назме меоварад, ки ҳар чи дорад, дар роҳи Худову хидмат ба инсонҳо сарф намояд. Ҳанӯз имконоти он ба поён нарасида, балки дар ҳоли ҳозир низ қодир аст, дунёи ҷадиде халқ кунад (бисозад), ки дар он робитаи иҷтимоии инсон на вобастагӣ ба зоту наслу ранги ӯ дораду на ба сармоя, балки бо тарзи зиндагии ӯ робита барқарор мекунад. Чунин дунёи ҷадиде, ки фақир бар амир молиёт мебандад, ҷаҳоне, ки иҷтимои инсонӣ мабно бар мусоворти рӯҳҳо аст, на мусоворти шикам, ҷое, ки ихтилофоти табақотӣ монеъ аз издивоҷи як духтару писар аз табақоти фақиру ғанӣ нест, ҷое, ки мулки шахсӣ як амонат аст ва иҷоза дода намешавад, ки сармоя анбошта гардад, то табақаи мустаъзаф битавонад бар сармоядор пирӯз гардад. Аммо бо камоли таассуф бояд гуфт, ки ин баландназарии шумо дар авҳоми фарсудаи уламо ва фуқаҳои тангназар ба дом афтодааст ва ниёз ба озодӣ дорад. Аз назари маънавӣ, мо дар зиндоне аз афкору эҳсосоти худ маҳбус мебошем, ки тайи қуруни мутамодӣ ба даври худ ҳисор кашидаем. Барои мо, пирмардҳо, шармовар аст, ки натавонистем насли ҷавонро омода созем, то дар муқобили бӯҳронҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳатто динӣ, ки дар ҳоли ба вуҷуд омадан дар асри ҳозир аст, истодагӣ намоянд. Лозим аст, афкори кунунии миллатҳоро комилан тағйитр диҳем, то онҳо бори дигар нури орзуҳои баланду хостаҳои ҷадид ва аҳдофи тозаро мушоҳидаву эҳсос намоянд... Яке аз гуфтаҳои Муссолинӣ ин буд: «Ҳар кас оҳан дорад, нон дорад». Ман мегӯям: «Ҳар кас худ оҳан шавад, ӯ соҳиби ҳама чиз мешавад». Ин рози аслии зиндагии фардӣ ва иҷтимоӣ аст.»..

Иқбол роҷеъ ба барномаи сиёсии ояндаи мусалмонон лоиҳаеро иборат аз 5 модда ироа дод:

Ба ҷойи ташкили аҳзоби сиёсии гуногун мусалмонони Ҳинд бояд таҳти ливои як ҳизб муттаҳид шаванд.

Ин ҳизби марказӣ бояд ҳадди ақал 5 миллион рупия ба унвони пуштвона (хазина, фонд) дошта бошад.

Дастаҳои ҷавонони довталаб барои хидмати содиқона ба ҳизб ислоҳи одоби русум ва сунан, танзими тиҷорати миллӣ дар шаҳрҳо ташкил шаванд.

Дар тамоми шаҳрҳои калон воҳидҳои мухталифи фарҳангӣ барои занон ва мардон ташкил шаванд, ки бо сиёсат робита надошта бошанд.

Маҷлисе аз уламо ташкил шавад ва вукалои огоҳ аз илми фиқҳ низ дар он ҳузур дошта бошанд.

Конфронси мусалмонони кулли Ҳинд дар ҷаласаи дурӯзаи худ тарҳҳои мухталиферо ба тасвиб расонд. Аз ҷумла, пешиҳод шуд, ки дар корҳои давлати марказӣ аз се як ҳисса ва дар артиш 50%-и масъулиятҳо ба мусалмонон вогузор шавад.

Севвумин конфронси Мизи гирд 17 ноябри 1932 ба кори худ шурӯъ кард. Вале Иқбол як моҳ пеш, 17 октябр ба Аврупо рафт, зеро мехост чанде дар марказҳои илмии Аврупо иқомат кунад. Сайид Амҷад Алӣ ба унвони дабири муваққатии ҳайати исломӣ ҳамсафари Иқбол буд. Онҳо пеш аз ба Лондон рафтан чанд муддат дар Париж иқомат карданд.

Дар севвумин конфронси Мизи гирд намояндае аз тарафи Конгресс ширкат накард. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ низ даъват нашуда буд. Иқбол дар ин конфронс фақат ба унвони нозир ширкат кард ва дар умури он ба таври қобили назар саҳм нагирифт.

Сабаб он буд, ки ҳамаи баҳсҳои Мизи гирд дар атрофи федератсияи Ҳинд ё давлати марказӣ буд, ки Иқбол ба он алоқае надошт. Назари ӯ ин буд, ки ба музофотҳо худмухтории комил дода шавад ва онҳо мустақиман бо вазири Ҳинд дар Лондон робита дошта бошанд. Иқбол тайи ибрози назари худ ба «14 модда» истинод намуда, қайд кард, ки 4-5 сол боз ба манзури ҳалли масоили фирқаӣ пешниҳоди эҷоди як кишвари исломиро ироа додааст, агарчи ин пешниҳод шомили тамоми хостаҳои мусалмонон нест, вале назари шахсии ӯ ин аст, ки ин ягона роҳи ҳалли масъала аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба пешниҳоди Иқбол, Котмайн чунин навишт:

«Рӯз ба рӯз сохтани як Ҳиндустони муттаҳиду муқтадир номумкин мешавад. Ба назар мерасад, ки ба ҷойи он дар шимол ва шимолу ғарби он чунон як кишвари исломие эҷод хоҳад шуд, ки яқинан ба Ҳиндустон таваҷҷӯҳе нахоҳад дошт».

Ба гуфтаи Иқбол, Лорд Лутҳайн (Lord Lothian) таҳти таъсири пешниҳоди ӯ қарор гирифта, изҳор кард, ки агарчи тарҳи Иқбол ягона роҳи ҳалли имконпазири ин масъала аст, вале ин кор 25 сол вақт мехоҳад, то ба анҷом бирасад ва исбот шавад.

Дар ҷараёни кори конфронс Чаудҳрӣ Раҳматалӣ ва баъзе дигар донишҷӯёни Кембриҷ китобчаеро таҳти унвони «Ҳоло ва дигар ҳеҷ вақт» дар бораи тарҳи Покистон интишор намуданд ва байни иштироккунандагони Мизи гирд паҳн карданд.

Қабл аз тарки Инглистон, дар рӯзномаи «Ливерпул Пост» мусоҳибаи Иқбол бо номи «Мақоми зан дар Шарқ» мунташир шуд. Иқбол зимни тавсифи мақоми зан дар ҷамъият аз назари ислом, равшан сохт, ки як шавҳари мусалмон илова бар ин ки бояд маҳрияи ҳамсари худро бипардозад, кафилу масъули нисон ва нафақаи ӯ низ ҳаст. Барои дастёбӣ ба ин ҳуқуқ, зан ҳақ дорад тамоми амволи шавҳарро ба тасарруфи худ дарорад.[10]

Севвумин Мизи гирд 24 декабр ба кори худ анҷом дод, вале Иқбол то 30 декабр дар Лондон монд. Иқбол аз Лондон барои Сардорбегим чанд зеваролот харид. Нависанда (Ҷовид) дар мактуби худ ба Иқбол, хоҳиш карда буд, ки як граммофон харад. Иқбол граммофон нахарид, вале номаи нависанда (Ҷовид) илҳомбахши як шеъре бо номи «Ҷовид» шуд:

Тарҷмуаи шеър:

Мақоми хеш дар дарбори ишқ пайдо кун,
Замонае ҷадид, субҳу асре тоза пайдо кун.
Худо гар дили фитратшиносӣ ба ту диҳад,
Аз сукути лолаву гул каломе пайло кун.
Мамнуни шишагарони фаранг мабош,
Аз сафоли Ҳинд минову ҷом пайдо кун.
Ман шохи ток ҳастаму ғазали ман самари ман аст,
Аз самари ман майи лолафом пайдо кун.
Роҳи ман роҳи ағниё нест, роҳи фақр аст,
«Худӣ»-и худро мафрӯшу дар фақр ном пайдо кун.

Зимни бозгашт ӯ бори дигар ба Париж рафт ва бо яке аз донишмандони варзидаи ин кишвар – Бергсон, ки Иқбол ба ӯ ҳусни таваҷҷӯҳ дошт, мулоқот намуд. Аз Фаронса Иқбол ба Мадрид рафт ва дар манзили профессор Асинплакиос (Asinplacios) иқомат кард. Дар яке аз рӯзҳои иқоматаш дар Мадрид, дар донишгоҳи ин шаҳр дар мавзӯи Испания ва фалсафаи ислом суханронӣ кард.

Ҳамон тавре ки ривоятҳои мухталифе роҷеъ ба мулоқоти Иқбол бо Муссолинӣ мавҷуданд, ба ҳамон сурат дар бораи намозе, ки Иқбол дар масҷиди Қуртаба хондааст, ривоятҳои мухталифе мавҷуданд. Яке аз онҳо, аз рӯйи нақли Малкум Дорлинг чунин аст:[11]

«Иқбол ба ман гуфт, ки ба дидори масҷиди Қуртаба рафт, ки ҳоло ба як калисо табдил шуда буд. Аз роҳнамои худ иҷоза хост, ки дар он ҷо намоз хонад, зеро замоне он мақом масҷид будааст. Роҳнамо ҷавоб дод, ки роҳиби калисо ба ин розӣ нахоҳад

шуд. Вале Иқбол ба гапҳои ӯ гӯш надода, шурӯъ ба хондани намоз кард. Дар ин миён як падари рӯҳонӣ барои эътироз ба назди вай омад. Иқбол ба раҳнамои худ гуфт: «Ба падари рӯҳонӣ бигӯ, ки боре ҳайате аз масеҳиён хостаҳои худро назди Расули Худо (с) дар Мадина матраҳ карданд. Ҳазрати Муҳаммад (с) онҳоро дар масҷиди Набавӣ нигоҳ дошт. Ҳангоме ки мавқеи ибодат шуд, масеҳиён фикр карданд, ки оё метавонанд дар масҷид ибодат кунанд? Вақте Ҳазрати Муҳаммад (с) аз ин масъала огоҳ шуд, ба онҳо иҷоза дод, ки бо хаёли роҳат ибодат кунанд. Вақте ки паёмбари мо ба масеҳиён иҷоза медиҳанд, ки дар масҷид ибодат кунанд, чаро ман иҷоза надорам, дар ин макон, ки замоне масҷид будааст, намоз бихонам?» Падари рӯҳонӣ ҷавобе барои ӯ надошт. Иқбол шурӯъ ба намоз хондан кард. Ҳангоме ки намозаш тамом шуд, дид, ки ҳамаи падарони рӯҳонии калисо барои дидани вай ба гирдаш ҷамъ омаданд, ҳатто яке аз онҳо аксе низ аз он манзара гирифт. Сипас Иқбол гуфт: «Ман аввалин мусалмоне ҳастам, ки пас аз гузашти 400 сол дар ин макон намоз хондам».

Иқбол ин назми худро дар ҳамин масҷид сурудааст:

Дар ҳамин ҷо намози ман асту дар ҳамин ҷо вузӯи ман,
Дар навоҳои ман хуни ҷигари ман аст.

Ӯ аз шоҳкорҳои азими ҳунармандони мусалмон дар Андалус низ дидан кард. Ӯ тасаввуроти худро аз Испания чунин баён намудааст:[12]

«Наметавонам эҳсосоти худро бо калимот баён кунам, фақат инро мегӯям, ки ҳамон тавре ки барои яҳудиҳо Фаластин сарзамини мавъуд аст, ба ҳамин сурат барои арабҳо низ сарзамини Испания мавъуд аст, кишваре ба ин зебоӣ, бо ин вусъат ва ин қадар оромишбахш.

Пас аз анҷоми сафар Иқбол 25 феврал ба Лоҳур омад.

Поёни ҷилди севвум

ФАСЛИ НУЗДАҲУМ

Афғонистон

Сентябри соли 1933 шоҳи Афғонистон – Нодиршоҳ барои машварат перомуни масоили омӯзишӣ Иқбол, Сэр Раъс Масъуд ва Сайид Сулаймон Надавиро ба Афғонистон даъват намуд. Иқбол ва ҳамроҳонаш хостанд, ки 13 октябри соли 1933, ки солгарди ҷашни истиқлолияти Афғонистон буд, ба он ҷо раванд, вале вобаста ба мушкилоте, ки дар мавриди гирифтани паспорти хориҷӣ ба миён омад, Иқбол ва Сэр Раъс Масъуд тавонистанд 20 октябр ба сафар бароянд. 19 октябр Иқбол дар мусоҳибаи матбуотии худ дар бораи ин сафар чунин гуфт:[1]

«Афғонистони таълимёфта метавонад беҳтарин дӯсти Ҳиндустон бошад. Таъсиси як донишгоҳи ҷадид дар Кобул ва тарҳи интиқоли донишкадаи исломии Пешовар дар марзи ғарбии Ҳиндустон ба як донишгоҳи дигар, барои беҳбудии қабоили афғонии манотиқи байни ду кишвар бисёр судманд хоҳад буд. Шоҳи Афғонистон ба ин далел аз мо даъват кардааст, ки ба вазири омӯзишу парвариш тавсияҳое дар мавриди эҷоди як донишгоҳ дар Кобул бидиҳем. Мо вазифаи худ медонем, ки ин даъватро бипазирем. Аз маҷаллоти мухталифи дар Кобул нашршуда дарёфтем, ки насли ҷавони ин кишвар то чи ҳад хостори фарогирии улуми ҷадид ҳастанд ва мехоҳанд онро бо бо дину тамаддуни хеш созиш диҳанд. Афғонҳо фитратан бисёр хушахлоқ ҳастанд ва ба номи як ҳиндустонӣ вазифаи мост, ки онҳоро дар роҳи тараққӣ ёрӣ диҳем. Бедории тозае дар афғонҳо ба вуҷуд омадааст. Мо умедворем, ки бо таҷрибаи тарбиятие, ки дар Ҳиндустон ба даст овардаем, битавонем тавсияҳои муассире дар заминаи омӯзишиву парваришӣ ба онҳо бидиҳем... Ҳеҷ низоми таълимотиро наметавон қатъӣ донист. Ҳар кишваре ниёзҳои мутафовите дорад ва бо таваҷҷӯҳ ба ин ниёзҳо метавон низоми таълиму тарбияти онро мушаххас намуд».

Иқбол ва Сэр Раъс Масъуд пас аз чанд рӯзи иқомат дар Пешовар 23 октябр ба Кобул расиданд. Онҳоро дар меҳмонхонаи шоҳии Доруламон пазироӣ карданд. Дар баробари муншиҳои шахсӣ – профессор Ҳодӣ Ҳасан ва Ғулом Расулхон, Алӣ Бахш низ барои хидмат бо онҳо омада буд.

Ду-се рӯз чанд ҷаласа дар мавриди масоили мухталифи омӯзишӣ ташкил шуд. Шаҳрдории Кобул ба ифтихори онҳо як зиёфат низ ташкил дод.[2] Иқбол ба ҳамроҳи Сарвархон Гӯё барои фотиҳа ба мазори Бобур рафт. Мақбараи Бобур дар доманаи як теппаи вайрон, дар беруни Кобул мавҷуд аст. Бинои хурде дорад ва сақфе бидуни гунбад рӯйи қабр аст.[3] Сипас, Иқбол ва Сэр Раъс Масъуд дар қасри Дилкушо бо Нодиршоҳ мулоқот намуданд.

24 октябри 1933 Сайид Сулаймон Надавӣ бо онҳо пайваст. 28 октябр Сардор Муҳаммад Ҳошимхон – сарвазир, барои мулоқоти меҳмонон ба меҳмонхонаи шоҳӣ омад ва муддати зиёде бо онҳо гуфтугӯ кард. Меҳмонони ҳиндустонӣ дар бораи аҳаммияти сохтани роҳҳо ва кашфи маъданҳо дар Афғонистон сӯҳбат карданд. Аз ҷумла, Иқбол гуфт:

«Бо назардошти он ки дар оянда мавқеи роҳҳои хушкигард хеле меафзояд, Афғонистону Осиёи Марказӣ дар маркази роҳҳое, ки Осиёву Аврупоро бо ҳам мепайванданд, қарор хоҳанд дошт. Ин барои Афғонистон хеле муҳим хоҳад буд».

Иқбол, Сэр Раъс Масъуд ва Сайид Сулаймон Надавӣ низ як бори дигар барои мулоқот бо Нодиршоҳ ба қасри Дилкушо рафтанд. Нодиршоҳ бештар ба забони урду сӯҳбат кард ва гуфт, ки ҳамеша маҷаллаи «Маориф»-ро мехонад. Сайид Сулаймон Надавӣ аз назариёти худ дар мавриди масоили омӯзишу парвариш Нодиршоҳро огоҳ намуд. Вай тавзеҳ дод, ки дар Кобул донишгоҳе мисли дорулулуми Надват-ул-уламои Лакҳнав таъсис кунанд, то бад-ин васила битавонанд ҷавонони афғонро бо улуми мазҳабӣ ошно созанд. Дар поёни сухани худ Нодиршоҳ чунин гуфт:[4]

«Саъйи ман ин аст, ки дар Афғонистон дину дунёро якҷо гирд ованд ва намунае аз ҳукуматро дар як кишвари исломӣ бунёд ниҳам, ки маҳосини исломи қадим ва тамаддуни ҷадидро якҷо дошта бошанд... Ман хидматгузори дину миллат ҳастам. Афғонистонро фақат кишвари афғонҳо намедонам, балки ин ҷоро кишвари мусалмонон медонам ва дилам мехоҳад, ки бародарони мусалмони мо низ ин ҷоро кишвари худ бидонанд.»..

Сайид Сулаймон Надавӣ зимни изҳори назар дар мавриди шахсияти Нодиршоҳ мегӯяд:

«Ӯ бениҳоят хушахлоқ, пурмуҳаббат ва рафиқулқалб буд. Чашмонаш монанди Мавлоно Муҳаммад Алӣ ҳамеша барои гиристан омода буд.[5]»

28 октябр ба ифтихори онҳо Шоҳ Маҳмудхон – вазири ҷанг дар хонаи худ зиёфат ташкил кард. Дар ин меҳмонӣ афроди баргузидае низ ширкат намуданд. Иқбол зимни суханронии худ дар ин меҳмонӣ гуфт:

«Аз назари ман, ҳунар, яъне адабиёт, шоирӣ, тасвиргарӣ, мусиқӣ, меъморӣ ҳар кадом ҷудогона ва ба наҳве аз анҳо (наҳвҳо) ёру хидматгузори зиндагӣ ҳастанд. Аз ин рӯ, ман ҳунарро мӯҷиби эҷоду ихтироъ медонам, на асбоби тафреҳ. Шоир метавонад зиндагии миллатро обод ё вайрон намояд. Дар ҳоли ҳозир, вақте давлат кӯшиш менамояд, ки таърихи Афғонистон вориди як марҳалаи ҷадид шавад, вазифаи шуарои ин кишвар аст, ки раҳбари ростини ҷавонони ин кишвар бошанд, азамату бузургии зиндагиро нишон диҳанд ва масъалаи маргро бештар матраҳ накунанд, зеро вақте ҳунари нақши маргро нишон медиҳанд, инсон бисёр тарсноку муфсид мешавад. Ҷалоле, ки аз ҷамол холӣ бошад, паёми марг аст.

Дилбарӣ бе қоҳирӣ ҷодугарист,
Дилбарӣ бо қоҳирӣ пайғамбарист.

...Камоли шеър баъзан мардумро таҳти таъсир қарор медиҳад. Мавзӯи зиндагии миллатҳо дар баробари масоил, фақат шаклу сурат нест, балки чизест, ки дар ҳақиқат, бо зиндагии миллатҳо робита дорад. Тахайюл аст, ки шоир онро ба мардум ироа медиҳад, мехоҳад афкори баланду дурпарвоз дар миллат эҷод намояд. Миллатҳо бо кӯмаки шуаро ба вуҷуд меоянд ва бо кӯмаки сиёсатмадорон рушд мекунанд ё аз байн мераванд. Лизо дархости ман ин аст, ки шуарои Афғонистон ва нависандагони ин кишвар дар ҷисми муосирони худ он рӯҳеро бидамонанд, ки онҳо битавонанд худро бишносанд. Миллате, ки дар роҳи тараққӣ қадам мебардорад, «худӣ»-и ӯ вобаста ба тарбияти махсус аст. Он тарбияте, ки шерозааш бо эҳтиёт гузошта шуда бошад. Лизо кори ин анҷуман ин аст, ки афкори ҷавононро аз роҳи адабиёт мунсаҷаму муташаккил созад ва чунон сиҳати маънавӣ ба онҳо бахшад, ки билохира, бо ёфтани «хештан» қобилияти хешро дарёбанд ва битавонанд хостаҳои худро талаб кунанд:

Ду даста теғаму гардун бараҳна сохт маро,
Фасон кашида ба рӯйи замона, охт маро.
Ман он ҷаҳони хаёлам, ки фитрати азалӣ,
Ҷаҳони булбулу гулро шикасту сохт маро.
Нафас ба сина гудозам, ки тоири ҳарамам,
Тавон зи гармии овози ман шинохт маро!

Ман мехоҳам ба як нуктаи дигаре низ ишора кунам. Муссолинӣ назарияи хубе додааст. Италия бояд барои наҷот аз фишори қарзи англис, як миллион пайдо кунад,

ки ин кишварро аз зери қарз бираҳонад. Ё Дантеи дигаре пайдо кунад, ки биҳишти ҷадидеро ироа диҳад. Ё Христофор Колумби тозаеро пайдо кунад, ки як сарзамини бузургро нишон диҳад. Агар иҷоза бидиҳед, мехоҳам бигӯям, ки Афғонистон ба марде эҳтиёҷ дорад, ки ин кишварро аз зиндагии фирқаӣ бадар оварад ва онҳоро ба ваҳдату ягонагии миллӣ ошно созад».

30 октябр онҳо бо ҳамроҳии Сарвархон Гӯё равонаи Ғазнин (Ғазнӣ) шуданд. Аз шаҳри қадимии Ғазнин, ки Алоуддин Ҷаҳонсӯз онро сӯзонда буд, асаре боқӣ намонда буд. Алоуддин пас аз тасарруфи Ғазнин дастур дод, ки қатли ом кунанд ва шаҳрро бисӯзонанд. Ғазнини ҷадидро Темуршоҳ – ҷонишини Аҳмадшоҳ Абдолӣ сохт. Дар асл, ин ҷо як тали баландест, ки шаҳр рӯйи он бунёд шудааст. Ғазнини аслӣ, ки пойтахти Султон Маҳмуд буд, чанд мил аз он дуртар аст. Аз иморати шоҳӣ танҳо чанд манора ба чашм мерасад, ки боқӣ мондааст. Аз мазорҳое, ки боқӣ мондааст, метавон ормгоҳҳои Ҳаким Саноӣ, Султон Маҳмуд, Султон Масъуд ва чанде дигар аз бузургонро ном бурд.

Иқбол бисёр мехост ба зиёрати мазори Ҳаким Саноӣ биравад. Ӯ ҳамроҳи дӯстонаш пойи пиёда ба роҳ даромад. Мақбараи Ҳаким Саноӣ наздик буд ва дар як чордевории хурде ҷойгир буд. Сайид Сулаймон Надавӣ менависад:[7]

«Чи касе бо шаъну мақоми Ҳаким Саноӣ ошно нест? Ҳамаи мо таҳти таъсири он манзара қарор гирифта будем. Иқбол болои сари қабри Ҳаким Саноӣ истода аз худ бехуд шуда буд. Ӯ барои муддати тӯлонӣ гиря кард».

Пас аз ин онҳо бо автомобил ба тарафи мақобири подшоҳон – Султон Маҳмуд ва дигарон ҳаракат карданд. Сайид Сулаймон Надавӣ менависад:[8]

«Вақте ворид шудем, қабри Султон Маҳмудро дидем. Оҳ, ин қабри ҳамон султонест, ки фармонравои девори Чин то Гуҷарот буд. Касе, ки аз ҳайбату ҷалолаш бузургтарин гарданкашҳо сари итоат фуруд меоварданд... Имрӯз он султон ба ин бекасӣ ва дар олами бечорагӣ яккаву танҳо дар ин боғи сокит сар ба хок гузоштааст».

Субҳи рӯзи дигар Иқбол бо ҳамроҳонаш ба сӯйи Кандаҳор* раҳсипор шуданд. Пас аз баргузории маросими истиқбол аз меҳмонон ва ташкили меҳмонӣ ба ифтихори онҳо, ба зиёрати қабри Султон Аҳмадшоҳи Абдолӣ рафтанд. Аҳмадшоҳ бисёр диндор, боинсоф ва муҷоҳиде пурҷӯшу хурӯш буд. Дар таърихи ислом шахсияти ӯ бисёр маъруф аст. Фарзанди бузургаш – Темуршоҳ пас аз вафоти падар, дастур дод, ки оромгоҳи муҷаллале бар рӯйи қабри вай созанд. Афғонҳо ин мақбараро хеле эҳтиром мекунанд. Ҳатто агар муҷриме (гунаҳкоре) муттаҳам ба қатл, фирор мекарду ба он ҷо паноҳ мебурд, дар амон мемонд. Сипас, онҳо дигар ҷойҳои ҷолиби Кандаҳорро низ тамошо карданд ва субҳи 2 ноябри 1933 озими Чаман шуданд. Бо дӯстони худ, ки барои худоҳофизӣ омада буданд, хайрухуш карданд ва вориди минтақаи англисҳо шуданд...

Нодиршоҳ барои нависанда (Ҷовид) як соати тилло фиристода буд. Солҳои баъд низ барои онҳо аз Кобул харбузаву ангур, анор ва дигар мевaҷот мефиристод.

6 ноябр Иқбол, Сэр Раъс Масъуд ва Сайид Сулаймон Надавӣ муштаракан баёнияи матбуотие дар мавриди сафарашон ба Афғонистон интишор доданд, ки дар он омада буд:[9]

«Давлати Афғонистон хаёл дорад, ки вазорати омӯзишу парвариши худро аз нав, бар асоси равишҳои тоза бисозад. Ҳамчунин дар назар дорад роҳҳои байни Афғонистону дигар кишварҳоро таъмир намояд. Донишгоҳи ҷадид дар ҳоли пешрафт аст ва барои он ҷойи бисёр муносибу зебоеро интихоб намудаанд. Аввалин бахши он шӯъбаи пизишкӣ (тиббӣ) мебошад, ки омӯзиши олӣ дар он оғоз гардидааст. Дуввумин бахш, ки таҳти баррасӣ аст, муҳандисии роҳу сохтмон аст.

* Дар матни китоб Кандаҳор бо «Қ» навишта шудааст. Дар матнҳои тоҷикӣ низ онро бештар бо «Қ» менависанд, ки дуруст нест. (А.Б.)

Афғонистон имрӯз як кишвари мустақилу муттаҳид аст, ки дар ҳама ҷо метавон осори бедории мардумро мушоҳида намуд. Ҳуккоми бофаҳму ботадбир барномаҳои ҷадидро тарҳрезӣ мекунанд. Мо бо ин итминон аз Афғонистон баргаштем, ки агар ба ҳокимони ҳозира имкон дода шавад, онҳо метавонанд барои ин кишвар ояндаи хуберо фароҳам созанд».

Вале як рӯз пас аз интишори ин баёния ба Ҳиндустон хабар расид, ки Нодиршоҳро дар Кобул ба қатл расондаанд. Ин амал як интиқоми шахсӣ буд. Иқбол, ки ба Нодиршоҳ алоқаи зиёде дошт, аз марги ӯ хеле мутаассир шуд. Пас аз ин дар ҳаёти сиёсии Афғонистон тағйироти ҷиддие рӯй надод ва писари ӯ – Муҳаммад Зоҳиршоҳ ба тахт нишаст.

Пас аз бозгашт ба Ҳиндустон, таваҷҷӯҳи Иқбол аз нав ба авзои мусалмонон ҷалб шуд. Аввалҳои декабри соли 1933 Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру тайи баёнияе аз равиши аъзои ҳайати исломӣ дар конфронсҳои Мизи гирд башиддат интиқод кард. Вай онҳоро мухолифи миллигароӣ хонд ва эшонро муттаҳам намуд, ки Маҳатма Гандӣ ҳозир буд тамоми хостаҳои мусалмононро бипазирад, ба шарте ки мусалмонон ӯро дар кӯшишҳояш барои озодии Ҳиндустон ҳимоят кунанд. Вале ба сабаби таассубе, ки мусалмонон ба ҳиндуҳо доранд, ин шартро напазируфтанд. Иқбол дар баёнияи матбуотии худ 6 декабр ба тамоми ин иттиҳомот посух дод ва назариёти Маҳатма Гандиро фош кард. Ӯ равшан сохт, ки Сэр Оқохон дар муқобили аъзои ҳайати ҳинду ва Иқбол ба Маҳатма Гандӣ итминон дод, ки агар ҳиндуҳо ё Конгресс хостаҳои мусалмононро ба расмият бишиносанд, тамоми қавми мусалмон дар ин кӯшиши сиёсӣ омода хоҳанд буд, ки аз Маҳатма Гандӣ пайравӣ намоянд. Вале Маҳатма Гандӣ чунин ҷавоб дод, ки хостаҳои мусалмононро танҳо тибқи назари шахсии худ хоҳад пазируфт ва бидуни ин ки тазмине бидиҳад, кӯшиш хоҳад кард, ки Конгресс низ ин хостаҳоро ба расмият бишиносад.

Дар айни замон, ба назар мерасид, ки мусалмонон наметавонанд ба тафриқаи байниҳамии худ поён диҳанд. Аз ин ҷиҳат Иқбол хеле озурдаву дилшикаста буд. Ба ҳар ҳол, дилшикастагии ӯ аз сиёсати мусалмонон буд, на аз фалсафаю шоирӣ. Вай даъвати Анҷумани Родзро* дар мавриди суханронӣ дар мавзӯи фалсафӣ пазируфт. Лорд Лутҳян даъват карда буд, ки дар донишгоҳи Оксфорд дар мавзӯи фалсафии дилхоҳи худ суханронӣ кунад. Иқбол фикр мекард, ки бо ин баҳона фурсати муносибе дар таҳқиқи мавзӯи дилхоҳаш, яъне «Замону макон дар таърихи фалсафаи ислом» ба даст меояд ва бо ин ӯ метавонад ба оламиён нишон диҳад, ки назарияи Эйнштейн, агарчи барои Ғарб масъалаи ҷадиде аст, вале риёзидонону суфиёни мусалмон аз қуруни вусто ба ин натиҷа расида буданд, ки абъод (андоза)-и як маҳал метавонад бештар аз се бошад. Ӯ бо ҷидду ҷаҳд ба таҳқиқот дар ин мавзӯ шурӯъ кард, вале ба сабаби беморӣ натавонист ба Аврупо равад. Ҳатто натавонист матлаби комиле дар ин бора нависад. Сайид Назир Ниёзӣ менависад:[10]

«Шояд хости Худо ин буд, вагарна дар таърихи фикри исломӣ, ё таърихи фикри инсонӣ, бо навиштани ин матлаб изофаи гаронбаҳое мешуд.»..

То он ҷо ки ба шоирии ӯ марбут аст, пас аз танзими «Ҷовиднома», ба қавли худаш, дигар ҳолу ҳавсалаи шеърнависӣ надошт.

* Cecil John Rhodes яке аз истеъморгарони машҳури англисӣ буд, ки ба ёдбуди вай Ҷамъияти Родз ташкил шуда буд, ки пардохти суханрониҳову таҳсил ва ҷаласоти илмиро ба ӯҳда дошт.

ФАСЛИ БИСТУМ

Беморӣ

Соли 1934, ба иллати беморӣ ва мушкилоти дигар, тақрибан хотимаи зиндагии сиёсии Иқбол ҳисоб мешавад. Вале ба қавли Муҳаммад Аҳмадхон, он чи Иқбол дар сари бистари беморӣ барои ояндасозии мусалмонони нимҷазира анҷом дод, онро ҳеҷ як таърихнависи таърихи мусалмонони ин сарзамин наметавонад аз назар дур дорад.[1]

Ӯ соли 1932, зимни ширкат дар конфронси Мизи гирд, дар Лондон бо Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ, ки ба конфронс даъват нашуда буд ва аз сиёсат канорачӯӣ намуда, дар ҳамон ҷо мезист, мулоқот намуд. Вай дар сӯҳбатҳои худ ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ равшан сохт, ки барои созмондиҳии сиёсии мусалмонон ва ҷиҳати мураттаб кардани барномаҳои ояндаи сиёсӣ, бозгашти вай ба Ҳиндустон зарурӣ мебошад. Баъзе аз роҳбарони дигари сиёсии мусалмонон низ аз Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ исрор мекарданд, ки ба ватан баргардад. Билохира, Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ охири декабри соли 1933 ба Ҳиндустон баргашт ва 4 марти 1934 ба сифати раиси Муслим Лиг мунтахаб гардид ва ин ҳизб бори дигар ба фаъолияти худ шурӯъ намуд.

Дар соли 1934 иди Фитр ба рӯзи 10 январ рост омад. Иқбол ҳамроҳ бо Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн, Алӣ Бахш ва ман (Ҷовид) тибқи маъмулӣ бо автомобил ба масҷиди Подшоҳӣ барои хондани намоз омад. Он рӯз бисёр сард буд ва боди сард мевазид. Иқбол ба сабаби роҳ рафтан дар рӯйи саҳнаи сард бо пойи бараҳна шамол хӯрд. Пас аз баргаштан ба хона, аз рӯйи одат риштапаловро бо мост (ҷурғот) хӯрд ва рӯзи дигар гирифтори инфлюэнса (грипп) шуд, ки бо вуҷуди давову дармон, муддати ду-се ҳафта давом кард. Шабона то се-чор соат сурфа мекард. Баъди табобат чанд муддат сурфа аз байн рафт, вале гулӯяш чунон гирифта буд, ки бо вуҷуди муолиҷаҳои суннатии пизишкиву барқӣ ва юнонӣ, беҳ нашуд. Ба бемориҳои мавҷудаи ӯ ин касалӣ ҳам то охирин лаҳзаҳои ҳаёти ӯ ҳамроҳаш буд. Дар натиҷа, наметавонист дар ҷаласоту маҷомеъ суханронӣ кунад. Кори ваколатро низ чанд сол пеш, ба сабаби ширкат дар кори сиёсӣ ва конфронсҳои Мизи гирд тарк карда буд. Ӯ мехост кори ваколатро аз нав шурӯъ кунад, вале бо ин ҳол чунин имкониятро ҳам надошт.

Аз лиҳози қиёфа Иқбол тандуруст ба назар мерасид, вале ҳатто дар ҷавонӣ ӯ мубталои бемориҳои гуногун гашта буд ва меъдааш ҳам касал буд. Муддати зиёде дучори дарди куля (гурда) шуда буд. ин беморӣ аз модараш ба ирс расида буд.[2] Пас аз машварати дӯстон ба табобати як ҳакими нобино даромад ва ҳолаш беҳтар шуд. Сипас, дучори бемории никрис (подагра, дарди мафосил) шуд. Вақте дард шурӯъ мешуд, чанд шаб шадидан ранҷ мекашид. Аз кашидани сигору чилим бисёр сурфа мекард, ки рафта-рафта дучори нафастангӣ шуд. Чунон сурфа мекард, ки дар асари он баъзан беҳуш мешуд. Як чашмаш аз бачагӣ заиф буд, вале акнун дар чашми дуввумаш ҳам осори беморӣ дида мешуд. Дар натиҷа, қалби ӯ низ каме бузург шуда, норасоии қалб пайдо карда буд. Бар асари ҳамаи ин, агар каме кор мекард, нафасаш мегирифт. Дар мавриди муолиҷа бениҳоят бетаваҷҷӯҳ буд. Агар аз дӯстон касе давои гиёҳиро пешниҳод кунад, аз он истифода мекард. Аксаран парҳез намекард. Ҳамин тавр, як навъи муолиҷаро бо муолиҷаи навъи дигар махлут мекард.

Ба равиши муолиҷаи кимиёвии духтурон мухолиф буд ва мегуфт, ки доруҳои духтурҳо бадзоиқа аст ва гуфтаҳои духтуронро аксар вақт риоя намекард. Вале як бор, вақте ки ҳакими нобино барои муолиҷаи дарди гулӯяш хӯрдани мағзи гунҷишки нар ва ё мағзи харгӯши нарро фармуд, ба Назир Ниёзӣ чунин навишт:[3]

«Ман ҳеҷ гоҳ мағзи парандагону харгӯшро нахӯрдаам... Хӯрдани гӯшти харгӯш барои ман ғайримумкин аст, хӯрдани мағзи гунҷишки нар ё харгӯши нар бароям хеле мушкил аст. Ба ҷаноби Ҳаким бигӯед, ки ба ҷойи он чизи дигаре фармоянд». Сипас, аз Назир Ниёзӣ пурсид, ки оё ҳакими нобино метавонад бо дониши тиббии худаш даво ё иксире бисозад, ки зудтаъсиру муассир бошад? Яъне оё метавон ҷавҳари мағзи харгӯши нарро ба сурати як таркиби кимиёӣ омодаву таҳия намуд? Дар ин бора Назир Ниёзӣ менависад:[4]

«Барои гирифтагии садояш вай иксире талаб мекард ва исрор дошт, ки ҷаноби Ҳаким аз умқи дониши тиббии худ ин иксирро ба вуҷуд оварад. Мақсуд ин буд, ки дар назди Ҳазрати Аллома сар то сар эҷод аст, ҳадафи зиндагӣ саропо эҷоду ихтироъ аст. Завқу дониши инсон аст, ки ӯро раҳнамоӣ мекунад ва ба сӯйи ҳадафу манзили мақсуд раҳбарӣ мекунад. Назди Ҳазрати Аллома ин гуна эҷод ғайримумкин набуд. Ҷаноби Ҳаким табассум карду гуфт: «Худованд ҷаноби докторро сиҳату тандурустӣ ато фармояд. Мо ҳар давоеро, ки мефиристем, онро иксир медонем. Аммо он чи масъалаи мағзи харгӯш аст, дар ин маврид натавонистам аз роҳи кимиёӣ дуруст кунам».

Дарди гулӯ боз ҳам шиддат гирифт ва вақте ки Назир Ниёзӣ моҳи апрел аз Деҳлӣ ба Лоҳур омад ва дар хидмати Иқбол қарор гирифт, бо дидани вай бисёр нороҳат шуд.

Духтурон ба Назир Ниёзӣ гуфтанд, ки дар натиҷаи аксбардорӣ (рентген) пизишкон фикр мекунанд, ки рӯйи қалб як навъ тумур (ғадда ва баромадагӣ) пайдо шудааст, ки дар асари фишори он торҳои савтӣ зиён дидааст. Ба назари онҳо илоҷи ин мараз ё аз тариқи радиум аст ё тавассути шуои Х (аксбардории шуоӣ) ва ҳарду тариқ танҳо дар Аврупо имконпазир аст. Бинобар ин бояд ҳар чи зудтар ба Лондон ё Австрия сафар кунад, то бо ин роҳ аз пешрафти тумур пешгирӣ ба амал ояд. Ба назари онон, агар роҳи ин беморӣ гирифта нашавад, он ба ҳаёти мариз хатарнок хоҳад буд. Назир Ниёзӣ гуфт, ки бо муолиҷаи Ҳакими нобино дарди гурдаи Иқбол аз байн рафта буд, чаро ба он Ҳаким муроҷиат накунанд? Назари шахсии Иқбол ба сӯйи тибби суннатии юнонӣ буд, зеро ақида дошт, ки тариқи муолиҷа бо тибби кимиёӣ ба тарзҳои дигар бартарӣ надорад. Ӯ пешниҳоди Назир Ниёзиро писандид ва муолиҷаи Ҳакими нобино шурӯъ шуд. Ҳакими нобино Иқболро ба Деҳлӣ даъват кард ва ӯ ҳам 11 июн ба он ҷо рафт. Ҳакими нобино бо ниҳояти таваҷҷӯҳ ва дилгармӣ ба дарди дилаш гӯш дод. Сипас, набзи ӯро дид. Давоҳоро хариданд ва тавсияҳо дода шуд. 12 июн Иқбол дубора ба Лоҳур баргашт. Бо муолиҷаи Ҳакими нобино вазъи умумии саломатии Иқбол беҳтар шуд, вале гирифтагии гулӯ беҳбудӣ ҳосил нашуд. Дар миёни духтурон низ дар мавриди бемории Иқбол ихтилофи назар бештар мешуд. Пас аз 6-7 моҳ онҳо ба чунин натиҷа расиданд, ки иллати беморӣ мавҷудияти тумур нест, зеро агар ин тавр мебуд, вазъи умумии саломатии Иқбол беҳтар намешуд. Пас, сабаби беморӣ варами шоҳраг аст, ки метавонад аз захролуд шудани хун ба вуҷуд биёяд. Аз ин рӯ, беморӣ он қадар хатарнок нест ва барои одӣ шудани садо илоҷ хеле кам буд. Бинобар ин барои муолиҷа фақат як роҳ вуҷуд дошт, ки садои мавҷуд ҳифз шавад ва аз пешрафти беморӣ бо роҳи истеъмоли давоҳо пешгирӣ ба амал ояд.

Харобии гулӯву садои Иқбол барои вай як зарбати равонӣ буд. Ӯ мехост ҳар чи зудтар аз ин мараз халос шавад ва ба саргармиҳои адабиву илмии худ рӯй оварад. Гузашта аз ин, дар ин замон ӯ аз Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Олмон ва Туркия даъватномаҳое барои ширкат дар ҷаласоти гуногуну анҷом додани суханрониҳо гирифта буд. Фаъолияти сиёсии ӯ маҳдуд шуда буд, вале тамоман аз байн нарафта

буд. Аз мутолиаи рӯзномаҳои он замон бармеояд, ки Иқбол роҷеъ ба ҳар масъалаи рӯзмарра изҳори назар мекардааст. 14 июни 1934 Иқбол ба унвони раиси Анҷумани ҳимояти ислом дар дафтари марказии маҷмаи умумии он анҷуман ҳозир шуд ва дабири ифтихории анҷуман суханронии Иқболро, ки рӯйи коғаз навишта шуда буд, дар ҳузури аъзои анҷуман хонд. Дар ин суханронӣ, Иқбол таваҷҷӯҳи масъулини умурро ба се амри муҳим мабзул дошт. Якум ин ки дар мадорису донишкадаҳои вобаста ба анҷумани ҳимояти исломӣ таълимоти диниву дуруси ахлоқиро тадрис намоянд. Дуввум ин ки барои таҳсилоти духтарони мусалмон анҷуман бояд маводи дарсиро худ интихоб намояд ва тибқи он маводи дарсӣ идораи имтиҳонкунанда аз онҳо имтиҳон бигирад ва худаш мадорикро миёни духтарон тавзеъ кунад. Саввум ин ки барои интизомоти донишкадаи исломӣ шахсе ба унвони раиси донишкада интихоб шавад, ки илова бар илму фазлу дониш шахси бонуфуз бошад ва бо хостаҳои мусалмонон мувофиқ бошад ва битавонад бачаҳои онҳоро барои тағйироти сиёсии ояндаи мамлакат тарбият кунад.[5] Дар моҳи августи 1934 ба мушкилоти Иқбол мушкили дигаре изофа шуд. Ва он бемории Сардорбегим буд. Сардорбегим дар он замон 40-сола буд. Ва чанд сол пеш мариз буд. Бо вуҷуди муолиҷаи духтурон вазъи саломатии ӯ бехтар нашуд. Пизишкон ташхис дода буданд, ки гемоглобинҳои хуни ӯ бисёр кам аст. Иқбол муолиҷаи ӯро низ ба ӯҳдаи Ҳакими Нобино супурд. Дар баробари ин баъзе аз умури хонаводагӣ низ вуҷуд дошт, ки муддате бе таваҷҷӯҳ монда буд ва мебоист ба зудӣ ҳал шавад. Дар ҳамин моҳ ӯ маблағи каме ба суратҳисоби ман (Ҷовид) изофа намуд ва тибқи хостаи Сардорбегим қитъаи замине дар хиёбони Мию (ҳоло хиёбони Иқбол) харид, то виллае бисозад. Барои сохтани вилла маблағе, ки Сардорбегим аз харҷи рӯзонаи хонагӣ пасандоз карда буд ва маблағе, ки аз фурӯши зеваротиаш ба даст омад ва маблағе, ки дар суратҳисоби вай дар бонк буд, ҳамагӣ хатм шуд. Кори сохтмони «Ҷовид манзил» дар ҳафтаи дуввум-севвуми ноябри 1934 шурӯъ шуд. Албатта, барои сохтмони вилла пули бештаре лозим буд ва ӯ мехост, ки донишгоҳи миллӣ хутаботи вайро мутнашир созад ва музди чопи аввали он фавран ба ӯ пардохта шавад. Кори сохтмонӣ моҳи апрели 1935 ба поён расид ва Иқбол ҳамроҳи хонаводаи худ ба ин вилла 20 май кӯчид. Азбавски ин вилла бо пасандози Сардорбегим харҷ шуда буд, дар ибтидо он ба номи Иқболу Сардорбегим сабт шуд. Вале ду рӯз пеш аз фавти Сардорбегим ҳарду (Иқбол ва Сардорбегим) ин вилларо ба номи ман гузарониданд. Акнун дар ин вилла Иқболу Сардорбегим ба унвони як иҷорадор зиндагӣ мекарданд ва Иқбол 21 ҳар моҳ пули иҷораи утоқҳоеро, ки истифода мекард, ба суратҳисоби ман мегузаронд. Сентябри 1934 маснавии «Мусофир» чопу мунташир шуд. Иқбол тамоми ҳаққи қалами ин китобро ба номи ман ҳадя кард ва онро дар мадорик сабт намуд.[6]

Ба иллати бемории Сардорбегим муҳити манзил ҳамеша ғамгину афсурда буд. Сардорбегим бештар вақти худро дар бистари беморӣ мегузаронд, бинобар ин ба Мунирабегиму нависанда (Ҷовид) наметавонист таваҷҷӯҳ дошта бошад. Мунира дар он замон чорунимсола буд ва ман даҳунимсола будам. Мунира маъмулан рӯзи худро дар боғали духтарони ҳамсоя мегузаронд ва дар ҳеҷ чо ором намегирифт. Аз ин ҳолат Сардорбегим бисёр ранҷ мебурд. Аслан, Мунира эҳтиёҷ ба таваҷҷӯҳу муҳаббати модарӣ дошт, ки бадбахтона аз он бархурдор набуд. Вақте ӯ панҷсола буд, Сардорбегим вафот кард. Аз ин рӯ, пас аз калон шудан қиёфаи модарро дар хотир надошт. Иқбол низ мариз буд ва ҳамеша парешонхотир ба назар мерасид. Бо дидани падару модар дар бистари беморӣ, баъзан ману Мунира ба якдигар бо нигоҳи пур аз тарсу ваҳшат менигаристем. Мунира бисёр танҳову ғамгин буд, зеро касе набуд, ки ӯро модарӣ кунад.

Дар синни 9-солагӣ маро аз мадрасаи Сейкардҳарат ба мадрасаи Сент Франсис – наздики бозори Аноркулӣ бурданд, ки Тара Чанд муаллими он буд. Пас аз итмоми давраи ибтидоӣ, соли 1934 дар мадрасаи Сентрал Модел Эсквел (мадрасаи намунавии марказӣ) дар синфи панҷум сабти ном кардам.

Моҳи январи соли 1935 маҷмӯаи шеърҳои Иқбол бо номи «Боли Ҷабраил» дар Лоҳур интишор ёфт.[7]

Ноябри соли 1934 Сэр Раъс Масъуд, ки вазири омӯзишу парвариш ва беҳдошту умури омма буд, баъди хабар ёфтан аз бемории дарди гулӯи Иқбол, ӯро ба Бҳопал даъвт намуд, то ки дар ҳамон ҷо ба тариқи барқӣ муолиҷа кунад. Баъзе дӯстони дигар низ ин пешниҳодро таъйид карданд, зеро дар ҳамон вақт дар бемористони Ҳамидияи Бҳопал ҷадидтарин дастгоҳҳои электрикии муолиҷаи барқиро насб карда буданд. Билохира, Иқбол розӣ шуд ва 29 январи соли 1935 бо Алӣ Бахш ба Деҳлӣ ва аз он ҷо 31 январ ба Бҳопал рафт. Дар он ҷо ӯ дар манзили Сэр Раъс Масъуд иқомат намуд. 2 феврал Иқбол бо Сэр Раъс Масъуд барои дидани ҳукмрони Бҳопал рафт ва дар Кохи Подшоҳӣ муддате дар бораи бемории Иқбол ва корҳои эҷодии ӯ сӯҳбат ба миён омад. Пас аз он, ӯ ба бемористони Ҳамидия рафт ва муоинаи тиббӣ шурӯъ шуд. Доктор Абдулбисот пизишки муолиҷи вай буд. Аз 5 феврал аввалин давраи муолиҷаи вай бо ашъаи моваробунафш (нурҳои ултрабунафш) шурӯъ шуд, ки то 6 март идома ёфт.

Дар даврони иқомат дар манзили Сэр Раъс Масъуд Иқбол бо мутолиаву эҷодкорӣ машғул мешуд. Ҳафт шеъре, ки дар маҷмӯаи «Зарби Калим» гирд омадааст, маҳсули ҳамин шабу рӯзҳост.

Бегим уммат-ул-Масъуд (завҷаи Сэр Раъс Масъуд) монанди шавҳараш ба Иқбол иродати бисёр дошт ва ӯро азизу гиромӣ медошт. ӯ дар «Шабу рӯзи Риёз манзил» (хонаи Сэр Раъс Масъуд) менависад: «Иқбол аксар вақт ба Сэр Раъс Масъуд мегуфт: мағзи ту англисиву қалби ту мусалмони воқеӣ аст. Сэр Раъс Масъуд, ки марди бисёр хушзавқу ҳозирҷавоб буд, дар ҷавоб боре гуфт: Хайрият аст, ки мағзам мусалмону қалбам англисӣ нест».

Иқбол 7 март, пас аз анҷоми давраи муолиҷа ба Деҳлӣ омад ва дар он ҷо бо Ҳакими нобино дар бораи табобати худу Сардорбегим сӯҳбат кард ва субҳи 10 март ба Лоҳур баргашт.

Иқбол Сардорбегимро дар ҳоли бисёр вазнин дарёфт. Ҷигари ӯ ба қадре варам карда буд, ки наметавонист дароз кашад ё биҳобад. Сурфаи шадид ҳам дошт, пойҳояш варам карда, бисёр лоғар шуда буд. Ӯ бемории худро фаромӯш карда, ҳамеша дар фикри бемории Иқбол ва нигарони ӯ буд. Дар аввали май вазъи ӯ хеле бад шуд. Меъдааш дам карда, дар ронаш даммал (чипқон) баромада буд, ки бояд ҷарроҳӣ мешуд. 20 май, вақте ба манзили нав кӯчиданд, ӯро бо амбулонс (мошини тиббӣ) ба он ҷо оварданд. Тавре ки гуфта шуд, замину хона дар аввал мутааллиқ ба Иқболу Сардорбегим буд. Иқбол шояд эҳсос мекард, ки акнун охирин рӯзҳои зиндагии Сардорбегим фаро расидааст. Бинобар ин, 21 май чанд коғаз ба даст гирифту ба утоқи вай даромад ва гуфт: «Ҷовид манзил»-ро ба номи Ҷовид васият кардааст. Аммо Сардорбегим қабул намекард ва мегуфт, ки «ман намедонам, ин писар пас аз калон шудан чигуна хоҳад шуд, ман ба зудӣ беҳбуд меёбам, Шумо хавотир нашавед». Иқбол гуфт, ки зиндагӣ ва марг дар дасти Худованд аст. Бо шунидани ин ҳарф вай сокит шуд ва васиятномаро имзо кард. Аз он таърих «Ҷовид манзил» ба номи ман (Ҷовид Иқбол) гузашт.

23 май аз субҳ Сардорбегим дар ҳолати беҳушӣ қарор дошт. Вақте соати 5 бегоҳӣ ман (Ҷовид) ба назди вай даромадам, ӯ беҳуш дар тахти хоб хобида буд. Ман дар гулӯи ӯ чанд қатра асал чакондаму гуфтам: «Модарҷон, маро бубин». Ӯ барои як лаҳза чашм кушоду ба ман нигарист ва сипас чашмонашро пӯшид... Чанд лаҳза баъд ӯ вафот кард... Ман бо гиряву зорӣ дасти Мунираро гирифтам ва ба утоқи Иқбол омадем. Ӯ тибқи маъмул рӯйи ҷогаҳ хобида буд. Вақте моро дар ин ҳол дид, бо даст ишора кард, ки ба наздаш равем. Аз ду тараф моро ба бағал гирифту гуфт: «Ту набояд гиря кунӣ, ту мард ҳастӣ». Ва барои аввалин бор моро бӯсид...

Сардорбегимро дар гӯристони «Бибӣ Поксанам» ба хок супурданд. Баъдтар Иқбол қитъаи таърихи вафоти Сардорбегимро ба назм даровард, ки онро Муҳаммад-котиб хаттотӣ кард:[8]

Роҳӣ сӯйи фирдавс шуда модари Ҷовид,
Гулзори гулу лолаи ман синапурдоғ.
Равшану бедор нигаҳи мӯъмин аз марг,
Гуфт Иқбол, ки таърихаш сурмаи мозоғ.*

Сардорбегим ба Иқбол васият карда буд, ки бачаҳоро ҳатто барои як рӯз аз худ ҷудо накунад.[9] Ба ҳамин хотир ӯ ҳамеша дар фикри мо шуд. Қабл аз ин чунин мавқеияте набуд, ки мо тавонем муҳаббати ӯро ҳис кунем. Падару модар бачаҳоро ба даст мегиранд, мебӯсанд, навозиш мекунанд. Аммо Иқбол коре накард, ки ман онро муҳаббати падарӣ номам. Мунира ҳам ба мадрасаи духтарона рафтанро оғоз кард. Дастури Иқбол чунин буд: бачаҳо бояд пеш аз мадраса рафтан ва пас аз бозгашт аз он ҷо ҳатман ӯро бинанд. Акнун ӯ моро ҳам ҳангоми гусел ва ҳам вақти бозгашт мебӯсид. Шояд инро ба он хотир мекард, ки дар набудани модар бачаҳо фикр накунанд, ки аз меҳри падарӣ низ маҳруманд.

Аз хешу таборон гоҳ-гоҳ ба хонаи мо меомаданд ва ба Мунира меҳрубонӣ мекарданд, вале азбаски омадурафти онҳо муваққатӣ буд, Мунира бо онҳо унс нагирифт. Албатта, Иқбол Мунираро бисёр дӯст медошт, зеро ӯ бештар дар рахти хоби вай мехобид ва ҳар хоҳиши ӯро иҷро мекард. Агар мабодо ману Мунира барои чизе ҷанг кунем, бадбахтии ман фаро мерасид. Ӯ борҳо дилсӯзона ба ман мегуфт, ки ту сангдил ҳастӣ, ту намедонӣ, ки дар ин дунё ғайр аз ҳамин хоҳар каси дигаре надорӣ.

Сэр Раъс Масъуд аз нороҳатиҳои фикриву молии Иқбол хабар дошт ва ҳамеша мекӯшид, ки ба ӯ кӯмаке кунад. Ӯ барои Иқбол дар фикри як мустамир (маош)-и доимие буд, ки Иқболро аз нороҳатиҳои молӣ наҷот диҳад ва ӯ тавонад бо хотири ҷамъ машғули корҳои худ шавад. Иқбол дар номаи худ аз 12 майи 1935 ба Сэр Раъс Масъуд навишт:[10]

«Орзу дорам, ки аълоҳазрат – ҳокими Бҳопал аз аёлати худ барои ман мустамире доимӣ таъйин кунанд, то ман битавонам китоби худро дар бораи Қуръони Маҷид ба поён бирасонам. Ман итминон медиҳам, ки ин китоб назир нахоҳад дошт. Ин китоб барои исломи ҷадид хидмати бузурге хоҳад кард ва вақте мегӯям, ки дар ҷаҳони ислом фақат ман метавонам онро анҷом бидиҳам, лоф намезанам».

Талошҳои Сэр Раъс Масъуд билохира борвар шуд ва ӯ дар охири ҳамон моҳ ба Иқбол хабар дод, ки ҳокими Бҳопал барои вай як мустамире панҷсад рупия манзур кардааст, ки то охири зиндагӣ ба ӯ дода хоҳад шуд.

Иқбол аз Сэр Раъс Масъуд ва ҳокими Бҳопал изҳори ташаккури самимӣ намуд ва хеле шод буд. Аммо Сэр Раъс Масъуд бо ин қонеъ нашуд ва хост, ки аз иёлоти дигар, мисли Ҳайдаробод ва Бҳавулпур низ барои Иқбол мустамир пайдо кунад, то ки Иқбол битавонад бо хаёли роҳат китоби худро роҷеъ ба Қуръон бо назардошти қарни ҷадид ба поён расонад. Вале ба ин Иқбол мухолифат кард ва дар номаи худ аз 11 декабр навишт:

«Шумо медонед, маблағе, ки Аълоҳазрат – ҳокими Бҳопал барои ман таъйин кардааст, кофист ва агар кофӣ ҳам набошад, ман ба зиндагии амирона одат надорам. Беҳтарин мусалмонон зиндагии содаву дарвешона доштаанд. Ҳаваси доштани беш аз ниёзи шахсӣ, ҳирсу тамаи сарват маҳсуб мешавад, ки шоёни шаъни як мусалмон нест. Шумо аз хондани сухани ман тааҷҷуб нахоҳед кард, зеро худи Шумо аз хонадоне ҳастед, ки ҳамеша бо қаноату содагӣ зиндагӣ кардаанд».

* Ишора ба ояти Қуръон - «Мозоғ-ул басар..».

Бо вуҷуди мушкилоти саломативу молӣ Иқбол фаъолияти сиёсӣ ва эҷодии худро тарк накард. Ӯ роҷеъ ба муҳимтарин масоили сиёсии он давра гузоришоту баёнияҳо менавишт ва вориди баҳсҳои сиёсӣ мешуд.

Барои такмили даври дуввуми муолиҷаи баркӣ Иқбол маҷбур буд ба Бҳопал биравад. Дар ин сафар ӯ дар баробари Алӣ Бахш маро (Ҷовид) низ бо худ гирифт. Маро ӯ ба он хотир гирифт, ки дар набудани ӯ бо Мунира ҷангу ҷидол накунам. Мо 18 июл ба Бҳопал расидем ва Иқбол таҳти назорати доктор Абдулбисот қарор гирифт. Ҳар гоҳ ки касе барои дидани Иқбол меомад ё ӯ ба манзили касе мерафт, ба ман таъкид мекард, ки хомӯш нанишинам, бо дигар бачаҳо сӯҳбату бозӣ кунам, зеро ман табиатан камгапу ором будам. Ман бештар вақти худро бо бачаҳои доктор Абдулбисот мегузарондам. Мо дар ҳар ду-се рӯз ба манзили Сэр Раъс Масъуд мерафтем. Ӯ дуввумин шахсе буд, ки ба падарам бо номаш (Иқбол) мурочиат мекард. 28 август даври дуввуми муолиҷа ба поён расид ва 30 август мо ба Лоҳур расидем.

Пас аз муолиҷаи баркӣ низ ҳоли Иқбол беҳтар нашуд. Дар ин замон яке аз дӯстони ӯ, ки бемории қанд дошт, аз Вена баргашт. Ӯ бо духтури худ дар Вена дар бораи бемории Иқбол сӯҳбат кардааст ва он духтур гуфтааст, ки агар ин бемор ба Вена биёяд, комилан сиҳат хоҳад шуд. Иқбол аксҳои зарурии аъзои бадани худро таҳия карда ба Вена фиристод, вале барои рафтан ба он ҷо тасмим нагирифт. Ба назари вай, дар ин синну сол ва ҳол бачаҳоро партофта рафтан ба поймол кардани ҳуқуқи онҳо баробар буд. Дар зери яъсу ноумедӣ аз саломатии худ ӯ дар фикри он шуд, ки васиятномае барои бачаҳо дуруст кунад, то ки амволи ӯ пас аз марг ба онҳо гузарад. Ин васиятнома 13 октябр навишта шуд, ки ба мазмуни зер аст:[11]

«Ман, доктор Сэр Муҳаммад Иқбол, ҳуқуқдони Лоҳур ҳастам. Дар ин замон боҳушу ҳавос ва саломатии комил иқрор мекунам ва менависам, ки чун ҳарду бачаи ман ноболиғ ҳастанд ва ба зиндагӣ ҳеҷ эътимоде нест, ҳамчунин бемор низ мебошам, васият мекунам, ки баъд аз вафоти инҷониб, агар авлод(фарзандон)-и ман ноболиғ бошанд, барои мулку шахси онҳо васиву валӣ ашхоси зер мебошанд:

1.Хоҷа Абдулғанӣ – доии ҳақиқии ноболиғон;

2.Шайх Эъҷоз Аҳмад – муовини қозӣ, бародарзодаи инҷониб;

3.Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн – нозиру мудири шӯъбаи матбуоту интишороти вазорати иттилооти Лоҳур;

4.Муншӣ Зоҳириддин, ки чанд муддат муншии дафтари ман буд ва аз лиҳози шарофату асолат ва имон ман ба вай эътимоди комил дорам.

Тибқи ин васият ҳамаи ин ашхосро валиву сарпарасти молу мулки онҳо таъйин мекунам. Онҳо танзими тамоми умури марбут ба мулку шахси онҳоро бо аксарияти озод анҷом хоҳанд дод. Вале вақте писари ман – Ҷовид Иқбол ба синни балоғат бирасад, ӯ валиву сарпарасти мулк ва шахси Мунира – хоҳари худ хоҳад шуд ва ҳама корҳои марбут ба ӯро ба унвони сарпараст анҷом хоҳад дод. Агар яке аз валиёни таъйиншуда ба сабабе истеъфо диҳад, ё фавт кунад ва ё ба иллати дигар салоҳияти қонунии анҷоми вазифаро аз даст диҳад, валиёни боқимонда метавонанд бо аксарияти овоз шахси дигареро ба ҷойи ӯ интихоб кунанд. Агар иттифоқи ақида дар ин масъала ба даст наёяд, ё овозҳо баробар тақсим шаванд, он гоҳ овози раиси Анҷумани ҳимояти ислом қобили қабул хоҳад буд.

Дар ин замон, он чӣ мулк ҳисобида мешавад, ба тариқи зер аст:

Кутуби фалсафаву адабиёт ва ғайра. Аз онҳо баъзеашон, яъне таълифоти худам (нусхаҳои чопиву хаттӣ), Маснавии Мавлоно Румӣ (форсӣ ва англисӣ, тарҷума ва тасҳеҳи доктор Никелсон), Девони Мирзо Абдулқодири Бедил (хаттӣ), Маснавии маънавӣ (Мавлоно Румӣ, чопи Ҳайдаробод), Қуръони Маҷид (хаттӣ) ва мусаввадаву коғазҳои дигар ба Ҷовид Иқбол ба таври ёдгор эҳдо шудааст. Бақияи китобҳои англисӣ ва ғайра пас аз вафоти ман ба китобхонаи Донишкадаи исломии Лоҳур эҳдо шавад.

Илова бар ин , чизу чораи ман, яъне ду адад қолии сурх ва як гилем, мебелу сандалиҳо (курсиҳо) ва либосҳои ман ҳаст. Васият мекунам, ки ҳамаи либосҳои инҷониб пас аз фавтам ба фуқаро тақсим карда шавад.

Муҳаммад Иқбол, вакили даовӣ ва вакили мушовири Лоҳур.

Ба дасти худ. 13 октябри соли 1935 милодӣ.

Илова бар он,

Агар барои фоидаву манофеи ноболиғон, ё барои танзими мулк ва ё барои харидани мулк валиёни умур эҳтиёҷе ба пул дошта бошанд, бо аксарияти овоз метавонанд дар бораи гирифтани пул аз бонк тасмим гиранд... Дар бораи масъалаи издивоҷи ворисони ман сарпарастҳои таъйиншуда вазифадоранд, ки шарофату диндориро ба илму давлат ва таҷаммули зоҳирӣ муқаддам донанд.

Муҳаммад Иқбол, вакили даовӣ,

13 октябри соли 1935.

Иқбол ба иллати беморӣ 22 ноябри соли 1935 аз Маҷмаи умумии Анҷумани ҳимояти ислом тақозо намуд, ки истеъфои ӯро аз вазифаи раиси анҷуман бипазиранд. Вале Маҷмаи умумӣ дар маҷлиси худ ин талаби Иқболро рад кард ва хоҳиш намуд, ки дархости истифои худро пас гирад.[12]

Барои даври севвуми муолиҷаи баркӣ Иқбол 29 феврали соли 1936 ба Бҳопал рафт. Равиши зиндагии вай дар Бҳопал тибқи собиқ буд. Шаби 3 апрели соли 1936 Иқбол Сэр Сайид Аҳмадхонро дар хоб дид. Сэр Сайид Аҳмадхон суол кард, ки аз кай бемор ҳастӣ? Иқбол ҷавоб дод, ки ду сол мешавад, ки мариз аст. Вай фармуд: Дар хидмати Ҳазрати Рисолатмаоб (Пайғамбари Акрам) арз кун. Дар ҳамон ҳолат ӯ бедор шуд ва барои арзи эҳтиром дар хидмати Ҳазрати Расули Акрам (с) ашъоре бар забони вай ҷорӣ шуд. Ҳамин ашъор, билохира, маснавии «Пас чи бояд кард, эй ақвоми Шарқ»-ро ташкил дод.[13]

8 апрели соли 1936 даври охири муолиҷа ба поён расид ва Иқбол 9 апрел ба Лоҳур расид. Пас аз вафоти Сардорбегим тамоми кори хона дарҳаму барҳам буд. Ба тарбияти Мунираву ман касе машғул намешуд. Ман (Ҷовид) ҳар чӣ хоҳам, мекардам. Моҳи марти соли 1935 дар синфи ҳафтум мехондам ва имтиҳони солона наздик буд, вале ман ҳеҷ воҳимае надоштам, зеро ман фақат як завқ доштам, ки он ҳам хондани китобҳои достонҳо, китобҳои «Боғу баҳор» (қиссаи «Чор дарвеш»), қиссаи «Ҳотами Той», «Тилисми ҳушрабо», достонҳои Абдулҳалим Шарар, ҳамаро як-як хонда будам. Аммо «Ҳазору як шаб» ин қадар маро ба худ ҷалб карда буд, ки ба ҷойи омодагӣ ба имтиҳон, то дер шаб ман онро мехондам. Дар натиҷа, ман дар синфи ҳафтум такроран мондам. Вақте Иқбол аз Бҳопал баргашт ва донист, ки ман ба иллати хондани «Ҳазору як шаб» мардуд шудаам, хашмгин нашуд, вале фақат ҳамин қадар гуфт: «Агар ту пас аз қабул шудан дар имтиҳон «Ҳазору як шаб»-ро мехондӣ, бештар лаззат мебурдӣ».

Барои танзими кори хонаву тарбияти бачаҳо Иқбол мехост як зани беваю беавлодро, ки аз хонаводаи наҷиб бошаду тавонад таълими динӣ ҳам бидиҳад, истихдом кунад. Ӯ мехост, ки чунин зан аз ҳунари дӯзандагиву пазандагӣ ҳам бархурдор бошад, то ки ба Мунира инҳоро низ ёд диҳад. Ӯ ба дӯстони худ муроҷиат кард ва дар рӯзнома эълон низ чоп кард. Вале як зани лоҳурӣ ба муддати кӯтоҳе ба кор пазируфта шуд, вале азбаски Мунира бо ӯ унс нагирифт, ӯро мураххас кард. Зани дигар низ мехост ин корро ба ӯҳда гирад, вале ӯ хостори издивоҷ бо Иқбол буд, вале ин кор барои Иқбол ғайримумкин буд, аз ин рӯ, ӯро ҳам рад карданд.[14]

13 апрели соли 1936 Иқбол охирин бор дар ҷаласаи солонаи Анҷумани ҳимояти ислом ширкат кард ва шеъри тозаи вай бо номи «Нағмаи Сармадӣ», ки дар китоби «Зарби Калим» ба унвони «Ло илоҳа иллаллоҳ» навишта шудааст, дар назди иҷтимои бузурге аз марду зан хонда шуд.

Дар ин замон парокандагии сиёсии мусалмонон ба авҷи худ расида буд. Мусалмонон ба гурӯҳҳову дастаҳои мухталифи сиёсӣ тақсим шуда буданд. Ҳеҷ гурӯҳ

ё созмоне ба унвони намояндаи кулли мусалмонони Ҳинд вуҷуд надошт. Ҳангоме ки Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба Ҳиндустон баргашт, ба унвони раиси Муслим Лиг кӯшиш кард, ки Муслим Лигро ҳамчун созмони сиёсии мусалмонон дар нимҷазира муаррифӣ кунад. Дар арафаи интихоботи умумӣ ӯ дар Бамбай 10 апрели соли 1936 ҷаласаи умумии Муслим Лигро даъват намуд ва дар он намояндагони гурӯҳҳои дигари мусалмониро низ даъват намуд. Дар ин маҷлис аввалин бор тасмим гирифта шуд, ки Муслим Лиг ба унвони як ҳизби сиёсӣ шинохта шавад ва барои ширкат дар интихоботи умумии иёлатӣ ҳайати порлумонии Муслим Лиг таъсис шавад. Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ раиси ин ҳайат интихоб гардид. Сипас, Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба сафари иёлатҳо пардохт.

29 апрел ӯ ба Лоҳур омад ва нахуст ба назди Сэр Фазл Ҳусейн – муассис ва раҳбари ҳизби «Иттиҳод» рафт, вале ӯ Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳро дастгирӣ накард.

6 май Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ба дидани Иқбол омад. Ӯ ба Иқбол пешниҳод кард, ки узви ҳайати порлумонии Муслим Лиг шавад. Иқбол бо вуҷуди беморӣ ва мушкилоти фаровон ин пешниҳодро пазируфт. Иқбол дар ҳама ҳолат, ба хотири ба даст овардани иттиҳод миёни мусалмонон мекӯшид ва Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳро дастгирӣ мекард. Ӯ ба иллати беморӣ натавонист дар ҳайати порлумонии иёлатӣ ширкат кунад. Аз ин рӯ, 13 августи соли 1936 аз раёсати ҳайати порлумонӣ истеъфоъ дод, вале раёсати иёлатии Муслим Лигро ба ӯҳда дошт. Ӯ дар ин муддат ба муқобили ҷараёнҳову аҳзоби гуногуни исломӣ, ки барои ба даст овардани ягонагӣ монеъ мешуданд, бо баёнияҳои сершумори худ аланан мубориза мебурд. Дар байни онҳо Ҳизби «Иттиҳод», Ҳизби «Аҳрор» ва ҷараёни Аҳмадия буданд.

ФАСЛИ БИСТУ ЯКУМ

Вопасин рӯзҳои ҳаёти Иқбол

Вазъи ҷисмонии Иқбол рӯз ба рӯз бадтар мешуд. Ҳакими нобино ҳамоно машғули муолиҷаи вай буд. Сайид Назир Ниёзӣ, Хоҷа Абдулғанӣ ва Шайх Эъҷоз Аҳмад доруҳои лозимаро барои Иқбол аз Деҳлӣ харидорӣ карда мефиристоданд. Иқбол бо роҳи мукотиба аз тафсилоти бемории худ ба Ҳакими нобино хабар медод. Чанд маротиба худи ӯ низ ба Деҳлӣ сафар кард ва дар мавриди давои чашмаш низ бо Ҳакими нобино сӯҳбат кард.

Баъд аз он ки Ҳакими нобино ба хидмати ҳокими Ҳайдаробод даромад ва ба он ҷо рафт, силсилаи мудовои Иқбол аз Деҳлӣ қатъ шуд. Вале боз ҳам чанд муддат доктор Музафарриддин – устоди Донишгоҳи Усмония ба Лоҳур дору мефиристод. Аммо ин кор дар аввали соли 1938 ба куллӣ қатъ шуд. Сабаби аслӣ пирии худи Ҳакими нобино буд. Бинобар ин муолиҷаи Иқбол ба духтурони маҳаллӣ вогузошта шуд.[1]

Иқбол дар бораи давои бемории худ бисёр фикр мекард, вале ин ба сабаби тарси ӯ аз марг набуд, балки медонист корҳое боқӣ монда, ки онҳоро бояд ба сомон мерасонд. Ӯ мехост таълимоти ҷадиде мабно бар аҳкоми исломӣ ба вуҷуд орад, ки ҷавобгӯи давру замони навин бошад ва мутмаин буд. ки ин корро ғайр аз ӯ каси дигаре наметавонист анҷом диҳад. Сайид Назир Ниёзӣ менависад:[2]

«Бо вуҷуди ин ҳама беморӣ ва азияти ҷисмонӣ, ҳар кас, ки ӯро медид, гумон мекард, ки ӯ марди зинда аст. Яъсу ноумедии ӯ аз шиддати рӯзафзуни дарду беморӣ набуд ва аз марази худ ҳеҷ нигарониe надошт. Ӯ ба маънои том зиндадил буд. Ғами ӯ, дарди ӯ, нигаронии ӯ ҳамоно аз сарнавишти ояндаи миллату уммати мусалмонон буд.

Ин шеърро вай дар даврони беморӣ сурудааст:

Дили мурда дил нест, онро дубора зинда кун,
Ки ҳамин аст дармони марази қадимимтиҳо.

Ба сабабии бемориҳои гуногун ӯ натавонист дар ҳеҷ анҷумане суханронӣ кунад. Дар баробари ин духтурон мутолеаро низ барои ӯ манъ карданд. Акнун ӯ як ҳадаф дошт, ки мехост ба ҳаҷ равад ва, ба қавли худаш, «тӯҳфае аз он ҷо барои мусалмонон» биёварад. Ин тӯҳфа чи буд? Шояд китобе буд бо номи «Армуғони Ҳиҷоз», ки онро дар охирин рӯзҳои зиндагии худ суруд ва пас аз маргаш, дар моҳи декабри соли 1938 ба чоп расид. Ба ҳар ҳол, Иқбол ба ин орзуи худ ҳам нарасид. Ӯ ҳамчунин натавонист ба Ҳиҷоз сафар кунад, ки бисёр мехост.

Ба қавли Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн, дар он замон ақлу фалсафаи Иқбол ҳама тобеи ишқи Расул (с) шуда буд. Шеъри зер дар ҳамин ҳол суруда шудааст:

Ту ғанӣ аз ҳарду олам, ман фақир,
Рӯзи маҳшар узрҳои мо пазир.
В-ар ҳисобамро ту бинӣ ногузир,
Аз нигоҳи Мустафо пинҳон бигир!

Вақте ки Мавлавӣ Иброҳим ин рубоиро ба Муҳаммад Рамазон – устоди забони англисии дабиристони давлатӣ хонд, ӯ ба ҳадде мутаассир шуд, ки ба замин афтод. Сипас, дар номае аз Иқбол хоҳиш кард, ки ин рубоиро ба ӯ бахшад, то ки баъд аз маргаш дар пешонии ӯ часпонда гӯронанд. Иқбол дар ҷавоб гуфт:[3]

«Шеър дар моликияти касе нест. Шумо ҳар шеъри маро, ки дӯст медоред, метавонед бетаоруф ба номи худ машҳур созед. Ман эътирозе надорам».

Иқбол ба ҷойи ин рубоӣ рубоии дигаре дар иртибот ба ин мавзӯъ навишт, ки дар «Армуғони Ҳиҷоз» мавҷуд аст:

Ба поён чун расад ин олами пир,
Шавад бепарда ҳар пӯшида тақдир.
Макун расво ҳузури хоҷа моро
Ҳисоби ман зи чашми ӯ ниҳон гир.

Феврали соли 1937 натиҷаи интихобот эълом гардид. Дар Панҷоб ҳизби «Иттиҳод» бо аксарияти овоз пирӯз гардид. Дар натиҷа фақат ин ҳизб дар Панҷоб бо раҳбарии Сэр Сикандар Ҳаёт кабинети вазиронро тартиб дод. Иқбол хеле ғамгин буд, вале маъюс нашуд ва дар музофот ба танзими Муслим Лиг ва шӯъбаҳои маҳаллии он идома дод. Дар музофотҳои аксарият ҳиндунишин Конгресс ба пирӯзӣ расид. 19 марти соли 1937 Конгресс бо шодиву сурури ошкор Конвенсияи миллии Ҳиндро бо 800 узви муваффақи худ тартиб дод. Ҷавоҳирлаъл Неҳру бо ҷӯшу хурӯши бисёр дар ин Конвенсия изҳор намуд, ки мусалмонон низ ба ин Конгресс шомил шаванд ва ба ҷойи ин ки раҳбарони ҳинду бо раҳбарони мусалмон ба гуфтугӯ нишинанд, беҳтар аст мустақиман бо миллати мусалмон робита эҷод намоянд. Ва тибқи ин пешниҳод робитаи ҳиндуҳо бо мусалмонон шурӯъ шуд.

Иқбол оқибати бади натиҷаи интихоботро барои мусалмонон ба хубӣ дарк мекард ва дар ин робита ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ ду маротиба мактуб навишта исрор кард, ки ӯ низ дар Деҳлӣ Конвенсияи мусалмонони Ҳиндро барпо намояд. Ӯ инро низ хуб дарк карда буд, ки Муслим Лиг ҳанӯз ба маънии воқеӣ муваффақ нашудааст, ки бо мусалмонон робита эҷод намояд. Бинобар ин барои ҳамагир сохтани он саъю кӯшиши зиёд ба харҷ медод. Ӯ дар номаи худ ба Муҳаммад Алӣ Ҷиноҳ аз 28 майи соли 1937 чунин навишт:[4]

«Муслим Лиг бояд билохира тасмим бигирад, ки оё мехоҳад ҳамчун намояндаи табақаи болоии мусалмонони Ҳинд боқӣ монад, ё намояндаи ҳамаи мусалмонон бошад? Албатта, то кунун дар ин бобат коре анҷом надодааст. Ба фикри комили ман, ҳар ҷамоати сиёсии исломӣ, ки зомини беҳбуди вазъи тамоми мусалмонон набошад, мавриди истиқболи мардуми мусалмон қарор нахоҳад гирифт. Тибқи қонуни асосии ҷадид, ба писарони амирон вазифаҳо ато мешавад, вазирони хурдтар ва дӯстону ақвоми онҳо низ мавқеияти хубе ба даст меоваранд. Дар масоили дигар низ ҷамоатҳои исломӣ ба ислоҳи миллат таваҷҷӯҳи кофӣ надоранд. масъалаи нон (хӯрок) рӯз то рӯз бадтар мешавад. Мусалмонон эҳсос мекунанд, ки аз дусад соли гузашта то кунун вазъи онҳо ҳар рӯз бадтар шудааст ва фикр мекунанд, ки далели муфлисии онҳо сармоядорони ҳинду мебошанд, вале ҳанӯз мутаваҷҷеҳ нашудаанд, ки дували хориҷӣ низ дар фалокати онҳо саҳм доранд. Ба ҳар ҳол, рӯзе мерасад, ки онҳо хоҳанд фаҳмид, ки «сотсиализм»-и Ҷавоҳирлаъл Неҳру наметавонад таъсире бар мусалмонон дошта бошад. Аз ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чӣ гуна метавон мусалмононро аз ин бадбахтӣ наҷот дод? Ояндаи Муслим Лиг ба он вобаста аст, ки то чи ҳад метавонад дар ҳалли ин масъала муваффақ шавад».

19 майи соли 1937 бародарзани Иқбол – Хоҷа Абдулғанӣ фавт кард. Иқбол ӯро дар васиятномаи хеш сарпарасти Ҷовиду Мунира таъйин карда буд. Бо фавти ногаҳонии вай Иқбол бисёр ғамгин шуд ва ба Сэр Раъс Масъуд 3 июн чунин навишт:[5]

«Ӯ бисёр инсони неку оқиле буд. Ба ҳарду фарзанди ман хеле алоқа дошт. Марги ногаҳонии вай маро бисёр парешон сохт. Такягоҳи ягонаи кӯдакон аз тарафи модар ӯ буд. Аз ақвоми падари онҳо наметавон таваққӯъ дошт, агарчи тамоми умр, то он ҷо ки бароям мақдур буд, ба онҳо хидмат кардаам. Дар тамоми ин нигарониву ташвиш фақат як фикр маро таскин медиҳад, ки касе, ки ҳангоми зиндагии ман парваришдиҳандаву муҳофизи фарзандони ман аст ва пас аз маргам низ онҳоро

нигаҳбонӣ хоҳад кард, Шумоед. Худованд умри тӯлонӣ, мисли умри Нӯҳ, Шуморо ато кунад ва умедворам, ки бештар аз ин Шуморо боиқбол бинам».

Дар ҳамин айём Иқбол барои нигаҳбонӣ аз Ҷовид ва, махсусан Мунира, ҳамчунин сомон бахшидани кори хона, бо маслиҳати дӯстон тасмим гирифт, ки аз Алигарҳ хонум Дорес Аҳмади олмониро ба манзил даъват намояд. Ӯ забони урдуро медонист, аз урфу одати мусалмонон бохабар буд, хоҳари ҳамсари яке аз устодони донишгоҳи Алигарҳ буд ва дар он ҷо зиндагӣ мекард.

Бо омадани хонум Дорес ба «Ҷовид манзил» хона сару сомоне ба худ гирифт. Бо исрори ӯ ҳар чанд вақт як бор Иқбол бо ҳамроҳи фарзандон дар утоқи хӯрокхӯрӣ якҷо наҳор мехӯрд. Ҷовиду Мунира эҳсос мекарданд, ки узви як оила ҳастанд. Мунира дар муддати кӯтоҳе бо хонум Дорес унс гирифт. Бо хоҳиши вай ҳама ӯро «апаҷон» мегуфтанд. Мунираву апаҷон ҳар рӯз аср назди Иқбол менишастанд. Иқбол Ҷовид (нависанда)-ро «баба»* ва Мунираро «бабӣ»** садо мекард. Иқбол гоҳе ба забони олмонӣ бо апаҷон сӯҳбат мекард. Мунира низ чанд калима ба олмонӣ ёд гирифта буд ва кӯшиш мекард, ки ӯ ҳам бо апаҷонаш ба олмонӣ сӯҳбат кунад, ки боиси хандаву хушҳолии ҳама мешуд.

Хонум Дорес Аҳмад менависад, ки Иқбол аз вай хоҳиш карда буд, ки баъд аз маргаш то калон шудани фарзандонаш дар ҳамон ҷо монад, зеро пас аз омадани вай бачаҳо бори дигар оромӣ ҳис карда буданд. Аз ин рӯ, пас аз марги Иқбол хонум Дорес тақрибан бисту панҷ сол дар «Ҷовид манзил» монд ва сипас ба Олмон баргашт.

Тобистони соли 1937 Иқбол тасмим гирифт, ки вақти таътил ба Кашмир бо фарзандон равад. Қарор буд, ки 12 июл ба Сринагар раванд. Яке аз дӯстони Иқбол бо номи Сайид Маротиб Алӣ ваъда дода буд, ки барои ин сафар мошини худро, ки ғунҷойиши 7-8 мусофирро дошт, ба ӯ бифиристад.[6] Аммо вуруди Иқбол ба Кашмир ба иллати нооромиҳои он ҷо мамнӯъ шуда буд. Барои иҷоза гирифтан бо мақомоти давлатӣ мукотиба шуд. Вале вақте ки ба Иқбол иҷозаи сафарро доданд, тобистон ба поён расида буд. Ҳамин тариқ, ӯ аз дидори ватани аҷдодии худ низ барои охирин бор маҳрум шуд.

30 июли соли 1937 Сэр Раъс Масъуд падруди зиндагӣ гуфт. Хабари фавти ӯро Иқбол дар рӯзномаҳо хонд. Ин зарба барояш ғайри қобили таҳаммул буд. Ӯ наметавонист марги Сэр Раъс Масъудро бовар кунад. Бо нороҳатии бисёр ба хонум Умматулмасъуд чунин навишт:[7]

«Ман чи тавр метавонам ба Шумо бигӯям, ки сабр дошта бошеду шукр кунед, вақте ки дилам саршори шикоят аз сарнавишт аст? Шумо худ медонед, ки равобити мо бо марҳум то чӣ ҳад буд. Ба ҳамин асос метавонам гӯям, ки то вақте ки зинда ҳастам, шарику дарду ғами Шумо мебошам. Дар миёни дӯстони марҳум шояд касе набошад, ки нақши амиқи дилнавозӣ, баландназарӣ ва чашмпокии ӯ рӯйи қалбаш ҷой нагирифта бошад.

Вай аз тарафи Худованд қалби бобову фикри падарро ба ирс бурда буд. Ва то вақте ки зинда буд бо ин дилу фикр ба мардуму кишвар хидмат кард. Худованд ӯро ғарқи раҳмати худ намояд».

Ҷанозаи Сэр Раъс Масъудро ба Алигарҳ оварданд ва дар ҳамон ҷо ба хок супурданд. Иқбол зимни ирсоли рубоие барои санги мазори ӯ чунин навишт:[8]

«Барои лаҳади марҳум Масъуд ман рубоии зерро интихоб кардам:

Напайвастам дар ин бӯстонсаро дил,
Зи банди ину он озода рафтам.
Чу боди субҳ гардидам даме чанд,
Гулонро обу ранге дода рафтам.

* «Дастагул» ба забони панҷобӣ барои ҷинси мардона.
** «Дастагул» ба забони панҷобӣ барои ҷинси занона.

Ин рубоиро ман барои санги мазори худ навишта будам, вале сарнавишт ин буд, ки Масъуд аз ман зудтар рафт..., дар сурате ки аз лиҳози синну сол ман бояд зудтар аз ӯ мерафтам.

Илова бар ин, агар мехоҳед чизе ба рӯйи санги мазори ӯ нависед, фикр мекунам шеъри зер беҳтарин бошад:

Эй бародар, ман туро аз зиндагӣ додам нишон,
Хобро марги сабук дон, маргро хоби гарон.

Ғами Масъуд то вақте ки зинда ҳастам, дар дили ман боқӣ хоҳад монд. Дигар арзе надорам».

Дар рӯзҳои охири умр аксар вақт Иқбол тангии нафас дошт. Баъзе вақтҳо ин ҳолат шиддат мегирифт ва беҳуш мешуд. Пас аз он ки ба ҳуш меомад, боз ҳам чанд муддат гиҷ мемонд. Нависанда (Ҷовид) ду маротиба ӯро дар ин ҳолат дидааст. Як бор Ҷовид пай бурд, ки ӯ дар ҳоли сӯҳбат бо Мирзо Асадуллохон Ғолиб аст ва бори дуввум ӯ дар ҳоли баҳс ба Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ буд.

Пас аз марги Иқбол, Ҷовид ин мушоҳидоти худро ба Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусейн баён намуд, вале ӯ Ҷовидро аз баёни ин мушоҳидот манъ намуд. Ба назари вай, ин ҳолат ба сабаби фишори рӯҳӣ дар натиҷаи беморӣ дар Иқбол пеш омада буд ва робитае бо маънавият надошт. Ибрози чунин вазъ бо таълифоти Иқбол мунофот (зиддият) дошт.

Орзуи ба ҳаҷ рафтан Иқболро ҳеҷ гоҳ тарк намекард. Дар декабри соли 1937 ӯ мукотиботи хешро бо ширкатҳои мухталифи киштиронӣ барои сафари ҳаҷ оғоз намуд. Вале ҳоли ӯ ҳар рӯз бадтар мешуд. Тақрибан биноияшро аз даст дода буд. Доктор Меҳтар ӯро муоина мекард. Вай мӯътақид буд, ки то моҳи март барои ҷарроҳии чашм омода хоҳад шуд. Вале баъдтар, дар натиҷаи шиддат ёфтани бемориҳои дигар, маҷбур шуданд, ки амали ҷарроҳиро мавқуф гузоранд. Дар ин ҳол низ, гоҳе дар бораи сафари ҳаҷ сӯҳбат мекарду мегуфт: «Мардум аз роҳи Ироқ низ ба Ҳиҷоз мераванд, вале маълум шуд, ки ин роҳ низ сахтиҳои фаровон дорад». Хоҳараш Зиннатбӣ зимни ин сӯҳбат он ҷо буд. Ӯ гуфт: «Ҳоли умумии Шумо хуб нест. Илова бар ин чашмонатон хеле заиф шудааст. Дар чунин вазъе чи гуна метавонед ба сафари ҳаҷ равед? Иншоллоҳ, соли оянда, пас аз ҷарроҳии чашм, ба ҳаҷ хоҳед рафт». Бо шунидани ин сухан Иқбол бо садои дардолуд гуфт: «Магар нобиноён ба ҳаҷ намераванд?» Ва пас аз гуфтани ин ҳарф ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуду ин шеърро хонд:[9]

Насимо, ҷониби Батҳо гузар кун,
Зи аҳволам Муҳаммад(с)-ро хабар кун.

Дар худи ҳамин моҳ бо сарпарастӣ ва масъулияти «Интерколлигейт Муслим Брадеҳуд» (Intercollegate Muslim Brother-hood) барои баргузории ҷашни «Рӯзи Иқбол» тайёрӣ медиданд. Дар он замон Сэр Сикандар Ҳаёт дар баёнияи хабарии худ 5 декабр ба ҳиндустониҳо ва, махсусан, ба панҷобиҳо мурочиат намуда, чунин гуфт:[10]

«Бузургдошти «Рӯзи Иқбол»-ро як фаризаи мазҳабӣ бидонед ва дар он ширкат намоед... Дар ин робита ман пешниҳод мекунам, ки аҳолии ҳар шаҳре, ки «Рӯзи Иқбол»-ро ҷашн мегирад, маблағе барои шоири бузург ҳадя намоянд. Осонтарин роҳи ичро ин аст, ки Кумитаи Иқбол ҳисобе ба номи сармояи «Рӯзи Иқбол» дар бонки салтанатии Ҳинд (Imperial Bank of India) боз кунад. Вазифаи дӯстдорони Иқбол ин аст, ки тамоми пулро ба бонк ирсол намоянд, то саранҷом ба хидмати шоири бузурги мо пешкаш шавад».

Иқбол дар даврони ҳаёти хеш ба ин манзур ба гузаронидани ҷашни «Рӯзи Иқбол» розигӣ дод, ки ба ин васила назароти афкори вай байни навҷавонон паҳн шавад ва мавриди ичро қарор гирад. Вале Сэр Сикандар онро дастовезе барои шоири азимушшаън қарор дода буд, то маблағеро ҷамъоварӣ кунанд ва аз ин роҳ, дар ҳақиқат, мехост, ки фақри Иқболро ба рухи дигарон бикашад.

Иқбол пас аз огоҳӣ аз ин пешниҳоди Сэр Сикандар Ҳаёт 10 декабр баёнияе ба ин мазмун содир кард:[11]

«Ман аз ибрози эҳсосоти Сэр Сикандар Ҳаётхон дар бораи хеш ташаккур мекунам. Вале хаёл дорам, матлабе дар мавриди дархости эшон мабно бар ҷамъоварии маблағе тавассути дӯстдорони ману шеъри ман бигӯям. Фикр мекунам, дар авзои кунунӣ, ниёзҳои иҷтимоии миллат он қадар зиёд аст, ки дар муқобили онҳо ниёзи фард ҷое надорад, агарчи он шахс рӯҳи инсонҳоро ҷило бахшида бошад. Ба ҳар ҳол, ниёзи фард ба поён мерасад, вале эҳтиёҷи қавм ҳамеша боқӣ хоҳад монд... Ҳоло вақти он расидааст, ки бо мутолеаи дақиқи тафаккури исломӣ ва чигунагии зиндагии мардум ҳадафи аслии ислом равшан карда шавад, то мардум ба он огоҳӣ пайдо кунад, ки ислом дар Ҳинд чигуна ҷилва дода мешавад ва рӯҳи онро чигуна масх (таҳриф) кардаанд. Лозим аст ҳарчи зудтар ин пардаҳо ба канор равад, то ҷавонони оянда ба симои ҳақиқии ислом пай бубаранд... Умедворам пешниҳоди маро вазири аъзами музофоти Панҷоб биписанданд ва кӯшиш намоянд бо нуфузе, ки дар миёни мардум доранд, дар ин кор муваффақ шаванд. Ман низ шахсан барои ин кор сад рупия сармоягузорӣ ва тақдим менамоям».

9 январи соли 1938 таҳти сарпарастии «Интерколлигейт Муслим Брадеҳуд» дар толори Майнорд (Коллеҷи шарқшиносӣ)-и Лоҳур «Рӯзи Иқбол» бо шукӯҳу ҷалоли хосе барпо гашт. Дар дигар шаҳрҳо низ чунин ҷашнҳо баргузор шуданд. Рӯзномаву маҷаллот шумораҳои махсуси худро ба ин ҷашн бахшида, мақолоти зиёде дар бораи ҳаёту фаъолияти Иқбол ба табъ расониданд. Иқбол дар номае назари худро роҷеъ ба ин ҷашн чунин иброз дошт:[12] «Фақат ин фикр дар ҷашне, ки ба номи «Рӯзи Иқбол» мавсум аст, боиси тасаллии қалби ман аст, ки донистам, замине, ки рӯйи он тухм пошида будам, боир (беҳосил) нест».

Охирҳои январи соли 1938 Пандит Ҷавоҳирлаъл Неҳру барои дидани Иқбол ба «Ҷовид манзил» омад. Ӯ дар китоби худ ба забони англисӣ бо номи «Ҳиндустон чи гуна эҷод шуд?» хотироти худро аз ин дидор чунин менависад:[13]

«Чанд моҳ қабл аз реҳлат Иқбол маро ёд кард. Ӯ дар он ҳангом дигар замингир шуда буд. Ман низ бо ниҳояти хушвақтӣ даъвати эшонро пазируфтам ва ба хидмати эшон расидам. Ман эҳсос кардам, ки бо вуҷуди ихтилофи сиёсӣ, то чи ҳад бо ҳам ваҷҳи муштарак (назари умумӣ) дорем ва инро низ дарёфтам, ки кор кардан бо шахсияте, монанди Иқбол, чӣ қадар осон аст. Дар ин мулоқот ёди айёми гузашта тоза шуд ва перомуни мавзӯоти мухталиф сӯҳбат кардем. Дар ин гуфтугӯ ман камтар ҳарф мезадаму бештар Иқболро гӯш мекардам ва ашъори ӯро таҳсин мекардам. Аз воқиф шудани он ки эшон назари хубе нисбат ба ман доранд, бисёр хушҳол шудам».

Дар ин бора Сайид Назир Ниёзӣ менависад:[13]

«Ман дар фурсати муносиб ба эшон (Иқбол) гуфтам, ки мулоқоти Шумо бо Пандит чи тавр буд? Ӯ гуфт: «Рӯзе доктор Чакравартӣ омада буду ба ман гуфт, ки ҳар вақт бо ҷаноби Пандит сӯҳбат мекунам, нисбат ба Шумо изҳори иродат мекунанд. Эшон имрӯз ба Лоҳур меоянд, дилам мехоҳад Шумо бо вай мулоқот кунед. Эътирозе надоред? Ман гуфтам, ки чаро эътироз дошта бошам? Ҳар вақт, ки фурсат даст дод, эшонро ба ин ҷо биёред. Вале ду масъала вуҷуд дорад: яке озодии Ҳиндустон ва дигаре нақши мусалмонон дар ҷиҳод барои ба даст овардани ин озодӣ. Ҷаноби Пандит ин ду масъаларо дар назар дошта бошанд, он гоҳ ба ин ҷо ташриф биёранд.»..

Зиндагӣ ба назари Иқбол бисёр боарзиш аст. Аз рӯйи мушоҳидоти Сайид Назир Ниёзӣ, ӯ як инсони зинда буд ва иртиқои фикрии вай то дами марг идома дошт. Иқбол дар бораи худ менависад:[14]

«Ин ҳақи як инсони зинда аст, ки назарияи хешро тағйир диҳад. Ба қавли Амерсен, фақат сангҳо худро табдил намекунанд.[15] Намунаҳое аз мутафаккирин мавҷуданд, ки тайи зиндагии инҷаҳонии онон, тасмимоти гирифташуда шакли ниҳоии афкору назариёти онҳоро ташкил менамояд».

Иқбол дар тӯли адвори мухталифи зиндагии хеш назариёташро тағйир додааст. Гӯё ки зиндагии ҷисмонии вай ҳамон гуна, ки аз мароҳили тағйиру табдил мегузашт, зиндагии рӯҳонии вай низ аз кайфиёт (сифатҳо)-и иртиқоӣ гузаштааст. Бар ҳамин асос, баъзе аз муҳаққиқин дар афкори вай тазодҳое мушоҳида кардаанд. Вале тазоди афкори Иқболро метавон ё аз мароҳили иртиқои фикрии ӯ дур кард, ё метавон гуфт, ки ӯ аз ҳақоиқи мутазоди зиндагӣ парда бардоштааст ва аз ин рӯ, мавҷудияти чунин ноқисӣ аз назари эҳсосотӣ мумкин аст. Вале аз назари ақлӣ шояд дарки он мушкил бошад.

Қабл аз ҳама, бояд ба ин масъала таваҷҷӯҳи бештаре намоем, ки дар охирин лаҳзаҳои ҳаёт афкору назариёти ғоявии Иқбол чӣ гуна буд? Посух ба ин савол низ зарурате дорад, ки Иқбол чӣ касе буд: Шоир? Файласуф? Коршиноси улуми динӣ? Ё каси дигар?

Иқбол ҳаргиз худро ба маънии воқеӣ шоир намепиндошт. Ӯ фурсати онро надошт, ки ба зарофати фанни шоирӣ таваҷҷӯҳ кунад. Вай фақат шеърро василае барои ибрози назариёти хеш медонад ва дар мавриди шоирияш мегӯяд:[16]

«Ҳадаф фақат ин аст, ки дар андешаҳо инқилоб эҷод шаваду бас. Ва бо таваҷҷӯҳ ба ин мавзӯъ кӯшиш мекунам афкореро, ки муфид медонам, изҳор намоям. Оё наслҳои оянда маро шоир тасаввур хоҳанд кард?»

Иқбол ба маънии воқеӣ файласуф низ набуд, зеро аз худ низоми файласуфонаи мунсаҷиме бар ҷой нагузошт. Вай фалсафаро ҳарбаву василае барои мутолеаи абъоди модӣ ва маънавии зиндагӣ қарор додааст:[17]

«Ман ҳеҷ таълимоти файласуфонае надорам, балки низомҳои фалсафиро бо чашми ҳақорат (танқид) менигарам ва он усулу натоиҷе, ки фалсафа ироа додааст, эътимод надорам. Дар робита бо фаҳми ҳақоиқи маънавӣ, ақли инсонро ба наҳве мутаваҷҷеҳ сохтаам, ки шояд то кунун касе ин корро накарда бошад. Бешак, манзурам он масоилест, ки дар робита бо фалсафа ҳастанд, вале иртиботи ман дар ин ҷо бо онҳо бо таҷрибаву амалиёти зиндагист, на бо истидлоли фикриву фалсафӣ».

Иқбол бо вуҷуди он ки огоҳиву алоқаи амиқ бо ислом дошт, ҳаргиз даъво накард, ки як олими улуми динист. Дар робита ба ташреҳу тавсифи ақоиди аҳмадиҳо, Иқбол ба Ҷавоҳирлаъл Неҳру навишт, ки алоқае ба изҳори назар надорад ва танҳо барои мубориза бо онҳо дар бораи мавзӯоти мазҳабӣ таҳқиқу татаббӯъ кардааст.[18] Тайи баҳс дар мавриди қавмияти ватанӣ ва қавмияти исломӣ чунин гуфтааст:[19]

«Ман эътироф мекунам, ки на олими улуми динӣ ҳастам ва на адиби забони арабӣ.

Тарҷумаи шеър:

Қаландар ҷуз ду ҳарфи «ло илаҳ» чизе надорад,
Фақеҳи шаҳри Қорун луғатҳои маҷозӣ намедонад».

Пас, агар ба гуфтаи худи Иқбол, ӯ на шоир асту на файласуф ва на олими дин, пас ӯ кӣ буд? Агар Иқболро аз даричаи чашми худаш бингарем, ҳангоме ки ӯ дори фониро падруд гуфт, ӯ як ошиқи Расул (с) буд. Ва ҳамин ишқ ба ӯ шӯру ҳолу қудрат дод, то тамоми умри хушро сарфи ҳифозату эҳёи маҳрумону мустазъифон (бечорагон)-и ҷаҳон, бахусус, уммати мусалмон намояд. Шеъру шоирӣ, фалсафаю улуми динӣ, тасаввуф ва ғайра назди вай барои равшан сохтани мақсуд як василае беш набуд. Аммо бо тамоми ин ҳарфҳо, Иқбол аз мазоҳири илоҳӣ сарчашма гирифта буд ва чунин нобиғаҳо ҳадяи Худованд ҳастанд, ки дар миёни инсонҳо намудор мешаванд ва наметавон онҳоро ин ё он супорише дод.

Муҳимтарин бӯъди фикрии Иқбол дар мавриди ислом чӣ буд? Вай пас аз мутолиаи таърихи иртиқои адён ва мазоҳиби ҷаҳон ба ин натиҷа расид, ки мазҳаб дар даврони аввалияи худ қавмӣ будааст, ҳамон тавре ки аз мазоҳиби ҳиндуҳо, юнониёни қадим ва мисриҳо ҳувайдост. Сипас, он наслӣ шуд, ҳамон тавре ки аз мазҳаби яҳудиён равшан мешавад. Дини масеҳ таълим дод, ки мазҳаб як масъалаи шахсии зотӣ ё фардӣ аст. Ва, билохира, ислом ин ҳақиқатро ошкор сохт, ки мазҳаб на

қавмӣ асту на наслӣ ва на зотиву на ватанӣ, балки холисан илоҳиву инсонист. Иқбол менависад:[20]

«Ислом аз лиҳози мафҳуми қадимии истилоҳ, як дин нест, балки як равиш аст. Равише чунон озод, ки муборизаи башар бо табиат дар он ташвиқ мешавад. Дар ҳақиқат, ин мубориза алайҳи тамоми тасаввуроти дунёи қадим роҷеъ ба зиндагӣ мебошад. Ба таври ихтисор, ислом кашфи ҳақиқии инсон аст».

Дар фикри Иқбол масоиле дида мешаванд, ки дар бораи онҳо китобҳое метавон навишт ва метавон сурати ниҳоии афкору назариёти вайро ба таври иҷмол бозгӯ кард. Ба назари Иқбол, наметавон дини исломро аз тамаддуни ислом ҷудо кард. Аз ин рӯ, таҷдиди дин, бидуни эҳёи тамаддун мумкин нахоҳад буд. Ба ақидаи вай, дар бахши улуми динӣ, ба сабаби он ки илми каломи суннатӣ бар асоси фалсафаи юнонӣ танзим шудааст ва ба ҷиҳати фарсудаву кӯҳна будани он, насли ҷадиди мусамонон наметавонанд аз он истифода кунанд. Лизо лозим аст бар асоси таҳқиқоти улуми тоза, илми каломи ҷадиде ба вуҷуд биёяд, зеро, ба назари вай, усули улуми ҷадид аз ҳар назар бо оёти Қуръонӣ мутобиқат дорад ва тартиб додани чунин илми калом барои насли ояндаи мусалмонон муфид буда, решаи имонро дар қалбҳои онҳо метавонад мустаҳкамтар намояд.[21]

Аз миёнаҳои моҳи марти 1938 вазъи Иқбол нигаронкунанда шуд. Давоҳо асарбахш набуд. Доруҳои кимиёӣ (Allopathy)-ро намеписандид ва онҳо натиҷае ҳам надоданд. Каму беш тангии нафас дошт. Дарди миёну шонаи ӯ идома дошт. Қалбу ҷигар ва гурдаҳояш бемор шуда буданд. Бехобӣ мекашид. Рӯз ба рӯз ҳолаш бадтар мешуд. Ба дӯстонаш, ки барои дидор меомаданд, мегуфт: «Сӯҳбат кунед». Ӯ муштоқи сӯҳбати дӯстон буд.

Пас аз гузашти чанд ҳафта пойҳояш варам карданд. 19 апрели 1938 дар тарашшуҳи гулӯяш (балғамаш) хун дида шуд. Набзаш низ заиф шуда буд. Аммо ҳушу ҳофизаи ӯ саҳеҳу солим буд ва дар зоҳири ӯ тағйироте дида намешуд. Худи ҳамон рӯз Иқбол дар охирин номаи худ ба муншии Сэр Раъс Масъуд – Мамнун Ҳасанхон навишт, ки тангии нафас пай дар пай ӯро тақрибан аз зиндагӣ маъюс кардааст. Қарор буд, ки моҳи марти 1938 чашмонашро ҷарроҳӣ кунанд, вале ба хотири бемории тангии нафас вақти ҷарроҳиро ба сентябр мавқуф гузоштанд.

Субҳи рӯзи 20 апрели 1938 ҳоли ӯ каме бештар шуд. Ношто кард ва тибқи маъмул як пиёла чой нӯшид. Муҳаммад Шафеъ барои ӯ рӯзнома хонд ва Рашиди сартарош ришашро гирифт. Наздики соати чору ним буд, ки Барон Фон Волтҳайм барои мулоқоти вай омад. Фон Волтҳайм дар даврони таҳсил дар Олмон муддате бо Иқбол буд ва инак ба унвони намояндаи Ҳитлер сафаре ба Ҳиндустону Афғонистон карда буд. Шояд мақсадаш ин буд, ки вазъи ин кишварҳоро баррасӣ намояд. Иқбол бо ӯ тақибан яку ним соат дар бораи дӯстони умумиашон дар Мюнхен ва Ҳейделберг сӯҳбат карданд.

Фасли баҳор буд, атри гулҳо дар фазо печида буд. Ба ҳамин ҷиҳат, ҷойгаҳи ӯро ҳангоми аср аз утоқ ба долон оварданд ва соате дар ҳамон ҷо хобид. Вақте ки ҳаво салқин шуд, хоҳиш кард, ки ҷойгаҳашро ба утоқ дароранд ва он ҷо истироҳат кард. Мунира, ки он вақт ҳафту нимсола буд, бо апаҷон назди ӯ омаданд. Мунира ба бистари ӯ часпиду ба ширинзабонӣ оғоз кард. Мунира ҳар рӯз се бор ба дидани падар, ба утоқи ӯ мерафт: пагоҳӣ, пеш аз ба мадраса рафтан, нисфирӯзӣ ва шабона, ҳангоми хоб кардан. Вале он рӯз аср аз канораш дур намешуд. Апаҷон ду-се бор ба ӯ гуфт, ки вақти рафтан аст, вале ӯ гӯш намедод ва фақат мегуфт, ки каме бештар бимонад. Бо дидани ин вазъ Иқбол лабханду заду ба забони англисӣ ба апаҷон гуфт: «Ҳисси ӯ ӯро огоҳ мекунад, ки шояд ин охирин мулоқот бо падар бошад». Пас аз рафтани Мунираву апаҷон, Фотимабегим – мудири коллеҷи исломии духтарон барои соате назди Иқбол омад ва дар бораи таълиму тарбия дар коллеҷ сӯҳбат кард.

Соати ҳашт-ҳаштуними шаб буд, ки Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн, Сайид Назари Ниёзӣ, Сайид Саломатуллошоҳ, Ҳаким Муҳаммад Ҳасан Қурайшӣ ва Раҷа Ҳасан

Ахтар омаданд. Дар он рӯзҳо Миён Муҳаммад Шафеъ ва доктор Абдулқаюм дар «Ҷовид манзил» муқим буданд. Ҳанӯз ҳам дар балғами Иқбол хун дида мешуд. Аз ин рӯ, Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн бо гурӯҳе аз духтурон маҷлис тартиб дод ва пизишкони маъруфи он замон – доктор Карнел Амирчанд, Илоҳибахш, Муҳаммад Юсуф, Ёрмуҳаммад, Ҷамъият Сингҳ – ҳама он ҷо ҳозир буданд ва Иқболро мавриди муоина қарор доданд. Аҳли манзил ҳаросон буданд, зеро назари пизишкон ризоятбахш набуд. Онҳо гуфтанд, ки агар имшаб ба хайр гузарад, фардо равиши муолиҷаро тағйир хоҳанд дод. Дар беруни утоқ дӯстони Иқбол истода буданд ва бо ҳам сӯҳбат мекарданд. Натиҷаи машварати духтуронро аз Иқбол махфӣ нигоҳ доштанд, вале ӯ бисёр тезҳуш буд ва бо дидани вазъи дӯстон итминон пайдо кард, ки вақти марг фаро расидааст. Чанд рӯз пеш, вақте шахсе дар мавриди ҳолу саломатии ӯ иззҳори нигаронӣ мекард, ӯ гуфта буд: «Ман аз марг наметарсам». Ва сипас ин шеърро хонд:

Нишони марги мӯъмин бо ту гӯям,
Чу марг ояд, табассум бар лаби ӯст.

Аз ин рӯ он шаб ӯ беш аз андоза хурсанд буд. Нависанда (Ҷовид) наздики соати 9 ба утоқи вай омад, вале Иқбол ӯро нашинохт. Пурсид: кист? Нависанда посух дод: Ҷовид. Иқбол хандиду гуфт: «Ҷовид шаву нишон бидеҳ, то бипазирам». Сипас Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайнро, ки наздики ӯ буд, хитоб карду гуфт: «Ҷаноби Чаудҳрӣ , ҳатман барои ӯ (Ҷовид) дуое, ки хитоб ба Ҷовид дар «Ҷовиднома» аст, бихонед». Дар ҳамин вақт Алӣ Бахш ворид шуд. Иқбол хоҳиш кард, ки назди ӯ нишинад. Алӣ Бахш бо садои баланд ба гиристан шурӯъ кард. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ба ӯ гуфт, ки таҳаммул дошта бош. Аммо Иқбол гуфт: «Охири рафоқати 40-сола аст. Бигзоред, бигиряд». Соати 11-и шаб буд, ки Иқбол ба хоб рафт. Миён Муҳаммад Шафеъ, доктор Абдулқаюм ва Раҷа Ҳасан Ахтар он шаб дар «Ҷовид манзил» монданд.

Чанд соате нагузашта буд, ки Иқбол бо дарди шадиде аз ҷо бархост. Миён Муҳаммад Шафеъ ва доктор Абдулқаюм сайъ карданд, ки ба вай доруи хобовар диҳанд, вале вай нахӯрду гуфт: «Дар дору маводи мухаддар вуҷуд дорад ва ман намехоҳам дар олами беҳушӣ бимирам». Иқбол аз дард ба худ мепечид. Тақрибан соати 4-у 15 дақиқаи субҳ Раҷа Ҳасан Ахтар омад. Иқбол ба вай гуфт, ки Ҳаким Муҳаммад Ҳасан Қурайширо биёваред. Ӯ гуфт, ки ҷаноби Ҳаким дишаб дер ба манзил рафт, дуруст нест дар ин мавқеъ ӯро бедор кунед. Бо шунидани ин ҳарф Иқбол ин қитъаро хонд:

Суруди рафта боз ояд, ки н-ояд,
Насиме аз Ҳиҷоз ояд, ки н-ояд.
Сар омад рӯзгори ин фақире
Дигар донои роз ояд, ки н-ояд.

Раҷа Ҳасан Ахтар бо таъсир аз шунидани ин қитъа фавран ба овардани Ҳаким Муҳаммад Ҳасан равона шуд.

Чанд дақиқа ба соати панҷи саҳар монда буд. Азони бомдодро мехонданд. Ҳама фикр мекарданд, ки дигар шаби изтироб ба поён расидаст. Миён Муҳаммад Шафеъ ва доктор Абдулқаюм барои хондани намоз ба масҷиди наздики хона рафтанд, фақат Алӣ Бахш назди Иқбол монд. Дар ҳамин вақт ногаҳон Иқбол ҳарду дасташро рӯйи қалбаш гузошту «оҳ» гуфт. Алӣ Бахш фавран назди ӯ рафт ва ӯро аз тарафи шона дар бозуҳояш гирифт. Иқбол гуфт: «Дарди шадиде дар қалбам эҳсос мекунам». Ва қабл аз ин ки Алӣ Бахш тавонад коре анҷом диҳад, «Оллоҳ» гуфту сараш ба тарафе афтод.

21 апрели соли 1938, соати 5-у 14 дақиқа, ҳангоми танини садои азони субҳ, Иқбол ҷон ба ҷонофарин супурд. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ва дигар дӯстон субҳ ба он ҷо омаданд ва муқаддамоти кафану дафнро омода карданд. Аввалин масъала он буд, ки ӯро дар куҷо гӯронанд. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн пешниҳод кард, ки ӯро дар мақбарае дар масҷиди Шоҳӣ дафн кунанд. Бинобар ин ӯ ҳамроҳи Миён

Низомиддин, Миён Амириддин, Сайид Мӯҳсиншоҳ, Халифа Шуҷоъиддин, Хон Саодат Алихон, Мавлоно Муршид, Ғулом Расул ва Абдулмаҷид Солик ба масҷиди Шоҳӣ рафтанд ва пас аз дидани ҳуҷраҳо ба ин натиҷа расиданд, ки қитъаи хокеро дар тарафи чапи зинаҳо, зери сояи манораи ҷанубу шарқии масҷид барои оромгоҳи абадии Иқбол истифода кунанд.

Барои ин мебоистӣ аз маҳкамаи осори қадимии ҳукумати Ҳинд иҷоза мегирифтанд (идораи он дар Деҳлӣ буд). Ба ин хотир бо вазири аъзами Панҷоб Сэр Сикандар Ҳаёт тамос гирифтанд. Вай дар он рӯзҳо барои ширкат дар ҷаласаи Муслим Лиг ба Калкутта рафта буд. Сэр Сикандар Ҳаёт бо он маҳал барои дафни Иқбол мувофиқат накард ва замини Коллеҷи исломиро воқеъ дар хиёбони Роҳи Оҳан пешниҳод кард. Вузарои ҳинду ва сикҳи ҳизби «Иттиҳод» низ ба он маҳалли дафн эътироз доштанд. Албатта, вузарои мусалмон пешниҳоди Сэр Сикандар Ҳаётро таъйид намуданд. Аз тарафи дигар, баъзе аз гурӯҳҳо пешниҳод карданд, ки маҳалли холии рӯбарӯйи масҷиди Гунбади Обиро мадфани вай қарор диҳанд. Вале дӯстони Иқбол аҳаммияте ба ин пешниҳодҳо надоданд ва ба қарори хеш содиқ буданд. Сипас, панҷ нафари онҳо бо шаҳрдори Панҷоб, Сэр Ҳенрӣ Крояк мулоқот намуданд. Ӯ то нисфирӯзии он рӯз барои қитъаи замини пешниҳодшуда аз Деҳлӣ иҷозат гирифт ва то соати чор тамоми расмиятчигиро анҷом дод.

Хабари марги Иқбол монанди оташ дар ҷангал ба ҳама ҷо печид. Рӯзномаҳо фавқулодда мунташир шуданд. Мақомоти давлатӣ, мадрасаҳо, донишкадаҳо, додгоҳҳо, идороти исломӣ таътил намуданд. Мардум ба тарафи «Ҷовид манзил» ҳуҷум карданд. Ҳазорон нафар омаданду рафтанд ва охирон бор чеҳраи Иқболро дида, бо ӯ видоъ карданд. Соати панҷи бегоҳ ҷанозаи Иқболро аз манзил берун бурданд.

Ҳазорон нафар аз мардуми Панҷоб, новобаста ба мазҳабу миллат, ба дунболи ҷаноза мерафтанд. Тобут бо гулҳои фаровон пӯшонда шуда буд. Нависанда (Ҷовид) дар сафи охирини раҳпаймоёни ҷаноза мерафт. Барои адои намози ҷаноза майитро ба майдони васеи Коллеҷи исломӣ бурданд. Дар он ҷо тақрибан бист ҳазор нафар ҷамъ шуда буданд. Вақте ки ҷанозаро аз хиёбони Брандартҳа ба Деҳлӣ-дарвоза бурданд, теъдоди мардум ба панҷоҳ-шаст ҳазор мерасид.

Баъд аз соати 7-и бегоҳӣ ҷаноза ба Масҷиди Шоҳӣ расид. Соати 8 Мавлоно Ғулом Муршид дар саҳни Масҷиди Шоҳӣ намози майитро хонд. Сипас, ҷаноза ба маҳалли дафн бурда шуд ва мунтазир буданд, ки бародари Иқбол – Шайх Ато Муҳаммад ва чанд тани дигар аз Сиёлкут биёянд. Онҳо тақрибан соати 9.30 ба маҳалли дафн расиданд. Шайх Ато Муҳаммад барои охирин бор чеҳраи бародарро дид ва бо ӯ видоъ кард. Соати 9.45 ҷасади Аллома Муҳаммад Иқболи ошиқи Расули Худо ва доии эҳёи ислом ба хок супурда шуд.

Аз соли 1938 ба манзури сохтмони мазори Иқбол кумитае ба раёсати Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн ташкил шуд. Вале дар муддати ҳашт сол кори сохтмони он оғоз нашуд. Дар ин муддат ҷасади Иқбол дар як мақбараи одӣ дафн буд. Ба ҳар ҳол, соли 1946 кори сохтмони мазор оғоз гардид ва баъди чор сол, яъне соли 1950 ба итмом расид. Махориҷи онро хосони боргоҳи Иқбол ба ӯҳда гирифтанд ва лозим нашуд, ки аз мардум пул ҷамъ кунанд. Нақшаи сохтмони оромгоҳи Иқболро давлати Афғонистон тавассути коршиноси итолиёии худ ба Маҷлиси марказии Иқбол фиристод, вале маҷлис онро тасвиб накард. Зеро ки тарҳи сохтмон ғайриисломӣ, тибқи суннати католикии итолиёӣ буд ва бар турбат Иқболро даст ба сина нишон медод. Баъд аз он муҳандиси навоби Ҳайдарободи Дакан – Навоб Зайн Ёр Ҷанг тарҳи дигареро ироа дод. Вале ин нақша ҳам мавриди қабул қарор нагирифт. Зеро ин тавр ба назар мерасид, ки булбулеро дар қафаси тиллоӣ зиндонӣ карда бошанд. Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн Навоб Зайн Ёр Ҷангро ба Лоҳур даъват кард ва бар сари мазори Иқбол бурду рӯйи зинаҳои Масҷиди Шоҳӣ истоду гуфт: «Бубинед, ҷаноби Навоб, як тараф масҷид аст, ки мазҳари нерӯи динии мусалмонон аст ва

тарафи дигар қалъаест, ки нишонгари қудрати дунявии онҳост. Дар миёни ин ду бинои боазамат сохтмони оромгоҳи Иқбол дар сурате шоистаи шаъни эшон хоҳад буд, ки бинои содаву маҳкам дошта бошад, ҳамон гуна, ки шахсияти Иқбол нишонгари чунин авсоф буд. Бинобар ин Навоб Зайн Ёр Ҷанг нақшаи мазори кунуниро таҳия намуд ва кору масъулияти сохтмони онро Чаудҳрӣ Фатҳ Муҳаммад ба ӯҳда гирифт. Муҳаммад Сулаймон муҳандиси сохтмон ва Миён Башир Аҳмад назоратгари он буданд. Сангҳои мармару сурх, ки барои сохтмон истифода шудааст, аз ҳукумати Нишин Дуҳулпури Ҳинд оварда шуд. Сангтарошони Деҳлӣ, Агра ва Макрона ҳаккокиро анҷом доданд. Оёти Қуръонӣ ва ашъори дар мақбара кандакоришударо Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн интихоб кард. Хаттотии оёти Қуръониро Ҳофиз Муҳаммад Юсуфи Саидӣ ва ва ашъори Иқболро Муҳаммад Иқбол Ибни Парвин анҷом доданд.

Давлати Афғонистон санги лоҷувардӣ барои лавҳи мазор ва таъвизу сакуи он ҳадя кард. Иборатҳое, ки дар рӯйи санг ҳак шуда буд, дар Афғонистон анҷом гирифтааст.

Ба ҳар ҳол, ин ҳам зикре буд аз маҳалле, ки ҷисми Иқбол дар он ҷо ба хок супурда шудааст. Вале рӯҳи ӯ тибқи маъмул бетобу беқарор аст. Чаро чунин набошад? Ӯ «Зиндарӯд» аст ва ҷӯйи оби ҳаётофаринест, ки ҳамеша ҷорист:

Пас аз ман шеъри ман хонанду дарёбанд, мегӯянд:
Ҷаҳонеро дигаргун кард як марди худогоҳе.

Поён

Феҳристи манобеъ

Фасли аввал

1. Барои акси таҳрир ручӯъ шавад ба «Рӯзгори фақир», ҷилди дуввум, Сайид Ваҳидиддин, саҳ.120.

2. «Анвори Иқбол», аз Башир Аҳмад Дар, саҳ. 51-87.

3. «Таърихи ақвоми Кашмир», ҷилди аввал, саҳ. 43-44. Барои тамоми матни нома ручӯъ шавад ба «Анвори Иқбол», саҳ. 70-77.

4. Асли нома назди Шайх Эъҷоз Аҳмад аст. Барои дидани акс ручӯъ шавад ба «Саҳифа» (маҷаллаи урдузабон), шумораи Иқбол, бахши аввал, декабри 1973.

5. «Мискин», саҳ.133-134.

6. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 113-114.

7. «Таърихи Бадшоҳӣ», чопи 1944, саҳ. 294, 295, 298, 299, 306-309.

8. «Фавқ», саҳ. 320-323.

9. Хат, ба номи роқим (Ҷовид).

10. «Таърихи ақвоми Кашмир», чопи 1943, саҳ. 320-323.

11. Фақир Сайид Ваҳидиддин, саҳ. 115-116.

12. «Кашмир» (англисӣ), ҷилди аввал, саҳ. 296-338, ҷилди дуввум, саҳ. 699-750.

13. Ручӯъ шавад ба шумораи «Иқбол», 27 июни 1938.

Фасли дуввум

1. «Таърихи ақвоми Кашмир», чопи 1943, саҳ. 230-323.

2. «Таърихи Сиёлкут», саҳ. 126.

3. «Зикри Иқбол», саҳ. 10-11.

Фасли севвум

1. Барои акси асл ручӯъ шавад ба «Рӯзгори фақир», чопи дуввум, аз Сайид Ваҳидиддин, саҳ. 232.

2. «Анвори Иқбол», саҳ. 79.

3. «Рӯзгори фақир», чопи дуввум, саҳ. 232.

4. «Анвори Иқбол», саҳ. 10.

5. «Боли Ҷабраил» (англисӣ), саҳ. 229-237.

6. «Гузориш» (англисӣ), аз Шайх Эъҷоз Аҳмад (барои кумитаи марказии Иқбол, дар бораи таърихи таваллуди Иқбол).

7. Барои акси аслӣ ручӯъ шавад ба «Рӯзгори фақир», чопи дуввум, саҳ. 233.

8. Ҳамон ҷо, саҳ. 231.

9. «Иқбол даруни хона», саҳ. 157.

10. «Гузориш» (англисӣ, аз Шайх Эъҷоз Аҳмад).

11. Барои мулоҳизаи акс ручӯъ шавад ба «Рӯзгори фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 119.

12. «Иқбол даруни хона», саҳ. 155.

13. «Нуқуши Иқбол», шумораи 2, декабри 1977, саҳ. 39.

14. «Гузориш» (англисӣ, аз Шайх Эъҷоз Аҳмад).

15. «Мутолеаи таҳқиқии адабиёти классикӣ», чопи «Мактаби адаби ҷадид», Лоҳур, 1965, саҳ. 306-307.

16. «Нақши Иқбол», саҳ. 17.

17. «Нуқуши Иқбол», шумораи 2, декабри 1977, Таърихи таваллуди Иқбол,

18. саҳ. 18.
19. Ҳамон ҷо, саҳ. 30.

Фасли чаҳорум

1. Иқбол худаш дар бораи ин хоб тавзеҳ додааст. Ручӯъ кунед ба «Дар ҳузури Иқбол», асари Сайид Назир Ниёзӣ, ҷилди аввал, саҳ. 59. Ҳамчунин «Зикри Иқбол», асари Абдулмаҷид Солик, саҳ.10 ва «Фикри Иқбол», асари Халифа Абдулҳаким, саҳ. 14-15.

2. Ин истинтоқ мабно бар ин аст, ки Шайх Нур Муҳаммад набераи худ, яъне Шайх Эъҷоз Аҳмадро дар ҳамин синну сол пеши Сайид Мирҳасан барои омӯзиш бурд. Ба назари Сайид Назир Ниёзӣ, Иқбол аввал ба мактаби Умаршоҳ рафт, ки дар масҷиди Мир Ҳисомиддин дарси Қуръон медод ва баъдан аз Мавлоно Ғуломҳасан дарс гирифт.

3. Сайид Мирҳасан то синфи панҷум аз форсӣ, арабӣ, ҳисоб (математика), ҷуғрофӣ ва ғайра дарс медод ва дар синфҳои 8-10 низ дарс мегуфт. Ручӯъ шавад ба «Устод Аллома Сэр Иқбол», аз Шайх Офтоб Аҳмад (дар «Найранги хаёл», шумораи Иқбол, 1933, саҳ. 65.)

4. «Анвори Иқбол», номаи 24 феврали 1916 ба номи Шоҳ Сулаймон Баҳлаворуй, саҳ. 178.

5. «Ҳаёти ҷовид», асари Алтоф Ҳусайн Ҳолӣ, бахши аввал, саҳ. 127, 137-139, 140-144, 152-169.

6. «Рӯзгори фақир», чопи дуввум, саҳ. 127.

7. «Иқбол даруни хона», асари Холид Назир Суфӣ, саҳ. 8-10.

8. Ҳамон ҷо, саҳ. 12-13.

9. «Нуқуш», шумораи худнавишт, 1964, саҳ. 6.

10. «Хумхонаи Ҷовид», ҷилди аввал, саҳ. 47-48.

11. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 13.

12. «Суруди рафта», асари Ғулом Расул Меҳр, саҳ. 143-144.

13. «Ровии садсола», шумораи Иқбол, апрели 1974, саҳ. 80.

14. Дебочаи «Бонги даро», саҳ. «з», «ҳ».

15. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 438.

Фасли панҷум

1. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, декабри 1973; «Иқоматгоҳҳои Иқбол дар Лоҳур», асари Муҳаммад Абдуллоҳ Чиғатоӣ, саҳ. 52; «Зикри Иқбол», саҳ. 17.

2. «Таърихи Донишкадаи давлатии Лоҳур» (солҳои 1864-1914, англисӣ), саҳ. 48.

3. «Мутолеаи Иқбол», асари Гавҳар Навшоҳӣ; мақолаи «Бархе аз аҳволи Иқбол», асари Ғулом Биҳик Найранг, саҳ. 19-20.

4. Ҳамон ҷо, саҳ. 22-24.

5. Ҳамон ҷо, саҳ. 339.

6. Ҳамон ҷо, саҳ. 12, ҳамчунин «Панҷоб газзет», 3 июни 1897, бахши севвум, саҳ. 1099, 3 марти 1898, бахши севвум, саҳ. 370.

7. «Бонги даро», саҳ. «ҳ» (пешгуфтор).

8. «Анвори Иқбол», мақолаи «Ҳолоти Иқбол», аз Муҳаммади Фавқ, саҳ. 80.

9. Ҳамон ҷо, саҳ. 330 ва ҳамчунин ручӯъ шавад ба «Панҷоб газзет», 8 июни 1899, бахши севвум, саҳ. 1085.

10. «Номаҳо ва таҳрироти Иқбол», асари Б. А. Дар (B. A. Dar, англисӣ), саҳ. 36-40.

11. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 96-97.

12. «Иқбол», саҳ. 1-2.

13. «Таърихи ақвоми Кашмир», ҷилди севвум, мақолаи «Муншии Муҳаммаддин Фавқ», аз Муҳаммад Абдулло Қурайшӣ, саҳ. 262-263.

14. «Нуқуш», шумораи 104, мақолаи «Чилсии Лоҳур»* аз Ҳаким Аҳмад Шуҷоъ, саҳ. 31, 39.

15. Тамоми ғазал дар рисолаи Анҷумани мушоираи «Шӯри машҳар» шумораи декабри 1896 чоп шудааст.

16. «Боқиёти Иқбол», аз Ғулом Расул Меҳр, саҳ. 27-33, ашъору қитъаоти Иқбол дар бораи Кашмир.

17. «Бонги даро», саҳ. «т» (пешгуфтор).

18. «Зикри Иқбол», саҳ. 27; «Бонги даро», саҳ. «т» (пешгуфтор); «Таърихи ақвоми Кашмир», ҷилди севвум, саҳ. 262-263.

19. «Ойинаи Иқбол», аз Муҳаммад Абдулло Қурайшӣ, саҳ. 196.

20. «Малфузоти Иқбол», аз Абӯуллайс Садиқӣ, саҳ. 32-34.

21. «Фикри Иқбол», саҳ. 17-18.

22. «Шаҷароти фикри Иқбол», аз Ҷовид Иқбол, тарҷумаи урду Ифтихор Аҳмад Садиқӣ, саҳ. 105.

Фасли шашум

1. Тибқи шароити дарҷшуда дар «Панҷоб газзет», 18 феврали соли 1897, бахши севвум, саҳ. 387, баъд аз ёздаҳ моҳ ҳуқуқаш ҳафтоду се рупия буд.

2. «Таърихи Донишкадаи давлатии Лоҳур» (англисӣ), саҳ. 115, ҳамчунин «Мутолеаи Иқбол», аз Гавҳар Навшоҳӣ, саҳ. 49-51.

3. «Зикри Иқбол», саҳ. 23.

4. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 151-152, мақолаи «Мулоқоте бо Иқбол», аз профессор Ҳамид Аҳмадхон.

5. Мутолеаи Иқбол», саҳ. 51, ҳамчунин «Номаҳо ва навиштаҷоти Иқбол», аз Б.А.Дар (англисӣ).

6. «Мутолеаи Иқбол», саҳ. 54-57.

7. Барои мақолаи мазкур лутфан мурочиат кунед ба «Навиштаҷот ва баёноти Иқбол», аз Латиф Аҳмад Шервонӣ (англисӣ), саҳ. 69-75.

8. «Панҷоб газзет», 24 феврали 1901, бахши аввал, саҳ. 50.

9. «Панҷоб газзет», 9 январ 1903, ҷилди аввал, саҳ. 626.

10. «Панҷоб газзет», 10 декабри 1903, бахши аввал, саҳ. 1347.

11. «Панҷоб газзет», 8 июни 1905, бахши аввал, саҳ. 372, «Панҷоб газзет», 16 августи 1906, бахши аввал, саҳ. 729.

12. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 54.

13. Номаи 11 декабри соли 1907 ба номи Алӣ Бахш, «Иқбол нома», ҷилди дуввум, саҳ. 296.

14. «Зикри Иқбол», саҳ. 22-23.

15. Нома ба номи Сайид Муҳаммад Тақишоҳ, «Иқбол нома», ҷилди дуввум, саҳ. 298-299; нома аз 6 августи 1903 ба номи Ҳабибурраҳмон Шервонӣ, «Иқбол нома», ҷилди аввал, саҳ. 6; «Рӯзгори фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 147-150. Барои шеъри «Барги гул» руҷӯъ кунед ба «Боқиёти Иқбол», аз Ғулом Расул Меҳр, саҳ. 170.

16. «Зикри Иқбол», саҳ. 30.

17. «Суруди рафта», аз Ғулом Расул Меҳр, саҳ. 232.

18. «Фикри Иқбол», саҳ. 46.

19. «Таронаи ҳиндӣ», «Нағма барои бачаҳои ҳиндӣ», «Шаволаи нав» дар ҳамин даврон навишта шуд, вале «Свами Рам Тиртҳа» дар даврони иқомат дар Аврупо ба риштаи таҳрир даромад, «Рам» баъди соли 1908 навишта шуд. Свами Рам Тиртҳа дӯсти наздики Иқбол буд.

20. «Бонги даро», саҳ. 50-52.

21. Ҳамон ҷо, саҳ. 28-39.

---

* Чилсии Лоҳур - киноя аз маҳаллаи Иқбол аст.

22. «Ойинаи Иқбол», аз Муҳаммад Абдулло Қурайшӣ. Мақолаи «Иқбол ва анҷумани мусалмонони кашмирӣ», саҳ. 196, 198-200, 210.
23. «Иқбол ва анҷумани ҳимояти ислом», аз Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид, саҳ. 49.
24. Ҳамон ҷо, саҳ. 69, 71.
25. «Таърихи мухтасари анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 25.
26. «Мутолеаи Иқбол», саҳ. 479-483.
27. Ҳамон ҷо, саҳ. 483-488.
28. Матлаи шеър ин аст:

Монанди акси май даври ҷом мегардад,
Ин ҳамон намози мост, субҳу шом мехонем.

«Бонги даро», саҳ. 139.

Фасли ҳафтум

1. «Иқбол нома», аз Шайх Атоуллоҳ, ҷилди дуввум, саҳ. 228-229.
2. Дар Донишгоҳи Кембриҷ баъзан муҳаққиқи бурсия дар синфҳои дарси он ришта ширкат менамояд. Пас аз он метавонад имтиҳони солонаи «трай пас»-ро гузарад. Бад-ин тариқ, баъд аз муваффақият, метавонад устодони худро аз салоҳияти худ мутмаин созад. Имкон дорад, Иқбол барои мутолеаи фалсафаи Аврупо дар дарсҳои он ширкат карда, ё баъдтар аз ин фан имтиҳон дода бошад ва ё тибқи қоидаҳои Донишгоҳи Мюнхен, барои итминони устодонаш дар фалсафа, арабӣ ё форсӣ имтиҳони «трай пас» дода бошад. Иқбол дар Кембриҷ аз дарсҳои иқтисодиёт низ истифода мекард.
3. «Суханрониҳо ва баёноти Иқбол», аз А. Р. Торуқ (англисӣ), саҳ. 142.
4. «Пораҳои ҷавоҳири Иқбол», аз Хоҷа Абдулҳамид, саҳ. 11-12.
5. Ҳамон ҷо, саҳ. 10.
6. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 353-354.
7. «Назри Иқбол», саҳ. 7-8, 89.
8. «Осори Иқбол», аз Ғулом Дастгир Рашид, мақолаи «Ламҳоте чанд дар ҳузури Аллома Иқбол», аз доктор Ошиқ Ҳусайн Батолуй, саҳ. 39-41.
9. «Назри Иқбол», саҳ. 89.
10. «Иқбол аз Атия Бегим» (Ёддоштҳои Атия Бегим), тарҷумаи Зиёуддин Аҳмад, саҳ. 98-99.
11. Ҳамон ҷо, саҳ. 99-100.
12. «Назри Иқбол», саҳ. 89.
13. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 103.
14. Ҳамон ҷо, саҳ. 106-121.
15. «Шод Иқбол», аз доктор Муҳиддин Зӯр, саҳ. 45.
16. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 89.
17. «Шоири Машриқ», англисӣ, саҳ. 17-18.
18. «Осори Иқбол», саҳ. 36.
19. «Назри Иқбол», саҳ. 8.
20. Ҳамон ҷо, саҳ. 9.
21. Аз «Паёми Машриқ» ва мутолеаи баъзе ашъори вай дар кутуби дигар маълум мешавад, ки ӯ бо адабиёти Фаронса ҳам ошноӣ доштааст.
22. «Асари Эрону Ҳинд дар шоирии Олмон», аз Ф. Ҷ. Реми (F. J. Remy) (англисӣ), Тарҷумаи Риёзулҳасан, саҳ. 35, 41, 46, 49-51, 53, 60-61.
23. «Фикри Иқбол», саҳ.75.
24. «Бонги даро», саҳ. 149-150.
25. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 109.
26. Ҳамон ҷо, саҳ. 426.
27. «Сафинаи ҳаёт», аз Муншӣ Ғулом Қодир Фаррух, саҳ. 22-23.

Фасли ҳаштум

1. «Саҳифа», шумораи Иқбол, саҳ. 55. ҳамчунин «Ривоёти Иқбол». Гирдоваранда Абдулло Чиғатоӣ, саҳ. 76-77, 104-105; «Малфузоти Иқбол», саҳ. 84; «Зикри Иқбол», 63-64.

2. «Номаҳо ва таҳрироти Иқбол» (англисӣ), саҳ.42.

3. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 36.

4. «Номаҳо ва таҳрироти Иқбол», саҳ. 43-48.

5. «Панҷоб газзет», 5 ноябри 1909, бахши аввал, саҳ. 809.

6. «Баёноти Миён Аслам ва Мавлавӣ Муҳаммад Алӣ Қусурӣ», «Ҷоми нав» (шумораи Аслам), апрел-майи 1971, ҷилди 21, рақами 1-2, саҳ. 86.

7. Рисолаи Анҷумани исломии Панҷоб, январ- июни 1909, саҳ. 15; «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 195-196.

8. «Ойинаи Иқбол», саҳ. 200-206.

9. Ҳамон ҷо, саҳ. 234-235.

10. «Мактубҳои Иқбол ба номи Гиромӣ», гирдоваранда Абдулло Қурайшӣ, саҳ. 220; «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 72-76.

11. «Махзан», июни 1910. Нӯҳ байти аввали ин қасида таҳти унвони «Намуди субҳ» дар «Бонги даро» оварда шудааст.

12. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 53, 62-63.

13. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 85-86.

14. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 82.

15. «Азамати рафта», аз Зиёуддин Аҳмад, саҳ. 271.

16. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 21, 28.

17. «Панҷоб газзет», 4 марти 1910, саҳ. 24-25.

18. «Ҷаласаи иҷроии кумитаи китобҳои дарсии Панҷоб», парвандаи шумораи 12/37, 1924, даврaҳои дарсии урду.

19. «Анвори Иқбол», саҳ. 25.

20. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 96.

21. Ҳамон ҷо, саҳ. 34.

22. «Рӯзгори фақир», ҷилди аввал, саҳ. 123.

23. «Куллиёти Иқбол». Гирдоваранда Муҳаммад Абдурразоқ. Ҳайдарободи Дакан, 1922, саҳ. 50-58. Ин китоб пеш аз нашри «Бонги даро» бидуни иҷозаи Иқбол мунташир гардид. Ношир маҷбур шуд ба маблағи ҳазор рупия ба унвони ҳаққи қалам диҳад ва фурӯши китоб бо минтақаи Ҳайдарободи Дакан маҳдуд гардид. Як нусха аз ин китоб дар музейи Аллома Иқбол маҳфуз аст.

24. «Гуфтори Иқбол». Гирдоваранда Муҳаммад Рафиқ Афзал, саҳ. 2-3.

25. Ҳамон ҷо, саҳ. 3-4.

26. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 35.

27. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 39.

28. Ҳамон ҷо, саҳ. 46-51.

Фасли нӯҳум

1. «Донои роз», саҳ. 96.

2. Ҳамон ҷо, саҳ. 96.

3. Ҳамон ҷо, саҳ. 94.

4. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 73-74.

5. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 36-38.

6. Офтоб Иқбол дар синни 81-солагӣ дар Лондон фавт кард. Ҷанозаи ӯ ба Карочӣ оварда шуд ва дар ҳамон ҷо дафн гардид.

7. «Донои роз», саҳ. 96-97.

8. «Иқбол аз Атия Бегим», саҳ. 85-88.

9. Ҳамон ҷо, саҳ. 42.

10. Ҳамон ҷо, саҳ. 56.

11. Нависанда (Ҷовид) дар даврони кӯдакӣ аз лавозими Иқбол «айни моникл» (айнаке, ки бар як чашм мегузоранд)-ро дидааст. Вале баъдан бо вуҷуди ҷустуҷӯи зиёд онро пайдо накард.

12. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 128-129; «Зикри Иқбол», саҳ. 72.

13. Ҳамон ҷо, саҳ. 122-123; ҳамон ҷо, саҳ. 67-68.

14. Ҳамон ҷо, саҳ. 74-75.

15. Ҳамон ҷо, саҳ. 123-124.

16. «Зикри Иқбол», саҳ. 68-69.

17. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 125-126.

18. Ҳамон ҷо, саҳ. 126.

19. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 109.

20. Ҳамон ҷо, саҳ. 89.

21. «Зикри Иқбол», саҳ. 83-84.

22. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 101.

23. Ҳамон ҷо, саҳ. 109-110.

24. «Сафарномаи Шамим», саҳ. 179-180.

25. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 122.

26. «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 95-97.

27. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 10-12.

28. «Зикри Иқбол», саҳ. 130.

29. Номае ба ҳамин наҳв, ки дар «Мактубҳои Иқбол» мавҷуд буд, ҳам акнун ин нома назди нависанда (Ҷовид) мебошад.

30. «Анвори Иқбол», саҳ. 170; «Зикри Иқбол», саҳ. 217.

31. «Ёди Иқбол», аз Собир Калуруй, саҳ. 57.

32. Асли ин мақола таҳти унвони «Ҷомеаи муслимин. Як мутолеаи иҷтимоӣ» дар музейи Иқбол мавҷуд аст. Дар ҳошияи саҳифаи аввал Иқбол тавзеҳоте ба англисӣ низ навиштааст. Ӯ қайд кардааст, ки ин мақола дар соли 1911 дар Алигарҳ хонда шудааст, вале дар асл он декабри 1910 хонда шуда буд.

33. «Муосирин дар назари Иқбол», аз Абдулло Қурайшӣ, саҳ. 231-242.

34. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 5-6.

35. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 134-135.

36. «Шод Иқбол», гирдоваранда Сайид Муҳиддин Қодирӣ, саҳ. 6.

37. «Ойинаи Иқбол», гирдоваранда Абдулло Қурайшӣ, саҳ. 234. Иқбол ба иллати беморӣ рӯза гирифта наметавонист. Як бор се рӯз рӯза гирифта ба дарди дил гирифтор шуд. Дафъаи дигар ба сабаби гармои шадид фақат ёздаҳ рӯз рӯза гирифт. Муроҷиа шавад ба «Мактуботи Иқбол ба Муҳаммад Муҳиддинхон», саҳ. 4, 24.

38. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 136.

39. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 158-159.

40. Моҳномаи «Оташфишон» дар шумораи мавдудӣ, соли 1980 нусхаи ин мақоларо мунташир кардааст (саҳ. 62).

41. Барои назми «Дину дунё» ручӯъ шавад ба «Суруди рафта», саҳ. 38-42.

42. «Пораҳои ҷавоҳири Иқбол», аз Абдулҳамид, саҳ. 21-24.

43. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 118-119.

44. «Ойинаи Иқбол», саҳ. 241.

45. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 299.

46. «Пораҳои ҷавоҳири Иқбол», аз Абдулҳамид, саҳ. 51.

47. Дар асл ин хонум дар Кашмир ба як хонаводаи ҳинду тааллуқ дошт. Баъд ба Лоҳур оварда шуд ва дар бозори фасод ба фурӯш рафт. Вай то охирин лаҳзаи ҳаёт фармонбардори ҳамсари худ буд ва дар Сиёлкут фавт кард.

48. «Иқбол даруни хона», аз Холид Назир Суфӣ, саҳ. 123-130. Шайх Эъҷоз Аҳмад, ки дар сафари Кимбалпур ҳамроҳи Иқбол буд, ин ривоятро ба Фақир Сайид Ваҳидиддин гуфтааст, ки ӯ дар китоби хеш – «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 159-160 овардааст. Вале ҷараёни ширкат дар меҳмониро ба нависанда (Ҷовид) шифоҳан гуфтааст. Шайх Эъҷоз Аҳмад ба нависанда (Ҷовид) менависад: «Аз соли 1908 то 1938 борҳо иттифоқ афтод, ки ба манзили эшон рафтам ва чандин бор дар он ҷо иқомат намудам. Вале Иқболро ҳеҷ гоҳ машрубхӯрда ё дар ҳоли машрубхӯрӣ надидам ва дар манзил асаре аз машрубхӯрӣ ва ё васоили онро ҳам мушоҳида накардам. Агар вай эътимод ба майгусорӣ медошт, наметавонист ин амрро аз ман пинҳон кунад. Бино ба мушоҳидоти шахсии худам, мутмаинан мегӯям, ки қиссаи майгусории Иқбол як дурӯғи маҳз аст».

49. «Иқбол Ревю», январи 1969, саҳ. 47.

50. «Зикри Иқбол», саҳ. 71.

51. Ҳамон ҷо, саҳ. 70.

52. «Донои роз», саҳ. 95.

53. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 115-116.

54. «Марҳалае эҳсосӣ аз ҳаёти Иқбол», саҳ. 115, 137-156.

55. «Ҳаёти Иқбол» (англисӣ), саҳ. 77-78.

56. «Иқбол даруни хона», саҳ. 138-142.

57. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 113-114.

58. «Зикри Иқбол», саҳ. 70-71.

59. Мақолаи «Асмоъ-ур-риҷоли Иқбол», табъи «Крисент» – маҷаллаи Коллеҷи исломия, феврал-апрели 1951.

60. «Суруди рафта», саҳ. 43-44.

Фасли даҳум

1. «Фикри Иқбол», саҳ. 97.

2. «Махзан», октябри соли 1904. Ин мақоларо метавон дар нашрияи «Ориентал коллеҷ», шумораи ҷашни Иқбол аз доктор Ибодат Барилӯй низ мушоҳида кард (саҳ. 19-39).

3. Шояд Иқбол бинобар таҷрибаи шахсияш навишт.

4. «Ҳиндустон ревю», Оллоҳобод, январи соли 1909, саҳ. 29-38 ва августи 1909, саҳ. 166-171. Ҳамчунин мулоҳиза намоед «Аз навиштаҳою баёноти Иқбол», аз Латиф Аҳмади Шервонӣ (англисӣ), саҳ. 75-03.

5. Ин китобча-ёддошт англисӣ мунташир шудааст ва тарҷумаи урдуи онро доктор Ифтихор Аҳмад Садиқӣ ба номи «Шаҷорати фикри Иқбол» мунташир намудааст.

6. Ин мақола, ки бахше аз он шомили гузориши саршумории Ҳиндустон (англисӣ) мебошад, соли 1911 (Лоҳур, ҷилди 14), ва соли 1912 милодӣ (Панҷоб бахши аввал, саҳ. 162-164) мунташир шудааст. Муроҷиа шавад ба «Суханрониҳою навиштаҳо ва гуфтаҳои Иқбол», гирдоваранда Латиф Аҳмади Шервонӣ (англисӣ), саҳ. 103-107. Мавлоно Зафаралихон қисмати зиёде аз ин мақоларо ба забони озоди урду тарҷума намуд. Ин мақола агарчи мунташир шудааст, вале акнун нусухи он камёб мебошад. Имкони ин вуҷуд дорад, ки асли мақола ба таври комил мунташир нашуда бошад. Бинобар гуфтаи доктор С.Э.Раҳмон, Мавлоно Зафаралихон мақолаи дигареро тарҷума намудааст. Ва ё ба назари доктор Абдусалом Хуршед, ки мӯътақид аст, мақолае, ки Мавлоно Зафаралихон ба урду тарҷума намуда, асли англисии он мавҷуд нест. Ба қавли нависанда (Ҷовид), ҳарду назар дуруст нест. Муроҷиа шавад ба «Саргузашти Иқбол», доктор Абдусалом Хуршед, саҳ. 99-107 (асли ин мақола дар музейи Аллома Иқбол мавҷуд аст).

7. Мулоҳиза фармоед «Навиштаҳо ва баёноти Иқбол», гирдоваранда Латиф Аҳмади Шервонӣ (англисӣ), саҳ. 107-121.

8. Ин ситораи дунболадор байни солҳои 1985 то 1987 зоҳир хоҳад шуд.

9. Муроҷиа шавад ба «Заминдор», 12 декабри 1924.

10. Барои матни англисии он муроҷиа шавад ба «Мактуботи Иқбол», гирдоваранда Башир Аҳмаддор (англисӣ), саҳифаи 151-156. Аммо қисмати бахши охири он мавҷуд нест. Тарҷумаи урду, ки аз Суҳайл нақл шудааст, комил мебошад, аммо таърих надорад. Муроҷиа шавад: «Иқбол нома», гирдоваранда Шайх Атоуллоҳ, бахши дуввум саҳ. 212-225. Тарҳе, ки Иқбол таҳия кард, ба гуфтаи Иқбол дар Донишгоҳи Алигарҳ пайдо нашуд. Муроҷиа шавад ба «Номаи Иқбол ба номи Фазли Карим» (англисӣ), ки чанд моҳ қабл аз вафоташ навишта шудааст; «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 335. Иқбол қасд дошт дини исломро бо афкори ҷадид татбиқ диҳад. Дар назди вай поя ва асоси дини ислом ахзшуда аз фалсафаи Юнон буд. Бад-ин ҷиҳат дар асри ҳозир тору пуди он аз ҳам гусехта ва акнун ниёз ба созмондеҳӣ дошт. Ба ақидаи вай, Аврупо, ки ақлу ирфонро ҳамоҳанг намуда буд, барои омӯзиш ба мусалмонон буд. Вале Аврупо барои ҳамоҳангии дини худ бо фалсафаи ҷадид хеле аз мусалмонон пештар рафт. Пас, ислом, ки аз масеҳият хеле содатару дини ақлонитар аст, дар ин замина далеле надорад. Назарияи Иқбол тасмим дошт, ки идораи диниёт, илоҳиёт ва маорифи исломиро тарҳи нав андозад («Иқбол нома», гирдоваранда Шайх Атоуллоҳ, бахши дуввум, саҳ. 281).

11. «Ню-эра» (асри ҷадид), Лакҳнав, 28 январи 1917, саҳ. 251; «Суханрониҳо ва навиштаҳову гуфтаҳои Иқбол», гирдоваранда Латиф Аҳмад Шервонӣ (англисӣ), саҳ.124-125.

Фасли ёздаҳум

1. «Ояндаи дурахшони мусалмонон», аз Латиф Аҳмад, саҳ. 374-386.

2. Садҳо мазори мусалмонони ҳиндустонӣ ҳамакнун дар нуқоти мухталифи Туркия мавҷуд аст.

3. «Иқбол аз Атия Бегим» (англисӣ), саҳ. 73

4. «Анвори Иқбол», саҳ. 156.

5. «Гузориши анҷумани адабии Лондон», 6 ноябри 1931; «Ба истиноди инқилоб», 21 ноябри 1931; «Гуфтори Иқбол», саҳ. 249-351.

6. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 23.

7. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 168-169.

8. Мақолае аз Абдулмаҷиди Солик «Қабл аз интишори «Асрори худӣ», ҳафтагии «Қандил», 21 апрели 1950; «Зикри Иқбол», саҳ. 84-85. «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 85-86.

9. «Мактуботи Иқбол ба номи Гиромӣ», саҳ. 98, 99, 105-106.

10. Дар ин ҷаласа Абдулмаҷиди Солик ҳозир будааст. «Зикри Иқбол», саҳ. 84-85.

11. Баёни Ғулом Расули Меҳр. «Мактуботи Иқбол ба номи Гиромӣ», саҳ. 6-7, 35.

12. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ 367.

13. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 136.

14. «Зикри Иқбол», саҳ. 85-86.

15. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 131-132.

16. «Куллиёти Акбар», ҷилди дуввум ва севвум, ки тавассути «Базми Акбар» дар Карочӣ мунташир шудааст (саҳ. 421).

17. Ин манзума назди Шайх Эъҷоз Аҳмад мавҷуд аст. «Рӯзгори Фақир», саҳ. 137.

18. «Рӯзгори Фақир», саҳ. 162-164.

19. «Мақолоти Иқбол», гирдоваранда Абдулвоҳиди Муинӣ, саҳ. 193.

20. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 53.

21. «Хутути Иқбол», гирдоваранда Рафеиддин Ҳошимӣ, саҳ. 208-210.

22. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 67-68.

23. «Ояндаи дурахшони мусалмонон», саҳ. 388.

24. «Ҳинд дар соли 1926-1927 милодӣ». Гузориш барои маҷлиси аз Ҷ. Коатман (J. Coatman, англисӣ), саҳ. 2, 15-16.
25. «Зикри Иқбол», саҳ. 102.
26. Таърихи миллии наҳзати Ҳинд», аз В. Луват (англисӣ), саҳ. 147-150.
27. «Шод Иқбол», саҳ. 3.
28. Ҳамон ҷо, саҳ. 33.
29. Ҳамон ҷо, саҳ. 42-43.
30. Ҳамон ҷо, саҳ. 46.
31. Ҳамон ҷо, саҳ. 61-68.
32. «Зикри Иқбол», саҳ. 87. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 106.
33. «Мактуботи Иқбол ба номи Гиромӣ», саҳ. 124-125.
34. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 75.
35. «Мақолоти Иқбол», саҳ. 191-192.
36. «Назри Иқбол», саҳ. 18.
37. «Мактуботи Иқбол ба номи Ниёзиддинхон», саҳ. 9.
38. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 63-67.
39. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 71.
40. Ҳамон ҷо, саҳ. 73-74.
41. «Зикри Иқбол» саҳ. 90-91.
42. «Фалсафаи Аҷам», саҳ. 9.
43. Ҳамон ҷо, саҳ. 155-157.
44. Ҳамон ҷо, саҳ. 146-149.
45. «Зикри Иқбол», саҳ. 46.
46. «Ба нақл аз суфӣ», марти 1926. Ҳамчунин руҷӯъ шавад ба «Ҳалқаҳои камшудаи ҳаёти Иқбол», аз Абдуллоҳи Қурайшӣ. Маҷаллаи Иқбол», «Базми Иқбол», октябри 1953, саҳ. 64.
47. «Матолиби «Асрору румуз», саҳ. 5.
48. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 53.
49. «Шод Иқбол», саҳ. 102.
50. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 181-182.
51. «Иқбол нома», саҳ. 46-47.
52. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 15-17.
53. Ҳамон ҷо, саҳ. 18.
54. «Армуғони Дакан» аз Баҳодурёри Ҷанг, Академияи Карочӣ, саҳ. 40. Гуфтаи Аҳмад Муҳиддини Ризавӣ дар таълифи ӯ ба номи «Нақши Иқбол» комилан мавриди таъйиди ман аст. Муроҷиат шавад ба саҳ. 273.
55. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 206-207.
56. «Иқбол ва Ҳайдаробод», аз Назари Ҳайдарободӣ, саҳ. 19-20.
57. «Фазл Ҳусайн» (англисӣ), саҳ 319.
58. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 204 то 205.
59. «Иқбол ва Ҳайдаробод», саҳ. 20.
60. «Низом Газзет», 4 майи 1929, рӯзи панҷшанбе. «Иқбол ва базми Иқбол», Ҳайдаробод, Дакан, аз Абдулрауфи Уруҷ, саҳ. 39.

Фасли дувоздаҳум

1. «Иқбол», шумораи октябри 1953 ва шумораи апрели 1954.
2. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 387.
3. «Қабл аз интишори «Асрори худӣ», мақолае аз Абдулмаҷили Солик, ки дар ҳафтагии «Қандил», 21 апрели 1950 мунташир шуд.
4. Ашъори интисобӣ ба унвони «Пешкаш», муроҷиа шавад ба «Суруди рафта», саҳ. 67-69.

5. Дебочаи «Асрори худӣ», чопи аввал, мақолаи «Иқбол» аз Абдулвоҳиди Муинӣ, саҳ. 153-159.
6. Барои матни комил муроҷиа шавад ба «Суруди рафта», саҳ. 70-72.
7. «Матолиби «Асрор ва румуз», саҳ. 20-26.
8. Равиши номанигорӣ, гирдоваранда Хоҷа Ҳасани Низомӣ, саҳ. 41.
9. Муроҷиа шавад ба «Номаҳои Сэр Муҳаммад Иқбол». – Тарроҳи аввали дебочаи «Покистон» ба номи Хоҷа Ҳасани Низомии Деҳлавӣ, гирдоваранда Хоҷа Ҳасани Низомӣ.
10. Моҳномаи «Мунодии Деҳлавӣ», июни 1950.
11. Барои таъйиди ин хоб ба ашъори ибтидоии маснавӣ ва номае, ки Иқбол ба Маҳараҷа Кишан Прасад, ба таърихи 14 апрели 1916 навишт, муроҷиа шавад. Дар маснавӣ тартиби ин ашъор фарқ мекунад.
12. «Мақолоти Иқбол», саҳ. 160-170.
13. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 1 .
14. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 49-50.
15. Ҳамон ҷо, саҳ. 52.
16. «Мақолоти Иқбол», саҳ. 171-181.
17. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 2-4.
18. «Иқбол», бахши аввал, саҳ 165-166.
19. Ҳамон ҷо, саҳ. 170.
20. Ҳамон ҷо, саҳ 172.
21. «Анвори Иқбол», саҳ. 267-277.
22. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 4.
23. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 34-36.
24. Ҳамон ҷо, саҳ. 41-45.
25. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 6.
26. «Мақолоти Иқбол», саҳ. 182-186.
27. «Хутбаҳои Иқбол», аз Шоҳид Ҳусайн Раззоқӣ (англисӣ), саҳ. 189-196.
28. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 53-57.
29. Ҳамон ҷо, саҳ. 57-62
30. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 53-55.
31. «Иқбол аз назари муосиринаш», аз Абдуллоҳи Қурайшӣ, саҳ. 425-427.
32. «Анвори Иқбол», саҳ. 172-176.
33. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ 110-111.
34. Ҳамон ҷо, саҳ. 84-88, 97. Барои иттилои бештар муроҷиа шавад ба «Матолиби «Асрор ва румуз», саҳ. 30-32.
35. «Хутбаҳои Иқбол», саҳ. 183-188.
36. «Рӯзгори Фақир», ҷилди 2, саҳ. 168.
37. «Хутбаҳои Иқбол», саҳ. 189-196.
38. «Иқбол дар назари Чаудхрӣ Муҳаммад Ҳусайн», аз Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид, саҳ. 87-93.
39. «Рӯзгори Фақир», ҷилди 2, саҳ. 168.

Фасли сенздаҳум

1. «Хилофат», аз Абулкалом Озод, саҳ. 203-207.
2. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 255.
3. «Иқбол даруни хона», саҳ. 55-56.
4. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 238.
5. «Ояндаи дурахшони мусалмонон», аз Тафил Аҳмад, саҳ. 508-510.
6. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши аввал, саҳ. 140.
7. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 24.
8. «Зикри Иқбол», саҳ. 105-106.

9. «Анвори Иқбол», саҳ. 42-44.
10. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 27.
11. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 180.
12. «Натсионализм ва империализм» (англисӣ), саҳ. 29, 160.
13. «Баргузидае аз суханрониҳо ва навиштаҳои Мавлоно Муҳаммад Алӣ», гирдоваранда Афзал Иқбол (англисӣ), саҳ. 389.
14. «Ояндаи дурахшони мусалмонон», аз Тафил Аҳмад, саҳ.515, 529.
15. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 159.
16. «Ҳинд дар 1920 милодӣ» (англисӣ), саҳ. 52-53.
17. Муроҷиа шавад ба «Маҷаллаи ҷомеаи миллии Деҳлӣ», шумораи Иқбол.
18. «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 98-103.
19. «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 36.
20. «Мазомини Муҳаммад Алӣ», гирдоваранда Ғулом Сурур, бахши дуввум, саҳ. 425-426.
21. Ин воқеаро Алӣ Бахш ба нависанда гуфтааст. Баъдҳо низ нависанда рӯйдодҳое мушобеҳи он мушоҳида кардааст, ки дар ҷойи муносиб ба зикри он хоҳад пардохт. Ба назари Шайх Эъҷоз Аҳмад, ин кашфи Иқбол дар соли 1910 иттифоқ афтодааст. Вай мегӯяд: «Дар манзили Аноркулӣ Иқбол шабе баъд аз навиштани абёте чанд аз табақаи болоӣ ба табақаи поён рафт. Мавқеи баргаштан ба табақаи боло марди баландқади ришсафед бо сурати рӯҳонӣ ба назараш расидааст. Он марди бузург ба вай гуфтааст, ки панҷсад мардро ҳозир кунед ва баъд аз он ғайб задааст. Чанд вақт баъд, вақте Иқбол барои таътилоти тобистон ба Сиёлкут рафт, ин воқеаро ба падараш нақл кард. Миёнҷӣ ба эшон гуфт: «Ман фикр мекунам ба Шумо илҳом шудааст, ки мусалмононро ба маънои воқеӣ зинда кунед ва барои онҳо китобе бо панҷсад байт шеър нависед». Ба эътиқоди Шайх Эъҷоз Аҳмад барои таҳаққуқ бахшидани ин илҳом, Иқбол китоби маснавии «Асрори худӣ»-ро навиштааст. Лекин ба назари нависанда (Ҷовид) сабаби тахлиқи «Асрори худӣ» хобест, ки Иқбол аз Мавлоно Румӣ дидааст. Мавлоно вайро ташвиқ ба ин кор намудааст. Фақир Сайид Ваҳидиддин дар «Рӯзгори Фақир», бахши аввал, саҳифаҳои 115-117 менависад: «Ин китоб бояд масанвии «Пас чӣ бояд кард, эй ақвоми Шарқ?» бошад, зеро ки теъдоди абёти он 531 байт мебошад. Ва шеър чунин шурӯъ мешавад:

Сипоҳи тоза барангезам аз вилояти ишқ,
Ки дар Ҳарам хатаре аз бағовати хирад аст».

Илова бар ин, Шайх Эъҷоз Аҳмад ба нақл аз як хонуми нависанда бо номи Каҳкашон Малик овардааст, ки «Тулӯи ислом» назмест, ки дар таъбири он илҳом навишта шудааст. Хонуми нависанда мӯътақид аст, ки Иқбол худаш дар шеъри тӯлонии «Тулӯи ислом» ба ин матлаб ишора кардааст, ҳарчанд ки дар таъйиди назароташ далели катбӣ дар даст нест.
22. «Зикри Иқбол», саҳ. 110.
23. Номае ба таърихи 5 сентябри 1924. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 140.
24. «Номанигориш», 18 марти 1928.

Фасли чаҳордаҳум

1. «Номанигориш», 24 январи 1923; «Шод Иқбол», саҳ. 135.
2. «Рӯзгори Фақир», ҷилди аввал, саҳ. 41-44; «Зикри Иқбол», саҳ. 118-120.
3. Маҷаллаи «Чтон», шумораи Иқбол, 25 апрели 1949, саҳ. 15. Барои мушоҳидаи хитоби «Сэр» ба Иқбол ва тафсирҳое, ки рӯзномаҳои ҳинду ва мусалмон навиштаанд ва ё ашъори танзӣ, ки чоп кардаанд, ба «Иқбол», бахши дуввум, мақолаи «Иқбол Сэр шуд» аз Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид, саҳ. 138-151 муроҷиа шавад. Дар ин мақола танзи Мавлоно Зафаралихон низ дарҷ шудааст.
4. «Номанигориш», 4 январи 1923; «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 206.

5. Маҷаллаи «Бандӣ Матарм», 20 январи 1929, саҳ. 7 ва 31 январи 1923, саҳ. 3.
6. «Китоб-ул-Ҳинд», тарҷумаи англисӣ аз И.Сачов, ҷилди аввал, саҳ. 17-179.
7. Ҳамон ҷо, саҳ. 19.
8. «Таърихи даъват ва азимат», бахши чаҳорум, саҳ. 17-19.
9. «Мунтахаб-ут-таворих», тарҷумаи англисӣ аз Дилю, ҷилди дуввум, саҳ. 375.
10. Муроҷиа шавад ба мақолаи «Видонт – созмони низомии Синосюн» (англисӣ), аз Ҷ. Н. Фаргуҳаур, маҷаллаи анҷумани салтанатии Осиё (J. N. Fargohaur-Journal of Royal Asiatic Society), 1925 милодӣ, саҳ. 483-485.
11. «Аврангзеби Оламгир дар як назар», аз Мавлоно Шиблӣ, саҳ. 59-69.
12. «Таърихи наҳзати милии Ҳинд», аз В. Лувет (англисӣ), саҳ. 144-150, 180.
13. «Шод Иқбол», саҳ. 139.
14. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 165-166.
15. «Ҳинд дар 1924-1925 милодӣ», аз Раш Брук Виллямс (англисӣ), саҳ. 301, 320-322.
16. «Ҳинд дар 1924-1925 милодӣ», саҳ. 29, 66; «Ҳинд дар 1926-1927 милодӣ», саҳ. 1-2; «Ҳинд дар 1927-1928 милодӣ», саҳ. 6-16; «Ҳинд дар 1928-1929 милодӣ», саҳ. 2-4 ва 24; «Ҳинд дар 1929-1930 милодӣ», саҳ. 9; «Ҳинд дар 1930-1931 милодӣ», саҳ. 91, 103; «Ҳинд дар 1931-1932 милодӣ», саҳ. 14, 30-32.
17. «Заминдор», 6 апрели 1926; ҳамчунин «Гуфтори Иқбол», саҳ. 13-14.
18. «Даргирии мусалмон ва ҳинду дар Ҳиндустон» (англисӣ), гузориш барои парлумон, аз Р. М. Агровел, саҳ. 17, 23, 26, 33.
19. Ҳамон ҷо, саҳ. 14-17; «Ҳинд дар 1927-1928 милодӣ», саҳ. 10-11.
20. «Гузориши Ҳинд» (англисӣ), саҳ. 177-178.
21. «Миллигарой ва ислоҳ дар Ҳиндустон» аз Эсмейт (англисӣ), саҳ. 346.
22. «Суханрониҳо ва навиштаҳои Мавлоно Муҳаммад Алӣ», саҳ. 66-68.
23. «Зикри Иқбол», саҳ. 110-111.
24. «Хати нигориш», 10 октябри 1919; «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 107-108.
25. Барои огоҳии бештар муроҷиа шавад ба «Иқбол аз назари Чаудҳрӣ Муҳаммад Ҳусайн», гирдоваранда Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид, саҳ. 125-144.
26. Дебочаи «Паёми Машриқ».
27. Ҳамон ҷо.
28. «Хутути Иқбол», саҳ 153-154.
29. Ҳамон ҷо, саҳ. 155-157.
30. «Хати нигориш», 30 июли 1923; «Мактуботи Иқбол ба номи Муҳаммад Ниёзиддинхон», саҳ. 36.
31. «Додгоҳи иёлатии Лоҳур ва қонуни вукалои маъруфаш», аз Р. С. Садҳва (англисӣ), саҳ. 208. Барои огоҳии бештар руҷӯъ шавад ба «Шод Иқбол», саҳ. 154.
32. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 127; «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 178-179.
33. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 101.
34. Дар чопи соли 1926-и ин китоб вакили додгустарӣ – Мавлавӣ Аҳмаддин дар бораи аҳвол, ҳадафи шоирӣ, нашъунамои афкор, мазовими калом ва тарзи баёни Иқбол баҳс намудааст.
35. «Бархурди миллигарой дар Ҳиндустон», аз М. Р. Тай (англисӣ), саҳ. 4-5.
36. «Ҳинд дар 1925-1926 милодӣ», саҳ. 6-7.
37. «Баъзе аз масоили муҳимми Ҳиндустон», аз Сэр Муҳаммад Шафеъ (англисӣ), саҳ. 6-7.
38. «Ҳинд дар 1924-1925 милодӣ», саҳ. 328-329; «Гузориши солонаи Ҳинд», ҷилди дуввум, гирдоваранда Ч. Н. Метро (англисӣ), саҳ. 472-462.
39. «Зикри Иқбол», саҳ. 131.
40. «Таърихи даъват ва азимат», бахши чаҳорум, саҳ. 148-149.

41. Дар соли 1934 милодӣ, вақте ки нависанда (Ҷовид) тақрибан даҳсола буд, ба ҳамроҳи Иқбол ду бор ба Сарҳиндии шариф* рафт. Нависанда дар ҳоле, ки ангушти Иқболро дар даст дошт, ба мазор ворид шуд. Иқбол дар пойи мақбара нишаст ва нависандаро паҳлуйи худ нишонд. Баъд як ҷузв аз Қуръони Маҷид хост, то муддати мадиде бо лаҳни хуше онро хонад. Нависанда дид, ки ашк аз чашмони Иқбол бар рухсораш ҷорӣ шуд.

42. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 190-193.

43. Шайх Эъҷоз Аҳмад баён мекунад, ки дар «Суруди рафта», (саҳ. 219) ин қитъа бо чанд иштибоҳ дарҷ гардидааст. Аввал он ки таърихи вафот иштибоҳ зикр шудааст. Сониян, вафот ба соли ҳичрӣ иштибоҳан таҳрир шуда, илова бар он дар мисраи охир бар асари ғалати чопӣ, соли ҳичрии фавти вайро соли бемор шудани ӯ зикр мекунад.

44. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 126-127.

45. «Зикри Иқбол», Саҳ. 126.

46. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 10-12.

47. «Ҳинд дар солҳои 1925-1926 милодӣ», саҳ. 70, 72, 78-80. «Омори солонаи Ҳиндустон» (Indian Annual Register), соли 1925 милодӣ, ҷилди дуввум, гирдоваранда Ҷ. Н. Метро (англисӣ), саҳ. 355-361.

48. «Ҳинд дар соли 1925-1926 милодӣ», саҳ. 105-110.

49. «Заминдор», 9 октябри 1925.

50. «Рӯзгори Фақир», ҷилди аввал, саҳ. 114.

51. «Ёддоштҳои шахсии Сэр Муҳаммад Шафеъ», ҷилди аввал, январи 1920 то 4 июни 1921 (англисӣ) дар назди Миён Аҳмад Шоҳнавоз аст ва нависанда аз он истифода намудааст.

52. «Ривоёти Иқбол», саҳ. 134-135.

53. Рӯнавишти ин нома аз тарафи Пандит Апал Нарая Рино – писари Пандит Чанд Нарая Рино ва набераи Сэр Тиҷ Баҳодур Сипарв барои нависанда (Ҷовид) фиристода шуд. Пандит Чанд Нарая Рино ёрдамчии муовини фармондори Панҷоб буд ва ифтихори шогирдии Иқболро низ дошт.

54. Рӯзномаи «Ню Юркер» (англисӣ), 23 июни 1929, саҳ. 44.

55. 9 майи 1934. Ба сутуни шазарот ручӯъ шавад.

56. Сэр Шодӣ Лаъл саранҷоми ибратангезе дошт. Биноии худро аз даст дод ва дар ниҳояти танҳоӣ ва фақру масканат дар манзили духтари худ вафот намуд.

57. Ба истиноди «Заминдор», 5 октябри 1925; «Зикри Иқбол», саҳ. 127-129.

Фасли понздаҳум

1. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 165-166.

2. «Ташкили Покистон», аз Ричард Соемнер (англисӣ), саҳ. 31.

3. «Сафинаи ҳаёт», аз Муншӣ Ғулом Қодир Фаррух, саҳ. 22-23, номаи Иқбол ба таърихи 28 марти 1909.

4. «Ойинаи Иқбол», саҳ. 196, 198-201.

5. «Иқбол дар ду соли охири умр», саҳ. 29, 46, 193.

6. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 14.

7. Ҳамон ҷо, саҳ. 269.

8. «Иқбол ва Шӯрои Панҷоб», аз Муҳаммад Ҳаниф Шоҳид, саҳ. 7, 74.

9. Ҳамон ҷо, саҳ. 74.

10. «Заминдор», 24 октябри 1924.

11. Тибқи гуфтаи Миён Амириддин, Сэр Муҳаммад Шафеъ ва тақрибан тамоми аҳвомаш, ки «ороин» номида мешуданд, тарафдори Малик Муҳаммаддин буданд.

* «Сарҳинд» маконе муборак, ки бисёре аз суфияву машоих дар онҳо мадфун ҳастанд. Мазори Шайх Аҳмади Сарҳиндӣ низ дар он ҷо мебошад.

Шахсе аз ин ақвом шояд дар ҳаққи Иқбол аз овози худ истифода карда бошад. Ба ғайр аз Абдулазиз Вакил, Навоб Сэр Зулфиқор Алихон ҳам тарафдори Малик Муҳаммаддин буд.

12. «Иқбол ва Шӯрои Панҷоб», саҳ. 46-59.

13. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 16-17.

14. «Фазл Ҳусайн» (англисӣ), саҳ. 217, 219

15. «Иқбол дар ду соли охири умр», саҳ. 274.

16. «Иқбол ва Шӯрои Панҷоб», саҳ. 80-81. Иқбол ҳар сол ба узвияти ин кумитаҳо интихоб мешуд. Соли 1929 ӯ узви шӯрои иёлати Панҷоб ва Кумитаи ҳукумати маҳаллӣ буд, соли 1930 узви шӯрои пизишкии Панҷоб шуд.

17. Ҳамон ҷо, саҳ. 81.

18. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 22-23.

19. «Корномаи сиёсии Иқбол», аз Муҳаммад Аҳмадхон, саҳ. 101-103.

20. Ҳамон ҷо, саҳ. 104.

21. «Ҳиндустон дар солҳои 1926-1927 милодӣ», саҳ. 16-19, 24; «Натсионализм ва ислоҳи он дар Ҳинд», аз Эсмейт (англисӣ), саҳ. 336-346.

22. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 26-27.

23. Ҳамон ҷо, саҳ. 37.

24. «Суханронихо ва баёноти Иқбол», саҳ. 65-69.

25. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 47-49.

26. Ҳамон ҷо, саҳ. 53-56.

27. Ҳамон ҷо, саҳ. 61-64.

28. Ҳамон ҷо, саҳ. 94-97.

29. Ҳамон ҷо, саҳ. 105-106.

30. «Оқои Ҷиноҳи ростгӯ», аз Сайид Шамсулҳасан (англисӣ), саҳ. 50-52.

Фасли шонздаҳум

1. «Нуқуши Иқбол», шумораи сентябри 1977, саҳ. 550-571.

2. Матни англисии тамоми суханронӣ, ручӯъ шавад ба «Навиштаҳо ва номаҳои Иқбол», саҳ. 50-51.

3. «Анвори Иқбол», саҳ. 234-236.

4. «Гуфтори Иқбол», саҳ. 75-84.

5. «Достони Дакан аз Аллома Иқбол» аз Мир Маҳмуд Ҳусайн, Майсур, саҳ. 7.

6. Ручӯъ кунед ба муқаддима аз мутарҷим, саҳ. 1, «Ташкили ҷадиди илоҳиёти исломӣ» (урду).

7. Дебочаи ташкили ҷадиди илоҳиёти исломӣ» (урду).

Фасли ҳабдаҳум

1. «Китоб-ул-Ҳинд», аз Берунӣ, тарҷумаи англисии И. Сачов, ҷилди аввал, саҳ 17, 179.

2. «Мунтахаб-ат-таворих», аз Мулло Бадоюнӣ, тарҷумаи англисӣ аз В. Ҷ. Лав, ҷилди дуввум, саҳ. 375.

3. «Иртиқои Покистон», аз Шарифиддин Пирзода (англисӣ), саҳ. 37-120.

4. Ҳамон ҷо, дебоча.

5. «Кӯшиш барои Покистон» аз Иштиёқ Ҳусайн Қурайшӣ (англисӣ), саҳ. 117-119.

6. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 230.

7. «Тасааввуроти ислоҳиву мазҳабии Сэр Сайид Аҳмадхон», аз Ҷ.М.С.Билҷан (англисӣ), саҳ. 75-76.

8. «Шоҳроҳи Покистон», аз Чаудҳрӣ Халиқуззамон (англисӣ), саҳ. 237.

9. М.И.Исфаҳонӣ номае барои сардабири «Покистон Таймз» навишт, ки ба таърихи 8 майи 1967 чоп шуд.

10. «Корномаи сиёсмии Иқбол», саҳ. 913-914.

11. «Оқои Ҷиноҳи ростгӯ» (англисӣ), саҳ. 52; «Хутбаи Оллоҳобод»; ҳамчунин руҷӯъ шавад ба чанд навиштаи нодир аз Башир Аҳмаддор, «Иқбол», бахши дуввум, саҳ. 1-10.

12. Маҷаллаи «Нуқуш», шумораи «Иқбол», сентябри 1977, саҳ. 499-504.

13. Оқои Ҷиноҳи ростгӯ (англисӣ), саҳ. 52.

14. Маҷаллаи «Нуқуш», шумораи «Иқбол», сентябри 1977, саҳ. 499-504.

15. Ҳамон ҷо, саҳ. 503.

16. «Навиштаҳо ва гуфтаҳои Иқбол», саҳ. 31.

17. «Саргузашти Иқбол» аз Абдуссаломи Хуршед, саҳ. 323-324.

18. Ҳамон ҷо, саҳ. 324-325.

19. Ҳамон ҷо, саҳ. 326-327.

20. Ҳамон ҷо, саҳ. 328.

21. «Номаи Иқбол ба таърихи 11 январи 1930 ба номи Сайид Назир Ниёзӣ». Маҷаллаи «Фунун», шумораи Иқбол, декабри 1977, саҳ. 15.

22. «Саргузашти Иқбол», саҳ. 328.

23. «Фунун», шумораи «Иқбол», декабри 1977, саҳ. 15.

24. «Саргузашти Иқбол», саҳ. 329.

25. Ҳамон ҷо, саҳ. 329.

26. Ҳамон ҷо, саҳ. 330.

27. Гузориши кумитаи ақаллиятҳо (аввалин конфронси Мизи гирд), саҳ. 43-44.

28. Ҳамон ҷо, саҳ. 40-41.

29. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 54, 64, 66, 67.

30. «Номаҳои Иқбол» ба Ҷиноҳ, нашри 1943 милодӣ (англисӣ), саҳ. 21-23.

31. «Саргузашти Иқбол», саҳ. 330-331.

32. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 67.

33. «Саргузашти Иқбол», саҳ. 33

34. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 55.

35. Ҳамон ҷо, саҳ. 614-690.

36. «Суруди рафта», саҳ. 181-191.

37. Ҳамон ҷо, саҳ. 176-177.

38. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 204.

39. «Суруди рафта», саҳ. 55-57.

40. Ҳамон ҷо, саҳ. 139-200.

41. «Аллома Иқбол дар Аврупо» ва мақолоти дигар аз Сайидахтар Дурронӣ (дастнавишта, мунташирнашуда).

42. «Фазл Ҳусейн, як шарҳи ҳоли сиёсӣ» (англисӣ), саҳ. 319.

43. Ҳамон ҷо, саҳ. 274-275.

44. «Осори Иқбол», гирдоваранда Ғуломдастгир Рашид, Ҳайдаробод, Дакан, Саҳ. 22-23.

45. «Иқболнома», гирдоваранда Чароғ Ҳасани Ҳасрат, саҳ. 29.

46. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 124-127.

47. Маҷаллаи «Афкор», ноябри 1981, «Як навиштаи интишорнашудаи Иқбол», аз Салимиддин Қурайшӣ.

48. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 89.

49. «Фазл Ҳусейн, як шарҳи ҳоли сиёсӣ» (англисӣ), саҳ. 319-321.

50. «Ҷавҳари Иқбол», гирдоваранда Анҷумани иттиҳоди ҷомеаи миллии исломии Деҳлӣ, саҳ. 38-39.

51. «Фазл Ҳусейн, як шарҳи ҳоли сиёсӣ» (англисӣ), саҳ. 320, 321.

52. «Корномаи сиёсии Иқбол», саҳ. 654.

53. «Қавмияти муттаҳид ва ислом», аз Мавлоно Ҳусейн Аҳмади Маданӣ, саҳ. 9.

54. «Ҷавҳари Иқбол», гирдоваранда Анҷумани иттиҳоди ҷомеаи миллии исломии Деҳлӣ, саҳ. 40-41.

55. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 239-240.
56. «Навиштаҳо ва гуфтаҳои Иқбол», саҳ. 10.
57. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 181.
58. «Малфузоти Иқбол», саҳ. 208.
59. «Суханрониҳо ва баёноти Иқбол», саҳ. 167.
60. «Иқбол ва тасаввуф», гирдоваранда Ол Аҳмад Сурур, саҳ. 69.
61. Маҷаллаи «Урду», шумораи «Иқбол», гирдоваранда Маҳмуд Низомӣ, саҳ. 208.
62. «Корномаи сиёсии Иқбол», саҳ. 660-661.
63. «Иқбол», бахши аввал, саҳ. 165.
64. Маҷаллаи «Урду», шумораи «Иқбол», нашри ҷадид, саҳ. 195.
65. «Осори Иқбол», саҳ. 28.
66. Маҷаллаи «Урду», шумораи «Иқбол», нашри ҷадид, саҳ. 235.
67. Ҳамон ҷо, саҳ. 314-316.
68. Ҳамон ҷо, саҳ. 204-206.
69. Ҳамон ҷо, саҳ. 198-199.
70. Ҳамон ҷо, саҳ. 58-59.
71. Барои иқтибос руҷӯъ кунед: «Иқбол дар ду соли охири умр», саҳ. 558, ё «Корномаи сиёсии Иқбол», саҳ. 831-833.
72. «Номаҳо ва навиштаҳои Иқбол», саҳ. 117-118.
73. Ҳамон ҷо, саҳ. 119-120.
74. Ҳамон ҷо, саҳ. 298.
75. Ҳаммон ҷо, саҳ. 326.
76. Чаудҳрӣ Раҳмат дар дебоча мегӯяд: «Ин чопи севвуми ин китоб аст ва пеш аз ин як бор дар 1935 ва бори дигар дар 1939 милодӣ барои аъзои «Ҷунбиши миллии Покистон» поликопӣ (нусхабардории полиграфӣ) шудааст.
77. «Покистон» (англисӣ), саҳ. 214.
78. Ҳамон ҷо, саҳ. 219.
79. Ҳамон ҷо, саҳ. 221.
80. «Суханрониҳо ва баённоти Иқбол», саҳ. 38.
81. Асли дастнавиштаи Иқбол ба англисӣ дар музей мавҷуд аст.
82. «Анвори Иқбол», саҳ. 208-209.
83. «Номаҳо ва навиштаҳои Иқбол», саҳ. 85; «Покистон ё тақсими Ҳинд» (англисӣ), саҳ. 329.
84. «Суханрониҳо ва баёноти Иқбол», саҳ. 216.
85. «Иқбол, назариёти сиёсии ӯ дар чаҳорроҳ», гирдоваранда И. Ҳасан, Алигарҳ, (англисӣ).
86. Ҳамон ҷо, саҳ. 82.
87. Ҳамон ҷо, саҳ. 80.
88. Ҳамон ҷо, саҳ. 81-82.
89. Рӯзномаи «Ҷанг», шумораи «Иқбол», 12 апрели 1982.
90. «Навиштаҳои Иқбол ба номи Ҷиноҳ», 1943 милодӣ (англисӣ), саҳ. 17-18.
91. Ҳамон ҷо, саҳ. 18-19, 23.
92. Ҳамчунин руҷӯъ кунед ба дебоча, саҳ. 4-5.
93. «Суханрониҳо ва навиштаҳои Ҷиноҳ», гирдоваранда Ҷамилиддин Аҳмад, ҷилди дуввум (англисӣ), саҳ. 146-147.
94. Ин номаҳо то ҳол мунташир нашудааст ва дар назди Оқои Ториқ Раҳим Вакил мебошад.

Фасли ҳаждаҳум

1. «Иқбол нома», бахши аввал, мактуби навиштаи 1 феврали соли 1931 ба номи Аббос Алихон, саҳ. 268.

2. «Гуфтори Иқбол», саҳ.132. Барои иттилои бештар руҷӯъ шавад ба «Ойинаи Иқбол», саҳ. 225.

3. Фазл Ҳусайн, «Як шарҳи ҳоли сиёсӣ» (англисӣ), саҳ. 219.

4. «Сафарномаи Иқбол», аз Муҳаммад Ҳамза Форуқӣ, саҳ. 13-14; «Гуфтори Иқбол», саҳ.135-137.

5. «Сафарномаи Иқбол», саҳ. 106-108.

6. Ҳамон ҷо, саҳ. 33-49. Донишҷӯёни мусалмони Кембриҷ, ки онҳо бо Иқбол мулоқот карданд ва иттилооте дар бораи калимаи «Покистон» доданд. Хоҷа Абдураҳим дар даврони ҳаёти худ онро ба нависанда (Ҷовид) доданд.

7. «Иқбол нома», бахши дуввум, саҳ. 314.

8. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 79-80.

Фасли нуздаҳум

1. «Суханрониҳо, навиштаҳо ва баёноти Иқбол» (англисӣ), саҳ. 238.

2. «Сафарномаи Афғонистон» аз Сайид Сулаймони Надавӣ, саҳ. 87.

3. «Саҳифа», шумораи Иқбол, бахши дуввум, ноябр-декабри соли 1977, мақолаи «Аллома Иқбол бар мазори Бобур» аз доктор Абдулғанӣ, саҳ. 24.

4. «Сафарномаи Афғонистон», саҳ. 58-62.

5. Ҳамон ҷо, саҳ. 63.

6. Ҳамон ҷо, саҳ. 82-84.

7. Ҳамон ҷо, саҳ. 129.

8. Ҳамон ҷо, саҳ. 129, 131-134.

9. «Зикри Иқбол», саҳ. 184-185.

10. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 119.

Фасли бистум

1. «Корномаи сиёсии Иқбол», саҳ. 449.

2. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 207.

3. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 210.

4. Ҳамон ҷо, саҳ. 215-217.

5. «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 126-129.

6. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 197-198.

7. Ҳамон ҷо, саҳ. 187.

8. «Боқиёти Иқбол», саҳ. 495.

9. «Номаҳои Иқбол», гирдоваранда Ахлоқ Асар, Бҳопал, саҳ. 55.

10. Ҳамон ҷо, саҳ. 48.

11. «Рӯзгори Фақир», саҳ. 56-59. Тамоми васоиле, ки дар ин васиятнома зикр шудааст, ғайр аз китобҳое, ки ба китобхонаи Коллеҷи исломӣ эҳдо шудаанд, дар музеи Иқбол мавҷуд аст.

12. «Иқбол ва Анҷумани ҳимояти ислом», саҳ. 130-131.

13. «Иқбол нома», бахши аввал, нома ба номи профессор Салоҳиддин Муҳаммад Илёс аз 13 июни 1936, саҳ. 414.

14. Ҳамон ҷо, саҳ. 317.

Фасли бисту якум

1. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 365-366.

2. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 48.

3. «Анвори Иқбол», саҳ. 222-223.

4. «Номаҳои Иқбол ба Ҷиноҳ», саҳ. 14-18.

5. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 72-73.

6. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 223.

7. «Номаҳои Иқбол», саҳ. 79.

8. Ҳамон ҷо, саҳ. 97.
9. «Рӯзгори Фақир», ҷилди дуввум, саҳ. 203-205.
10. «Иқбол дар ду соли охири умр», саҳ. 541-542.
11. Барои матни англисии ин баёния руҷӯъ шавад ба «Суханрониҳову навиштаҳо ва баёноти Иқбол» (англисӣ), саҳ. 248-249.
12. «Саргузашти Иқбол» аз Абдуссалом Хуршед, номае ба номи доктор Сайид Абдуллатиф, саҳ. 528.
13. «Иқбол дар ду соли охири умр», саҳ. 355.
14. «Мактуботи Иқбол», саҳ. 364.
15. «Суханрониҳо ва баёноти Иқбол», саҳ. 102.
16. «Иқбол нома», бахши аввал, саҳ. 108.
17. «Мулоқоти Конгресс – Иқбол» (англисӣ), 1983, ҷилди дуввум, саҳ. 98.
18. «Афкор ва надешаҳои Иқбол», гирдоваранда Сайид Абдулвоҳид (англисӣ), саҳ. 306.
19. «Мулоқоти Иқбол», гирдоваранда Сайид Абдулвоҳид Муайянӣ, саҳ. 228.
20. «Иқбол Ревю», Академияи Иқбол, Лоҳур, апрели 1983.

Луғат

абвоб - бобҳо
абъод - бӯъдҳо, андозаҳо, меъёрҳо
авқот - вақтҳо
авҳом - ваҳмҳо, тасаввурот
авомил - омилҳо
авомир - амру фармонҳо
авомуннос - мардуми одӣ
авосит - миёнаҳо
авсоф - васфҳо
ағроз - ғаразҳо, мақсадҳо
адам - нестӣ
адён - динҳо
адоват - душманӣ
азҳон - зеҳнҳо
аимма - имомҳо
аланӣ - фош, ошкор
алқоб - лақабҳо
алоим - аломатҳо, нишонаҳо
алъон - ҳоло, ҳамин замон
ачз - оҷизӣ
ачнабӣ - бегона
ачнос - ҷинсҳо, матоъҳо, газворҳо
амвоҷ - мавҷҳо
амдан - қасдан
амён - майлҳо, хоҳишҳо
аммома - салла
амроз - касалиҳо, бемориҳо
аму - амак
анҳо - наҳвҳо, тарзҳо
ано - дарду ранҷ
ановин - унвонҳо, номҳо
аносир - унсурҳо
анфлуонзо - як навъи грипп
аҳаддият - якӣ, худо
аҳодис - ҳадисҳо
аозим - машҳурон
арозӣ - заминҳо
артиш - армия
асафнок - таассуфовар, ғамнок
асбоб - сабабҳо
аслоф - гузаштагон, ниёкон
асҳоб - соҳибон
асотид - устодон
асфал - заминӣ, поёнӣ
атиббо - табибон
ахз кардан - гирифтан, қабул кардан
ашкол - шаклҳо
аъёд - идҳо
аъмоқ - умқ, қаър

ба симати - ба сифати, ба вазифаи
бадеҳист - табиист
бадрақа кардан - гусел кардан
бадшонсӣ - бебарорӣ, нобарорӣ, бетолеӣ
базр - дона, тухм
баид - дур, ғайриҳақиқӣ
байъат гирифтан - қасами садоқат гирифтан
балво - шӯриш
банудрат - хеле кам
баҳра - фоида аз пуле, ки дар бонк гузошта мешавад
бармало сохтан - ошкор кардан
бармало шудан - фош шудан
бароҳима - бараҳманҳо
бароҳин - бурҳонҳо, далелҳо
басиҷ кардан - сафарбар кардан
басират - дид, назар
башшош - хушҳол
баъсат - пайғамбарӣ
бедаранг - зуд, ҳамоно
бетаҳаррукӣ - беамалӣ
беъсат - пайғамбарӣ
бидъат - навоварӣ; равияе дар дин
бознишаста - нафақахӯр
боир - лалмӣ (замин)
ботил - дурӯғ
бушқоб - коса, зарф
бӯъд - андоза, меъёр

вақф кардан - бахшидан, васият кардан
ваҳла - лаҳза
варшикастагӣ - банкрот
васотат - миёнаравӣ
вафқ - мутобиқат, мувофиқат
вахим - хатарнок, пуршиддат, шадид
вахомат - печидагӣ, пуршиддатӣ
велхарҷӣ - харҷи беҳуда
вилоят - соҳибият
виросат - ворисият
вожа - калима, мафҳум
вокуниш - аксуламал
вопасгароӣ - кӯҳнапарастӣ, консерватизм
восифбор - таассуфовар
вузӯҳ - равшан, возеҳ
вукало - вакилон
вуррос - ворисон
вусул - гирифтан, ба даст овардан
вуфур - хеле, зиёд

ғилоя - гила, шикоят
ғом – қадам

ғавр - умқ, чуқурӣ
ғалт задан - ғел задан
ғаноим - ғаниматҳо
ғосиб - ғасбкунанда, забткунанда

даовӣ - даъвоҳо; **вакили даовӣ** - адвокат
даровиш - дарвешон
дарюза - гадоӣ
дасиса - фитна, макр, ҳила
даъво - ҷанҷол
додгустарӣ - адлия
дувал - давлатҳо
дурушка – фойтун

ёғигарӣ - шӯриш, ошӯб

завобит - роҳбарон, ҳокимон
залолат - залилӣ
замир - дил
заранг - боақл, ҳушёр
заъф - сустӣ, нотавонӣ
зириққа - шӯъла
зовия - нуқтаи назар, кунҷ
зуамо - роҳбарон, пешвоён
зуафо - заифон, камқувватон

ибҳом - норавшанӣ, номуайянӣ
иғтишош - шӯриш
идғом - якҷошавӣ, муттаҳидшавӣ
идғом кардан - муттаҳид сохтан, як кардан
иксир - эликсир, дору
иқтизо - тақозо, талаб
илал - иллатҳо, сабабҳо
иллат - сабаб
илҳод - бединӣ, бехудоӣ
илтиём - сиҳатёбӣ, васлшавӣ
иҷборан - маҷбуран
иҷлос - маҷлис
иҷмолӣ - таъҷилӣ
иҷтинобнопазир - ногузир, ҳатмӣ
иҷтиҳод - саъю кӯшиш; ба даст овардан
имрор - ба даст овардан
имтиноъ варзидан - рад кардан
инкисор - шикастан
инҳидом - несту нобуд кардан, пахш кардан
инҳироф - канорачӯӣ
инҳитот - таназзул, пастравӣ
интибоқ - мутобиқат, муқоиса
интиқод - танқид
интисоб - таъйин кардан, бахшида шудан
инфиолӣ - эҳсосӣ, ҳаяҷонӣ
иҳонат - дашном, тавҳин
ирҷоъ шудан - супурда шудан
ироа кардан - арз кардан, гуфтан, изҳор кардан
ирсол кардан - фиристодан
иртикоб - содиркунӣ (амал)
иртиқоъ - боло, болоравӣ
иртифоъ - баландӣ
иршод - дастур, роҳбарӣ
исор - нисор, қурбонӣ
истифто - фатво
истиғно - таъмин будан, мӯҳтоҷ набудан
истидлол - далел, далел овардан

истиқроӣ - индуктивӣ, дар асоси хулосаҳои шахсӣ ба дастомада
истинбот кардан - фаҳмидан, ба хулоса омадан; собит сохтан
истинтоҷ - хулоса, натиҷа
истифсор - пурсуҷӯ
истихдом шудан - ба кор пази-руфта шудан
истихроҷ - гирифтан, истеҳсол кардан
итлоқ - раҳоӣ, наҷот; татбиқ; талоқ
иттико - такя
иттиҳомот - тӯҳматҳо
иттисол - васл, ҳамроҳшавӣ
иттихоз кардан - гирифтан, қабул кардан
ифлос - муфлисӣ, камбағалӣ
ифроту тафрит - азҳадгузаштагӣ
ифтиро - тӯҳмат
ихроҷ кардан - хориҷ кардан
ихтилот - омехтагӣ
ихтитом - хатм, анҷом
ишкол - мушкилӣ
ишроқ - тобиш; **ишроқӣ** - пайрави Афлотун
иштиғол - шуғл, машғулият
иштиҳор - шӯҳрат
иштирок – умумият

кайфият - сифат
касрат – бисёрӣ
козиб - дурӯғ, дурӯғгӯ; **субҳи козиб** - шафақи бомдод
коло - мол, чиз
куля – гурда
куту шалвор - шиму кастум

қабеҳ - зишт, бад
қаввол - гӯянда, сухангӯ
қаййим - васӣ, сарпараст
қалил - кам
қареҳа - истеъдод, маҳорат
қидам - қадим будан
қозиюлқузот - раиси суди олӣ
қоҳирӣ - бузургӣ, пирӯзӣ
қосир - оҷиз, нотавон
қулуб - қалбҳо
қуюд - монеаҳо, маҳдудиятҳо

лағв кардан - бекор кардан
лаҷоҷат - саркашӣ, якравӣ
ламс кардан - расидан, даст расондан
лаҳ - тарафдорӣ
лизо - аз ин рӯ, бинобар ин
ломазҳаб - бедин
лоязол - абадӣ
лоянфак - ҷудонопазир
лоятаноҳӣ – беинтиҳо

мабзул доштан - тӯҳфа кардан, пешкаш кардан
мабоҳис - баҳсҳо
маворид - мавридҳо
маврусӣ - меросӣ, бамеросмонда
мавт - мурдан
мавъуд - ваъдагӣ
мағмум - ғамгин
мағфула - дарғафлатбуда
маддоҳ - мадҳкунанда
мадориҷ - дараҷаҳо
мадрак - санад
мадюн - қарздор
мазбур - номбурда, мазкур
мазмум - замимадор, идомадор
мазомин - мазмунҳо
мазоҳиб - мазҳабҳо, динҳо
мақар(р) - ҷой, макон
мақдур - қавӣ, қудратнок
мақдуф - имконпазир
мақосид - мақсадҳо
малбус - либос, пӯшида (бо ли-бос)
мачд - шаҳомат, шукӯҳ
мачзуб - ҷазбшуда, маҳбуб
мачҷонӣ - бепул
мамзуҷ - омехта
мамлу - пур, саршор
манобеъ - манбаъҳо
мансух гардидан - бекор шудан, лағв шудан
маншур - барнома
манъақид намудан - аҳд бастан
маҳарача - ҳоким
маҳв: ҳолати маҳв - бедорӣ
маҳрам - маҳфӣ
маобид - маъбадҳо, ибодатгоҳҳо
маонӣ - маъниҳо

марҳун - қарздор, ӯҳдадор
мароҳил - марҳалаҳо
масир - роҳ, тариқ
масоиб - мушкилиҳо
масх - табдил, таҳриф
матбӯъ - хуш, форам
матмаъ - ғаразнок
матрук - таркшуда, мурда
мафоҳим - мафҳумҳо
махорич - хароҷот
машкук - шубҳанок
машҳуд - маълум, дорои шаҳодат
машоих - шайхҳо
машоҳир - машҳурон, шахси-ятҳои намоён
машруҳ - мукаммал, шарҳдода-шуда
машрутахоҳон - тарафдорони конститутсия
машрӯъ - шаръӣ
машъуф - шод, масрур
маъдуд - маҳдуд, кам
маъқулот - дарк, идрок, фаҳмиш
маъмурият - кор, вазифа
маънус - унсгирифта
маътуф доштан- равона кардан
маъхуз - гирифташуда
медод - қалам
мин ҳайсулмаҷмӯъ - умуман, ҷамъан
моваро - байн
молиёт - андоз
муаззаз - азиз, иззатманд
муассир - таъсирнок
мубаллиғ - таблиғотчӣ, таблиғ-кунанда
мубҳам - норавшан
мубтано - бар асоси, дар асоси
муваҳҳид - пайрави ваҳдати вуҷуд
муваххар - интиҳо, охир, дуввум
муғоир - бегона, ғайр
мудавван - таҳияшуда, мураттаб
муддаӣ - даъвогар
мудовим - давомдор, доимӣ
музир - зарарнок
музмаҳил - азбайнрафта, нобуд-шуда
музҳик - хандаовар
музоаф - дучанд
музоҳим - халалдиҳанда
музтариб - пуризтироб, нигарон, хавотир
муқаддам - аввал, асосӣ, ибтидо
муқаддар - тақдир
муқанана - қонунгузорӣ
мукаррараи - такрор ба такрор, чанд маротиба
муқаррарӣ - алимент
муқтазиёт - талабот
мулаббас - пӯшида
мулғо шудан - бекор шудан, лағв шудан
мултамисона - илтимосомез
мулукуттавофӣ - феодалӣ, паро-канда
муҷаввиз - иҷозат
муҷаддад - нав
муҷаллал - зебо, бошукӯҳ
муҷозо - ҷазо
муҷозот кардан - ҷазо додан
муҷрим - гунаҳкор
муҷтаҳид - ҷаҳдкунанда; ҳуқуқ-шиноси шиа
мунзавӣ - қаландар
мунзаҷир шудан - бадбин шудан, бад дидан
мунзамид - яхбаста, шахшуда
мунқасим - тақсим
мунқатеъ кардан - қатъ кардан, ҷудо кардан
мунҷар шудан - рӯбарӯ шудан, анҷом ёфтан
мунҳадам - вайрон, хароб
мунҳал шудан - ҳал шудан, нест шудан
мунҳариф шудан - берун шудан, бо роҳи каҷ рафтан
мунҳасир - нисбатдошта, маҳ-дудбуда
мунофиқ - душман
мунофот - зиддият, фарқият, номувофиқатӣ
мунсариф кардан - сарфи назар кардан, рад кардан
мунтабиқ сохтан - татбиқ кардан
мунтаҷ - натиҷа
мунтаҳо - ниҳоят, дар ниҳояти кор
мунтафир будан - нафрат доштан
мунтафӣ шудан - бекор шудан
муншафеъ - шафоаткунанда, тавсиядиҳанда
муҳаввал шудан - вогузор шудан
муҳаввата - ҳавлӣ
муҳаддис - ровии ҳадис

муҳаррик - таҳриккунанда, баҳаракаторанда
муҳассил - таҳсилкунанда, до-нишҷӯ
муҳиб - ҳайбатнок
муҳлик - қотилона, ҳалокатбор
муовиза - ивазкунӣ
муошират - гуфтугӯ, сӯҳбат
мураффаҳ - хушҳол, осуда
муроҷиат кардан - баргаштан
муртабит - пайваст, алоқаманд
муртакиб шудан - содир кардан
муртаҷеъ - иртиҷоӣ
мурувват - дӯстӣ, вафодорӣ
мурур - нигоҳ, назар (барои санҷиш)
мусаммим - тасмимгирифта, қарордода
мусаммир - самардиҳанда, муфид
мусин(н) - солхӯрда
муслеҳ - сулҳхоҳ, оштидиҳанда
мусовӣ - баробар
мусовот - баробарӣ
мусоибат - мушкилӣ, вазнинӣ
мусоида - мусоидат, дастгирӣ
муставлӣ - тасаллутдошта, тасхиркарда
мустағнӣ - мӯҳтоҷнабуда, ғанӣ
мустағриқ - ғарқшуда (ба фикре)
мустағриқ намудан - ғарқ намудан
мустадал - асоснок
мустазъиф - бечора, камбағал, заиф
мустақар шудан - ҷойгир шудан
мусталзим - зарурӣ, лозимӣ
мустамеъ - шунаванда
мустамир - маош
мустанад - ҳуҷҷатӣ
мустаҳақ - шоиста, ҳақдор
мустаҳсан - хуб, аҳсан, қобили таъриф
мустаор - лақаб
мустарад - додашуда, баргар-донда
мустафид - фоидагиранда
мустафиз - баҳраманд
мутааддид - бисёр
мутааққид шудан - боварӣ пайдо кардан
мутаваҷҷеҳ шудан - хабардор шудан, огоҳ шудан
мутавассит - миёна
мутаволиян - пайдарпай
мутағаййир - тағйирёфта
мутадаййин - диндор
мутазаммин шудан - зомин шудан, кафолат додан
мутазилзил - ноустувор, ҷунбанда
мутазод - зид
мутаққӣ - тақводор, диндор
муталлеъ - хабардор
муталотум - пурталотум
муталошӣ - харобшаванда, дар ҳоли вайроншавӣ буда
мутамаввил - бой, сарватманд
мутамаддин - пешрафта
мутамодӣ - дурудароз, тӯлонӣ
мутамоил - майлдошта, моил
мутаҳаммил шудан - таҳаммул кардан
мутаҳассир - ҳасраткунанда, пушаймон
мутаҳҳар - пок, муқаддас
мутаоқибан - дар баробари он, ба дунболи он
мутарассид - интизор
мутародиф - яксон, монанд
мутассарриф - тасарруфкунанда, дардастдошта
мутафарриқ - гуногун
мутафовут - тафовутдор, фарқкунанда
мутахосим - душманона, хасмона
мутмаин будан - боварӣ доштан
мутталеъ сохтан - хабардор кар-дан
муттафиқ - иттифоқчӣ, тарафдор
муфассир - тафсиркунанда
муфсид - фасод
мухайяр - соҳиби ҳуқуқи интихоб
мухотара - хатар
мухталит - омехта
мухтасот - хусусиятҳо
мушмаизкунанда - нафратовар
мушобеҳ - монанд
мушоҷара - баҳс, ҷанҷол
муштамил - соҳиб, доро, шомил, **муштамил будан** - шомил будан, дар бар гирифтан
мӯҷиб - сабаб
мӯҳтаво - мазмуну мундариҷа
мӯҳтотона - эҳтиётқорона
мӯътариз - эътирозкунанда
мӯътариф будан - эътироф кардан

навоқис - нуқсонҳо
найир - мунир, нуронӣ

найл - ноил шудан, расидан
наққод - мунаққид
наҷас - ахлот
наҷво - гуфтугӯи махфӣ, гӯшакӣ
наҷобат - олиҳимматӣ, некӯах-лоқӣ
насбулайн - намуна, нусха (барои тақлид)
насоеҳ - насиҳатҳо, маслиҳатҳо
нафй кардан - инкор кардан
нашв - нашъунамо, инкишоф
нигаронӣ - хавотирӣ, ташвиш
ниёбат - ичро, роҳбарӣ
ниём - ғилоф
никрис - дарди мафосил, подагра
нисоб - меъёр
нозӣ - натсист, фашист
ноҳид - мунаққид
нофиз - пуртаъсир, таъсирбахш
ношӣ аз чизе будан - натиҷаи чизе будан, аз чизе ба амал омадан
нубувват – пайғамбарӣ

обо - падарон
озим шудан - рафтан, азми ҷое кардан

пероя - зебоӣ, зару зевар
пешавар - ҳунарманд, косиб
пешкасват - собиқадор, пешқадам
пизишк - духтур
пуштвона - хазина, фонд

рақиқулқалб - ҳассос
руҳбоният - роҳибӣ, парҳезгорӣ
раҳил - сафар, ба ҷое рафтан
расид - ҳуҷҷати бонкӣ
рифоҳ - хушҳолӣ
рия - шуш; **бемории риявӣ** - бемории шуш
робит - миёнарав
роиҷ - ривоҷёфта, маъмулӣ
рокид - шахшуда, бетағйир
росих - сахт, мустаҳкам, қавӣ
руасо - раисон, ҳокимон
рубубият - худопарастӣ, имон-дорӣ
рубъ - чоряк
рузҳонот - бартарӣ
рукуд - пастравӣ, таназзул
руспӣ - фоҳиша
русто – деҳа

сабқат - пешдастӣ
сабуият - ваҳшоният
савқ додан - равона кардан
сад(д) - банд (обанбор)
сайёс - сиёсатмадор
саку - минбар; курсӣ
салб кардан - маҳрум сохтан
салотин - султонҳо
самоҷат - саркашӣ, якравӣ
сангин - вазнин
сандалӣ - курсӣ
саноеъ - саноат, иқтисод
санъат - саноат
саҳим - саҳмдор, ҳиссагузор
саҳл - осон
сареҳан - кушоду равшан
сароб - мираж, манзараи хаёлӣ
сароҳат - равшанӣ, возеҳӣ
сароҳат - ростӣ, самимият, равшанӣ
саффок - хунхор
саффокӣ - хунхорӣ, хунрезӣ
сифот - сифатҳо
соир - дигар
сонавӣ - дуввумдараҷа
сотеъ - нуронӣ, равшан
сувар - суратҳо
судур - содир шудан, баромадан, эълон шудан
сукр - мастӣ
султа - салтанат, подшоҳӣ
сулук - рафтор, муносибат
сунан - суннатҳо, расму оинҳо
суҳулат - осонӣ
сутур - сатрҳо
сутӯҳ - сатҳҳо
сӯйизанн - гумони бад
сӯйитафоҳум - ҳамдигарнофаҳмӣ, бадбинӣ

тааддуди завоҷот - бисёрзанӣ
тааммул - андеша кардан
таассуб - ҳирс, фанатизми динӣ
табаият - пайравӣ
табаҳҳур - дониши амиқ, олимӣ
табъид – бадарға

табъиз - маҳдудкунии ҳуқуқ, дискриминатсия
таваққӯъ - умеду орзу
таваҳҳум - гумон, гумонбар шудан
тавқиф шудан - мавқуф шудан
тавлид - истеҳсол
тавҳин - дашном, ҳақорат
тавоиф - тоифаҳо, қабилаҳо
тавотур - пайдарпаӣ, доимият
тавофуқ - мувофиқат
тавсеа - вусъат, инкишоф
тавтеа - бадандешӣ, забоняккунӣ
тавъаман - якҷоя
тағзия - хӯрондан, ғизо додан
тадвин - тартиб, таҳия
тадовум - давом, идома
тадофеӣ - мудофиавӣ
тазмин - кафолат, зимомат
тазоҳурот - намоиш
таййиба - соф, пок, кори нек
тақаддум - аввалият
тақаддус - муқаддасият, муқаддас будан
такзиб кардан - дурӯғ баровардан, рад кардан
талфиқ - мувофиқат
талхис - хулоса, ихтисор
тачаллӣ - ҷалол, шукӯҳ, нурпошӣ
тачассус - ҷустуҷӯ, кофтукоб
тачдид - азнавсозӣ
тачзия - таҳлил
тачоҳум - ҳуҷум, ҳамла
тамҷид - ситоиш, таъриф
тамрин - машқ
таназзул - пастравӣ
танаффур - нафрат
танз - шӯхӣ, мазоҳ
танозӯъ - мубориза, баҳс
таноқис - нуқс, камбудӣ
тансух - нодир
танфиқ - нифоқангезӣ
таҳзиб - ислоҳ
таҳрик - барангехтан
таҳрим кардан - манъ кардан
таодул - баробарӣ, мувозинат
тарвиҷ - ривоҷ
тардид - рад кардан, шубҳа кардан
тарҷеҳ додан - бартар шумурдан
тасаддӣ - раёсат, идоракунӣ
тасаллут доштан - огоҳ будан, донистан
тасалсул - пайдарпаӣ
тасаннун - суннӣ
тасбит шудан - исбот шудан
тасвиб - тасдиқ
тасмим гирифтан - қарор додан
тасовӣ - баробарӣ
татаббӯъ - таҳқиқ, тадқиқ
татобуқ - мутобиқат
тафкик - ҷудо кардан
тафоҳум - ҳамдигарфаҳмӣ
тафоҳумнома - мувофиқатнома, созишнома
тафосир - тафсирҳо
тафосул - фосила, дурӣ
тафреҳ - истироҳат, танаффус
тахдир - анестезия, бедардкунӣ
тахфиф - коҳиш, кам кардан
ташайюъ - аҳли шиа
ташаккук - шаккокӣ, скептисизм
ташарруф - эҳтиром, ҳурмат
ташаххус - муайянӣ
ташреҳ - шарҳ
ташриқ - рӯ овардан ба Шарқ
таъвиз гаштан - иваз шудан
таъвиқ - таъхир
таъвил - таҳриф; ташреҳ
таъйид - тасдиқ
тезор - подшоҳ
торик - тарккунанда
тоун - як навъ беморӣ
туллоб - талабагон, донишҷӯён
туҷҷор - тоҷирон
тумур - ҷадда, ғуррӣ
тундрав - зудрав
турд шудан - нарм шудан

убур кардан - гузаштан
узом - бузург
уқбо - охират, он дунё
улво - осмонӣ, болоӣ
улгу - қолаб, шакл
уммат - пайравон
урафо - орифон
ухравӣ - ондунёӣ
уюб – айбҳо

фақеҳ - олими фиқҳ
факкоҳӣ - латифа
фалоҳ - озодӣ, наҷот
фалосифа - файласуфон

фасх кардан - бекор кардан
фойиз - файзбор
фоқид; фоқиди чизе будан- аз чизе маҳрум будан
фориғуттаҳсил - хатмкарда, дастпарвар
фуқаҳо - фақеҳон, олимони фиқҳ
футуҳот - ғалабаҳо, пирӯзиҳо

хабис - зишт, бад
хасоис - хислатҳо
хатти машӣ - равия, идея, таълимот, пайравӣ
хузӯъ ва хушӯъ - итоаткорӣ
хулус - холисӣ
хутабо - хатибон
хутба - хитобнома
хутур кардан - ба сар омадан
хушунат – душманӣ

ҳадди нисоб - кворум
ҳадша - зарар
ҳазарот - ҳазратҳо, бузургон
ҳазф шудан - афтидан, гирифта шудан
ҳаққа: ҳуқуқи ҳаққа - ҳуқуқи қонунӣ
ҳақорат - ҳақирӣ, бечорагӣ
ҳасана - хуб, зебо
ҳасб: бар ҳасби одат - аз рӯйи одат
ҳирфаӣ - ҳунарманд, косиб
ҳовӣ - дарбаргирифта
ҳоил будан - монеъ будан
ҳосид - ҳасадхӯр
ҳубб - муҳаббат, ишқ
ҳувийят - моҳият
ҳукком - ҳакимон
ҳуррият – озодӣ

чаповул - дуздӣ, ғоратгарӣ
чирадаст - моҳир, боистеъдод
чоплусӣ - фиребгарӣ, маккорӣ

ҷавониб - ҷонибҳо
ҷадд(-и аъло) - бобо(калон)
ҷалилулқадр - иззатманд, мӯъ-табар
ҷаҳл - нодонӣ
ҷузва - китобча, брошюра

шааф - ниҳояти шодӣ, сурур
шайъ - чиз
шаккок - шубҳакунанда, скептик
шаҷар - дарахт
шаҷаранома - силсилаи насаб
шаоир - расму оинҳо
шероза - тасма, ҳошиядӯзӣ
ширк - бисёрхудоӣ, политеизм
шоеъ(от) - овоза(ҳо)
шурур - бад, бадиҳо
шуюх - шайхҳо
шуюъ ёфтан - паҳн гаштан
шӯъбадабозӣ – чашмбандӣ

эҷоб - талаб
эҳроз намудан - ба даст овардан
эҳтироз - худдорӣ, эҳтиёткорӣ, канораҷӯӣ
эъдом кардан - ба қатл расонидан
эъҷоз - мӯъҷиза
эътилои ислом - панисломизм
эътисоб - корпартоӣ; **эътисоби ғизо** - гуруснанишинӣ
эъто - ато, ҳадя

язраъ - коштан